САЙИД РАҲМОН

# ШУКРОНАМАРГ

*(Роман)*

*БА ИФТИХОРИ 2700-СОЛАГИИ*
*КӮЛОБИ БОСТОНӢ*

ДУШАНБЕ

2005

ББК 84 тоҷик 7-4
Р-47

Ин китоб бо дастгирии
раиси вилояти Хатлон,
мӯҳтарам, Амиршоҳ Миралиев
нашр гардид.

Зери таҳрири академик
Муҳаммадҷони Шакурии Бухоро (М. Шукуров)

Муҳаррир
Хайриддини Хайрандеш

Р-47 Сайид Раҳмон. **Шукронамарг** (роман). — Душанбе: 2005. -376 саҳ.

Романи «Шукронамарг» аз қисмати талхи мардуми кӯҳистони тоҷик ҳикоят мекунад.

Дар асар муборизаву ҷонфидоиҳои се насли диёри кӯҳистон баҳри ободию фардои нек ҳақиқатнигорона тасвир ёфтаанд.

**Китоб аз тарафи Шӯъбаи вилоятии
Иттифоқи нависандагони вилояти Хатлон
ба чоп омода гардидааст.**

© **Сайид Раҳмон, 2005.**

*Қисми аввал*

# ИНҚИЛОБИ ХУНИН

Илоҳӣ хонаи душман насӯзад,
Ки ман ҳам дар бари ӯ хона дорам.
Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ.

## БОБИ I

Борони майда меборид. Мӯйсафед овози мошинро шунида аз истгоҳ ба сари роҳ баромад ва УАЗ – ики омада истодаро дида даст бардошт. Ронанда мошинро дар назди ӯ боз дошта, дари пешро кушод ва хост, ки мӯйсафедро ҳамроҳ гирад. – То Ховалинг гап-гап карда дарозии роҳро нафаҳмида мемонам, -аз дил гузаронид ронанда.

— Худо баракатат диҳад, бачам, — баробари ба мошин нишаста дари онро пӯшидан гуфт мӯйсафед ва бо дасти чапаш вохӯрӣ кард.

Ронанда набудани дасти рости мӯйсафедро дида аз дил гузаронид, ки ин ҳама аз касофати ҷанг аст ва кори хайре шуд, мӯйсафедро ҳамроҳ гирифт.

Мошин ба роҳ баромад. Баъди ду хамгашт кутали Тангатовтӣ сар мешуд, ки аз ҳамин ҷо то Ховалинг қариб 60 километр боло баромадан лозим.

— Бачам, ба Ховалинг меҳмонӣ меравӣ ё ягон кори дигар дорӣ? - гуфта пурсидани мӯйсафед ронандаро ба худ овард.

— Ҳамин хел, як кор баромад, бобо, — ҷавоб дод ронанда.

— Ин вақтҳо, мисли шумо, бачам, бисёриҳо ба ҷойҳои мо омаду рафт мекардагӣ шудаанд, - гуфт мӯйсафед. —Ховалинги мо аз ин пас ободтар мешавад. Мешунавам, ки бо қарори ҳукумат дар ҷои мо ободии зиёд мешудааст. Боиси ҳамин ҳар рӯз бо самалёту верталёт олиму инженерҳо омаду рафт мекунанд. Шумо, бачаи ҷун, ай ҳамон хелҳош набошен? Ба шофир ҳеҷ монанд нестӣ.

— Хато накардай, бобо. Маро ба ҳамин мақсад ба ин ҷо фиристодаанд.

— Чикорай?

— Зоотехник, чорвопарвар.

— Касби хуб доштай, бачам. Як набераи ман ҳам зоотехникай Давлат ном дора. Медониш?

— Ман нав омадам, бобо. Мумкин аз рангу рӯ шиносамаш. Номашро намедонам.

— Хайр, кор, ки кардед, шинос мешавед. Ба хонаи мо меҳмонӣ биё. «Ба як дидан шиносову ба ду дидан хешу табор» мегӯяд мардуми мо.

— Албатта, меоям.

— Ай майлис омадам, бачам. Ба пионерҳо вохӯрӣ кардем, гузаштара ёд кардем. Баъд корҳои бозорира саранҷом кардум. Ба навасаҳома савғотӣ харидум.

Ба мошинат шиштан баробар дар назарам чеҳраат ширин тофт. Гуфтум и мардака дар куҷое дидагиям. Зеҳн мондам, фикр кардам, ҳеҷ ба ёдам наёмад. Баъд, ки худат гуфтӣ навомадам, ба ёдам расид. «Пириву ҳазор иллат» гуфтанд, бачам. Солат, ки мерафтаст, фаромӯшхотир мешудай. Ҳеҷ ба ёдам наомад, ки дар ягон ҷо дида бошамат. Ё ба касе монандат кардам?

— Шояд монанд карда бошӣ, бобо. Гуфтам ку, ман навомадам. Шумо, бобо, марди таҳҷоиед?

— Дар овози мошин гапота нафаҳмидам, бачаи ҷун.

— Мегӯям, ки ватандорӣ ҳамин ҷоед?

— Ҳаминҷоиям, бачам, ҳаминҷоиям. Риши сиёҳма дар Ховалинг сафед кардам.

— Ба чанд даромадед?

— Мурчарам гӯсфандай, бачам. Имсол 25 сол мешава, ки ай ҳукумат нафақа мегирум.

— Ҳамсоли падари ман будед.

— Сабил, ҳамин чашмом вақтҳои ахир андаке камнур шуданд. Бе айнак як чиз ним чиза хонда наметонам.

Ҳа, фаромӯш кардам. Падари шумо бақувватай?

…

— Бубахш, бачам, ки нафаҳмидам. Хайр худо раҳматаш кунад. Кай ай олам гузашта буданд?

— Барвақт.

— Солҳои ҷанг?

— Ай ҷанг ҳам пештар.

Мӯйсафед хиҷолат кашид, ки барои чӣ аз мард дар бораи падараш суол кард. Хотираҳояшро ба ёдаш овард. Ба ҷароҳаташ намак пошид.

— Хок дар сари пирӣ, - худро сарзаниш кард худ ба худ, мӯйсафед. —Пир, ки мешудаӣ, неку бада фикр накарда ҳарчӣ ба майнаат меомадааст, гуфтан мегирифтай. Забон як пора гӯшти лаҳм. Андеша карда гап занӣ намешава?! Даҳонат, ки гарм шуд, нафаҳмида сад каса малол мекунӣ!

Мардака нодуруст хафа кардам. Алами дилаша баровардан даркор. То Ховалинг ҳоло роҳ дур. Агар ин хел хап равем, дар назарам роҳ аз паси кӯҳи Қоф ҳам дуру мушкил метобад…

— Бачам, исми шарифат чӣ буд?

— Бубахш, бобо, гапатонро нафаҳмидам.

— Номата мегӯм?

— Владимир. Владимир Николаевич.

— Ай, садқат шавам! Намегӯӣ, ки директори ҳамин сохтмони навам! Номата шунида будаму худата нав дидам. Ку бигӯ дар Ховалинг чӣ навигарӣ мекунен?

— Ҳозир, бобо, як чизро аз шумо пурсам. Дар Ховалинг чанд хоҷагӣ зиндагӣ дорад?

— Як дусад-дусаду бист хонавода ҳаст. Барои чӣ?

— Дар сангови Оби Мазор барои се ҳазор одам шаҳрча бино карданием. Заводҳои гӯшту консерв, насосҳои обкашӣ, клубу китобхонаҳо месозем. Ховалингро он қадар обод кунем, ки ҳайратӣ шавед.

— Худо барортон диҳад, бачам. Мо пир шудем, навбати шумо ҷувонмардҳо.

Пурсидан айб набоша бачам, асли ватанат ай куҷоҳай.

— Аз Украина.

— Ай Украина? Бисёр таърифаш мекунану надидам.

— Эҳа, бобо! Даштҳои ғалларо бинӣ!

— Мисли ҷои мо?

— Ин ҷо теппаву кӯҳ. Ҷои мо ҳамвориаш зиёд, бобо. Давраи кӯдакиам, ки ҳамон ҷо гузаштааст, дӯсташ медорам.

— Ҳақиқатан ҷое, ки хуни нофат рехта боша, ай ҳама ҷои дунё ширинтар ҳамон ҷо, бачам. Барои ма Балҷувону Ховалинг, барои шумо Украина.

— Шумо бобо балҷувониед ё ховалингӣ?

— Дар Балҷувон таваллуд шудааму бисёрии умрам дар Ховалинг гузаштааст. Дар ҳамин ҷо зану бачадор шудам.

— Чанд фарзанд дорӣ, бобо?

— Худора шукр ай бача то набера ай сӣ нафар зиёданд. Ҷанги хонасӯхта намешид, ҳолӣ авлодмон ай сад нафар ҳам зиёд мешид. Бачаи аввали умрам, Баҳодурама, ба ҳаму ҷанг равон кардаму дигар барнагашт… Ҳолӣ ҳам ба умедум, ки бачаи шаҳсаворум меоя…

— Худат, бачам, чанд фарзанд дорӣ?

— Як писару як духтар.

— Худо насибат кунад.

Мошин роҳи морпечро базӯр тай карда торафт боло мебаромад. Ховалинг аз сари теппаҳо, аз дур ба чашм намудор гардид. Борон ин дам шиддат гирифта ба гӯши сафаракиҳо садои ба шишаи мошин бархӯрдани қатраҳои борон бараъло шунида мешуд.

Владимир аз гапҳои мӯйсафед пай бурд, ки ҳамсафараш он қадар марди аноӣ не, балки зиндагидида аст. Сӯҳбати мӯйсафед маъқулаш шуд ва боз суол кард:

— Бобо, дастатонро дар ҷанг маиб кардед?

— Не. Дар ин ҷанг не, бачам. Пештар, дар ҷанги салотҳо.

— Дар ҳамин Ховалинг ҷанг кардед?

— Дар ҳамин Ховалинг. Тири Давлатманд-бий дастама маиб кард.

— Тири кӣ гуфтед, бобо?

— Давлатманд-бий. Чӣ буд?

— Ӯро мешинохтед?

— Хизматгори дари хонааш будам. Барои чӣ, бачаи ҷун, авзоят бечо шид, ранги рӯят канд?

— Падарамро ҳамон Давлатманд-бийи гуфтагиатон куштааст.

— Чӣ ном дошт, падарат?

— Николай Петров

— Николай Петров?

— Ӯро мешинохтед?

— Дида будам, бачам. Мошинро манъ кун.

— Мард мошинро боздошт.

— Ай дар пешат бимирам! Наход, ки ту бачаи Петров бошӣ?!

— Бачаи ҳамон касам, бобо. Ҳамроҳи шумо буд? Қабраш дар куҷост?!

Мард он хазина, ганҷеро, ки якумр ҷустуҷӯ мекард ва сабаби ба Ховалинг омаданаш, ки мӯйсафед аз ӯ онро напурсид, дарёфт.

Ӯ баъди чил сол одамеро ёфт, ки лаҳзаҳои вопасини ҳаёти падарашро дар хотир дошт. Бо дасти мири Балҷувон, Давлатманд-бий куштани падараш ва ҳамяроқони ӯро, мӯйсафед, ки Ғуломалӣ ном дошт, бо чашми худ дида буд.

Владимиру бобои Ғуломалӣ ҳарду ҳадаҳа аз мошин фуромада худро ба оғӯши якдигар гирифтанд ва мисли он ки фарзанд падари солҳо гумномашро дар рӯ ба рӯяш дида бошад, рухсораҳои мӯйсафедро бӯсаборон мекард…

Ба хаёли бобои Ғуломалӣ ин дам рӯзҳои аз сар гузаронидааш пеши рӯ омаданд.

Дар баробари қатраҳои сарди борон ду бари рӯи Владимирро ашки сӯзон тар карда буд…

## БОБИ II

Давлатманд-бий[1] ба Ғуломалӣ, ки иҷрои ҳамаи корҳои меҳмонхонааш ба ӯ вобаста буд, фармуд, ки ба хонаи Муллоисо ва Шамсиддин тӯқсабо рафта онҳоро ба ин ҷо даъват намояд.

Ғуломалӣ донист, ки мир имшаб сӯҳбати хосае оростанист, зеро чанд рӯз боз ӯ ба тарафҳои Кӯлоб сафар карда, бегоҳии имрӯз бедимоғ ба деҳа баргашта буд. Ҳатто ба намози ҷамоа, ба масҷид нарафт. Касони даъват карда аз наздикони ӯ ба ҳисоб мерафтанд ва солҳост, ки дар ҳама шикасту рехти ҳукмронии худ аз Шамсиддин тӯқсабо ва Муллоисо маслиҳат мепурсид.

Ғуломалӣ то бевақтии шаб барои ин «се додарон» дастархони пурнозу неъмат меорост. Онҳо баъди хӯрокхӯрӣ ва ҳазлу шӯхӣ ба сари мақсад омада ба ҳалли масъала мегузаштанд.

1. Бий — унвони аморати манғетия.

Ин дафъа баробари дарвозаро тақ-тақ задан, садои сулфаи паи ҳами Муллоисо баланд шуд ва ӯ дар қатори сулфидан аз паси дарвоза овоз баровард.

— Шери мулк, ҳазрати Давлатманд-бий дар хона бошанд?

Ғуломалӣ занҷири дари яктабақаи дарвозаро зуд кушод.

— Марҳамат, домулло, хазратам шумора интизоранд, — гуфта ба мулло таъзим кард.

Давлатманд-бий, ки ин дам дар таги долони меҳмонхона интизори дӯстон буд, ба шунидани овози мулло ба сӯи ӯ ду-се кадам ниҳод ва мулло дар торикӣ бағал кушода хост, ки ба мир чун ҳарвақта самимона вохӯрад, вале Давлатманд-бий бедимоғ танҳо дасти росташро андаке сӯи мулло дароз кард. Муллоисо ноилоҷ:

— Бисмиллоҳи раҳмонир-раҳим, - гуфта бо ду даст салом кард.

Ин рафтори мир боиси хиҷолати домулло шуда бошад ҳам, вале сир бой надода аз ваҷоҳати мир пай бурд, ки Давлатманд-бий аз кадом масъалаи ҷиддие хотирмушаввашу малол гардидааст ва дар чунин ҳолатҳо барои Муллоисо ҳамин кадар муносибати мир ҳам басанда аст. Дар чунин вақтҳо ӯ бояд кӯшиш кунад, ки бо суханони ҳалимона хотири мирро шод гардонад. Охир дар байни ҳамаи муллоҳои мадрасаҳои Бухороро хатм кардаи ин мавзеъ ягона одамест, ки Давлатманд-бий ӯро ҳамнишини худ гардонидааст ва яке аз дӯстони наздикаш ҳисобида дар ҳалли ҷамъи мушкилот маслиҳат мепурсад.

Аз ҳама муҳимаш дар маросимҳо Муллоисо пешнамозу муллоимоми дину шариати ҳокимияти Балҷувон аст. Бе фатвои ӯ Давлатманд-бий ба касе мукофот ва ҷазоеро раво намебинад.

— Мондаҳои сайру саёҳат, шери мулк, эшони Давлатманд-бий пушту паноҳи мо? — пурсид домулло ва мунтазири ҷавоб нашуда давом намуд: — Хотири эшонро кадом беақл озурда боша, илоҳӣ ба мурод нараса.

— Иншоолоҳ ҳеҷ кас мара ранҷонда наметона, домулло! Кӣ ҳақ дора, ки дар мулки худам хотирама озора?! — гуфт мир.

— Ай роҳ монда шуда омаден, мегӯм. Ҳамин хунукӣ таъсир накарда боша? Ба ҳар ҳол ба хона дароем, дар рушанӣ ба дидори муборакатон мушарраф шавем, — гуфт Муллоисо ва ҳарду сӯи меҳмонхона рафтанд.

Шамъи дар гӯшаи хона дардодаи Ғуломалӣ худафрӯзӣ дошт.

Муллоисо аз қафои мир ба хона даромад ва болои кӯрпачаи махмалин рӯ сӯи қибла нишаста ду даст ба дуо бурд.

Баъди андак вақт: —Ҳазратам, маъзур дорен, ки домулло аз ман пешдастӣ карда омадаанд, — ба шӯхӣ хандида гуфт Шамсиддин тӯқсабо ба хона ворид шуда. Давлатманд-бий аз хандаи тӯқсабо, абрӯ чин кард, вале аз ҷо бархоста бағал кушода вохӯрӣ намуд, зеро Шамсиддин тӯқсаборо зиёдтар ҳурмат мекард.

Мулло дуо хонд ва ҳарсе даст ба рӯ бурданд.

— Худоро шукр, ки ҳазратам, сиҳату саломат баргаштанд. Мондаҳои сайру сафар, мирам? — ду даст пеши бар пурсид Шамсиддин тӯқсабо.

— Ҳазорон шукри худои таолло, ки зиндаем, — бо димоғи сӯхта гуфт мир ва дигар тоқат карда натавониста бухси дилашро кафонд.

— Кӯлоба кофирҳо гирифтанд, хабар дорен ё не? — гуфт мир бо овози ғайриоддӣ. — Чӣ рӯзи сиёҳе ба сарамон нарасид. Шумо бошед, дар вақте ки ма хун мехӯрам, қаҳ-қаҳ хандида бафурҷа шиштаед! То ба ин ҷо расидан, гуфтам, зинда барнамегардам.

Дар чунин ҳолатҳо мир асабонӣ мешуд ва чашми росташро нисбат ба чапаш тез-тез пӯшида мемонд. Аз ин ҳол Шамсиддин туқсабо ва Муллоисо огоҳ буданд.

— Ло ҳавла ва ло-қуввата илло биллоҳу Али-ил-азим! –гуфта Муллоисо бо ду даст гиребони ҷомаи шоҳибеқасабашро дошта, дида ба рӯи мир дӯхт.

Давлатманд-бий дақиқае хомӯш истода аз нав ба гап даромад.

— Салотҳои урус Кӯлоба гирифта ба сӯи мо ҳаракат доранд. Охирзамон шуд, ёрон! Чӣ чора кунем?! Бо чашми худам кофирҳо, урусҳои лаъинро дидам. Ҳама аспсувор, ба шамшеру тиру туфанг мусаллаҳ! Ба гӯшам мешунидаму намедидам кам буд? Акнун ин ду дидаам кӯр намешавад, ки ма бо ҳамин чашмҳо ба рӯи кофирҳои лаъин нигоҳ кардам! Боз баъзе раҳгумҳои худонотарси пойлучу лаънаткардаи худо ба и урусҳои кофир ҳамроҳ шудаанд. Дар Кӯлоб қиёмат қоим шудааст, ёрон!

Муллоисо аз ҳаяҷон сари ду зону нишаст ва бо овози ларзон «Ло Алӣ, ло Сайф, ло Зулфиқор. Ҳар балое пеш ояд дафъ кун, парвардигор!» —гуфта даст ба ришаш бурд.

Давлатманд-бий оҳи бадард кашид ва гапашро давом дод:

— Шумо, ки дар ҳама рӯзи неку бад ёру мададгорам буден, дар и шоми сиёҳ ҳам ай шумо маслиҳат пурсам, гуфта даъвататон кардам.

Лаҳзае хомӯшӣ ҳукмфармо гардид.

— Мирам! «Шоми сиёҳа субҳи сафед дар пешай», —баъди андеша гуфт Шамсиддин туқсабо. —Ҳоли Амиралмӯъминин, ҳазрати ҳумоюнии Амир Олимхон ай тахт фуромада бошанд ҳам, худо дар паноҳашон нигоҳашон доранд, болои зин, по дар рикоб, соқу саломатанд. Шумо, ҳазратам, худора ҳазорон ҳазор бор шукр, дар сари мо тоҷи давлатен. Ҳолӣ дунё ба ахир нарасидааст, ки и мулк кофиристон шавад! Даҳ-понздаҳ уруси кофирро бо тиру туфангшон дида и қадар ба воҳима афтоден?!

Аз ғазаб чашми рости Давлатманд-бий бо бозӣ даромад ва гуфт:

— Онҳо ҳазор андар ҳазоранд, Шамсиддин! Ай Маскав то Бухорои Шарифа гирифтанд! Амират сарлучу пойлуч кайҳо гурехта фирори мулк кард. Мову ту бо и домулло дар дами онҳо чӣ мепоем?!

Пагоҳ ё фардо қадами номуборакшон ба ин ҷо ҳам мерасаду моро аз решаву бунамон оташ мезананд! Ману туро ай дами теғ мегузаронанд! Зану бачаҳомона чун молу заминамон байнашон тақсим карда, овораи ҳафт мулк мегардонанд, мефаҳмӣ ё не?! Ма кӯдак нестам ки ту нав ба ма ақл ёд диҳӣ ва сафсатаи порина хонӣ?

Мир андаке хомӯш шуд, вале дигар тоқат карда натавонист.

—Ма шумора ин дафъа барои зиёфатхӯрӣ даъват накардаам. Вақти кайфу сафомон гузашт!

— Ҳазратам, лоҳавла гӯен. Ёр аҳл боша кор саҳл мешава. Ай ҷаҳлтон фуроен. Ба ғазаби худо гирифтор шудаем бас нест, ки боз шумо и қадар дар хашм шуден? –гуфта буд домулло, ки Давлатманд-бий ба ӯ дарафтод.

— Э, ришат дар гӯр! Вақти лоҳавлата ёфтӣ! Тура, домулло барои ҳами рӯз луқма дода поида будам?!

— Ба ҷои и ҳама ҳарза, худову ҳазрати Муҳаммади салло алайҳи вассалама ёд кунен, авлиёю анбиё, арвоҳи қиблагоҳ, худораҳматии ҳазрати Шариф Турабеки падаратона пеши рӯ орен. Кофирҳои лаъина дида, ҳазратам, шумо ҳам ба куфргӯӣ даромаден, — аз ноилоҷӣ ба насиҳат даромад Муллоисо.

Давлатманд-бий аз аспи ҷаҳл фуромад ва дар меҳмонхона хомӯшӣ ҳукмфармо гардид.

Муллоисо дид, ки суханҳояш таъсир карданд боз ба гап сар кард.

— Худора шукр, ай урус дида халқу халоиқ ба шариати ислом, мову шумо ихлос доранд. Мақсадмон ҳамин, ки одамои мӯъмину мусулмон, дилпурҳомона ба қишлоқҳои атроф фиристонему ҳокимҳора даъват карда гап занем. Ба муқобили кофир ғазо кунем, мегӯм. Парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам, ҳазрати салаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ вассалам роҳбару раҳнамои мӯъминоҳай. Баъд мебинӣ, ки худои таъолло чашми махлуқи рӯсиёҳша кӯр мекунаву азизу бузургҳо мадад мерасонанд, пои номубораки кофир и замини муқаддаси кӯҳистона намебина.

— Худои таолло мушкилҳора осон куна, шери мулк, ҳамааш хуб мешава, —гапҳои Муллоисоро тасдиқ карда гуфт Шамсиддин туқсабо. –Мо ҳам, ҳазратам, пир шуда бошем, ҳолӣ чуноне тақсир гуфтанд, болои зинем. Шамшери ислом, то вақте ки як мусулмон дар рӯи замин ҳаст, бурранда аст. Йигитҳои кӯҳистон то ҷон дар бадан доранд, намемонанд, ки хонаву дар, молу мулк, зану бачаҳошон ҳаром шаванд. Аз қадами номубораки кофир ба и мулк расидана барои мо халқи мусулмон молики дузах шудан авлотар. Мо ҳама фармонбардори шумоем, шери мулк. Минбаъд ҳам бо ҷон ба шумо хизмат мекунем. Баъди ҷамъ кардани лашкари ислом бар зидди кофар ба ғазо мебуроем. То даме ки шумо дар пушту паноҳамон соқу саломат сарварӣ кунен, мо ҷону танамона дар роҳи ҳақ дареғ намедорем. Танҳо барои ғазо тиру туфанг, аслиҳа даркор, илоҷи яккаву ягона яроқ ёфтан, мирам!

Аз сухан ва тадбирҳои Шамсиддин туқсабо ва Муллоисо ғами Давлатманд-бий андаке сабук шуда, ба худ омад, тарзи гапзаниаш ҳам тағир ёфт.

— Ба Бойсун элчӣ мефиристем. Ба ҳазрати Анвар пошшо алоқа карда, бо лашкари ислом якҷоя ба ғазо мебуроем, —гуфт мир ва гапашро давом дод: —Ай Кулоб баъзе хабарҳо овардам.

Чанд рӯз дар назди ҳоким, ҳазрати Абдулқодир Исҳоқбек будам. Он кас ай баду неки олам бохабар будаанд. Гуфтанд, ки ҳомии дину шариат, домоди ҳазрати халифаи турк, сарлашкари сипоҳиёни мусулмон, Анвар пошшо, ки чанд муддат дар Бухорою Бойсун

мусулмонҳора муттаҳид карда ба муқобили кофир ғазо мекардаанд, ба ин тарафҳо омадан ният доштаанд. Мегӯянд, ки лашкарашон аз се ҳазор сипоҳии савораву пиёда зиёд будаанд. Мо ҳам аввал бо ҳокимҳои дуру наздик, Ғаюрбеку эшони Султон ва Диловаршоҳи дарвозӣ маслиҳатамона пазонда оммара ба зидди кофири малъун ба шӯр мехезонем, ба ҳомии дину шариат, ҳазрати Анвар пошшо, элчӣ мефиристем. Бо ӯ ҳамроҳ ба ғазо мебароему мулкамона ай пои номубораки кофир тоза нигоҳ медорем!

— Илоҳӣ гуфти шумо шава, —гуфт Муллоисо ва ҳар се даст ба дуо бурданд.

— Шери мулк, ана и гапи дига, —ба шӯхӣ гуфт Шамсиддин туқсабо ва илова намуд: —Нагуфта будам, ки «поёни шаби сиёҳ сафедай». Иншооллоҳу таолло хоки пои кофир ба кӯҳистони мусулмонҳо намераса.

— Кошкӣ ҳамин тавр мешид! –ба умед оҳи баалам кашид Давлатманд-бий ва Шамсиддин туқсаборо таъкид кард. –Ба ясавулу қаровулҳо таъкид кун, ки ай хазина бохабар бошанд.

❁ ❁ ❁

Ғуломалӣ баъди баромада рафтани Шамсиддин туқсабою Муллоисо ба кулбаи худ, ки дар беруни ҳавлии мир, дар қатори оғилхонаҳо аз ҳама охир воқеъ буд, рафт. Ӯ аз оташдони меҳмонхонаи мир дар тунукае камтар лахчаи нимсӯз ба худ овардаро дар оташдони байни кулбааш ба зери парағаҳо, ки аз таги онҳо каме хас ҷо карда монда буд, рехта, бо даму пуф лахчаҳоро аз нав тоза карда алов дар дод.

Ҷавон, ки аз даву ғеҷи имрӯз монда шуда буд, ба ҷомаи худ печида болои намадпора дароз кашид ва дар танҳоӣ ба хаёл банд шуд.

Ӯ пештар аз мусофироне, ки ҳар вақт аз ин ҷо ба Кӯлоб ва дигар шаҳрҳо барои хариду фурӯш ва ҳоҷати рӯзгор мерафтанд, шунида буд, ки дар мулкҳои хеле дур урусҳо давлату ҳукумати нав, ҳукумати камбағалон барпо кардаанд. Дар он ҳукумат шоҳу гадо ҳама ҳуқуқи баробар доранд. Ба ин гуфтаҳо баъзеҳо шак оварда бошанд, баъзеҳо бовар мекарданд.

Мирзо Қаландар, ки ҳашт сол дар Когону Бухоро мардикорӣ мекарданд, нав ба Балҷувон омада хабарҳои зиёд овардааст. Ӯ нақл мекунад, ки дар Бухоро урусҳо тахти подшоҳро чаппа кардаанд ва амир аз тарси ҷон гурехта ба Афғонистон рафтааст.

Имшаб Ғуломалӣ бо чашмони сараш дид, ки Давлатманд-бий марде, ки ҳама хурду бузург пеши ӯ сари таъзим фуруд меоранд, ба таҳлуқа афтоданд.

Ба гуфти Мирзо Қаландар урусҳо замини бою мирҳоро гирифта, ба ҳама баробар тақсим мекардаанд. Хизматгору чоряккорӣ дигар намемондааст. Ин тавр, ки бошад, ба ӯ ҳам замин медодаанд.

Соҳиби замин гардад дар гӯшае хонаву дар бино карда метавонад.

Дасту бозӯи бақувват дорам, фикр кард Ғуломалӣ. Ҳамроҳи Собиру Ҳамро, ки онҳо ҳам мисли ман хизматгори миранд, маслиҳат карда шарикӣ, якҷоя, лой мехобонем ва дар як гӯшаи замин ҳам барои онҳо ва барои худам хона бино мекунам.

— Ай куҷо чуб меёбам? – пурсид худ аз худ Ғуломалӣ. — Ай ҷангал, —ба саволаш зуд ҷавоб ёфт. Хар ку надорам. Бо Собиру Ҳамро, ки шарик шудам, онҳо харҳояшона албатта медиҳанд. Ай ҷангал раву дастакҳои таъби дилама бурида ба харҳо бор карда меорам. Хасу хор даравида хонаҳоямона мепӯшонем. Соҳиби замин, хонаву дар, ки шудам, одамгарира дарёб мекунам. Мардум ай дари хонаам даромада як пиёла чой, як луқма нонама мехӯранд. Ба ҳаққи руҳу арвоҳи падару модарам савобаш мерасад…

Ғуломалӣ падарашро ёд надорад. Падараш дар вақти ҷавонмард буданаш, ҳангоми хезумёрӣ дар поёни Дарраи Дуздон зери тарма монда нобуд шуда буд. Аз рӯзе, ки ақлаш мерасад, худро ҳамроҳи модар дар дари хонаи Давлатманд-бий хизматгор дидааст.

— «Худои таолло насибу тақдири мара ба ҳамин чӯригии хонаи мир таваллуқ дида будааст», ҳар доим мегуфт Аслиямоҳи модараш.

Кампир дар ҳамин кулба аз касалии обпартовак (вабо) вафот кард.

Баъди сари ӯ дар хонааш донагӣ он тараф истад, як каф орд ҳам ёфт нашуд, ки рӯзи оши сиёҳаш бо як пиёла равған ба дег андозанду атола пухта ба мардум диҳанд.

Дувоздаҳ сари сол аст, ки Ғуломалӣ ба умед хизматгорӣ мекунад. Шояд рӯзе дасташ расаду дар ҳаққи падару модар оши худоӣ кунад.

Қарзи фарзандиашро адо намояд, вале ҳоло ҳам дар назди арвоҳи онҳо қарздор аст.

Рӯзҳои ид одамони доро дар ҳаққи руҳу арвоҳашон гову гӯсфанд мекушанд, нони худоӣ медиҳанд, аммо ӯ бо дасти тиҳӣ ноилоҷ мемонад.

Аз кулбааш дуди худоиҷонӣ ҳам намебарояд. Чӣ одами бадтолее будааст ӯ. Худо дар насибаш ҳамин қадар ризқу рӯзӣ навишта бошад, чӣ кор кунад?!

«Шояд ношукрие аз падару модар ва ё аз худам гузашта боша», — мегуфт худ ба худ. Ба ҳамин додагии худои таолло ҳам шукр, ки то ҳол дар хонаи мир лучу гурусна намондааст. Феълу атвораш, ки хуб аст, ба ивази аз субҳ то бевақтии шаб гову гӯсфандони дар оғилҳо якҷоя бастаи мирро поидан, аспонашро нигоҳубин кардан, ба меҳмонҳояш хизмат расонидан шикамашро хубу бад аз пасмондаи таги табақи меҳмонҳо сер мекунад, вале худ ба ғайр аз ҳамин кулбаи фақиронаи холӣ дигар чизе надорад. Ин кулбаро ҳам мир ба ивази қадрдонии хизмати модараш додааст. Тақдираш омад кардаасту мир ӯро ба ҳавлияш роҳ дод. Давлатманд-бий барои обрӯи худаш шуда баъзан ба ӯ либосҳои кӯҳнаашро медиҳад, ки Ғуломалии хизматгораш пӯшад то, ки меҳмонҳо ӯро мумсик гумон накунанд, дар ҳақаш гапҳои бад нагӯянд. Овозаи некияшро ба дуриҳо баранд. Нагӯянд, ки хизматгори мир чун гадоёни дар ба дар сару либоси ҷанда мепӯшад. Ҳама вақт Собиру Ҳамро, ки чун Ғуломалӣ хизматгори миранд, мисли ӯ ҳуқуқи дар гирди меҳмон гашту гузор кардан надоранд. Ҳатто ба онҳо иҷозати аз дарвоза ба даруни ҳавлӣ даромадан дода нашудааст.

Ғуломалиро ба қадри ҳол ҳурмат мекунанд. Ӯ хизматгори наздики мир аст, вале ҳар ҷавонмард ба худ ору номус доштанаш даркор.

Солаш ҳам ба ҷое расидааст. Хонаву дар надорад. Худои таоло ба ӯ чор ишкели дуруст: тани сиҳат, ақлу фаросат, дасту бозӯи боқувватро раво дидаасту вале ӯ як умр гарданкаҷи хонаи мардум аст. Ҷиғелпора, либосҳои кӯҳнаи мирро мепӯшад. Дуруст аст, ки Собиру Ҳамро, ки дар чор фасли сол аз ҷангал ҳезум мекашанду барои гову моли мир алафу каҳ ҷамъ меоваранд, гандум даравида ғалла мекӯбанду ба анбори Давлатманд-бий мекашонанд, ба ҷомаи нимдошти зиррабеқасаби пур аз дарбеҳи ӯ ҳасад мебаранд, вале ин ҷома ҷомаи кӯҳнаи мир аст, на аз худи Ғуломалӣ.

Вақти навтар будани ин ҷома ҳафт нафар ҷавонҳои хонадор-шаванда дар тӯи шаҳию арӯсиашон аз нодорӣ ва ночорӣ ҷомаи Ғуломалиро талабида пӯшида арӯс овардаанд, вале ҳоло, ки ҷома кӯҳнаю фарсуда шуда, дарида тика шудааст, касе онро суроғ ҳам намекунад.

Худо рӯзеро мерасонида бошад, ки аз меҳнати худ, бо дасти худ ҷома харида пӯшида тавонам, орзу кард, Ғуломалӣ ва дар дилаш оташаки боварӣ шӯъла зад. Заминам, ки доданд, дар қатори дигарон каланд зада ғалла мекораму дарахт шинонида боғу роғ обод мекунам, соҳиби молу гов мешавам, ҷома мехарам…

И урусҳо, ки ба ҳама баробар замин медодаанд, чӣ гуна одамон бошанд? Барои чӣ Давлатманд-бий онҳоро ин қадар бад дида, дар ҳаққашон гапҳои носазо гуфт?

Тақдирро такбир карда намешавад. Худо якеро шоҳ, дигареро гадо меофарад, — мегӯяд Муллоисо.

— Парвардигор, — мегӯяд ӯ:

Он якеро сад дурру ҳамён диҳад,
В-он дигар дар ҳасрати нон ҷон диҳад…

Ва ҳар кас, ки ба ин гуфтаҳо шак биёрад, кофир мегардад…

Касони дар ҳасрати нон ҷон мекандагӣ дар ҷойҳои мо бисёр будаанд, фикр кард Ғуломалӣ. Худо магар мардуми кӯҳистонро беҳад бад медидааст, ки ин қадар фақиру нотавонамон кардааст?

Пас барои чӣ Давлатманд-бий ки ӯ ҳам аз ҳамин ҷост ва мисли мо ду чашму дасту пои баробар дорад, молу давлаташ дарёҳоро банд мекунанду дар кулбаи ман ба ғайр аз як пора намад чизи дигаре нест? Дар ин нобаробарӣ сирри дигаре магар ҳаст? Мумкин бошад, вале он сирру асрор кадом аст, намедонам.

Миру туқсабо ва Муллоисо дар хусуси ба муқобили кофирҳо ҷамъ кардани одамон маслиҳат карданд. Наход, ки барои молу чиз шуда одамкушӣ кунанд? Худоё! Вақти куштани гову гӯсфанд, мегӯм кӯр шаваму ҷонкании ҳайвони бечораро набинам. Худама илоҷе карда аз назди қассоб дур мегирам. Инҳо бошанд инсоф накарда дар бораи қатли одамон рӯирост гап мезананд. Куштани одам даҳшатест, ки худо нишон надиҳад. Ин мулки кӯҳистон ҳозир ҳам ҳазори дар ҳазор одами дигарро хӯронидаву пӯшонида метавонад, пас онҳо барои чӣ

одамкушӣ мекарданд? Магар намедонанд, ки аз куштани одам дида дар назди парвардигор гуноҳи азим дигаре нест?

Давлатманд-бийю Шамсиддин Туқсабо ва Муллоисо ҳар се савод доранд, аз кору бори дунё бохабаранд. То имрӯз мегуфтанд, ки рӯи марди одамкуш дар ҳарду олам сиёҳ аст. Пас барои чӣ ба одамкушӣ тайёрӣ мебинанд? Наход урусҳо гунаҳкореанд, ки куштанашон кори савоб бошад? Агар онҳо одамони бад мебуданд, пас барои чӣ ба ҳама замину молу мулка баробар мекардаанд?!

Ё кӣ медонад? Мумкин, ки урусҳо ҳам аввал ба мардум некӣ мекунем гуфта молу мулка гирифта, баъд худашон ба ҷои шоҳу мирон ҳукумрон шаванд? Боз ма хизматгори ягон мири дигар гардам? Ҳамин кулбаву ҷирзу ҷиғелам якумр бо ма монад?.. Ба инаш ақлам намерасад.

Ҳар чӣ ҳам бошад, соҳиби замин шудан, хонаву дар сохта ба сари худ зиндагӣ кардан, хизматгору ғулом набудан, озод зистан чӣ давлатест.

Наход, худораҳматии падарам ба нияте номама Ғуломалӣ мондааст, ки якумр ғулому банда бошам? Не. Ба хаёлам гову хар, ҳама ҷуку ҷондори олам, ки худои таоло халқашон кардааст,як лаҳза озод зиндагӣ кардан, озод нафас гирифтан, балки озод мурдан мехоҳанд. Ман бошам, одамам, охир…

Бо ҳамин фикру хаёлҳо Гуломалӣ тамоми шаб мижа таҳ накарда, дамидани субҳро нафаҳмида монд.

## БОБИ III

Дастаи Аскарони Сурхи корпуси 12-уми тирандозии полки савораи Саратов, аз дивизияи ба номи Блинов иборат аз сад нафар бо сардории командири эскадрон Иван Василевич Скрепник, комиссар Владимир Иванович Бойченко, ки баъди шикаст додани дастаи нӯкарони Иброҳимбек аз Бойсун ба Ҳисор ва аз он ҷо ба Кӯлоб омада буданд, супориш гирифт, ки ба Ховалинг сафар кунад. Аскарон медонистанд, ки мувофиқи маълумотҳои ЧК (Кумитаи бехатарӣ) дастаҳои нӯкарони Анвар пошшо ба Балҷувон нияти омадан дорад ва онҳо бо роҳбарии

мири Балҷувон Давлатманд-бий қисми зиёди аҳолии кӯҳистонро ба муқобили ҳукумати инқилобӣ ба по хезонданианд.

Бо супориши роҳбари ҳизбии дар Кӯлоб будаи аскарон Василий Димитров аз дастаи Скрепник Азизуллоро бегоҳирӯзӣ ба наздаш даъват карда вазифаи аскаронро фаҳмидан хост.

— Акбаров дар дастаи шумо хизмат мекунад? – пурсид Димитров аз Скрепник, баъди ба ҳуҷраи кориаш даромадани ҳарду ҷавон.

— Бале, рафиқ, командир, —ҷавоб дод Скрепник дар ҳолати низомӣ рост истода.

— Аз кай боз ӯро мешиносед?

— Ду сол мешавад, ки ӯ Аскари Сурх аст.

— Бисёр хуб. Дӯст будаед, ку?.

— Ҳамин хел лафзи бародарӣ кардаем, —гуфт Скрепник.

— Шумо, рафиқ, Акбаров, аз ҳамин ҷо ба Когон рафта будед? — ба Азизулло рӯ оварда пурсид Василий Димитров.

— Се сол пеш ай Ховалинг ба мардикорӣ рафта, дар роҳи оҳан кор кардам. Маҷбурӣ ба нӯкарии амир гирифта бурданам. Аз он ҷо гурехта ба Тирмиз омадам. Боз дар роҳи оҳан ба кор даромадам. Аскарҳо, ки омаданд, ҳамроҳи дигар коргарон чун фидоӣ ба қатори Армияи Сурх дохил шудам.

— Бисёр хуб. Ман дар бораи шумо суханҳои нек шунидаам, — гуфт Василий Димитров ва гапашро давом дод. — Ҷавони ҷасур менамоед. Забони русиро ҳам ёд гирифтаед.

— Бо мо озод гап мезанад, Азизуллоро таъриф карда карда гуфт Скрепник.

— Бисёр хуб, бисёр хуб, —гуфта Василий Димитров ба пешу қафо оҳиста қадам зада, баъд таъкид кард: —Ба зиммаи шумо, рафиқон, масъулияти хеле муҳимро бор карданием. Дар Ховалингу Балҷувон барпо кардани ҳукумати инқилобӣ ва муҳофизатҳои он, —ана чигуна кори бузургро бояд шумо иҷро кунед. Аз шумо умедамон калон…

— Ба бовариатон раҳмат, рафиқ командир, —гуфт Скрепник.

Азизулло аз назди Димитров хурсанд баромад, зеро дар давоми ду соли дар сафи Армияи Сурх хизмат карданаш бори аввал ба ӯ чунин супориши ҷиддӣ дода буданд. Пеш аз ҳама боварии Скрепнику Василий Димитров ба ӯ қуввати нав бахшид.

Аскарон баъди супориш гирифтан аспҳоро зину абзол карда субҳидам ба роҳ баромаданд.

Азизулло дар паҳлӯи Скрепник пешопеши даста асп ронда, командиру комиссар ва аскаронро бо деҳаҳои гирду атроф ва мавзеъ шинос менамуд, аз хусуси зисту зиндагонии мардуми ин диёр нақл мекард.

Аскарон баробари тулӯи офтоб болотар аз деҳаи Хонобод аз дарёи Ёхсу гузашта бо пайраҳаҳои борик ва печ дар печ ба сӯи Ховалинг роҳ пеш гирифтанд. Барфи зиёд борида, барои аз пайраҳаҳо берун баромадани аспҳо имкон намедод. Саворон асосан бо як низом қатор шуда, пешопеш Азизулло бо аспи сиёҳмушкин, аз қафои ӯ Скрепник, Бойченко ва дигарон паи ҳам аз ҳамгаштҳо торафт ба доманаи теппаҳо мебаромаданд. Дар атроф қаторкӯҳҳо то дуриҳо ба назар боз ҳам баланду бошукӯҳ метофтанд.

Ҳаво соф буд. Танҳо порча-порча абрҳои сиёҳ аз ҷануб ба шимол ҳаракат менамуданд. Дар баробари аз паси қуллаҳо намудор шудани хуршед нурҳои заррини он рӯи барфи нав борида боз ҳам пурҷило метофт. Хомӯширо танҳо садои нафаскашии аспҳо ва садои узангую лаҷоми онҳо вайрон менамуд.

Вақте ки саворон теппаҳои қаторро гузашта ба ҳамворӣ расиданд, Азизулло аз болои зин рӯяшро ба тарафи командир гардонида хомӯширо барҳам зад:

— Ин дашта, командир, дашти Садбаргҳо мегӯянд, — гуфт Азизулло.

— Дар ин ҷо ягон буттаи садбарг нест ку? — пурсид Скрепник.

— Ҳоло ҳама гулбуттаҳо дар зери барфанд. Баҳорону тобистон ин ҷора бубинӣ ай тамошо сер намешавӣ. Ҳазор ранг гул дора и дашт. Аз бӯи мушкбез ҷони кас ҳузуру ҳаловат мебарад.

— Дар зимистон бо ёди гулҳо дили моро хурсанд кардӣ, - гуфт Бойченко.

— Се сол боз, ки аз ватанат дур будаӣ, ба хотират ҳамин хел зебо менамояд, - гуфт Скрепник ва ба ёди худи ӯ диёри азизаш расид.

— Мо ҳам мисли ту дур аз Россия аз деҳаву хона, падару модарем. Ҷангали анбӯҳ, бӯи хуши санавбарҳоро чӣ қадар ёд кардем.

— Шумо ба гапам бовар кунед, - гуфта истодагарӣ кард Азизулло. —Овозаи гулҳои худрӯи дашти Садбаргҳо то ба гӯши Амири Бухоро расидааст. Дар и се соли набуданам ҳар вақт бӯи гулу гиёҳи и диёр ба димоғам мезад. Шабҳо ба хобам танҳо и дараю кӯҳҳо, одамои ҳаминҷоира медидам. Гумон доштам, ки дар ғарибиҳо мурда дигар ба ватанам баргашта наметавонам.

— Таърифу шукронаҳои шуморо шунида деҳаи Слатино ва кулбаи худам ба хотирам омад, — гуфт Николай Петров ном аскар, ки дар паҳлӯи Бойченко асп меронд.

— Хонамон аз канори деҳа дар назди роҳи оҳани Харков – Москва воқеъ аст. Аз дари ҳавлиамон ҷангали санавбар сар шуда беохир давом мекунад. Ҳоло он ҷо ҳам саросар барфпӯш аст. Дар тобистон кули назди ҷангал ва сояи санавбарҳо ҳузуру ҳаловати ҷонанд. Бачаам, Володяро гирифта қариб ҳар бегоҳии тобистон ба ҷангал медаромадаму мармиҷончинӣ мекардам. Ҳоло Володяям қариб сесола шудааст. Бачаи шӯх. Мисли худам малламӯй, чашмкабуд, пешонивасеъ.

— Мумкин писарчаата баҳона карда модараша ёд карда бошӣ, Николай? -шӯхӣ кард Бойченко.

— Модараша ҳам ёд кардаам, комиссар, вале фарзанд чизи дигар будааст. Ҳама вақт худам ин ҷою ҳушу ёдам ба бачаам, Володя.

— Хайр, ин қадар дилтангӣ накун, Николай. Андак вақт монд.

Дар кӯҳистон ҳукумати инқилобӣ, ки ташкил ёфт, ҳама ба назди зану фарзандҳоямон бармегардем. Замин шудгор карда ғалла мекорем, боғ, бунёд мекунем, — Петровро дилбардорӣ кард Бойченко.

— Ҳар бори аз ин роҳ ба Кӯлоб сафар карданам, -аз нав ба гап даромад Азизулло, — борама ай пуштам ҳу-ана дар он таги чинор фуроварда, дам мегирифтем, — гуфта бо дасташ чанори дар қисми болоии дашт воқеъбударо нишон дод. — Дар чашмаи таи чинор дасту рӯ шуста, панҷ-шаш каф об мехӯрдаму баъд гулҳора хуб тамошо мекардам. Тамъи оби ин чашма ҳеҷ ай ёдум намерава.

— Чашмаи кӯҳистона то ҳол ман аз наздик надидаам, — гуфт Бойченко ба Скрепник рӯ оварда.

— Ҳолӣ бест, дар ҷои мо ҳазор чашмаи бари ба бара мебинӣ, — гуфт Азизулло. — Чашмаҳои ҷои мо ай зери сафедхок, ай кафи

сангҳо ҷӯш зада, мисли оби тарма хунуку ранги асал хуштаъми балаззатанд.

— Бо суханҳои самимиат ҳам дили моро гарм кунӣ, ташаккур, — гуфт Бойченко ва ин гапҳои ӯ ишорат ба он буд, ки Азизулло нақлашро давом диҳад, то сафаракиҳо дарозии роҳ ва хунукиро нафаҳмида монанд.

— Дар хусуси мардони далераш нақл мекардӣ, Азизулло, хуб мешуд, — хоҳиш кард Скрепник.

— Номи Восеъа шунидагистен? — пурсид Азизулло.

— Албатта, шунидаем, — ҷавоб дод Скрепник. — Восеъ мисли Степан Разини мо халқро ба шӯриш бархезонида будааст. Оё ӯ аз ҳамин ҷоҳост?

— Ҳу ана ӯ теппаҳои баланд, ки мебинен, — бо дасташ нишон дода гуфт Азизулло, — ана дар поёни онҳо қишлоқи Дараи Мухтор ҷой гирифтааст. Восеъ дар ҳамон деҳа зиндагӣ мекард. Ҳозир бачааш, акаи Ҳасан дар он қишлоқ хонаву дар дора.

Скрепнику Бойченко ва дигар аскарон ба сӯи теппаҳои баланд назар карданд, вале аз сабаби дурӣ деҳаро дида натавонистанд.

## БОБИ IV

Қарибиҳои бегоҳӣ чеҳраи ҳаво кушода, осмон софу беғубор шуда бошад ҳам, хунукӣ ба мағзу устухон кора мекард. Офтоби ба паси теппаҳо фурӯ рафта истода гӯё бо одамон то саҳарии рӯзи дигар хайрбод мегуфт.

Зимистони ин мавзеъ назар ба таҳдашт хунук ва сербарф аст. Дар чунин ҳавои соф шабона аз тарафи теппаҳои Дарвоз ва кӯҳҳои Чилдухтарон шамоли сахт вазида хунукиро боз ҳам шиддат медиҳад. Тундбод барфҳои болои теппаҳо, хамгаштҳои шамолравро рӯфта пастхамӣ ва чуқуриҳоро пур карда тахту ҳамвор менамояд, барфхонаҳои зиёде ба амал меоварад, ки онҳо боиси фалокат ва бадбахтии бисёр касон мегарданд.

Аз хунукӣ навдаҳои дарахтону буттаҳо шӯша баста, оби наҳру ҷӯйҳо саросар ях мебанданд. Танҳо чашмаҳо, ки дар ин мавзеъ қариб

дар ҳар сад-яксаду панҷоҳ метр дур аз ҳамдигар вомехӯранд ва дар тобистон оби сарди ҷонбахш доранд, дар зимистон баракс аз зери замин бо дили пурҳарорат ҷӯш мезананд ва то хеле роҳ яхи ҷӯю наҳрҳоро бурида ба поён ҷорӣ мешаванд, ба худ аз байн барфу якпораҳо роҳ мечӯянд, вале рафта-рафта хунукӣ онҳоро ба коми худ фурӯ мебарад, дар мубориза ғолиб мебарояд ва чашмаҳо оҳиста-оҳиста аз ҷӯшу хурӯш монда ба ях мубадал мегардад. Вале ин ҳолат танҳо се-чор моҳи зимистон давом мекунад. Бо фарорасии рӯзҳои аввалини баҳор чашмаҳо аз нав худро аз банд раҳо карда, ба ҷӯю наҳрҳо роҳ меёбанд, ба дарё ва баҳрҳо рафта мерезанд. Дар асл гирем, асоси ҳама дарёю баҳрҳои пурталотум ва ҳатто уқёнусҳои бузург аз ҳамин чашмаҳои назарногири кӯҳистон сар мешаванд.

Кас дар зимистон ба табиати ин мавзеъ дуруст назар созад, ҳис мекунад, ки дар ин сарзамини саросар бо теппаю кӯҳҳо, печонидашуда танҳо ҳамин чашмаҳо бо дили гарм зиндаанд, аз хамгашту болои теппаҳои дур гоҳ-гоҳ овози гургони гурусна ва чилламаст ба гӯш мерасанд, ки онҳо аз зиндагӣ норозиёна паи ҳам уллос мекашанд. Овози гургон як навъ эътироз ва таҳдидро дар зиндагии ин даррандагони ваҳшӣ ба хотири кас меорад. Одамон дар хусуси зимистонҳо тӯъмаи ин даррандагон шудани баъзе сафаракиҳо нақлҳои зиёд мекунанд.

Азизулло то ҳол фаромӯш накардааст, ки се сол пеш Ҳуснигули духтари хонадори Талаби гадо ном марди ҳамдеҳаашон, ки аз деҳаи Хонақо бегоҳии зимистон ба хонаи падараш меомадааст, дар тундбоду ҷут раҳгум зада аз гурустнагию хунукӣ шах мешавад ва шаб галаи гургони чиллагӣ ба ӯ дарафтода ҳам занак ва ҳам тифли ширхорашро пора-пора карда хӯрда будаанд ва баъди ду рӯз мардони деҳа пас аз кофтукови зиёд аз даруни ғори Ҳалқаҷар танҳо сарҳои хунолуди мақтулонро ёфта буданд. Баъди ин ҳодиса Талаби гадо аз ғами фарзанд девона шуда, дигар ҳеҷ не кӣ ба худ ояд.

Азизулло пешопеши аскарон ин ҳиссиёт ва манзараҳоро пеши назар оварда бо ҳама хунукию бод ва барфи то зери шиками аспҳо расанда тан надода, баробари як қади ар-ар ба фурӯравии офтоб мондан, якҷоя ба Ховалинг расиданд. Ҳама роҳу пайраҳаҳои кашу килеби сар-сари ғору ҷариҳо акнун ба қафо монда буданд.

Вақте ки аскарон дар майдони зери чанорҳо, ки ба номи Чилчанор машҳуранд, қарор гирифтанд бачагон ин дам аз мактаби назди масҷид, ки дар теппаи қисми ғарбии чинорҳо воқеъ аст,

пешодумкол ба пайраҳа қатор шуда хамбиданд. Аз қафои онҳо Муллотураи мактабдор пеш-пеш ва аз қафои ӯ мӯйсафеди дигаре, ки як дарза ҳезуми параға сари гардан дошт, меомаданд. Бачаҳо дар умри худ аскарони низомии аспсавор ва бо шамшеру милтиқ мусаллаҳро надида буданд ва баъзеашон ҳаросида аз роҳ бероҳа, ба сӯи хонаҳояшон гурехтанӣ шуданд. Азизулло ин ҳолро фаҳмида аз хотир гузаронид, ки аз қадаммонии аввал бояд одамон нисбат ба аскарон таассуроти нек пайдо кунанд, бинобар ин барои вазъиятро аз байн бурдан овоз бароварад.

— Ассалому алейкум, шербачаҳо! Аз ҳеҷ кас натарсида ба назди мо биёед, мо одамони худием.

Овози шинос ба бачаҳо рӯҳ бахшид ва аз нав ба роҳ даромада ба назди аскарҳо омаданд. Бисёрии кӯдакон, ба ғайр аз се нафарашон ҷомаҳои алочаю карбосии дарбеҳдор ва тоқиҳои гулдӯзии кӯҳнаи пилтабаромада доштанд. Дар пои баъзе бачаҳо маҳсию кафш, дар пои дигарон чоруқи мукӣ ва панҷ нафарашон, ки аз ҳама қафо ба назди аскарон омадаанд, дар пои худ кафши чӯбин, ки онро сандалвор низ мегӯянд, пӯшида буданд. Ду бача чоруқи хомак, ки аз пӯсти гови навкушта медӯзанду ба дарунаш каҳмол монда мепӯшанд, доштанд. Он се нафари аввала, ки бойбача буданашон аз ҷомаҳои беқасаби зебо пӯшидаашон маълум шуда меистод, дар по мӯзаҳои такагии хушдӯхти пошнабаланд доштанд.

— Аз чӣ тарсидед, бачаҳо? –пурсид Азизулло, ҳароси кӯдаконро барҳам доданӣ шуда, вале ҷавобе нашунид. Бачаҳо ҳанӯз аз аскарҳо тарсида наздик намеомаданд.

— Биё, ку салом кунем, Асрор. Мара нашинохтӣ? –гуфта Азизулло аз асп фуромад ва бачаи сенздаҳ-чордаҳсолаеро наздаш хонд. Бача ҳанӯз соҳиби овозро нашнохта дар ҷояш наҷунбида меистод.

— Биё, натарс. Ма Азизуллои ҳамсоятонум, намешиносим, Асрор?—гуфт Азизулло.

Ҷавон баъди ин гап ӯро шинохт, ки табассум карда шармгинона омада вохӯрӣ кард.

— Э, акаи Азизулло будааст, –гуфта бачаҳои дигар ҳам як-як ба салом омаданд. Баъд Азизулло аз Асрор аҳволи модару хоҳарчаашро пурсида аз сиҳату саломат буданашон огоҳ шуда дилаш андак таскин ёфт.

Ин дам Муллотӯра ва мӯйсафеди ҳезум сари гардан ҳам расида омаданд ва ба аскарон бо чашми ҳайрат нигаристанд. Муллотӯра теғ кашида ба аскарон назар кард ва аз наздашон гузашта бачаҳоро низ таъкид кард, ки аз пеши аскарҳо дур шаванд. Кӯдакон ҳарчанд майли тамошо ва дидани аскарҳо доштанд, вале аз мактабдор тарсида ноилоҷ аз қафои ӯ рафтанд.

— Асрор, рафта ай очаам ҳадя бигир, ки ма омадум, —гуфта Азизулло, рафтани бачаҳоро дида ва назди мӯйсафеди бобои Хоркаш, ки ин дам ба аскарҳо зеҳн мемонд, рафт то ба ӯ салому алейк кунад.

— Ассалому алейкум, бобо.

— Ваалейкум ассалом, бачам, —гуфт мӯйсафед.

Азизулло бо мӯйсафед вохӯрӣ кард.

— Бобо, хуб нағз ҳастӣ? Момаи Нафисамо, хоҳари Гуландомум нағзан, сиҳату саломатен?

— Худора шукр, бачам. Дар гӯр ҳами пирӣ, ки валлоҳ, нашинохтумут.

— Азизуллои бачаи Акбар мешам.

— Ай дар қадут садқа! Биё ай нав салом кунем, —гуфта мӯйсафед дарзаи ҳезумро аз сари китф ба замин монд.

— Ба худо, ки нашинохтамут. Хуб ҷавони калон шудаӣ? Мулкҳои обода дида, азизу бузургора зиёрат карда омадӣ? Ай дар пешут мурум! Қатии салотҳо омадӣ? Худут ҳам салот шудай? Дар тарафҳои Бухоро ҳукумати нав шидааст, меган, ростай, бачаи ҷун?

— Рост, бобо. Ана мо омадем, ки дар и ҷойҳо ҳам ҳукумати нав барпо кунем.

Ин дам Скрепник низ аз асп фуромада назди мӯйсафед омад ва бо ӯ вохӯрда аҳвол пурсид.

— И мардак, бобо, командир, яъне роҳбармон, —Скрепникро ба мӯйсафед шиносонид Азизулло.

— Мепурсад, ки чӣ ҳолу аҳвол дорен?

— Худора шукр, бачам, ҳолӣ ҳам майда-майда ҳезум кашида рӯзмона якнавъ мегузаронем, —ба саволи Скрепник ҷавоб дод бобои Хоркаш ва ба Азизулло гуфт. —Равум, ки валлоҳ намози шом қазо мешава. Як-ду рӯз, ки дар хонатон истодӣ, мора ҳам хабар бигир, —гуфт мӯйсафед ва дарзаи ҳезумро бардоштанӣ буд, ки Скрепник онро аз замин бардошта ба сари китфи мӯйсафед монд.

— Илоҳӣ, бачам, умри садсолаат диҳаву худо хор нашавӣ, —гуфт бобои Хоркаш ва оҳиста-оҳиста қадам зада ба сӯи хонаи Муллотура равон шуд.

— Мӯйсафед одами хуб аст, —гуфт ба Скрепник Азизулло. –Дидӣ, ки баробари ҳезумро бардоштанатон ба шумо дуои нек дод.

— Як умр кораш ҳезумкашӣ. Аз ҳамин ҳисоб рӯз мегузаронад. Дар умраш мӯрчара озор надодааст, —шарҳ дод Азизулло.

— Ҳамаи мӯйсафедон одамони хубанд, —гапи Азизуллоро қувват дод Скрепник. –Пастию баландӣ, хорию зории рӯзгор онҳоро боақлу бофаросат, вазнину пуртамкин гардондааст. Дар зоҳир кас гумон мекунанд, ки онҳо соддаанд, вале дар асл кони панд. Асоси зиндагии моанд, мӯйсафедон.

Азизулло аз қафои бобои Хоркаш зеҳн монда ба хотир овард, ки мӯйсафед солҳои зиёд подаи қишлоқро бонӣ мекарду ягона ҳамроҳу мададгораш духтари ӯ Гуландом буд. Онҳо гову моли аҳли деҳаро аз субҳ то бевақтӣ дар пуштаву ёлаҳо чаронида, намози шом, ки ба қишлоқ меовардand, бобои Хоркаш аз тарафи болои деҳа ва Гуландом аз поёни қишлоқ дар ба дари хона гашта музди онрӯзаи меҳнаташон, оши ҳалолашонро ҷамъ карда ба кулбаашон бурда аз ҳамин ҳисоб рӯз мегузарониданд. Азизуллоро падараш чанд бор барои ёрӣ ба мӯйсафед ба подабонӣ фиристода буд ва чӣ хуш буданд он рӯзҳо, ки ӯ ҳамроҳи Гуландом дар молбонӣ гузаронида буд. Гуландом он вақт хурд буд. Ба сездаҳ қадам мемонд, вале доим модари Азизулло, холаи Мунаввар мегуфт, ки ин духтарак ба зеби номаш Гуландоми ростина аст. Азизулло ҳолӣ ҳам рӯи чун кулчаи ширмол зебо ва чашмони аз азал гӯиё сурмакашидаи Гуландомро фаромӯш накардааст ва ҳар боре, ки ба хотираш ояд, дилаш гум мезанад. Ҳоло бошад, Азизулло мебоист бо маслиҳати Скрепник як сари қадам ба хонаашон рафта аз ҳолу аҳволи модараш хабар гирад ва баъд аз паи ҷо ба ҷо кардани аскарон шавад.

Скрепник аз Бойченко хоҳиш кард, ки то омадани онҳо ба ҷояш роҳбарии аскаронро ба зимма гирифта дар инҷо интизор истанд ва худ ҳамроҳи Азизулло ба даруни деҳа рафтанд. Асрор пештар аз онҳо ба хона расида аз холаи Мунаввар ҳадя гирифта буд ва боз ба чанд ҳамсояи дигар аз омадани Азизуллою аскарон хабар дод.

Шом торик шуда бошад ҳам холаи Мунаввар ҳамроҳи занони ҳамсоя дар дари чапараки ҳавлӣ омадани Азизуллоро интизор буданд.

— Ай дар қадут очата бикуша, Азизуллоҷуни оча! – гуфта модар баробари саворони ба сӯи хонаашон омада истодаро дидан ба сӯи онҳо давид.

Азизулло ва Скрепник ин дам аз аспҳо фуромаданд.

— Дар ғарибиҳо гашта дили очата кабоб кардӣ, бачам! –гуфта холаи Мунаввар Азизуллоро ба оғӯш гирифт ва гирякунон сару рӯяшро бӯса мекард.

— Мардбача гирди дунё гашта, боз ба қулбаи падар меоя, оча гиря накун, соқу саломат гашта омадам, боз чӣ гиря мекунӣ? –тасалло дод модарро Азизулло.

— Бачам, баъди кӯдакдор шидан, доғи фарзанда фаҳмидан, ай дили очаат огоҳ мегардӣ. Ҳолӣ чӣ медонӣ, ки дар и қадар вақти набудани ту очаат чӣ рӯзҳои сияҳ дошт.

Азизулло аз модар, ки ӯ сару рӯяшро дастмол намуда бӯса мекард ва ба дидагонаш мемолид, хато хӯрда хоҳарчааш Раҷабгулро ба бағал гирифт.

— Ту и қадар калон шудӣ, ҷони ака, мара албат ёд кардӣ?

— И қадар ёд кардам, —гуфта Раҷабгул рӯи Азизуллоро бӯсаборон кард.

— И мард камандири мо оча, —Скрепникро шиносонда гуфт Азизулло.

— Дар қадамҳотон очаат бимира! Биёен аспҳотона баста ба хона дароен.

Азизулло ва Скрепник баъди бо ҳамсояҳо, хешу табор вохӯрдан андак вақт дар хона нишаста аз модар узр пурсида ба гузари Санговак, ки хонаи ҳокими деҳа Ғаюрбек дар он ҷо воқеъ буд, равон шуданд. Вақти рафтан Азизулло ба модар гуфт, ки пас аз ҷои мувофиқ ёфтан барои аскарон ба хона меояд.

❁ ❁ ❁

Ғаюрбеки ҳоким аз омадани аскарон ба Ховалинг хабар дошт ва ин бегоҳ тарки одат карда, баъди намози пешин тиловати қуръонро

ба ҷо оварда натавонист. Дар ҳуҷраи болобландӣ баъди намоз сукут варзида ба фикру андеша афтод.

Ду рӯз пеш мири Балҷувон, Давлатманд-бий, ки ҳоким ба ӯ тобеъ буд, ба хонааш омада аз ҳодисаҳои Кӯлоб ба тафсил нақл намуда баъзе маслиҳатҳоро пазонда, таъкид карда буд, ки рӯзи ҷумъа салотҳо ба Ховалинг меоянд.

Баъди ин хабар дар чилаи зимистон ба дилу ҷони Ғаюрбек оташ афтод. Имрӯз бошад, рӯзи ҷумъа буд ва ҳоким ҳар дам гӯш ба қимор истода медонист, ки ҳамин замон ё замони дигар дарашро мекӯбанду аз омадани салотҳо хабар медиҳанд. Зиндагӣ акнун талхи заҳр мегардад. Рӯзаш сиёҳ мешавад.

Ба салотҳо чӣ гуна муносибат кунад, бо кадом восита молу чиз давлат, занону кӯдаконашро ба саломат барад, намедонист. Ғаюрбек ғарқи фикру андешаҳо буд, ки Муллотӯра бе ягон даркӯбию салому алек рост ба ҳуҷраи ӯ даромад.

— Ҳоким! Кофирҳо омаданд! –ҷонҳавлӣ хабар дод, Муллотӯра.

— Кӣ гуфт? Дар куҷо? –худро ба нодонӣ зада пурсид Ғаюрбек.

— Дар куҷо мешид? Дар тайи чанорҳо. Ай масҷид омада истода, бинум лашкари урус бо аспу шамшеру милтиқ мусаллаҳ ба деҳа зада даромадан. Кофирбачаи Акбари оҳангар онҳоро ба ин ҷо овардаст. Худоё худовандо, дар паноҳат нигаҳ дор! Чӣ чора мекунем?!

— Шукр мекунем, домулло, —худро осуда вонамуд карда гуфт Ғаюрбек.

— Ҳар балое бар сари банда ояд, хости худою расулай. Илоҷи дигаре надорем. Дар тақдирмон ҳар чӣ худои таолло навишта боша, ҳамона мебинем, домулло.

— Чӣ, худмона зинда ба зинда ба дасти кофирҳои малъун супорем? Наузанбиллоҳи минанзолика! Шумо розӣ шавен, ма ба чунин пастӣ розӣ намешавум! Ору номус, диёнат дорум. Дар роҳи ҳақ худма қурбон карда шаҳиди аъло мешавуму ба и лаънаткардаҳои Худо сар намефурорум!

— Ҳолӣ ба оташ гирифта сӯхтанат вақт аст, домулло. Қаҳру ғазабата фурӯ нишону инҷа шин! –гуфта Ғаюрбек болои кӯрпачаи шоҳиро ба ӯ нишон дод ва баъди андеша гуфт.

— Муллотӯра, ҳамон море, ки туро навакак газиду и қадар ба талвосеи ҷонканӣ даромада худата ба дару девор зада истодай, ду рӯз пеш ай банди дилу ҷигари ма неш зада, заҳри ҳалоҳил чаконда буд, лекин ба ҳукми Худо, чуноне ки мебинӣ, то ҳол тоқат дорум.

— Шумо ай ҳодиса хабар доштен?

— Хабар доштум, домулло.

Дина ҳазрати Давлатманд-бий ба и кулба қадам ранҷа намуда ай қоим шудани рӯзи қиёмат мара огоҳ карда буданд. Ма чӣ гӯям, ки ҳазрати Хоҷа Ҳофиз фармудаанд:

Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам,
Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам…

Ғаюрбек ғазалро хонда ба таҳлили он шурӯъ кард. Даври қамараш ҳамин, фитнаву шарраш ҳамин рӯз аст, домулло. Бухорову Самарқанд бас набуд, ки кофирҳо охир ба кӯҳистони мо ҳам сар дуровардand! Хости Худо ҳамин будааст. Ба ғайр аз шукр дигар чорае надорем.

Ҳоким хомӯш истод, ки Муллотӯра шояд сухани тасаллобахше ёбаду дили ӯро андаке ҳам бошад, таскин диҳад.

Муллотӯра ин одати Ғаюрбекро нағз медонист ва ба мулоиматӣ ба гап даромад.

— Хайр, ба ҳама ғазаби худо ҳазорон бор шукр, ку, лекин ягон чораи халосие ҳаст, ҳоким?

— Чорааш, ҳамин ки – маслиҳат дод Ғаюрбек, —салотҳои кофирра ба хушнудӣ пешвоз гирифта, худмона тарзе вонамуд карданмон лозим, ки гӯё мо тарафдори онҳоем. Ба фармоншон итоат дорем. Хоки пояшона сурмаи чашмон мекунем, ба пеши пояшон саҷда меорем. Ҳазрати Давлатманд чунин фармуданд, домулло.

— Хайр, баъд чӣ?

— Баъд? –каме фикр кард Ғаюрбек. –Баъд, ин замину замон ҳама кофиристон нашудааст ку. Мисли мову шумо садҳо мусулмонон кофирҳора чашми дидан надоранд, ба решаву бунашон оташ зада, ҳамашона сӯзонда несту нобуд кардан мехоҳанд. Ана и хел одамҳора ҷамъ карда ғазо мекунем. Барои кофирҳо якбора қиёмата қоим мегардонем.

— Э, ай фаҳмишу каромотат гардам, ҳазрати ҳоким. Чорае надорем гуфта қариб, ки гурдакафам карда будӣ. Банда чӣ хизмате, ки ҳазратам фармоянд, ба чашм ба ҷо меорам.

— Дар ин хусус ба касе сир бой надеҳ, домулло! –таъкид ва таҳдид кард Ғаюрбек. –Ҳолӣ ҳозир зуд ба хонаи Раҳимбой раву ай воқеа ӯро огоҳ кун ва мара мунтазир шуда истен.

Муллотӯра, «ба чашм», гуфта аз дари ҳуҷра баромад, вале Ғаюрбек ӯро аз роҳ боздошт.

— Гӯш кун, –ин дафъа оҳиста гуфт ҳоким, —имшаб саркардаҳои кофирҳора зиёфат доданамон лозим. Баъд, он тарафаш, боз худо подшоҳ. Фикр карда илоҷе ёфтанамон даркор. Минбаъд бо равиши об бел заданамон зарур мешавад. Ғаюрбек аз он зотҳои медонистагиашон нест, ки ба осонӣ ба кофирҳо гардан фурорад, чунон ки онҳо гумон мекунанд.

Муллотӯра аз ҳоким дастур гирифта аз хона баромад ва дар торикии шаб аз чашм нопадид гардид.

❁ ❁ ❁

Ҳоким Азизуллою Скрепникро хуш қабул кард. Ҳарчанд онҳоро чашми дидан надошт ва агар илоҷе меёфт худи ҳамин лаҳза бо панҷаҳои боқуввати дастонаш ҳардуи онҳоро аз гулӯ хафа карда мекушту чашмонашонро кофта мегирифт ва ба мардум нишон медод, ки чӣ қудрат дорад ва ба чӣ қодир аст, Ғаюрбек, вале ӯ ба беруни дарвоза ба пешвозашон баромад.

— Марҳамат, нури дида тоҷи сар, меҳмонҳои олиқадр! –баробари ба назди ҳавлиаш расидани Скрепнику Азизулло гуфт ҳоким.

Саворон аз рӯи одоб аз аспҳояшон фуромада ба назди ҳоким омаданд.

— Э, э! И ҷувони нозанин, бачаи усто Акбари бародарам ку? –Азизуллоро шинохта ба забонширинӣ даромад Ғаюрбек.

— Хуш омадӣ, бачаи ҷун. Хоки поҳотон шавам, ҷувонҳои нағз! Э, садқаи қадамҳои муборакатон! Марҳамат ба кулбаҳои вайронаи мо. Худораҳматии падарат заб одами хубу мусулмони комил буданд! Ҷояшон илоҳӣ ҷаннат шавад!

— Ҳазор раҳмат, —гуфт Азизулло. –Мо дар хонаатон ягон вақти дигар меҳмон мешавем. Ҳолӣ аскарҳо мора интизоранд. Омадем, ки бароямон ягон паногоҳ ҷудо кунен.

— Бале, мо ба мақсади аскаронро ҷо кардан ба наздатон омадем, —илова намуд Скрепник.

Азизулло гапҳои Скрепникро тарҷума кард.

— Марҳамат, шумо ба хона дароен, ма ҳозир одам монда бароятон ҷои хоб меёбам. Охир и қадар меҳмонҳои олиқадр, нону намаки мора начашида меравен, хуб намешавад, –гуфт Ғаюрбек.

— Ҳазрати ҳоким, мо садқаи нону намактон мешавем, вале ҳоло моро аскарҳо интизоранд. Ай роҳи дур омада монда шудаанд, аз шумо узр мепурсем, —гуфт Азизулло.

— И хел бошад, ма ҳозир баъзе тараддудҳора бинам, ба наздатон мерасам, бемалол бошен, ҷувонҳои нағз.

— Як илтимос, ҳазрати ҳоким, —гуфт Азизулло. –Ягон каса ба Балҷувон, ба назди Давлатманд-бий фиристода хоҳиш кунен, ки ба ин ҷо, ба назди мо биёянд. Бо он кас кори зарур дорем.

— Албатта, мефиристам, додар, —гуфт Ғаюрбек ва ду даст пеши бар таъзим кард.

Саворон хайру хуш карда пас гаштанд. Ғаюрбек баъди аз паҳлӯи девори ҳавлиаш гузашта рафтани Азизуллою Скрепник, чунон ки дар ин ҷойҳо барои меҳмони касофат ва шумбин мекунанд, оби косаеро аз қафои аскарҳо бо ғазаб ҳаво дода ҳақорати доманадоре кард ва дарвозаи чӯбинро аз қафо ба пояш сахт пӯшид.

❁ ❁ ❁

Муллотӯра ба ҳама хоҳишу таҳдиди Ғаюрбек ва тарафдории Раҳимбой нигоҳ накарда ду по дар як мӯза аз раъяш нафуромада барои дар масҷид ҷо надодани аскарон истодагарӣ мекард.

— Ҳазрати ҳоким! Ҳама ҳоли танги шумора мефаҳмум, лекин ба гуфтаат розигӣ намедиҳум! –гуфт домулло, вақте ки Ғаюрбек дар хонаи Раҳимбой вазъиятро хабар дод.

— Номаъқул кардӣ! Ба думи шер бозӣ намекунанд, Муллотӯра, мефаҳмӣ? –гуфт ҳоким.

— Хонаи худора ба ҷои хобу хези кофирои лаъин раво дидан бадтарин гуноҳ дар шаръи мусулмонист. Фардо дар қиёмат чӣ ҷавоб мегӯем?

— Қуръони шариф чунин корро дар зарурат раво донистааст ва ма муллобачаи ту нестам, ки ба ма дарс гӯӣ! Худора шукр мо ҳам хондаем ва мӯъмину мусулмонем! Ҳоли вақти таъхир нест, Муллотӯра!

— Дидаю дониста худата гунаҳкори азим, ҷоята ҷаҳаннам мекунӣ, қории қуръон, –гуфт домулло.

Ғаюрбек каме аз ғазабаш фуромад.

— Хайр, худат бигӯ, ки ӯ лаънатиҳора ба куҷо барам? Ба хонаи худам, ба бағали зану кӯдакҳом? Ё ай уҳо рӯ гардонда ба марги худам худам ҳукм барорам?

— Ту мефаҳмӣ, ки онҳо қуръонхону домулло он тараф истад, омии ба сараш салла мебастагира босмачӣ гуфта сар мезананд? Ҳазорон мусулмонони бегуноҳа ҳаминҳо куштанд, охир.

— Ай худои таолло тарсидан даркор, на ай салотҳои лаъин, –гуфт Ғаюрбек.

Ғазаби ҳоким аз нав боло гирифт.

— Имрӯз ма гурги ба қапқон афтода бошам ҳам дар деҳа ҳоло ҳокимам, Муллотӯра! Гапа кам куну калиди дари масҷида бурор! –фармон дод Ғаюрбек.

Муллотӯра дид, ки ҳоким фармонашро дигар карданӣ нест, ноилоҷ калидро бароварда ба ӯ дод.

— Шумо ҳам ба масҷид биёен. Баъди ҷо ба ҷо кардани кофирҳо ба шумо гап дорам, —гуфт Ғаюрбек ва ба аспаш савор шуд.

## БОБИ V

Имшаб шабе буд барои мардуми Ховалинг пурасрор.

Ҳоким баъди ҷо кардани аскарон ба талвоса афтода фармуд, ки Раҳимбой ду гӯсфанди бурдоқиро кушта аскаронро зиёфат диҳад ва чанд каси дигарро ба хонааш хонд. То як поси шаб шамъи ҳуҷраи болобаландии ӯ хира-хира месӯхт. Субҳидамӣ аз деҳа саворае ба сӯи

Балҷувон роҳ пеш гирифт. Ӯ элчии ҳоким буд, ки ба Давлатманд-бий мактуби таъҷилӣ мебурд.

Бобои Хоркаш дарзаи ҳезумро ба хонаи Муллотӯра бурда ба кулбааш баргашт ва ба зану духтараш хабари омадани аскаронро расонид.

— Кампир, валлоҳ чӣ гапҳои наве дар дунё, —ҳадя гирифт мӯйсафед. –Ба қишлоқ салотҳо омаданд. Бачаи худораҳматии Акбари оҳангар, Азизулло, ҳамроҳшон салот шида омадааст. Мегӯянд, ки дар ҷои мо ҳам ҳукумати камбағалҳо ташкил мекунанд. Ба мо замин медодаанд, мефаҳмӣ кампир?

— Мӯйсафед, ҳарчӣ-ҳарчӣ мегӯӣ ё гапҳоят ростанд? –ҳайрон шуда пурсид холаи Нафисамоҳ. –Кай дидӣ салотҳора?

— Ҳолӣ ҳозир. Дар таги чанорҳо, валлоҳ, як олам салоти аспсавор омаданд. Ма, Азизуллора нашинохтуму ӯ мара шинохт. Ҳолу аҳвол пурсид. Як ҷувони нозанин шидааст, ки чӣ мепурсӣ. Худаш гуфт, ки ҳукумат ташкил мекунан. Бою камбағал баробар мешава. Соҳиби замину нони серӣ мешавем, кампир.

— Илоҳӣ гуфтаи ту шава, атаи Гуландом.

— Мешава, кампир. Салотҳо барои ҳамин кор омаданд. Дар сари пиримон худои таоло соҳиби як даҳан нонмон куна, кампир, чӣ мепурсӣ.

Баъди дар гирондани чароғи лоӣ, дар сари сандалӣ сӯҳбати бобои Хоркашу холаи Нафисамоҳ дароз давом кард.

— Ата, мегӯян, ки урусҳо ҳама мусулмонҳора мекушанд, ростай? –пурсид Гуландом ин дам аз падараш.

— Чӣ донум, духтарум. Ҳоли ҳозир ма ай пеши салотҳо омадум. Муллобачаҳо ба Азизулло салом карданд, ҳолу аҳволаш пурсиданд.

Муллотӯра ай пешшон гузашт. Ба ягон кас кордор нашидан. Ма қатии Азизулло гап задум. Калоншон, як мардаки урус ай асп фуромада қатим салом кард, ҳолу аҳволма пурсид. Азизулло мара фаҳмонд, ки калонмон ҳолу аҳвол мепурса. Ма ҷавоб додум, ки худора шукр, сиҳату саломатем. Ягонтаашон ба мо кордор нашуданд. Лекин ҳама ба шамшеру камон мусаллаҳанд ана инаш ҳабф дорад, —хулоса карда гуфт мӯйсафед…

Ин шаб танҳо барои Азизулло шаби кӯтоҳ намуд. Ӯ баъди ба аскарон ҷои хоб тайёр кардан аз Скрепник иҷозат пурсида ба хонаашон

омад. Хабари ҳамроҳи аскарон омадани ӯро шунида ҳамсояҳо ба муборакбодии холаи Мунаввар омаданд. Занони ҳамсоя дар косаҳо ҷурғот ё пиёзоба, мардон ба локиҳояшон пораи нони арзан печонда ба назди меҳмон омаданд. Момаи Ғарибгул, ки дар хона дастёри осёб мерафтагӣ надошт, аз хонааш нон ёфт карда натавониста дар лаби остини куртаи карбосии аз дуда ранги сиёҳ гирифтааш ду каф гандумбирён ва талқони себ гирифта, наберааш Асрорро илтиҷо кард, ки дар торикӣ ӯро аз ҳандақу шиғҳои гирди ҳавлиҳо ва тангкӯчаҳои кӯҷу килеб гузаронида то хонаи холаи Мунаввар барад.

Азизулло худро дар ҳалқаи хешу табор дида, як муддат ҳама азоби зиндаҷудоиро фаромӯш кард. Камоли ҳамсояи дар ба девори холаи Мунаввар, ки ӯро падари Азизулло ба шогирдӣ гирифта, касби оҳангарӣ ёд дода буд ва акнун ӯ ягона устои оҳангари деҳа ба ҳисоб мерафт, бо зану бачаҳояш хонахез ба муборакбодӣ омаданд. Баъди салому алек мардҳо дар хонаи дарун нишастанду занону кӯдакон дар берун. Ягона чароғи лой бо рӯшноии нимхираи худ ба ҳарду хона баробар хизмат мерасонид. Холаи Мунаввар аз шодӣ дар куртааш намеғунҷид. Ӯ чанд каф биринҷи ба рӯзи мабодо мондаашро тоза карда ширбиринҷ пухт. Ба рӯи дастурхон дар баробари хӯрданиҳои овардаи дигарон чормағзу гелоси хушк оварда рехт. Гандумбирёни момаи Ғарибгул ҳам дастурхони имшабаро оро медод.

Телпаки аскарии Азизуллоро гирифта ба ҷои он ба сараш тоқии гулдӯзӣ ниҳоданд. Шинелашро кашида ҷомааш пӯшониданд, ки ба либосҳои низомии ӯ басо шинам ва зебо афтода буд. Дар гирди дастархон сӯҳбат аз ҳар боб мерафт. Дар баробари дигарон момаи Ғарибгул аз хонаи берун аз Азизулло пурсид:

— Бачам, мара дар пешат букуша, ку гап зан ай мулкҳои обод омадӣ. Дар хоки мазорҳояш бимирум. Ҳазрати Баҳовиддини Балогардон ҳарчӣ дар паноҳаш нигоҳут дошта будааст, ки соқу саломат омадӣ. Чӣ хабарҳои нав овардӣ?

— Мома, хабарҳои нав бисёр, —ба саволи кампир андак фикр карда ҷавоб дод Азизулло. –Ай Бухоро то ҷойҳои худмон ҳукумати нав ташкил шудааст, ҳукумати камбағалҳо.

— Ай дар забонут ма садқа шавум, ки ростай гапҳо? Ку гап зан, ки чӣ хел ҳукумат будаст?

— Ҳукумати камбағалҳо, и яъне ҳамаи бенавову бечораҳо якҷоя шида замину молу мулка ба ихтиёршон мегиранд. Якҷоя кор

мекунанд. Дар и ҳукумат на шоҳ асту на гадо, ҳама баробару бародари якдигаранд.

— Кӣ и хел ҳукумата ташкил мекуна, бачам? –пурсид кампир.

— Маву акаи Камол, усто Сайёду шумо, мома.

— Садқаи забонут, бачам, ай дасти маи хоки раҳ чӣ ҳам меоя?

— Ба худо, ки ҳама кор ай дастат меояд, момаи ҷон. Пештар хоки раҳ будӣ, минбаъд тоҷи сар мешавӣ.

— Дар и ҷоҳо овоза карданд, ки урусҳо халқи мусулмона саросар мекушанд, молу мулк, зану марда якҷоя мекардаанд. Дигар модар фарзанда, бародар хоҳарра фарқ намекардааст, —пурсид ҳамсояи дар ба девор Камоли оҳангар.

— Акаи Камол, ба мо бисёриҳо ҳамин хел мегуфтанд, —ҷавоб дод Азизулло. –Бою давлатдорҳо овоза паҳн мекарданд, ки урусҳо ҳама мардума дар як хона ҷамъ намуда маҷбур мекардаанд, ки якҷоя зиндагӣ кунанд, ай як дег хӯрок хӯранд, дар як ҷогаҳ хоб кунанд. Онҳо гӯё ҳалолу ҳаром гуфтанӣ гапҳоро намедонистаанд, лекин ду сол мешавад, ки мо бо ҳамон кофирҳои гуфтагиашон ҳамроҳ зиндагӣ мекунем, ай як коса хӯрок мехӯрем. То ҳолӣ ҳами чашмом кӯр шаванд надидам, ки кори баде карда бошанд. Касе ба уҳо итоат накарда корду камон кашид, албатта рӯз намебинад.

— Як рӯз ба хонаам Мирзо Қаландари балҷувонӣ омада буд, —ба Азизулло ҳамроҳ шуда гуфт Камоли оҳангар, —ӯ мисли шумо дар тарафҳои Бухоро будааст. Вақти сӯҳбат гуфт, ки дар Бухоро инқилоб шудаасту урус тахти амира чапа кард.

— Дар байни мо ғайри русҳо дигар халққо ҳам ҳастанд, лекин мақсадамон якта. Барпо кардани ҳукумати шӯро, ҳимоя кардани инқилоб, —гуфт Азизулло.

— Мо, додар, тарафдори ҳақиқат! Сабил, одамӣ шири хом хӯрдаҳай. То ай каси худӣ нашнавию бо чашми сарат набинӣ бовар намекунӣ. Дар и гӯшаи кӯҳистон ҳар рӯз як хабари ваҳмангези нав мешунавӣ, додар. Ҳамин ду рӯз пеш гуфтанд, ки дар Кӯлоб салотҳо нисфи халқи Кулоба кушта хонаҳошона сӯзонда, молу чизашона ғорат карда бурдаанд. Мо гуфтем, худо зад! Сармона ба кадом гӯр мезада бошем?!

— Акаи Камол. Ҳамин рӯз мо ай Кӯлоб омадем. Ҳамаи шунидаҳои шумо дурӯғу тӯҳматанд.

Аскарҳо мисли мову шумо ҳама одамҳои камбағаланд. Мисли мо якумр нони хӯрдан надоштанд. Ҳукумати шӯро, ки ба онҳо озодӣ, баробарӣ додааст, омадаанд, ки мо ҳам соҳиби молу мулки худ шавем. Онҳо мақсади дигаре надоранд. Хонаву дар, зану фарзандҳои мову шумо ба онҳо чӣ даркор? Онҳо барои тиллову танга, одамкушию ғоратгарӣ наомадаанд. Онҳо омадаанд, ки ба мо роҳи зиндагии нека нишон диҳанд. Ана барои чӣ омадаанд аскарҳо.

Марду зан ҳама чашму гӯш шуда ба сӯҳбати Камоли оҳангару Азизулло бодиққат гӯш мекарданд. Баъди каме хомӯшӣ Камоли оҳангар сӯҳбатро давом доданӣ шуда гуфт:

— Ҳама бо умеди муллои хуб шудан ба Бухорову Самарқанд рафта даҳ солу бист сол хишт таги сар монда дар мадрасаҳо хонанд, ту, додар, дар ин ду соли ҳамроҳи салотҳо буданат, одами бафаҳм шуда омадаӣ.

— Хайр, доноиро як тараф монем, акаи Камол, худатон гӯед, ки мову шумо зиндагии хуб дорем? Ғаюрбеку Давлатманд-бий барин одамон ай ҳисоби кӣ зиндагии шоҳона мекунан?

Ин тоифаҳо тӯҳмату бӯҳтон он тараф истад, тиру камон гирифта ба муқобили мо мубориза мебаранд. Мо ку дар ин муддати ҳамроҳи аскарон буданмон бо чашмои худ бадкирдории бисёр дидем, шумо ҳам баъди чанд вақт, ба фикрам мебинену баъд ба гуфтаҳоям бовар мекунен. Мумкин шунида бошен, Анвар пошшо гуфтанӣ зоти шариф ба и тарафҳо омаданӣ аст. Ана ҳамон турки беватан ҳазорҳо одамҳои гумроҳа фириста бар зидди ҳукумати шӯро ғазо эълон кардааст. Амалдорони таҳҷоӣ барои ай даст надодани молу давлаташон дар зери фуки ӯ дум ҷунбонда ба ӯ пулу мол медиҳанд. Оммара ба гирдаш ҷамъ мекунанд. Халқи гумроҳи моро, ки бе чунин хунрезиҳо ҳам дар гӯшаву канори дунё титу пареш аст, ба дасти худ мекушанд. Агар сад деҳа вайрон шавад, барои молу чиз шуда ҳатто чашмашон заррае намепарад. Магар ин аст ҳимояи дини ислому мусулмонӣ? Худатон медонен, ки худораҳматии падарам якумр ай паси болғаю сандону дами оҳангарӣ дур нашуда шабу рӯз барои галаи аспони Ғаюрбек наълу узангу, барои ҷуфтҳои барзаговҳояш оҳани испор месохт ва онқадар музд мегирифт, ки рӯзи мора мирам намирам мегузаронид. На замини ҳотакорӣ дорему на молу ҳол. Ай дуду чанги оҳангархона падарам касал шуда дар айни ҷавонмардӣ ай олам гузашт. Ма бошам, барои рӯзгузаронӣ беҳтар шавад, гуфта овораи куҷоҳо шудам? Рӯзи

нек надидам. Шумо чӣ? Ба ғайри ҳамон асбобу ускунаи оҳангархона, ки он ҳам гӯё моли Ғаюрбек аст, дар буду шудатон чӣ доред?

— Худоро шукр, додар, тани сиҳат дораму дигар ҳеҷ чиз. Ай молу ҳол ҳамон як гови харобу як бузи хушдоманам барои набераҳош оварда буд ва ду бузи худам, ки агар баҳор бузғола кунанд чорта мешаванд. Дар бисотам боз як намаду ду даравии кӯҳна дорум.

— Ғаюрбек чӣ?

— Эҳа, додар, давлати Ғаюрбек лак-лак, хисоб надора. Аввал ки ду зан, 250 таноб замин, баъд ай як гӯсфанд ду ҳазор. Дусад сар асп, яксаду бист ҷуфти барзагов. Боз мегӯянд дар пӯсти курра тилло ҳам дора. Рост, ки молу говаша дидему тиллову тангаҳоша не.

— Ҳамон Ғаюрбек дар умраш ягон бор дастаи испорра бо дасташ қапида, замин шудгор кардаст?

— Ғайри болои аспи туруғ гаштану дар болоҳуҷра хӯрдану хоб кардан дигар кораша надидаем.

— И ҳама давлату савлата ай куҷо ёфт?

— Ба ӯ худо додааст.

— Хайр худо, ки марди сахӣ боша, барои чӣ, ки ба мову шумою бобои Хоркаш надода фақат ба Ғаюрбек медодааст? Наход худои ҳаждаҳ ҳазори олам, гӯё муносиб ба номаш, дар азали бобои Хоркаш то дами марг ҳезуму хоркашӣ навишта боша? Як хари ҷовурӣ ҳам дошт ай тақдири бад таги пуштораи ҳезум дар Ҳалқаҷар забон газида мурд. Ба фикрам, ҳолӣ ҳам соҳиби хари дига нашидаст…

## БОБИ VI

Ин саҳар офтоб аз паси кӯҳи Чилдухтарон бо ҳама фарру шукӯҳ бадар шуда, нурҳои заррини худро аз сари теппа ва пастхамиҳои саросар барфпӯш дареғ намедошт.

Ҳаво софу беғубор буд. Дар боғ ниҳолҳои себу гелос ва олуболу, дар гирдогирди ҳотаю қад-қади роҳ ва лаби ҷӯйборҳо ар-ару сафедорҳо қадду қомат ва шоху навдаҳои худро намоиш дода гӯё таъкид карданӣ мешуданд, ки баъди чанде хунукиҳои қаҳратун мегузараду баҳор фаро мерасад. Аз нав ба рагу пайванди мо аз ширраи ҳаётбахши замин ҷони

тоза медамад ва мо пумчаву барг, навдаҳои нав бароварда сарсабзу хуррам, боровар мешавем. Мурғакони хушхони аз дуриҳо парвоз карда омада дар миёни шохаву навда ва баргҳоямон лона месозанду чӯҷаҳояшонро парвозӣ мекунанд. Байни шохаву баргҳо ҷаҳони суруду нағмаҳои мафтункунандаи мурғакони хушхон мегардад.

Чанорҳои азамат, ки ду рӯз пеш дар зери онҳо аскарон андаке ист карда буданду ҳар саҳар ба оби чашмаи зери онҳо дасту рӯ мешустанд, дар умри худ садҳо ин хел зимистони қаҳратунро аз сар гузаронида чун мардони боору баномус ба ҳама пастию баландӣ, тоқат доранд.

Азизулло баробари аз хона баромадан ин ҳама манзараро, ки чанд вақт боз пазмонашон шуда буд, тамошо карда, ба назди чашмаи поёни хонаашон фуромад.

Духтари кӯзабадаст, ки дар тан куртаи карбосии ранги қирмизӣ ва дар сар латаи докаи гулрез дошт аз чашма об гирифта, омадани Азизуллоро дида, саросема кӯзаи пури обашро ба рӯи барф монд ва ба сари роҳ баромад. Ҷавон духтарро шинохт ва дар рӯ ба рӯи ӯ беихтиёр истода: — Ассалому алейкум, —гуфт.

Аз ҳаё ба ду бари рухсора ва баёзи гардани духтар сурхӣ давид ва ӯ саломи Азизуллоро оҳиста алек гирифта бо ду сари остин вохӯрӣ намуд, вале дасту по гум карда аввало чӣ гуфтанашро надониста бо сари хам хомӯш истод. Баъди андак вақт ҷуръат карда ба гап даромад духтар.

— Акаи Азизулло, сиҳату саломат омадӣ?

— Худора шукр, падару модари ту нағзанд? Худат хуб духтари калон шудаӣ? Дина мӯйсафеди падарата дидам. Хела пир шида будааст. Қариб, ки мара нашиносад.

— Имшав ҳамаи гапа гуфт. Дар и пагоҳӣ ба куҷо сафар дорӣ? –пурсид духтар бо овози ларзон.

— Ба пеши аскарҳо равам, гуфтам.

— Худат ҳам салот шудаӣ?

— Аскар шудам, Гуландом. Омадам, ки зиндагонира дигар кунам. Ай и пас мебинӣ, ки дар қишлоқ чӣ корҳои хубе сар мешава.

— Ду рӯз шидааст омаданатаву хабармон нагирифтаӣ-ку? –гила кард духтар.

Азизулло аз гапҳои Гуландом дар хиҷолат монда чӣ гуфтанашро надонист. Ҷавон фаҳмид, ки дили духтар кайҳо ба ӯ моил, маҳтали

ишорате будааст. Сабаби ба чашмаи назди хонаи онҳо барои об омаданаш ҳам, шояд, «элак баҳонаю дидор ғанимат» гуфтагӣ гап бошад. Ин тавр, ки намебуд барои чӣ Гуландом дар ин саҳарии сармо чашмаи наздик мондагӣ ба ин ҷо барои об омадааст? Ба ӯ рози дили худро ошкоро гуфтан лозим, фикр кард Азизулло, вале ҷуръат накард.

Ин дам Гуландом дид, ки аз теппаи поёни масҷид чанд нафар мӯйсафедон поён хамбида тарафашон меоянд ва худо накунаду чашмашон ба онҳо афтода, сӯҳбати ӯро бо Азизулло бинанд, дар байни мардум ва ҳамсояҳо чӣ гапҳое дар ҳақашон мебофанд. Гуландом аз роҳ хамбида кӯзаашро бардошта аз нав ба роҳ баромад ва раҳораҳ ба Азизулло гуфт:

— Вақт ки ёфтӣ, мора хабаргирӣ биё.

— Корҳоям, ки камтар сабук шиданд, албатта ба хонатон меоям. Молбониҳомона ба ёд меорем, —шӯхӣ кард Азизулло ва чанд муддат аз қафои Гуландом чашм канда натавонист. «Гуфти очам Гуландом, Гуландоми ростина шудааст», аз хотир гузаронид ҷавон.

Азизулло дар роҳ ба мӯйсафедон вохӯрд. Муллотӯра ҳамроҳи шайхи Сайдаҳмад, Муллоёр ва се каси дигар ба муқобили ӯ омада, зери лаб ким чӣ норозигие доштанд.

— Ассалому алейкум, — гуфт Азизулло баробари ба назди онҳо расидан ва роҳ дод, ки мӯйсафедҳо баҳузур гузаранд.

— Ваалайкум, —гуфта ба танбеҳ шайхи Сайдаҳмад ба саломи Азизулло аранге ҷавоб гардонду дигарон ҳарфе нагуфта аз ӯ гузаштанӣ шуданд. Азизулло бозистод, ки бо ҳар кадоми мӯйсафедон вохӯрда ҳолпурсиашон кунад, вале аввал Муллотӯра, баъди ӯ шайхи Сайдаҳмаду Муллоёр бо ҷавон вохӯриро раво надида, бо қошу қавоқи овезон қадаммониашонро тезонида гузашта рафтанд.

Салом накарда аз Азизулло рӯ тофтани мӯйсафедон бадтарин коре дар шаъни ҷавонмарди кӯҳистонӣ ҳисоб меёфт ва Азизулло дар ҷояш шах шуд. Худро зору нотавону бечора ҳис кард, вале баъди рафтани мӯйсафедон худро ба даст гирифт.

Ин ҳама кори Муллотӯра, аз дил гузаронд ӯ. Мӯйсафед дар ҳақаш дар байни мардум бадгӯӣ кардааст. Дар қишлоқ нуфузи калон дорад Муллотӯра. Ӯ муллоимоми дину шариат аст. Ба ҳукми ӯ ва ҳоким ҳама тобеанд. Мардуми мо авлод ба авлод, насл ба насл мутеи дину шариатанд ва ин мӯйсафедон аввалин маротиба дар ҳаёти худ

аз масҷид ноумед шуда, намози ҷамоа нахонданд. Аламашон вазнин, фикр кард Азизулло.

Охир, дар қишлоқ ба кӯдаки гаҳворагӣ пеш аз номи падару модарро ёд додан сураи қуръон ва номи худову расул, бисмиллоҳу алҳамдуллилоҳро меомӯзанд. Мӯсафедон, ки ба ҳафтод, ҳаштод расидаанд ва тамоми умрашон ба тоату ибодат гузаштааст, ҳама дам дар сари ҳар қадам фикру зикрашон ба дину оин, худову пайғамбар, гурӯ қиёмат, пули сироту оташи дӯзах банд аст ва имрӯз, ки як пои онҳо ба лаби гӯр расидааст, оё ба онҳо осон аст, ки ин саҳар аз масҷид, аз он ҷои муқаддас, ки онро «хонаи худо» меноманд ва имрӯз ҷои хуфту хоби урусҳо, кофирҳо шудаасту онҳо намози бомдодро ҷамоа хонда натавониста ноумед баргаштанд, баъд аз куҷо саломатро алек мегиранд? Ба ақидаи онҳо ту ба кофирҳо шарик шуда омадаӣ.

Боз Скрепник мегӯянд, ки ба хурду калони деҳа моҳияти инқилобро фаҳмонданамон лозим. Бигузор халқ хубро аз бад, сафедро аз сиёҳ фарқ карда, тарафдори инқилоб шавад. Ана биёву ба ин мӯйсафедон, ки шикасту рехти қишлоқ, мурдаву зиндаи мардум дар дасту ихтиёри онҳост, ҳама онҳоро ҳурмату эҳтиром мекунанд, ба фармонашон итоат доранд ва имрӯз ҳатто ба ман вохӯрдан ҳам нахостанд, моҳияти инқилобро фаҳмону рӯзата бин, бачамард. Ба қисман мардум-ку фаҳмонидан осон, вале ба ин мӯйсафедон корест аз ҷонканӣ мушкилтар. Хуб шуд, ки он шаб ба Камоли оҳангару дигарон моҳияти инқилобро андаке ҳам бошад гуфтам. Акнун онҳо бо мардум гап мезананд. Мақсади ба ин ҷо омадани аскаронро мегӯянд.

Азизулло ба сӯи масҷид раҳравон як ҳодисаи панҷ сол пеш аз ин шударо ба ёд овард.

Писари эшони Ҳоҷӣ, Мирзосафар, аз қишлоқи Хосиён, ки аз Ховалинг андак болотар воқеъ аст, мисли ӯ ба мардикорӣ рафта аз Тошканд мӯи сар монда омад. Дар бораи урусҳо ҳар хел гапҳои ғайри шаръӣ мегуфт.

Ин кирдори ӯ дар қишлоқ рӯзи маҳшаре барпо кард. Домулло ӯро барҳақ кофир ҳукм бароварда падараш дар масти хобаш сари писарашро аз тан ҷудо кард. Ба дили худ дар назди дину оин ва ҳокимони шариат кори савоберо ба ҷо оварда, мусулмони комил будани худро исбот намуд. Бо роҳбарии ҳамин Муллотӯра тани бесари он ҷавонмаргро ҷаноза накарданд, ҳатто мурдаашро ба гӯристон роҳ

надоданд, ки касофаташ ба дигарон мерасад. Ҷасади Мирзосафар дар ғори Дараи Дуздон луқмаи дарранда ва лошахӯрон гардид.

Падар, ки ин тариқа мӯъмину мусулмон, худоҷӯ ва поктинат бошаду ба фарзанди ҷигарбанди худ ин қадар раҳму шафқат дошта бошад, пас аз бегонагон, аз Муллотӯра ва пайравони ӯ чӣ ҷои тараҳуму гила, ки онҳо ба ӯ, ба Азизуллои бекас салому алек накардаанд?!

Азизулло бо чунин фикру хаёл ва андешаҳо ба назди аскарон расид ва чашмаш ба равчӯби долони масҷид афтод, ки дар миёнаи он байрақи сурхи инқилобро бо ресмоне баланд бастаанд ва матои лоларанг аз насими пагоҳирӯзӣ оҳиста алвонҷ мехӯрд.

Ҷавон дар ҳошияи байрақ бо ҳуруфоти арабӣ навиштаҷотро хонд:

Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед!

Байрақро Рустами Содиқ – сардори ҳукумати инқилобии Кӯлоб ба ин ҷо фиристодаанд, —аз хотир гузаронд Азизулло.

Ин дам ӯ Гуландомро ба ёд овард. Куртаи карбосии қирмизии ӯ ин саҳар ба ин байрақ басо монанд буд. Ба тани духтар курта он қадар шинаму мувофиқ афтода буд, ки аз ин пеш Азизулло Гуландомро ягон бор чунин зебою ба дил наздик надида буд.

Аскарон кайҳо аз хоб хеста қисмашон лаби чашма ва сарҳавзи зери чанорҳо дасту рӯ мешустанд, баъзеҳо ба машқи бадан, дигарҳо аспҳояшонро кашоғу карда зину абзолҳояшонро ба тартиб медаровардаанд. Навбатдор, Борис Михайлов, аз омадани Азизулло ба командир хабар дод. Скрепник, ки ин дам ришашро тарошида ба дасту рӯшӯӣ мебаромад, Азизуллоро ба наздаш даъват кард.

— Ассалому алейкум, командир! –гуфт Азизулло баробари пеши Скрепник даромадан.

— Субҳат ба хайр, Азизулло. Шабро хуш гузарондӣ? –пурсид командир.

— Раҳмат. Дар пеши модару хоҳарум имшабам хуш гузашт. Ҳамсояҳо, хешу табор омадан, то қариби рӯз сӯҳбат кардем. Шумо ку азоб накашиден?

— Не. Ҳоким чунон меҳмондориамон кард, чунон зиёфатамон дод, ки мондан гиред. Ҳамроҳаш Муллотӯра гуфтанӣ мард ва чанд каси дигар омада буданд. То як поси шаб чақ-чақ карданд. Одами хуб будааст ҳокиматон.

Азизулло ба Скрепник як назар кард, ки шӯхӣ мекунад ва ё гапаш ҷиддист

— Чӣ хаёл кардӣ? Магар ҳоким одами хуб нест? –пурсид Скрепник.

— Ҳолӣ ба собуни одамӣ хуб сар нашустаӣ. Маву шумора ба лаби чашма ташна бурда ташна меорад и одами хуб.

— Ба ин масалат чӣ гуфтанӣ?

Азизулло ба ҷои ҷавоб ба Скрепник боз савол дод:

— Ҳеҷ дар умрат шикор кардаӣ?

— Накардам, вале шикорра дӯст медорам. Шароит, ки наёфтам ба шикор набаромадам.

— «Шунидан кай бувад монанди дидан», мегӯянд. Шикорчии хуб барои ба даст овардани сайди зирак доми мувофиқ мегузорад, ҳилаю найрангҳояшро устокорона ба кор мебарад.

— Шунавем, чӣ?

— Дар деҳаи мо усто Сайёд ном шикорчӣ ҳаст. Ба фикрам, дар ин гирду гӯша ҳеҷ кас дар шикор ба ӯ баробар шуда наметавонад. Вақташ ояд ба ӯ шиносатон мекунам. Ана ҳамон амаки усто Сайёд, барои он ки сайд дар қапқон бӯи ҷои даст расондагиашро нафаҳмад ва аз гузошта шудани дом огоҳ нагардад, ба меху занҷир ва пораҳои қапқонҳояш бо парағаи чӯб равғани зард мемолад ва болои гӯшти зулфаки қапқон, ба ҷои изи дасту пояш аз барги субинак ном гиёҳи хушбӯи хушконида хуб майда карда, бо дока бехта мепошад, то ки дарранда бӯйҳои дигарро пай набурда ба осонӣ ба дом афтад.

Дар ин тобеот касе бабру палангро шикор карда наметавонад, вале усто Сайёд онҳоро зинда дастгир мекунад.

— Бабру паланга, ки шикор карда тавонад, ҳақиқатан шикорчии хуб будааст, —гуфт Скрепник.

— Сайёд даррандагони ваҳшиера, ки ба одамон зарар мерасонанд, шикор мекуна. Бар хилофи рафтори ӯ Ғаюрбек, дар шикори одамо ба манфиати худ аз усто Сайёд дида макру ҳиллаҳора чунон устокорона ба кор мебара, ки баъди ба домаш афтодан ангӯшти ҳайрат мегазӣ, —хулоса карда гуфт Азизулло ва гапашро давом дод:

— Шумо аз ма нағзтар медонен, ки Ғаюрбек барин одамон бе ягон чуну чаро замину молу мулкашона ба мо камбағалҳо муфт намедиҳанд.

— Хуб муҳобот кардӣ, Азизулло, —гуфт Скрепник.

— Бе муҳобот. Ана гӯш кун. Вақте ки мо ҳардумон дина бегоҳӣ ба дари хонаи ҳоким рафтем, диден, чӣ қадар муомилааш нек буд?

Ҳатто ба пешвозамон бромад. То имрӯз и одами хуб саломи мо пойлучҳора алек намегирифт. Паи қадамамона ай ноҷаи дараш бо хорҷорӯб рӯфта мепартофт. И мард имрӯз дидаст, ки ҳукумати шӯро ай Бухоро то инҷо ғалаба кард, акнун ба думҷунбонӣ даромадааст.

— Дар ҳақиқат, ин тоифаҳо, ки одамони хуб мебуданд, моро партияи болшевикӣ мусаллаҳ ба ин кӯҳистон намефиристод. Ман хостам дар ин хусус фикри шуморо фаҳмам.

— Ман аз ҳоким хоҳиш кардам, ки аҳли деҳара ба ин ҷо даъват кунад, —гуфт дар давоми гапаш Скрепник, —Ту баромад карда ҳама мақсадро бо гапҳои соддаю бурро эҳтиёткорона фаҳмон. Вақти гапзанӣ шарм надор. Охир, мо дар паҳлӯи туем, аз чӣ метарсӣ? Ҳама муроду мақсадамонро батафсил гӯй. Бигзор мардум донанд, ки инқилоб дар кӯҳистони шумо бе хунрезӣ ғалаба мекунад. Мумкин мир ҳам расида ояд. Охир, ӯ ревкоми[1] Балҷувон аст, ҳукумат ӯро роҳбари ин музофот таъин кардааст. Элчии ҳоким хабар овард, ки Давлатманд-бий омаданӣ аст. Боз худат марди боақлу бофаросатӣ. Чӣ гуфтанатро медонӣ…

Аскарон ҳама бо низом, бе яроқу аслиҳа, пиёда аз дари масҷид се қатор шуда ба таги чанорҳо хамбиданд. Аҳли деҳ, ки пештар омада буданд, онҳоро ҳалқавор печонида одоби салому алекро ба ҷо оварда, аз наздик ба қадду баст, сару либоси аскарҳо зеҳн мемонданд.

Ба ҷамъомад Ғаюрбеку Муллотӯра ва чанд нафари дигар асп-савор омаданд.

Ҳоким ба ҳамнишинонаш аз асп нафуромада ҷомаи беқасаб дар тану саллаи ғуломҷонӣ дар сар ниҳода худро хӯшҳолу бепарво вонамуд мекард, вале дар асл ҳоким ин дам дар дил хун мегирист.

Баъди ором гирифтани мардум мувофиқи маслиҳати пешакӣ Азизулло, ки дар тан либоси низомӣ дошт ва дар бари Бойченко меистод, аз қатор баромада ба ҳозирон рӯ овард.

— Ҳамқишлоқиҳо! Ба фикрам, бисёриатон ба аскарҳо бо чашми ҳайрат менигаред. Ҳеҷ кас тарсу воҳимае накуна. Аскарҳо омаданд, ки ба мову шумо дар ташкил кардани ҳукумати камбағалҳо ёрӣ расонанд.

1. Ревком — кумитаи инқилобӣ.

— Тавба кардам. пойлучҳо ҳам ҳукумат доштаанд? –шунида шуд овози Муллотӯра.

— Пештар надоштанд, акнун, ба фикрам, давлатдор мешаванд, —гуфт Азизулло ва Муллотӯра хомӯш монд. Азизулло гапашро давом дод. –Бисёриатон медонен, ки ма ба Когон, ба мардикорӣ рафта будам. Бо чашмои сарам дидам, ки дар он ҷойҳо ҳам зиндагии мардум мисли ҷойҳои худмон аст. Дар роҳи оҳани Когону Тирмиз садҳо мардҳо меҳнат мекунанд, лекин музди корашон ба фоидаи ду-се калоншаванда мегузарад. Акнун онҳо ҳақи худро соҳиб шуданд.

Ба и гапам гуфтаниам, ки дар мулки мо ҳам сад кас, ҳазор кас ҷон мекоҳонаду даҳ-дувоздаҳ нафар роҳат мебинад. Дар қишлоқи мо магар ин хел нест?

— Гапат рост, додар, —овоз баровард Камоли оҳангар ва ҳама ба сӯи ӯ нигоҳ карданд, вале мард ба ин аҳамият надода гуфт: —Дар қишлоқи мо қариб чорсад кас зиндагӣ мекуна. Ҳама чорякори як ҳокиманд.

Бисёрии ҳозирон ба нотарсии Камоли оҳангар қоил шуда бошанд, баъзеҳо лаб газида монданд.

Азизулло ин дам ба гап сар кард:

— Чашм кушода олама бубинен. Роҳбари халқи олам, Ленин, оммара роҳнамудӣ карда, дар Россия, ҳокимияти подшоҳира шикаст доданд. Замину молу мулка аз бойҳо гирифта дар байни камбағалҳо тақсим карданд. Дар саросари Россия қариб чор сол боз шоҳу гадо баробар шудаасту дар ҷои мо ҳолӣ ҳам ҳокимон ҳукм доранд.

— Ба доди мо кӣ ҳам мераса? –овоз баровард Қаландар ном марди қоқинаи бурутие, ки аз ҳама пеш дар қатори аввал меистод.

— Дар ҳақиқат додрас надоштем, —гуфт Азизулло, гапи Қаландарро об дода: —Ба имдодмон ягон миру шоҳ нарасид, ба ғайр аз болшевикон, Ленин, ки сарвари мост ва имрӯз аскарҳо намоянда ва фиристодаҳои ҳукумати шӯроанд, ба додамон расиданд.

Ана ин мӯйсафедон, падару бобоҳои мо, —ба чанд кас ишора карда гуфт Азизулло, —ба фикрам, дидаанд, ки Восеъи ҳамватани мо ай ҳамин Дараи Мухтор мардума ба як ҷо ҷамъ оварда шӯриш карданд.

— Баъд куҷора гирифтанд? –сухани Азизуллоро бурида гуфт Ғаюрбек.

— Восеъ шумо ҳокимҳора мағлуб накарда бошад, пояи амората ба ларза овард. Худи шумо барин калонон ӯро бо роҳи фиреб баста

бурда ба воситаи амиратон ба дор овехтен, лекин Восеъ дар дилу дидаи мо зиндаҳай. Мора дига фиреб дода наметавонен, мо ҳимоятгар, пушту паноҳ дорем! Чашмомона инқилоб кушодааст, ақламона расо кардаст. Мо кори ба ахир нарасондаи Восеъи паҳлавона давом медиҳем. Гулхани болои ҳу ана он теппаҳои Сурхсақова дар додаи Восеъ то ҳолӣ хомӯш нагаштаст!

Азизулло бо дасташ сӯи Сурхсақова ишора карда гуфт:

— Он оташа падару бобоҳои мо то имрӯз нигаҳбонӣ карданд. Мо и оташа болои кӯҳҳои Чилдухтарону Дарвоз фурӯзон мекунем, то ҳама одамҳои олам бубинанд, ки мо ҳам одами озодем, ба худ ору номус дорем, хонаву дар, замину Ватан дорем! Сухани Азизулло тамом нашуда овози Муллотӯра баланд шуд.

— Ба ҷои Ғаюрбек худам ҳоким мешавам, гӯй! Ҳоли дунё ба ахир нарасидааст, ки ту кофири пойлич ҳокимӣ кунӣ, дину шариата ба по занӣ! Чӣ мардӣ дорӣ, ки хонаи худора ҷои хоби кофирҳо кардӣ? Ватандори чӣй, ки ватаната аҷнабӣ помол кардааст? Чӣ одамӣ, ки хоната ҳарому ҳарич мекунанд?!

— Даҳоната пӯш, — оҳиста таъкид карда аз болои зин нимхез шуда гуфт Ғаюрбек ба Муллотӯра, зеро мехост ҳама корро ба осонӣ ба фоидаӣ худ ҳал кунад.

— Ма, домулло, ҳоким шудан ният надорум. Дар ҳукумати камбағал ҳама баробаранд. Касе ба дину шариат кордор ҳам намешава, домулло ҳар гапа фикр карда зан. Аскарҳо ба шумо барин кас раҳм намекунанд, —гуфт Азизулло.

— И тавр, ки бошад, барои чӣ саллотҳо яроқу аслиҳа қатӣ омадаанд? Дар ҷойҳои дига ҳазор-ҳазор мусулмона ҳамин урус накушта, кӣ кушт? –Мисли мулло токат карда натавониста пурсид Ғаюрбек ва хост ба ин роҳ Азизуллоро мағлуб карда бештари одамонро ба тарафи худ моил кунад. Ба ин савол ҷавоб ёфтан мушкил буд, вале Азизулло худро ба даст гирифта ҷавоб гуфт: —Аскарҳо барои муҳофизати камбағалҳо яроқ ба даст мегиранд.

— Ҳеҷ кадоми мо ба ғазо хестанӣ нестем, ки шумо шамшеру камон кашед, —мубоҳисаро давом доданӣ шуда гуфт Ғаюрбек.

— Мо ҳам касера сар задан ният надорем, ҳоким, вале вақте ки шумо ба атрофи худ пайравоната ҷамъ карда, бар зидди ҳомиёни инқилоб ғазо карданӣ мешавен, он вақт, ба фикрам, тиру камон ба мо лозим шуда мемонад. Ҳоким, ба шумо боз таъкид карданиам, ки салотҳо ба муқобил будагон раҳм намекунанд.

Аз ин ҷавоб Ғаюрбек дар худ печид ва ҷилави гапро ба дигар тараф гардонд.

— Ин қадар аз худ нарав, Азизулло! Ту ҳам фарзанди мусулмонӣ, рӯҳу арвоҳа ба ёд биёр! Ҳазор-ҳазор мӯъмину мусулмон чӣ гуноҳ дошт, ки ҳамара ай Бухоро то ин ҷо сар задед? Магар инқилобаш ҳамин аст?

— Мӯъмину мусулмонҳора гумроҳ накун! –гапи ҳокимро қувват доданӣ шуда гуфт Муллотӯра ба Азизулло. –И мӯъминҳо мисли ту мазҳабу дину оинашона, имонашона ба кофирҳо фурӯхтанӣ, малъун шуданӣ нестанд, чунон ки худи ту кардаӣ!

— Эшонӣ домулло, як гӯсфанд миёни ду гург афтодагӣ ворӣ ба ҳуҷум гузаштен! Давраи калонгаритон кайҳо гузаштаасту нав хабар ёфтен? –гуфт Азизулло бо қаҳр. – И қадар даҳонатона бефаровез сар додед! Мо, худора шукр, каму беш хубу гандаи дунёра медонем. Мо алҳамдулиллоҳ мусулмонем. Ба ҳимояи мардум хеста, кофир мешудаем, магар? Мисли шумо ягонтои мо аз ҳаққи мардум рӯз намегузаронем. Мо ҳама умр бандаю ғулом набуда кӣ будем? Барои чӣ ҳокимам гуфта шумо дар 250 таноб замин ғалла мекореду ба дигарҳо заминҳои пури хор мерасанд? Худи шумо, домулло, як поятон ба лаби гӯр расида ду зани нозанина соҳиб шудаеду Ғоибназари сағира ба сӣ даромада то ҳол аз қафои рамаи Ғаюрбек бе зан гаштааст? И чӣ мусулмониву адлу инсоф аст? Худи ма барои қарзе, ки аз гӯру чӯби падарум ба гарданам афтода буд, магар овораи ҳафт мулк шуда ба ғарибиҳо нарафтам? Магар ма ай шумо камие дорам? Худора шукр, чор ишкели дасту поям ба шумо баробар аст.

Барои чӣ мардум шабу рӯз ҷон коҳонда барои мурдаи падару бачаҳояшона гӯр кардан карбоси кафанӣ намеёванд?! Магар ин аст инсофу мусулмонии гуфтагиатон?! И ҳама давлату савлата ай кадом ҳисоб ҷамъ карден? Ҷавоб диҳед? Чӣ даматон ба дарун афтод, ҳоким?! Хуб, ки аскарҳо гапҳои гуфтаатонро намефаҳманд, набошад ҳамин ҳозир зиндаатон наменонанд. Шумо худро боақл гуфта ба аҷалатон бозӣ мекунед? Ба кадом забон ба шумо боз фаҳмонам?

— Валлоҳ, ки рост мегӯяд, бачаи мардак, —шунида шуд овози бобои Хоркаш. –Пир шудам, набошад, мисли Восеъ ҳамара ба по хезонда барои нони серӣ даъво мекардам.

Ғаюрбек ба гапҳои бобои Хоркаш тамасхур намуда, тавба гуфт ва пурсид:

— Ту мӯйсафеди беимон ҳам дар қатори одамҳо гапзан шудӣ?!

— Ма, алҳамдулиллоҳ, мусулмонам, ҳазрати ҳоким, —ҷавоб дод мӯйсафед. –Валлоҳ, ки худи ту имон надорӣ!

Мардум ба нотарсӣ ва ғаюрии бобои Хоркаш қоил шуда хандиданд.

— Боз кӣ нияти гап задан дора? –хоҳиш кард Азизулло ва дид, ки усто Сайёд майли сухан дорад.

— Амаки Сайёд! Мумкин гапи гуфтанӣ дошта бошен, шарм накунен, баромада гап занен, мардум шунаван, —гуфт Азизулло.

— Ҳама гапа гуфтанд. Ма чӣ гӯям? –гуфта мард оҳиста ба гап сар кард: —Солҳо косибӣ мекунам. Дар паси кундаву сандалӣ шишта кафшу маҳсӣ медӯзаму пои хонаводаам кафшу маҳсира намебина. Кӯдакҳом ба гӯшти бузҳои ай кӯҳҳои Фурӯшу Чилдухтарон шикор карда овардаам калон шуданд. Кафшу маҳсиҳои гулдӯзима дар пои зану духтарҳои ҳокиму домулло дида зану бачаҳоям орзу мекунанд, ки ҳамон хел попӯшӣ дошта бошанд. Мебинӣ боз дар поҳошон чоруққои садямоқи поринаанд. «Кафшдӯз пои занаш лучай», мегуфтанд, рост будаст.

— Ҳолӣ ҳозир дар пои худаш бубинед чоруққои хомаканд, —гуфт ба шӯхӣ Қаландар, ки дар паҳлӯи усто Сайёд буд.

Ҳама ин гапро шунида ба чорукҳои хомаки пои усто Сайёд нигоҳ карда хандиданд. Мардак шарм кард.

— Усто, гапата давом деҳ, изо накаш, —гуфт Камоли оҳангар. Усто Сайёд боз ба гап даромад.

— Ай ҳамон бузҳои шикор мекардагиам ҳам ҳоким тамаъ дора. Ай шикор ба хона расам нарасам, ки хизматгорҳош бӯ мегиранд, чӣ балое, ки даррав ба хонаам ҳозир мешаванд. Буду шуди овардаама мебаранд, додар. Ин зиндагии мо зиндагӣ не, ҷонканиҳай. Кадом рӯзе аз паи ягон таккаи бадбӯ ай сари шахи Валвалак ҷар шида ҳаром мемураму сағираҳом бесоҳиб мемонанд.

— Бачаҳои мову ту дига бесоҳиб наменонанд, усто, —гуфт Қаландар. –И ҳукумата меган сағерапарварай. Мо соҳиб ёфтем, буродаро, —гуфт мард ва илова намуд. –То кай тарсида хап карда мешинем? Мо ҳам одамем, ку, агарчӣ Ғаюрбеку Раҳимбой, одамамон ҳисоб накунанд. Давраи мо ҳам омад. Хоҳанд ба хубӣ, нахоҳанд ба зӯрӣ молу давлатшона кашида мегирем!

— Шумо гаптона гуфта тамом кунен, ягон рӯз навбати мо ҳам мераса! –охир аламашро фурӯ нишонда натавониста гуфт Ғаюрбек. Ин дам ҳама ба Азизулло нигаристанд, ки чӣ мегуфта бошад.

— Эшони ҳоким! –ба гапи Ғаюрбек ҷавоб гардонидан хоста гуфт Азизулло. –Худатон нағз медонен, ки ҳама кори дунё навбату соат дора. Гапҳои таҳдоратона ба худатон гирифта барен. Шумо китобхонед ва медонед, ки Фирдавсии бузургвор фармудааст:

Чунин аст расми сарои дурушт,
Гаҳе пушти зинӣ, гаҳе зин ба пушт.

Акнун, ба фикрам, навбати болои зин нишастани бараҳнагону пойлучон расидааст. Хоҳед, нахоҳед Қаландару Муртазо, бобои Хоркашу усто Сайёд шумора ай асптон мефурорand. Ин ҳаққу ҳуқуқа ба онҳо инқилоб додааст.

— Азизулло, ҳамара шунида мара ҳаваси гапзанӣ омад. Як ду даҳан гап занум, албат осмон ба замин омада намечаспад, —гуфта усто Ҳисайни дуредгар вазнин-вазнин қадам монда ба миёнаҷои майдон баромад.

— Марҳамат, акаи усто, гапатона натарсида гуед, мардум шунаванд, -гуфт Азизулло.

Усто Ҳисайн дастонашро ба локии миёнаш андармон карда ба гап даромад:

— Хешу таборҳо! Ма гуфтаниям, ки инҷо Азизуллову усто Камол гапҳои маъқул гуфтанд. Рост, ки Ғаюрбеку Муллотӯра ҳам ба зайли худшон гап задан. Мо имрӯз, ба бало мондем. Тарафи инқилоба нагирем, моро мекушанд. Ба инқилоб тарафдор шавем, кофир эълонмон мекунанд. Ҷон, сабил, чизи ширинай, ҳеҷ кас мурдан намехоҳад. И салота бубину шамшеру туфанга, ростӣ, ки имрӯз ба аҷал рӯ ба рӯем. Дар ҳукумати инқилобӣ ҳама баробар мешудааст. Ба ҳама як чен замин медоданд. Бисёриҳо тарафи Азизуллора гирифтанд. Лекин кай и корҳо мешаванд, номаълум. Ғаюрбеку Муллотӯраву дигарҳо бошанд, барое, ки молу чизҳошон ай дастшон нарава, мулку хонаҳошон ҳаром нашава, думболи мусулмонира сахт қапиданд. Ма, ростӣ, ки мусулмонии инҳора хуб дидаму медонум. Ҳамаи шумоҳо медонен ай ҳукумати нав боша то ҳолӣ ягонтамон манфиат надидем. Агар ростуша гап занум, дили ма на тарафи инқилоб мекашаву на

тарафи ҳокиму муллоҳо. Хоҳ гапи хуб гӯеду хоҳ дашном, ки мара Ҳисани ёғӣ меган. Намефорам, ки дар тори сарум як каси дига каттагӣ куна. Барои замину давлат шида корду камон кашида ба ҷанг намебуром. Мехоҳум, ки баробари дигарҳо чени тавонистагим кор кунуму ризқу рӯзима ба ҳами дастҳо ай санг боша, ҳосил кунум.

Усто Ҳисайн остин барзада дастони серрагу пояшро ба ҷамъомадагон нишон дод ва аз нав онҳоро ба локияш андармон карда гапашро давом дод: —Яктаатон мебуроен тарафи инқилобчиёра мегирен, дигарҳо ай болои асп худҳошона мусулмони комил тарошида «дунё кофиристон шуд» меганд. Ма намедонум, ки сарма дар кадом гӯр бизанум.

— Ту, ёғӣ, ҳолӣ бест и урусо хокта дар ғирбол мебезанд. Ӯ мо набудем, ки ай ушру закот додан гардантовӣ кунӣ! –гуфта Ғаюрбек усто Ҳисайнро ба манфиати худ ба муқобили Азизулло шӯр барангехтан хост.

— Э ҳоким! Ма дар ӯ давра, ба ту итоат намекардум, дар и давра ба инҳо ҳам итоат намекунум. Ба дунё ёғӣ омадам, ҳамин хел ёғӣ меравум. Як ҷона худо додаст, худо мегирадаш. На ту гирифтааш метавонию на инҳо. Ма ба пеши ҳар касу нокас гардан пас намекунам.

Азизулло, додар, ма дигарҳо ворӣ дар пеш «хӯш» намегуму ай қафо ғайбат кунум. Ай дасти касе, ки чӣ коре ояд кардан гира. Ма ба хубу гандаи касе кор намегирум, ба ма ҳам кордор нашавен.

Усто Ҳисайн ин гапҳоро гуфту интизори ҷавоб наистода аз майдон баромада ба сӯи хонааш роҳ пеш гирифт. Ҷамъомадагон то хеле вақт аз думболи ӯ ҳайрон нигоҳ карданд.

Азизулло чунин баромад кардану фикрроириро интизор набуд. Ӯ аз аввали рӯзҳои дар қатори Армияи Сурх будан то ин дам дида ва шунида буд, ки дар ҷамъомадҳо ҳар гурӯҳ одамон баромад мекунанд, гапҳои пасту баланд мегӯянд, вале мисли усто Ҳисайн ошкорро гап задану мақсадашонро рӯи рост гуфтанро то ҳол аз касе нашунида буд. Ба ин тариқ шахсон дарҳол ҷавоби дуруст ёфтан ҳам кори осон набуд.

Гапҳои усто Ҳисайнро баъзеҳо нимшӯхию нимҷиддӣ фаҳманд ҳам, вале он чӣ дар дил дошт мардонавор баромада гап зад, фикр кард Азизулло. Усто ҳамаро қоил кард. Дуруст аст, ки ӯ то ҳол манфиати халқро ифода карданӣ инқилобро нафаҳмидааст. Аз рафтору кирдори

ҳокиму давлатдорҳо ҳам розӣ нест. Мардак беҳокимиятӣ, озодии шахсиро тарафдор аст. «Аз ҳама пеш худам тинҷу осуда бошам», —мегӯяд. «Дунёро об зер кунад мурғобиро то зону», —гуфтанӣ масал ба рафтори усто Ҳисайн мувофиқ меояд. Вале намедонад, ки дар сурати бадбахт будани ҷамъият як ё ду кас хушбахт буда наметавонд ва агар тавонад ҳам ин хушбахтӣ муваққатию ҳайвонист. Мо бояд барои озодию ободӣ ва хушбахтии ҳама рӯи замин, тамоми инсоният мубориза барем. Бо усто Ҳисайн инро фаҳмондан лозим буд, вале мардак тоқат накарда баромада рафт. Ба ӯ албатта маслиҳат даркор, фикр кард Азизулло баъди рафтани усто Ҳисайн ва ба ҷамъомадагон эълон намуд:

— Ҳар кас, ки тарафдори ҳукумати камбағалҳо боша, ба масҷид, ба штаби инқилобӣ рафта номаша ба рӯйхат нависона.

Ғаюрбеку Муллотура ҳамроҳи дигар саворон сари аспҳояшонро ба сӯи хонаҳояшон гардонида хомӯшу сархам ва маъюс ба роҳ даромаданд. Қисме аз ҷамъомадагон низ аз дунболи онҳо рафтанд. Инҳо Муллоёру Шайхи Сайдаҳмад, Суфиалӣ ва дигарон буданд.

Равандагон ҳар чӣ аз ҷамоа дур мешуданд, ҳамон қадар оташи қаҳру ғазаб, кинаву адоват, дилу ҷонашро зиёдтар месӯзонд.

Дар баробари камоли оҳангару усто Сайёд, Муртазою Қаландар ҷамъ 97 нафар мардони Ховалинг, аз мӯйсафедон бобои Хоркашу Талаби гадо ба штаби инқилобӣ, ба назди Бойченко омада хоҳиш карданд, ки номашонро дар қатори тарафдорони ҳукумати камбағалон нависанд.

— Дигар қуввату мадорам намондааст, —гуфт бобои Хоркаш, вақти номнависӣ. –Ягон боре ба ҷангал раваму ҳезуми чорпарағаи фарку заранг биёрум, ба бозор бурда мефурушуму рӯз мегузаронум, се-чор танга ҷамъ мекунуму як чиз-ним чиз пас мепартом, ки гуру кафаниям шавад.

Талаби гадо, ки мӯйсафеди бекаси маъюб буд ва дар кулбаи вайронаи поёни деҳа танҳо зиндагӣ карда ба гадоӣ умр ба сар мебурд, имрӯз ба ҷамъомад дертар расида омад ва аввал чизе фаҳмида натавониста аз Муртазо, ки дар наздаш рост меистод, пурсид:

— Бачам, ин одамҳо боиси чӣ ҷамъ омаданд?

— Ҳукумати камбағалҳо мешудааст, бобо, —ҷавоб дод Муртазо.

— Чӣ хел ҳукумат гуфтӣ? –нафаҳмида пурсид мӯйсафед.

— Ҳу ана он мардакҳора мебинӣ? –ба сӯи аскарон ишора карда гуфт Муртазо.

— Дидум, хайр чӣ?

— Ана, онҳо омаданд, ки молу мулки бойҳора ба мову шумо баробар тақсим карда диҳанд.

— Эй не, бачам, фиребум мекунӣ. Магар худо ба мо ҳам молу чиза раво мебинад?

— Чӣ гуноҳ дорем, ки намедидааст?

— Бой, бачам, ҷонша медиҳаву молу чизаша не. Мемураву ҳушу гӯшаш ба молу чизаш банд.

— Ба хубӣ, ки надиҳа ба зӯрӣ гирифта тақсим мекунем. Ин мардакҳо, бобо ба ҳамин мақсад омаданд.

— Ин хел боша, худо бараката дар саршон бireза, умри худшона, зану бачаҳошона дуроз куна, —гуфт Талаби гадо ва ӯ низ аз қафои дигарон ба масҷид рафта хоҳиш кард, ки номашро дар қатори тарафдорони ҳукумати камбағалон нависанд.

## БОБИ VII

Саҳарии рӯзи дигар Камоли оҳангару усто Сайёд мардони деҳаро, ки номҳои худро ба рӯйхати тарафдорони ҳукумати камбағалон нависонда буданд, хабар карданд, ки ба масҷид раванд, маслиҳат мекардаанд.

Бобои Хоркаш баъди шунидани ин хабар як дарза ҳезуми параға сари гардан аз ҳавлияш баромаданӣ буд, ки Муртазою Қаландар аз пеши роҳаш баромаданд.

— Бобо, дар ҳамӣ рӯз ҳам ҳол надорӣ? –пурсид Қаландар.

— Не, бачам. Валлоҳ ҳамӣ ҳозир хабарам карданд, ки дар масҷид маҷлис мекардаанд. Гуфтум онҷо дар ин чиллаи зимистон ай хунукии дириқ-дириқ ларзидана камтар алов кунем. Ҳам худмон гарм мешавем, ҳам салотҳо сару либос, мӯзаҳошона хушк мекунанд, савоби олам мегирем.

— Мӯйсафед ҷони одамай, —гуфт Муртазо ва аз китфи Қаландар дошта ӯро ба қафо гардонд. –Баргард, мову ту ҳам як қапӣ ҳезум

бигирем. Агар боби Хоркаша намедидем, ақламон намегирифту ду даст дар бинӣ ба масҷид мерафтем. Рафтори мӯйсафедро дида чанд каси дигар ҳам ба масҷид ҳезум оварданд.

Аз байни алангаи гулхани оташдони масҷид дуди ғализ ҷудо шуда ба сақфу болорҳо бархӯрда аз дудбаро ба берун мебаромад. Дар оташдон лахчаҳои аз парағаҳо боқӣ монда мавҷақ зада ба ҷисму ҷони одамон ҳузуру ҳаловат мебахшид. Ҷамъомадагон ба гирди гулхан давра ороста дар ҳар боб сӯҳбат доштанд. Имрӯз ба масҷид аз сад нафар одам зиёд, шахсоне низ омада буданд, ки дина номҳои худро дар қатори камбағалон ба тарафдории ҳукумати шӯро нависонда буданд. Инҳо усто Зайниддини косиб, ки кафшу маҳсидӯзи номӣ буд ва дар дӯконаш ҳар сол ҳафт ҳашт ҷавонро ба шогирдӣ қабул карда то ба дараҷаи устоӣ мерасонид ва баъд ҳар кадом дар хонаҳои худ ба ин касб машғул мешуданд. Усто Саидмӯъмин, ки чӯбкории аксар масҷиду хонаҳои боҳашамати давлатдорони деҳаҳои атрофро ӯ ба ҷо меовард, бори аввал ба маҷлис омада буданд. Ба масҷид инчунин одамони миёнаҳол, ки як тарафи дилу ҷонашон ба ҳукумати камбағалон бошад, тарафи дигари дилашон барои аз даст рафтани як қадари молу чизашон месӯхт, ҳозир шуданд. Ба гуфти Камоли оҳангар, инҳо шахсоне буданд, ки санҷидаю дониста баъд белро ба равиши об мезаданд.

Бойченко аз ҳозирон хоҳиш кард, ки ба тартиб ҷо гиранд ва баъди бо Скрепнику Азизулло маслиҳат кардан Азизулло ба гап сар кард.

— Ҳамқишлоқиҳо! –дар рӯ ба рӯи нишастагон гуфт ҷавон. — Имрӯз мо барои он ҷамъ омадем, ки дар деҳа ҳукумати нав, ҳукумати камбағалҳора ташкил кунем. Ба и ҳукумат одамҳое аъзо мешаванд, ки тарафдори бародарию баробарӣ бошанд. Бародарию баробарияш ҳамин, ки дар хонаи ма ки як санг гандуму як гов бошад, бигзор ҳамсояам ҳам ҳамин молу ҳолро дошта бошад. Яъне ма гуфтаниям, ки як кас анбор-анбор ғалла дошта бошаву даҳ каси дига ай бенавоӣ, ай гуруснагӣ дар ба дар гадоӣ куна, намешавад.

— Нон, ки дошта бошам, барои чӣ гадоӣ мекардам?! –овоз баровард талаби гадо ва илова намуд: —Бачам, мара таъна накун!

— Не, бобо, ба худо, ки шумора таъна накардам, —гуфт Азизулло.

— Ба ҳама ҷамъият гуфта истодам, бобо, шумо, малол нашавен.

Талаби гадо хомӯш шуд ва Азизулло гапашро давом дод.

— Бисёриҳо ба гуфти бою давлатдорҳо рафта гумон мекунанд, ки ҳукумати инқилобӣ хонаву дар, зану фарзанд, ҳамара якҷоя карда дар байни неку бад, ҳалолу ҳаром фарқ намегузора. Дина худтон диден, ки Муллотураю Ғаюрбек барои аз дасташон нарафтани молу давлаташон чиҳо гуфтанд. Дар байни мардум дар ҳаққи мо тӯҳмату бӯҳтонҳоеро паҳн карданд, ки ба гуфтани онҳо забон намегарда. Гӯё аскарҳои инқилоб ба мақсаде омада бошанд, ки ҳама дину оини мусулмонира нест мекарданд, ҳама молу мулки одамора ба ғорат мебурдаанд.

— Дар ҳукумати нав намоз хонда мешава? –ногоҳ савол дод усто Сайёд.

— Барои чӣ намешидаст? Шумо намозатона хондан гирен, касе ба шумо кор намегира, лекин дар замини ҷамъиятӣ барои манфиати ҳама кор кардан шартай. Намоз мехонам гуфта кор накунен, бо фикрам, ана ин хелаш намешавад, —гуфт Азизулло.

— Ба хонаву дар, зану фарзандҳомон ба ростӣ, ки кордор намешаванд? –савол дод усто Зайниддин.

— Не, касе кордор намешавад, —гуфт Азизулло. –Аскарҳо дар шаҳру деҳаҳои худашон мисли шумо хонаву дар, зану фарзанд, дину мазҳаб доранд. Минбаъд ҳар яки мову шумо дар хонаву дари худ мемонем, ба ҳукумати камбағалҳо ҳар кас аъзо мешавад, мувофиқи қобилияташ кор мекунад, мувофиқи меҳнаташ музд мегирад. Яъне ман гуфтаниям, ки ҳама баробар кору зиндагӣ мекунем. Ҳама баробар замин, молу ҳол мегирем. Рӯзона дар як замин, ки кор кардем, бегоҳ ҳар кас ба хонаи худ, ба назди кӯдаки худ меояд. Аз ҳосили рӯёнида, ки маҳсули кори ҳамаамон аст, ҳар кас мувофиқи кори кардагиаш ҳақ мегирад. Ба дину расму оини мо касе кордор намешавад. Тӯю маросимҳоро чун пештара ба ихтиёри худ мегузаронем.

Ин дам дари масҷид кушода шуда аз он ба иҷозати посбонҳо мири Балҷувон, Давлатманд-бий, Шамсиддин Туқсабо ва Ғаюрбек ворид шуданд. Давлатманд-бий ҷомаи зирабеқасаб, саллаи абрешимини кабудчатоб, мӯзаҳои сиёҳи ялаққосии дӯхти хориҷа пӯшида, дар дасташ қамчинро бозӣ доронда худро бо салобат нишон доданӣ мешуд.

Одатан ӯ тозаю озода мегашт. Ҳатто зину абзоли аспаш низ аз саворони дигар фарқ дошт. Лаҷоми нуқракӯби баргакдор, узангуҳои сафеди нукрагини ӯ дар байни дигар саворон ба чашми кас алоҳида метофтанд.

Хуб шуд, ки салотҳо моро ба наздашон даъват карданд, аз хотир гузаронид мир. Вақте ки элчии Ғаюрбек дар баробари дигар ҳодисаву воқиа гуфтаҳои ҳокимро ба ӯ начакондаву нарезонда хабар дода, инчунин гуфт, ки бояд мир ба Ховалинг, ба назди салотҳо равад.

Дар баробари хоҳиши салотҳоро ба ҷо овардан, фикр кард мир, ба афту андом ва чӣ гуна мусаллаҳ будани онҳо шинос мешавам. Аз мақсаду нияташон бохабар мегардам, гуфта Давлатманд-бий ба Ховалинг омада буд.

Ҷамъомадагон ҳокимонро дида ба ҷунбиш даромаданд.

Азизулло, —Марҳамат, —гуфта ба пешвози ҳокимон баромад ва аз онҳо хоҳиш кард, ки дар қатори пеш ҷо ҳаст, гузашта нишинанд. Давлатманд-бий ҳамроҳи Шамсиддин туқсабо бегоҳӣ ба Ховалинг омада буд ва ин шабро дар хонаи Ғаюрбек рӯз карда, саҳарӣ ҳокимро ба ҳолаш намонда дилу бедилон ба масҷид, ба назди аскарон оварда. Ҳарчанд Ғаюрбек аз дилшикастагии дирӯза дар хиҷолат монданашро сабаб нишон дода, рӯи нодид доштанашро нисбат ба русҳо ошкоро гуфта бошад ҳам, вале мир ӯро ҳамроҳ гирифт ва таъкид кард, ки барои саркашӣ ва муқобилат ҳолӣ вақт ҳаст.

— Ҳама мақсади салотҳора фаҳмида баъд амал карданамон даркор, —таъкид карда буд Давлатманд-бий ба Ғаюрбек.

Вақти ба дари масҷид расидани ҳокимон касе ба пешвозашон набаромад ва ба онҳо ин рафтор алам кард. Онҳо аспҳояшонро ба яккамехҳо баста ба авзои бечо дохили масҷид гардида буданд. Давлатманд-бий ба аҳли ҷамъомад боодобона салом дода бо чашми ҳайрат нигариста, ноилоҷ хоҳиши Азизуллоро ба ҷо овард ва дар қатори пеш нишаст.

Азизулло аввал ба ҳокиму мир ва баъд ба ҷамъомадагон назар намуда ба гап сар кард.

— Имрӯз дар қатори мову шумо камбағалҳо, Давлатманд-бий, раиси комитети инқилобии Балҷувон нишастаанд. Ман ай номи шумо ва ҳукумати инқилобӣ хоҳиш доштам, ки онҳо дар байни одамони бою бадавлат ва муллоҳо ташвиқот баранд, то ки ҳама ба тарафи мо, ба тарфдории ҳукумати камбағалҳо гузаранд.

Азизулло андешамандона ба Давлатманд-бий ва Ғаюрбек нигоҳ карда суханашро давом дод.

— Қисми зиёди одамони соҳиби молу ҳол ба фармони шумо мир, итоат мекунанд, ба гапатон гӯш медиҳанд, ба фикрам, гуфтаатонро иҷро мекунанд. Чӣ мешуд, ки шумо ба онҳо маслиҳат дода бо мо ҳамрай мекардед, ба мардум ёрию мадад мерасондед. Ба ҳамин мақсад мо шуморо ба инҷо даъват намудем, ки маслиҳат кунем.

Давлатманд-бий дид, ки ҷамъомадагон мунтазири ҷавоби ӯянд аз ҷо бархост ва ҳамраҳонаш низ ба ӯ пайравӣ карда дар бараш рост шуданд.

— Гуфтаҳоятон ба чашм, —гуфта буд мир, ки овозаш ларзид, вале ӯ худро дарҳол ба даст гирифта, аз рӯи одат саллаашро андаке ба тартиб даровард ва даст ба риши кулутааш бурд.

Мир хост барои дили Азизулло шуда, —мо садқаи ҳукумататон мешавем, —гӯяд вале забонаш барои гуфтани ин гапҳо нагашт ва хомӯш монд.

Ҳозирон аз оҳанги гуфтори ӯ ҳис карданд, ки Давлатманд-бий аз алам дар чунин ҳолати ногувор чӣ гуфтанашро медонад ва кирдораш ба гапаш мувофиқ нест, вале ҳама хомӯш ба ӯ гӯш карданд, ки боз чиҳо мегӯяд.

— Маро, ки ба ин мақсад ба наздатон хонда бошен, имрӯз ихтиёр ба дасти шумост. Мо тарафдори шумоем, —гуфт Давлатманд-бий ва ба ҷои худ нишаст.

— Куҷо диден, ки гург бо гӯсфанд ошно бошад? –ногоҳ гуфт Камоли оҳангар, вале Азизулло дарҳол ба ӯ нигоҳи маънидоре кард, то ки ҳарфи носазое нагӯяд.

— Шумо ин рӯз гург шуда бошед, мо ҳамон гӯсфанд, ки будем, ҳастем, —ғазабашро фурӯ нишонда бо оҳанги сулҳҷӯёна ҷавоб гуфт мир.

Камоли оҳангар ин дафъа ҳам паст омаданӣ набуд, вале аз нигоҳи Азизулло рамуз гирифта хомӯш истод. Ба ҷои ӯ Азизулло ба гап даромад.

— Дар чунин рӯзи мушкил дар ҳақиқат касро алам мекунад, ҳазрати мир, вале хуб мешавад, ки шумо ба таклифҳои мо розӣ шавед. Дар мақсади мо, ба фикрам, ягон ноинсофӣ ва беадолатие нест. Аз мулки русҳо то кӯҳистони мо саросар ҳама ба тарафи ҳукумати инқилоб гузаштанд. Муштро ба дарафш чӣ нисбат мир?

Шуморо мо на ба мақсади тарсондан, балки барои он даъват кардем, ки наздикону ҳаммаслаконатонро фаҳмонед, огоҳ кунед, то ки ягон беақлӣ накунанду ба муқобили намояндагони ҳукумати нав ғазо ташкил кунанд, чунки бисёрии муқобил баромада хуни ноҳақ рехтагиҳо охир ба хуни худ оғушта гардиданд.

Суханҳои Азизулло гӯиё оби сарде буданд, ки ба оташи аланга гирифтаи дили Давлатманд-бий рехта онро андаке хомӯш карданд ва мир аз хотир гузаронид, ки ин бача аз куҷо нақшаю мақсади ӯро медонад? Кӣ ба ӯ аз нияти ғазо ташкил кардан хабар дода бошад? Охир ин ният танҳо дар шууру майнаи ӯ ниҳон аст ва ба ғайр аз Шамсиддин туқсабою Муллоисо дигар сирри дилашро ба касе нагуфтааст.

Мир намедонист, ки Азизулло дар мактаби Аскарони Сурх, дар мактаби инқилоб, сабақ гирифтааст ва бо чунин ҳокиму давлатдорҳо на танҳо рӯ ба рӯ мубориза бурдааст, балки пеш аз худи онҳо аз мақсаду ниятаашон ба хубӣ огоҳ аст.

— Не, додар, — ба мулоимӣ гап сар кард Давлатманд-бий, — Мо ҳеҷ моҷарою ҷанг карданӣ нестем. Ният ҳам надорем. Ҳама мардуми мусулмони кӯҳистон тарафдори шумоем. Тақдирро такбир карда намешудааст. Мулкамон кофиристон мешавад, —дар охир тоқат карда натавониста гуфт мир ва оҳи бадард кашида оҳиста ба ҷояш нишаст.

— Мо ҳам ба фикри шумо розӣ, —гуфт Азизулло, —вале мулкамон кофаристон намешавад. Ҳамин ҷамъомадагон худашон мулкамонро идора мекунанд. Шуморо ҳазрати мир ревком (Комитети инқилобӣ) таин карданд. Мусулмонӣ, дину шариат, адлу инсоф ба шумо вобаста аст. Ҳар яки мо дар дину мазҳаби худ меистем. Халқ, ки ҳокимиятро ба даст гирифт худаш бо кадом роҳ, дар кадом дину шариат ва мазҳаб мондан ва ё намонданашро худаш ҳал мекунад.

— Хато карда бошем бубахшед, —аз ҷо хеста гуфт мир ва аз нав ба ҷояш нишаст.

— Мубоҳисаро бас карда ба масъалаи дигар мегузарем, гуфт Азизулло. –Масъалаи дигар ба рӯйхат гирифтани молу ҳоли одамон аст. Ҳозир ба навбат ҳар кас омада гӯяд, ки дар хонадон ва зиндагӣ чиҳо дорад.

Азизулло аз сумкаи чарминаш қоғазу қалам бароварда ба рӯйхатсозӣ сар кард ва ба Ғаюрбек, ки ҳамроҳи меҳмонон ба берун баромаданӣ буд, гуфт:

— Эшони ҳоким, хайрият ки бо пои худ ба ин ҷо омадед. Андак сабр кунед, дар қатори дигарҳо давлату савлати шуморо ҳам ба рӯйхат гирем.

Ранг аз рӯи ҳоким канд ва ӯ ҳарфе гуфта натавониста аз мир, ки ба берун баромада истода буд ҷудо шуд.

— Акаи Камол! Буду шуди чизи чораатона номбар кунен, — хоҳиш кард Азизулло.

Камол бинни Ҳисайн, касбам оҳангарӣ, додар.

— Чи чизу чора дорӣ?

— Се хона, як оғил, як барзагов, ду буз. Асп надорум.

— Хушдоманат як буз оварда буд, фаромӯш кардӣ, ба фикрам?

— Э, сабил, рост гуфтӣ. Се буз.

— Аз ғаладона чӣ қадар ҳаст?

— Дар кӯлӣ ду ҷувол ворӣ орд буд, додар, мумкин даҳ дувоздаҳ сангаш монда бошад. Боз як ҷувол гандум дорум. Баҳор расад кишт мекунум. Боз панҷ санг зағир, як пуд наск, ба қадри чор санг нахуд ҳам дорум. Боқӣ чӣ гӯям? Ду намади кӯҳна, се-чор ҷирзу ҷиғел, як даравии кандагӣ ҳам дар бисотам ҳаст, додар. Як дегу ду табақ, қошуқу кафлес.

— Инҳояш лозим не, ба фикрам.

— Дегу табақа, ки нанависен, набошад рӯйхат чӣ даркор? –овоз бароварда пурсид Талаби гадо.

— Хайр азони шумора менависем, бобо, -ҷавоб дод Азизулло.

— Бачам, мардуми гадо дегу табақ медошт, гадоӣ мекард? Ма барои ҳамӣ гап задум. Ай ҳар дар як пора ҷавию арзанӣ, ё як каф гандумбирён садақа, ки кунан ҳаму хел рӯз мегузаронум. Ай хонавайрон шуданум, ки ай муҳрии хонам дуд набуромадаст. Агар ҳукумат ай камбағало бошад ҳамӣ аҳволума нависен, бачам. Ай дарбадарӣ халосум кунен, соҳиби дегу табақ, ускунати хона шавум, барои ҳамӣ даъво дорум!

— Хуб шудааст, бобо. Баъди рӯйхатгирӣ дар ҳаминҷо ҳамроҳи аскарҳо монен, ба камандир ай аҳволатон хабар додам.

— Ай, илоҳим парвардигор умри ҳазорсола диҳад бачам, — гуфт мӯйсафед ва аз қатори дигарон баромада ба берун, ба пеши аскарҳо рафт. Аз қафои Камоли оҳангар Муртазою Қаландар ҳар кадом молу ҳоли худро рӯйхат карданд. Усто Сайёд дар баробари молу ҳол пилтакамонашро ба рӯйхат нависонд. Ин дам Азизулло аз ӯ пурсид:

— Амаки усто, боз кӣ дар қишлоқ камон дорад?

— Ғаюрбек камони панҷтираю, Раҳимбой думиллаҳа, дигар хаёлам касе шикор намекунад.

Азизулло аз хотир гузаронд, ки камонҳои онҳоро низ барӯйхат гирифта таъкид намоянд, ки боз ба ягон ҷо пинҳон накунанд, зеро дар чунин рӯзҳо аз ҳама молу давлаташон дида камон чизи даркорӣ аст.

Бобои Хоркаш ҳам барои рӯйхат кардани чизу чорааш ба назди Азизулло омад.

— Хоркаш бинни Ғулом, —гуфт Азизулло ва ба қоғаз номи мӯйсафедро навишт.

— Валлоҳ, ма кату кута чӣ кор мекунум. Номама Хоркаш навис, басай.

— Бобо, ай и дам дигар мову шумо, Ғаюрбеку Давлатманд-бий ҳама баробарҳуқуқем. Барои ҳамин Хоркаш бинни Ғулом навиштам.

— Хайр шумо чашми хат дорен, ҷаҳондидаен, ихтиёртон. Боз мегум баъзеҳо масхараам накунанду овоза бароранд, ки Хоркаши пири барҷомонда ҳам калоншаванда шидаст.

Азизулло аз соддагии мӯйсафед завқ кард, вале хандаи худро боз дошта танҳо зери лаб табассум намуда гуфт:

— Кӣ ҳад дора, ки шумора айб кунад? Акнун пушту паноҳ дорен, бобо. Дар хонаатон чӣ доштану надоштанатона гӯед, нависем.

— Як гов, ду бузу панҷ бузғола. Тобистон, валлоҳ як бузум дута дигараш, худоро шукр, се бузғола зоид. Аспу хар надорум, ки ҳезум биёрум. Ба шумо дурӯғ ба парвардигор рост, ки ай хушачинӣ ҳамраҳи кампиру духтарум се пуд гандуму ҷав доштум, қариб ки тамом шидаст. Як сабад ворӣ дулонаву қоқи сев, дар як хурма талқон, як халта қурути поринаву имсола ҳам дорем. Хайр, боз як оҳани испор, досту каланд, табару теша, ду банди каинӣ як банди қилӣ…

Усто Зайниддину Саидмуъмин ҳам молу ҳоли худро рӯйхат карданд ва хоҳиш намуданд, ки номҳояшонро ба тарафдории ҳукумати инқилобӣ нависанд. Азизулло ин хоҳиши онҳоро ба ҷо овард.

Акнун навбати эшони ҳоким, —гуфт Азизулло ва аз Қаландар хоҳиш кард ба Ғаюрбек хабар диҳад, то ки дарун дарояд.

— Азизулло! Чӣ, номи ҳокима ҳам дар қатори мо менависӣ? -пурсид ба қаҳр Муртазо.

— Ин рӯйхати молу ҳоли аҳли деҳа аст, на рӯйхати аъзоёни ҳукумати инқилоб. Аз ин рӯ номи ҳокима дар рӯйхат навиштанамон даркор.

— Агар номи Ғаюрбека ба ин қатор нависен номҳои мора нанавис! –ба зарда гуфт Муртазо. —Мон ки ба ҳоким гурӯ кафанҷудо бошем.

— Акаи Муртазо, ба фикрам, гуфтам, ки и рӯйхати молу чизи аҳли деҳа аст на рӯйхати аъзоёни ҳукумати камбағалҳо, наход шумо нафаҳмед?

— Мо ку фаҳмидем, лекин ба ҳар ҳол номи ӯра ба коғазӣ алоҳида навис. Мо ору номус дорем. Хок дар сари номашу молу чизаш.

Азизулло аз ин гуфти Муртазо табассум карда аз байни дафтар варақеро канда гирифту хоҳиш кард, ки Ғаюрбекро даъват кунанд. Ғаюрбек ноилоҷ вориди масҷид шуда, ба назди Азизулло омад. Давлатманд-бий низ аз қафои ӯ даромад.

— Агар хато нашавад, Ғаюрбек бинни Ғозӣ валади Султон аст, исми шарифатон? –пурсид Азизулло.

— Бинни Хоҷа Ғозӣ, валлади ҳазрати Муҳаммадсултон, —гуфт ҳоким.

— Хайр гуфти шумо шавад. Дар давлататон доштагӣ молу ҳолатона номбар кунед.

— Чизу чораи тарафдорони худатона навис ба мо чӣ кор дорӣ?!

— Шумо ба камбағалҳо як умр кор доштед, акнун ҳукумати камбағалҳо ба шумо кор дорад, ҳоким. Баҳсро, ба фикрам дина тамом карда будем. Имрӯз навбати рӯйхат аст.

Ғаюрбек ба атроф назар кард. Ҷамъомадагон ӯро даврa карда ба ҳолу аҳволаш зеҳн мемонданд. Аз қафои онҳо аскарҳо назорат доштанд.

— Ҷои ростон омадааст, ҳоким. Молу давлатата номбар кун нависанд, —гуфт Қаландар.

Ғаюрбек ба қаҳр сӯи Қаландар чашм ало карда илоҷи дигаре наёфт ва базӯр овоз баровард.

— Як саду дувоздаҳ ҷуфти барзагов, ду ҳазор сар гӯсфанд, дусад сар асп, се осиёи гардон, панҷоҳу чор саг! –боз чӣ менависед? —ба қаҳр пурсид ҳоким.

— Ҳайвонҳои даррандаро ба рӯйхат намегирем, —гуфт Азизулло.

— Ман гумон кардам, ки мегиред, —заҳрханда карда гуфт ҳоким.

Ин рафтори ӯ ба Азизулло сахт расид ва ба Ғаюрбек ҷавоби муносиб гуфтанро раво дид.

— Агар ҳайвонҳои даррандаро ба ҳисоб мегирифтем, ба фикрам он вақт ба рӯйхат панҷоҳу чорто нею панҷоҳу панҷто саг менавиштем.

Аз ин ҷавоб хун ба сари Ғаюрбек зад ва рӯю гарданаш мисли кадуи таки қури алов сурх шуд. Ҳаким хост ба Азизулло дарафтад, вале ин дам Давлатманд-бий ба сӯяш нигоҳи ғазаболуде кард.

Ғаюрбек аз нигоҳи Давлатманд-бий рамуз гирифта ғазабашро фурӯ бурд ва дамаш ба дарун афтода ҳарфе нагуфт. Ҳоким медонист, ки гапи носазое гӯяд камбағалҳои деҳа, онҳое, ки дар ин ҷо ҷамъанд ва ҳама тарафдори Азизулло, тарафдорони ҳукумати шӯроянд, ӯро шармандаву расво мекунанд, бинобар ин ба мулоимӣ гуфт:

— Туро урусҳо чунин таълим доданд, ки дар ҳаққи одами аз худат дар умру мансаб калон чунин гапҳои қабеҳро раво бинӣ?!

— «Ба чунин дег чунин кафлез», —гуфтаанд, ба фикрам, ҳоким, —ҷавоб дод Азизулло.

— Шумо инқилоб, ҳукумати моро масхара карданӣ шудед, ба худ ҷавоби муносиб гирифтед. Агар беодобие сар зада бошад ба фикрам, аввал шумо сар кардед.

Мир ин дам ба сӯӣ ҳоким назар афканда гуфт: —Ғаюрбек, шумо як одами соҳибдавлат наход и қадар сабукӣ кунед?

Нигоҳи мир гӯё синаи Ғаюрбекро сӯрох кардан мехост, ки ҳоким аз аввала дида ба мир сари таъзим фуруд овард ва ҳалимона гуфт: —Азизулло баҳсро ягон вақти дигар давом медиҳем. Боз чӣ лозим бошад бипурс.

— Ба шумо ҳеҷ вақт баҳс карданӣ нестам, ҳоким. Муносибати хуб кунед, гапи хуб мешунавед. Аз ғалладона чӣ қадар захира доред?

— Худоро шукр як қадар ҳаст.

— Аниқтар гап занед.

— Сад ман.[1]

— Чӣ дурӯғ мегӯӣ, ҳоким? Ҳама чоҳу анборҳоят саросар пурри ғаллаанд! –овоз бароварда Камоли оҳангар.

— Хайр саду панҷоҳ ман нависед, —ба сӯи Камол нигоҳи ғазаболуде афканда гуфт ҳоким.

— Ҳолӣ ҳам кам гуфт, додар, —аз нав овоз бароварда Камоли оҳангар. –Баҳор, ки шавад мардум аз гуруснагӣ ба кӯҳу пушта баромада мисли гову гӯсфанд алаф мечаранду ту камаш сесад ҷувол гандума ба Кӯлобу Ҳисор ба бозор равон мекунӣ.

— Акаи Камол рост мегӯяд, —тасдиқ кард Қаландар.

— Дар чоҳҳоят ғалла сол ба сол пӯсад ҳам ба касе як каф гандум намедиҳӣ, —нидо кард касе.

— Дусад ман нависам, розиед? –пурсид Азизулло.

— Не, ин қадар ғалла надорам.

— Хайр, яксаду ҳафтод ман.

— Майлаш, навиштан гир. Имрӯз худо ба ту додааст!

— Хоҳиш ва илтимос аз шумо, ҳоким, ҳамин ғаллаву чорворо нобуд накунед. Ба Раҳимбой, Муллотура, дигар пайравонатон ҳам ин хоҳиши моро расонед. Ба онҳо гӯед, ки омада молу чизашона ба рӯйхат нависанд.

— Ман элчии шумо нестам. Ба молу ҳоли худам худам хӯҷаинам на каси дигар! Хоҳам мехӯрам, мефурӯшам, нахоҳам ба дарё мерезам, месӯзонам, кори шумо ба ин чӣ?!

— Пештар ҳамин тавр буд, ҳоким, акнун моли мову шумо ҳама азони ҷамъият мешаванд.

— Ин тавр, ки бошад, мардума талаву тороҷ карда ҳамаро ҷамъиятӣ кунед! Зану духтарҳора ҳам! Имрӯз шумо пуштибон дореду моҳо надорем! Фардо дар назди худои таоло чӣ ҷавоб мегӯед?!

— Дар назди худо шумо моро ҳимоятгар нашавед, ҳоким. Мардума бо ин даъвоҳо ба гумроҳӣ наандозед. Онҳо ақл доранд. Хубу бадро каму беш фарқ мекунанд. Аз ҳамон яксаду ҳафтод ман

1. Як ман — баробари 18 центнер аст.

гандуматон як ҷуволаша ба бобои Хоркашу Талаби гадо, ки додем, ҳама мебинанд, кӣ хуб асту кӣ бад. Худо ҳам тарафдори марди ҳақ аст, ба фикрам.

Ғаюрбек дигар ҳарфе нагуфта ҳамроҳи Давлатманд-бий ба берун баромаданӣ буд, ки Азизулло ӯро аз роҳаш боздошт.

— Ҳоким, як чизро фаромӯш кардем. Шумо, мегӯянд, камони панҷтира доред? Дар шоҳидии мардум ба рӯйхат онро менависам ва нашавад, ки ноқоил бароед.

Ҳоким андеша карда як ба мир ва як ба Азизулло нигоҳ карда гуфт:

— Камон памон надорам.

— Ҳу беинсоф-э! Ноқоил мебароӣ! –бо овози баланд гуфт усто Сайёд.

— Кори ту чӣ, падарлаънати дайду?! –ғазаб карда гуфт Ғаюрбек.

— Мардум овози падарлаъната мешунаванд, ҳоким! Хоҳӣ нахоҳӣ ба зӯрӣ кашида мегирем! Якумр орзӯи камони панҷтира доштам, худо нав насибам мекунад, —гуфт Усто Сайёд.

Ҳоким боз чӣ даъвою моҷарое кардан мехост, вале мир ӯро аз байни мардум ба берун бароварда…

Одамон паи ҳам ба хонаҳояшон рафтанд. Танҳо Талаби гадо аз хонааш дида инҷо монданро авло дониста, ҳамроҳи аскарон истод.

Бойченко Скрепнику Азизулло ва Камоли оҳангарро ба наздаш хонда дар хусуси рафтор ва муносибати минбаъдаашон бо Давлатманд-бий маслиҳат пурсидан хост.

— Ба фикрам, то ҳол дар деҳаҳои атроф дастаҳои босмачӣ ташкил нашудаанд? –гуфт Азизулло ба Бойченко.

— Ҳанӯз бою муллоҳо фурсат наёфтаанд, вале аз рафтору кирдорашон пай бурдан мумкин, ки ба деҳаҳо хабар фиристода тарафдоронашро аз одамони мо огоҳ кардаанд ва аз ваҷоҳаташон маълум аст, ки чӣ бесаранҷомие доранд.

— Гапатон рост. Чун дар дигар ҷойҳо мардумро бар зидди мо ба шӯру балво хезондан ният доранд, —тасдиқ кард Азизулло.

— Ин аждарҳо ҳанӯз захм нахӯрда ба осонӣ аз сари хазинаашон дур намешаванд, —гуфт Скрепник. –Дар кӯҳистон дину шариат чуқур реша дорад ва мардумро бою муллоҳо фиреfта аз думболи худ бурданашон мумкин.

— Ҳарчӣ зуд ҳамроҳи мир ба Балҷувон намоянда фиристода, дар он ҷо низ одамонро аз моҳияти инқилоб ва ҳукумат огоҳ карда, дар атрофи худ зиёдтар тарафдоронро ҷамъ карданамон зарур.

— Скрепник ҳақ аст, —гуфт Азизулло. –Мирро, ки бо пои худ аз тарс ва ё барои донистани вазъият ба инҷо омадааст, аз чашм дур нигоҳ доштанамон хавфи калон дорад. Ӯро дар ҳеҷ ҳолат дар инҷо манъ доштан ҳам мумкин нест. Ин кор ба фикрам, боиси гапу калочаҳои зиёд мегардад, —гуфт Азизулло.

— Мардум гумон мекунанд, ки мо ӯро ба ҳабс гирифтаем. Кадом беақл ӯро ревком таъин кардааст, намедонам. Ҳамроҳи мир панҷ-даҳ нафарро ба Балҷувон фиристонем, аз як тараф мир аз назди аскарон дур шуда наметавонад, аз тарафи дигар пайравон ва зердастонаш аз омадани аскарон огоҳ мегарданд, вагарна ӯ имшаб ё пагоҳ хосташро мекунад.

Агар ҳамаи аскаронро ҳамроҳи ӯ ба Балҷувон фиристем, дар ин ҷо кӣ медонад, Ғаюрбек чӣ нақшаҳо дорад? Бе сабаб Давлатманд-бий имшабро дар хонаи ҳоким рӯз карда саҳарӣ ӯро ба ин ҷо наовардааст. Мебоист ӯ баробари ба Ховалинг расидан ба назди мо меомад, на ба хонаи Ғаюрбек. Аз ин рӯ ҳамаамон нақшаи ягонаро тасдиқ намуда, аз рӯи он амал карданамон лозим. Шумо, Скрепник, чӣ таклиф доред?

— Ҳамроҳи мир зиёд не, чор панҷ нафар аскарро фиристем, бас аст. Пагоҳ ё худи ман ва ё шумо нисфи аскаронро гирифта ба он ҷо меравем, —гуфт командир.

— Имрӯз якеи мо ҳамроҳи мир равад чӣ? –пурсид Бойченко.

— Хайр, чӣ фарқ дорад, якеи мо равем ва ё фарз кардем Петров ба онҳо роҳбар шавад? –гуфт Скрепник. —Охир бисёрии аскарон се сол ҳамроҳи ману шумо ба тарафдории инқилоб меҷанганд. Магар ба онҳо бовар кардан мумкин нест?

— Барои чӣ? Ман ба ҳамаатон чун ба бародари худ бовар дорам, вале инҷо кӯҳистон аст. Аз ҳамроҳони худ панҷоҳ-шаст чақрим дурем. Дар сурати сар задани ягон ҳодиса бехабар намонем мегӯям, —гуфт Бойченко.

— Гапат дуруст, лекин ҳоло ҷои тарс нест. Маълум, ки миру ҳоким ба ташкил кардани дастаи босмачиён фурсат наёфтаанд. Ягон марди дилпури инҷоиро Азизулло ба аскарон ҳамроҳ мекунад,

пагоҳ барвақт яки мо бо аскарҳои дигар ба роҳ мебароем, —гуфт Скрепник.

— Ман ба фикри шумо розӣ, командир, —гуфт Бойченко ва илова кард. —Танҳо мирро огоҳ карданамон даркор, ки шаб ба аскарон ҷои хоби бехавф муҳайё кунад ва ба ҳаёти ҳар кадом кафил шавад, вагарна аз дасти ин мусичаи бегуноҳ ҳама разолатро чашмдор шудан мумкин. Чашмашон месӯзад, дасташон кӯтоҳӣ мекунад, набошад чун даррандаҳои ваҳшӣ ҳар яки моро зинда ба зинда пора карда хомохом фурӯ мебаранд. Шумо чӣ мегӯед Азизулло? – пурсид Скрепник.

— Ман ҳам ба гуфти шумо розиям, лекин киро бо аскарҳо ҳамроҳ фиристонам, гуфта фикр дорам. Акаи Камол, ку марди дар гап устову ӯҳдабаро, лекин ӯ дар ин ҷо, одами даркорӣ аст. Дар байни халқ обрӯи калон дорад. Дар ду-се рӯз рӯйхатгирии аҳолиро ба охир нарасонем, корҳои дигар мемонанд.

— Хайр, ана вай марди қоқинаи бурутӣ чӣ? –пурсид Скрепник.

— Муртазо ё ки Қаландар?

— Муртазо.

— Муртазо ҳам марди гапдон, тарафдори инқилоб аст, вале хатту савод надорад.

— Усто Сайёд чӣ?

— Усто Сайёд аз инҳо беҳтар буд ку, лекин дар хонааш кӯдаки нав таваллуд шудааст ва медонед ба муносибати омадани мо ба тифлаш чӣ ном мондааст?

— Чӣ ном мондааст? –пурсид Бойченко.

— Озод. Дар мо чунин ном қариб, ки набуд.

«Инқилоб, ки озодамон мекунад, бачаамро Озод ном мондам», —мегӯяд усто.

— Чӣ номи хуб. Бигзор, Озод дар умраш хорию бандагиро набинад, —гуфт Скрепник ва пурсид: —Хайр, дигар киро тавсия мекунӣ?

— Аз ду якеро. Ё Қаландар ё Муртазо. Ба фикрам Муртазо беҳтар, чунки дар онҷо Муртазоро чун одами боақл бисёриҳо мешиносанд. Дар байни мардум се-чор даҳан гап зада метавонад. Боз худам ба ӯ баъзе гапҳоро мефаҳмонам.

— Аз аскарон киро фиристем? –пурсид Бойченко аз Скрепник.

— Николай Петров, Егоров ва боз ду каси дигарро, —гуфт Скрепник.

— Петров роҳбарашон мешавад. Марди бағайрат, солаш ҳам ба ҷое расидагӣ. Аз мову шумо дида ва забони тоҷикӣ хубтар гап мезанад. Ӯ қариб се сол боз дар Когону Бухоро буд, хулқу рафтор ва забони ин мардумро медонад.

— Шумо, командир, аскаронро ба сафар тайёр кунед, ҳамроҳашон алоҳида сӯҳбат мегузаронем, —гуфт Бойченко. –Азизулло бошад ба Муртазо гапзанон мекунад. Ман ба Давлатманд-бий мефаҳмонам, ки дар сурати ба пои аскарон мабодо хоре халад дар назди ҳукумати инқилобӣ бо сараш ҷавоб хоҳад дод.

Шумо Азизулло Муртазоро таъкид кунед, ки аз ҳама рафтору кирдори мир бохабар бошад ва ӯро аз мадди назар дур намонад, —гуфт Бойченко.

## БОБИ VIII

Нисфирӯзӣ Давлатмандбию Шамсиддин туқсабо пешопеш, аз қафои онҳо чор нафар аскар бо роҳбарии Николай Петров ҳамроҳи Муртазо сӯи Балҷувон равон гаштаанд.

Баъди деҳаи Шайхмизон роҳ аз паҳлӯи қишлоқи Доробӣ гузашта, баъд ба сангтӯда мебурд ва қад-қади сангов ба болои теппаҳо мегузашт. То боло баромадан барои саворон нисбатан мушкил бошад ҳам, сафаракиҳо раҳгум намезананд, зеро дар ду рӯзи наборидани барф баъзе ҳоҷатмандон аз як деҳа ба дигар равуо карда ҳарҷо-ҳарҷо пайраҳаҳо кушода буданд ва ба ин пайраҳаҳо асп рондан хавф надошт. Ба замми ин роҳ ҳам ба ҳокимони пешопеш раванда ва ҳам ба Муртазо шинос буд. Муртазо ҳар як дараву сойи ин ҷойҳоро хуб медонист. Зарурат ва ҳоҷати рӯзгор аз хурдӣ ӯро борҳо бо ин роҳи пуршебу фароз пиёдаву харсавор бурда буд. Солҳои охир, ки марди ба хонаву дару кӯдакдор шуда, бори зиндагонӣ ба дӯшаш афтода буд, дар дари хонаи Ғаюрбек чоряккорӣ мекард. Ба ивази хизмати ҳоким тобистону тирамоҳ аз ҷангалҳои Сари Ҷару Дараи Дуздон олуболую себ ва ангури ёбоӣ ҷамъ оварда, дар сабадҳо ба хар бор мекарду

ба Балҷувон мебурд. Шабро он ҷо рӯз мекард ва пагоҳӣ барвақт ба деҳаҳои атрофи Кангурту Қизилмазор ва ё Данғара ки дар ин ҷойҳо дарахтони мевадор кам мерӯид, мерафт ва меваҳои овардагиашро ба сокинони он ҷо ба ғалла иваз намуда, ба хона бармегашт.

Петров дар муддати се соли хизмати ҳарбӣ ва муборизаҳо барои барқарор кардани ҳукумати инқилобӣ аз Бухоро то ин ҷо дар қатори аскарони дигар ба одамони маҳал алоқа дошт ва ба бисёр гапҳои тоҷикӣ сарфаҳм мерафт. Ӯ кӯшиш менамуд, ки хулқу атвор ва зисту зиндагонии мардуми ин сарзаминро зиёдтар дониста гирад. Ба забони тоҷикӣ озод набошад ҳам, ба қадре гуфтугӯ мекард. Фикри ҳамсӯҳбати худро мефаҳмид. Имрӯз шод буд, ки ҳамроҳаш Муртазо, марди хушчақчақ ва хушгап ҳамроҳӣ дорад.

Петров дар ҳар хусус Муртазоро кунҷковона саволҳо медод, мепурсид, то ки ҳамроҳ сӯҳбат карда раванд.

Вақте ки саворон ба назди қишлоқ расиданд, Петров пурсид:

— Ин деҳа чӣ ном дорад, акаи Муртазо?

— Ин қишлоқа, Доробӣ мегӯянд, —ҷавоб дод Муртазо.

— Доробияш чӣ маъно дорад намедонӣ?

— Ба шунидам дори обӣ гуфтанӣ гап.

— Ин ҷоҳо аз қадим обод будаанд?

— Ҳова, обод будаанд –гуфт Муртазо. –Қишлоқе ки дар рӯ ба рӯи Доробӣ аст ку, Хонақо ном дора. Дар ҳамин Хонақо мӯйсафедҳо мегӯянд қалъаи мири шаҳри Минг (Мунк) будааст. Дар вақтҳои қадим дар як худи ҳамӣ шаҳр каму тум не, чорсад ҳазор одам зиндагӣ мекардаасту ҳокими шаҳр кони тиллои Шуғнова дар дастуш нигоҳ медоштааст. Давлату савлатуш ҳисоб надоштааст, додар. Гирдогирди шаҳра ба хишти пухта ҳисор гирифта будаанд. Қалъаи ҳокимнишин ба зару зевар, сангҳои қиматбаҳо зебу оро дода шуда будааст. Дар дарбори ҳоким ҳавзҳои гулоб гачкорӣ карда шуда будааст. Ҳолӣ ҳам аз баъзе заминҳои Ғаюрбек, ки чорякорон дар он заминҳо барзгарӣ мекунанд, якта нимта тиллову тангаи қадима, чалаву гӯшвори ороиши занона ёфт мешаванд.

Ана ҳамун ҳокими шаҳри Минг дар деҳаи дигар барои куштани одамони саркаш дори обие сохта будааст. Аз ҳаму вақт и деҳа Доробӣ ном гирифтааст. Дар дори ҳоким мо ворӣ гунаҳкорони бегуноҳро ба дор мекашиданд.

— Шумо чӣ хел гунаҳкори бегуноҳед? –пурсид Михайлов.

— Чӣ тавр мешуд додар? –ҷавоб дод Муртазо. –Имрӯз ма ай райъи ҳокиму мир гузашта бо шумо ҳамроҳ шидум, барои соҳиби замину нон шудан ба гуфти Ғаюрбек нарафтум. Ӯ ҳокими шаҳри Минг (Мунк) имрӯз ба ҷои инҳо мебуд, ҳукми катл мебароварди, ки Муртазои малъуни муртада дар пеши чашми мардум ба дор овезед! Ин ду дастама ҷаллодҳо кишан зада ба ҳамон қишлоқ меовардану ба гарданум ҳалқаи банди дор меовехтан. Ба фармони ҳоким оби наҳра ай партовҷо ба нов сар медодану ғарғара ба гардиш дуромада банди дора ба худ мепечонд. Ду пом дар ҳаво ҷон медодум, додар.

Петров чун дид, ки Давлатманд-бийю ҳамроҳаш аз онҳо хеле пеш рафтаанд ва сӯҳбаташонро намешунаванд, аз Муртазо пурсид:

— Муртазо, Давлатманд-бий барои ин гапҳо чӣ ҷазоро раво медида бошад?

— Чӣ ҷазоро раво мебинад, мегӯй? Кал додари кӯр. Яъне Давлатманд-бийра дасташ расад ба поям кунда зада мара сарнишеб ба дор кашол мекунаву даҳ понздаҳ шабу рӯз дар байни мардум аз даҳону биним зардоб мечака. Мир боша эълон мекунад:

— Бубинен, халоиқ, ки ма чӣ қудрат дорум! Ба тарафдорои инқилоб чӣ ҷазои сазовора раво мебинум! Давлатманд-бий чашми росташа бозӣ доронда гирди ҷасадум давр гашта боз баландтар наъра мекаша.

— Ҳой одамо! Агар шумо ҳам тарафдори инқилоб шавен ба шумо аз ин дида ҷазои сахта раво мебинум!!! Хайр, бало ба пасшон. Ин ҳокиму Мирон аз қадим то ба адим ҳамаашон ҳамин хел бераҳманд, додари ҷун, гуфт Муртазо.

Ҳар қадар аскарон аз Ховалинг дуртар мерафтанд, феълу атвори Муртазо ба аскарон бештар маъқул мешуд. Муртазо бошад аз ин рӯҳ гирифта, баъди анҷоми як нақл ба дигараш сар мекард.

— Баъд медонӣ чӣ ҳодисаҳо шуда будааст, —аз нав ба гап даромад Муртазо.

— Чиҳо шудааст? –пурсид Михайлов.

— Баъд муйсафедҳо нақл мекунанд, ки Искандари Зулқарнайн ё ким кадом як ҷаҳонгири хонасӯхтаи дигар хабари тиллои Шуғнов, давлату савлати ҳокими шаҳри Минга (Мунк) шунида ба ин ҷоҳо лашкар мекашад. Лашкаруш мегӯянд ҳазор андар ҳазор будааст. Вақти бизано-бигир ҳамаи мулки ҳокима он золим ба хок яксон мекуна. Ай ҳисору қалъаи ба оби зарҳал, зебу оро додашуда, ҳавзҳои гулоб, ному

нишоне боқӣ наметмона. Ҳокима дар ҳамон дори обии худаш меовезан. Яъне дорбоз ба дорбозиаш мемураду морбоз ба морбозиаш.

Баъд он сарлашкари малъун ба одамои бегуноҳи фақир дармеафтад. Мехоҳад, ки ҳамара пешандоз карда ба мулки худ ба ғуломӣ барад. Фақирон аввал ба кӯҳу пуштаву ғорҳо гурехта панаҳ мебаранд. Чанд вақт мегузарад. Мебинанд, ки бо ин аҳвол аз ду сар ё асиру ғулом мешаванд, ё аз гуруснагӣ ҳалок мегарданд. Дар охир байни худ маслиҳат карда тифоқ мешаванду бармехезанд. Дар ин мобайн чанд муддат ва чӣ қадар ҷангу хунрезӣ мешавад, касе ёд надорад, фақат ҳамин қадараш маълум, ки он сарлашкари золим халқа ғулому банда карда наметавонанду ба тамом шикаст мехӯрад, қисми зиёди лашкаруш нобуд мешава…

Сувораҳо ба деҳаи дигар, ки дар лаби наҳр ва домани теппа воқеъ буд, расиданд ва Давлатманд-бийю Шамсиддин туқсабо дар назди сангтӯдаи поёни деҳа, ки ба теппаи на он қадар калон баробар буд, аз аспҳо фуромада дуо хонданд ва даст ба рӯ бурда аз нав савор шуда ба роҳ даромаданд.

Муртазо ба ин кори ҳокимон ҳайрон монд. Аз рӯи одати мусулмонӣ роҳгузарҳо дар назди мазори авлиёҳо ё гӯристон аслан чунин рафтор мекунанд, Сангтӯда бошад, нишонае буд, ки мувофиқи ривоятҳои қадима ба нақли ҳозир ба аскарон кардаи Муртазо дахл дошт ва дар он ҷо мазори ягон азизу бузурге набуд, бинобар ин Муртазо давоми нақли худро ба рафтори ҳокимон пайваст.

— Сангтӯдае, ки ҳолӣ ҳозир Давлатманд-бийю Шамсиддин туқсабо он ҷо дуо карданд, —шарҳ дод Муртазо, —бақияи сангҳои аскарои мурдаи ҳаму сарлашкари золими шикастхӯрдаанд, ки боиси торочи ин диёру ғулом кардани фақирон омада, дар замини ин ҷо марги худшона ёфта, чашми носерамашон кайҳо аз хок пур шудааст. Сангҳои бори аввал ба ин тарафи сангов вақти гузаштан ба фармони сарлашкар гирифтаашон ин теппара ташкил кардаанд, ҳарчанд, ки зинда мондагиҳо ҳар кадом сангҳои худашона вақти баргаштанашон гирифта сарлучу пойлуч ба ватаншон гурехта рафтаанд, нишони разолат, теппаи санг ҳеҷ кам нашудаст.

Ҳолӣ, сангтӯдара барф пӯшондааст. Вақти гармӣ ҳар санги он баробари мушт ё андак аз мушт калонтар метобад. Дар ин сангтӯда аз миллион адад ҳам зиёдтар санг ҳаст. Яъне ин қадар лашкари бегона дар ин ҷо гурӯ гум шуда рафтаанд.

Михайлов фикр кард, ки Муртазо бо ин нақл ба ӯ фаҳмонданӣ аст, ки онҳо низ ба мардум бегонаанд, чун аҷнабӣ омадаанд, ки онҳоро ғорат кунанд, вале ӯ ҳама ин фикрро аз дил гузаронида ба Муртазо ҳарфе нагуфт.

Аспҳо даҳон кафк карда базӯр пайраҳаҳои кӯҳу килебро гузашта ба болои теппаҳои чун занҷир ба ҳам пайваст мебаромаданд. Роҳ ба назар боз ҳам дарозтару мушкил менамуд. Ин хомӯширо Петров халалдор карда Муртазоро аз нав ба гап даровардан шуда пурсид.

— Муртазо чанд фарзанд дорӣ?

Муртазо оҳи бадард кашида гуфт:

— Чор кӯдак ёфтам, се тоаш насибам нашуд. Фақат як бачаам, Валӣ мондааст.

— Ман ҳам як писар дорам. Ба писари ту номаш монанд. Азони ту Валӣ аз ман Володя. Чунон хушрӯю хандонрӯ, ки. Чанд вақт мешавад аз оилаам хату хабар нест. Хайр, ҳеҷ гап не. Зинда бошем, дидор мебинем, —гуфта худро тасалло дод Петров.

Дар роҳ аксар вақт ҳарду ҳоким, ки пешопеш асп меронданд, байни худ паст-паст баҳсу мунозира мекарданд, ки ба мардони қафо дар кадом хусус гап заданашон маълум нашуда меистод. Ҳарду мард болои асп ҷомаҳояшонро бо рӯймол ба миёнашон маҳкам баста, ба фашҳои салла бинию гӯшҳояшонро аз сармо печонида дар роҳ-гоҳ ба сӯҳбати аскарон гӯш дода аз гап-гапи онҳо ба худ хулосаҳо мебароварданд.

Сар-сари ёлаю теппаҳои Балҷувон дар ин фасли сол хунуки сахт аст. Қарибиҳои бегоҳӣ ҳангоми ба тори ёла баромадан чанде роҳро тай кардани сафаракиҳо бар замми хунукӣ вазъи ҳаво тағир ёфта, абрҳои тира осмонро печонида ҷути ғафс ба поён, ба дараю ғор ва пастиҳо фуромада, ҳама ҷоро тираю тор гардонид. Аввал шамоли сард аз сӯи ғарб барфи майда-майдаро ба сару рӯи саворагон оварда мезад. Баъд барфбоди ҳақиқӣ сар шуда шамолу барф чашмро кушодан наметмонд. Агар саворон дар чунин ҳол дар пастхамӣ ва теппаҳои поён мебуданд, роҳгум заданашон мумкин буд, вале онҳо аллакай деҳаҳои поёнро паси сар карда ба болои ёла баромада буданд ва баъди ду-се хамгашти дигар Балҷувон намудор мегардид.

Давлатманд-бий ба хунукӣ ва тундбоди барфолуд аҳамият надода ба фикру ашдешаҳои худ банд буд. Мулоҳизаҳои печ дар

печи мухталиф хаёли ӯро ба дуриҳо мебурданд. Мир ба саволҳои худ хулосаи амиқ бароварда натавониста маъюсу ғамгин ва асабонӣ мешуд ва ғазабу нафрataш ба аскарон торафт зиёд мегардид. Оташи дарду алам ҷону танашро ба ларза меовард.

Чӣ чора кунам, фикр мекард ӯ. Бо кадом роҳу восита салотонро ба қаламравам роҳ надиҳам, пеши роҳашонро бандам, ҳамаашонро ба якборагӣ сар аз тан ҷудо карда, синаҳояшонро ба дасту панҷаҳои худ пора, дилҳояшонро аз сина канда лахта-лахта созам, мурдаҳои ба хоку хун оғуштаашонро дар адиру ғору ҷариҳо партоям, ки тӯъмаи зоғу заған шаванд ва дилам, як дам, як лаҳза осудаю ором гирад. Вале ба ин ҳама дастам, қуввату қудратам намерасад, иқрор шуд мир ба худ ва аз сари нав хаёлаш ба дуриҳо рафт.

Лашкар ва яроқу аслиҳа надорам. Лашкарро аз ҳисоби пайравони худ ва деҳаҳои гирду атроф, аз мусулмонҳои поку баномус дар атрофам ҳазор андар ҳазор ҷамъ оварданам мумкин, вале шамшеру тиру яроқро аз куҷо мегирам? Наход ман ҳам чун Амир Олимхон ба ин ҳама тоқат накарда мулки меросӣ, гӯри падари бузургвор, ин ҳама давлату сарватро партофта ба ғарибиҳо фирор кунам, маъюс шуда аз хотир гузаронид мир.

Чӣ, он олампаноҳ, ҳоммии дину шариатро маҷбур кард, ки ҷилои ватан кунад? Магар мусулмонони покро ба ғазо, бар зидди кофирҳои малъун ба по хезонда натавонист? Не, онҳо ҳам чанд муддат ба ғазо баромада хуни ҳақ рехтанд, вале истодагарӣ карда натавониста Бухорои Шариф, маркази ислому динро ба кофирон вогузоштанд. Ё хости худои таолло ҳамин бошад, ки тамоми мулк кофаристон шавад? Хонаҳоямон, молу мулкамон ҳарому хариҷ шавад? Худоё! Ҳазорон тавба кардам, мани осии рӯсиёҳи гунаҳгоратро авф кун!!!

Ғаюрбек ҳам ягон чорае наёфта, чун курмуши осиёбӣ хапу хомӯш нишастааст. Хайр Амир Олимхон, ки пеши роҳи кофирҳоро гирифта натавонист аз дасти Ғаюрбек чӣ ҳам меояд?! Анвар пошшо чӣ? Элчии ман, кури Ортиқ, ба он ҷо расида бошад хуб. Дар Ҳисор ё Бойсун ба дасти салотҳо афтад чӣ? Не, Ортиқ кӯр ҳам бошад, аз сад бино дида зираку ҳушёр ва доно аст. Барои тилло шуда замину замонро чаппаву роста карда, кур, хабарӣ хӯш меорад. Пулу мол одамро ба куҷоҳо, ки намебарад, хулоса карда аз хаёл гузаронд Давлатманд-бий.

— Шери мулк! –ногоҳ овоз бароварда Шамсиддин Туқсабо, — мардуми тобеи Сарихосор, як қисми Дарвоз тиллои зиёд доранд. Дар хазинаамон ҳам давлат ҳаст. Аз ин ҳисоб харҷ карда яроқ харем, ба ғазои ому хос хезем чӣ?

Ба хотири мир расид, ки Шамсиддин дар ҳақиқат рост мегӯяд. Солҳои сол кони тиллои Шуғнов дар ихтиёри ӯст. Ҳар моҳ мушт-мушт тиллоро ҳокими ин маҳал, Эшони Султон аз конканҳо ҷамъ оварда ба ӯ месупорад ва ба хазинааш мерезад. Ҳамин тилло Давлати бе ному нишонро аввал ҳокими Сарихосору Давлатманд, баъд мири Балҷувону Давлатманд-бийи баобрӯ, мири мирон гардонид. Ҳамин ганҷ буд, ки овозааш то Бухорои Шариф ба гӯши Амир Олинхон расид ва дар қатори ҳама саркардаҳои дарбор нуфузи ӯ болотар меистод. Акнун дар ин рӯзи зуромад аз ин ганҷ истифода бурдан даркор. Худи Амир аз ҳама ҳокимону мирони дигар дида аз рӯи ҳамин ганҷ ба ӯ ихлоси зиёд дошт, зеро тамоми комрониву салтанати Амир аз хазинаи ҳамин Давлатманд-бий комёбу бархурдор мегардид. Имрӯз, ки мушкилӣ ба сараш омадааст, аз ҳисоби хазина қисми камашро баҳри аз даст нарафтани шаъну шӯҳраташ, замини меросиаш, молу чизаш, обу рӯяш харҷ кунад, зарраре дорад магар? Баъд боз ғун кардани давлат, пур намудани хазина осон.

«Зари сурх ба рӯзи сияҳ ба кор ояд», гуфтаанд. Шамсиддин марди боақл аст, -аз дил гузаронд мир ва гуфт: —Ба гапат кор мекунам, туқсабо!

Шамсиддин шод шуд, ки гапаш гузашт. Давлатманд-бий аз нав ба хаёли худ банд шуд. Ба хотираш ин лаҳза боз Анвар пошшо расид ва мурғи дилу ҷонаш як дам аз банди ғам раҳо ёфт.

Амир ба ёрию мададам наомад. Анвар пошшо ягона пушту паноҳ ва ҳомию мададгорам шуда метавонад. Ба ӯ умед баста, дили Анвар пошшоро бо тилло ба даст оварданам даркор. Ба ӯ ҳар қадар, ки аз ин ганҷ лозим шавад, дареғ намедорам.

Тилло, ки дорам яроқу аслиҳа, қуввату дармон ёфт мешавад. Анвару навкорони ӯ, ғозиёни қаламравам, ҳама мутеъи Давлатманд-бий мешаванд, худо хоҳад!

Имрӯз ман давлатдор, соҳиби хазинаи бузургам! Ҳама мушкилотро тилло осон мегардонад. Дар пеши молу давлат касу нокаси дунё бечораву заифанд! Кошкӣ элчиам бо хабари хуш омада бошад.

Эшони Султону Давлатшоҳи дарвозӣ имшаб ба хонаам бояд расанд. Дер нашуда масъалаи муттаҳидии ғозиёнро ҳал кардан даркор.

Мир бо чунин фикру андеша як ба қафо, ба сӯи аскарон назар кард, ки онҳо пешодумкол омада истодаанд.

— Биёед, салотҳои маълун!.. –зери лаб дашноми доманадоре кард мир ва аз нав ба фикру хаёл банд шуд.

Ман аз он миру ҳокимҳои дидаву шунидаатон нестам, ки ба шумо кофирҳои лаъин ба осонӣ сари таслим фуруд оварда, пешатон бо ду дасти адаб таъзим кунаму ҳама молу давлатам, хазинаамро таллаву тороҷ кунед. Хоки муқаддаси бобоиамро азони худ гардонед. Аз хонаву дар, зану фарзанд, молу мулкам ҳаром шудану ба шумо кофирҳои малъун таслим шудана дар роҳи ҳақ шаҳид мешаваму рӯи ҷанната мебинам. Вале ҳоло барои мурдан вақт аст. Ҳамаи шуморо кушта, нобуд кардан вазифаи мо мусулмонҳо, пеш аз ҳама вазифаи ман аст!

— Ҳе, ҳе, ҳе! –заҳрханда кард зери лаб мир.

Ҳолӣ худо шуморо ба ғазабаш гирифтор накардааст! Шуморо, ки худо зад, аз рӯзи аввал салотҳоятонро бо ду дасти адаб ба ихтиёри ман супоридед, ки ман барои инҳо ҷои хоби бехавфу хатар муҳайё кунам! Худо хоҳад имшаб ҳар чорашонро дар пеши чашми омма бо ҷои хоби бехавф, ба ҷаҳаннам, мефиристонаму баъд ин тоҷики саги дайдуи думравашонро ба ғазаби худои таолло гирифтор карда ба пешатон равон мекунам, то ба чашмони саратон бинед, ки ба мири Балҷувон, Давлатманд-бий ҳазлу шӯхӣ карда намешудааст ва агар шумо ҳам бо думи шер бозӣ кардан хоҳед, оқубати тақдири ҳамаатон чунин хоҳад шуд! Шумо ҳамагӣ аз сад нафар зиёд нестед. То омадани ҳамраҳонатон ҳамаатонро сар мезанаму дигарҳоятонро дар паси ҳар теппаю дарра интизор мешавам. Аз даври Ҳазрати Одам то имрӯз ачнабие инҷо ҳукм наронадааст.

Ман хурҷин-хурҷин тилло дорам, ки агар ба зердастонам, кури Ортиқу Тоҷиддин баринҳо ҳатто аз дур нишон диҳам, ин мардони баномуси кӯҳистон худро ба оташ зада, оммаро бар зидди шумо ба по мехезонанду йигитҳои ман ҳамаи шумо дар ин мулки мусулмонон қиёмат қоим мекардагиҳоро бузкашӣ карда, пора-пора месозанд.

Эҳе, тиллову тангаро ба кор барам, ҳатто худи шумо ҳам ғулому бандаам мешавед! Худои ҳаждаҳ ҳазори олам! Дар ин ҳама рӯзи маҳшар аввалу охир мададгор ва пушту паноҳи яккаву ягонаи мо

мусулмонҳо туӣ. Дари ни роҳи ҳақ, дастгири бечорагон шав! Омин оллоҳу акбар! —гуфта Давлатманд-бий даст ба рӯ бурду дуо карда буд, ки Шамсиддин туқсабо оҳиста аз ӯ пурсид:

— Ҳазрати мир! Ба қишлоқ наздик омадем. Ин русҳои маълунро ба куҷо мебарем?

— Ба куҷо мешуд, туқсабо, —ба худ омада ҷавоб дод мир. —Ба ҳавлии худам, ба меҳмонхона, ба боғи мир мебарем. Мисли Ғаюрбек зиёфат мекунем.

— Ҳазратам, муллоҳо, мусулмонҳои деҳа, ба ин чӣ мегӯянд?

— Чӣ гӯянд, нагӯянд, кори ту набошад! Гапи маро бо диққат гӯш кун! Баъди ба хона расидан худам ба ҷобаҷо кардани салотҳо сару кор мегирам. Ту Муллоисоро хилват аз масҷид гирифта ҷавонмардонро мусаллаҳ карда, ба беруни дарвоза меорӣ. Ман дар меҳмонхона кофирҳоро зиёфат дода, ба гап мегирам, то ки онҳо аз нақшаамон заррае пайхас нашаванд.

Дар ин миён фурсат ёфта аз ман хабар бигир, баҳонае карда маро ба берун барор. Бақияи гапро он ҷо мегӯям.

Фаромӯш накун! Аспҳои салотҳоро ба аспхонаи даруни ҳавлӣ дароварда баста, ба пои ҳар кадоме кишан мезанӣ. Ҳушёр бош, ки аз нақшаамон Ғуломалӣ ё каси дигар огоҳ нагардад. Вақтхои охир хабарҳои касофата шунида чашми ҳама ин пойлучҳо бечо шудааст. Боз корро расво накунанд, мегӯям. Дониста мон, ки тамоми хазина аз они ман аст ва чун хеши наздик бо ман шарикӣ дорӣ. Заррае аз гуфтаам бароӣ дар қатори кофирҳо сари туро ҳам аз тан ҷудо мегардонам.

Шамсиддин туқсабо аз он, ки мир ӯро дар хазинадорӣ шарик ҳисобид, аз таҳти дил хурсанд шуд. Миру туқсабо баъди ин маслиҳат ҷилави аспҳоро дошта маҳтали аскарон истоданд ва баробари расидани онҳо аз нав ба роҳ баромада, ба теппаи болои қишлоқ расиданд.

❁ ❁ ❁

Балҷувонро торикии шаб саросар ба коми худ фурӯ бурда буд. Танҳо аз панҷ-шаш хона равшании чароғҳо хира-хира ба чашм мерасид. Баробари наздик шудани саворагон ба деҳа чанд саги хонаҳои наздик

аккосанон ба қади роҳ баромада дигар сагони қишлоқро аз омадани саворон огоҳ карданд.

Ҳокимони пешопеш буда тангкӯчаеро гузашта ба болои деҳа, ба хонаи мир, ки дар даруни боғ ҷойгир буд, расиданд ва дар назди дарвозаи дутабақаи ҳотамкории Давлатманд-бий қарор гирифтанд.

Ғуломалӣ аз омадани мир хабар ёфта дарбачаи яктабақаи дарвозаро кушода, ҳамроҳаш саворонро дид ва лаҳзае зеҳн монд, то донад, ки одамони ношинос киҳо бошанд.

Ин дам саги мир, Полвон, ба беруни ҳавлӣ ба назди саворҳо баромада ду-се бор, «аф-аф» карда ҷакиду баъди соҳибхонаро шинохтан гирди аспи ӯ дум ҷунбонида аз нав ба назди Ғуломалӣ рафт.

— Ҳо бача! –овози Давлатманд-бий ба тарафи Ғуломалӣ баланд садо дод, —Саг маро шинохту ту нашинохтӣ, ки ин қадар нигоҳ мекунӣ?

Ғуломалӣ ҳарфе нагуфта дарвозаро ба зудӣ кушод ва саворон ба ҳавлӣ расида аз аспҳо фуромаданд.

Ғуломалӣ аввал аспи мирро даст гирифта ба аспхона дароварда баст ва ба берун баромад, ки аспҳои дигарро низ бурда бандад.

— Аспҳои меҳмонҳоро ба дарун бар! –фармуд мир ва худ пеш аз дигарон ба тарафи меҳмонхонааш рафт.

Шамсиддин туқсабо аз паи иҷрои супориши дар роҳ фармудаи мир шуда ба ёрии Ғуломалӣ шитофт ва вазифаи хизматгорро ба ҷо оварда аспҳои аскаронро ба сарои дарун дароварда кишан зад.

Дар меҳмонхона, ҳокими Қизилмазор –Болта туқайсарӣ, ҳокими Дарвоз –Диловаршоҳи дарвозӣ, ҳокими Сари Пул ва Вахё –эшони Султон ва хоҳарзодаи Давлатманд-бий Абдулқодир, ки ҳокими Сарихосор буд, дар гирди оташдони миёнаи меҳмонхона давра ороста кайҳо боз интизори омадани мир буданд ва баробари даромадани ӯ ҳама аз ҷой бархоста ду даст пеши бар таъзим намуда салом доданд. Мир бо димоғи сӯхта саломи онҳоро алек гирифта саросема таъкид кард: — Аз боло барои меҳмонҳо ҷо тайёр кунед! –ва худ дарҳол ба берун баромада ба назди аскарон рафт.

Дар меҳмонхона будагон аз ваҷоҳати мир пай бурданд, ки шахсони нав омада назар ба онҳо олиқадранд, бинобар ин ба тарафи паси дар бари ҳам ҷафс шуда интизори омадани меҳмонҳои нав рост

истодаанд. Давлатманд-бий баъди ба таги долон омадани аскарон акнун марди ҳалим ва хушзабону хушмуомила гардид.

— Марҳамат, меҳмонҳо, ба кулбаи нолоиқи мо қадам ранҷа намоед, —гуфта худ ба пеш даромад. Аз қафои ӯ Муртазою Михайлов ва дигарон вориди меҳмонхона шуданд.

— Аз боло гузаранд, —хоҳиш кард мир ба аскарон ва ба онҳо хушомад гуфта аз қатори дигарон онҳоро гузаронида ба болои меҳмонхона бурд.

Ҳамроҳи мир омадани аскарони мусаллаҳ ҳозирони меҳмонхонаро на танҳо дар ҳайрат мононд, балки онҳо ба тарсу ҳарос афтоданд. Чунин ранг гирифтани корро ҳеҷ яки онҳо интизор набуданд. Ҳама гумон доштанд, ки имшаб дар сӯҳбати мир ҳар кадом дастуру супориши нав мегиранд ва бар зидди салотҳои ба Ховалинг омада тадбирҳо меандешанд. Ҳоло бошад яке бар дигаре чашм ало намуда гуфтан мехост, ки ин чӣ кирдору рафтор аст, вале ҳеҷ яке аз онҳо ҷуръати пурсидан намекард. Аз як тараф аз аскарон ибо кунанд, аз тарафи дигар мир мир аст, фикр мекард ҳар кадом ва дар пеши ӯ беиҷозат гап заданро касе аз тобеон ҳеҷ гоҳ ба худ раво намедид. Ҳама хомӯш нишаста ба рафтори Давлатманд-бийю аскарон бо диққат назар мекарданд.

Петров дар чунин меҳмондориҳо иштирок карда буд, расму русуми мардуми мусулмонро медонист, бинобар ин ба ҳамроҳони худ фармуд, ки камонҳояшонро ба каҷии меҳмонхона як ҷо монда, тирдону шамшерҳояшонро аз миёнашон кушода дар қатори камонҳо гузоранд.

Бо хоҳиши мир ба рӯи дастурхон бар зами неъматҳои мавҷуда боз себу ангур ва чормағз муҳаё карданд. Гармии хона ба ҷисму ҷони аскарон ҳаловат бахшид ва онҳо ба дастурхон даст дароз карданд. Фурсате нагузашта Ғуломалӣ дастҳои меҳмонҳоро об гирифт ва дар чор табақ гӯштбирён оварданд. Ин дам аз берун Шамсиддин туқсабо овоз бароварда, ки ҳазрати мирро лозим аст ба берун барояд. Дар хона писарашон, Субҳонқул аз сӯзи дард оҳу фиғон дорад.

Давлатманд-бий, ки нав ба гӯштбирёнхӯрӣ сар карда буд, узрхоҳона ба берун баромад, ки дар ҳавлӣ Шамсиддин туксабо ӯро интизор буд.

— Ҳазратам, алохон нашаванд. Ман чунин баҳона бофта шуморо нороҳат кардам, —оҳиста гуфт туқсабо ва хабар дод, ки ҳама

таъкидҳо ба ҷо оварда шуданд ва навкарҳо бо корду камон, табару таёқ мусаллаҳ, интизори фармонанд.

Мир як ба пасу пеш ва дари меҳмонхона нигариста, оҳиста аз дарвоза берун баромада дар ҳавлӣ Шамсиддин туқсаборо посбон монд. Давлатманд-бий лаҳзае ба чор тараф чашм давонда дар торикии каҷии девор суроби одамонро дида зуд ба он тараф даст гардонд, ки пинҳоншудагон ишорати ӯро дида дарав ба наздаш омаданд.

— Чилбурҳоро фаромӯш накардед? –оҳиста пурсид мир.

— Не, тақсирам. Панҷ банди қилии бақувват дорем, —гуфт яке аз онҳо.

— Давлатманд-бий соҳиби овоз, Тоҷиддини бародари Шамсиддин туқсаборо, ки қаровулбегии хазина буд, зуд шинохт ва тапиши дилаш андаке ором гирифт, зеро аксар ҳукмномаҳояшро мир пештар ба воситаи ҳамин Тоҷиддин ва ҳамроҳони ӯ ба иҷро мерасонид. Дар ин нақша Шамсиддин бародарашро пешкор ва роҳбар таин карда буд.

— Тоҷиддин наздик биёву гӯш кун, —хоҳиш кард мир. Ин гапи Давлатманд-бийро шунида Тоҷиддин ва навкарон ба гирди ӯ ҷамъ омаданд.

— Баъди ишоратам яку якбора ба меҳмонхона зада медароед, —гуфт мир. –Салотҳо аз бари болои ҳуҷра нишастаанд. Ҳушёр бошед, ки шамшеру панҷтира доранд. Ба яроққо худам кафил мешавам. Шумо ба ҳар салоте се-чор нафарӣ бехавотир дарафтода пахшашон мекунед. Муқобилат кардагиҳоро ҷо ба ҷо кушед. Боқимондаашро кулук карда ба чилбурҳо бандед. Ба сари ҳар салоте сад тангагӣ мукофот медиҳам!

Дар ин роҳи ҳақ худо мададгоратон шавад, —гуфта Давлатманд-бий гапро кӯтоҳ кард ва дилпурона баргашта ба меҳмонхона рафт. Ӯ худро хафаю хиҷил вонамуд карда баробари аз дар баромадан ҳамаро бо нигоҳаш аз назар гузаронид ва бо меҳмонҳо, ки пешаш аз ҷо хестан ният доштанд, иҷозат надода гуфт:

— Аз сари нон хестан гуноҳ аст, меҳмонҳо! Баҳузур бошед, оши ҷонатон шавад, безобита нашавед. Субҳонқул андак нотоб шуда будааст, ҳар чӣ паи қадами муборакаи шумо, ки каме ором гирифт, —гуфта мир ба аскарҳо нигоҳ кард ва сари дастурхон нишаст. Кас фиристодам, ки Муллоисоро боиси дуо хондан орад. Даму дуои он кас сабук аст. Худо баракаташон дихад, ҳар чӣ дар қаламравамон ин зайл одамони мӯътабар ҳастанд, набошад бе онҳо зандаги мушкил

мешуд, —гуфта мир баҳонаи сохтаашро сабаби ба берун баромаданаш нишон дод.

Чашми рости мир ин дам ба бозӣ даромад ва Муртазою Михайлов ин ҳоли ӯро дида ташвишу асабонияти мирро ҳис карданд, вале ҳар ду гумон бурданд, ки авзои мир аз нотобии фарзанд дигаргун шудааст. Ғайр аз ин аз вақти ба инҷо омаданашон ҳанӯз соате нагузашта аст ва дар ин мӯҳлати кӯтоҳ мир ягон бесаранҷомие надошт, ҳамеша ҳамроҳашон буд. Чӣ нияти баде дошта бошад, баъдтар аз паи ба амал баровардани он мешавад, аз хотир гузаронданд аскарон ва ҳама орому сокит хӯрокхӯриро давом доданд.

Ин дам ҳодисаи ғайри чашмдошт ба амал омад. Аз меҳмонҳо касе ишорати Давлатманд-бийро пай набурд. Ба ғайр аз Шамсиддин туксабо, ки дар берун аз тиреза ҳама касони дар хона будагиро медид. Дастаи Тоҷиддин яку якбора ба меҳмонхона зада даромад. Давлатманд-бий баробари даромадани онҳо, аз ҷой хестан замон бо тамоми қувва ба шиками Петров бо лағат зада, худро ба болои яроқҳо ҳаво дод ва фарёд баровард:

— Болта, зӯратро нишон деҳ!

— Болта, ки маҳтали ишорат буд ба Петров дарафтод. Нӯкарони мир бо аскарҳо ва Муртазо ба гирузан даромаданд. Садои «ҳаё-ҳуй, бизано бигир» хонаро ба сар бардошт. Табақҳои таом ва чойнакҳои чой ба рӯи дастархон чапа шуданд. Шамъи гирёнро касе хомӯш кард. Меҳмонхона чун гӯр тираву тора шуд ва дар торикӣ афту дарафт ҳанӯз давом мекард.

Петров ва дигар аскарҳо ҳарчанд кӯшиши халос хӯрдан карданд, натиҷае ҳосил нашуд. Онҳо бехабар монданд ва яку якбора ба сари ҳар кадом се-чор нафарӣ навкарон дарафтода, дасту пояшонро бо чилбурҳо маҳкам бастанд.

Ин дам Шамсиддин туқсабою Муллоисо шамъҳои гирён дар даст дар назди дар ҳозир гардида ба одамони худ равшанӣ бахшиданд.

Ғуломалӣ, ки аз ҳама кор нав огоҳ гардида буд, дар берун дандон ба дандон монда тамоми вуҷудаш аз тарс меларзид, дар гӯшаи долон истода ин ҳолу аҳволро медид.

— Кофирҳоро маҳкам бандед! —нидо кард Давлатманд-бий ва яроқҳоро ба бағал гирифта ба берун баровард ба Шамсиддин туқсабо таъкид кард ки онҳоро ба навкарҳои дилпураш диҳад.

Муддате нагузашта дар миёнаҷои меҳмонхонаи мир чор аскар ва Муртазо бо сару рӯи кафидаю хуншор ва дасту пои баста мехобиданд.

Аз ҳама зиёд аҳволи Петров вазнин буд. Ҳангоми муқобилат дасти рости ӯро аз оринҷ боло шикаста буданд ва вақте ки ӯро чилбурпеч дар бари Муртазо партофтанд, ҳама қувваташро ҷамъ намуда дарду аламашро фурӯ бурд ва ба Давлатманд-бий, ки болои сараш ғолибона нигоҳ мекард, гуфт:

— Мир, чӣ бадии моро дидед, ки ба чунин ҳол гирифторамон кардед? Ваъдаатон чун мард магар ҳамин буд?

— Саги малъун! Магар шумо бегуноҳед?! Оламро кофиристон шумо накарда, кӣ кард?! Ҳама халқи авомро кӣ ба шӯр овард?!

— Шумо солҳои сол ҳокими ин сарзамин шуда ин қадар кундфаҳм будаед, мир, —гуфт Петров. –Як чизи оддиро нафаҳмидед, ки худи халқ роҳи озодӣ меҷӯяд ва бе хости шумо ба шӯр омадааст. Хоҳед, нахоҳед ҳақдор ба ҳақаш соҳиб мешавад. Замину молу ҳолатонро кашида мегиранд. Беҳтараш муносибати нек карда, ба ҷои ин ҳоли бад молу заминатонро ба халқ супоред. Инқилоб ба шумо сабукӣ медиҳад.

Давлатманд-бий дид, ки Петров нисбатан ором гап занад ҳам, аз чашмонаш оташ меборанд. Ӯ дигар ба гапҳо ва ҷозибаи нигоҳи Петров истодагарӣ карда натавониста: —Хап кун, лаъин!—гуфта ба лағат ба шиками ӯ зад.

Петров аз зӯри дард тову печ хӯрда аз ҳуш рафт ва баъди чанд муддат аз нав ба худ омада ба паҳлӯи чап гашта боз дар пешаш Давлатманд-бийро дид:

— Номард, магар дину оини шумо гуфтааст, ки одамони бегуноҳро ба ин ҳол гирифтор кунед?!-гуфт Петров.

— Осиё ба навбат аст, малъун! Як худи ту сад мусулмона куштай. Ҳақи шумо кофирҳо ҳамин!

— Бароред ин нобакорҳоро! –гуфт мир ва худ зуд берун баромад.

— Чӣ хатои ислоҳношудание содир кардам, гуфт Петров баъди аз хона баромадани Давлатманд-бий. –Мо ба ин ҷо ба нияти нек омадем, вале моро ба чӣ ҳол гирифтор карданд. Аз инҳо некӣ умедвор шудан хато будааст. Чун мард рафтор карданамон лозим, —гуфт Петров ва хунобаи лабонашро пок кард.

Ба ҳама қину азоб мардона тоқат мекунем, то донад, ки фиристодагони инқилоб чӣ гуна одаманд. Охирин хоҳишам аз ҳамаатон ҳамин: Чун мард, маргро истиқбол гиред!

— Ба берун бароред малъунҳоро! Ҳама хонаву дастархонро ҳарому макрӯҳ карданд! –аз нав шунида шуд овози Давлатмандбий.

Аскарҳоро навкарон кашола карда, аз ҳавлию дарвоза берун, ба рӯи барф бароварда партофтанд.

Бо фармони мир дар боғ гулхан афрӯхта дар ин нисфишабӣ ҳама мардуми Балҷувонро ба по хезонданд. Мардону мӯйсафедони деҳа дар ин шоми сиёҳу сард паи ҳам ба ҳавлии мир омада аз ҳолу аҳволи аскарҳо огоҳ шуданд.

Ҳаво тираю тор гардида, барфи яхча меборид. Аскарҳою Муртазо ба азобу шиканҷа ва сармо тоқат карда ҷамъ шудани одамонро интизор буданд ва чун ҳама омаданд, Петров ба Егоров ва Муртазо такя карда аз ҷой нияти хестан кард, вале қувваташ нарасида, якпаҳлӯ афтод. Дасти шикаста ва пойҳои бастааш бо хестан инмконият надоданд. Ӯ худро миёни рафиқон ҷафстар гирифта ба мардум рӯ овард:

— Одамони нек! Мо ҳам ба мисли шумо бенавою бечора будем! Ҳама якҷоя инқилоб кардем. Соҳиби озодӣ, шудем! Хостем дар рӯи олам мисли шумо ҳама соҳиби обу замин, нон шавед. Ба ёрии шумо омадем, вале чунон ки мебинед, мири гумроҳатон бо фиреб моро ба чӣ ҳол гирифтон кардааст. Агар дар ҳақи инқилоб сухани баде гӯянд бовар накунед! Мо фиристодагони ҳукумати инқилобӣ касеро ғорат кардан ният надорем. Шумо ситамдидагон якҷоя шуда ба мубориза бархезед, рафиқон!

Зинда бод Инқилоб!

— Ин мард рости гапа мегӯяд! –баланд овоз баровард Муртазо.

— Ба ҳаққи худо, ки рост мегӯяд, мусулмонон! Ҳукумати камбағалҳо ба мову шумо замин медиҳад! Соҳиби нони серӣ мешавем!

— Даҳони ин малъунҳоро бандед! –фармон дод мир, тоқат накарда ва Тоҷиддину навкарони дигар бо латтапораҳо даҳони аскарону Муртазоро бастанд.

Ягон одам ҳурбаи ба мобайн даромадан намекард, зеро дар гирди аскарони даступобаста навкарҳои мир бо роҳбарии Шамсиддин туксабо ва Тоҷиддини бародараш бо панҷтира ва шамшерҳои аз аскарон ғанимат гирифта мусаллаҳ меистоданд.

— Кӣ бо ин мурдорҳо ҳамроҳ шудан мехоҳад! –овоз бароварда мир! —Кӣ аз ғазаби худо наметарсад, ба майдон бурояд?!

Мардум ҳама аз тарси ҷон хомӯш буданд.

— Чилбурҳоро биёр! –фарёд бароварда Давлатманд-бий ба Тоҷиддин. Ба ҷои ӯ Муллоисо лангида-лангида чанд банди дигар оварда ба дасти мир дод ва таъзим карда ақиб рафт.

Ба гардани чор нафар аскари сурх Давлатманд-бий бо дастони худ ҳалқадавакҳои чилбурҳоро андохта ҳар чорро дар тути боғи худ ба дор овехт.

Аз ин рафтор тану ҷони Ғуломалӣ ба ларза омад. Ӯ ғазаб ва дарду аламашро ниҳонӣ фурӯ бурда аз дасти норас хомӯшу беовоз дандон ба дандон монда, ашк дар чашмонаш ҳалқа зада буд. Давлатманд-бийю Шамсиддин туқсабо, ҳама навкарону одамони ба ин ҷо ҷамъ омада ба ӯ як навъ бераҳм ва нафратовар намуданд. Ҳатто он дарахти тут, ки ҳанӯз ҳам мақтулҳо дар навдаҳояш овезон, ҷон меканданд, дар назараш чун нишонаи марги манҳус баднамуду даҳшатовар метофт. Дарахти безабон гӯё ин дам аз решаву бун ба ларза омада аз тақдири худ норизо буд. Охир ин тутро ким-кадом кас бо мақсаде шинонида буд, ки аз меваи шаҳдбораш одамон манфиат бинанд, аз хотир гузаронд Ғуломалӣ. Он дарахтро барои он нашинондаанд, ки имрӯз дар навдаҳои он фарзанди одамиро ба дор овезанд.

Кош, ки ҳангоми навниҳолӣ аз решаву бунаш хушк шуда пӯсида несту нобуд мешуду ин шоми сиёҳ ва ин даҳшат ба сараш намеомад!

Барои фарзанди мусулмон будан ва тарсонидани чашми мардум, баъди лагаткубию қамчинкорӣ бо фармони Давлатманд-бий дар байни омма аввал тарафи рости бурут ва гӯши чапу бинии Муртазои маъюбу маслуқро аз бех буриданд.

— Тоҷиддин, баъд, чилбурҳоро аз дасту пои он касофат кушода гирифта биёр, ки ҳайф нашаванд, —таъкид кард ба бародараш Шамсиддин туқсабо, вақте ки ӯ Муртазоро аз думболи асп кашола карда ба беруни деҳа мебурд.

Саҳарии он шаб ҷисми беҷони аскаронро бо фармони мир аз думболи аспон кашида-кашида аз ҷарии поёни деҳа ба сангови Сурхоб ҳаво доданд, ки ҷасадҳояшон луқмаи дарандагони ваҳшӣ ва каргасу лошахӯрон гарданд.

## БОБИ IX

Давлатманд-бий баъди бо чор нафар Аскари Сурх ва Муртазо ҳисобашро баробар кардан ғолибона аз нав ба меҳмонхонааш омад ва ҳокимонро боз ба он ҷо ҷамъ карда ба ҳар кадом барои ба муборизаи зидди инқилобчиён ҷиддӣ тайёрӣ дидан дастуру нақшаҳо дод.

Ғуломалӣ боз дастурхон густурда табақи гӯштбирён оварда. Ғуррачаи кабуди талх дам кард.

— Болта, додар, —насиҳатомез ба гап сар кард мир ҳангоми гӯштбирёнхӯрӣ, —йигитҳои Қизилмазору Қушқия, Ҷорубқулу Танобчиро якҷоя ба Яп гирифта меорӣ. Ба шунидам салотҳо имрӯз ё пагоҳ аз Кангурт ба ин тараф мегузаранду аҳволат чатоқ мешавад.

— Худо хоҳад, гуфтаатон иҷро мешавад, —гуфт Болта туқайсарӣ, ҳарчанд ки мақсади ба Яп рафтани мирро нафаҳмида буд.

Болта баъди ин гап чиликҳои равғанолудашро лесид ва дасташро ба соқи мӯзаҳояш молида, баъд пиёлаи қирмизии чойро наздаш гузошт. Давлатманд-бий аз ҷавоби Болта қаноатманд гардида ба Эшони Султон, ки пеш аз дигарҳо аз таом даст кашида, ҳоло аз сари дастурхон андак қафо нишаста чой менӯшид, рӯ оварда. –Ту, Султон, Сари Пулу қад-қади оби Ёхсуро то Вахё ба по мехезонӣ!

— Мо кайҳо ба ғазо тайёрем, ҳазратам, —ҷавоб дод Эшони Султон ва илова кард. –Вахиёчиҳо ба Искандари Зулқарнайн гардан нафуровардану ба ду-се салоти кофир таслим мешаванд?! Э, не, ба худову бандааш маълум, ки мо линги салотҳора ай осмон меорем!

— Барои муҳоботат ҳолӣ вақт аст, —гуфт мир ва аз Диловаршоҳ пурсид: —Ту чӣ баумедамон мекунӣ?

Ҳокими Дарвоз табассум карда даст ба ришаш бурд ва боодобона гуфт: — Аз Вахёи Боло то Қалъаи Хуму Тавилдара ҳама, ҷувонмардҳо маҳтали ишорати шумоянд, мир!

— Ин тавр, ки бошад, баъди як ҳафта, яъне рӯзи ҷумъа ҳамаатон дар Яп ба наздам ҳозир мешавед. Салотҳоро дар ҳамин кам буданашон коре карда қир накунем, баъд зӯрамон намерасад. Ин қавми Яъҷуҷу Маъҷуҷ як балои охирзамонеанд, ки дами инро гирифтан осон нест. Ман то ҷамъомади шумо Анвар пошшоро интизор

мешаваму ҳамин ки он касҳо омада расиданд, маслиҳат карда яроқу аслиҳахарӣ меравем. Яроқ, ки ба даст омад, баъд худо ба мо медиҳад. Ба ғазо мебароем.

— Ҳазратам! –яроқи бисёр чӣ даркор? Иншооллоҳ ҷавонмардҳои мо бо таёқ зада ҳама салотҳора ба хок яксон мекунанд. Тири филмутҳошон пунбадона аст, мегӯянд, —гуфт Диловаршоҳ.

— Очаи зори ту аблаҳа салотҳо ба филмутҳои пундбадонадоршон нишон медиҳанд! –дар ғазаб омада гуфт мир ва ба Шамсиддин туқсабо маънидорона назар карда гапашро давом дод: —Боз ба ин хел хар Девлох рафтаниям! Туқсабо, шунидӣ гапа?

Мир маҳтали ҷавоб наистода аз нав ба Диловаршоҳ рӯ овард:

— Эй, хок дар сари ту ворӣ ҳоким! Панҷтираҳояшона кур будӣ, ки надидӣ?! Бо як панҷтира нисфи Дарвозата ба хок яксон мекунанд, аблаҳ!

Диловаршоҳ аз шарм сурх шуда, дигар ҳарфе гуфта натавонист.

Давлатманд-бий баъди мулоҳиза ба хотир овард, ки ба умеди таъкиду насиҳатҳои ҳокимон шаб охир мешаваду тараддудҳояшро ба сомон расонида, ба сафар тайёр шуда наметавонад. Кӣ медонад? Мумкин, ки салотҳо ба Балҷувон омада истода бошанд ва агар ин ҷо расанду аз кирдораш огоҳ гарданд аз сад ҷон як ҷонаш аз марг наҷот намеёбад. Мир сӯҳбатро хотима доданӣ шуда гуфт.

— Донеду огоҳ бошед, ҳокимон, ки ба думи шер бозӣ намекунанд. Салотҳо шери жайёнанд, ки аз тарсашон Амир Олимхон барин шоҳони ҷаҳонгир гурехта, сар мулки худо гирифта рафтанд. Мову шумо авлодони пайғамбари охирзамон, мусулмонони комилем. Ҳолӣ қувватамон кам бошад ҳам, то дами маргамон истодагарӣ карда ба худои таоло умед мебандем. Ғозӣ ва яроқ ҷамъ карда ғазо мекунем. Намемонем, ки паи қадами номубораки кофирон ба хоки муқаддасамон расаду хонаву зану фарзандҳоямон ҳарому хариҷ шаванд.

Ба ҳама мардуми авом чизу чораи зиёд ваъда кунед. Касе, ки тарафи кофирҳоро мегирад, ё ба онҳо алоқа карданӣ мешавад, ҷо ба ҷо сар занед. Дар роҳи дину шариат ба ҳеҷ кас раҳму шафқат нест. Парвардигоре, ки ҳамаи мову шуморо халқ кардааст, дар паноҳаш нигоҳамон медорад. Шаб пухт. Хезед, ма шумора дуо диҳаму аз паи саргардонии худам шавам.

Мир аз ҷой хест ва ҳокимон дар қатори ӯ аз меҳмонхона берун баромаданд.

Ғуломалӣ аспҳои ҳокимонро як-як ба назди дарвоза баровард ва онҳо савор шуда ба роҳ баромаданд.

— Рӯзи ҷумъа ҳамаатона дар Яп дар хонаи падарам, интизор мешавам, —бори дигар таъкид кард Давлатманд-бий ҳангоми хайру хуш ба ҳокимон ва ҳамроҳи хоҳарзодааш Абдулқодиру Муллоисо ва Шамсиддин туқсабо, ки дар қатори ӯ аз қафои меҳмонон ба берун баромада буданд, ба меҳмонхона баргашт. Мир аз ҳама боло ба лулаболишт такя карда чанд муддат сукут варзид ва баъд гуфт:

— Абдулқодир, додар, саҳарӣ зану кӯдакҳои маро ба аспҳо савор карда ба Яп мебарӣ. Ма ҳамроҳи инҳо, Шамсиддин тӯқсабо ва Муллоисоро дар назар дошт, ҳамаи бузбалаҳои мӯъмину мусулмона ҷамъ мекунаму якҷоя ба роҳ мебароем. Балҷувон дигар ҷои истодани мо нест, —оҳи бадард кашида гуфт мир ва гапашро давом дод: — Салотҳо аз Кангурт наоянд, аз Кӯлоб меоянд, аз Кӯлоб наоянд, яқин аз Ховалинг ба ин ҷо мерасанду аввал моро аз дами теғ мегузаронанд, баъд ҳамаро ҳарому ҳариҷ мегардонанд. Ҳолӣ ҳозир ба муқобилашон истодагарӣ карда наметавонем.

— Аз Балҷувон боз чиро ба Яп мебарем? –пурсид Абдулқодир.

— Ҳамаро. Зану бача, гову гӯсфанд, бузу бузғола, ҳама молу давлатамона мебарем, додар! Ҳатто сагама мебарам, ки рӯи номаҳрами кофирҳора набинаду касофаташон ба ин ҳайвон нарасад.

Абдулқодиру Шамсиддин туқсабо ва Муллоисо аз ваҷоҳат ва оҳанги гапзании мир ҳама ғазабу нафрат ва ғаму андӯҳи ӯро пай бурда сарҳаму хомӯш менишастанд.

— Шумо Муллоисо ва туқсабо чӣ ният дорен? –пурсид Давлатманд-бий.

— Ҳарчӣ фармони мирам бошад, ҳамона ба ҷо меорем, —гуфт Шамсиддин туқсабо.

— Равену тайёрӣ бинен. Баъди намози бомдод ба роҳ мебароем.

— Дар ин барфи балогардон аз хунукӣ зану кӯдакҳора сармо мезанад, —норозиёна гуфт Муллоисо.

— Хайр, ба гапи ту шуда, то расида омадани салотҳо маргамона интизор шуда, шинем?! –Ба ҷои мир гуфт Шамсиддин туқсабо ва ин гап ба мир маъқул шуд.

— Домулло ба аҷалат сихдавонак мекунӣ?! –гуфт Давлатманд-бийи дар ғазаб аз ҷояш нимхез шуда.

— Кӯр нестӣ, ки дар пешат гӯр аст! Салотҳои сар то по мусаллаҳ дар таги фукат ҳокими мулк шудаанду ҳолӣ ҳозир ё замони дигар ба ин ҷо мерасанд. Мову ту бошем, бо ду-се пилтакамон ба гуфти Диловаршоҳ, ки «тири филмутҳояшон аз пунбадонаанд», мегӯяд, бовар карда даврон дорем. Як рӯз он тараф истад, як соат аз ин ҷо пештар равем, ҷон ба саломат бурданамон мумкин, домулло!

Муллоисо аз гапи гуфтааш пушаймон шуд.

— Дар ин чиллаи зимистон, —аз нав ба гап сар кард мир – салотҳо ба Япу Сари Хосор рафтан ният надоранд. Инро дина рӯз дар Ховалинг фаҳмида омадам. То баҳор боша, худо подшоҳ. Мо ҳам одамем, шири одам хӯрда калон шудаем. Дар сарамон салла, дар манаҳоямон худоро шукр, ки риш дорем. Мири як мулкем. Ягон чора меандешем.

Қаҳри мир акнун паст шуда буд ва ӯ ба Муллоисо насиҳат гуфт. –Бало ба паси мурдагиаш домулло! Имрӯз зану фарзандаш ҳам як балои ҷон, дарди сар, як ғами зиёдатиҳай. Ин рӯзи бада имрӯз ба сарамон худо овардаст. Мурда мемураву зинда рӯзаша мебина. Ҳар кас бояд ғами ҷони худаша хӯрад. Хез, домулло ба хонаат раву бору бутуката банд. Ту туқсабо худи ҳозир Тоҷиддина гӯй, ки навкаронро ба қишлоқҳо фиристад. Саҳарӣ ҳама савораҳоро ба ин ҷо ҷамъ кунанд. Рамавону галабонҳоро фармон, ки мола ҳай карда ба Яп баранд, эҳтиёт шав туқсабо! Саҳар ҳама молу ҳоламона ҳамроҳ бо худ мебарем…

❁ ❁ ❁

Ғуломалӣ баъди ин ҳама даву ғеҷи хизматгории имшаба ба кулбааш, ки аз паси девори ҳавлии мир дар қатори оғилхонаҳо воқеъ буд, рафт.

Дар танҳоӣ ҳодисаҳои имшаб ба амал омада ва марги аскарон кундаалове буд, ки даруни синаи Ғуломалӣ дар гирифта буд. Ин сӯзиш сабру тоқаташро лабрез кард, ҷони ғарибашро ором нагузошт.

Суроби он чор ҷавонмарди ҳанӯз дар тути боғ овезон ва Муртазои ба хун оғушта аз пеши назараш дур намешуданд. Бе ҳама ин ҳодисот ҳам аз чунин зиндагӣ норизо буд. Имшаб бошад, чӣ корҳое шудаанд. Дар пеши чашмаш соате пештар чор ҷавонмарди ба худаш ҳамсину солро куштанд. Муртазоро лағаткӯбу қамчинкорӣ ва шармандаю таънасор гардонида ба ҳоли чашмнодиду гӯшношунид аз деҳа берун бароварда партофтанд.

— Чӣ гуноҳе доштанд, ки онҳоро мир ба ғазабаш гирифтор кард? –худ ба худ савол медод Ғуломалӣ, вале ҷавоби қаноатбахш ёфта наметавонист.

Дили Ғуломалӣ ба ҳоли аскарон сӯхт. Он чунон сӯхт, ки мардак чу моргазида болои намадпораи дар бисоташ буда, ки ҳам кӯрпаву болин ва ҳам рахти хобаш ҳисоб меёфт, печу тоб хӯрд ва дигар худро ба даст гирифта натавонист.

Худоё, дар пеши чашмамон бузу гӯсфанд не, одам мекушанду мо хомӯш менишинем! Ҳарфе гуфта овоз баланд карда наметавонем. Аз дастамон ёрию мададе намеояд. Чӣ одамем мо?

Ин дам оташе чун барқ ақли тираи Ғуломалиро равшан кард. Ӯ гӯё аз хоби гарон бедор шуда бошад: Ба Ховалинг, ба пеши салотҳо, фиристодагони инқилоб рафтан даркор! –гуфт худ ба худ ва аз ҷой хест.

— Мегурезам, —қарор дод Ғуломалӣ, —бо салотҳо якҷоя шуда худам нони ҳалоли худама соҳиб мешавам!

— Ҳоли Муртазо чӣ шуд? –фикр кард ӯ. –Дар ин шаби сармо ба куҷо ҳам рафта метавонад? Баъди ба ҳуш омадан яқин роҳи Ховалингро пеш мегирад. Бо он тани абгору пои бараҳна, сару рӯи ғарқоби хун як пуштаро гузаштан пас галаи гургони гурусна ӯро думболагир шуда, пора-пора карда байнашон тақсимаш мекунанд. Ба ӯ ки ёрӣ мерасонад?

Ин саволҳои пайдарҳами бечавоб Ғуломалиро аз кулбааш берун баровардаанд.

Ғуломалӣ аз тарсу ларзи он, ки мабодо мақсадашро пай баранд, бо баҳонаи аз аспҳо хабар гирифтан ба аспхона даромад. Аспҳои аскарон, ки дар пойҳояшон кишан доштанд, аз ноомӯхтӣ бесаранҷомӣ карда, пой бар замин мекӯфтанд, раҳоӣ мехостанд. Калиди қулфи кишанҳо дар дасти Шамсиддин туқсабо буд ва Ғуломалӣ аспҳоро раҳо карда натавониста, баргашта ба пеши аспи дӯстдоштаи мир омад.

Гули Бодом Ғуломалиро шинохт ва баробари ба наздаш даромадани Ғуломалӣ гарданашро сӯяш хам намуда, ӯро бӯй кашид. Ғуломалӣ ёли аспро дастмол карда аз нав ба берун баромад. Насими мулоим мевазид. Ҳама ҷо ором буд. Ҳамин аспро мебарам, аз дил гузаронд Ғуломалӣ. Дар барф ҳам аз дур ба чашм наменамояд ва ҳам дар ин тобеот дар дав ягон асп ба Гули Бодом баробар шуда наметавонад. Мабодо хабар шуда аз думболам афтанд ҳам, савори ин асп маро ҳеҷ кас дастгир карда наметавонад. Аз хонаи мир рафта чӣ ҳам бой медодам? Танҳо аз зиндадаргӯрӣ халос мехӯрам. Бахту таваккал. Мегӯянд, ки салотҳо ба ҳама замин медоданд. Ба ма ҳам замин медиҳанд. Муртазоро аз мурдан раҳо мекунаму ҳамроҳи ӯ ба Ховалинг меравам, қарор дод Ғуломалӣ ва аспро зину абзол кард.

Вақте ки ӯ ба Гули Бодом савор шуду дарвозаро кушода ба берун баромад, субҳ медамид. Кӯҳу теппаҳои барфпӯш аз дур андак ба чашм намудор мегардиданд.

Аз соҳибхонаҳо касе хабар наёфт. Танҳо саги мир, Полвон, дум ликонда беовоз аз думболи Ғуломалӣ баромад ва Ғуломалӣ ҳарчӣ ҳам кӯшиш кард, ки саг баргардад, вале Палвон аз раъяш нагашта аз қафои асп ба роҳ баромад.

Полвон боақл будааст, фикр кард Ғуломалӣ, аз рафтани саг шод шуда ва аз хотир гузаронид, ки агар ин саг забон медошт ҳам, ба мир дар хусуси Гули Бодомро гирифта гурехтани ӯ хабар намедод, зеро якумр ҳарду ҳамроҳ буданд ва аз соҳибаш дида ба ин саг Ғуломалӣ ғамхорӣ кардааст. Магар Ғуломалӣ гунаҳгор буд, ки чун мир хонаву дар, хазина, галлаю рама надорад, ки ҳар рӯз гӯсфанд кушаду зиёфат ороят, то аз он каму ним ба Полвон ҳам манфиат расад.

Саг ташвиш ва сафари ғайри чашмдошти Ғуломалиро фаҳмид, зеро то ҳол ӯро ягон бор савори Гули Бодом надида буд. Ғуломалӣ аспро коҳу ҷав мекард, хору мол менамуд, об оварда медод, вале то имрӯз ба ғайр аз худи мир касе Гули Бодомро савор намешуд.

Гирду атроф оҳиста-оҳиста равшан мегашт. Ғуломалӣ дар сари роҳи беруни қишлоқ ҷои исти Муртазоро ёфт. Чашми Ғуломалӣ дар рӯи барф изи хунолуди пои Муртазоро дид. Мард аввал синамол ва баъд ба по бархоста качу килеб ба сӯи Ховалинг роҳ пеш гирифта буд. Ғуломалӣ гашти аспро тезтар карда аз қади сангов ба тори теппаи болои деҳа баромад ва аз баландӣ ба қафо назар кард. Ҳеҷ кас аз дунболи ӯ наафтода буд.

Акнун роҳ сар-сари ёла нисбатан ҳамвор буд ва Ғуломалӣ ба сӯи Ховалинг назар карда лаҷоми аспро сар дод. Гули Бодом гӯи аз банд озод шуда юрғаашро ба дав мубаддал гардонид ва то рафт аз Балҷувон болотару дуртар ба сӯи Ховалинг ҳаракат мекард.

Полвон аз думболи асп паи қадамаша гирифта меомад.

Ғуломалӣ Муртазоро баробари баромади офтоб аз зери дарахти дулонаи сари роҳ ёфт, ки ӯ аз хунукӣ аз ҳолу мадор рафта, худро ба зери дарахт гирифта аз шамол андак паноҳ бурда буд.

Муртазо садои дави аспро шунида ба он сӯ нигоҳ кард.

Боз аз паям афтода бошанд, фикр кард баробари Гули Бодомро дидан.

— Ака, зуд ба қанҷиғаам савор шав, ки аз қафо наоянд!-таъкид кард Ғуломалӣ.

Муртазо фаҳмид, ки марди бегона ба ёрии ӯ омадааст ва ҳиссиёти зинда мондан дилу ҷони ӯро фаро гирифт.

Дар ин ҷо ҳам одамони нек будаанд, аз дил гузаронд ӯ. Ин мард омадааст, ки маро аз мурдан халос кунад.

Муртазо имшаб хоҳиши охирини Петровро ба ҷо оварда ба ҳама азобу шиканҷа дандон ба дандон монда мардонавор тоқат карда тавонист, вале ин лаҳза баробари дидани Ғуломалӣ беихтиёр дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Ин ашки шодӣ, ашке буд, ки акнун ӯ бесоҳиб намонданашро донист.

Мард тамоми кувваташро як ҷо ҷамъ намуда аз ҷояш хестанӣ шуд, вале натавонист. Пои бараҳнааш ях баста ба замини зери дарахти дӯлона часпида буд. Дастонаш шах шуда ба ӯ итоат накарданд. Забонаш ба гап гуфтан нагашт.

Ғуломалӣ аз асп фуромада Муртазоро бо азоб ба болои зин бор кард ва худ ба сағрии асп савор шуда, Мутарзоро пеши бараш гирифт.

Сару рӯ ва дасту по, тамоми бадани Муртазо аз зарби лат ва хунукӣ ба қадре варам карда буданд, ки ӯро шинохтан амри маҳол буд. Ҳарчанд шамоли сарди саҳарӣ тани Ғуломалиро ба ларза оварда бошад ҳам, вале ӯ ҷомаи садямоқи худро аз тан кашида ба сару рӯи Муртазо печонд ва худ таги куртаи карбосии нимдошт аспро ба роҳ даровард.

Ғуломалӣ дар наздикии қишлоқи Наврӯҳо бо дастаи аскарони сурх, ки ба тарафи Балҷувон меомадаанд, рӯ ба рӯ шуд, вале Муртазо ин дам аз омадани аскарон хабар ёфта натавонист. Ӯ мурда буд.

## БОБИ X

Нисфи шаб садои тирпарронӣ Азизуллоро аз хоб ба по хезонд. Ӯ ба пурсуҷӯ ва илтиҷои модараш, ки баробари фарзанд бедор шуда буд, ҳамин қадар гуфта тавонист, ки оча хавотир нашав, аз аскарҳо хабар гирфита меоям, ва зуд аспашро зину абзол карда савора аз ҳавлӣ баромад.

Ҳама ҷо тираву тор буд. Шамоли тунд мевазид. Танҳо сафедии барф атрофро андак рӯшноии хира мебахшид.

Ба гӯши Азизулло аз тарафи болои қишлоқ оҳу фиғон ва нолаи занону кӯдакон расид, ки дар як дам деҳаро фаро гирифта буд.

Ин кори Ғаюрбек, аз дил гузаронд Азизулло ва аспашро маҳмез зада ба хонаи Камоли оҳангар гузашт, ки ӯ низ садои тирпаррониро шунида таги долони хонааш баромада буд.

— Чӣ ҳодиса шудааст, акаи Камол? Кӣ тир парронд? –пурсид саросема Азизулло баробари дидани суроби Камоли оҳангар.

— Аз афташ Ғаюрбек ба ғазо сар кардааст. Ин нолаю фиғон аз хонаи кӣ бошад? –гуфт Камол.

— Ба фикрам зану кӯдакҳо аз болои қишлоқ фиғон доранд.

— Ба куҷо равем, ба ҷои мусибат ё ба назди салотҳо? –пурсид Камол.

— Аввал ба ҷои мусибат рафта ҳодисаро фаҳмем, баъд ягон фикр мекунем, —гуфт Азизулло.

Камоли оҳангар ба қанҷиғаи аспи Азизулло савор шуда ҳарду ба тарафи болои қишлоқ рафтанд.

Мардони деҳа, ки аз садои тир ва оҳу фиғон ба по хеста буданд, ҳар кадом аз хасхона ё каҳдони худ дастаҳои хаси марзро, ки тирамоҳ онҳоро аз пуштаҳо даравида аз чор-панҷ ҷояшон бо химчаи шулаш баста монда буданд ва дар чунин шабҳои торик дар зарурат машъал

мекарданд, ин дам дар дода ба сӯи хонаи Қаландар, ки аз болои деҳа воқеъ буд, мешитобиданд.

Ғаюрбек, ки барои манфиати худ марди пухтакор ва бофаҳму боандеша буд, ҳамроҳи амаки Мирзоқосимаш маслиҳатро пазонда молу мулки асосиаш, пулу тиллояшоро ба ду паллаи хурҷин баробар тақсим карда ҳамроҳи зани калониаш Шамъигул ва чор фарзандаш шабошаб пинҳонӣ ба Афғонистон фиристод ва амакашро таъкид кард, ки зану кӯдакон ва давлаташро ба хонаи Мавлавӣ Аҳмади рустоқӣ барад, худаш аз паи бурдани чорво ва дигар молу ҳолаш шуда, фурсаташ расад, зани хурдиашро низ гирифта меояд.

Ҳоким дар фикри он буд, ки минбаъд агар аъзоёни ҳукумати инқилоб аз ин рафтораш огоҳ гарданд ва ба даст афтад ҳам, чизе бой намедиҳад ва аз ин ҷо коре карда гурехта ҷон ба саломат бурда метавонад. Ба шуниданаш ба он тарафи дарёи Панҷ то ҳол паи қадами урусҳо нарасидааст. Он ҷо мулки мусулмонист. Ёру ошноҳои савдогар ва ҳаммаслаконаш дар он ҷо ҳам зиёданд. Тиллою давлаташ, ки бошад дар ҳамаи ҷои дунё рӯзи хуш мебинад.

Кӣ медонад? Дар ин солу замон, то баҳор чӣ ҳодисаҳое шуданаш мумкин? Ба ҳар ҳол давлати асосиаш, тиллояшро, ки як умр ҷон коҳонда ҷамъ кардааст, аз пеши чашми бад ба ҷои бехавфу хатар бурдан лозим донист ва баъд ҳамроҳи Муллотураю шайхи Саидмӯъмин ва дигар пайравони худ дастаи ғозиён ташкил карда имшаб ба амалиёти аввалини худ сар карда буд. Ба фикри ӯ, дили Муллотураю Раҳимбой, аз ҳама асосиаш дили Давлатманд-бийро ба даст оварад, то аз нақшаю кирдорҳояш огоҳ нашаванд. Мабодо агар салотҳоро шикаст дода, дар ин ҷо ҳокимияти мустаҳкам барпо карда тавонанд, хубу нағаз. Аз Афғонистон овардани молу чизаш осон, вале бештари бовариаш он буд, ки бо қувваи инқилоб, ки аз Бухоро то ин ҷо ҳамаро фаро гирифтааст, истодагарӣ карда натавониста, ҷалои ватан мекунад ва ба ҳар ҳол ба гуфти Давлатманд-бий амал намуда, молу давлаташро пинҳонӣ кашида бурданаш лозим.

Дастаи ғозиёни ӯ бо мақсади ҳомии дину шариати мусулмонӣ ба ғазо баромада ба фармони сарвари худ Ғаюрбек мақсад доштанд, ки аввало ба тариқи пинҳонӣ танҳо шабҳо хилват карда, чанде аз тарафдорони инқилобро ба қатл расонида, ба ин кори худ ҳам қасос гирифта кори савоберо ба ҷо меоранд ва ҳам чашми мардумро

тарсонида аз ҳисоби сокинони деҳаҳо сафи худро рӯз аз рӯз зиёд менамоянд.

Ғаюрбек бо маслиҳати Муллотуроб ҷои ист ва ҷамъомади аъзоёни дастааш, хонаи Халифа Ҳоҷиро аз деҳаи Хосиён, ки дар қисми шимолу шарқии Ховалинг воқеъ буд, интихоб кард, зеро деҳаи Хосиён дар доманаи теппае бунёд гардидааст, ки баъди аз он гузаштан аз ду тарафи соҳили дарёи Ёхсу ҷангал ва буттазорҳо доман паҳн кардаанд ва барои панаҳ бурдани дастаи ғозиён ғору ҷариҳои мувофиқ зиёданд. Аз тарафи дигар қадобаи Ёхсу то ба Вахё ва ба тарафҳои Шуғнову Дарвоз, аз поён бошад, ба Мӯъминободу Кӯлоб ва аз он ҷо ба Афғонистон роҳи бе хавфу хатар мавҷуд буд. Аз тарафи шимоли соҳил бошад, кӯҳҳои Чилдухтарон паногоҳи хеле мувофиқи ғозиён шуда метавонистанд.

Умри Халифа Ҳоҷӣ аз ҳаштод гузашта бошад ҳам, ҳоло бақувват буд. Ӯ дар айёми ҷавонмардиаш ба зиёрати Макка рафта ба унвони Ҳоҷӣ соҳиб шуда буд. Ихлосмандон ба ӯ назру ниёз меоварданд ва зиндагии Халифа аз ҳамин ҳисоб пеш мерафт. Солҳои охир қувваи шунавоии домулло андак кам гардида буд ва чашмонаш ҳам камнур шуда буданд.

Ғаюрбек хонаи ӯро барои он ҷои маслиҳат ва ҷамъомад интихоб намуд, ки Халифа Ҳоҷӣ аслан марди ҳалиму меҳрубон буд ва Ғаюрбек ба ӯ ихлос дошт. Ҳоҷӣ ба неку бади касе кордор нашуда, ҳама вақт пои ботаҳорат ва ба зикри худо, тиловати қуръону чоркитоб ва дигар китобҳои динӣ машғул буд.

Ғозиён амалиёти худро аввал аз хонаи Қаландар, ки дар саргаҳи қишлоқ воқеъ буд, сар карданд. Онҳо Қаландарро ба қатл расонида баъд ба хонаи Сайёд омаданд.

Усто Сайёд дар масти хоб баробари шунидани садои суми саворагон бедор шуда, ба тезӣ сарфаҳм рафт, ки ягон ҳодисаи ғайриоддие рӯй додааст. Ӯ зуд пилтачароғи лоиро, ки дар тоқи бари девор милт-милт месӯхт, хомӯш кард, то омадагон дар хона будагиҳоро аз торикӣ дида натавонанд ва худ дар ноҷои дар гӯш ба қимор рост истод.

— Суфи Алӣ! Ин думрави кофирҳоро аз бағали занаш кашида барор! —фармон дод Ғаюрбек, баробари ба ҳавлии усто Сайёд расидан.

Усто Сайёд гапи ҳокимро шунида ӯро шинохт, вале ҳарфе нагуфта худро ба як тарафи девор ҷафс карда занҷири дарро даст бурд, ки аз зулфак гузаронидагӣ аст ва дилаш андак ором гирифта ба хонаи дарун даромада камони думилаашро аз сари мех гирифт ва ба ҷои аввалааш омада истод.

Сӯфиалию Муллоёр аз аспҳо фуромада лаҷоми аспҳояшонро ба дасти Ёраҳмад доданд ва назди дар расида будаанд, ки усто Сайёд аз дарун овоз баровард.

— Кистед, ки дар ин нисфишабӣ и қадар дӯғу пӯписа дорен?!

Аз ҳайбати овози ногаҳонии усто Сайёд дар берун будагиҳо аз тарс як қад париданд ва Муллоёр: —Лоҳавла вало қуввата илло биллоҳи ал-аъзам, —гуфт.

Ғаюрбек аз буздилии онҳо дар ғазаб, ғозиёнро шерак карданӣ шуда, ба сӯи усто Сайёд ғуррид:

— Ба берун баро, дайду!

Аз овози бадҳайбати Ғаюрбек ин дам Заррагули зани усто Сайёд бедор шуда аз тарс оҳу фиғон бардошт.

— Ай дари хонам ба хубӣ равен, ки зану кӯдакҳома тарсонден! Ҳар гап дошта бошен, саҳарӣ дар байни омма гуфтугӯ мекунем, —гуфт ба қаҳр усто Сайёд.

— Дарро шикаста ӯро кашида ба берун бурорен! –фармуд Ғаюрбек.

Муллоёру Сӯфиалӣ дарро боз карданӣ шуданд ва чун диданд, ки сахт маҳкам аст, китф монда хостанд ба зӯрӣ онро кушоянд.

— Беҳуда зӯр назанен, ки мусулмон набошам, ба хонаам даромадагӣ одама ҷо ба ҷо мекушам! –қасам хӯрд усто Сайёд.

— Ту, падарнаълат, чӣ мусулмонӣ дорӣ, ки боз қасам мехӯрӣ? –овоз бароварди Муллоёр ва қафо рафта давида ба пои росташ башаст дарро як лағад зада буд, ки зулфаки дар шикаста парид ва дар кушода аз нав пӯшида шуд, вале пои Муллоёр аз зарб сахт лат хӯрд, ки «войиӣ» гуфта як печ хӯрду ба болои барф рӯӣ ҳавлӣ нишаст.

Сӯфиалӣ ин дам аз тарс ҳурбаи дарро кушода ба дарун даромадан накард.

Усто Сайёд дид, ки кор ба ин дараҷа расид, худ дарро кушода берун баромад ва дар рӯ ба рӯяш суроби мардеро дид, ки табар дар даст истодааст, вале ӯро дар торикӣ шинохта натавонист. Сайёд бо ду даст миллаи милтиқро дошта ба қундоқаш кушодаву кашида ба

гардани Сӯфайлӣ чунон ба шаст зад, ки ӯ ба оҳу воҳ нарасида ба рӯи барф дароз кашид ва табар аз дасташ парида рафт.

— Ҳазрати ҳоким, парронед! Парронед, и худозадаи кофира! –ҳоли зори Сӯфиалиро дида аз дарди пои худ фаромӯш карда дод зад Муллоёр.

— Дамата гир, наҷис! –ғуррид ба сӯи Муллоёр Ғаюрбек ва ба ҳамроҳонаш таъкид кард:

— Напарронед, ки салотҳо хабардор шаванд, очаи зоратона нишон медиҳанд! Панҷ нафаратон фуромада кори ин сага ба зудӣ хилват тамом кунен!

— Ҳамаатон фуроед, мара кушта наметавонен! –гуфт усто Сайёд ва дид, ки ғозиён паи ҳам аз аспҳо фуромаданд. Ӯ худро ба даруни хона, аз нав ба каҷии девор гирифта, ба тирдони камон тир ҷо карда тайёр истод.

Паронам ё не, гуфта дудила шуд, усто Сайёд. Шикор дигару одамкушӣ дигар аст. Дар берун будагиҳо то дина рӯз ҳама ба якдигар зиндаю мурдашарик буданд. Наход ҳоло кор ба дараҷае расидааст, ки дар қасди қатли ҳамдигар афтода бошанд? Боз андаке сабр кардан даркор, аз хотир гузаронд Сайёд.

Ғозиёни аз аспҳояшон фуромада ба тирдон тир ҷо кардани усто Сайёдро шунида тарсиданд ва ҳар кадом дар пеши аспи худ, қамчину лаҷом дар даст, дар ҷо шах шуданд, вале чун гургони ҳанӯз луқмаҳояшонро ба чангол надароварда дар рӯ ба рӯи дари хонаи Сайёд дандон тез карда пайт меҷустанд.

Ин дам ба хотири Сайёд расид, ки садои тирпаронӣ Азизуллою аскарон ва аҳли деҳаро аз ин ҳодиса огоҳ мекунад, бинобар ин сӯи ҳаво паи ҳам ду тир холӣ кард.

Ғозиён аз ин кори Сайёд ба таҳлуқа афтоданд. Аспҳо шиҳа кашида соҳибони болои зин нишастаашонро афтонданӣ шуда, ҷуфтакпар худро ба чор тараф мезаданд. Сӯфиалию Муллоёр ҳам аз тарс ҷонҳавлӣ худро ба болои аспҳояшон гирифтанд. Ғаюрбеки ноумед, аз тарси ҷони худ пешопеш, дигарон аз думболи ӯ деҳаро миёнабур карда тарафи қишлоқи Хосиён гурехтанд.

Нияти ғозиён, ки имшаб қисми зиёди тарафдорони инқилобро қатл кардан буд, иҷро нашуда монд.

Баъди рафтани ғозиён дар ҳавлии усто Сайёд, дар ҷои афтидаи Сӯфиалӣ табари ӯ ба дами хунолуд рӯи барф мехобид.

Вақте ки Азизуллою Камоли оҳангар ба хонаи Қаландар расиданд, мардону мӯйсафедони зиёди деҳа ҷамъ омада буданд. Аскарон низ ин лаҳза расида омаданд.

Азизулло худро надомат мекард, ки чаро пештар аҳолиро аз ғозиён огоҳ накард. Ӯ чунин ҳолро имшаб чашмдор набуд. Ғаюрбек пешдастӣ карда онҳоро дар ғафлат мононд ва хости худро кард. Ба ин ҳато дар назди аҳли қишлоқ, ки ӯро сарвари худ, раиси ҳукумати инқилобӣ интихоб карданд, чӣ ҷавоб мегӯяд?

Хонаи Қаландар ин дам пур аз нолаву оҳ буд. Ҳуснигули зани ӯ бо се кӯдак дар болои ҷасади ба хун оғушта ва ҳанӯз гарми Қаландар навҳа доштанд.

Қотилон Қаландарро ба осонӣ кушта натавониста, дар ҳавлиаш бо ӯ афту дарафти зиёд карда буданд. Ба ин хуни болои барф титу пареш рехта ва изи бетартиб боқимондаи суми асп ва пои ғозиён гувоҳӣ медод.

Ба гуфти Ҳуснигул табари қотил бори якум ба фарқи Қаландар барнахӯрда будааст. Ӯ ба ғозиён қад ба қад шуда, якеро меафтонад, вале дигаре аз болои асп бо таёқ пою миёни Қаландарро зада маъюб карда, баъд табаркушаш мекунанд.

Ховалинг дар ин нисфишабӣ ба мотамсаро табдил ёфта буд.

## БОБИ XI

Холаи Мунаввар аз саҳар кулчаю қалама пухта, Рақабгули духтарашро ба хонаи кампири Ғарибгул фиристод.

— Рафта момата бигӯ, ки биёяд ба хонаи худораҳматии Қаландар фотеҳахонӣ биравем, —гуфт модар ва таъкид кард, ки зуд баргашта ояд.

Момаи Ғарибгул низ тайёрӣ дида маҳтали ишорат буд ва баъди хабар кардани Рақабгул дар табақчаи бандзадагӣ нашоиста бардошта ба болояш як қадар маскаи тоза андохту ба дасти набераааш Асрор дод ва кафшҳои судаи сандалворашро пӯшида, набера пешопешу момо аз қафо ба хонаи холаи Мунаввар омаданд.

Ин дам Азизуллою Камоли оҳангар аз назди аскарон ҳарду гапзанон вориди ҳавлӣ шуда, барфи мӯзаҳояшонро такида баъд ба хона даромаданд. Азизулло саргардонии модарашро дида пурсид.

— Оча, ба куҷое ҳамсояшинӣ ният кардед?

— Ҳова, бачам, —ба ҷои холаи Мунаввар ҷавоб дод момаи Ғарибгул ва илова намуд. –Гуфтем, як сари қадам ба хонаи раҳматии Қаландар буравему рӯҳу арвоҳша шод кунем.

— Мо наравем, хуб намешавад, бачам, —гуфт холаи Мунаввар, ки дар гирди дег ҷунбуҷул дошт ва гуфт. –Шумо ҳам як бор рафта аз даршон дароен, зарар надора, бачам. Дина Қумрии зани худораҳматии Муртазо ба хона омада миннатдории бисёр кард, ки Азизулло хабармон гирифту ду санг орд овард, набоша дар хона гарде надоштем, ки ба рӯи об андозем. «Худо умраша дароз кунад», —гуфта дуои хайри ҷоната кард зани худораҳматии Муртазо. Ба хонаи Қаландар ҳам бирав, бачам. Хабаршон бигир. Дастат расад, ёрдамашон бикун. Одами кӯдакдорай, савоби олама мегирӣ. И рӯз ба сари ҳамаи бандаи мӯъмин меояд, —насиҳат кард, холаи Мунаввар ва ин гапҳо ба Камоли оҳангар низ дахл доштанд, зеро модар аз рӯзи омадани Азизулло ҳардуро мудом якҷо, ҳамдилу ҳамфикр медид.

Азизулло дид, ки модараш гапи ҳак, мегӯяд, андак хиҷолат кашида худро дар пеши ӯ сафед карданӣ шуд.

— Ҳамроҳии акаи Камол мо дина ба он ҷо якҷоя рафта будем. Имрӯз, ҳақиқатан, то ҳол вақтамон нарасид. Баъд албатта мо ҳам меоем.

— Бисёр хуб мешава, бачам. Ба азои ҳамсоя, ки шарик шудӣ, дар тӯят меоя, —гуфт модар.

Камоли оҳангар ба гапи модару писар ҳамроҳ шуд.

— Янга, фотеҳахонӣ, ки рафтен, илоҷе карда дар вақти гапзанӣ занҳои омадагира фаҳмонен, ки баъди нисфирӯзӣ ба масҷид биёянд, ҷамъомад дорем.

— Чӣ хел ҷамъомад будааст, бачам? –пурсид момаи Ғарибгул.

— Ҳамаи мардуми қишлоқа ҷамъ карда аз рафтору муносибатамон ба ғозиҳо гап мезанем.

— Рӯи сиёҳам, бачам! –ҳайрон шуда гуфт момаи Ғарибгул, —худатон майлис мекарден, гап мезаден бас набуд,ки боз мо занҳора ҳамроҳи мардҳои номаҳрам рӯ ба рӯ мешинонен, уболи дунёра ба

худатон мегирен. Дар умрам рӯи одами номаҳрама надидам, бачам. Боз мардум нагӯянд, ки кампири Ғарибгул дар сари пирӣ нағма бадар карда майлисбоз шудаст.

— Мома, ба маҷлис ғайр аз одамҳои қишлоқи худамон дигар ягон каси бегона намеояд, —гуфт Азизулло ва илова кард. –Агар мо, ки номаҳрам бошем, намедонам, маҳрамҳояш киҳоянд?

— Салотҳо, чӣ, бачам?

— Аскарҳо ба ҳимояи мову шумо омада, номаҳраму гунаҳгор мешудаанд?

— Не, бачам. Гунаҳкор ку нестанд, лекин мусулмон мебуданд.

— Аз мусулмонии Ғаюрбеку Сӯфиалӣ дида кофирии онҳо беҳтар нест, мома?

Кампири Ғарибгул хомӯш монд.

Холаи Мунаввар дид, ки кампир ба гапҳои Азизулло музтар монда ҳарфе гуфта натавонист, ӯро аз хиҷолат баровардан шуда:

— Хайр Азизуллои ҷун, и қадар сахт нагирмон, меравем. Мо ба майлис нарафта кӣ мерафт? –гуфт.

Азизулло дид, ки гапаш ба занҳо таъсир кард, нисбатан оромтар шуд ва аз хотир гузаронид, ки момаи Ғарибгулу модарашро бештар ташвиқот кардан даркор, ки онҳо дар байни дигар занон гап зада, мақсадашонро фаҳмонда тавонанд.

— Агар имшаб ё пагоҳ Ғаюрбеку ғозиёнаш чун ба дари хонаи раҳматии Қаландар, ба дари хонаи мову шумо, ё дигарҳо биёянд, баъд чӣ кор мекунем? –гуфт Азизулло ба кампири Ғарибгул.

— Ҳукумати камбағалон, ки шуд ҳама хубу бада одамон бояд донанд.

Шумо ба ҷои занону духтарҳора ба маҷлис бурдан ин хел ҳоли мора ба танг биёред, баъд аз дасти мо чӣ меояд? Кӣ ба мо ёрӣ мерасонад? Ё мо маҷлиса ба фоидаи худамон мегузаронем?

— Ин хел, ки бошад, албат, хоҳарам, Мунаввар ҳамроҳмон мерава? –пурсид кампир.

Ин савол ба модари Азизулло дахл дошт, бинобар ин ӯ гуфт:

— Хайр, бачам, кӣ розӣ боша меравум, момаи Асрор.

— Мома, худату очаам, ки наравен баъд аз занҳои бегона чӣ гила? –гуфт Азизулло. –Хуб мешавад, ки худат навасаат Асрорра бигирию очаам Раҷабгули хоҳарма. Боз занҳои ҳамсояра гӯед, ки

онҳо аз шумо ибрат гирифта ба маҷлис биёянд. И кори шумо ба мо ёрдами хуб мешавад, мома. Охир, ҳукумат азони мову шумо аст. Дар ҳама кор бояд шарик шавед.

— Ин хел, ки боша, ба майлисатон меравем, бачам, —гуфт кампир.

— Садқаи момаам, шавам! Ай аввал ҳами гапа мегуфтен, намешуд? Занҳои дигара фаромӯш накунен, гӯен, ки ба маҷлис ягон мардаки бегона намеояд. Дар он ҷо фақат барои манфиати одамони қишлоқ гап мезанем, —ширинзабонӣ карда гуфт Азизулло ва ҳамроҳи Камоли оҳангар ба хонаи ӯ рафтанд.

Момаи Ғарибгул дар кулбаи Қаландар баъди фотеҳахонӣ таъкиди Азизулло ва Камоли оҳангарро ба ёд оварда, оҳиста-оҳиста ба хушгапӣ даромад.

Умри дарозу сахтиҳои зиндагӣ ӯро маҷбур карда буданд, ки барои ёфтани як луқма нон ва як парда пӯшок ҳама умр пеши занҳои одамони бадавлат сар хам намуда, гапҳои пасту баланди зиёдеро шунавад ва дар баробари ин дар сухандонӣ худ низ усто шавад.

Вақте ки занҳо дар хусуси ҳодисаи дишаб гап заданд, момаи Ғарибгул ин лаҳзаро айни муддао донист.

— Дар хоки поҳотон мара бикуша, ки ягона пушту паноҳи ҳамаамон ҳамин ҳукумати навай. Мову шумо дигар кӣ дорем? Ҳукумат боша ҳами Азизуллою Камоли худмон.

Мегӯянд, имрӯз майлис, доштанд. Ҳамаи одамҳои қишлоқа ҷамъ мекарданд.

Худораҳматии Қаландар, хок хабараш набарад, шаҳиди барҳақ шид. Боз нашаваду ҳамон ғозиён мову шумора қир накунанд, мегӯям? Дар майлис ғайри ҳамин хешу табори худмон каси бегона намеомадааст, —гуфта момаи Ғарибгул ба занҳои атрофаш назар дӯхт. Ҳама хомӯш гапашро гӯш мекарданд. Кампир рӯҳ гирифта ба зани бобои Хоркаш рӯ овард:

— Очаи Гуландом! Ай ин ҷо рафта корҳои хоната буд, ки кардӣ ҳамамон ба майлис меравем. Мо ҳам ҳамроҳи шумо азодорем. Худораҳматии Қаландар агар ба ту додар мешуд, барои ма фарзанд, ба хоҳари Мунавар ҳам додари қиёматӣ буд. Ҳамамон то имрӯза орзу доштем, ки соҳиби як нола (навола) нони серӣ шавем.

Берӯзира, ки нолааш ба даҳонаш омад даҳонаш хун меояд. Имрӯзи мо мушкил омадаст, хоҳар! Боз мушкилтар нашава, мегӯм.

Ҳолӣ, ки худора шукр, пушту паноҳдор шидем, раисҳояш моро таъкид карданд, ки занҳову духтарҳора ҳамроҳмон гирифта ба майлисашон биёрем. Барои ҳамон хонасӯхтаҳои даҳанталхи одамкуш гап мезаданд. Ба мову шумо маслиҳат медоданд.

— Азизулло, ки гуфта бошад, меравем, —гуфт Нафисамоҳи зани бобои Хоркаш. –Хароҷоти гӯру чӯби мурдаи Қаландара додарум, Азизуллову Камол ба гардан гирифтанд. Минбаъд зиндаву мурдабардормон ҳамӣ ҳукумат мешава. Ёрии мо зарур, ки боша, барои чӣ намерафтаем? Меравем, момаи Асрор, меравем, —гуфт зани бобои Хоркаш.

Дигар занон ба фикри момаи Ғарибгулу холаи Мунаввар розӣ шуданд.

Заррагули зани усто Сайёд бо хоҳиши Азизуллою Камоли оҳангар ва шавҳараш ба хонаи Қаландар бо ҷону дил рафт. Ҳамин ки занҳо дар рафти сӯҳбат аз ӯ дар хусуси нисфишабӣ ба ҳавлиашон омадани ғозиён пурсиданд, ӯ ба алам дарди дил кард:

— Хуб шуд, ки бедор шудам, набоша номусулмонҳо отаи Озода ҷо ба ҷо зада мекуштан, —муҳобот кард Заррагул, —Худоё, ҳазорон тавба кардум, дар сари гаҳвора мижа задан, ворӣ ғафлатам бурда буд ё не, ки ай ҳайто ҳуйти бачамурдаҳо бедор шида талхакаф шидум. Дар дасти яктоаш дар сафедии барф дами табар тофт. Гуфтум, рӯи сиёҳам, хонам сӯхт! Бачаҳом сағира мешаван. Дигар чӣ гуфтанма надониста фиғон бардоштум. Отаи Озод, хуб ки мардаки ҳушёру ҳуҷокай. Ҷигари холияй, бачаи мардак. Дид, ки намешава, камона гирифту ба онҳо қад ба қад шид.

Овози тира шунидаму чон аз дасту пом буромад. Гуфтам, худо зад, бачамурдаҳо шавҳарма ҷо ба ҷо куштанд.

Садқаи шумо мешавум, ки ҳарчӣ ҳамита, ки аҷинаеро бисмиллоҳ задагӣ ворӣ ту дидиву ма не. Паи қадами шуми ҳамаашон дар як дам аз дари хонаам канд.

Боиси ҳамон хонасӯхтаҳои даҳанталх имрӯз дар масҷид майлис, мешудаст. Гуфтанд, ки ҳамаи зану марди қишлоқ ҷамъ мешидаст. Меравум, ку бубинум дар ҳақи отаи Озод чӣ мегуфта бошанд.

— Ақлата хӯрдаӣ занак, ки кӯдаки тарука дар хона мемониву майлис меравӣ? –гуфт Алқоси зани Устозайниддин, ки ҳамсоли Заррагул буд.

— Ақлама нахӯрдам, дугонаву ҳолӣ мурчаат нагазидааст. Зӯрат, ки омад чӣ балоҳоеро ба сар мебарӣ, —гуфт Заррагул. —Ӯ ма будум, ки хонасӯхтаҳора дар нисфишабӣ дидуму ҳеҷ балом назад. Ту чалфас мешудӣ, ҳолӣ Муллотура «Дуои Қунутут» мехонд.

Ҳодисаи «Дуои Қунут» ба ҳама маълум буд ва қариб, ки занҳо фотеҳаю азодориро фаромӯш карда қоҳ-қоҳ ханда карда буданд.

Алқос аз гапи задагиаш пушаймон шуд.

«Дуои Қунут» ин тавр овоза шуда буд: Муллотура ду сол пеш ҳамин Алқосро, ки чанд муддат бемор шуда буд, «Дуои Қунут» мехонам, гуфта дар хонаи хилваташ аввало аз дур даст-даст карда аз буҷилаки пои зан сар карда то зонуи ӯро молида-молида болотар ҳаракат кардан мехостааст, ки Алқос доду вовайло бардошта шармандагии муллоро бароварда буд.

Заррагул ҳамин ҳодисаро дар назар дошта ба Алқос шӯхии муносибро раво дид.

— Ғозиҳои бачамурда мегӯян дар қасди мардакум афтида ҳолӣ ҳам мисли гурги чиллагӣ қабу доран, —аз нав гап сар кард Заррагул. –Боз як шабу нимшаб наоянду хонама салот кунанд. Мардакум рафта ба ҳукумат арзу додаша мегӯяд. Ҳукумати камбағалҳо, ки бошад, пеши раҳи бачамурдаҳора бигирад. Шӯи ма чӣ гунаҳ дора, ки нисфишабӣ ба саруш корду камон кашида меоянд?

Заррагул андак дам гирифта аз Алқос пурсид: —Ту аз афташ ба майлис намеравӣ?

— Шӯи ма нав аъзои ҳукумат шудаасту барои чӣ намерафтаам? –гуфт Алқос.

Баъзе занҳо китф дарҳам кашиданд.

— Рост мегӯяд, ҳамӣ очаи Озод, —гуфт Қумрии зани Муртазо, ки ӯ низ азодор буд: —Рафтан, ки даркор боша, барои чӣ намерафтаем? Ҳозир нарафта кай мерафтем? Вақте ки мисли раҳматии отаи Валию Қаландар шавҳаратона зада кушан, баъд оҳу нола фоидаатон намекунад. Ба оҳу нола мурда зинда намешавад. Ку отаи Валиҷонум дигар зинда шавад.

Заррагул кӯдаки хурдсолашро ба духтари калониаш Гулнисо супориду ҳамроҳи Қумрию дигар занону духтарон ба масҷид омад ва то сар шудани маҷлис ба дигарон аз ҳодисаи ба дари хонааш омадану афту дарафти ғозиён ва нотарсии шавҳараш муҳобот карда гап мезад.

## БОБИ XII

Давлатманд-бий Анвар пошшоро дар зодгоҳи худ, деҳаи Яп, ки аз Балҷувон тахмин 30 километр боло, дар доманаи теппаҳои Сарихосор воқеъ аст, пешвоз гирифт.

Кӯри Ортиқ баъди ба мир хабари хуш овардан ва гирифтани ду тиллои панҷсӯма шоду масрур буд. Ортиқ ба мир хабар дод, ки сафармондеҳи олии лашкари ислом, ҳазрати ҳумоюнӣ, Анвар пошшо бо ҳама лашкару аслиҳа рӯзи ҷумъа меояд.

Давлатманд-бий кури Ортиқро ба аввалин сад нафар дастаи ғозиёне, ки аз Балҷувону Зувайр ва Сияҳлояку Чаган ҷамъ омада буданд, сардор таъин кард.

Мир ба кури Ортиқ фармон дод, ки пешдастӣ карда Анварро дар Кунгурт пешвоз гиранд ва то наздикии Балҷувон қад-қади сангоби Сурхоб раҳнамудӣ карда, баъд ба роҳи паси теппаҳо пинҳонӣ ба деҳаи Яп биёранд.

— Аслои асло ба салотҳои дар Балҷувон буда ҳуҷум накунед, мабодо хабардор шаванд, аҳволи ҳамаамон ба танг меояд, —таъкид кард мир.

— Ҳама фармонтона бе каму кост иҷро мекунем, —гуфт кури Ортиқ ва дар ҳақиқат Анвар пошшоро ба ҳазор савораи мусаллаҳ пагоҳи рӯзии ҷумъа аз чашми Аскарони Сурх пинҳонӣ ба деҳаи Яп овард.

Ҳаво тара ва хунуки сахт буд. Барф аз нисфи рӯз сар шуда беист меборид. Тундбод аз дараву тангноҳо чун гургони гурусна улос кашида, барфи рӯи бомҳо, сар-сари теппаҳо ва заминҳои ҳамворро рӯфта ба ғору пастхамиҳо мебурд.

Давлатманд-бий аз дари хонаи падариаш барои пешвози меҳмонони олиқадр 10 газ[1] шоҳибеқасабро ба рӯи барф пойандоз партофт ва ҳамин ки Анвар пошшо бо лашкараш ба деҳа наздик омад, ӯ ҳамроҳи Шамсиддин туқсабо ва Муллоисою Абдулқодир ба аспҳо савор шуда ба поёни деҳа хамбида баробари наздик омадани

1. Газ — ченаки баробари ду метр.

Анвару навкаронаш аз асп фуромада, дигаронро низ фармуд, ки ба пешвози меҳмонҳо аз аспҳо фуроянд.

Анвар пошшо пешвозгирандагонро дида ҳамроҳи як нафари дигар, ки чун худи ӯ сару либоси ҳарбии англисӣ дошт ва ҳар ду пешопеши навкарон меомаданд, аз аспҳо фуромаданд.

Анвар пошшо ва Давлатманд-бий аз ин пеш якдигарро надида буданд, вале аз рӯи овозаи мардум, инчунин аз салобати сару либос ва пешопеши навкарон омадан Анварро дида Давлатманд-бий ӯро шинохт.

— Худо хоҳад, ба дидори якдигар мерасидаем, –гуфт мир ва Анварро ба оғӯш гирифт.

— «Кӯҳ ба кӯҳ нарасида одам ба одам мерасад», мегӯянд дар шума, —ҷавоб дод Анвар пошшо ва ҳамроҳони худро шиносонид.

— Ин кас Ҳоҷӣ Сомеъ, ё мардуми шума Сомӣ пошшо мегӯянд.

Мир ҳис кард, ки Анвар ҳангоми гапзанӣ лакнат карда дар охири калима овозҳои «о» ва «е»-ро вайрон талаффуз мекунад.

Давлатманд-бий дар бораи сарлашкари дигари турк Ҳоҷӣ Сомеъ низ шунида буд ва ин дам қади дарози Сомӣ пошшоро ба оғӯш гирифта ба ӯ вохӯрӣ кард. Мир дар навбати худ, ҳарчанд дар байни мусулмонон расм набошад ҳам, ҳамроҳони худро як-як ба Анвар пошшо шинос намуда «хуш омадед» гуфт ва таклифи ба аспҳо савор шуда ба деҳа даромадан кард.

Сараҳо бо пайроҳаи кӯҷу килеб деҳаро миёнабур карда ба сари қишлоқ, ба боғ, назди ҳавлии падари мир расиданд ва ин дам Анвар пошшо пойандозро дида аз асп фуромаданӣ шуда буд, ки мир ӯро боздошт.

— Ҳазратам! Агар малоли хотирашон нашавад, аз асп нафуроед. Сад ҷону давлатам фидои хоки қадаматон! Ин моли нокиро чӣ ҷои аз асп фуромадан дорад. Бимон, ки паи қадами мубораки шумо, балки суми аспи ҳомии дину шариат, сарфармондеҳи лашкари мусулмонҳо дар хонаи падарам, дар зодгоҳам, заминро набинад. Марҳамат карда бо аспатон гузаред

Анвар пшшо чунин пешвоз ва олиҳиматиро аз Боку то ин кӯҳистон дар ягон ҷо надида буд, бинобар ин хушнуд гардид. –Худои таолло давлататона зиёда гардонад, —гуфта аспро қамчин зада ба болои пойандоз бароварда.

Навкарон аз қафо ба ӯ пайравӣ карданд ва баъди гузаштани Анвару Сомӣ пошшо шоҳибеқасаб ба зери суми ба барфу лой олудашуда кирои нигоҳ кардан ҳам надошт, вале Муллоисо худро аз ҳама қафо гирифта аз асп фуромад ва пойандозро ғундошта ба паллаи хурҷин андохт.

Чашми мир ба Муллоисо афтоду ба сӯяш нигоҳи нафратовари ғазаболуде кард, вале Муллоисо хиҷолат ҳам накашида гуфт:

— Шери мулк, ин пойандози табаррука аз зери қадами мубораки Анвар пошшою шумо гирифтам, ки ба дасти ягон ноқисулақл наафтад.

Мир ба ӯ зери лаб дашноми дастабиринҷӣ карду зуд аз қафои меҳмонон рафт.

Дар хонаҳо ҷо кардани лашкар ба зимаи Шамсиддин туқсабо вогузошта шуда буд ва ӯ аз афташ аз ӯҳдаи кор баромада натавонист, ки ба назди мир омад.

— Дар ин чиллаи зимистон ин қадар лашкари мисли муру малах гуруснаю сармозадара дар куҷо ҷо мекунем, мир? –гуфт Шамсиддин туксабо, баъди дар меҳмонхона Анвар пошшо ва чанде навкаронашро ҷой кунондан ва илова намуд: —Мирам, ман гумон доштам, ки Анвар бо дусад-сесад ғозӣ ба ин ҷо меояд. И хонасӯхта ҳазор бухориву узбаки хунукзадара овардааст. Дар як ҳафта долу дарахти и сарзамина мехӯранд!.

— Дамата гир! –гуфт мир ва аз дасти Шамсиддин туқсабо гирифта ба каҷии долон бурд.

— Агар шунаванд, забоната аз ҳалқат кашида мебурранд! –ғазаб карда гуфт ба Шамсиддин Давлатманд-бий.

— Навкарҳора ба ҳар хонаи қишлоқ чор панҷ нафарӣ тақсим карда боқимондашона ба қишлоққои гирду атроф бар. Ба ҳар касе, ки аз ҷой кардани лашкари ислом ва ба аспҳои онҳо додани хӯрокаву ҷав саркашӣ мекунад, ҷазои муносиб дехӣ! –таъкид кард мир ва аз паи меҳмондории Анвар пошшо шуд.

Баъди зиёфат Давлатманд-бий кури Ортиқро ба наздаш хонд.

— Ортукбой! –муроҷиат кард мир ба ӯ, вақте ки дар таги долон назди дар ду даст пеши бар ҳозир шудани ӯро дид.

— Лаббай, ҳазрати мир! –гуфта чарми болои чашми чапи кураш ба ресмон басташударо болотар карда ҷавоб дод кури Ортиқ.

Мир аз хона ба берун баромад, то ки касе гуфтугӯи онҳоро нашунавад.

— Се-чор каса гирифта даррав ба қишлоқи Тираконӣ меравӣ, —гуфт Давлатманд-бий. Кури Ортиқ аз ин фармон ҳайрон ба мир нигарист.

— Овозаи духтари Солеҳи ҷувозкаша шунидай?

— Мегӯянд, ки бисёр хушрӯҳай.

— Ба хушрӯиаш кори ту набошад, фаҳмидӣ?

— Фаҳмидам, мирам!

— Фаҳмида, ки бошӣ, то қарибиҳои намози хуфтан Ҳуснорои духтари Солеҳа ҳозир мекунӣ! Ба духтар осебе расад аз худат гила кун!

Кури Ортиқ мақсади мирро фаҳмид ва: —ба чашм, —гуфта ба асп савор шуд.

Анвар пошшо баъди куфти роҳро баровардан ҷамъомад ороста вазъият ва ҳолати тайёрии мирро ба муборизаи зидди аскарони ҳукумати инқилобӣ донистанӣ шуд.

— Ҳазрати мир! Аз ҳамин лаҳза шумо ёрдамчии асосӣ ва дасти рости ман таъин шудед, —эълон кард якбора Анвар пошшо.

Аз ин илтифот сари Давлатманд-бий гӯё ба осмон расид. Ҳокимони ҷамъомада, эшони Султону Болта туқайсарӣ ва Диловаршоҳи дарвозӣ мирро табрик гуфтанд.

Мир аз ҷой бархоста ду даст ба пеши бар гирифт ва: — Минатпазирам, ҳазрати ҳумоюнӣ, амири лашкари ислом ва домоди халифа, —гуфт. Ин дам чашми рости Давлатманд-бий аз хурсандӣ ба бозӣ даромад.

— Акнун гӯед, ки барои ғазо чӣ тайёрие доред? –пурсид Анвар пошшо.

— Ба ҳокимони қаламравам фармудам, ки маҳтали ишоратам истанд ва соати муносиб ому хоса ба по хезонда, ҳама ба ғазо бароянд, лекин аслиҳа яроқ, тиру милтиқ надорем, ҳазрати ҳумоюнӣ.

Анвар пошшо фикр карда монд ва баъди андаке вақт: —Ба он тараф одам фиристода яроқу тири зиёд оварданамон зарур, — гуфт.

Мир мақсади Анварро фаҳмида гуфт:

— Ҳамаи хароҷот ба зиммаи камина. Мо ҳоло он қадар аз по назадем, пошшо!

Анвар аз ҳимати мир хурсанд шуд ва: —Ин тавр, ки боша, баъд ҳарду маслиҳат мекунем, —гуфта пурсид. –Дар қишлоққо салотҳо бисёранд?

— Худашон он қадар ку бисёр нестанд, лекин яроқу аслиҳаи дурзани зиёд доранд. Оммара ба балво хезониданд. Дар Ховалингу Кӯлоб, ба дили худ, ҳукумат ташкил доданд.

Анвар пошшо заҳрханда карда барои дили мир ва ҳозирон гуфт:

— Халқи почаканда ҳукумати чӣ дорад? Тиру камон имрӯз азони онҳо бошад, худо хоҳад, пагоҳ азони мову шума мешавад, мир. Ҳукуматашона аз сарашон сабил мемоним. Парво накунид. Ин қадар панҷтира, шамшере, ки дар дасти нукарони ман мебинед, ҳамара аз ҳамон салотҳои урус ғанимат гирифтам. Ман ба салотҳои урус бисёр ҷангидам. Садҳо нафараша ба ин зулфиқор (ӯ шамшери дастанукраро аз ғилоф бароварда нишон дод), ба хоки тира яксон кардам, —гуфта Анвар бо пошнаи мӯзаи ялақосиаш, ки то ҳол онро аз пояш накашида болои кӯрпача дар сари дастархон чорзону менишаст, ба рӯӣ намад зада гӯё заминро нишон дод ва илова кард: —Худои таоло раҳнамудамон бошад, ҳамаашона дар ин мулки кӯҳистон куштаю реза карда давлати мустақили мусулмонҳои Шарқа ташкил мекуним.

— Ғозиёни мусулмон ҳама фарзандони кӯҳистонанд, —гуфт Давлатманд-бий. –Дар аспсаворию шамшерзанӣ ҳамто надоранд. Ҳазрати Алӣ, арвоҳҳо, мададгорамон шаванд, ба мақсад мерасем!

— Аз пагоҳ ба ғазо тайёрӣ мебиним, мир, —хабар дод Анвар пошшо ва аз киссаи шими хушдӯхти англисиаш, ки ду қатор тугмаҳои зарди ҷилодор ва пешкиса дошт, қаламу коғаз бароварда болои намад паҳн кард. Дар рӯи коғаз пайроҳаҳои деҳа ва руду ҷангалзорҳои ин мавзеъ бо аломатҳои ишоратӣ каҷҷу килеб акс ёфта буданд. Анвар аз киссаи дигар айнак (пенсэ) бароварда ба чашм гузошт ва ба харитаи шартиаш нигариста гуфт:

— Ҳокимата фармон, ки ҷавонҳора гирифта биёранд. Субҳидам дастаи асосиамон ба Ховалинг ба сарварии ману шумо ва Ҳоҷӣ Сомеъ ҳуҷум меорем, —аз болои харита чашм наканда гуфт Анвар.

Ҳоҷӣ Сомеъ, ки аксаран қавоқ андохта менишаст, аз ҷо ҷунбида рӯяшро сӯи харитаи Анвар нигаронида табассум кард.

Анвар хушҳолии ӯро дида гуфт: —Сомӣ пошшо шума ба Балҷувон ҳуҷум кунед, чӣ?

— Аввал як тарафаша ба хок яксон кунем, баъд Балҷувон равем, хуб намешавад? –пурсид Ҳоҷӣ Сомеъ.

— Гапи шума ҳам ҷон дорад, —гуфт Анвар ва илова намуд. –Баъди ғалаба дар Ховалингу Балҷувон, насиб бошад, ба ғозиёни мир якҷоя ба Кӯлоб ғазоват мекуним.

— Ягон ҳафта дам гирифта, баъд ба ғазо бароед, чӣ? –пурсид мир.

— Ман ин ҷо дамгирӣ наомадаам, мир! –гуфта Анвар пошшо телпаки пӯсти қароқулии сурхчарангашро аз сараш гирифта мӯйҳои дар тори сар пупак мондаашро бо панҷаҳои калта-калтааш палмосида телпакро аз нав ба сараш монд ва мӯйлабчаҳои борикашро ҷунбонида гуфт:

— Роҳу усули ҷанг гуфтанӣ гапҳо ҳаст, мир. Як ё ду рӯз он тараф истад, як ё ду соат дер мондан гоҳҳо ғалабаро ба фоидаи душманат ҳал мекунад. Гуфтед, ки дар Ховалинг салотҳо каманд. Ховалинга ҳарчӣ зуд ба даст овардан даркор. Мо интизор шавем, салотҳо аз омадан, лашкар кашиданамон огоҳ шаванд, кор расво мешавад. Ин ҳолро ман ба дастаҳои Иброҳимбек дар Бойсун аз сар гузаронидам. Аз тарафи дигар, ман ба ғозиёнам ба даст овардани молу чиз ваъда кардаам. Ҳар кадоми онҳо аз ҷойҳои дур ҷилои ватан шуда ба умеди ҷоҳу ҷалол ба ин ҷойҳо омадаанд. Ғазо карда як чиз ним чиз, ки ба даст оранд, шояд дамашон андак дарун афтад, вагарна ҷон ба гарав мондим, гуфта балво карданашон мумкин. Дар он вақт ин роҳзанҳора, чунон ки дар шума мегӯянд, на ба ғамзаю усул, на ба худову расул ману шума нигаҳ дошта наметавоним.

Аз ин суханон дуд аз димоғи мир баромад ва чароғаш ба об зад.

Давлатманд-бий нав фаҳмид, ки мақсаду мароми Анвар пошшо ва тамоми лашкараш на ин ки ҳомигии аҳли ислом ва мардуми ин сарзамин, балки ғорат карда ба яғмо бурдани тамоми молу мулк ва боигарии одамон, ачаб не хазинаи худи ӯ низ бошад, вале ҳоло мубоҳиса ва норозигӣ баён карданро раво надонист, зеро Анвар пошшо бо хоҳиш ва таклифи худи мир ба ёрии ӯ омадаст ва ӯ дасту пои худро худ бе банд баста ба дасти Анвар пошшо супоридааст

на каси дигар. Ба ин танҳо худаш гунаҳгор аст. Чунон ки мегӯянд, «худкардаро даво нест».

Мӯҳтоҷӣ, нарасидани яроқ ва дармондагӣ маро маҷбур кард, ки имрӯз тобеи ин турки гуреза шавам, аз хотир гузаронд Давлатманд-бий ва сарҳаму хомӯш монда аз тобеъ шудан ба Аскарони Сурх дида ба ин домоди халифа, ки аз Боку то ба инҷо худро ҳомии мусулмонон меҳисобид, розӣ шуд, зеро ба қувваи ӯ бовар дошт ва бо он умед баста буд, ки Анвар пошшо ба ивази тилло думравон ва ғозиёни ӯро бо камону тир таъмин хоҳад кард. Дар мубориза сарварашон хоҳад шуд. Каси дигар аз ӯҳдаи ин кори мушкил баромада наметавонад. Ӯ шунида буд, ки Анвар бо мақсади як кардани туркҳои рӯи замин ва ҳамаи мусулмонҳо ба ин тараф сафар кардааст.

Сад дареғ, ҳазор афсӯс, ки ӯ аз ҳама ин ҳодисот, омадани салотҳо ва тарафи аскарони инқилоб гузаштани оммаро нафаҳмида, гумон карда буд, ки мусулмонони кӯҳистони қаламраваш муттаҳид мегарданд, ба як ишорataш агар хоҳад худро ба кӯҳ мезананд, хоҳад ба ҷар мепарранд, вале Давлатманд-бий хато кард. Баъди он ки мир дар Ховалинг Аскарҳои Сурх ва дар атрофашон ҳамдилу ҳамният будани аҳолиро дид, бар зидди Ғаюрбек ва ҳатто худи ӯ баромад кардани Азизуллою Камоли оҳангар ва дигаронро шунид, фаҳмид, ки салотҳо чӣ сеҳр, чӣ ҷозибае доштаанд, ки оммаи мусулмон аз миру ҳоким рӯ гардонида тарафи онҳоро гирифтаанд. Дигар ба фармони муллою хоким ва мир итоат намекунанд. Ҳама гунаҳгори осӣ, ҳама кофири муртад шудаанд. Балки ҳама аз тарси марг, куштор тарафи Аскарони Сурхро гирифта буданд.

Наход дунё ба охир расида бошад? Наход охирзамон ҳамин бошад, ки дигар хизматгору чоряккор ба ҳоким, додар ба ако, писар ба падар итоат кардан намехоҳад? Мабодо пеш аз як ҳафта аз ин ҳол огоҳ мешуд, худаш ба Афғонистон навкару тилло фиристода яроқу тир меовард, пеши роҳи салотҳоро мебаст. Ҳазорон ҳазор ҷавонмардони кӯҳистонро дар дами роҳи салотҳо, дар ғору даррaҳо ҷойгир мекунонд, ки ягон кофир ба қалараваш паи қадам монда наметавонист. Чӣ даҳшатест, ки аскарҳо ҳама мардҳои андак қувват доштаи мусулмонро сар мезананду оммаи беяроқ илоҷи мудофиа надоранд.

Акнун дер кардам, фикр кард мир. Сарамро ба кадом гӯр занам! Дар Афғонистон шиносҳо ёру дӯстон дорам, вале дар сари роҳҳо салотҳо поида истоданд. Ба ғайри ин худам дар умрам ба сӯи

касе боре ҳам аз камон тир холӣ накардаам. Халқи ман одамкуширо бадтарин гуноҳ меҳисобад. Имрӯз ба муқобили салотҳо ба ғазо, ки баромадӣ ғозиёнро роҳбарӣ карда тавонистан даркор. Ман аз ӯҳдаи ин кор намебароям. Охирин умедам ҳамин Анвар. Дили ӯро бо молу чиз, бо тилло, бо гап, ба даст оварда соҳиби яроқ шуда мусулмонҳоро ба ғазои ому хос бармехезонам. Наменомам, ки қаламравам, молу чизам, хонаву дарам, занону фарзандонам ба дасти кофирон афтанд, ҳаром шаванд, дунёву қиёматашон барбод равад!

Охирин умеду такягоҳи Анвар пошшо низ Давлатманд-бий буд. Аз Давлатманд-бий дида мувофиқ ба номаш дар тобеоти аморати Бухоро мири бадавлати дигаре вуҷуд надошт. Давлатманд-бий ба ивази ин ҳама давлату савлат соҳиби кони тиллои Шуғнов буд. Аз аввалҳои баҳор то зимистон гурӯҳ-гурӯҳ одамони тобеи Эшони Султон бо зоғнулу тешаҳои шахбурӣ ба кӯҳканӣ, ба ҷустуҷӯи тилло машғул шуда, дар соҳилҳои руду оббуридаҳо регшӯӣ мекарданд. Садҳо пӯсти гӯсфандон дар регшӯӣ ва тиллоҷӯӣ истифода гардида, тикаю лахта шуда, бекора мегардиданд. Маҳсули кор, тиллои ҷамъомадаро қаровулбегӣ ва одамони махсуси Эшони Султон ба ду дасти адаб оварда ба хазинабони мири Балҷувон, Шамсиддин туқсабо месупориданд. Шамсиддин ҳар шаб аз масҷид баъди намози хуфтан ба қалъа бармегашт ва ба Давлатманд-бий дар ин хусус ҳисобот медод. Ҳамон шаб тиллоро дар таҳхонаҳои зери қалъа гудохта, сикка зада дар сандуқҳои оҳанин андохта қулфу муҳр мекарданд. Навкарони мусаллаҳи мир асосан ҳамин ҳазинаро бонӣ мекарданд.

Ҳар моҳу сол, бар ивази он ки мир ба Амири Бухоро аз ин ҳисоб хироҷ мефиристод, хазина рӯз аз рӯз бойтар мегардид. Миқдори тиллои сандуқҳои хазинаро танҳо ду кас, Давлатманд-бий ва писарамаки ӯ Шамсиддин туқсабо медонистанд.

Вақтҳои охир таъкиди аввалу охири мир ҳамин буд, ки дар хусуси хазина агар ҳарфе шунаванд, худи ҳамон замон аз сад ҷон як ҷони Шамсиддин аз дасташ раҳоӣ намеёбад.

Мақсади асосии Анвар пошшо бо кадом роҳе ки бошад, аз ин сарзамин хоҳ ғолиб ва хоҳ мағлуб давлати зиёде ба даст оварда ба ватанаш баргаштан буд ва ин мақсадашро ҳатто аз худи Ҳоҷӣ Сомеъ, ки ҳамдилу ҳамқисматаш буд, пинҳон медошт.

❁ ❁ ❁

Хабари духтари Солеҳро овардани кури Ортиқ хаёли Давлатманд-бийро ба як ҷо ҷамъ кард. Ӯ ба Шамсиддин туқсабо, ки ин хабарро оҳиста ба гӯши мир гуфт, таъкид намуд, ки ба занҳо фармояд духтарро шустушӯй карда, сару либоси қиматбаҳо пӯшонанд ва худ сӯҳбатро кӯтоҳ карданӣ шуда ба Анвар пошшо гуфт: —Ҳазрати ҳумоюнӣ шаб аз нисф гузашт. Агар иҷозат мефармудед, намози хуфтанро, ки ҷамоа хонда натавонистем, танҳо ба танҳо хонему баъд масъалаҳои дигарро ҳал кунем.

— Аз намоз дида кори зарурамон ҳаст, —гуфт Анвар пошшо. –Мову шума мир масъалаи асосира, ки дар аввали омаданам гуфта будам, фаромӯш кардим.

Давлатманд-бий ишорати Анвар пошшоро фаҳмид ва аз ҳозирони меҳмонхона хоҳиш кард, ки онҳоро танҳо гузоранд. Сомеъ низ хеста рафтанӣ шуд, лекин мир ӯро намонд. Малоли хотир мешавад, гуфта ин корро раво надид.

— Шумо, Сомӣ пошшо ҳамроҳамон шинед, зарар надорад, —гуфт мир.

— Барои яроқу тир харидан сад тилло лозим, —баъди аз ҳуҷра баромадани дигарон гуфт Анвар пошшо.

Тамоми давлатам фидои як суханатон, ҳазрати ҳумоюнӣ. Магар сад тилло кам нест?

— Дар аввал ҳамин қадар кифоя.

— Ҳамроҳи одамони шумо чанд касро фиристам? –пурсид Давлатманд-бий.

— Ду нафари дилпурата. Ман аз одамони худам сад нафарро равон мекунам, Навкарони ман дар ин кор таҷриба доранд. Ба куҷо рафтану ба кӣ чӣ муомила кардана нағз мидонанд. Ба ғайр аз ин одамони ман дар ғазоҳо иштирок кардагианд. Ин мардҳои заифсифати шума тиру камон он тараф истад, аз овози рӯбоҳ метарсанд. Дар роҳҳо салот бисёр аст.

Давлатманд-бий розӣ шуд ва берун баромада Шамсиддинро ба назди худ хонд.

— Туқсабо, аз хазина сад тилло биёр, —гуфт мир ва аз нав ба меҳмонхона, ба назди Анвар пошшо даромад.

— Хӯш ки бошад, мир, —тилла дар дасти ду нафар фиристодаи ту мистад. Фармон, ки то вақти харидани яроқ онҳо тиллоро ба касе нишон намедиҳанд. Замона вайрон шудааст, мир. Барои тилло шуда одамон чӣ корҳое намекунанд. Баъди баргаштан ба ҳар кадом йигит мукофот бояд. Он тарафаш ба зиммаи ман. Худи ҳозир йигитҳора ба сафар тайёр кунид, ба роҳ бароянд!

Давлатманд-бий аз нав ба берун баромад ва ба пешхизматон фармуд, ки Болта туқайсарӣ ва Абдулқодири хоҳарзодаашро гирифта оранд.

Болта туқайсарии лақай чун Шамсиддин туқсабо яке аз одамони наздик ва бовариноки мир ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар аспсаворию бузкашӣ мисли худи мир ном бароварда буд.

Тилло дар дасти Болта истад, зеро боз аз рӯи ин ганҷ ба сари Абдулқодир ягон бало наояд, фикр кард мир ва сад тиллои ҳисобиро ба Болта туқайсарӣ супурд. Ҳоҷӣ Сомеъ низ ба фармони Анвар аз паи ба сафар тайёр кардани навкарон шуд. Бо сарварии Диловар, ки яке аз саркардаҳои аз Бойсун ба ин ҷо омадагиҳо ҳисоб меёфт, баъди дастур гирифтану таъкидҳо нисфишабӣ сабораҳо ба сӯи Афғонистон ба роҳ баромадаанд. Онҳоро худи мир ҳамроҳи Шамсиддин туқсабою Муллоисо то беруни деҳа гусел карда фотеҳа доданд.

Шаб аз нисф гузашта, барф торафт шиддат мегирифт. Ин ҳолатро дида кас гумон мекард, ки шаби тираи сармо ҳеҷ ба поён намерасад.

Баъд аз баргаштан, мир, ҳарду наздиконашро ба меҳмонхона даъват кард.

— Туқсабо, фармудаҳора биёр ва аз занҳо хабар гир, ки тайёр шудаанд ё не, —гуфт Давлатманд-бий ва Шамсиддин ду даст пеши бар ба қафо баргашта аз паи иҷро фармон шуд.

Шамсиддин туқсабо барои Анвар пошшо сару либоси тоза ва ҷомаи зирабеқасаб овард.

— Ин тӯҳфаҳо ночиз бошанд ҳам аз рӯи расму оини мо қабул фармоед, пошшо, —хоҳиш кард мир ва Анвар тағъири либос намуд.

— Ин қадар ба қадду қомататон мезебидаст, ҳазрати ҳумоюнӣ! Муборак бошад! –баъди пӯшидани ҷома гуфт Давлатманд-бий.

Дигарҳо ҳам муборакбодӣ карданд.

Анвар заҳрхандае кард, вале чизе нагуфт.

— Ҳазрати ҳумоюнӣ, хостем барои меҳмондорӣ, боиси хурсандии эшон як тӯҳфаи ночизе пешкашатон кунем. Маъқул мешуда бошад ё не, дар хиҷолатем, —гуфт Давлатманд-бий дар рӯ ба рӯи Анвар истода.

— Чӣ будааст, мир, он тӯҳфаатон? –хушнуд шуда пурсид Анвар пошшо ва аз кори неке пайхас шуда чашмони сурхаш калон кушода шудаанд.

— Як себаки гуворо. Яъне, ҳазрати ҳумоюнӣ, як чӯҷаи парӣ, бароятон овардем.

— Парӣ бошад боз мара ба паси кӯҳи Қоф гирифта набарад, ки лашкарам бесоҳиб монад? –ҳозирҷавобӣ карда гуфт Анвар пошшо ва аз хурсандӣ завқида қоҳ-қоҳ хандид.

Давлатманд-бий ризогии Анварро дида хушнуд шуд.

Муллоисо, ки барои хондани хутбаи никоҳ косаи об дар пешаш буд, ба Анвар пошшо пайравӣ намуда хир-хир ханда кард.

— Не, тақсирам! Аз он париҳои шумо мегуфтагӣ нест, ин парии мо. Ин аз он зоти париҳоест, ки шумо онро ба куҷое, ки хоҳед бурдан мегиред, —гуфт мир.

— «Некиву пурсиш», мегӯянд дар шума. Майлаш ма дар қаламрави шумоим, мир, — аз нав, зери лаб табассум карда, -гуфт Анвар.

— Куҷо шуд туқсабо! —саросема гуфт Давлатманд-бий ва аз ҷояш хеста ба берун баромаданӣ буд, ки Шамсиддин аз дар даромада дар бари Муллоисо сари ду зону чун вакилу ваколатдори Ҳусноро нишаст.

Муллоисои маҳтали ишорат ба хондани хутбаи никоҳ сар кард. Ҳоҷӣ Сомеъ дар паҳлӯи Анвар, ба ӯ ҳасад бурда ба хаёл банд буд. Рӯю манаҳи дарозаш дар назар боз ҳам дарозтар менамуд.

Давлатманд-бий оҳи сабуке кашида ба Анвар пошшо назар намуд, ки ӯ хумор карда хушбахтона хутбахонии Муллоисоро гӯш дорад.

Ҳар чӣ қадар бесаранҷомӣ ва мушавашхотирии Давлатманд-бий сабук гардида бошад ҳам, вале имшаб ӯро хоб набурд. Ӯ дар хонаи хилвати паҳлӯи меҳмонхона ба ҳазор кӯчаи сарбастаи фикру хаёл ва андеша афтода, аз паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мегашт. Дар ҳама ин шаби дарози зулмонӣ нолаи ҳазини Ҳуснорои ноком, ки гоҳ-гоҳе ба гӯшаш мерасид, ӯро ноорому ҳаромхоб мегардонид…

## БОБИ XIII

Командири дивизияи савораи воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, Василий Димитров соатҳои сеи шаб бо чунин мазмун мактуби таъҷилӣ гирифт:

«Дар Ховалинг ҳукумати инқилобӣ ташкил шуд. Вазъият то рафт мушкил мегардад. Давлатманд-бий Анвар пошшоро бо ҳазор босмачӣ дар деҳаи Яп пешвоз гирифт. Аллакай чор нафар Аскари Сурхро талаф додем. Дар байни аҳоли дастаҳои ихтиёриёнро ташкил карда истодаем.

Ба мо ҳарчӣ зуд аслиҳа ва ёрӣ расонед».

Командири эскадрон: — Скрепник И. В.

Комиссар: — Бойченко В. И.

Василий Димитров баъди мутолиаи мактуб дигар ором нишаста натавониста, аввал аъзоёни штабро ба наздаш даъват карда онҳоро аз вазъият огоҳ намуд ва ба ҳар кадом дастур дода ба тамоми дивизия бонги хатар эълон кард. Таъкид намуд, ки командирон Николай Харитонов, Геннадий Бондар ва Аликсей Василчук аскаронро ба сафар тайёр кунанд.

Аскарон аспҳоро зину абзол карда ҳар кадом ба эскадрони худ саф оростанд. Командирони эскадронҳо корҳои таъҷилии худро ба субут расонида ба аскарон супоришҳо доданд.

Фармон шуд, ки ҳар як аскар аз анбор як милтиқ ва панҷоҳ дона тири иловагӣ гирифта ба низом ба роҳ бароянд.

— Милтиқу тирҳои иловагӣ барои чӣ? –иҷозат пурсида гуфт командири полки ҳафтум Генадий Бондар.

— Тиру яроқро дар Ховалингу Балҷувон ба Азизулло Акбаров ва Скрепник супоред, —ҷавоб дод Василий Димитров. –Дастаҳои ихтиёронро мусаллаҳ карданамон лозим. Қувваи худамон камӣ мекунад. –Полки шумо, рафиқ Бондар, ҳамроҳи аскарҳои полки Василчук ба Ховалинг, Николай Харитонов ба Балҷувон меравад. То саҳар аз тарафи Данғараю Каргурт саворагони бригадаи Томин ба ёрӣ расида меоянд.

Ба вазъият нигоҳ карда амал намоед ва ба якдигар ёрӣ расонед. Аз ҳолу аҳволатон хабар дода истед. Ба ҳамаатон роҳи сафед ва ғалаба орзу мекунам!..

## БОБИ XIV

Имшаби Анвар пошшо хӯш нагузашт. Ҳарчанд ӯ гумон дошт, ки духтари инъомкардаи Давлатманд-бий чун дигар духтарону занони мусулмон баъди ба никоҳи ӯ даромадан фарманбордорона ду даст пеши бар таъзим карда, ӯро дар хонаи хоби махсус пешвоз мегирад, вале хаёлаш хом баромад.

Вақте ки Ҳуснороро дар хонаи падари мир ба ҳоли зор аз даруни ҷувол баровардаанд, духтар аз мақсади ба ин ҷо оварданаш огоҳ гардида талх гирист. Арабгул ном хизматгори мир ҳангоми саршӯй рӯю мӯю ҳусну ҷамол ва қадду басти Ҳуснороро дида ба ҳоли духтар раҳмаш омад.

— Духтари хушрӯ гиря карда худата обу адо накун, —тасалло дода ба гап даромад Арабгул. –Ба оби чашм дили санги ин хонасӯхтаҳора мулоим карда наметавонӣ. Ин бачамурдаҳои даҳанталх ба ҳеҷ кас раҳм намекунанд. Ма ҳам мисли ту ранги гули сиёҳгӯш хушрӯ будум. Қошу миҷаву рухсораҳома дидагӣ мардак то қиёмат ҳавасама мехӯрд. Мӯям қадди банди даст буду то пошнаи поҳом мезад. Хок дар сари ҳамӣ ҳусни худодод, ки боиси рӯзи сиёҳум, бахти бадам шуду ҳамӣ Давлатманд тармаргум кард. Фарзанд, ки наёфтум, охир канизи дари хонааш шидум. Туро ба Анвар пошшо пешкаш мекунад. Ҳайфи зор мешавӣ.

Зан оҳи бадард кашида фикр кард ва баъд гуфт:

— Фақат як роҳи халосӣ ҳаст.

— Ҷон, холаҷон! Дар хоки поҳот бимурум. Бигу кадом роҳ аст, ки ма ай и бало халос шавум? –аламаша фурӯ бурда ба зорию тавалло даромад Ҳусноро. –«Дарди бадро давои бад» —гуфтаанд, духтарам. Мани сиёҳбахти бефарзанд тура дидуму зиндагии талхи худум ба ёдум омад.

Бачаи ҳамсоямон, Абдукарима дӯст медоштум. Абдукарим куҷо шуду ма куҷо? Хок дар сарум, ки дар боғмон барои себчинӣ тори дурахт буромадуму Давлатманд, ки аз роҳ мегузаштааст, ай болои асп мара дидаст. Як ҳафта пас молу чизи зиёде доду ба болои Муслимаи очаи Субҳонқул мара ба занӣ гирифт. Солҳои аввал қадрдоним мекард. Баъд, ки фарзанддор нашидум, баҳона карда ба болои ма ҳам зан гирифту рузум сиёҳ шид. Ғамум, ҳолӣ зиёдаю вақти гап задан надорум. Ҳозирҳо омада тура мебаранд.

— Хола ҷони мара ай и бало халос кун, якумр канизут, саги дари хонаатон мешавум! –ба пеши пои Арабгул худро партофта гуфт Ҳусноро.

Зан хам шуда Ҳусноро аз замин бардошта гуфт:

— Хез бачам. Дар и чашмакои сиёҳи лиққи обут мара бикуша, ки ай дасти маи мушти пар чӣ меояд. Бачам, ма худум канизу боз каниза чӣ кор мекунум. Ба ма ҳеҷ хизматут даркор нест. Халос шавӣ, савоб мегирум. Гуноҳум дар назди парвардигор андак сабук мешавад. Ай дасти бало халосӣ дориву ай дасти и бачамурда не, —гапашро давом дода гуфт Арабгул. –Таъкидҳои мара ба гушут бигир. Гап, ҳамин ки худата ба девонагӣ бизан, шояд ай и бало халос шавӣ. Гапҳои ношоями бешармона бигу. Фақат дашном накун, тура баста аввал хуб зада дилшона хунук мекунану, баъде ки аз ҳолу мадор рафтӣ, барои таскини нафси бадшон ҳарчӣ аз дастшон ояд ба ҷо меоранд. Баъди саршӯи мо тура либоси арӯсӣ мепушонем. Ба хона, ки дуромадӣ ай дегдонча камтар лахчара ба таи остинут пинҳон бубар. Сару рута ҳарҷо-ҳарҷо сиёҳ куну гаҳнаву гушворота бикан парто. Баъди сарта шустан ба хотирум биёр, ма камтар ҳинги бадбӯ дорум ба ту медиҳум. Либосҳои арусита, ки пӯшондем ай ҳамун ба либосҳо бипош. Баъд мебинӣ, ки худо тараҳҳум мекунаву ҳисси мардиаш ай и бӯи бад ай ту якбора мегарда, кордорут намешавад. Набоша ба шунидагиам чор-панҷ моҳ боз Анвар пошшо ай тарси салотҳора ай як ҷо ба ҷои дига овора гурехта гаштааст. Мардаки дар и қадар вақт ай зан дур ту гули булутука дар як дам ҳалу дал мекунад. Тармарг мешавӣ. Ма ай ӯҳдаи фиребди даҳанталх ба хубӣ мебарому ба ҷои ту арус шуда равум хабарама ёбанд, реза-резаам мекунанд. Намешава, ки ба ҷои ту худум равум. Зану канизҳои Давлатманд шур меандозанд. Бахтут дар дасти худут, бачам. Худо тура дар паноҳуш нигаҳ дораву рӯзи баде, ки ма дидум ба сари ту наояд.

И хонасӯхтаи турк заниат кунад, ку тан ба тақдири худо месупорӣ, ворӣ нафси балояш, ки шикаст шармандаву расвоят мекунаву партофта меравад. Баъд ягон бандаи мусулмони кӯҳистон ба ту хонадор намешавад. Тура дигар касе соҳибӣ намекунад. Рӯят сиёҳ, якумр дар ба дару хок ба сар мегардӣ…

Ҳусноро аз бими ҷон ҳама гуфтаҳои Арабгулро ба ҷо овард ва то вақти ӯро ба хонаи хоб, назди Анвар пошшо бурдан бо лахча рӯю гардани нозанинашро ҷо-ҷо доғдор карда, аз ҳинги бадбӯ ба гардану либосҳои арӯсӣ он қадар пошид, ки аз бӯи бади он одами андаке табъу тамиз дошта наздаш лаҳзае истодагарӣ карда наметавонист.

Бӯи ғализ худи духтарро, қариб ки аз ҳолу мадор рабуд.

Баробари арӯсро ба хонаи хоб дароварда пас гашта рафтани занон Ҳусноро худро ба кунҷе гирифт.

Анвар пошшо баъди ба хона даромадан дарро аз паси худ сахт пӯшид. Андеша карда оҳиста ба назди арӯс рафт ва хост, ки рӯймоли заргарониро аз сараш гираду ба ҳусну ҷамоли арӯс зеҳн монад. Ин дам тани Ҳусноро аз ҳайбати Анвар пошшо чун барги бед ларзид ва ӯ якбора аз ҷой бархоста рӯймолро ба сӯи Анвар ҳаво дода хандаи девонаавзое карду кокулони бофтаашро, ки раҳораҳ кушода буд, чангол зада худро ба каҷии дигари хона гирифт.

Чашмони Анвар пошшо дар рӯшнои хираи чароғ ба афту башараи сиёҳу хунуки арӯс бархурд ва аз бӯи бад домаш ба дарун афтод.

Ӯ гумон кард, ки мумкин дар вақти духтарро овардан афту дарафт карда сару рӯяшро зада сиёҳу кабуд карда бошанд ва бори дигар ба назди Ҳусноро рафт, то ки аз наздик ба ӯ зеҳн монад. Ин дафъа ба сӯи арӯс даст дароз карда буд, ки Ҳусноро ҷонҳавлӣ аз ҷо хеста дасти Анвар пошшоро маҳкам қапида чунон сахт газид, ки Анвар пошшо дигар токат карда натавониста аз дод гуфта овоз баровардан шарм дошт, вале аз ғазаб дандон ба дандон монда, худдорӣ кард. Қаҳраша фурӯ нишонданӣ шуда бо лағат ба шиками духтар чунон зад, ки Ҳусноро –«вой!» гуфта ба кунҷи хона афтид.

Пеши чашмони Ҳусноро сиёҳӣ гирифт. Вақте духтар ба худ омад ва ҳама қувваташро якҷо ҷамъ карда ба муҳорибаи навбатӣ тайёр шуд, дид, ки токӣ аз сари Анвар пошшо афтида як панҷа мӯи тори сар, ки гирдогирди он покиза тарошида шуда буд, ҷӯлида ба думи буз монанд гардидааст.

Анвар пошшо ин дам бо дасти дигар ҷои газидаи Ҳуснороро дошта зери лаб дашноми қабеҳ дод.

Духтар аз нав таъкидҳои Арабгулро ба ёд оварда аз ин ваҷоҳати Анвар пошшо қоҳ-қоҳзанон ба ханда даромад ва ба ду даст куртаи болоии арусиро аз гиребон то доман ҷар зада пора кард ва баланд-баланд ба ҳарзагӯӣ даромад.

Анвар пошшо яқин бовар кард, ки духтар девона аст ва Давлатманд-бий байни ҳама мардум ӯро шарманда карданӣ шудааст. Пеши чашмонаш хун гирифт. Ӯ шашерро аз сари мех гирифта аз ғилоф баркашид ва назди Ҳусноро омад.

Чашмони Ҳусноро ин дам оташ бориданд, вале роҳи халосӣ набуд.

Ин лаҳза Анвар пошшо саги девонаеро мемонд, ки чӯҷаи кабки маъибро таъқиб намуда, ният дорад, ки ҳоли ҳозир дар як дам ӯро зинда ба зинда фурӯ барад.

Анвар пошшо нӯги шамшерро ба гулӯи духтар монда, ӯро ба девор рост карда буд, ки Ҳусноро аз сӯзи ҷон бо ду даст аз дами шамшер маҳкам қапид. Дами шамшери тез панҷаҳои ҳарду дасти духтарро то ба устухон буриданд ва хун ба қадди дасту оринҷи ӯ таровида ба болои ҷогаҳи хоби арӯсӣ рехт.

Ҳусноро шамшерро аз гулӯяш ба як тараф реб кард ва ба рӯю мӯи Анвар пошшо панҷа зад. Нохунҳои палангвор тезу гиро ва бақуввати духтар пӯсти рӯю гардани Анвар пошшоро ҷо-ҷо ҷӯя кашиданд. Рӯи панҷазадаи Анвар ба лаблабуи сурхе монанд шуда буд, ки пӯсти онро гирифта бошанд.

Авар пошшо аз сӯзи ҷон шамшерро ба як сӯ ҳаво дода ба лағаткӯбии арӯс даромад.

Ҳусноро аз ҳуш рафта дигар лату зарберо ҳис накарда, дар гӯшае ба хуни худ оғушта беҳис мехобид. Анвар пошшо аз куштани ӯ худдорӣ кард, зеро медонист, ки ин кор аз хислати мардони кӯҳистон нест ва фардо хабар ёбанд ӯро дар байни аҳолӣ ва навкарон шармандаву расво мегардонанд, бинобар ин бо мӯю рӯи кандаи пури хун аз хона баромада ин шабро дар назди Сомӣ пошшо рӯз кард.

## БОБИ XV

Торик-торики рӯз дар Ховалинг қиёмат бархост. Дастаи ғозиёни Давлатманд-бий бо сарварии кури Ортиқ ва навкарони аз Бойсун овардаи Анвар зиёда аз ҳазор нафар бо мақсади маҳв кардани ҳукумати инқилобӣ аз Яп ба Ховалинг ҳуҷум оварданд.

Ҳамроҳи навкарони мусаллаҳ инчунин қисми халқи авом аз деҳаҳои гирду атроф бо таёқу досу табар мусаллаҳ бар зидди Аскарони Сурх омаданд.

Бобои Хоркаш баъди дар миёнаҷои масҷид оташ гирондан бо мақсади таҳорат карда намози бомдод хондан сӯи хонааш роҳӣ шуд.

Ӯ аз саҳни масҷид ба лаби сарҳавзи зери чанорҳо хамбиданӣ буд, ки дар пастхамӣ шамол ба гӯшаш садои суми аспҳоро расонид. Мӯйсафед хотирпарешон ба гирду атроф зеҳн монда чизеро дида натавонист. Аз роҳ баргашта ба болои теппа баромад ва ба тарафи боло нигоҳ карда хира-хира аранге дид, ки аз он тарафи сангоб, аз сӯи қишлоқи Дараи Мухтор андоми саворагони зиёде пешодумкол ба соҳили Оби Мазор хамбида сӯи Ховалинг меоянд.

Мӯйсафед фаҳмид, ки инҳо ғозиёнанд, зеро дар байни аскарон дар ин хусус гапҳо шунида буд ва медонист, ки Давлатманд-бий ба ғазо бархоста, ният дорад, ки барои маҳв кардани Аскарони Сурх имрӯз ё пагоҳ ҳуҷум мекунад. Ба шунидаш Давлатмандбию Ғаюрбек аз дур дуғу пӯписа кардаанд, ки ҳама тарафдорони инқилобро аз дами теғ мегузаронанд. Дар қатори дигарон аввал ӯро ҳам кофир гуфта куштанӣ будаанд.

Албатта, ибое накарда мекушанд, зеро аз рӯзи аввали ба инҷо омадани аскарону Азизулло ӯ тарафдор ва ҳамраъи онҳост. Мӯйсафед, дар сари пирӣ аз тарси ҷон аз дунболи аскарон рафтааст, магар зинда мемонандаш?

Зӯри ғозиён намерасад, фикр карда хулоса бароварда бобои Хоркаш. Аз Россияву Бухоро то ин ҷо ки ҳама халқро тобеъ карда бошанд, албатта зӯри Давлатманд-бийю Ғаюрбек намерасад.

Бобои Хоркаш ҳадаҳа ба масҷид баргашта дари дутабақаи онро кушоду фарёд бароварда:

— Командир! Хез ки валлоҳ ғозиён омаданд!

Скрепник баробари шунидани овоз бонги хатар эълон карда, ҳамаро ба по хезонд ва касеро иҷозати ба берун баромадан надода, худ маузер ва шамшерашро гирифта, мӯзаҳояшро саросема пӯшиду аз дари масҷид танҳо баромад.

Бобои Хоркаш ин дам аз болои теппаи назди масҷид ба тарафи боло нигоҳ мекард.

Скрепник гирду атрофро аз назар гузаронида касеро надид ва ҳайрон шуда ба назди мӯйсафед рафта аз ӯ пурсид:

— Бобо, босмачиҳо дар куҷоянд?

Мӯйсафед мазмуни гапҳои Скрепникро нафаҳмида бошад ҳам, аз ишорати ӯ мақсадашро донист.

— Ҳу, ана, зеҳн мон, —гуфта бобои Хоркаш бо дасташ ба тарафи боло ишорат кард ва гуфт: —Аз пушти Ҷари Вокак ба сангов қатор хамбиданшона дидӣ? Ай Оби Мазор гузашта наздик омадан. Ана-мана нагуфта ба инҷа мерасанд.

Скрепник ба тарафи нишондоди мӯйсафед назар карда дид, ки дар ҳақиқат тӯдаи сиёҳи саворони зиёд ба ин тараф ҳаракат доранд.

Скрепник ва мӯйсафед ҳарду ба масҷид баргаштанд. Командир Ғуломалиро ба хонаи Азизулло фиристода таъкид кард, ки аҳолии деҳаро аз ҳуҷум огоҳ кунад ва гӯяд, ки одамон аз хонаҳо набароянд, чунки яроқ надоранд ва ҳамаашонро ғозиён аз дами теғ гузаронидан мумкин.

Ғуломалӣ лаҷомро ба сари Гули Бодом зада оили аспро сахт кашид ва зуд савор шуда ба сӯи хонаи Азизулло асп ронд.

Ғуломалӣ аз вақти ба Ховалинг омадан ҳамроҳи аскарон зиндагӣ мекард. Рӯзҳои дар саҳни масҷид машқҳои ҳарбӣ кардани аскарон ӯ низ дар қатори онҳо асп ронда ба рафти машқҳо зеҳн мемонд. Хоҳиш дошт, ки ӯро дар қатори аскарон қабул кунанд.

Скрепник ба ӯ ваъда дод, ки дар ҳозира ба ҳамин сару либосаш ҳамроҳи аскарон машқ кунад. Аз Кӯлоб либосу яроқ, ки оварданд, хоҳишашро иҷро мекунанд, ӯро ба хизмат қабул менамоянд.

Командир дар тарадуди худмуҳофизати аскарон шуд. Аввало хост фармони ба аспҳо савор шуданро диҳад, вале аз хотир гузаронид, ки ба он қадар ғозии мусаллаҳ аскарон истодагарӣ карда наметавонанд ва ҳамаашон беҳуда талаф меёбанд, аз ин сабаб аз раъяш гашт.

— Аспҳоро ба қафои масҷид гузаронида баъд ба муҳориба тайёр шавед! –фармон дод Скрепник. –Пулемётчиҳо дар сари роҳи босмачиҳо ба паси теппа барои худ ҷо тайёр карда шинак шинед. Дигарон ҳама ба атрофи теппа тақсим шуда, роҳи омади душманро бандед! Бе фармон касе тир холӣ накунад. Болои худро ба барф пӯшонед, ки ба чашми душман нанамояд!

Дар якчанд дақиқа аскарон фармонро иҷро карда интизори омадани ғозиён шуданд. Скрепник дар ҷангҳои зидди ғозиёни Бухорои Шарқӣ таҷриба андӯхта буд ва дар чанд рӯзи дар ин ҷо будан гирду атрофи масҷидро хуб аз назар гузаронида роҳи ба ин ҷо ҳуҷум карда хавф овардани ғозиёнро нағз омӯхт.

Тарафи пешдолон ва майдони масҷид, ки рӯ ба қибла буд, баъди каме ҳамворӣ онсутар ба ҷарӣ рафта мерасид, ки аз он тараф пиёда ва саворае ба саҳни масҷид баромада наметавонист.

Қисми қафои масҷидро боғи себу зардолу ва олуболузор иҳота карда буд, ки аз дохили он танҳо пои пиёда базӯр гузаштан мумкин буд.

Ягона роҳи пурхавф қисми шимолии масҷид буд, ки аз болотари он роҳи калон мегузашт.

Душман ҳар вақт хавфу хатаре ба аскарон оварданӣ бошад, аз ҳамин тараф меорад, андеша карда аз хотир гузаронида буд командир ва ин дам аскаронро ба ҳамин тараф ҷо кард.

Ғозиён ду тақсим шуда қисми зиёдашон атрофи деҳаро печонида ҳаёҳу бардоштанд. Қариб панҷсад нафарашон ба тарафи масҷид, ба сӯи аскарон асп ронданд.

Баробари ба қади роҳ баромадани онҳо овози Скрепник баланд шуд.

— Истед! Ба ин тараф ба кадом мақсад ҳуҷум мекунед!

— Эй, онаи зори ту кофира!.. гуфта ба сӯи овоз тир паронд кури Ортиқ, ки пешопеши даста асп меронд. Чанд ғозии дигар якбора шерак шуда паи ҳам ба сӯи масҷид тир холӣ карданд.

— Истед, ки ҳамаатон нобуд мешавед! –хоҳиш кард ин дафъа ба овози баланд Скрепник, аз ғозиёни наздик омада.

— Мард бошӣ, ба майдон баро, кофири лаъин! –дӯғ зад кӯри Ортиқ, шамшерашро аз ғилоф баркашида аспашро ба шаст қамчин зад ва ба боло, ба кӯтали теппа баромад. Дигар ғозиён аз қафои ӯ аспҳояшонро ба сӯи масҷид рост карданд.

— Эй, мусулмонҳо! Аз баҳри худо, аз ҷаҳлатон гардед! Тирпаронӣ, бародаркушӣ накунед! Моли падаратон ноҳис мондааст, ки хун мерезед?! –шунида шуд аз долони масҷид овози бобои Хоркаш, вале касе ба гапи ӯ гӯш ҳам накард.

Скрепник дид, ки агар лаҳзае дер монад, ғозиён аскаронро саросар пахш карда аз дами теғ мегузаронанд. Бинобар ин фармон дод:

— Ба сӯи душман оташ!!!

Яку якбора наваду ҳашт паҷтира ва ду пулемёти «Максим» ба кор даромаданд.

Шиҳаи аспони ба ҳарос афтодаю тирхӯрда ва ғалоғулаи беработи ғозиён деҳа ва дараву теппаҳоро ба ларза даровард.

Аспу мардҳои тирхӯрда ва аз по фитода аз нишебии теппа рӯрӯи барф ба поён ғелида рафтанд.

Шасти ғозиён аз тарпарронии аввалин гашт ва қисмани онҳо ба қафо гурехтанӣ шуданд. Аз паси ҳама ногоҳ овози Анвар пошшо баланд шуд, ки аз қаҳр ним туркию ним тоҷикӣ дод гуфт:

— Ғозиёни ислом! Баргардид! Дар раҳи дину шариат бар зидди кофирони малъун ҷон фида микуним!

Фармони Анвар таъсир кард, ки ғозиёни ба қафо гашта аспҳояшонро аз нав ба тарафи аскарон гардониданд. Анвар пошшо аспашро дупушта қамчин зада шамшерашро болои сар ҷавлон дод ва болои теппа баромад. Аз қафои ӯ ғозиёни дигар ба ҳуҷум гузаштанд.

— Бар зидди душманони инқилоб оташ! – шунида шуд овози Скрепник ва аз нав панҷтираю пулемётҳо ба тирпаронӣ сар карданд.

Аспи Анвар аз пеши синааш тир хӯрда шиҳаи ҷонкоҳе баровард ва ҷуфтакпар ду даст ба ҳаво бардошта ҳамроҳи соҳибаш сарозер ба қафо ғелида рафт. Асп чанде дасту по зада ором шуд, вале соҳибаш ҷонҳавлӣ худро мобайни тӯдаи аспҳои ғозиён гирифт. Чанд аспу ғозии дигар низ болои барф ба ҷонканӣ даромада дигарҳо ба қафо гашта роҳи гурезро пеш гирифтанд.

Анвар пошшо ба қанҷиғаи кури Ортиқ часпида аз қафои ғозиёнаш шуд.

Скрепник боз: — Оташ! –гуфта фармон дод ва аскарон ғозиёни даргурезро аз қафо ба нишон гирифта боз чанд аспсавори дигарро аз пой афтонданд.

Ғозиёни Анвар пошшо аз мақсади ба зудӣ ба муҳосира гирифта нест кардани аскарон ноумед гардида, ба тарафи боло, ба сӯи ҳамроҳони дигари худ, ки гирди деҳаро печонида буданд, асп ронданд.

Деҳа ба кӯрхона табдил ёфта буд.

❁ ❁ ❁

Дар ин миён дастаи ғозиёни Ғаюрбек низ буданд. Ғаюрбек аз рӯзҳои аввали ташкили даста ва аз деҳа баромада рафтанаш ба Давлатманд-бий алоқа дошт ва баъди суиқасди оншабаи бебарори худ то имрӯз тинҷу ором истода, рӯзона ҳамроҳи Муллотӯра дар хонаи Халифа Хоҷӣ мезист. Сӯфиалию Муллоёр ва дигар ғозиёнашро ба тарафҳои Шуғнову Вахё ва Дарвоз мефиристод, барои ташкили дастаҳои иловагӣ ба ҳокимони дигар маҳаллаҳо ёрӣ мерасонид.

Имрӯзро ӯ дер боз интизор буд ва чун кури Ортиқ, балки бештар аз ӯ мақсади ба даст овардани Азизуллою Камоли оҳангар ва усто Сайёд барин аъзоёни ҳукумати инқилобро дошт. Бо ҳамин умед ба ғазо баромада буд. Бештар аз ин ӯ ният дошт, ки бо ёрию мадади Давлатманд-бий ва Анвар пошшо Ховалингро аз нав ба тобеияти худ дароварда ҳама тарафдорони ҳукумати навро қир мекунад, бинобар ин аз пушти Ҷари Вокак хамбидани дастаҳои Давлатманд-бийро дида, ғозиёни худро аз деҳаи Хосиён ба по хезонда ба Ховалинг омад ва ба дастаҳои Давлатманд-бий ҳамроҳ шуд.

Вазифа ва мақсади дастаи кури Ортиқ ҳам бо фармони мир зинда дастгир кардани Азизулло ва дигар аъзоёни ҳукумати инқилобӣ буд.

Кури Ортиқ бо навкорони худ ва Ғаюрбек гирди хонаи Азизулло ва Камоли оҳангарро печонида бо кадом роҳе, ки бошад, онҳоро ба даст оварданӣ буданд.

— Ҳама ғозиёни исломро дар дашти Садбаргҳо ҷамъ карда ин малъунҳоро зинда ба зинда бузкашию пора-пора мекунам! –гуфта ният карда буд Давлатманд-бий ва ин хабарро Анвар пошшо шунида «Аз тамошо хуб лаззату ҳаловат мебарем», гуфта қоҳ-қоҳ хандида буд.

Азизуллою Камоли оҳангар ва усто Сайёду чанд нафари дигари аъзоёни ҳукуматро Ғуломалӣ пеш аз сар шудани ҳодиса хабар карда буд ва онҳо аллакай худро ба штаби ҳукумати нав, ба масҷид, ба назди аскарон расонида дар ҳимояи онҳо буданд.

Аз байн соате нагузашта ғозиён аз сари нав ба ҳуҷум гузаштанд.

— Салотҳоро ба муҳосира гирифта нест мекуним! –гуфт Анвар ба Давлатманд-бий.

— Ихтиёрат, пошшо! Ма ба ин хел корҳо, ба ин тартиб ҷангҳо сарфаҳм намеравам. Чӣ қуввату ғайрат дошта бошӣ худата нишон деҳ! –ҷавоб дод мир ва Анвар пошшо қисми зиёди ғозиёнро ба тарафи штаб гардонд. Бо фармони Анвар, ки ба аспи дигаре савор шуда ба ҳуҷуми ғозиён сарварӣ мекард, Давлатманд-бий дастаҳои худро ба сӯи масҷид фиристод. Як гурӯҳи онҳо бо сардории Сомӣ пошшо ва кӯри Ортиқ аз аспҳо фаромада ба тарафи поёни масҷид аз байни боғ гузашта аз қафо ба аскарон наздик шуда, ҳар кадом бехи дарахтеро паногоҳ гирифта, шинак нишастанд.

Анвар пошшо Давлатманд-бийро ба ҷои тирнорас, ба қафои теппаи болои роҳ гузаронида, ба ғозиёни дигар фармон дод, ки якбора асп ронда ба ҳуҷум гузаранд.

Баробари ба болои теппаи масҷид баромадани ғозиён ба фармони Скрепник пулемёт ва панҷтираҳои аскарон дар гирифтанд. Борони тир як қисми ғозиёну аспҳояшонро аз по афтонд ва боқимондаашон маҷбуран сари аспҳоро ба қафо гардонида дар пушти теппа, дар назди Анвар пошшо паноҳ ёфтанд, вале садои тирпаронӣ аз қафо, аз байни боғ аскаронро ба воҳима андохт. Ғозиён аз поён дар ҷои мувофиқ истода аскарону аспҳои онҳоро бехато ба нишон гирифта мепаронданд ва Скрепник дид, ки аз тирпаронии аввалаи ғозиён аскарону аспҳо паи ҳам ярадор шуда, аз қатор баромада истодаанд. Аспҳои тирхӯрда ва ҳаросида шиҳакашон худро аз банд раҳо карда ба поёни теппа мегурехтанд.

Гули Бодоми ба ҳарос афтода ин дам бандро канда худро ба назди Ғуломалӣ расонид. Ду аспи дигар низ аз думболи ӯ ба таги долони масҷид ба паногоҳ омаданд.

— Аспҳоро ба масҷид дарор! –фармуд Скрепник ба Ғуломалӣ ва аз нав ба рафти ҳуҷум назоратро давом дод.

Ғуломалӣ Гули Бодомро ба даруни масҷид, ба назди бобои Хоркаш ва Талаби гадо, ки дар ин ҷо рӯ ба қибла чорзону зада ба худои таоло зорию тавалло доштанд, даровард. Ду аспи дигар ҳам аз қафои Гули Бодом ба масҷид даромаданд.

— Пулемётчиҳо ба қафо гардед! –фармон дод командир ва худ ба долони масҷид рафта дар назди девори он рост истод, то ки ҷои ғозиёнро муайян карда тавонад.

Скрепник дар ҳар бехи дарахт ду-се ғозии хобидаро дида, ба воҳима афтод. Пулемётчиҳо аз пеши дигар ҳамроҳонашон гузашта ғозиёнро ба нишон гирифта мепарронданд, вале аксари тирҳо ба нишон нарасида ба танаи дарахтон бефоида бармехӯрданд.

Аскарон бошанд, дар болои теппа, дар пеши чашми ғозиён чун дар кафи даст аён намудор буданд ва онҳоро ба нишон гирифтан ба ғозиён табъи дил буд.

Скрепник дар давоми тамоми муҳорибаҳо ба чунин вазъияти ноқулай гирифтор нашуда буд ва лаҳзае ба таҳлуқа афтода Азизуллоро ба наздаш ҷеғ зад.

— Азизулло илоҷе карда аз вазъият раҳо хӯрдан даркор! –гуфт Скрепник.

— Ягона роҳ, ба фикрам, аскарҳоро ба масҷид оварда аз ҳамин ҷо мубориза бурдан лозим, командир, дигар мо илоҷе надорем, —гуфт Азизулло.

Скрепник лаҳзае фикр кард.

Агар аспҳо мебуданд, муҳосираро савора ба шамшер рахна карда баромадан мумкин буд, аз хотир гузаронид ӯ, вале бе асп ягон чорае аз дастамон намеояд.

Тарафи поёни масҷид ҷарии касногузар. Аз се тарафи дигар қариб ҳазор ғозӣ, сад аскарро муҳосира карданд. Ғайр аз мардонавор ҷангида истодагарӣ кардан дигар чорае нест! –қарор дод командир.

Агар аскаронро ба он тарафи теппа гузаронад, дастаҳои Анвар пошшо ҳамаашонро ба нишон гирифта мепарронанд. Дар ин тарафи теппа ғозиёни Сомӣ пошшо ва Ортиқ дар байни боғ онҳоро нест мекунанд.

Илоҷи ягонаи ҷон ба саломат бурдани аскарон ҳамин штаб, яъне масҷид аст, ба хулосае қатъӣ омад Скрепник.

— Аввало дар долон ва агар истодагарӣ карда натавонем, баъд ба дохили масҷид мегузарем, —гуфт Скрепник ба Азизулло ва фармон дод:

— Ҳама ба долони штаб гузашта аз ду тараф шинак мешинем!

Тирҳоро эҳтиёткорона сарф кунед!

Аскарон ҳар кадом фурсат ёфта як-як шикаммол хазида ба долони масҷид омада, ду тақсим шуда аз тарафи боло ба поёни долон интизори наздик омадани ғозиён шуданд. Ду аскари ярадор аз ҳама қафо худро ба долони масҷид расониданд. Панҷ нафар аскари оғуштаи хун болои теппа дар рӯи барф беҳаракат мехобиданд.

— То наздик омадани босмачиҳо напарронед! –фармон дод Скрепник ва дар байни аскарону ғозиён муддате хомӯшӣ ҳукмфармо гардид.

Аз ин оромӣ ғозиён шерак шуда аз ду тараф ба ҳуҷум гузаштанд.

Пиёдаҳо аз поён, савораҳо аз тарафи боло якбора ҳаёҳу бардошта масҷидро иҳота карданӣ буданд, ки аскарон онҳоро ба оташи дутарафаи пулемёт ва панҷтира пешвоз гирифтанд. Як қисми ғозиён, ки ҳамроҳи Сомӣ пошшо буданд, аз байни дарахтон ба ҳамворӣ баромада ба масҷид наздик шуданд, вале ҳадафи тир гардида аз нав ба қафо гаштанд. Чанд муддат аз нав хомӯшӣ ҳукумфармо гардид. Ин дафъа оромӣ дер давом кард.

Скрепник ду нафар аскарро фармуд, ки хилват ба қафои масҷид гузашта вазъиятро дониста гиранд.

Мушоҳидагарон хабар доданд, ки ҳам дар қисми боло ва ҳам дар боғ ғозиён нисбатан дур рафта тӯда-тӯда шуда ким чӣ маслиҳат доранд.

— Чӣ машварат мекунанд, медонӣ, Азизулло? —пурсид Скрепник.

— Нақшаи дастгир кардани моро мекашанд, дигар чӣ маслиҳат мекардаанд? –ҷавоб дод Азизулло.

— Моро, ку зинда дастгир карда намешавад, лекин метарсам, ки камқувватиамонро пай бурда боз ягон балои дигарро ба сарамон наёранд.

— Дигар чӣ кор карда метавонад? –пурсид Азизулло.

— Эй, додар, аз дасти инҳо ҳар номаъқулӣ меояд, —ба ҷои командир ҷавоб дод Камоли оҳангар ва илова кард:

— Метарсам, масҷида алов назананд.

— Не, барои оташ задани масҷид зӯрашон намерасад, чунки мо ҳоло ҳамроҳи шумо қариб сад нафар ҷони зинда, боз яроқу аслиҳа дорем.

— Бадии кор дар он аст, ки тир кам мондаасту босмачиҳо моро аз қаноти асосиамон, аспҳо, ҷудо карданд.

Пеш аз сар шудани мубориза аспҳоро ба даруни масҷид даровардан мумкин буд, вале хато карда қувваи душманро кам гумон бурдем.

— Мо ғалаба мекунем! –дилтиҳӣ кард Скрепник, вале дар чӣ вазъияти хавфнок афтодани аскаронро медонист.

— Ба ҳуҷум гузаред! –фармон дод Скрепник, баъди андеша ва аскарон бо якҷоягии Азизуллою Камоли оҳангар Ғуломалию усто Сайёд ба по хестанд.

Ғозиён ин ҳолро дида аспҳояшонро ба пеш ба ҳаракат даровардан. Скрепник ҳама ин лаҳзаҳоро дид ва Ғаюрбекро ба нишон гирифта парронд. Дасти ӯ ларзида тираш хато хӯрд ва ба ҷои соҳибаш аспи ҳоким аз пой афтид. Ғаюрбек баъди аз асп сарозер ғалтидан худро ба зудӣ ба қафои теппа, ба паногоҳ гирифт.

Тирҳои аскарони дигар чанд ғозию аспҳои онҳоро аз пой афтонд.

— Йигитҳо ба қафо баргардед! –фармон дод кӯри Ортиқ ва ғозиён сари аспҳоро ба қафо гардонида гурехтанд. Ғаюрбек ба аспи яке аз онҳо часпида худро ба миёнаи тӯда зада буд.

Скрепник дид, ки пиёда ба ғозиёни савора расида наметавонанд. Аз даруни боғ бошад, ғозиёни Сомӣ пошшо омада ягона паногоҳашон масҷидро ишғол менамоянд ва аз қафо ҳамаашонро нест мекунанд. Командир фармон дод, ки аскарон ба масҷид ба қафо баргарданд.

Ғозиён аз ду тараф боз ба ҳуҷум гузаштанд ва ин дафъа ҳам дучори тир гардида ақибнишинӣ карданд.

— Тирам тамом шуд, —гуфт бо алам ногоҳ аскаре.

— Худат зиндаӣ? –ба қаҳр пурсид Скрепник ин хабарро шунида.

— Зиндаам, командир! –хатои худро фаҳмида гуфт аскар.

— Зинда, ки бошӣ, ҳоло шамшер дорӣ! –гуфт Скрепник, то ки ба рафтори оромонаи худ бесаранҷомии дигаронро барҳам диҳад.

Командир аз дигарон ноаён тирдони худро дид, ки дар он танҳо ду тири дигар боқӣ мондааст.

Шамшерҳоро аз ғилоф баркашида ба муҳорибаи тан ба тан тайёр шавед! –фармон дод Скрепник ва илова кард:

— Баъди адои тирҳо якбора ба ҳуҷум мегузарем! Ҳеҷ кас худро зинда ба дасти душман насупорад!

Аскарон ҳар кадом тирдонҳои худро кушода донаҳои ба шумор боқимондаи тирҳояшонро ба ҳисоб гирифта шамшерҳояшонро аз ғилофҳо кашида дар паҳлӯяшон гузоштанд.

Наход ҳамин дам, ҳамин рӯзу соат ҳама орзуву умедамон барбод равад, аз хотир гузаронд Скрепник. Сад нафари мо дар муҳосираи ин қадар босмачӣ. Боз ба ин қувваи нобаробар на тир дорему на асп.

— Ҳама босмачиҳо баумеданд, ки мо таслим мешавем, —ба аскарҳо рӯ оварда гуфт командир. –Не, бародарон! То ҷон дар бадан дорем, ҳама мардонавор меҷангем! Яку якбора ҳуҷум карда ҳам босмачиёнро ба ҷаҳаннам мефиристему ҳам аспу яроқ ба даст оварда муборизаро давом медиҳем! Мабодо ҳалок гардем, ҳам дар роҳи инқилоб мардонавор мемирем! Балкӣ мо ин лаҳза ҳатто ба мурдан ҳам ҳақ надорем! Ҳар яки мо бояд қасоси Никалай Петров, Егоров, Муртазо, Қаландарро ситонем! Қарзи ҳар яки мо дар назди инқилоб ҳамин аст!

Скрепник ба берун назар кард. Офтоб аз зери абрҳо рух менамуд. Нурҳои зарҳалини он абрҳои тираро пора карда атрофро мунаввар гардонида буданд.

— Ғуломалӣ ба аспат савор шав! Азизулло ту ҳам ҳамроҳи ман савора байрақи инқилобро бардошта пешо-пеш ба ҳуҷум мебарой! –гуфт Скрепник ва Азизуллою Ғуломалӣ ба масҷид даромада аспҳоро баровардand.

— Бар зидди душманони инқилоб ба пеш! –овоз баровард Скрепник ва аскаронро аз думболи худ, аз долони масҷид ба ҳуҷум хезонид, ки ин дам аз болои қишлоқ садои ғул-ғулафкани –«Ура!» гӯии аскарҳои полкҳои Бондар ва Василчук, ки ба Ховалинг расида аз вазъият огоҳ гардиданд, ба гӯш расид.

Ба ҷисми Скрепнику дигар аскарон ҷони тоза дамид.

— Расида омаданд! –гуфта оҳи сабуке кашид командир ва «Ура» -гӯии онҳо бо аскарони инҷобуда якҷоя шуда замину замонро ба ларза овард.

❁ ❁ ❁

Азизулло пешо-пеши аскарон аз болои асп парчами сурхро бардошта чашмаш ба матоъ афтид, ки тири ғозиён мобайни онро ба қадри як танга сурох карда буд.

Ранги сурхи алвон куртаи Гуландомро ба хотир овард ва ба дили Азизулло лахчаи сӯзон афтод. Гуландоми хоҳарам ва момаи Ғарибгул дар чӣ ҳоланд? –аз дил гузаронд мард. –Балки ҳама аҳли деҳа бо хонаву молу ҳолашон дар ҳалқаи ғозиёнанд ва ин дам ба ҳар як сокини он хавфи марг таҳдид мекунанд.

Бондар бо аскаронаш аз қисми болои деҳа ба ҳуҷум гузашт. Аскарҳои полки Василчук ба тарафи поёни қишлоқ асп ронданд.

Аз қисми болои масҷид омадани полки савораи аскаронро дида, ғозиён ба даруни қишлоқ гурехтанд.

— Пулемётчиҳо дар штаб истанд, дигарҳо аз қафои мо! –фармон дод Скрепник.

Дар деҳа ҷанги шадиде ба амал омад. Садои тир, шиҳаи аспон, ҳаё-ҳӯйи ғозиёну аскарҳо, оҳу воҳи занону кӯдакон як манзараи ваҳмангезе буд, ки чунин рӯзи сиёҳро мардуми Ховалинг ҳаргиз надида буд.

Давлатманд-бий дар миёнаи тӯда Гули Бодом ва болои он Ғуломалиро шинохт ва аз ин ҳолат гӯё тири аввалини инқилоб буд, ки аз ҷавшани ҷони мир гузашт, синаи ӯро реш-реш кард. Мир аспро баробари зану фарзанд, молу чиз, ёру бародар, балки бештар аз онҳо дӯст медошт.

Вақте ки рӯзҳои тӯю хурсандӣ ва хусусан идҳо бо сару либоси бо оби зарҳал оро дода шуда аспро зину абзоли нуқракӯб мекарду савори Гули Бодом мешуд, ҳама мардуми дидагӣ мегуфтанд, ки ҳақиқаттан ҳам Гули Бодом ба мир мезебад. Хушраҳӣ ва дави хубашро намегӯй. Дар рӯзҳои бузкашӣ агар ду човандози номӣ аз тӯда буз бароварда ҳалол мекард, якеи онҳо бе муҳобот Давлатманд-бийи савори Гули Бодом буд. Акнун чӣ қадар орзуву ҳавасҳояш бо Гули Бодом нашикаста монданд?

Ба ёдаш ҳаст, ки дар дашти Садбаргҳо, дар яки аз бузкашиҳо бо Теша паҳлавони Ховалингӣ қуштайпо шуда бузро аз ӯ рабуданӣ буд, ки ҳангоми сандал зада бузро гирам нагирам дасташ якбора

аз почаки буз канда шуду мир тарафи чапи асп тоб хӯрда пояш ба узангу даромада сарозер порикоб шуд.

Аспи дигар мебуд аз сад ҷон як ҷони Давлатманд-бий намераҳид, вале Гули Бодом ҳоли соҳибашро фаҳмида дар ҷояш истод. Мир осебе надида чорчангола даст ба узангу бурда аз нав худро болои зин гирифт.

Баъди ин ҳодиса меҳру муҳаббат ва ихлоси ӯ ба Гули Бодом зиёд гардид.

Овозаи ин асп ба дуриҳо рафта буд ва ҳар вақт, ки дар ин хусус гап мезаданд, мир шукрона мекард, ки хайрият Амир хабари Гули Бодоми ӯро надорад, набошад аспро талабгор мешуд ва бе ин асп ҳавасу ормонҳояш дар дилаш ношикаста мемонданд.

Ин дам ба хотири Давлатманд-бий суханони чун хор нешдори дар маҷлис гуфтаи Азизулло расиданд, ки гуфта буд:

«Ҳукумати инқилобӣ ҳукумати камбағалон ва бечорагон аст! Инқилоб саворагони ғаюру саркашро пиёда ва марди заҳматкаши бечораро савор мегардонад!..

— Имрӯз Ғуломалии ғулом ва бандаи худам пушти зин савори Гули Бодомам, —аз асп чашм наканда беихтиёр зери лаб гуфт мир ва аз бари Анвар пошшо, ки ба аспи мушкине савор буду ба рафти ҷанг назорат мебурд ҷудо шуда ба муқобили Ғуломалӣ асп ронд.

— Ҳоло ҳам ман болои зин ҳамон мири саркашам ва шумо инқилобчиёнро ба пари коҳе баробар намедонам, —гуфта мағрурона аспашро қамчин зад, Давлатманд-бий ва хост лаҳзае намонда бо ду дасти бақуввати худ Ғуломалиро аз пояш сарозер таҳи узангуи худ гирад, вале Ғуломалӣ дар миёнаи тӯда, дар иҳотаи аскарон буд.

Мир ноилоҷ аспашро манъ дошта бо маузери инъом кардаи Анвар пошшо Ғуломалиро нишон гирифта парронд ва дар умраш сӯи одам бори аввал тир холӣ карда бошад ҳам, тираш хато нахӯрд. Ғуломалӣ аз асп чаппа шуд.

Гули Бодом шиҳа кашида дар ҷои худ шах шуда монд. Камоли оҳангар аз ин ҳол огоҳ гардида зуд лаҷоми Гули Бодомро дошт.

Давлатманд-бий бо мақсади Гули Бодомро ба даст овардан аспи таги пояшро ба шаст қамчин зада ба пеш ҳаракат карда буд, ки тири Азизулло аспи ӯро аз пой афтонд ва мир ҳамроҳи асп сарозер ба рӯи барф ғалтид.

— Мирро заданд! –ҳарчӣ зудтар ӯро халос кунед! –шунида шуд овози Анвар пошшо, ки ба изтироб афтода буд.

Анвар ҳоло мурдани Давлатманд-бийро намехост, зеро барои тиллою молу чизаш шуда ин дам аз мурдааш дида ба Анвар зиндаи мир лозим буд.

Кури Ортиқу Тоҷиддин ва боз чанд нафари дигар ба ҷои афтидаи Давлатманд-бий асп ронда ӯро аз замин бардошта ба қафо, ба паси тӯда бурданд. Анвар пошшо ба назди ӯ рафта чун аз соқу саломат буданаш хабар ёфт, осуда шуда аз нав ба муборизаи ғозиён назорат бурд.

Аскарон то рафт ҳоли ғозиёнро ба танг меоварданд.

Усто Сайёд акнун дар даст ба муроди дилаш панҷтира дошт ва вақте ки ҳамроҳи аскарон ба хамгашти кӯча ба наздикии хонаи Азизулло тоб хӯрда омадаанд, дид, ки ғозиён ҳавлиро печонида гирифтаанд. Чашмони тезбини ӯ ба аспи сурхи ҷавмаст ва болои он марди чакмансиёҳу салласурхро шинохт. Ин савор ҳамқишлоқии ӯ, Сӯфиалии як вақт дӯст, бо омади инқилоб ҳоло душмани асосии ӯ буд, ки ин дам дар паҳлӯи Ғаюрбек меистод ва ба ҷои табар дар даст камони думиллаҳаи шикорӣ дошт.

Сайёд кайҳо орзуи чун мард бо мард бо Сӯфиалӣ рӯ ба рӯ шуданро мепарварид ва ин лаҳза қасами дар маҷлис дар байни омма ёд кардааш ба хотир омад ва хост, ки Сӯфалиро аз қафо ноаён парронад, вале инро ба худ номардӣ ҳисобида фарёд бароварад:

— Сӯфиалӣ! Ҳе Сӯфиалӣ -ӣ-ӣ!

Сӯфиалӣ ба сӯи овоз нигоҳ кард.

— Бидон, ки ҷав коридагӣ ҷаву гандум коридагӣ гандум медаравад! –Тири аввалинум барои Қаландари ҷувонмарг!!!

Камони панҷтираи Сайёд дар гирифт ва Сӯфиалии камонро ба сӯи Усто Сайёд нигаронида ба нишонгирӣ фурсат наёфта аз асп сарозер ғалтид.

— Чоҳкани аввал худаш ба чоҳ афтид! –гуфт усто Сайёд ва тири дуюмро ба сӯи Ғаюрбек равона намудан хост, вале ӯро дарёфт карда натавонист.

Ғаюрбек мергании Сайёдро медонист ва аз тарс худро кайҳо ба миёнаи ғозиён зада буд. Аз тири усто Сайёд ин бор ғозии дигаре ба ҳалокат расид.

Баъди соати задухӯрд аскарҳои полкҳои Бондару Василчук ҳоли ғозиёнро ба танг оварданд. Дастаҳои ҷон ба саломат бурда ва аз ғалаба ноумедгардидаи ғозиён пароканда шуда рӯ ба гурез оварданд ва аз деҳа баромада қад-қади дараву хоккандаҳо ба ёлаву пуштаҳо гурехта, аз чашмҳо нопадид гардиданд.

Давлатманд-бийю Анвар пошшо ба сари хаму дили пурҳасрат пешо-пеши боқимондаи ғозиёни дастаи кӯри Ортиқ сангови мазорро миёнабур карда аз пушти Ҷари Вокак, қад-қади сангов бо роҳи Дараи Мухтор ба сӯи Сурхсақова рафтанд.

Ғаюрбек ҳамроҳи боқимондаи дастаи худ ба дараи оби Равшан аскарҳоро чапғалат карда ба болои Ҳалқаҷар баромада аз деҳаи Тиҳиён ба тарафи Сари Пул гузашта рафт.

Баъди дидани ин қадар аскар ва кушта шудани қисми зиёди ғозиён Ғаюрбек дигар ба деҳаи Хосиён бар нагашт, зеро ин деҳа ба Ховалинг наздик буд ва ҳоким аз хотир гузаронид, ки Азизулло аз ҳама кору кирдори ӯ бохабар аст ва дар ин ҷо бо чунин қувва аз сад ҷон як ҷонашро зинда намемонад.

Аскарон баъди думболгирии ғозиёни гуреза ба фармони командирон ба майдони назди чанорҳо ҷамъ омаданд.

Дар тангкӯчаҳо ба гирду атрофи хонаву беруни деҳа аспу мурдаҳо мехобиданд.

Баъди аз назар гузаронидани аскарон маълум гардид, ки 57 нафари онҳо низ талаф ёфтааст. Маҷрӯҳон ва тирхӯрдагон зиёд буданд ва онҳоро бо фармони Скрепник ба масҷид оварданд, ки дар қаторашон Ғуломалӣ низ буд.

Скрепник аз шонаи чапаш ярадор шуда хун аз гимнастиёрка ва шинелаш ба берун баромада бошад ҳам, ба сӯзи дарди ҷонкоҳ тан надода ҳанӯз болои асп ба аскарон роҳбарӣ мекард.

Мувофиқи фармони ӯ ҷасади мурдаҳоро дар саҳни масҷид қатор хобонданд. Баъди видоъ бо ҳамяроқон қарибии бегоҳирӯзӣ дар қабристони поёни масҷид маросими дафни қурбониён барпо гардид ва чӣ бадбахтие буд он бегоҳирӯзӣ барои мардуми Ховалинг.

Бобои Хоркаш ҳамроҳи Талаби гадо аз қабристон баргашта ба масҷид омаданд ва дар қатори дигарон ғамгину азодор буданд.

— Инқилоб чӣ балои азим, чӣ рӯзи сиёҳ овард ба сари мо, —мефаҳмонд бобои Хоркаш ба Талаби гадо…

## БОБИ XVI

Чӣ сир доранд онҳое, ки дунёи нав, ҳукумати нав, зиндагонии нав сохтанианд? Барои чӣ мӯъмину мусулмонҳои то ин дам гапшунаву итоатгар, пойлучҳои камакҷу бефаросат, ҳама акнун гапногиру инқилобчӣ шудаанд?

Шояд ягон сеҳру ҷоду кунанд онҳо? Ба инаш ақли ман намерасад, хулоса мебароварда ба фикрҳои худ Ғаюрбек. Фақат ҳамин қадар медонист, ки олам кунфаякун, чаппаву роста шудааст. То ба ин мулк расидани пои номубораки русҳо ҳама тинҷу осуда будем. Акнун бародар, бародарро мекушад. Дар ин мулки кӯҳистон авлод ба авлод касе ёд надорад, ки одам бар зидди одам теғу камон кашида бошад. Ин ҳама касофати кофирҳост…

Давлатманд-бийю Анвар пошшо як-ду зӯри дигар зада ба муқобили инқилобчиён истодагарӣ кунанд, мекунанд, накунанд беҳуда миёнашон мешиканад. «Одам худоро бо ақл шинохтааст» мегӯянд. «Кӯр нестӣ, ки дар пешат гӯр аст!» Баҳудаву беҳуда худро ба дами оташи инқилоб задан нишонаи беақлию бефаросатист.

Дар ду-се рӯзи охир ҳоким бо чунин фикрҳо асабонӣ шуда, ҷои нишаст намеёфт. Бештари вақт аз ғозиёни ҳамроҳаш ба сари Пул гурехта худро канор гирифта ба ҳазор кӯчаи сарбастаи хаёл андармон мегашт ва охир ба хулосае омад, ки аз ин ҷо ба якборагӣ ба Афғонистон рафтанаш лозим.

Меравам, қарор дод ҳоким. Ба ҷое меравам, ки ному нишони ҳукумати шӯро, инқилобчиёнро нашунавам. Тинҷу осуда зиндагӣ кунам.

Зану кӯдакони калонӣ, чизу чора, тиллоям ҳамроҳи амакам ба он тарафи дарёи Панҷ фиристода шудаанд. Аз байн як ҳафта гузаштаасту аз онҳо хабаре нест. Дар ин давру замонаи нотинҷ ба дасти роҳзанҳо афтода бошанд, ҳама молу ҳоламро тала карда, хонаамро месӯзанд. Худо нигоҳ дорад! Зану кӯдакони хурдиам дар Ховалинг, дар дами оташи инқилобанд.

Ман, ки бар зидди ҳукумат рӯирост баромада дастаи ғозиён ташкил кардам, Қаландарро куштам, магар салотҳо ба зану кӯдакам

раҳм мекунанд? Шояд онҳо кайҳо зану кӯдакамро несту нобуд карда бошанд?

Худи ҳамин рӯз ба Ховалинг рафта аз ҳолу аҳволашон хабар гирифтан даркор, қарор дод ҳоким, вале ба кадом дидаву рӯ ба он ҷо меравам? Албатта, дар ҳар сари роҳу пайраҳа барои дастгир карданам аллакай дом ниҳодаанд?! Ба дасташон афтам, бадтарин ҷазоро раво мебинанд. Шаб, танҳо шаб, ки мегӯянд барои дузду роҳзан модар аст, метавонад ба ӯ сарпаноҳ шавад.

Ғозиёнро фиреб медиҳам. Мегӯям, ки назди мир меравам, қарор дод Ғаюрбек ва аз паи мақсад шуд.

— Баъди як рӯз худо хоҳад аз Яп бармегардам, —ба ғозиёнаш таъкид кард ҳоким ва боз гуфт, ки барои овардани яроқу аслиҳа ва маслиҳат назди Давлатманд-бийю Анвар пошшо меравад. Ӯ қарибиҳои намози шом хилват ба Хосиён, ба хонаи Халифа Ҳоҷӣ омад. Ҳоким таъғири либос кард. Ғаюрбек аз дил гузаронд, ки ба Ховалинг ба ҳеҷ вақҳ савора рафтан мумкин нест. Ӯро бо сару либоси муқаррарӣ ҳар як сокини деҳа ба як дидан мешиносад ва ба даст афтоданаш яқин. Ягона илоҷ сару либоси занона пӯшида рафтан аст. Ва Ғаюрбек, ҳокими як музофоти бонуфузи кӯҳистон, марде, ки замину замонро пушти по мезаду ҳатто баъзан ба мири ин мавзеъ, Давлатманд-бий, гардан намефуровард, ин дам заифу нотавон гардида, ҷомаву салларо ба куртаю латтаи занона иваз намуд ва баъди посе аз шаб гузаштан ба Ховалинг омад.

Муллотура ҳам чашм дар роҳи ҳоким буд ва баробари тақ-тақи оҳистаи дарвозаашро шунидан аз хона ба саҳни ҳавлиаш баромад.

— Кӣ, бача, дар и нисфи шабӣ? —гуфт Муллотура.

Ғаюрбеки аз дарвоза берун ҳарфе нагуфт, зеро гумон дошт, ки поида нишастагон аз овозаш ӯро шинохта ҷобаҷо баста гирифта мебарад. Муллотура чизеро пай бурда, ҳадаҳа ба назди дарвоза рафта зулфаки онро кушод ва аз роғи дарвоза чашмаш ба суроби зане афтод.

— Ин, ма Ғаюрбекум, —гуфта дар либоси занона овоз баровардани ҳокимро шунида Муллотура дар ҷояш шах шуд.

— Даро. Даро зуд, ки боз ягон чашми нохалафе набинад. Сахт тарсондим, ҳазрати ҳоким. Гуфтум боз и занаки ғафси кулула дар и нисфи шабӣ аз кадом гӯру лаҳад пайдо шид.

— И қадар пақ-пақ накун, домулло! Бигӯ, ки дар хонаат каси бегона нест? –пурсид Ғаюрбек аз дарвоза даромада.

— Худоро шукр тинҷӣ, ҳоким. Дар хона ғайри зану кӯдакҳои худам дигар касе нест.

Тапиши дили Ғаюрбек андак паст гардиду дар торикии назди дарвоза куртаю поҷомаи занонаро аз тан кашида ба латтаи докаи сараш ҳамаро таҳи каш карда ба сӯи меҳмонхонаи Муллотура рафт. Ҳоким нахост, ки ӯро зану кӯдакони домулло дар либоси занона бинанд. Ин ҳолро дар шаъни худ раво надид. Муллотура аз рӯи тачриба ва феълу атвори Ғаюрбек медонист, ки ҳоким пас аз шикаст хӯрдан аз дасти салотҳо ҳатман ба яке аз дӯстон ва ёрони наздики худ бояд дарди дил гӯяд, ғамашро андаке ҳам бошад, сабук гардонад ва чунин одами ба дил наздикаш ҳамин Муллотура буд.

— Худоро шукр, ки ба пои худат омадӣ, —гуфт ба дил Муллотура.

— Аз зану кӯдаки ма хабар дорӣ? –пурсид ҳоким баъди ба меҳмонхонаи домулло даромадан.

— Ҳама осудаанд.

— Рост?

— Ба худо, ки тинҷанд. Ҳамӣ як соат пеш аз ин ҷо худам бурда ба хонаат расонидамшон.

— Ба молу ҳолам, чоҳҳои ғалаам касе даст нарасонидааст? Ё ҳамааша кашида бурданд?.

— Ба ғаллаат ҳам ҳеҷ кас кордор нашидаст.

— Хайрият, -нафаси бадард кашида гуфт Ғаюрбек.

Гуфтам зану кӯдакҳояма зинда намондаанд, ғаллама кашида бурданд, хонама сӯхтанд!.

— Не, ҳеҷ кас кордоршон нашидаст, ҳоким.

Муллотура дастурхон густурда нону чой ва дар коса қаймоқ оварда. Пилтаи ҷароғи лоиро андак дарозтар монд.

— Мон домулло. Рӯи чароғат дар гӯр баландаш накун, ки хона рушан мешавад. Ҳолӣ ҳозир аз сояаи худам тарсида гаштаму боз ту пилтаи чароғата баланд мекунӣ?.

Мулло аз нав пилтаи чароғро паст кард ва хона андак торик шуд.

— Минбаъд чӣ мақсад дорӣ, мулло? –пурсид Ғаюрбек нону қаймоқ хӯрда истода.

— Ҳеҷ мақсад надорум, ҳоким. Ҳар чӣ шумо фармоед ҳамонро мекунам, то имрӯз, ки мурдаву зиндамон ба ихтиёри шумо буд минбаъд ҳам ба гуфти шумо амал мекунем.

— Ма, домулло, дигар дар ин ҷойҳо истода наметонум. Меравум.

— Кай меравӣ?

— Мебинум баъзе корҳояма саришта кунум, меравум.

— Ма ҳам ҳамин рӯза поида шишта будам. Баъзе тайёриҳо дидам. Чорвою ғаллама ниму-нимтаҳи дигар фурӯхта пул кардам. Каму тумаш монд, бало ба пасаш.

— Ғаллаи ма, домулло зиёдай. Аз афташ ҳамааша фурӯхтаву бурда наметавонум. Ба ин кофирҳо ҳам мондан̄ нестум. Ягон сари риштама, ягон луқма нонам, пораи ҷаву гандумама ба ин маълунҳо наmemонум! Дастам расад, тавонистагиама мебарам, нарасад, месӯзонам, хоки даҳанашон мекунаму меравам!

— Ин сагҳо, ҳоким, гундира ҳаром мекунанд, —гапи ҳокимро қувват дода гуфт Муллотура.

Ғаюрбек саросема се-чор бурда нонро ба қаймоқ тар карда хӯрду аз болои он ду пиёла чой нӯшида хеста рафтан̄ шуд ва ба домулло гуфт:

— Ту мулло, тайёрӣ бину бо хешу табору ҳамсояҳо маслиҳат кун. Мерафтагиҳо бошанд, аз таги пои кофирҳо монда дунёву қиёматашон барбод шудана ба он тарафи дарё равем, беҳтар. Ҳар чӣ ҳам бошад, онҷо паи қадами номубораки салотҳо нарасидааст, мулки мусулмон аст, он ҷо. Баъди як ё ду рӯзи дигар меояму рахти сафар мебандем. То омадана аз кӯдакҳоям огоҳ бош. Акнун паноҳи худо мекунем, домулло. Аз қафои ман набуро, ки боз ягон кас пайхас набарад.

Ғаюрбек назди дарвоза аз нав куртаю поҷомаи занона пӯшида латтаи докаро ба сар андохта гирди фуку гардан печонид ва таҳ - таҳи сафилу пореса як чашм пешу як чашм қафо сӯи хонааш рафт.

Дарвозаи ҳоким аз дарун қулф буд. Ӯ пеш аз ин ҷо рафтанаш ба занаш таъкид карда буд, ки бо либосҳои даридаю дарбеҳдор рӯзро дар хонаи Муллотура бегоҳ кунаду танҳо шабона ба хона ояд, аз молу матоъ, гову гӯсола ва ғалла хабар гирад.

Ҳоким ба умед буд, ки Давлатманд-бийю Анвар пошшо аз болои салотҳо ғалаба мекунаду ӯ аз кофирон қасосашро гирифта то ба Ховалинг аз нав омадани салотҳои дигар ҳама орзую мақсадашро

ба иҷро расонида, баъд бо молу ҳолаш ба Афғонистон меравад, вале хаёлаш хом баромад. Акнун ҳар навъ карда ҷон ба саломат бурданаш дакор буд.

Ғаюрбек аз сари сафил худро ба даруни ҳавлияш ҳаво дода, оҳиста, неш-неши по ба назди хонаи хобаш рафт. Аз як пораи шишаи тиреза ба даруни хона назар кард. Дар пештоқ чароғи лоӣ хира месӯхт. Занаш, Асалмоҳ, бо писарони дугоник Ҳасану Ҳусейн масти хоб буданд. Хушдоманаш, кампири Назокат, аз бари болои набераҳо ҷога андохта буд.

Ғаюрбек онҳоро безобита кардан нахоста ба меҳмонхонааш рафта дари онро оҳиста кушод. Бӯи ғализи тарӣ ба димоғаш зад. Аввало чароғро дар гирондан хост, вале фикр кард, ки мумкин касе ӯро поида истода бошад, дар додани чароғро раво надид, дасташ пеш нарафт. Ба замми ин ҷои исти чахмоқсангро ҳам намедонист. Ғаюрбек худро болои кӯрпача партофта ба шикам дароз кашид. Ҳама ҷо орому соқит буд. Ҳоким дар умри худ ҳеҷ вақт ҳавлиаш, хонаашро чунин тинҷу ором надида буд. Ба дили Ғаюрбек воҳима афтод. Чунин сокитию оромӣ танҳо дар вайронаҳо, мазорҳо ва гӯристон ҳукмрон аст. Ҳатто дар хонаҳои азодор, хонае, ки аз он мурдаи тоза ба хок супурда бошанд, чароғ ё шамъ, ақалан далил дар дода, барои поси хотири хокхӯфта хонаашро равшан нигоҳ медоранд. Вале Ғаюрбек ба хонаи худ ҳоло чун дузду роҳзан дохил гардида, чароғро дар гиронида натавонист.

Аз бозе, ки ӯ худро мешиносад, ин ҳавлию хона яке аз бобаракаттарин ҳавлиҳои Ховалинг буд. Ҳамеша мегуфтанд, ки ҳавлии ҳоким мисли тӯйхона аст. Аз субҳ то бевақтӣ табоххо ба пухту паз, кадбонуҳо ба нону кулча ва қаламапазӣ, ҳофизону машоққон ба нағмаю сурудхонӣ, муллоиммомҳо ба қуръону чоркитобхонӣ машғул буданд. Даххо ёру ошно ва хешу табор, корафтодаҳо ба дари хонаи ҳоким омада, ба дарди худ даво ҷӯё мешуданд, вале имрӯз ин хона ба мазор шабоҳат дорад.

Ба хотири Ғаюрбек паи ҳам солҳои кӯдакию ҷавониаш омада дар ин хона ду тӯй барпо карда, ду маротиб хонадор шудан, шаҳди зиндагии умри ширин чашидан, таваллуди фарзандон, орзую армон шикастанҳо омада, дилашро ба тазъиқ оварданд. Акнун он ҳоким бо либоси занона дар меҳмонхонааш омадааст ва ҳатто ба чароғи хонаашро фурӯзон кардан, зану кӯдаконашро озод дидан имкон

надорад. Пагоҳ ё фардо бо ин ҳама хонаву дар, молу чизи барояш азиз хайрбод мегӯяд. Заминҳои ҳосилхез, пуштаю теппаҳои саросар гулпӯш, боғҳои шаҳдбор, чашмаҳои ҷонбахши ин мавзеъро дигар дар хоб хоҳад дид. Мазори Хоҷа Аюби Ансориро, ки дар он ҷо падари бузургвораш, амаку амакбачаҳо, хешу табор, авлодаш дафн гардидаанд, партофта, сар мулки худро гирифта меравад. Худои таолло ӯро аз як каф хоки ин диёр маҳрум гардонида, онро насиб надида будааст. Ин дам ба хотири Ғаюрбек рубоии халқие, ки дар давраи ҷавонӣ аз бар карда буд, омаду ӯ зери лаб онро хонд.

Хоки ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Йисуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Эй кош, гадо мешуд, ба Канъон хуштар.

Ва аз алам ғиҷова гулугираш кард. Ҳоким беовоз гирист ва ашки ҳасрат қатор аз бари рухсора ба риши ӯ чакид.

Ғаюрбек ин лаҳза фаҳмид, ки ватан барои одам аз ҳама давлати дунё азиз, ширинтар будааст. Саг, ки саг аст, санҷикдарии соҳибашро аз тамоми ҷои дигари дунё боло медонад ва дар ҳар гӯшае, ки бошад, дилаш ба погаҳи он дар месӯзад. Ҳамин санҷикдарӣ аз ҳама қасри шоҳона барои ӯ азизу мӯътабар аст.

Ватан, ки дошта бошӣ, хешу табор, зану фарзанд, ёру дӯст, ҳамаро дорӣ. Бадбахтарин, рӯсиёҳии одамизод беватанист!

Ғаюрбек акнун тарки ин ватан мекунад. Кӣ ба ин ҳама айбдор, инқилобчиён ё балки худам, фикр кард ҳоким. То омадани урус ман касеро накушта будам. Бо ҳама талабҳои ҳукумати нав сар хам карда натавонистам. Бар зидди салотҳо, Азизуллою Камоли оҳангар ба ғазо баромадам, ҷаллод шудам, маро урус ҷаллод кард. Аз чизу чораам, молу ҳолам ҷудо шудан, итоат кардан нахостам. Охир ман Ғаюрбек, ҳокимам ва худои таолло маро танҳо барои ҳукмрон будан аз болои дигарон офаридааст. Ман барои он ба дунё омадаам, ки фармонфармо бошам, на итоатгар. Пулу мол, чизу чора, тилло, ки дорам, дар он тарафи дарё ҳам барои ман хизматгор, чоряккор, ва охируламр Ватан ёфт мешавад. Меравам. Молу чорвоямро ку бурда метавонам, вале ғалларо аз ин ҷо бароварда бурдан амри маҳол.

Субҳидамӣ ба болои қишлоқ, ба мазори Хоҷа Аюби Ансорӣ, ба сари гури қиблагоҳам рафта, аз арвоҳи авлиёю анбиёҳо дуо гирифтанам даркор. Баъд ҳарчӣ бодо бод. Дигар ман дар ин мулки кофаристон истода наметавонам!

Ғаюрбек либоси занонаро аз тан кашида таҳорат карда намозҳояшро қазоӣ хонд ва ба ҳавлӣ баромад. Чун аввали шаб ҳама ҷо ором буд. Ҷӯи оби мусаффо, ки аз чашмаҳои болои хонааш ҷорӣ шуда меомаду аз ҳавлиаш мегузашт, бо як маром ҷорӣ буд. Ҳоким ба назди оғил рафта бели дасташикастае ёфт ва онро ба даст гирифта, ба сари чоҳҳои ғаллааш рафт. Болои чоҳҳо чун пештара бо пахолу ҷиғелпораҳо печонида шуда буданд. Ӯ ба дами ҷӯйбори ҳавлиаш сангҳоро болои ҳам чида ба неши бел роҳи обро аз ҷӯйбор то чоҳҳои ғалла тоза кард. Ба қади як банди даст об аз ҷӯйбор ҷудо шуда аз миёни ҳавлӣ ба чоҳи якуми гандум рехт.

Ин кор ғайрати ҳокимро зиёд кард. Ӯ байни чоҳҳои дигар низ ҷӯйча кашида роҳи обро кушод, ки баъди пур шудани чоҳи якум об ба осонӣ ба чоҳи дуюм ва чоҳҳои дигар роҳ ёфта рафта рехта тавонад.

— Дар ду-се соат ҳамааш акнун сабили саратон мегардад! –гуфта ҳоким бо дили осуда аз нав ба меҳмонхонааш омада ба болои кӯрпача дароз кашид ва бори охирин ӯро дар ин хонадон як чирм хоби ноҳинҷор бурд.

Субҳидамӣ Ғаюрбек бо либоси занона аз қишлоқ бадар рафт. Ӯ ба деҳаи Хосиён, ба хонаи Халифа Ҳоҷӣ вақте расид, ки Хоҷӣ ва Муллоёр таҳорат карда ба намози бомдод сар мекарданд.

— Биё, садқаат, ҳоким, намоза бо ҳам хонем, —гуфта Ҳоҷӣ болои ҷойнамоз андаке таваққуф кард, то Ғаюрбек таҳорат карда ояд. Баъди намоз ҳоким ҳангоми таҳтули саҳарӣ аз нақшааш Халифа Ҳоҷиро огоҳ кард ва маслиҳат пурсидан хост.

— Ту, бачам, аҷаб кори хайре мекунӣ, —шод шуда гуфт Ҳоҷӣ баъди хабари ба Афғонистон рафтани ҳокимро донистан. –Ман худам ҳам илоҷ медоштам, мерафтам, вале дастам кӯтоҳ аст, гуфт Ҳоҷӣ.

— Бобо ма аспу улав муҳайё кунам ба ростӣ, ки ҳамроҳам меравӣ? –пурсид Ғаюрбек.

— Меравам, бачам. Ба худо, ки меравам! Ин мулк, ки кофаристон шуда бошад, барои мо мусулмонҳо дар ин ҷо дигар истодан ҳоҷат нест. Дар зиндагиамон, ки рӯз дида натавонем, ақаллан як каси

калимагӯе ёфт шавад, ки пагоҳ манаҳомона гирифта ҷанозамон кунаду мурдаамона ҳалолтар ба хок бисупорад.

— Гап ҳам яктаю худо ҳам, ки шумора ҳамроҳ гирифта меравам, —ваъда дод ба Халифа Ҳоҷӣ Ғаюрбек ва ба Муллоёр гуфт: —Ту додар, ҳозир гашта ба Сари Пул меравию ғозиҳора мегӯй, ки Давлатманд-бий моро фиреб дода тиру камони ваъдагира надод. Дар Ховалинг ҳукумати нав қарор баровардааст, ки баъди ду-се рӯз ҳама молу ҳоли мардума кашида мегирад ва агар як-ду рӯз дер монанд, салотҳо ҳама хонаву дарашона оташ зада зану бачаҳошона ба ҳисоби худашон гузаронида ҳарому ҳарич мегардонанд…

Муллоёр ба аспаш савор шуда ба сӯи Сари Пул роҳ пеш гирифт.

Ғаюрбек дар дил шод буд, ки бо як тир ду нишон мезанад. Ӯ бо дурӯғҳои бофтаи худ рӯҳияи ғозиёнашро ҳам аз Давлатманд-бий ва ҳам аз ҳукумати инқилобӣ гардонида, онҳора ба мақсади худ истифода мебарад.

Ҳоким фикр кард, ки ҳангоми аз ин ҷо ҳай карда бурдани молу чорвояш ба Афғонистон мумкин, ки дар роҳ баъзан роҳзанҳо дучор оянд ва ғозиён чун муҳофизатгар ба ӯ заруранд. Аз тарафи дигар ҳоло замона, ки чаппаву роста шудааст, аҷаб не, ки баъзан чӯпону подабон ва чораккору хизматгорон аз фармони ӯ саркашӣ кунанд ва ҷилои ватан шудан нахоҳанд, бинобарин ғозиён дар ҳар ҳолат чун обу ҳаво ба ӯ зарур шуда мемонанд.

Ғаюрбек баъди соате ба аспаш савор шуда ба сари қутанҳои рама, ба назди Ғоибназару Одиначол рафт, то ки аз ҳамин рӯз сар карда рамаву подаашро аз чашми салотҳо пинҳон ба қад-қади дарёи Ёхсу ба Буйдоқобод гузаронида, аз он ҷо ба Мӯъминобод ва Баҳорак, ба лаби дарёи Панҷ барад.

Баъди як ҳафта аҳолии Ховалинг хабар ёфт, ки Ғаюрбек бо тамоми молу ҳолаш ба Афғонистон рафтааст ва аз думболи худ ӯ даҳҳо одамони дигарро низ гирифта бурдааст…

❁ ❁ ❁

— Азизулло! Хез, бачам, ки рӯз шудааст! –шунида шуд овози бобои Хоркаш аз беруни дар.

— Ассалому алейкум, бобо! Ма кайҳо дасту рӯ шуста алов кардам, —гуфта Азизулло ҷома дар китф аз хона баромада ба мӯйсафед вохӯрӣ кард.

— Дастота ба остини ҷома андоз, бачам. Ҷома дар китф хосияти хуб надора. Валло, ки падарут и хел намекард. Одами калон шуда бошӣ ҳам, бачаи ҷун, поҳота ба чени курпаат дароз кун! –рафтори Азизуллоро дида гуфт бобои Хоркаш.

Азизулло аз танбеҳи мӯйсафед дар хиҷолат монда ҳарфе нагуфт ва ҷомаашро пӯшид.

— Аз масҷид омадаму, —хабар дод мӯйсафед, –аҳволи Ғуломалӣ бад. Имшаб то рӯз як чирм хобаш набурд. Ҷои захмаш сахт дард кард, ки то рӯз нолид.

— Валя дар куҷо буд? –пурсид Азизулло.

— Духтари бечора аз омаданаш ҳол надора. Шаву рӯз касалидорӣ кори осон нест. Бегоҳӣ гуфт, ки бобо мара ба ягон хона бар, ки сарама шӯям. Ба хонаи худам бурдамаш. Шав дар онҷо буд.

Валя, духтари нуздаҳсолаи камандири дивизия, Василий Димитров ҳамшираи шавқат буд ва аз рӯи зарурат барои табобати захмдорон аз Кӯлоб ба Ховалинг фиристода шуда буд.

— Шумо Валяро хабар кунед, ма ҳолӣ ҳозир Ғуломалира меорам, —гуфт Азизулло.

— Ба куҷо? –пурсид бобои Хоркаш.

— Ба ҳамин ҷо, ба хонаи худам. Ин ҷо гарму осуда. Ҳезуму тапаки аловӣ дорам. Худам ӯро нигоҳубин мекунам. Аз ду сар шабҳо танҳоям.

— Гапат ку рост, лекин командир розӣ мешуда бошад?

— Скрепник дар ин бора ба ман маслиҳат карда буд.

Бобои Хоркаш аз гуфти Азизулло шод гардид ва ба сӯи хонааш равон шуд.

Азизулло либосҳояшро пӯшида ба штаб рафт.

Ғуломалӣ ба паҳлӯи рост рӯ ба қибла мехобид ва аз омадани Азизулло хабар наёфт.

— Ғуломалӣ! –Биё тура ба хонаам барам. Рафта метавонӣ? – пурсид Азизулло ба сари болини ӯ нишаста.

— Метавонум, Азизулло, лекин боз ба ту дарди сар нашавум, —гуфт Ғуломалӣ.

Азизулло дид, ки аз зӯри таб лабони Ғуломалӣ парсинг бастаанд. Ранг дар рӯяш нест.

— Не, додар. Дарди сарам шавӣ нашавӣ, ки мебарамат. Хез, ба пушторaам савор шав, —гуфт Азизулло.

— Ма ҳолӣ аз по назадаам.

— Ба пои худат рафтанат мумкин нест. Валя таъкид карда буд, ки туро роҳгардӣ намонад. Хунат бисёр рафтааст..

Ва Азизулло Ғуломалиро пуштора ба хонааш барои табобат ва зиндагии мукимӣ овард.

## БОБИ XVII

Барои Давлатмандбию Анвар пошшо ҳама ғамҳо як тараф буданду ғами онҳоро фиреб дода хиёнат кардани Болта як тараф.

Вақте ки мир ба Болта дар қатори хоҳарзодааш Абдулқодир бовар карда сад тилло доду ӯро чун сардори даста барои харида овардани яроқ ба Афғонистон фиристод, Болта аз ҳамин лаҳза дар фикри фиреби Давлатманд-бий афтид.

Камону тир, ки бошад худи ман аз Давлатманду Анвар пошшо чӣ камӣ дорам, ки чун саг устухонпораи дасташонро поида шинам, фикр кард Болта туқайсарӣ. Ҳама тоҷикони кӯҳистон дар аспсаворию шамшерзанӣ дар пеши йигитҳои лақай бечораанд. Аз Танобчию Ҷорубқул, Сартезу Қушқия садҳо йигитҳоро ба атрофам ҷамъ карда яроқ медиҳам. Ҳам ба тухми ғозиёни Давлатманд-бий қирон меорам ва ҳам салотҳои ба ин ҷойҳо меомадагиро несту нобуд карда, ҳокимияти худамро мустақил мегардонам. Дар деҳаҳое, ки дар ихтиёрам ҳастанд, худам шоҳу табъам вазир шуда, намегузорам, ки каси берунае паи қадамашро ба ин сарзамин гузорад. Ва Болта гуфтагиашро кард. Коре кард, ки ҳама дидагию шунидагӣ ҳайрон монданд. Ба болои ғаму дард ва алами мир кулфату андӯҳи гарон овард.

Аз вақти шикаст хӯдани ғозиёни Давлатманд-бий ва навкарони Анвар пошшо як ҳафта нагузашта буд, ки бегоҳие, баъди намози шом кури Ортиқ ба мир хабар овард, ки як нафар аз навкарони ба Афғонистон фиристодаашон, ки Ислом ном доштааст, бо ҳоли табоҳ

баргашта омадааст ва ду по дар як мӯза даъво дорад, ки ҳама гапро танҳо ба ҳазрати мир мегӯяд.

Давлатманд-бийю Анвар пошшо, ки нав ба сари дастурхон нишаста даст об гирифта буданд, вале то ҳол гӯштбирён ба табақҳо кашида нашуда, аз шунидани ин хабар бесаранҷом шуданд.

— Мон, ки дарояд, —гуфт мир ва ҳама дар гирди дастархон будагон чашм ба сӯи дар нигарон шуданд.

Ислом аз дар даромадан замон дар санҷиқдарӣ ба зону зад ва бо овози гиряолуд гуфт:

— Ҳазрати мир, Болта ҳамара кушт.

— Чӣ гуфтӣ? –аз ҳаяҷон аз ҷой хеста пурсид Давлатманд-бий.

— Мегум, ки ҳама аз и ҷо фиристодагиҳора Болта кушт, —ҷавоб дод Ислом.

— Чӣ хел кушт? Яроқу тиру камонҳо, навкарон куҷо шуданд? –пурсид Анвар пошшо, ки ӯро низ ин хабари шум безобита карда ба по хезонда буд.

— Аз Афғонистон тиру камон, шамшеру маузер, ҳамара харида овардем. Шаб дар Қизилмазор, дар хонаи Болта будем. Ӯ ҳамара дар хоби ғафлат монда кушт. Яроқу аслиҳара гирифт. Ма гурехта ҷонма халос кардам.

Анвар ба сӯи мир нигоҳи ғазаболуде кард, зеро ӯ Болтаро бовар карда ҳамроҳи навкарон фиристода буд.

— Абдулқодири, додарум, куҷост? –бо изтироб пурсид Давлатманд-бий.

— Ӯра куштанд, —андак ист карда оҳиста ҷавоб дод Ислом.

— Чӣ?! Ӯро куштанд? Кӣ кушт?!

— Болта.

— Оҳ додарам! Хок дар сарам, ба ин роҳу кори пеш гирифтагиам, ки Абдулқодирма худам бо дасти худам куштам! –гуфта мир оҳу фиғон бардошта аз меҳмонхона баромад ва ба ҳавлии дарун рафт.

— Ту дидӣ, ки Абдулқодира куштанд? –пурсид Анвар пошшо.

— Дидам, ҳазрати ҳумоюнӣ, Болта бо маузер аввал ду тир ба синаи чапи Абдулқодир заду баъд дигарҳора кушт.

— Шумо, ку ҳамаатон панҷтираву маузер, шамшер доштед? Чӣ тавр ин лақаи падарлаънат ҳаматона дар ғафлат монд?

— Шаб, бевақтӣ ба Қизилмазор расидем. Абдулқодир гуфт, ки биё бо роҳи Сартез ростакӣ гузашта меравем. Болта, нею нестон карда

баҳона овард, ки роҳи дароз омада ҳам худамону ҳам аспҳо аз хезу пар мондаанд. Шаба дар хонаи ӯ шавгаҳ мекунему субҳидамӣ боз ба роҳ мебароем. Ана баъд шаб оши палав фармуда лаънатӣ ба даруни он шираи нашъаро бо зира аралаш карда андохта будааст. Ҳама хӯрдагиҳо аввал ширакайф шуданд, баъд ба хоби ғафлат рафтанд. Болта ёру ошнояша ҷамъ карда нисфишабӣ якта намонда ҳамара қир кард, падарлаънат.

— Ту чӣ хел зинда мондӣ? –пурсид Анвар пошшо.

— Мара ба аспҳо посбон монда буданд. То аспҳора баста хунукашона гиронда коҳу ҷав кардам, ки оша хӯрда тамом кардаанду ба ма нарасид. Вақте ки парон-парону кушокушӣ сар шуд, ҳодисара фаҳмида аспама савор шуда, ҷонама гирифта ба ин тараф гурехтам.

Ин дам оҳу фиғон ва нолаи мир ҳамаро ба по хезонд.

Аҳли хонавода ва ғозиёну навкарон аз мусибати Давлатманд-бий огоҳ гардиданд.

Писарони мир, Азизқули шонздаҳсола ва Субҳонқули панҷсола мусибати падарашонро ҳис карда, ба меҳмонхона, ба паҳлӯи мир, ки ӯ аз нав ба ин ҷо омада буд, ҳозир шуданд.

Давлатманд-бий Субҳонқулро, ки фарзанди аз ҳама дӯстдораш буд, ба бағал гирифта Азизқулро ба канораш шинонд ва хомӯшу беовоз гирист. Хонаи мир мотамсаро гардида буд.

— Ин қадар вақт ма надонистам, ки дар бағалам мори афъӣ мепарваридааму имрӯз ба ҷони дардмандам заҳри ҳалоҳил мезанад, —гиря карда гуфт мир ба Анвар пошшо, ки ҳоло дар паҳлӯи ӯ нишаста буд. –Болтаи саги осии рӯсиёҳа аз ҳама ҳокимон худам бологузар карда, дар қатори дидорам ҷо додам. Умед доштам, ки дар рӯзи мушкил дастгирам мешавад. Имрӯз рӯзама сиёҳ кард. Мара аз азизтарин кас дар зиндагиам ҷудо намуд. Ма ба зану фарзандҳои Абдулқодир бо кадом дидаву рӯ менигарам? Аз марги ӯ ба онҳо чӣ гуна хабар медиҳам?! Бе яроқу аслиҳа чӣ рӯз мебинам?!

— Шукрона кун, мир, —ӯро тасалло дода гуфт Анвар пошшо. –«Оби рехтара дигар ҷамъ карда намешавад», мегӯянд дар шума. Айби худатон, ки одамона насанҷидаю надониста бовар кардед. Акнун ягон чораю тадбири дигар андешиданамон зарур.

— Дигар ма пушту паноҳ, ёру мададгор, мутакое надорам, пошшо. Ҳама давлату савлатам, хазинаам фидои сарат, додар! Умеду

орзуям туӣ! Абдулқодирам имрӯз рӯяма сиёҳ кард. Ту ба ҷояш қуввату мадорам шав! Ёрдамам кун, ки қасоси додарама аз Болта ситонам! Мурдаи додарама ба назди хешу ақрабоям биёрам.

Чашмони Анвар аз ин суханони мир нур гирифтанд. Ӯ бо гӯшҳои худ шунид, ки Давлатманд-бий ӯро бародар хонд. Ба ӯ бовар карда гуфт, ки ҳама давлату савлат, хазинаам азони ту. Мақсади Анвар ҳам ҳамин буд. Ба ӯ акнун мир чун бародари худ муносибат мекунад. Рабудани хазина бошад, кори осон. Аз ҳама муҳимаш имрӯз Давлатманд ба ёрию мадади ӯ дуюмбора мӯҳтоҷ шудааст. Акнун ба гапи ӯ амал карда ба ӯ ёрӣ расонидан даркор. Боз онтарафаш худо худаш подшоҳ.

— Сомӣ пошшо, нукарҳоро ба ғазо тайёр кун! –фармуд Анвар ва Шамсиддин туқсаборо низ ба наздаш ҷеғ зад.

— Ҳама ҳимоятгарони дини ислома ба ғазо хезонид, туқсабо! Худи ҳозир ба сафар мебароем!

Эшони Балла ном саркардаи қаратогинӣ, ки овозаи ташкил кардани дастаҳои ғозиёни Давлатманду Анвар пошшоро шунида бо мақсади ба онҳо ҳамраъӣ кардан чун ҳомӣ ва пуштибони дину шариати мусулмонон ҳамроҳи панҷоҳ нафари дастааш ба Яп омада буд, дар ин сафар бо Анвар пошшо шарик шуд.

— Азизқул, ту ҳам рафта аспата зину абзол кун! —фармуд Давлатманд-бий ба писари калониаш.

— Қасоси амаката ту ки нагирӣ, кӣ мегира? –Акнун, ту хурд нестӣ! –гуфт мир ва Азизқул ҳам ба сафар тайёр шуд.

…Саҳарӣ, қарибиҳои офтоб кади як найза баланд шудан ғозиёни Давлатманд-бийю Анвар пошшо ба Қизилмазор расиданд.

Мувофиқи супориши Анвар пошшо ғозиён ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, қисме бо сардории Сомӣ пошшо аз тарафи Сартез аз теппаҳо гузашта ба Қушқия хамбида аз он ҷо ба Ҷайралӣ омаданд ва қад қади сангови Сурхоб аз пойни Қизилмазор баромаданд.

Қисми асосии онҳо бо сардории Анвар аз тарафи болои деҳа якбора ба ҳӯҷум гузаштанд.

— Болтара зинда ба зинда дастгир карда ба ман супоред, то худам ӯро бо дасти худам кушта дилама тар кунам! –гуфта буд мир ва мақсади асосии ғозиёни ӯ аввало ба даст овардани Болта буд.

Болта ба ҳуҷуми ногаҳонии Давлатманд-бий тайёр набуд. Ӯ баъди куштани ҳамроҳони аз Афғонистон яроқ овардаи худ бо ёрии

йигитҳояш мурдаҳоро кашида ба сағонаи гӯристон бурда партофт ва ба тақсимоти яроқ шурӯъ намуд. Ӯ гумон дошт, ки мир ҳоло ба салотҳо саргардон аст ва дар се-чор рӯзи дигар ба ин тараф ҳуҷум намекунад. То ин вақт панҷтираю маузер ва шамшеру тирҳоро ба одамони Қизилмазору Ҷорубқул ва дигар деҳаҳо тақсим карда бошад ҳам, вале то ҳол дастаҳои ба низоми ғозиёнро ташкил накарда буд. Бисёрии яроқгирифтагон супоришу таъкиди махсус надоштанд.

Болта баробари ба деҳа ҳуҷум овардани ғозиёни Давлатманд-бий муқобилат карданро раво надида ба аспаш савор шуда ҷонашро гирифта ба тарафи Ҷорубқул гурехта рафт, зеро медонист, ки барои ҷамъ кардани йигитҳои лақай аллакай фурсат намеёбад ва ӯро дастгир карда ба қатл мерасонанд. Ҳоло ҷон ба саломат барад, баъд чӣ қуввату қудрат доштани лақайҳоро ба мир нишон медиҳанд.

Эшони Балла бо мақсади дар ҳуҷуми аввала корнамоӣ нишон додан, пурсуҷӯ карда хонаи Болтаро ёфт ва зану кӯдакони ӯро сарлучу пойлуч пешандози асп карда ба назди мир, ки дар ҳамвории болои қишлоқ ҳамроҳи Анвар пошшою Шамсиддин туқсабо ва писараш Азизқул ба рафти ҳӯҷум назорат мекарданд, овард.

— Ин махлуққо киянд? –ба зану кӯдакон ишорат карда пурсид Анвар пошшо, баробари ба пешашон расидани Эшони Балла.

— Қанчиқу сагбаччаҳои Болтара овардам, ҳазрати ҳумоюнӣ, —ҷавоб дод ғолибона Эшони Балла.

Зани Болта тахмин сисола, дар пеши бар тифли ширмак ва ду писарбачаи 6-8 сола аз думбол дошт.

— Худаш ку? –пурсид Давлатманд-бий Болтаро дар назар дошта.

— Ба Ҷорубқул гурехтааст.

— Аз гӯру лаҳад бошад ҳам, малъуна қапида биёред!

— Ҳазрати мир! Ба инҳояш ҳисоба баробар кунед, ма як сад нафар ғозира гирифта ба Ҷорубқул, барои дастгир кардани Болта меравум, —гуфт Эшони Балла.

Анвар пошшо ханҷар аз ғилоф баркашида аспашро ба сари зану кӯдакони Болта ҳай кард. Кӯдакон аз тарс худро ба тани модарашон ҷафс гирифтанд. Мир низ ба назди онҳо омада дар бари Анвар ҷой гирифта бо чашмони оташбор ба зану кӯдакон назар карда ба ғазаб аз зан пурсид:

— Ту чӣ ном дорӣ?

Зан аз тарс чун барги бед ларзида гуфт:

— Юлдузой.

— Ба Болта кӣ мешавӣ?

— Оилааш. Тақсир ману кӯдакҳо чӣ гуноҳ дорем?

Чашмони Давлатманд-бий аз ғазаб хун гирифтанд.

— Қанчуқ! Абдулқодири шаҳсавори ма чӣ гуноҳ дошт?! —гуфт Давлатманд-бий ва қамчин бардошт, вале аз задан худдорӣ кард.

Анвар бо ханҷар ба сари зан заданӣ буд, ки мир ӯро боз дошт.

— Назан, пошшо! Ма қанчуқа бо кучукбачаҳояш ҳоло намекушам. Меистам, ки нарсагаша ғозиён қапида баста биёранд, баъд якҷоя ҷазояшон медиҳам.

Анвар ноилоҷ ханҷарро ба ғилоф андохт.

— Бар, Эшони Балла и касофатҳора, ки дар чашмам чун хор нахаланд. Баъди ба даст овардани Болта гирифта биёршон. Аз думболи Болта афтида ӯро зинда дастгир кунен! –гуфт мир ва Эшони Балла зану кӯдакони Болтаро ба деҳа бурда ба хонае маҳкам карда посбон монда ҳамроҳи дастаи кӯри Ортиқ ба тарафи Ҷорубқул асп ронданд.

Навкарони Сомӣ пошшо ҳар як хонаи сокини деҳаро таку рӯ чаппаву роста карда чизу чораи ба дасташон афтидаро ба ғорат мебурданд ва шахси андак муқобилат мекардагиро ҳамон замон парронда зану кӯдаконро пешандози асп ба болои қишлоқ ба назди Давлатманд-бий меоварданд.

Шамсиддин туқсабо бо ёрии навкарон ҷасади Абдулқодирро аз сағонаи гӯристон, ки дар тарафи офтобшин, аз деҳа болотар дар доманаи теппаҳо воқеъ аст, ба ҷои истгоҳи мир оварданд. Давлатманд-бий худро ба болои ҷасади варамкарда ва ба хун оғуштаи Абдулқодир партофта навҳа кард.

Бегоҳирӯзӣ Эшони Балла ва Кӯри Ортиқ аз Ҷорубқул ноумед баргаштанд. Болта туқайсарӣ аз таъқиби онҳо огоҳ гардида тарафи Кангурт гурехта рафта будааст.

— Ата, Атаҷон! Аз барои худо гуноҳи мардумро авф кун! –зорию тавалло кард Азизқул аз падараш, вақте фаҳмид, ки мир бештари мардуми қишлоқро дар қатори зану кӯдакони Болта барои қасоси Абдулқодир шуда куштанӣ аст. Давлатманд-бий гапи писарашро

гирифт ва ба ғозиён фармон дод, ки ба касе кор нагиранд ва ба тарафи Яп ба роҳ баромаданд.

Тобути Абдулқодирро ба ду асп бор карда бастанд.

Офтоб ба ғуруб рафта буд. Дар дами теғи кӯҳҳои аз дур намоён абрпораҳо ба чашм чун чодари ғарқоби хун менамуданд.

— Аз ин ҷо ҳамагӣ шастуду панҷтира ғанимат гирифтем, —гуфт Сомӣ пошшо, ки дар бари кӯри Ортиқ пешопеши ғозиён аз паси тобут асп меронд.

— Саҳарӣ дер накарда худам одамони дилпурама барои яроқ ба он тарафи дарё мефиристам, —гуфт Анвар пошшо, ба Ҳоҷӣ Сомеъ ва сӯи Давлатманд-бий нигоҳи маънидоре кард.

Мир, ки ғами афзун дошт, танҳо бо аломати ризо сар ҷунбонд.

## БОБИ XVIII

— Холаи Мунавар! Ҳо, холаи Мунаввар!

Ин овозро шунида Азизулло дари хонаро кушода ба ҷои модар, —«лаббай!» гуфта ба берун баромад. Ӯ дар назди дар Гуландомро дида ҳайрон монд.

— Кӣ омадааст, бачам? –пурсид модар аз қафои Азизулло баромада. Ҳайронии Азизулло ҳам аз овози модар барҳам хӯрду духтарро муроот кард.

— Биё, Гуландом. Ба хона даро. Дар ин бевақтӣ чӣ саргардонӣ туро ба ин ҷо овард?

— Ҳамӣ хел як кори зарур баромаду давида омадум, —андак башарм ҷавоб дод духтар.

— Хуб кардӣ, биё ба хона даро духтарум, садқаат шавум! Биё, ку бубинумут, —гуфта холаи Мунаввар аз ду бари рухсораи Гуландом бӯсида ва ӯро ба хона даровард.

— Ба лаби чашма барои об рафта истода будам, ки як духтари аспсавора дидум, —саросема ба гап сар кард Гуландом. Гуфт, ки аз Тираконӣ мешавум. Аз тарси ғозиён гурехта ба поноҳи ҳукумати шӯро омадум, гуфт. Як навъ карда ӯро ба хонамон бурдум. Ҳарчанд

дилбардориаш кардем, ки дар хонаи мо касе кордорут намешава, ӯ мегӯяд, ки мара ба назди сардори ҳукумат барен. Шумора хабар кунум гуфта омадум.

— Як пиёла чой бигир, духтарум, танут гарм шава. О, ту беақл дар ин чиллаи зимистон таги як курта омадӣ, ку. Ҷома ё ягон ҷирзу ҷиғел пӯшӣ намешавад? –гуфта модари Азизулло Гуландомро ба сари дастурхон шинонида ба пиёла чой рехта ба ӯ дод. Духтар саросема буд. Гуфт, ки падараш дар хона нест. Модараш ҳамроҳи он духтар танҳоянд ва бархоста майли рафтан кард.

— Кӣ будааст он духтар? Аз куҷо омадааст. гуфтӣ? —саросемагии Гуландомро дида асли воқеаро донистанӣ шуда пурсид Азизулло.

— Номаша нагуфт. Ҳамин хел як духтар. Аспсувор суроғ карда омадааст. Аз дасти ғозиҳо гуфт, гурехтум. Шунидум, ки дар Ховалинг ҳукумати шӯро шудааст, камбағалу бечораҳора пушту паноҳ будааст, омадум, ки мара ҳам ҳимоя кунанд, гуфт.

— Хайр, ҳаросон нашуда саросема гап назан. Ӯро ҳамроҳат гирифта наовардӣ? –пурсид Азизулло.

— Наомад. Ҳарчӣ кардум, наомад. Боз очаам ӯро намонд. Гуфт, ки хонаи худамон тинҷ. Бобои Хоркаш аъзои ҳукумат. Ба худи сардорҳо якҷоя мешина, мехеза. Ҳама аз ӯ гап мепурсанд.

— Азизулло, бачам, рафта бин, ки чӣ гапай, —гуфта модар ба нею нестони духтар нигоҳ накарда даруни хона даромада як пораи нон гирифта ба берун баромад ва ҷомаи пурдарбеҳашро аз тан кашида ба Гуландом дода таъкид кард:

— Ҷомара то хонатон пӯш, ки хунук назанадат, духтарум. Лаби нона ҳам ҳамроҳат бигир, хосияти хуб дора, —гуфта кампир боз таъкид кард:

— Азизулло, бачам Гуландома, ки бурдӣ асли гапа фаҳмида тезтар биё, ки акаи Камолут меоям гуфта буд. Ким чӣ корут доштааст.

Азизулло аввал ба хонаашон омадани Гуландомро «элак баҳонаю дидор ғанимат» гумон карда буд, вале баъди фаҳмидани мақсади духтар донист, ки кори ҷиддие доштааст.

Азизулло пешо-пеш Гуландом аз қафои ӯ ба сӯи хонаи бобои Хоркаш равон шуданд.

Охирмоҳи зимистон бошад ҳам, ҳаво он қадар хунук набуд. Абрҳои даргузар тӯда-тӯда паи ҳам ба сӯи шимол ҳаракат карда, гоҳ-гоҳе рӯи моҳи то ҳол нопураро чанд муддат пӯшонида гузашта

рафтанд. Шаббодаи мулоим мевазид. Ситораҳои аллакай намудор дар ҷо-ҷои осмон ба назар мерасиданд.

Азизуллою Гуландом ҳарду хомӯш аз баландии теппа ба пайраҳаи лаби чашма хамбиданд.

— Духтар сувор омад, гуфтӣ? –хомӯширо вайрон карда пурсид Азизулло.

— Ҳа, сувор. Духтари бағайрат будаст. Аспи зину абзолдора сувор шида амадаст.

— Ту чӣ, асп сувор шуда наметавонӣ? –якбора гапро ба дигар тараф бурд Азизулло.

— Не. Дар умрум сувор нашудам.

— Набоша рӯзи тӯят чӣ кор мекунӣ?

Гуландом ҷавоб надод.

— Рӯзи тӯй аруси нозанина сувор кунанд, ки асп ӯро гирифта гурехта равад, баъд дар байни мардум шарманда мешудаем? –шӯхӣ кард ҷавон.

— Арӯс сарҷилаб дора. Лаҷоми аспа гирифта оҳиста-оҳиста пеш-пеши арӯс мебаранд.

— Фаромӯш кардам.

— Шумо раҳи хонаи моро ҳам фаромӯш кардед.

— Не, Гуландом, фаромӯш накардааму худат медонӣ, ки рӯзҳои охир чӣ қадар корам бисёр.

— Наход, ки дар як моҳ, вақтут барои хонаи мо омадан нарасид. Ё «сардори ҳукумат шудам» гуфта назарут камбағалҳора намегирад?.

Хайр дар хонатон арӯси нозанин ҳаст, дигар чӣ парвои мо дорен. Мегӯянд, боз ӯ мулло будаасту шумора сабақ медодааст. Ма гумон доштум, ки шумо ай дигаро дида барои мо дилсӯзен. Худатон дар лаби чашма нагуфта буден, ки минбаъд ба хонаатон тез-тез меоям. Агар медонистен, ки ма дар и қадар шубу рӯз…

Духтар охири суханашро гуфта натавонист ва бо сари хам сӯи хонаашон қадам ниҳод. Азизулло аз қафои ӯ мерафт.

Дарди дили Гуландом зиёд буд. Духтар Азизуллоро дӯст медошт ва ҳар лаҳза дилаш хавотири ин ҷавон буд.

— Русдухтаре, ки гоҳ-гоҳ ба хонаам барои дорую марҳам кардани захми Ғуломалӣ меояд магар ҷони одам нест? Ба ҷои он ки ту бо ӯ дугона, апаву хоҳар шуда духтари ғариба даст гирӣ, боз ӯро

маломат мекунӣ? Ту аввал як корро бубину бифаҳм, баъд гап зан! Ӯ духтар аз ҳазор мард зиёдтар корнамоӣ мекунад. Дар роҳи инқилоб аскарҳои сурха аз марг наҷот додааст боз ту ӯро бадном карда бо ман тӯҳматаш мекунӣ?! Ма аз ту ин хел рафторро умед надоштам!..

Гуландом аввал аз сарзаниш ва суханҳои Азизулло хиҷолат кашида бошад, аз гапҳои охири ӯ рӯҳ гирифт. Гули рӯяш дар ин шаби зимистон шукуфт ва оҳиста гуфт: —Хато карда бошам бубахш, Азизулло. Ай дастум чӣ кор меояд, ки ба шумо ёрӣ расонум. Ма охир як мушти парум.

— Шумо дигар мушти пар не, алангаи оташед! –гуфт Азизулло.

— Инқилоб духтару занҳора озодӣ додааст. Ма нагуфтам, ки ба даст яроқ гирифта бар зидди ғозиён биҷангед. Ба духтарону занони қишлоқ моҳияти инқилоб, аҳамияти ҳукумати нава фаҳмонда додан кори мушкил аст, магар? Ё аз дастатон ҳамин кор ҳам намеояд? Қариб нисфи аҳолӣ бо ташвиқи Ғаюрбеку Муллотура шабошаб гурехта ба Афғнистон рафтаанду мо бошем, бехабар. Чӣ, онҳо дар он ҷо рӯзи нек мебинанд? Магар ҳамаи занҳову духтарҳо барои тарки ватан кардан, барои аз ватан беватан шудан розӣ буданд? Ақли мо нагирифт, ягон касе ёфт нашуд, ки мора хабар кунад, онҳоро аз ин роҳ баргардонем?

Хайрият, ки мӯйсафеди падарат ҳамроҳи мо аст, набошад андак дер мемондам, туро ҳам бераҳа карда гирифта мебурданду рӯзам сиёҳ мешуд. Зани усто Сайёду кампири Ғарибгул нисфи занҳои деҳара ба маҷлис оварда тавониста буданду ту мегӯӣ, ки чӣ кор аз дасти мани муштипар меояд? Магар ҳамроҳи онҳо дар байни духтарон моҳияти инқилобро фаҳмонида наметавонӣ?

— Хайр, ана мо гунаҳгор. Шумо кай фаҳмондед, ки гапатона иҷро накарда бошем? –худро ҳақ баровардан шуда гуфт Гуландом ва Азизулло ба ин саволи духтар музтар монд.

Гапи Гуландом ҳақ аст, аз хотир гузаронид ӯ. Бояд барвақтар ба ӯ маслиҳат медодам, вале ба ин ҳама ақли худам нарасид, бинобар ин ба хатои худ иқрор шуд.

— Гуландом ма ҳам хато мекунам. Ин хато аз ман гузаштааст.

Азизулло медонист, ки Гуландом он қадар духтари гӯлу нофаҳм нест, ба бисёр корҳо ақлаш мерасад. Ёрии ӯ барин духтарону занон дар ҳозира барои ҳукумати навташкил зарур аст.

Азизуллою Гулдандом ба хона наздик омаданашонро нафаҳмида монданд. Духтар шалфаи гулӯ карда дари хонаро кушод, ки дар хона будагиҳо натарсанд ва аз қафои ӯ Азизулло салом дода ба хона даромад.

Чароғи лоӣ дар як каҷии токчаи девори хонаи бобои Хоркаш милт-милт месӯхт.

— Биё, бачам, Азизулло! Ай дар хоки поҳот бимирум! Раҳи хонаи мора меёфтаӣ? –гуфта холаи Нафисамоҳ ширинзабонӣ карда пеши Азизулло хест.

— Чанд вақт боз гуфтам имрӯз ё пагоҳ хабаратон мегирам, нарасидам, хола, —андак дасту по хӯрда гуфт Азизулло ва ба холаи Нафисамоҳ вохӯрд.

— Сиҳату саломат ҳастӣ, хола?

— Худора шукр. Мо сиҳатем. Аз боло гузар, бачам. Раҷабгули хоҳарут сиҳату саломат ҳаст?

— Ҳамаамон нағзем, хола, —гуфт Азизулло ва назди дастурхон болои кӯрпача сари ду зону амонат нишаст: —Меҳмон доштаед? –гуфта худро ба нодонӣ зада пурсид Азизулло, духтари бегонаро, ки дар паҳлӯи кампир истода буд, ишорат карда.

— Албатта Гуландом ҳамаи гапа гуфт, —ҷавоб дод холаи Нафисамоҳ. —И духтар ай Тираконӣ мешаваду ба ин ҷо гурехта омадааст, бачам.

— Бишин хоҳар. Чӣ саргардонӣ ба Ховалинг овардат? –пурсид Азизулло.

Духтар дар лаби кӯрпача нишаст, вале ҳарфе нагуфт.

— Шарм накун хоҳар, гап зан, чӣ ном дорӣ?

— Ҳусноро, —оҳиста ҷавоб дод духтар.

— Ай Тираконӣ, духтари кӣ мешавӣ?

— Духтари Солеҳи ҷувозкаш.

Азизулло падари ӯро намешинохт.

— Ягон кас таҳдид кард, ё азобат дод?

Духтар хомӯш буд.

— Гап зан, хоҳар, ҳукумати шӯро шумора ҳимоя мекунад. Аз ҳеҷ кас натарсида гапата гуфтан гир.

Духтар ҳарфе намегуфт.

— Хола мумкин ба шумо ягон гап гуфтааст, —аз модари Гуландом пурсид Азизулло.

— Ҳамин қадар гуфт, ки овозаи ҳукумати шӯрора шунида гурехта омадум, ки ҳимояам куна, —ҷавоб дод кампир.

— Барои чӣ дастонат ҷиғелпечанд? Аз куҷо, аз дасти кӣ гурехтӣ? –Гап зан охир, —гуфт Азизулло.

— Ай дасти мусулмонҳои номусулмон! Ай дасти Анвар, кури Ортиқ гурехтум! –гуфт духтар ва ба гиря даромад.

— Гиря накун, хоҳар, —гуфт Азизулло. —Хуб кардӣ, ки омадӣ. Дар ин ҷо дигар ба ту касе даст намерасонад. Ҳамроҳи Гуландом дар ҳамин хона осуда зиндагӣ мекунӣ. Пагоҳ ҳамроҳи ӯ ба маҷлиси мо биёед. Дигар духтарону занон ҳам меоянд.

— Дар хонаамон аз ҳолам бехабаранд, —гуфт духтар бо овози гиряолуд.

— Аз хонаи худатон наомадӣ? –пурсид Азизулло.

— Не, аз Яп, аз хонаи Давлатманд-бий гурехтум…

Ҳусноро саргузашти кӯтоҳ, вале талхи худро гирякунон ба тафсил нақл мекарду Азизуллою Гуландом ва холаи Нафисамоҳ онро мешуниданд.

Азизулло ҳангоми хайру хӯш ба Гуландом гуфт, ки корро аз ҳамин Ҳусноро сар кунад.

— Бигузор пагоҳ Ҳусноро дар байни халқ аз ҳоли зери худ ба мардум нақл кунад, –фаҳмонд Азизулло ба Гуландом.

## БОБИ XIX

Азизулло, вақте аз хонаи бобои Хоркаш баргашт, Камоли оҳангар дар хонаашон бо модари ӯ сӯҳбат карда нишаста буд ва аз оҳанги гапашон маълум буд, ки ӯ аллакай аз ҳоли Азизулло огоҳ гардидааст.

— Хайр, гап зан, додар ки шерӣ ё рӯбоҳ –гуфт ба нимханда Камоли оҳангар, баробари ба хона даромадани Азизулло.

— Шумо, ки болои сарамон сиҳату саломат бошед, ҳама вақт шерем, ака. –мазмуни ханда ва гапҳои Камоли оҳангарро фаҳмида ба ханда ҷавоб дод Азизулло ва ҳарду гарм вохӯрӣ карда ба сари дастурхон нишастанд. Модар дар косаи сафолӣ қаймоқ оварда ба чойники бандзадагӣ аз халтачае ба ҷои чой барги хушконидаи гулхор андохта дам карда ба пешашон гузошт.

— И вақтҳо духтарҳо суроғатон мекардагӣ шуданд, додар? –боз ба нимханда пурсид Камоли оҳангар.

Азизулло шармгинона: —Гуландоми духтари бобои Хоркаш омада буд, —гуфт.

— Тавба кардам, —гуфта Камоли оҳангар ба шӯхӣ дасташро ба пеши бар бурда ду лаби ҷомаашро ба ҳам наздик оварда ва гапашро давом дод: —Пештар бачаҳо духтарҳора суроғ карда бошанд, и замон духтарҳо бачаҳора суроғ меомадаанд.

— Акаи Камол, мо ҳолӣ ҳам бача будаем, да. –гуфта худро аз шарм ва хиҷолат баровардан шуд Азизулло ва ба Камоли оҳангар навбати гап задан надода диққати ӯро ба дигар масъала банд кард.

Як духтар аз дасти ғозиҳо гурехта пеши мо омадааст, —гуфт.

— Хуб кардааст. Ку нақл кун, ки чӣ хел духтар будааст.

Азизулло нақли Ҳуснороро бо тафсил гуфта дод.

— Хуб кардӣ, додар. Дар хонаи бобои Хоркаш касе ба ӯ кордор намешавад, —баъди нақл хулоса баровард Камоли оҳангар ва гапашро давом дод: —Ин дарди бахайр, лекин аз гурехта рафтани Ғаюрбек хабар дорӣ?

— Ба Афғонистон рафтанаша мегӯй? –пурсид Азизулло ва маҳтали ҷавоб наистода гуфт: —Бало ба пасаш, ки рафта бошад. «Хас каму ҷаҳон пок», —гуфтаанд.

— Бало ку ба пасаш, лекин ними одамҳои қишлоқа ҳамроҳи Муллотура аз думболашон бурдаанд, бачамурдаҳо!

— Киро бурдаанд?!

— Ғоибназар, бобои Сайдумару Сайидмӯъмина. Ҳисоб кардам, понздаҳ нафар бечораҳое, ки нони хӯрдан надоранд аз думболашон рафтанд. Ҳамара аз роҳ баровардаанд, ки кофир мешавед. Одамҳои нофаҳм ба кучу бандашон ба якборагӣ гурехта рафтаанд. Ҳушёрӣ накунем қишлоқ холӣ мешавад. Имрӯз ба ҳавлиаш рафтам, ҷон аз дасту поям буромад. Беинсоф як ҳафта пеш ба чоҳҳои гандум об

монда ҳама ғалларо пӯсондааст. Дар ин солу замон як каф гандум аз ҳазор хазинаи тилло қимат аст. Вақти кишт чӣ кор мекунем? Ғаллаи асосии қишлоқ дар дасти Ғаюрбек буд, ҳамааша нобуд кардааст.

— Гандумша аз об гирифта ба хонаҳо таксим кунем, мардум хушконанд, истифода кунанд, намешавад? –пурсид Азизулло.

— Даҳони чоҳҳо маҳкам пӯшидагӣ будааст. Ғалла дар об истода тосида, ганда шуда, ба тамом пӯсидааст. Ягон донаша на одам хӯрда метавонаду на чорво. Дидӣ чӣ корамон кардааст Ғаюрбек?

Инҳо масъалаҳои ҷиддие буданд, ки шунидани онҳо дар дили Азизулло чун нештар кора карданд. Ӯ чанде хомӯш монд ва баъд:

— Хайр, ақли ма нарасид, шумо дар кучо будед, ки аз ин ҳол хабар меёфтед? –гуфт.

— Мо, ки медонистем, додар, барои чӣ пеши роҳашона намегирифтем?. Ақли мо ҳам нарасид. Сад нобуди худаш, дардо ба дарди ғалла нарасад, —гуфт Камоли оҳангар. –Ғаллаи кишт мекардагӣ надорем.

Ҳарду хомӯш чанд муддат ба фикр банд истоданд.

— Имрӯз Ҳасани Дараи Мухторӣ пешум омада буд, мешиносиаш? –хомӯширо барҳам дода ба гап даромад Камоли оҳангар.

— Ҳасани бачаи Восеъ?

— Ҳа. Аспнаълкунӣ омад. Ҳардумон чақ-чақ кардем. Гапҳои маъқул гуфт.

— Чӣ маслиҳат кардед?

— Як моҳ боз касали рӯи ҷогаҳ будааст. Худора шукр, ки хестааст. Гуфт, ки хабари омадани Азизулло, ташкил шудани ҳукумата шунидаму рӯҳу арвоҳи худораҳматии падарум шод шуд. «Ба ин рӯз мо ҳам мерасидаем!» —гуфт. «Чӣ мешавад, ки камбағалҳои қишлоқи мора ҳам ба ҳукумат қабул кунанд?» —гуфта хоҳиш кард. Ма гуфтум, ки ҳукумат барои чӣ шумора қабул намекардааст? Ҳукумат барои қабули шумоён сад дилу ҷон розӣ аст.

— Хабари хуш овардӣ, акаи Камол. –хурсандиашро пинҳон дошта натавониста гуфт Азизулло ва илова кард:

— Пагоҳӣ ба қишлоққои атроф одам фиристонед. Мон, ки ҳама камбағалҳои қишлоққо ба ҳукумат аъзо шаванд, хубро аз бад фаҳманд…

— Шаб аз нисф гузашт, —гуфт Камоли оҳангар ва майли рафтан кард. Гуфт, ки шабона хабарчиҳоро огоҳ накунам, саҳарӣ дер

мешавад ва аз қишлоққо камбағалон ба маҷлис расида омада наметавонанд.

Баъди рафтани Камоли оҳангар Азизулло майли хоб карда бошад ҳам, вале фикрҳои печ дар печ хаёли ӯро ба дуриҳо бурданд.

Мувофиқи маълумотҳо Давлатманд-бий ба ҳуҷуми нав тайёрӣ дида, аз Аскарони Сурх қасос гирифта Ховалингро зеру забар кардан ният дорад, аз хотир гузаронид ӯ. Ба ҳокимони Сарихосору Вахё ва Дарвоз одам фиристода барои ба ғазо бархостан таъкиду тараддуд кардааст.

Скрепнику дигар командиронро аз ин ҳол огоҳ намудан лозим. Аз ҳама муҳим ба аҳолии деҳаҳо моҳияти инқилобро бештар тарғиб карданамон даркор.

Кори хуб нашуд, хотири Азизулло ба дигар тарафи зиндагӣ банд шуд. Бехабар мондем. Ғаюрбек баробари ташкил шудани ҳукумат аксари одамонро аз роҳ бароварда, ба ғазо бархост. Ин кораш бас набуд, ки боз аҳолиро хонабардӯш карда аз думболаш Афғонистон бурдааст, ғаллаашро нобуд кардааст. Сад афсӯс, ҳай дареғ, ки бехабар мондем! Балки имшаб боз чандин оилаҳои дигар кӯч бастаанд? Пеши роҳи одамонро гирифтанамон лозим…

Давлатманд-бий барои молу чиз, давлату тилло шуда хоки пои туркро, ки худ ба фиреби куштан ва ба ғорат бурдани давлаташ чун мор ба хонааш сар даровардааст, лесида мегардад. Наход солҳои сол мири як мулк, боақлу бофаросаттарин марди кӯҳистон шуда ба ҳамин қадар кор ақлаш нарасид, ки «оқубати гургзода гург шавад» гуфтаанд. Хайр инро нафаҳмӣ, кӯр нестӣ, ки дар пешат гӯр истодааст ва муштро бо дарафш чӣ нисбат аст, ки дидаву дониста худро ба дами оташи инқилоб мезанӣ?

Болтаи лақай чӣ кор ҳам карда метавонад? Дуруст аст, ки бо сад панҷтирра хело вақт бар зидди мо истодагарӣ мекунад, вале оқубаташ чӣ мешавад? Чанд муддат Болта ҳам бародаркушӣ мекунаду охир фидои як тир, як пораи сурби беқадр мегардад. Насли моро, ки худ дар рӯи замин ин қадар зиёд ҳам нестем, худамон камтару камтар мегардонем.

Сад дареғи одамӣ, ки аз бефаросотӣ худро ба чӣ балоҳое гирифтор намекунад…

## БОБИ XX

Пардаи сиёҳи шаб ҳама ҷоро фаро гирифтан пас навкарони Анвар пошшо бо фармони Ҷунайд ва Тӯхташ дарёи Панҷро гузашта аз поёнтари қишлоқи Баҳорак, ки дар ин тарафи дарё воқеъ аст, баромаданд. Дар ҷо-ҷои шамолпаноҳ ва ҳамгашти теппаҳо сафедии барф ба чашм намояд ҳам, ҳаво хунук набуд. Шамоли форам мевазид.

Ҷунайду Тӯхташ ҳарду паллаҳои хурҷинҳояшонро аз таппончаҳои Маузер пур карда бошанд, дигарон ба хурҷинҳо тир бор карда камонҳои панҷитираро даҳтогӣ бо арғамчинҳо ҷо-ҷо мисли ҳезум дарза баста ба аспҳо пазала карда болояшонро бо ҷиғел пӯшонида буданд.

Навкарон он қадар хушҳол набошанд ҳам, назар ба ҳарвақта орому бо тамкин роҳ мепаймуданд, зеро қисми аз ҳама мушкили роҳ ва махсусан дарё, ки гузаштанаш осон нест, аллакай дар қафо монда буд. Онҳо пешодумкол аз соҳил ба дашти васеъ баромаданд. Шаб торик шуда буд.

Баъди аз деҳа дур шудан кадоме аз навкарон хушҳолона сурудеро замзама кард:

Амир бобом этамиз,
Соясига ётамиз.
Қулимизда бештира,
Жадидларга кетамиз.

Навкари дигаре, ки Юлдош ном дошт, гӯё ба сурудхони аввала баҳс мекарда бошад, бо овози баландтар ба сурудан даромад:

Амир бобом, давлатларинг зиёда,
Думболларнинг, кавказларнинг пиёда.
Амир бобом тожу тахтнинг барқарор,
Шоҳи мардон пирим доим мадагор.

Чанд нафари дигар ба Юлдош ҳамовоз шуданд.

Ҷунайд ин сурудҳоро ду сол боз, аз давраи тахту тоҷро партофта гурехта рафтани Амир ва хусусан дар Бойсун ҳангоми ҳамроҳи ғозиёни дигар бар зидди Аскарони Сурх мубориза бурданаш, борҳо шунида буд ва худ низ барои рӯҳбаландии дигарон ва таскини дилаш аввалҳо ин сурудҳоро бо шавқ замзама карда мехонд, вале рафта-рафта ин сурудҳо бо мазмуни оҳангашон ба бадаш расиданд. Гӯё маҳз ин сурудҳо ӯро маҷбур карда буданд, ки зану фарзанд, хонаву дарашро партофта, барои аз нав барқарор намудани тахту тоҷи Амир ва ӯро баргардонида шоҳи мулк эълон кардан сарсону саргардон кардаанд. Гоҳҳо фикр мекард, ки мардум ин қадар байту ғазали зиёд медонанду аз чӣ бошад, ки навкарон танҳо ҳамин сурудҳоро бештар мехонанд? Дар Бойсун ҳамроҳонаш ҳамин сурудҳора месуруданд. То ба Яп омадан ва дар ин ҷо ҳам ин сурудҳо гӯшу майнаашро хӯрданд. Ҳатто дар ин роҳи пурхатар низ ӯро ба ҳолаш намонда «Амир бобом этамиз»-ро мехонанд. «Э, бар падари Амир бобоятон ҳазор ҷувол лаънат»! зери лаб гуфт Ҷунайд. Ҳоло бошад, овози сурудхонии навкарон то ба дуриҳо мерасид ва ин боиси хавфи зиёд мегардид. Ҷунайд дигар тоқат карда натавониста ҷилави аспашро ба қафо гардонд ва ба тамоми овоз дод зад:

— Падарлаънатҳо! Зунуктона гиред! Намедонед, ки аз дарё ин тараф ҳама ба ихтиёри ҳукумати шӯро гузаштааст. Вақ-вақтона шунаванд, онаи зоратона ба чашматон нишон медиҳанд!

Баъди дӯғу даранги Ҷунайд сурудхонӣ қатъ гардид.

— Боз чӣ балоят зад, ки ин қадар метарсидагӣ шудӣ? –пурсид оҳиста Тӯхташ аз Ҷунайд, ки баробари ӯ пешопеши навкарон асп меронд.

— То кай натарсам? Чӣ, гапҳоям нодурустанд? Ҳамин байтхониҳо ба дилат назаданд? –гуфт Ҷунайд.

— Дар ин роҳи бало, салотҳо чӣ гум кардаанд, ки овози моро мешунаванд? –пурсид Тӯхташ.

— Мову ту барин сагҳои ovораро гум кардаанд. –ҷавоб дод Ҷунайд.

Тӯхташ дид, ки қаҳри Ҷунайд зиёд аст ва боз пурсидан гирад, феълаш гашта ҷаҳлаш меояду ҳамин ҳозир ҷанг карданашон мумкин, бинобар хомӯш монд.

Ҷунайду Тӯхташ пешопешу навкарон аз қафо чанд муддат ҳар кадоме ба фикри худ банд монданд.

Тӯхташ, ки Ҷунайдро аз хурдӣ медонист ва ҳар ду дар як деҳа калон шуда, якҷоя ба дастаи ғозиён ҳамроҳ шуда буданд, аз феълу атвораш ба хубӣ бохабар буд. Дар чанд рӯзи охир ҳис мекард, ки дӯсти табиатан шӯхаш ба андак кор асабонӣ мешавад, баҳона ҷуста ҷангу ҷанҷол мебардоштагӣ шудааст. Ба касе рӯи хуш намедиҳад. Ким-кадом фикрҳо хаёли ӯро парешон кардаанд. Пештар ин хел набуд. Дина дар ин бора аз ӯ пурсид, вале Ҷунайд ҳарфе нагуфт.

Дӯсту бародар, ки шудӣ бояд ба ҳамдигар сирри дилатро гӯӣ, аммо ӯ намегӯяд. Махсусан дар ин мулки бегона барои як кас ғамбардорӣ мушкил. Умуман каси танҳо зиндагонӣ он тараф истад зеби мурдан, зеби қабристон ҳам надорад. Шояд аз ҳамин сабаб одамонро дар қабристон паҳлӯи ҳамдигар, ба ҳам наздик ба хок месупоранд. Дар гӯристон ҳам тартиб ҳаст.

— Мо дар куҷо мемурда бошем? –фикр кард Тӯхташ. –Гӯру кафан насибамон мегардида бошад? Зиндагию тақдири шумро бин, ки хонаву дар, зану бача дар куҷову мо дар куҷо? Боз Ҷунайд, ин шайтони гандамуғамбир, ки бо пахта саратро мебурраду хабар нашуда мемонӣ, чанд рӯз аст, ки фикрӣ шудааст. Чӣ дарду балояш зада бошад? Фаҳмидан мушкил…

— То субҳидамӣ ба ягон ободӣ расида як даҳон хоку балои гарм хӯрда рӯзона панаҳ барем, баъд, шаб, ки шуд, боз ба роҳ бароем, —маслиҳат пурсид Тӯхташ аз Ҷунайд.

— Ҳамин хел накунем, намешавад, —кӯтоҳ ҷавоб дод Ҷунайд.

— Сад нобути мо, аспҳо аз по заданд. Ду шабу рӯз шуд, ки ҷонварҳои безабона дупушта сур карда истодем. Каҳу ҷави серира ҳам надидаанд, —гуфт Тӯхташ.

— Дилат ба ману худат насӯхта ба ҳамин аспҳои падарлаънат сӯхт, ноодам?! Мо як сол боз мисли саги дайду аз думболи Анвар ҳол надорем. Пушта ба пуштаву кӯҳ ба кӯҳ ба умеди молу чиз мегардем, то ҳол ҳеҷ фоидае надидаему ту бошӣ «ҷонварҳои безабон азоб кашиданд», —гуфта ғам мехӯрӣ. Инҳояш мурданд боз Анвару Давлатманд зинда бошанд, асп ёфт мешавад, —гуфт Ҷунайд ва андаке хомӯш монда баъд гапро ба шӯхӣ гардонданӣ шуд.

— Дар зиндагиям чанд харро одам кардаму ту соддаро одам карда натонистам. Ғами маву худата хӯрӣ, мемӯрӣ, ки боз дар ғами ҳамон айғири пири барҷомондатӣ?

— Бас, ки намондӣ айғирама, валлоҳ, ки аз Анвару Давлатманд боло медонам, —гуфт Тӯхташ. —Аз онҳо ба ману ту чӣ фоида? Ин ҳайғир пояма аз замин мебардорад. Аз Бойсун то ба инҷо мара ҳами ҳайғир наоварда чӣ овард? Миру Анварро саворӣ карда намешавад. Не. Онҳо моро зин зада савор шудаанду мо онҳоро наметавонем.

— Ҳақиқат рост! –гуфт Ҷунайд. –Ману ту худамона ба доми сад бало мемонему ба як луқма нон зорем. Нолаи даҳони ягон бечорара базӯрӣ кашида мегирему Миру Анвар дар ҳуҷраи болобаланд, рӯи ҳафт қабат кӯрпача бароҳат мехобанд. Ба умеди ду-се тиллои пучак, ки он ҳам насибат мешавад намешавад, то Бойсун, ба пеши сағераҳоят меравӣ, ки бевааст думболи ягон марди аз ту ғафса гирифта рафтааст.

— Ҷунайд, даҳонат, ки гарм шуд, чӣ гуфтаната медонӣ, намедонӣ? Худат ку зану бача дорӣ. Гапи зана барои чӣ мезанӣ? –ранҷида гуфт Тӯхташ.

— Чӣ гапам нотӯғрӣ аст? – паст наомада гуфт Ҷунайд. –Хайр, хато карда бошам, бубахш, додар. Лекин дар ин замона, гапи ҳақ, ки гуфтӣ ба бало мемонӣ. Гапи ҳақ ба кӣ мефора? Занат ба ким ки аллакай баромада рафтааст?

Тӯхташ дигар токат карда натавонист ва аз ғазаб гуфт: —Ту, падарлаънат, бигӯ, ки ба зану бачаи ма чӣ кор дорӣ?! Дигар гап ёфт нашуд, ки ма зинда, соҳу саломат, болои асп занама шавҳари дигар дода бачаҳояма сағера мегӯӣ?!

— Мову ту болои зин бошем ҳам, додар, зиндадаргӯрем, — оромона гуфт Ҷунайд. —Қаҳрат накунад, зану кӯдакат ба худат насиб кунад. Ма ҳаққи гапа гуфтам. Хайр бубахш, ки камтар шӯхӣ сахттар омад. Мову ту акаву додар, ҳамқишлоқӣ. Боз дуртар бошем? Ҳамсояи дар ба деворем.

— Э, ма ай ту ворӣ додар сад безор!

— Безор ҳам бошӣ, бародар бародар аст, —гуфт Ҷунайд, — Бинӣ, ки ганда шуд бурида партофтааш намешавад. Ма ҳамон бинии ганда. Ку биниата бурида парто! Рӯи бе ин ҳам чутури хунукат боз безебтару хунуктар мешавад. Чашмони чуқури тангат бе бинӣ монанд, якдигарашона кофта мехӯранд. Ҳа, ҳа, ҳа! Тохташ дунё ҳамин аст. Чорта чақ-чақ накунам кафида мемурам! Хафа нашав, додар. Ба гуфти ма на занат шӯ мекунаву на бачаҳоят сағера мемонанд.

— Аз худат чӣ? Баумеди ту меистад?! –аз ғазабаш нафуромада гуфт Тӯхташ.

— Ай ма баромада равад, сад ҷони худо розиям, —гуфт Ҷунайд, —боз беҳтараша меёбам, аммо ту пешонивасеъи чашмтанги чутурра худо худаш нагира, дигар ягон заифи мӯъмин намегирад. Худо занад, зани камтар табъу тамиз дошта бе шавҳарира мурад ҳам аз ту рӯ мегардонад. Боз ин занҳора ҳукумати шӯро озод карда бошад, якумр буйдоқ мемонӣ! Чӣ хел шуду падарат ҳамон Нозигула ёфта дод. Бигу, ки вакти омадан ба кӣ пудусташ карда будӣ?

— Ба худо супурда будамаш, —гуфт Тӯхташ, —Ту ҳаволаи кӣ карда будӣ, заната?

— Ба кали Саримсоқ.

— Ҳа, ҳа, ҳа. Кал то рафтаната пустакаш мегардона.

— Саримсоқ ҳар кораш куна, танҳо аст, лекин аз тура.

— Чӣ аз мара?

— Тӯхташ, худо он қадар марди сахӣ аст, ки агар сад кас ба ҷогаҳи занат даро буро куна, парвое надорад. Ҳа, ҳа, ҳа!

Падарлаънати Ҷунайд тура ба ҳеҷ ваҷҳ бор карда намешавад. Аз сағерагиат, ки шайтону гапдон будӣ. Боз ба ин ҳазрати олампаноҳи Анвар пошшо, гапрас, ки ҳастӣ забоната ҷумлаи мурғон намеёбанд.

— И қадар шӯхӣ карда хандидем, худо оқубаташа бахайр биёраду зинда монем, —гуфта Ҷунайд гиребони чакманашро дошта тавба кард.

— Зиндагии бемолу чиз ба кӣ даркор? —ба гапи Ҷунайд чавоб гуфт Тӯхташ.

— Ҳақиқатан гапат рост, —гуфт Ҷунайд. —Бе молу чиз ба пеши зану фарзанд гашта равем, баъд онҳоро, ки баумед карда омадем, чӣ мегӯем?

— Чӣ мегӯӣ? Ба дасти холӣ, ки рафтӣ, ана баъд занат дар даҳонат… баромада меравад! —гуфт Тӯхташ.

— Шӯхиро бас кардам Тӯхташ, —гуфт Ҷунайд. –Равад, наравад бало ба пасаш, лекин дилам ба бачаҳом месӯзад. Бояд ба Бойсун баргардам. Бо кадом роҳе бошад баргашта рафтан лозим. Дар он ҷо ҳукумати шӯро ғалаба кардааст. Босмачӣ гуфта зиндаамон наметонад. «Шавад обӣ, нашавад лалмӣ». Туро намедонам, ма умедама аз ғалаба ба салотҳо ба якборагӣ кандаам. Яроққора ки бурда додем, ҳамроҳи Анвар як ду бори дигар ғазо мекунему дидам, ки нашуд, хоки худову

бандаи худо. Ҳамара партофта меравам. Дилам аз ҳамаашон мондааст. Дар ин ду соли ғазо чӣ балоҳоеро надидам. Ба ҷон, ки расидӣ аз ҳайвон ҳам бадтар мешудай. Мисли саг аз дарбадаргардӣ зиндагӣ шумум шудааст. Дар и дунё ҳар кас барои худаш ҷон мекоҳондааст. Анвар ҳамаи мову шумора фиреб дода, бағаломона бо чормағзи пуч пур карда аз думболаш ба ин ҷо овард, ки ҳар кадомамон бо хурҷини пурри тиллову танга бармегардем. Худат дидӣ, ки салотҳои урус нисфи зиёдамона куштанду ғалаба карда натавонистем. Ғолиб ҳам меомадем чӣ фоида буд? Халқи ин ҷо нони хӯрдан надорад. Дар хонаҳошон ба ғайр аз як пора намади кӯҳнаву ҷирзу ҷигел дигар ғанимати мегирифтагӣ нест. Дар Қизилмазор, вақте ки се-чор хонаи лақайа кофтам, ғайри ду-се гаҳнаву гӯшвори нуқрагӣ дигар молу чизе наёфтам, —гуфт ба ҳасрат Ҷунайд ва илова кард:

— Дигар ма наметавонам! Худам худама бад мебинам, ба худам нафрат мехонам. Охир мову ту ҳам ҳайвон не, одамем. Зану фарзанд дорем, ақлу инсоф, диёнату мусулмонӣ дорем. Нав фаҳмидам, ки фиреб хӯрдам, Тӯхташ. Тиллову тангаи Давлатманд дар хазинааш. Ҷуволу хурҷини ин қадар ғозии ғаддорро ӯ аз куҷо пури молу тилло мекунад? Анвар раҳ ёбад Давлатманда ғорат карда худаш хазинаро дуздида гурехта меравад. Давлатманд раҳ ёбад, баъди ғолиб омадан Анвар ва ҳамаи моро аз байн мебардорад. Ин гургони гурусначашм дар рӯзи бад ба ҳам ёру бародаранд. Пайт мепоянд. Ҳамин, ки ба рӯзи нек расиданд, яке дигареро хафаҷуқ карда гулӯяша дарронда хунаша дам мекашаду бадар меравад. Онҳо нағз медонанд, ки ба галаи гургон яке бояд сарвар бошад. Мову шумо одамони байни аърофем. Зиндаву мурдаамон дар пеши онҳо қади саг қадр надорад.

— Хайр ба фикри ту яроққора байни худ тақсим карда худамон ба муқобили салотҳо ғазо кунем? –пурсид Тӯхташ.

— Не Тӯхташ, ин фоида надорад. Зӯрамон намерасад.

— Аз ғозиён ҷудо шуда ба ғоратгарӣ гузарем, Ҷунайд?

— Инаш ҳам намешавад.

— Ваяш нашавад, инаш нашавад, сарамона ба кадом гӯр занем?

— Гӯш кун, Тӯхташ! Бешӯхӣ, дилат ба зану фарзандонат месӯзад?

— Хайр чӣ буд? Дили кӣ ба ҷигарбандонаш намесӯхтааст?

— Гапи мара мегирӣ?

— Мегирам.

— Қасам ба худои таолло, ки аз гапат намебароям, —гӯй!

— Барои чӣ мара қасам медиҳӣ? Чӣ мақсад дорӣ, Ҷунайд?!

— То қасам ёд накунӣ, ма мақсадама намегӯям! –қатъӣ гуфт Ҷунайд.

— Ба ма бовар надорӣ? –андак ранҷида пурсид Тӯхташ, —Чӣ, дар умрам ягон бор фиребат додам, дурӯғ гуфтам, ё ягон бадии дигарама дидаӣ? Ихтиёрат, бовар, ки надошта бошӣ, ҳар каллаю ҳар хаёл гуфтаанд. Қариб як ҳафта боз фикронӣ шуданата дида гумон доштам, ки мисли ма ба ёди хешу табор, зану кӯдакат зиқ шудаӣ. Туро вақтҳои охир фаҳмида намешавад. Чӣ балоят задааст, намедонам, Ҷунайд полвон.

— Ҳеҷ балоям назадааст, Тӯхташ. Росташа гӯям, ҳама ин саг барин гаштанҳои беҳуда ба дилам задааст. Фикр мекунам, фикр мекунам як роҳи халосӣ пеши рӯям меояд.

— Кадом аст, он роҳ?

— Гуфтам-ку, то қасам нахӯрӣ, намегӯям.

— Хайр ба худои таолло қасам, ки аз гапат намебароям, бигӯ ки чӣ фикр дорӣ?

Ҷунайд баргашта ба қафо назар кард, ки дигар навкарон қафо монданд ва гапҳои ӯро намешунаванд.

— Гап ҳамин, —гуфта Ҷунайд ҷилави аспаша ба сӯи аспи Тӯхташ гардонда суханашро давом дод:

— Мақсад ҳамин, ки ҳолӣ ҳам сари вақт аст. Ният дорам, ки баъди яроқҳоро бурда ба Анвар супоридан, се-чор тангаи хизматонаро гирифта ба касе лом нагуфта мегурезем.

— Ба куҷо?

— Ба Кӯлоб ё Ҳисор.

— Девона шудаӣ, Ҷунайд?!

— Девона шудаам, нашудаам, дигар илоҷ нест. Одамкушӣ, хунрезӣ фоида надорад, Тӯхташ!

— Чӣ худата бо дасти худ баста бурда ба салотҳо месупорӣ?

— Гуфтам, ку ҳамаша фикр карда баромадам. Ҳолӣ ҳам сари вақт аст ва агар мурдан нахоҳӣ, илоҷи ягонаи зинда мондан, ба пеши зану фарзандонат баргаштан ҳамин роҳ аст, —гуфт Ҷунайд.

— Чӣ, тура салотҳои кофир зинда мемонанд? Ба худо, ки зинда ба зинда пӯстат мекунанд! –таъкид кард Тӯхташ.

— Не, Тӯхташ, —аз раъяш нагашта гуфт Ҷунайд. —Ману ту роҳи дигар надорем! Ба хаёлат баъди бурда супоридани яроққо ва ғазовоти Давлатманду Анвар ба салотҳо ғолиб мебароем?

— Ғолиб набароем ҳам, мусулмон мемирем, шаҳид мешавем.

— Ма мурдан, шаҳид шудан намехоҳам, Тӯхташ. Номард бошаму зинда, бас аст. Хоҳ кофир шавам, хоҳ салотҳо пӯстам кунанд, ки зиндагӣ кардан, як бори дигар зану фарзанд, хешу табор, дари хонама дидан мехоҳам. Ба ёдат бошад, дар Бойсун Искандару Худойбердӣ ба ихтиёри худ рафта ба ҳукумати шӯро таслим шуданд, онҳоро пӯст карданд? Дастаи Юнусбек чӣ? Ману ту аз паи молу чиз шуда ҳар лаҳза мурданамона интизорем, ки ин замон ё замони дигар дар кадом дара ё обканда мемурда бошем. Тарсида-тарсида зиндагӣ кардан аз ҳазор марг бадтар будааст. Гуфтам ку ҳолӣ ҳам сари вақт аст. Розӣ шавӣ, тиру камонашон аз сарашон сабил монад. Дасти холӣ рост ба Кӯлоб, ба пеши сардори ҳукумати шӯро меравем. Ҳама гуноҳ, уболу савобамона ба гардан мегирем. Ҳамонҳо ҳам одаманд. Мувофиқи гуноҳамон ҷазоямон медиҳанд.

— Ба Ховалинг равем чӣ? –пурсид Тӯхташ.

— Ин ҷо наздик, пеши фуки Анвару Давлатманд аст. Инҳо бӯ гирифта, хабар ёфта илоҷе карда моро даст мегиранд ва шармандавор ҳардуямона қатл мекунанд, —гуфт Ҷунайд.

— Яроққоро бурда ба салотҳои шӯро супорида гуноҳамона бо ин сабуктар кунем чӣ? –пурсид Тӯхташ.

— Анвар он қадар марди хом нест, ки ману туро бе ҷосус бовар карда ба ин кори масъул фиристонад, —гуфт Ҷунайд. —Моро барои нотарсиямон сардори инҳо таъин кардааст. Дар байнамон одамони аз мо дида дилпурӣ ӯ ҳастанд ва баробари мақсадамона пай бурдан ҷо ба ҷо ману туро ин ҷо мепарронанд. Яроққоро бе каму кост бурда ба Анвар месупорему фурсат, ки шуд, ҳарду ғайб мезанем.

— Гап, Тӯхташ, ҳамин ҷо монаду ба куртаи танаат нагӯ, ки сари ҳардуямона барбод медиҳӣ.

— Ма қасам хӯрдаму ту ҳолӣ ҳам бовар надорӣ, Ҷунайд?

— Бовар, кӣ намекардам, сири дилама намегуфтам.

— Хайр, худо дар роҳ ба ягон бало гирифтор нашавем. Зинда, ки мондем, маслиҳат мекунем.

— Гапат рост, Тӯхташ. Зинда мондан даркор. Зиндагӣ аз ҳама дороии дунё ширин будааст…

Ин ду марди гумроҳ дар ин нисфишабӣ зинда мондани худро орзу мекарданд, вале ақлашон намегирифт, ки ҳамроҳи дигар навкарон бо худ барои қатли ҳазорон одамони бегуноҳ тиру камон бурда истода буданд.

## БОБИ XXI

— Хушпаиқадамӣ мегӯянд, бобо, ку биё, ки ба омадани худат алов тоза шуду то ҳол ба кор сар накардаам. Имрӯз албатта рӯзам ба хайр мешавад, —гуфт Камоли оҳангар аз дари устохона даромадани бобои Хоркашро дида, дастонашро, ки ҳангоми туп кардани лахчаҳои хомӯшгардидаи чуби арча сиёҳ буданд, тоза намуда, ба мӯйсафед вохӯрӣ кард.

— Худо хоҳад, ҳар рӯзат бахайр мешава, бачам! Чӣ қадар савобат ба мардум мераса, —гуфт мӯйсафед ва аз сари китфаш табару досро гирифта ба пеши усто монд. Баъд қомат рост карда устохонаро аз назар гузаронид. Мӯйсафед дар қатори асбобу ускунати оҳангарӣ дутореро дар мехи бари девори оҳангархона овезон дида гуфт:

— Ҳамон дутори худат нест, усто? Дутора ин ҷо барои чӣ овардай? Боз нашикаста бошиаш?

— Ҳамон дутор асту ягон осеб нарасидааст, бобо. Имрӯз ид, иди Наврӯз. Гуфтам вақти дамгириам, нохун кунам. Чанд зиқу хафа мегардем?

— Кори хуб мекунӣ, бачаи ҷун. Ҳам худат хурсанд мешавию ҳам шунидагиҳо. Дар рӯзи ид хурсандӣ, равоҳай. Дар и рӯз, ки дутор назанӣ, дигар кай мезанӣ? Кишту кор, ки сар шуд, ҳама серкор мешаванд.

Камол параи бағали дами мӯйсафедро дида пурсид:

— Дар бағалат боз чизе дорӣ, бобо?

— Бачам, як оҳани испор доштум, ҳамона овардум. Дар локиям камтар наҳорӣ ҳам дорум. Дар хона як кӯчук орд ёфт нашуд, набошад, кампир кулчаи руғаниат мепухт. Ба савғотиёрира ҳам ҳастӣ. Камтар гандумбирён овардум.

Мӯйсафед миёнашро кушода ҷои муносибе ёфта натавонист ва рӯймолашро болои сандони устохона паҳн намуд, ки дар як лаби рӯймол ба қадри чор-панҷ каф гандумбирён оварда буд. Ӯ оҳани испорро ҳам ба рӯи сандон гузошт.

Камоли оҳангар аз савғои мӯйсафед хурсанд шуд.

— Бобо, аз шаб боз ягон чиз нахӯрдаам, —гуфта усто кафашро аз гандумбирён пур карда ба даҳон андохт ва: —Имшаб барои кишт аз одамон тухмӣ гирифтем, то як ҳисси шаб дар хонаи Ғаюрбек будем. Аз он ҷо ба хона омадум, ки ҳама масти хобанд, —гуфт.

— Дигар, бачаи ҷун номи шуми Ғаюрбека ба забон нагир! Хок дар номуш. Паи қадами шумуш, ку аз ин ҷо кайҳо канда нобуд шуду боз барои чӣ номаша мегирӣ? Хонаша, ки анбор карден, анбор гӯй, бачам, —андак ранҷида гуфт мӯйсафед.

— Хайр, бубахш, бобо. Дар дари анбор будум, —барои таскини дили бобои Хоркаш гуфт Камоли оҳангар.

— Ана и гапи дигар, бачаи ҷун. Ку гап зан, ки чӣ гапу хабари нав дорӣ?

— Гапи нав ку надорум, камтар ҷанҷол шид, бобо. Бисёриҳо мувофиқи ваъдаву рӯйхат буду шуди ғаллаи зиёдатишона оварда супориданду Раҳимбою Устозайниддин ранги говҳои юғшикан ҳамара ҷонсарак карданд.

— Раҳимбой ку маълум, лекин усто Зайниддин чӣ номаъқулӣ мекунад?

— Усто Зайниддин охир, ай палаки ҳамонҳо нест? Вақти рӯйхатгирӣ гуфта буд, ки сиюду пуд гандуму ҳафт санг наску нахуд оварда месупорад. Наску нахуда бо ду ҷувол гандум овардаасту мардак даъво бардоштааст, ки дигар донае надорад. «Ҳамин ҳам инсофу мусулмонӣ шуд» —гуфта пурсанд аз ӯ мегӯяд, ки хонаама таку рӯ карда ба сӯзан кобед ҳам, дигар дар бисотум донагие надорум. «Зану кӯдакҳом гуруснаву боз ба шумо и қадар ғалла овардум, ҳолӣ ҳам камай» —мегӯяд бачағар.

Раҳимбой аз чоҳи гандумаш ноқоил буромад. Ҳар қадар ба хубӣ фаҳмондем, нашид.

— «Буду шудаш ҳамин панҷ ҷувол гандуми зиёдатӣ доштум, овардум, дигар кордорам нашавед», —гуфт хонасӯхта.

— Баъд, шумо албат илоҷаша ёфтен?

— Хоҳ наёфтем! Се намояндаи ҳукумата ҳамроҳи усто Сайёд ба хонаҳошон барои кофтуков равон кардем, ки ҳардушон мисли мурғи посӯхта давиданд.

Усто Сайёд чоҳи пинҳонии Раҳимбойа дар таҳи зардолуи ҳавлиаш медонистааст. Баъди ин ҳарчӣ дӯғу пӯписа кард, ки ҳамаи ғаллааша ба анбор кашонидем. Охир бо чӣ кишт мекунем?

Ҷуволи гандуми Усто Зайниддина аз даруни хафи каҳдарзаи паси хонааш ёфтанд. Ҷонкании и бузриша медидӣ. Шайтониш ба роҳ нарафт. «Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад», —гуфта онҳо бо зану кӯдакҳошон ҳар рӯз нони ғафси гандумӣ мехӯранду дигарҳо ба пораи кунҷора зор. И, хонасӯхтаҳо инсоф гуфтани гапа надонанд! Ният доранд, ки мо тухмӣ наёбему кишт накунем. Ҳосил, ки нашуд, номи ҳукумат бад.

Дӯст, дӯсту ҳисобаш раҳи рост, бобо. «Як кас барои ҳама, ҳама барои як кас», мегӯяд Азизулло. Ҳукумати нав, ки шуд, як кас каттагӣ карда рӯз гузаронаду дигарҳо даҳони ӯро нигоҳ кунанд, намешавад. Ҳамин қадар азоб кашидем, басай.

— Бачам, бисёр кори хайр карден. Усто Зайниддин ку як навъ лекин Раҳимбой мисли ҳамон Ғаюрбекай.

Мӯйсафед фикр карда монд.

— Раҳимбой ранги Ғаюрбек бадавлат набошад ҳам, аз дигар сокинони деҳа дида замину чорвои зиёд дошт. Аз рӯзҳои аввали ташкил шудани ҳукумати нав ӯ ба маслиҳату гуфтаи Ғаюрбек нарафт. Ба мукобили инқилобчиён ҳам набаромад.

Худро аз ҳама дар канор гирифта ба ҳукумати шӯро ҳам аъзо шуданро раво надид. Молу чизашро эҳтиёт карда ба қавли бобои Хоркаш «миёни аъроф» монда буд.

— Аз рӯзе, ки рӯйхат карданд, ма буду шуди гандуми доштагима баробар ду тақсими раҳ ба рост кардум, —боз ба гап даромад бобои Хоркаш. –Ҳаққи тухмии ҷамъиятира дар як халта ногоҳ дошта мондаму Раҳимбой як чаҳ гандума аз мардум паноҳ мекардааст!

— Хайрият, ки мисли Ғаюрбек Раҳимбой ҳам ба чоҳ об сар надодааст, ё ғаллара ба чорвояш нахӯрондааст, бобо, набошад чӣ мегирифтем? –гапи мӯйсафедро шунида гуфт Камоли оҳангар гандумбирёнхӯриашро давом дода.

— Худо раҳм кунад, бачам, ай дасти онҳо ҳамаи номаъқулӣ меояд, —гуфт мӯйсафед.

Камоли оҳангар охирин донаҳои гандумбирёнро ба кафаш гирифту рӯймолро ҷамъ карда ба мӯйсафед дод ва аз паи кор шуд.

— Ду санг гандуми ҳақи тухмира ба анбор барум гуфтум шарм доштум, ки камай, —гуфт бобои Хоркаш, ки ҳанӯз ҳам дар хаёли тухми кишт ҷамъ овардани Камоли оҳангар буд.

— Рӯзи кишт рост ба сари замин гирифта меорум. Аз гуруснагӣ бимурум ҳам, ба ҳаққи ҷамъият даст намерасонум, гуфта будум, кампирум розӣ шуд. Нав хабар гирифтум, халтаи чен кардагиам дар ҷояш истодаст. Кампир ягон донаша бечо накардааст.

Мӯйсафед ба кори усто зеҳн монда андак ист кард ва баъд гуфт:

— Ин саҳарӣ ба устохонат барвақт омадум, гуфтум, навбатум расад. Ин шабу рӯз корут, бачам, и қадар зиёд шидаст.

— Осмон омада ба замин часпад ҳам, бобо, аввал кори шуморо иҷро мекунам. То дигарҳо аз хобашон мехезанд, ки абзолҳои шуморо аз даст мебарорум, —гуфта Камоли оҳангар досу табари мӯйсафедро ба миёнаи қури лахчаҳои алангагирифта ҷойгир кард.

Мӯйсафед оҳани испорашро сари зону ниҳода ба кори усто ва болғазании ӯ зеҳн монда лаззат бурд.

— Ай, садқаи дастот, бачаи ҷун, ягон ёрдамат кунум, чӣ?

— Худам, бобо аз ӯҳдаи ҳама кор мебуром. Шумо сӯҳбата гарм кунед, ҳамин ҳам ёрдами хубай.

— Досу табарум, ку бачам корианд, ана и оҳани испорум ай рӯзе, ки қувватум дигар ба чоряккорӣ нарасид, дар таги поресаи хонаам мондагӣ буд. Замин, ки надоштум, «чиз сад рӯз дар бору як рӯз даркор» гуфта ба рӯзи умед нобуташ накардум. Ай худораҳматии бобои Деҳқони амакумай и оҳани испор! Худум ҷуфт карда натавонистум ба ягон кас диҳамаш савобаш мерасидам. Ку бубин, бачам, ки занг хӯрда тамомуш накарда бошад?

Камоли оҳангар аз болғазанӣ боз истода, оҳани испорро аз дасти мӯйсафед гирифту ба лаби пешдоманаш рӯи онро тоза карда аз назар гузаронид.

— Дар ҷои хуб монда будаӣ бобо. Нам нарасидааст. Камтар занг дорад, дар алов сӯхта тоза мешавад. Боз панҷ-даҳ соли дигар кор меояд, —гуфт Камол.

— Ай, садқаи забонут. Боз дилум дар тарс буд, ки ай кор набуромада бошад. Бачам, коромад, ки боша, чӣ хубе. Дар и солу замона оҳанёбира намегӯй. Сабилмонда ай тиллода қиматай.

— Тилло сабили сари тиллодорҳо монад бобо! Бо тилло замин шудгор карда нашавад.

— Гапат ҳақ бачам. Ку қуввати ҷавониам, ки ҷома барзада ҷуфти барзаговҳора юғу испор бандаму аз сари замин ваноғ гирум. Сад дареғи умри ҷавониам, ки дар хориву зориҳо зоеъ шуд!

— Ҳолӣ, ҳам боқувватӣ бобо! –гуфта Камол зеҳн монда оҳани сурхшударо болои сандон ниҳода болға зад.

— Не, бачам, пир шидам. Имрӯз ба номи рӯз и оҳани испора ай таги поресаам гирифтаму мисли кӯдаке, ки пеши по хӯрда ба хок меғалтаву сару рӯяша очааш тоза мекуна, ма ҳам сару рӯи и оҳана тоза карда дар бағалум андохта ба пешут овардум. Азизулло гуфта буд, ки и саҳарӣ дар замини Дашти бобои тақсимот мешавад. Дашти Ҳазарманара барои кори ҷамъиятӣ мемонданд. Хок дар сари пирӣ! Ку қуввату дармони пештара, ки дар қатори бачамардҳои бузбала замин шудгор кунум! Як худума месанҷум! Қувват кардам, мекунам, накардам, ба ягон кас, ки ҷуфти барзагов дошта бошад, ёрдам мекунам. Ҳамин оҳани испорам ҳам ба мардум манфиат расона, чӣ давлати калоне.

— Ғам нахӯр, бобо. Ҳардумон шарик шуда кор мекунем, дунё гулистон!

— И кора кунӣ, бачам ҷанната ай худ мекунӣ.

— Гапи мард якта! Пеши ҳеҷ кас гардан кач накун, мӯйсафед. Насиб бошад, имрӯз ҳукумат ба ҳамаамон замин медиҳад. Ҳар дуямон бари ба бар ҳақмона гирифтем, якҷоя ғалла мекорем.

Мӯйсафед ҳиммaтбаландии Камолро медонист, вале дар хусуси тақсимоти замин дар дилаш боварӣ надошт, бинобар ин пурсид!

— Ростӣ ба рост ба ҳама баробар замин медиҳанд, бачам?

— Ҳолӣ ҳам, бобо, ай дудилагӣ намондӣ? –таҳти дили мӯйсафедро фаҳмида гуфт Камол ва илова кард:

— Шоҳу гадо ҳама баробар замин мегиранд. Дар замини ҷамъиятӣ ҳам кор мекунем. Ҳам ай заминҳои худмон ҳосил мегирем, ҳам аз замини ҷамъиятӣ. Дар сари пириат насиб кунад, бобо бадавлат мешавӣ.

Мӯйсафед шод шуд, ки имрӯз ба ҳафтод қадам монда соҳиби замин мешавад.

— Кампира гуфтум, ки суманак паза, —хушҳолона гуфт бобои Хоркаш. –Камтар нашоиста ҳам дорем. Гуфтум, ки ҳеҷ чизата дареғ надор, кампир. Ҳарчӣ, дорӣ бурор ки рӯзи ба камбағалҳо замин тақсим кардан, Наврӯзи сари солай имрӯз.

Кампир ҳам, ба вақти хуш ҷумбуҷул дора. Насиб бошад, абзолҳора, ки соз кардӣ гирифта ба хона мераваму рӯз гарм нашуда ба сари замин савғо мебарум. Як қадар чормағзи ҷогаҳӣ ҳам дорум. Дар рӯзи ба камбағалҳо замин додан чӣ хел бесавғотӣ меравӣ?

— Мара ҳам Азизулло таъкид карда буд, ки дер нашуда ба дашти бобоӣ равум. Асбоби се-чор каса аз даст барорум, меравум, —гуфта Камоли оҳангар табару дости бобои Хоркашро об дода, аз даст бароварду оҳани испорро ба зери лахчаҳои оташ гузошт.

— Бе шумо, намешава, бачаи ҷун. Шумо дасти рости ҳукуматен. Боз мисли тухмигирӣ ҷанҷол шава, ҳақа ай ноҳақ кӣ ҷудо мекуна? Албатта, шумо, —гуфт бобои Хоркаш.

Камоли оҳангар аз суханони мӯйсафед рӯҳ гирифт. Болғазании ӯ торафт баландтар садо дода, зарби он то дуриҳо мерафт.

❁ ❁ ❁

Дар берун ҳаво софу беғубор буд. Пораи абре дар ягон гӯшаи осмон ба назар менамуд. Офтоб аз паси кӯҳи Чилдухтарон шаъшаапошӣ дошт. Ба машом бӯи гулу гиёҳ ва ҳулбӯи лаби ҷӯ гуворо мерасид. Чанд марде белу каланд ва дигар олотҳои кор бардошта ба сӯи устохонаи оҳангарӣ, қисми асосии мардум ба сари замини Дашти Бобоӣ раҳсипор буданд.

Баҳор бо ҳама фарру шукӯҳ, зебоию дилрабоӣ ба ин сарзамин қадами муборак ниҳода буд. Аз нафаси гарми он дар дашту пушта ва теппаҳо гулу сабза рӯида, аз замини нарму мулоим ҳавр мехест. Чашмаҳо чун зиндонии озодшуда аз банди сармо раҳоӣ ёфта ба ҷӯю рудҳо раҳ пеш гирифта, аз миёнаи кӯҳу теппаҳо ба сӯи дарёҳо раҳсипоранд. Сар-сари сафил ва болои бомҳо ба худ намуди сабзу хуррами идона гирифтаанд. Дар қад-қади пайраҳа, пастхамии теппаҳо ва лаби ҷӯю чашмасорҳои аз зери барфу тарма озодшуда пудинаю қоқу сар кашида, гулҳои сияҳгӯш зеби дастор ва кокулони занону

духтарон гардидаанд. Кӯдакони дӯстрӯ аз аввалин муждаҳои баҳор, гулҳои яхшикану зардак ва сияҳгӯш даста баста гулгардонӣ мекунанд, ба падару модарашон ҳадя меоранд. Дарахтону буттаҳо аз насими рӯҳафзои саҳарӣ ба ҷунбиш омада, аллакай муғча баста барги сабз баровардаанд. Дар бари шаху теппа ва ҷангалзорҳо бодом гул кардааст ва ҳар кадом чун арӯси нозанин гӯиё зебо будани худро ба чашми бинанда намоиш доданӣ мешавад. Ҳарчӣ қадар ба гулбуттаҳо назар афканед, чашматон аз тамошо сер намешавад.

Овози форами мурғони хушилҳон, қаҳ-қаҳи кабкони дарӣ, чаҳ-чаҳи булбулони шӯрида кӯҳу дара, ҷангалу боғотро пур аз навоҳои дилошӯб гардонидааст. Табиат арӯси нозанинро мемонад, ки ба чашми бинанда ҷилванамоӣ дорад, ҳусну латофат ва зебо будани худро ошкор кардааст.

Азизуллоро ин саҳар аз хоби хӯш овози хониши парастуҳо бедор кард. Ду ҷуфти ба ҳам унсгирифтаи парасту дар торбанди пешайвони хона нишаста хушхонӣ доштанд.

— Баҳор шудааст, —овози парастуҳоро шунида аз хоб бедор шуда гуфт Азизулло. Ин мурғакон, ки тарамоҳ лонаи худро тарк карда, ба кадом ҷои гарми мулки бегона парида рафта буданд, аз нав ба лонаи худ, ба хонаи мо парвоз карда омаданд. Акнун лонаашонро ба тартиб дароварда озод зиндагонӣ мекунанд, аз хотир гузаронид ҷавон.

Ба ёди Азизулло омад, ки ҳар баҳор баробари парида омадани ин мурғакон падар ӯро аз хоб барвақт бедор мекард, ки ба хониши парандаҳо гӯш диҳад.

Парастуҳо ҳанӯз хушхонӣ доштанд. Субҳ дамида рӯз равшан мешуд.

Ғуломалӣ ҳам аз хоб бедор шуда буд. Ӯ низ ин дам ба хониши мурғон гӯш дода ба фикру хаёли худ банд буд.

Ин духтараки рус, Валя, чӣ некие дар ҳаққаш кард. Рӯздармиён омада ҷароҳаташро марҳам мемолад, дорую даво мекунад. Мегӯяд, ки устухони дасташ осеб дидааст. Ким чӣ хел ҷарроҳӣ кардан лозим. Аз дасташ намеомадааст.

Усто Сайёд ваъда дод, ки баҳор мӯмиё ёфта меорад.

— Будду шуди мумиёи доштагима ба аскарҳои маҷрӯҳ додам, —гуфта буд усто. Боз мегӯяд мардумгиёҳ ҳам ёфтан мумкин. Ҳоло

ҳамин қиёми зелолро истифода барад, барои ӯ албатта гиёҳҳои давоӣ меорад, дасташ асли қадим сиҳат мешавад.

Азизулло мегӯяд, ки ба ман ҳам замин медоданд. Маро ҳам сокинони ин деҳа дар қатори одам ҳисобидаанд, фикр кард Ғуломалӣ.

Бо як даст чӣ кор ҳам карда мешавад? Ақалан дастаи испорро дошта метавонистам, ба дасти дигарам говрона мегирифтам. Тухмиро аз куҷо меёбем? Азизулло мегӯяд, ки ту ҳам аъзои ҳукуматӣ, ноумед нашав.

Хизмат, ки нишон додӣ, мегӯяд, дар роҳи инқилоб, дар мубориза ярадор, ки шудӣ, аъзои ҳукумат, ки ҳастӣ, ба мо ҳуқуқи баробар дорӣ.

Ба ҳукумати нав чӣ хизмат кардам? Дилам ба аскарҳо, ба худораҳматии Муртазо сӯхту аз хонаи Давлатманд ба умеди ёрии Муртазо гурехтам. Сад дареғ, ки ҷонашро халос карда натавонистам. Ин ҳам хизмат ҳисоб меёбад?

Мани нимтанаро Азизулло дар хонааш роҳ дода нигоҳубин мекунад, бо ин нодорию тангдастиаш мехӯронад, дилтиҳӣ мекунад. Ин некиҳои ӯро кай бармегардонам? «Нони мард ба мард қарз аст», мегӯянд, некиҳояш ҳам. Бо кадом хизматам ин қарзҳоро адо мекунам?

Мегӯяд, ки дар паҳлӯям бош, хонаободат мекунам. Худаш ба ин сари танҳо муҷаррад асту боз маро сарборӣ гирифтааст. Ман якумр сарбории касе шудан намехостам. Имрӯз мӯҳтоҷи ёрӣ шудаам. Худо умрам диҳад, ба некиҳои Азизулло ба некӣ ҷавоб мегардонам.

— «Ҳамин қадар, ки дар рӯи поят рост истода тавонӣ, заминаторо худмон шудгор карда ғалла мекорем», —мегӯяд Азизулло.

«Хонаат сохта медиҳем. Ягон духтарро ба занӣ мегирӣ. Хонаву оиладор, ки шудӣ, дунё гулистон» мегӯяд. Чӣ ҷавонмардӣ мекунад ин Азизулло!

Хайр худаш Гуландома таги чашм кардагӣ. Духтарак ҳам ӯро дӯст медорад. Бо ҳар баҳона ҳамроҳи Валя ва Ҳусноро ба ин ҷо омаду рафт мекунанд.

Ҳусноро чӣ? Худо духтарро ин қадар ҳусну ҷамол медодааст? Муяссарам мегашт агар, дар дунё дигар орзуву умеде надоштам. Боз далерию нотарсиашро намегӯӣ? Ба худи сарлашкар, Анвар пошшо, якка ба якка тан надодааст. Яп куҷову Ховалинг куҷо?! Асп дуздида

гурехта ба ин ҷо омадан кори ҳар мард нест! Э, ба ҳазор пуштат офарин, духтари мардак! «Дилу ҷигари холӣ будаӣ», —гуфтани бобои Хоркаш рост будааст.

Ҳукумат, ки озодшон кардааст, озодона мегарданд, ҳар киро хоҳанд, ба ҳамон кас ба шавҳар мебароянд. Ҳусноро куҷову маи нимтанаи бе хонаву дар куҷо?

— Хез, додар, ки баҳор шудааст! –гуфтани Азизулло хаёли Ғуломалиро ба як ҷо ҷамъ кард.

— Дар и рӯзи Наврӯз, дар хона шиштан гуноҳ аст, —таъкид кард Азизулло. –Дарди дастата дигар баҳона накун! Ма ҳозир аспҳора зину абзол мекунам. Ба дашт, ба сари замини Дашти Бобоӣ меравем. Ҳама мардуми қишлоқ он ҷо ҷамъ мешаванд.

— Меравам, ака! Дастам аз китфам калта шуда ба замин ғалтад ҳам, меравам. Ба хурсандии мардум шарик мешавам! –гуфта Ғуломалӣ аз рӯи чогаҳи беморӣ хеста аз қафои Азизулло ба берун баромад.

Азизулло дасту рӯ шуста абзолҳои аспҳоро гирифта ба аспхона даромад. Ғуломалӣ барои рӯшӯӣ ба лаби чашма хамбид ва дид, ки ҳар се духтарон; Гуландому Валя ва Ҳусноро ба сӯи хонаи онҳо омада истодаанд.

— Азизулло, шодиёна тайёр кун, ки хабари хуш дорум! –гуфта Ғуломалӣ овоз дод.

— Чӣ хушхабар будаст? –шунида шуд овози Азизулло.

— Ҳозир омада ба гӯшат мегӯям, ки касе нашунавад, —гуфта Ғуломалӣ ба назди Азизулло рафт ва оҳиста гуфт:

— Гуландом омад.

— Садқаи забонат! Гуфтаат рост бошад, ҷонма шодиёна гирӣ, медиҳамат. Дар куҷо дидӣ омаданша?

— Ҳозир мерасанд.

— Ҳамроҳи кӣ?

— Валяву Ҳусноро.

— Оҳо, ту ҳам шодиёна тайёр кун, ки ҳарду баробар шудем.

— Барои чӣ?

— Барои Ҳусноро.

— Чӣ мегӯӣ?

— Омадани ӯ бароят мукофот нест?

— Ма куҷову Ҳусноро куҷо?

— Чӣ, ма ай осмон гап мезанум?

— Намедонум.

— Дили духтар ба ту кашол.

— Мара масхара мекунӣ?

— Гуландом гуфт, худам ҳам медонум.

— Дурӯғ мегӯй.

— Ману ӯ, ки ба ту дурӯғ гӯем, кӣ рости гапа мегуфтааст? Ту ай кӣ камӣ дорӣ, ки дӯстат намедоштааст?

Ғуломи бечӯву по, бе хонаву дар, маъюб, ба кӣ даркорум?

— Ба Ҳусноро, ба ма, ба аҳли қишлоқ, ба ҳама даркорӣ, ту Ғуломалӣ! Дигар, додар чунин гапҳота нагӯ, ки шунавам хафаат мекунам…

— Дар куҷоед, хонадорҳо?! –овози Валя баланд шунида шуд ва Азизуллою Ғуломалӣ хомӯш шуданд.

— Марҳамат, Валяҷон! Ба хона дароед, ҳозир мо меоем, —гуфт Азизулло аз аспхона.

— Киҳоед, ин шумо? Магар Ғуломалӣ хоб нест? Раҷабгул дар куҷост? –пурсид Валя.

— Хоҳарум, шаб ба хонаи момаи Ғарибгул рафта буд. Ғуломалира бошад, худам ба берун баровардам, —ҷавоб дод Азизулло.

— Кӣ ба шумо иҷозат дод, ки ӯро дар чунин ҳол ба берун бароред?! Якбора куштаниаш ку, нестед? Ғуломалӣ дар куҷоӣ?! Зуд ба хона даро! Ҳозир ман адабатро медиҳам! Нагуфта будам, ки аз хона баромаданат мумкин нест?!

— Ма ӯро намондам, —гуфт Азизулло.

— Номаъқул кардаӣ! Ба ҷароҳаташ мушт медарояду шумо боз гапи мара гӯш намекунед?

— Хоҳар, аввал пурсиш, баъд кӯшиш гуфтаанд. Медонем, ки шумо се нафар ба қасди мо омадаед. Зӯри мо ба шумо намерасад. Ана мо худро мағлуб ҳисобидем, —дастонашро боло бардошта аз аспхона баромада ба шӯхӣ гуфт Азизулло ва гапашро давом дод.

— Дар рӯзи ид одамон мурчаро озор намедиҳанду шумо и қадар аҳволи моро ба танг овардед? Ғуломалӣ ду моҳ боз дар хона қариб, ки аз одамгарӣ буромадааст. Дар рӯзи ид, гуфтам, дар ҳавои гарм камтар нафаси озод гирад, ҷон хоҳар, ҷангамон накунед.

— Забони шумо мардҳоро ёфтан мушкил, —аз қаҳраш фуромада гуфт Валя.

— Ҷароҳаташро малҳам карда бандам, баъд андак гардиш кунад, майлатон. Ид, ки бошад, биёед шири гарму боз баъзе хӯрданиҳо овардем бароятон, —гуфта Валя ҳамроҳи духтарон ба хона даромаданд.

— Хоҳарам, дар ин саҳарии ид, ки омадед, якҷоя наҳорӣ мекунем, —гуфт Азизулло. Валя розӣ шуд. Гуландому Ҳусноро дастурхон густурда суманаку гандумбирён ва чормағзҳои овардаашонро рӯи хон гузоштанд.

Валя ҳамроҳии мардҳо ба сари дастархон нишаст, вале Гуландому Ҳусноро аз рӯи одат, шарм дошта, худро ба рӯбу чини хона ва батартиб даровардани чизу чора андармон карданд, курпаю болин ва намадҳоро берун бароварда ба сари шиғ ба офтоб монданд.

— Дарди дастат кам нашудааст? –пурсид Валя ба Ғуломалӣ ҳангоми наҳорӣ. Гапҳои ӯро Азизулло тарҷума кард.

— Худоро шукр, сӯзишаш кам шудааст.

— Панҷаҳоят кор мекунанд.

— Карахтанд.

— Баъди наҳорӣ ҷароҳататро дору мемолам, дард оҳиста-оҳиста нест мешавад. Аҳволи шумо чӣ тавр, акаи Азизулло?

— Бисёр хуб.

— Хубаш ҳамин хел бошад, худо аз бадаш нигаҳ дорад. Ҳама чизу чораи хонаатон бетартиб.

— «Аввал зану охир зану в-он гаҳ зану мард», —гуфтаанд хоҳар. Хонаи безан ба мазор монанд аст, —хиҷолат кашида гуфт Азизулло.

— Зан гиред, намешавад, ё духтар кам аст? Ман бароятон хостгор шавам, чӣ? Ё хоҳаратон шуда ба ин кор ҳуқуқ надорам?

Азизулло фикр кард, ки ҳоли ҳозир ин духтари шӯху қайсар буду шуди гапро фош месозаду Гуландомро дар хиҷолат мемонад, бинобар ин гуфт.

— Ба келини ёфтагиатон розиям, хоҳар. Вақташ ояд, тӯй мекунем.

— Чӣ, гумон мекунед, ки минбаъд коратон сабук мешавад?

— Сабук ку намешавад, лекин беҳтар шуданаш мумкин.

— Не, бародар! Шумоён нав корро сар кардаед. Баъди тақсимоти замин, ҳазору як ташвиши нави дигар пеш меояд. Аз паи зиндагӣ пир шуда мемонед. Он вақт духтари хушкардаи ман ба шумо ба шавҳар

намебарояд. Мегӯям, ки ҳарчӣ зудтар тӯятонро бинам. То ҳол дар ягон тӯи мардуми шумо иштирок накардаам.

— Тӯи худи шуморо кай мебинем? –аз хиҷолат баромаданӣ шуда пурсид Азизулло.

— Ин қадар зирак будаӣ, ки аз ҷои ҷонам қапидӣ, аз шарм андак сурх шуда гуфт Валя. –Бесабаб шуморо сардори ҳукумат интихоб накарда будаанд. Ман Ғуломалиро мегирам, —ба ханда гуфт Валя. –Чӣ, намеарзад? Ба қошҳояш нигоҳ кунӣ, маст мешавӣ.

«Ғуломалӣ» гуфтани Валяро Ҳусноро шунида бесаранҷом шуд. Ин ҳоли ӯро дарҳол Валя пай бурд ва хомӯш монд.

— Ғуломалиро гирӣ, якҷоя тӯй мекунем, —гуфт Азизулло.

— Бо тарзи нав, тӯи инқилобӣ? –пурсид Валя.

— Чӣ тарзе ки шумо хоҳед.

— Шӯхӣ кардам, акои Азизулло. Босмачиҳоро, ки несту нобуд кардед, баъд аз паи ин корҳо мешавем. Номи Ғуломалиро гирифтаму Ҳусноро бо қирраи чашм маро песонда монд. Бечора боз дил бой надода бошад? –гуфта Валя хушҳолона ханда кард.

— Валя, маро мазоқ мекунад, акаи Азизулло, —пурсид Ҳусноро, ки ба мазмуни гапҳои русдухтар он қадар сарфаҳм нарафт.

— Не. Шӯхӣ карда гуфт, ки Ғуломалиро мегирад.

— Номи мара гирифта ким-чӣ гуфт ку? –пурсид Ҳусноро.

— Гуфт, ки ҳардуятон ба Ғуломалӣ дил додаед, ҳамин тавр нест оё? –гуфт Азизулло.

— Бале, ҳардуямон дӯсташ медорем, —ба Ҳусноро чашмакӣ зада гуфт Валя. –Хайр чӣ бадӣ доштааст? Дар дину оини шумо дусе зан гирифтан раво будааст. Ҳардуямонро ба занӣ гираду монад, —гуфта боз шӯхӣ карда хандид Валя.

— Не, хоҳар. Инқилоб, минбаъд танҳо як зан гирифтанро иҷозат медиҳад. Ғуломалӣ кадоми шуморо интихоб кунад, хушбахт ҳамон кас, чӣ гуфтӣ Ғуломалӣ? –пурсид Азизулло.

— Акои Азизулло, мон, ма ҳамин дарди худама хурам, — хиҷолатмандона гуфт Ғуломалӣ ва илова намуд:

— Ҳуснорову Валя ба ма гап зананд, сарум ба осмон мерасад. Сиҳат, ки шавам, хонаву дар ёбам, баъд як фикр мекунам.

«—Шаҳи нав бошиву салат каҳинӣ,

Хушачин бошиву зан дошта бошӣ». гуфтаанд, додар. Парво накун, дастат сиҳат мешавад, —дилтиҳӣ кард Азизулло. Гуландому Ҳусноро хандиданд.

— Ғуломалӣ, худам табибӣ карда сиҳатат мекунам, маро хӯш кун, садқаат. Ё рус гуфта маро ба занӣ намегирӣ? –гуфт Валя.

— Мегирад, аввал дасташа табобат кун, баъд ҳардуямон маслиҳат мекунем! –ба ҷои Ғуломалӣ гуфт Азизулло.

Валя «майлаш» гуфта розӣ шуда, дастархонро ҷамъ карда ба табобати дасти Ғуломалӣ шурӯъ намуд.

Ҳусноро гапи Валяро рост пиндошта аз рашк чӣ гуфтанашро надониста рӯймолчаи ба номи Ғуломалӣ гулдӯзӣ кардаашро аз дигарҳо пинҳонӣ ба зери болини ӯ монду ба берун баромад.

Гуландом ҳам ба Азизулло ишорате кард ва ҳарду аз қафои Ҳусноро берун баромаданд.

— Ин рӯймолро чанд вақт боз ният карда будам, имрӯз муносиб афтод, —гуфта Гуландом рӯймоли сатиналвони нақшадӯзиро ба Азизулло дод, ки ба миёнаш бандад.

— Пешдастӣ кардӣ, Гуландом. Ма ҳам ба номат аз Когон рӯймол оварда будам. Соаташ ҳамин рӯзи Наврӯз будаст, —гуфта Азизулло рӯймоли Гуландом додаро ба миёнаш баста, аз нав ба хона даромад ва рӯймоли заргаронии хӯшадоре аз сандуқи модараш бароварда ба сари Гуландом андохт.

— Муборак шавад, шаҳу арӯси нав! Шумо ҳама маслиҳатро хилват пазонида будаеду мо бехабар, —ин ҳолатро дида гуфт Валя.

— Дар рӯзи ид мо ҳамин хел расм дорем, хоҳар, —андак шарм дошта гуфт Азизулло.

— Э, ман садқаи расму оинатон! Қоил кардед! Қӯшапир шавед, арӯсу домод. Қӯшапир!!!…

Вақте ки духтарон рафтанӣ шуданд, Ғуломалию Азизулло то дари чапараки ҳавлӣ онҳоро гуселониданд.

— Ҳама аҳли қишлоқ ин саҳар ба Дашти Бобоӣ меравand. Шумо ҳам ба он ҷо биёед. Наврӯза бо мардум якҷоя ид мекунем, —аз Гуландом чашм канда натавониста гуфт Азизулло.

## Б О Б И XXII

Ҷашни Наврӯз аз кӯдаки ҳафтсола то пири ҳафтодсоларо ба Дашти Бобоӣ оварда буд. Мардум болои сабза давра ороста шодию хурсандӣ мекунанд. Аз деҳаи Зардакию Шайхмизон, Доробию Чуқурак ва дигар ҷойҳо одамон даста-даста ба ҷашни Наврӯз, ба Дашти Бобоӣ меомаданд.

Садои наи усто Сайёд аз байни маърака ба дуриҳо рафта, дили мардумро ба ҷӯш меовард.

— «Бачаи мардак ҳай най менавозад, ҳай най менавозад!» —мегуфтанд мардум.

Камоли оҳангар ба таги тоқии пурнақши худ гули сиёҳгӯш ниҳода, дутори нуқракӯби пупакдорашро ба худ оварда, дар баробари навохтани оҳангҳои дилошӯб ҳофизӣ ҳам мекард.

Одамон фаро расидани Наврӯзи дилафрӯзро ҳис карда буданд. Офтоб ба шодии мардум шарик шуда, нурҳои худро ба дашту даман, водию кӯҳҳо дареғ намедошт. Замин аз хоби ноз бедор шуда мисли дили марди босахо ҳалиму нарм гардида ҷомаи сабз ба бар кардааст. Бӯи атрогини гулу гиёҳ, ба машом расида ба дилҳо фараҳ мебахшад.

Овозаи иди Нарвӯз ва шодии мардум Аскарони Сурхро низ ба Дашти Бобоӣ овард.

Скрепнику Бойченко дар паҳлӯи Азизулло, ки дар тан ҷомаи алочаи зебо пӯшида буд, ҷо гирифта, базму иди Наврӯзро ба шавқ тамошо доштанд.

Ҷомаи Азизуллоро модар бо сад умеду орзу ва ҳавас барои хонадории фарзандаш дӯхта буд, ки писарашро рӯзи тӯй ҷома мепӯшонаду армон мешиканад.

Парчами сурх, ки аскарон бо худ оварда буданд, ба иди Наврӯз шукӯҳи тоза мебахшид.

Қорӣ Неъматуллои Дараи мухторӣ, ки худ нобино буд, вале дар машшоқию сарояндагӣ дар ин ноҳия ба ӯ касе баробар шуда наметавонист, қӯшнайро ба наво дароварда ба навохтани оҳанги тӯёна сар мекунад. Шогирдони доирабадасту таблакнавозаш ба ӯ

ҷур шуда ҳамаро қоил карданд. Дилҳои ҷавонон аз оҳанги тӯёна ба ҷӯш омада ба арғушт даромаданд.

— Базми ҷамшедиаш ҳамин! Ай дар қадди бачаҳом бимирум! –ба ҷавонҳои арғуштӣ ишорат карда гуфт бобои Хоркаш, ки ҳамроҳи Талаби гадо, дар бари Скрепник ҷо гирифта буд.

Баъди базму суруд ва рақсу шодӣ ҷавонҳо ба шеърхонӣ даъват шуданд.

Азизулло таклиф кард, ки дар шеърхонии Наврӯзӣ бигузор ҷавонҳои деҳаҳои атроф ба ховалингиҳо дар васфи Наврӯз ва зиндагонии нав қувваозмоӣ кунанд.

Ба ин таклиф ҳама ҳамовоз шуданд.

Ҷавоне аз деҳаи Зардакӣ ба миёнаи майдон баромада ба шеърхонӣ оғоз намуд:

Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.
Мурғони ҳаво ҷумла ба парвоз шуданд,
Мурғи дили ман аз қафаси танг баромад.

— Боз бихон! Як шеъри дигар бигӯ, додар, —хоҳиш карданд одамон лаҳҷаи ширину шеърхонии хуби ҷавонро шунида. Ҷавон боз шеър хонд.

Наврӯза ба навбаҳор кай мебинум,
Гулҳора ба шаш қатор кай мебинум?
Гулҳора ба шаш қатор дар фасли баҳор,
Дунёра ба як қарор кай мебинум?

Мувофиқи қоида ва шарт ҷавонони Ховалинг бояд ба ҷавони зардакигӣ ҷавоб мегуфтанд. Мулломирҷон ин вазифаро ба ӯҳда гирифт:

Мерам, ки бунафша дар лаби ҷӯйборай,
Дар гирди бунафшаам гули бисёрай.
Монанди бунафша гул нарӯяд ба замин,
Аслу насаби бунафша аз кӯҳсорай.

Бар қасди Мулломирҷон ҷавони хонақоие ба майдон баромад:

Ид омаду корҳо наку бояд кард,
Чун рӯи арӯс,
Соқӣ, маи ноб дар сабу бояд кард,
Чун чашми хурӯс,
Авсофу намозу кӯзабанди рӯза,
Як бори дигар,
Дур аз сари ин харон фурӯ бояд кард,
Афсӯс, афсӯс!

Садои қарсак ва нидоҳои офарини мардум баланд шуданд ва баъд ҳама интизори ҷавоби ҷавонони ховалингӣ хомӯш истоданд, Мулломирҷон аз нав ба шеърхонӣ сар кард:

Субҳам, ки гурезад аз манаш лашкари шаб,
Сулҳам, ки ҳаросад аз манаш ҷангталаб.
Мерафт ба Миср паи бахт аҷдодам.
Имрӯз ба мулкам ояд авлоди араб.

— Офарин Мулломирҷон! Ба мулки мо минбаъд ҳама мардуми дунё меоянд, —гуфт Азизулло, хурсандона.

— Аз Чуқурак ягон давталаб ҳаст, ки ба майдон бурояд?

Ҷавонони дигар қишлоқҳо ку шеърхонӣ карданд. Чуқуракиҳо ягон ҳавсаладор дошта бошед ба майдон буроред! –нидо кард Азизулло.

— Буро Сайдалии бачаи Валӣ! Буро, шарм накун! Ин ҷо маърака аст. Ҷои шеърхонӣ, ҷои ору номус аст, —гуфта мӯйсафедони чуқуракӣ ҷавонеро ба шеърхонӣ даъват карданд.

Ҷавони хушандоме ба майдон баромад, ки абрувони пайвандӣ ва чашмони ҷозиби шӯх дошт. Ӯ дар байни маърака, барои ором гирифтани мардум андаке таваққуф намуда, баъд хоҳиш кард, ки барояш дутор биёранд.

Ҳама ҳайрон шуданд, зеро аз кадимулайём расми шеърхонӣ дигару ҳофизӣ дигар буд, вале ҷавони ба майдон баромада дутор талаб кард.

— Албат ягон ҳунар дора, бачаи мардак, ки довталаб шуда ба майдон баромадааст, —гуфта Камоли оҳангар дуторашро бурда ба ҷавон дод.

Сайдалӣ ба хоҳиши худ торҳои дуторро аз нав ҷӯр карда, оҳиста-оҳиста ба навохтан шурӯъ намуд.

Мардум ҳама хӯшу гӯш шуданд. Баъди андак вақт овози ширадори чавон ба атроф танинандоз гардид.

Эй рафиққҷон як назар,
Рангу рухамро нигар.
Сӯхт маро дар гузар,
Духтари балҷувонӣ.

Дод ба ҷонум азоб,
Шуд холи ошиқ хароб.
Кард маро дилкабоб,
Духтари балҷувонӣ…

Овози ҳофиз ва мазмуни шеър ҳамаро мафтуну шайдо гардонида, мардумро ба ҳаяҷону изтироб овард. Баъди анҷоми суруд ҳама аз ҷой бархостанд. Садои қарсак ва нидоҳои «Қанд зан Сайдалӣ» ба само дакка хурд.

Ин ҷавони чуқуракӣ ҳамаро қоил кард, —овоз баровард Камоли оҳангар.

— Шеърдонию ғалаба ба тани ҳамин ҷавон! –гуфт усто Сайёд.

Азизулло ба миёнаи майдон баромада хоҳиш кард, ки мардум ором гиранд.

— Ғалаба тани ҳамин ҷавон, гӯем, ҳама розӣ мешаванд? – пурсид аз аҳли маърака Азизулло.

— Сад дилу ҷон мо розӣ! Қандаша занад бачаи мардак! Худаш шоир аст! –нидо карданд чанд кас.

Азизулло ҷомаи оҳарии алочагии домодиашро аз тан кашида ба ҷавони ғолиб пӯшонид ва рӯймоли тӯҳфаи Гуландомро, ки ҳамин саҳарӣ ба ӯ инъом карда буд, ба миёни Сайдалӣ баст.

— Ин тӯҳфаи ғолибият аз номи ҳукумати шуро, ба шумо ҷавони ғолиб, барои ҳофизӣ ва шеърхониатон дар иди Наврӯз! –гуфта Азизулло ҷавонро табрик кард.

— Илоҳӣ ҳазорсола шавӣ, бачаи мардак! –шунида шуд овози бобои Хоркаш.

Азизулло хушҳолона ҳамраҳи Сайдалӣ ба қатори одамон гузашта нишаст ва аз хотир гузаронид, ки рӯймоли тӯҳфаи Гуландомро аз рӯи расму оин ба дигар кас ҳаргиз додан мумкин набуд. Гуландом, мумкин аз ӯ якумр ранҷад. Рӯймол тӯҳфаест, ки баҳо надорад ва духтарон дар умри худ танҳо барои ягона ҷавони дӯстдоштаашон, шарики ояндаи якумрии зиндагӣ медӯзанд, вале дар ин рӯз барои ҷавони дар шеъру шоирӣ ғолиб, барои Сайдалӣ Вализода Азизулло ҳама давлати дунёро дареғ намедонист.

Гуландом бояд аз ӯ наранҷад ва намеранҷад ҳам. Балки ӯ ба дилу ҷон розист, зеро Азизуллоро дӯст медорад. Аз Азизулло дида барояш каси ба дил наздики дигар дар дунё вуҷуд надорад.

## БОБИ XXIII

Хабари дар рӯзи ҷашни иди Наврӯз ба фақирон тақсим шудани замин пешакӣ ба гӯши Давлатманд-бий расид ва ин хабар дилу ҷонашро ба ларза оварда лаҳзае ӯро ором нагузошт.

Яроқу аслиҳаро ку бе каму кост оварданд. Навкарону ғозиён ҳама сарҷамъанд. Боз чӣ камӣ дорем, ки ба ғазо набароем, фикр мекард мир, вале Анвар пошшо ба ӯ мегуфт, ки ҳолӣ ҳам сабр кардан лозим. Навкарону ғозиёнро машқ додан даркор, ки ақаллан тирпарроириро ёд гиранд.

Вале хабари ҷашни Наврӯз, мирро бесаранҷом кард. Субҳидамии рӯзи дигар мир ба худ Анвар пошшо, Ҳоҷи Сомеъ, Шамсиддин туқсабо, кури Ортиқ, Эшони Баларо, ки ӯ низ акнун яке аз саркардаҳои номии ғозиён ба шумор мерафт, ҳамроҳи панҷсад нафари мусаллаҳ ба ёлаи Сурхсақова, ба он ҷое овард, ки як вақтҳо дар шоми тор Восеъи диловар барои муттаҳид намудани аҳолии деҳаҳои атроф гулхан афрӯхта, одамонро бар зидди золимон даъват карда буд.

Ғозиён бо фармони Анвар пошшо гурӯҳ-гурӯҳ ба болои теппаҳо камин гирифтанд. Саркардаҳо бошанд, ба болои теппаи аз ҳама баланд баромаданд, ки аз он ҷо деҳаҳои атроф чун дар кафи даст

намудор буданд. Агар кас аз поён ба боло назар афкандан шавад, теппаҳои пастобаланд ғозиёнро аз чашми бинанда паноҳ мекунанд. Ғозиён бошанд, аз камингоҳҳо ба зер назар намуда, танҳо аз як ҷо ба ҷои дигар ҳаракат кардани одамонро дида метавонистанд, вале аз сабаби дурӣ чикораю кӣ будани онҳоро муайян кардан номумкин буд.

Вақте ки дар сари замини Дашти Бобоӣ мардум ба ҷашни Наврӯз даврa ороста буданд, Анвар пошшо ба чашм дурбин ниҳонда, ин манзараро аз назар гузаронид ва аввалин чизе, ки ба чашмаш чун хор халид, дидани парчами сурхи инқилоб буд, ки дар миёнаи давра ҷилванамоӣ дошт. Анвар ба ғазаб омада дурбинро зуд аз чашм гирифта оҳи бадард кашид ва онро ба Давлатманд-бий дода: —Бигир, мир, тамошо кун, ки ма он малъунҳора чашми дидан надорим! –гуфт.

Давлатманд-бий дурбинро ба чашмонаш наздик бурда хело вақт зеҳн монда манзараи Ховалинг ва гирду атрофи онро тамошо кард.

Чилчанори азамат, сафедору ар-арҳои хушқад, ниҳолакони сарсабзу боғҳои гулпӯш, чашмаҳои нуқрафоми дар ҷӯш, оби сои дар хурӯш ва мардумони либоси идонапӯш давра ороста як лаҳза ҳушу ёди мирро ба дуриҳо бурданд. Ба димоғаш бӯи гулу себаргаи навдамида, бӯи замини аз хоби ноз бедоршуда, бӯи атромези баҳори нозанин расид ва ба тамоми ҳастии вуҷуди худ ҳис кард, ки баҳори гулафшон фаро расидааст. Имрӯз мардуми ба ӯ хеле наздик дар он ҷо, дар Ховалинг Наврӯзро ид мекунанд, базму шодӣ, сурудхонию тараб доранд. Ҳатто аз Дарраи Мухтор, ки дар поёнтари ҷои исти онҳо воқеъ аст, мардум савораву пиёда ба Ховалинг равонанд, ӯ бошад дар мулки худ, дар сарзамини қаламраваш мисли дузд, роҳзан, балки бадтар аз онҳо, мисли гурги аз гуруснагӣ ба ҷон расидаест, ки бо умеди ба даст овардани сайд худро ба паси харсанге пинҳон кардаасту дандон тез карда пайт мечӯяд ва интизори фаро расидани мавриди муносиб ба ҷаҳидан тайёр аст.

Ҳар баҳор ӯ иди Наврӯзро бо дӯстони қадрдон дар Дашти Садбаргҳо, ки дар ин ҳангом саросар пур аз гули сиёҳгӯш аст, ҷашн мегирифт. Либоси идона ба бар карда савори Гули Бодом сайру тамошо мебаромад.

Аспашро то фаро расидани Наврӯз кайҳо аз якҷоӣ баровардаю чанд муддат хунукашро гирифта, Ғуломалӣ качоғу карда бо собун

мешуст, ёлу думашро шона мезад ва барои саворшавии мир омада месохт. Давлатманди савори Гули Бодом пешопеш, дигарон аз қафои ӯ бо базму сӯр ба Дашти Садбаргҳо меомаданд. Дар ин ҷо мирро Ғаюрбек бо даҳҳо хизматгорҳо пешвоз мегирифт. Ба роҳаш пояндоз густурда, гӯсфандони чории ҳисориро сар зада, хун мекарданд. Хизматгорҳо дар таку дав, қассобҳо гову гӯсфанд кушта, гӯшту пӯст карда ба таббохҳо месупурданд. Каме дуртар аз зери чанори лаби чашма дар дегҳои қатор хӯрокҳои лазизу дилхоҳ тайёр менамуданд. Суфаи зери чинор тозаю озода, болои он намаду қолинҳои гулдор партофта, курпачаю лӯлаболиштҳои парӣ андохта, дастурхони идона ороста мегардид.

Се шабу рӯз гӯштингирию бузкашӣ давом мекард. Аз Қаротегину Дарвоз, Кӯлобу Фархор, аз он тарафи дарёи Панҷ, аз Афғонистон паҳлавонон, саворони номии довталаб ба ин ҷо меомаданд.

Дар гӯштин ба Теша-полвони ховалингӣ, дар бузкашию човандозӣ ба худи мир касе баробар намеомад. Тахтапушти Теша-полвонро то ҳол касе ба замин нарасонида бошад, бузро ягон човандози номӣ аз зери узангӯи мир нарабудааст. Баъди ин ҳама мир ба айшу ишрат дода мешуд.

Зани сеюм, Холисамоҳи шонздаҳсоларо як сол пеш дар ҳамин рӯз ба никоҳ дароварда айш шикаста будам, ба хотир овард мир.

Холисамоҳ ҳоло умедвор, ҳаштмоҳа ҳомиладор аст. Чӣ олиҳаи ҳусн буд он вақт Холисамоҳ. Аз ҳама занҳояш шевою дилрабо ва азиз аст, барояш.

Одам бо гузашти умр ба қадру қимат ва ҳусни зан сарфаҳм мерафтааст. Холисамоҳ дар ҳусну малоҳат дурри яктост. Ба хироҷи мамлакат меарзад, Холисамоҳ.

Мирзоқосими мирохури падарарӯсаш он вақт итоаткори ҳокими Ховалинг, Ғаюрбек буд. Аввал Холисамоҳро ба мир додан нахост, вале саркашӣ карда натавонист. Чӣ ҳам аз дасташ меомад? Ӯ куҷову мир куҷо? Хоҳад нахоҳад, мир гуфтаашро ба ҷо меорад. Мирзоқосим дарун-дарун ғуссаю ғам хӯрад ҳам, мансаби мирохӯриро боз соҳиб шуда, духтарашро ба мир ба занӣ дод ва дар тӯйи базму шодӣ ҳам кард.

Ҳафтаву рӯзҳои охир Давлатманд-бий бештари вақти худро ҳамроҳи ин зан мегузаронид, зеро назар ба дигар занҳо Холисамоҳро зиёдтар дӯст медошт.

Баъди шунидани хабари идкунии Наврӯз мир ғамгину хастаҷон ин шабро дар паҳлӯи зани хурдӣ, Холисамоҳ, рӯз кард.

Ҳама бурду бохт, неку бади худро дар ин шаби дароз як бори дигар пеши рӯ оварда ва ба хулосае омад, ки дигар тоқати мунтазир шудан надорад. Бар зидди ҳукумати инқилобӣ, салотҳои ҳимоятгари он боз ғазо мекунад.

Фиристодагони Анвар яроқу тири бисёре оварданд. Ба ғайр аз онҳо ғозиёни аз Балчувон то Вахёю Дарвоз ҷамъ кардааш аз ҳазор нафар зиёданд. Бо ин қадар марди савора замину замонро чаппаву роста кардан мумкин. Анвар пошшо, кури Ортиқ, Эшони Бала, Ҷунайду Тӯхташ барин саркардаҳо, дастаҳои мусаллаҳи ғозиёнашро сарварӣ мекунанд. Ба тухми кофирҳо қирон меоранд!

Зимистон, ки садди роҳашон буд, гузашт. Бештари аҳолии деҳаҳо аз дасти ғозиён ба ҷон омада бо зарби шамшеру қамчин ҳам дигар онҳоро мутеъ кардан номумкин гардидааст.

Бисёриҳо наҳаросида ҳатто рӯирост хуруҷ мекунанд.

— Ин лашкари муру малахи Анвар пошшо долу дарахтҳоро хурда несту нобуд мекунанд, —мегӯяд мардум.

Дигар таъхир карда намешавад, фикр кард мир. Кофирон, ки ба фақеру пойлучҳо замин тақсим кунанд, чиаш мемонад? Пагоҳ молу гов чизу чораи ҳамаро умумӣ мекунад, рӯзи дигар зану фарзандҳояшонро ҷамъиятӣ мегардонанд. Дар байни неку бад, ҳалолу ҳаром, кофиру мусулмон фарқу нархе боқӣ наемонад. Дер нашуда ҳамин субҳидам ҳамроҳи саркардаҳо рафта ҳолу аҳволи ҳукуматдорони пойлучро бо чашми худ мебинам ва бо Анвар маслиҳатро мепазонаму рӯзи ғазовотро муайян мекунам, қарор дода буд мир.

Дар ин айём дар Ховалинг базми Наврӯзӣ давом дошт. Мардум ҳама хурсанд буданду мир чӣ ҳоли табоҳе дошт.

Чӣ наҳсу касофат ва ношукрие гузашт, ки худои таолло моро имрӯз аз ҳама гурезон, дар ба дару хок ба сар кардааст, дурбин дар чашм аз хотир гузаронид ӯ. Дар ин се-чор моҳ чӣ офату балоҳоеро надидам. Ҷону ҷигарбандам, Абдулқодири додарамро Болта туқайсарии хоин ваҳшиёна кушт ва ҳаққи хуни ӯ ҳанӯз дар гарданам қарз мондааст. Агар қасоси Абдулқодирро нагирам, дастам аз гӯр берун мемонад.

Ғаюрбек, он марде, ки дӯсти наздик ва қадрдонам буду андак мандак саркардаро гардан ҳам намедод, аз тарси ҷон хиёнат карда чизу чораашро ҷамъу гирд оварда ба Афғонистон гурехт. Ӯ мебуд

аз он алов, аз он ҷое, ки маркази салотҳо аст, хатту хабар меовард, дилбардор, ёрирасон, мутакоям мешуд.

Дар ин ду-се моҳ ёру дӯстонам кам шудаанд.

Анвар ҳам аз ман ким чӣ норизогие дорад, вале ин мори айнакдорро фаҳмидан мушкил. Қадрашро мувофиқи табъи дил ба ҷо оварда натавонистам. Ягона духтаре, ки пешкаш кардам, ӯро шармандаю расвои хосу ом гардонда, гурехта гуру гум шуд. Ё кӣ медонад, шояд кадоме аз ғозиён ин духтарро барои худаш ба куҷое гурезонидааст?

Мақсади Анвар ба ҷои дигар, ба чизи дигар банд бошад чӣ! Бале, фикру зикри Анвар пеш аз ҳама ба чизи асосӣ, ба тилло банд аст! Дараки тиллоро дорад! Ин аждаҳо хазинаро дидааст ва аз сари он дур намешавад. Тилло ганҷест, ки ба ғайри ҳақ субҳона ва таолло дигар дилу ҷони ҷамии одамонро ба худ мебарад. Он қадар фирефтааш мегардӣ, ки ғулому банда шуданатро нафаҳмида мемонӣ.

Агар ин тавр намебуд, —ғалабаамро аз болои салотҳо таъмин кунӣ ними хазинаамро муяссарат мегардонам, —гуфтагӣ вақт чашмони Анвар мисли мор дар зери айнак ба бозӣ намедаромаданд, нури тоза намегирифтаанд, ба рӯяш сурхӣ намедавид. Барои тилло шуда ин турк ҷон мекоҳонад, вале дӯст дӯсту ҳисобаш раҳи рост. Ғазовот карда ғалабаамро таъмин кунад, ними хазина ҳалолаш бод!

Бе Анвар ба муқобили салотҳо ҷанг кардан амри маҳол. Ӯ дар ҷангҳо на танҳо иштирок, балки сарварӣ кардааст, унвони сарлашкарии исломро гирифтааст.

Ман бошам, ба ғайр аз аспсаворию бузкашӣ ҷангро ҳаргиз надидаам. Ҷанг бузкашӣ нест. Одамкушӣ аст, ҷанг. Ё душманатро кушта ғолиб меоӣ, ё ӯ туро нест мекунад.

Ҷангу ғалаба роҳу усул доштааст. Салотҳо дар заду хӯрд усто будаанд, набошад дар ҳамон ғазои аввала мо ғолиб меомадем.

Яроқ надоштем. Гуноҳи асосиамон ҳам ҳамин беяроқӣ буд. Ба қамчину таёқ ҷанг карда намешудааст. Анвар ҳамаи инро медонад. Акнун ғозию навкаронамон сар то по мусаллаҳанд. Анвар чанд муддат ба онҳо дар теппаву пуштаҳо машқ дода роҳу усулҳои ҷанги савора ва тан ба тан, инчунин тирпаррониро омӯзонд. Боз ба ҳар кадом чизу чора ва тилло доданро ваъда мекунам. Худои таолло раҳнамо шавад, ғалаба, ки кардем, молу чиз чирки дастанд, боз ҷамъ мешаванд…

Давлатманд-бий бо дурбин дар миёнаи даврa занону духтарони зиёдро дид, ки дар байни мардум шоду масруранд. Бо чашмони худ бовар накарда бори дигар назар намуд. Акнун донист, ки хато накардааст. Ӯ аз ин ҳол дар ғазаб омада лоҳавла хонда тавба кард ва аз хотир гузаронид, ки акнун дар ин дунё дар байни зану мард дигар фарқе наменомонад. Занҳо бе шарму ҳаё, бо рӯю мӯи кушода дар байни мардони номаҳрам гирди давра нишастаанд. Дунё ҳарому ҳарич, кофиристон шудааст.

Чашми мир ногаҳ ба Азизулло афтоду ӯро шинохт. Азизулло ҷомаи алоча дар бар, дар миёнаи давра рост истода бо лаби пурханда кам чӣ имою ишоратҳо дорад. Мир тамасхур карда лабонаш бо заҳрханда моил шудаанд, ки сардори фақирони пойлуч дар чунин рӯзи муборак алочаҷома пӯшидаасту пои пиёда мегардад.

Азроил мебуд, ҳолӣ ҳозир аввал ҷони ин сағираи балвогарро мегирифту баъд аз пайравони ӯро, вале ҳай дареғ, ҳазор афсӯс, ки «дар дил ҳавасҳо дораду дасти норасо дорад».

Мир бо дурбин саворагони гирди давраро аз назар гузаронида аз қафои ҳама Гули Бодом ва болои он Ғуломалиро дида гӯё ба дилаш корд халид. Тану ҷонашро дарди ҷонкоҳе фаро гирифт.

Чашми росташ аз асабоният ба паридан даромаду ҳис кард, ки дурбин дар дастони ногирояш меларзад. Шишаҳои дурбинро пардаи сиёҳи ғубор гирифт. Ҷароҳати кӯҳнаи дили мир тоза шуду аз алами Гули Бодом беихтиёр –Ҳолӣ ҳам, падарсаг намурда будааст, —гуфтанашро нафаҳмида монд.

Мир рӯи шишаи дурбинро бо фаши салааш тоза карда аз нав ба поён, ба давраи одамон назар кард ва ҳамоно чашмаш Гули Бодомро, ки гӯё чанд қадам дуртар аз ӯ меистод, ҷуста ёфтанд.

Замини аз нафаси баҳор сабзпӯш ин дам дар пеши назари ӯ дар дурбин осмони нилгунро мемонду Гули Бодоми заринёл чун олиҳае намудор буд, ки гӯё наққоши гулдасте бо мӯқалам сар то ба пои аспи мисли шир сафедро танга-танга холҳои сиёҳи зебо кашида бошад.

Ҳама давлату дороии дунё барои мир як тараф буду Гули Бодом як тараф. Мир тамоми ҳиссиёту ҳастии худро ба тамошои асп банд намуда, ҳис кард, ки дилаш дар қафаси сина чун мурғи ба дом афтода метапад. Аз хотираш гузашт, ки дар ин рӯзи саид ба Гули Бодом, ба беҳтарин ва зеботарин аспи ин сарзамин на ин ки ӯ,

балки хизматгори пойлучаш, Ғуломалӣ, савор аст. Сараш чарх гашта, пеши чашмонашро сиёҳӣ гирифт.

Аҷабо, ӯ гумон мекард, ки ҳукуматдорони нав ё салотҳои кофир Гули Бодомашро аз Ғуломалӣ кашида мегиранд, вале ин тавр нашудааст. Кӣ медонад? Шояд худи Ғуломалӣ имрӯз ба мансабе соҳиб шудагист?

— Барои ин асп сари Ғуломалиро аз тан ҷудо кардан кам аст. Балки садҳо кофиронро аз дами теғ гузаронида гӯшти баданашонро қима-қима карда намаки сӯда пошам, дилам тар намешавад! –дар ғазаб омада гуфт мир ва ин лаҳза ба ёдаш расид, ки ба ин қадар қуввату тавоноӣ ҳанӯз дасташ ба лаҷоми Гули Бодом намерасад.

Гулӯи мирро аз алам ғиҷова гирифт. Гӯё ӯро касе бо панҷаҳои бақуввату оҳанин худ хафа карда куштанӣ мешуд. Ин панҷаи хунин, панҷаи дарду ҳасад ва алами дасткӯтоҳии худи ӯ буд, на аз каси дигар.

Пардаи ғубор аз нав чашмашро хира кард ва дастони ларзони ӯ дурбинро оҳиста-оҳиста поин фуровардand.

Давлатманд-бий сар ба рӯи дастон болои хок ниҳода хомӯшу беовоз гирён шуд. Чанд қатра ашки ӯ ба рӯи сабзаҳои навдамида чакиданд.

— Ба ҷои ҳар қатра ашкам, ҷӯи хун ҷорӣ накунам, ман уммати пайғамбари охирзамон набошам! –гуфта девонавор наъра кашид ногоҳ мир ва аз ҷой бархост. Анвар пошшо ҳайрон ба таҳлука афтода ба назди мир давид.

— Мир! Чаро гиря мекунед?! Гиря одати мард нест! –гуфта Анвар пошшо ба чеҳраи Давлатманд ҳайрону ҳаросон назар карда, даст бар китфи ӯ ниҳод.

— Ман дар ин рӯзи муборак барои мардуми қаламравам, барои дину шариати мусулмонӣ хун мехураму он кофирони малъун дар пеши чашмам базму шодӣ ва ханда доранд! Куҷост ору номус?! Куҷост, мардӣ?! Дар он ҷо занону духтарон бо сару рӯи кушода бо мардон якҷоя нишаста базму шодӣ мекунанд! Мефаҳмӣ, Анвар, ки Ғулом, он сағираи дари хонаам, он саги дайду имрӯз ба Гули Бодомам савор асту ман ин ҷо! Ин чӣ рӯзи сиёҳ аст, Анвар?!

— Худо худаш гувоҳ аст, мир, ки ман ҳамаи онҳоро ба хоку хун оғушта мегардонем! Қасам ба номи Худои таолло, ки аспата худам гирифта медиҳам! –дилтиҳӣ кард Анвар ба мир.

— Дигар ба ин ҳама беҳаёию беномусӣ, номусулмониҳо тоқат надорам, Анвар пошшо! Ба ғазовот баромадан даркор!!!

— Мирам, ғазо кунем, гуфтам, шума ин қадар вақт маро боз доштед. Ҳама ҳокимонат акнун ҷамъ шудаанд.

Ҳоҷӣ Сомеъ ва Эшони Бала чанд муддат ба муқобили навкарони Болтаи лақай занозанӣ доштанд. Онҳо нав омаданд. Имрӯз пагоҳ ба ғазо мебароим!

Мир аз гапҳои Анвар андак таскину ором гирифт, вале ҳанӯз ҳам хиҷилу ғамгин буд ва Анвар барои дилбардории ӯ гуфт: —Мир, ман аллакай нақшаи ғазоро кашидам, тамошо кардан михоҳид?

— Нишон диҳед, бинам, —гуфт Давлатманд-бий ҳаросон ва Анвар пошшо қоғазеро аз киссаи чапаш бароварда ба замин нишаст ва ба чашмонаш айнак монда варақаро болои зонуяш кушода гуфт:

— Мир, бигузор ин ҷа ҳардуямон танҳо моним, зеро инро сирри ҳарбӣ мегӯянд ва ман михоҳам, ки ба ғайр аз шума касе аз нақша огаҳ нагардад. Гуфта будам дар ҳуҷраи худам ба шума дар ин хусус гапзанон мекунам, вале маҷбурам кардед, ки ин ҷо маслиҳат кунам.

Мир бо дасташ ишорат кард, ки ҳардуро танҳо гузоранд.

Шамсиддин туқсабою Эшони Бала ва кӯри Ортиқ ба қисми қафои теппа хамбиданд. Ҳоҷӣ Сомеъ гардани харобашро яктараф хам гирифта баъди дигарон аз ҷой хест ва оҳиста қадам зада рафт. Аз туршии рӯи ӯ маълум буд, ки аз ин кори Анвару мир норизо аст.

Давлатманд-бий дар рӯи қоғаз хатҳои каҷӯ килеб ва печ дар печи кӯтоҳу дароз, ҳаргуна нишонаҳо, аломатҳои шартиро дида чизе фаҳмида натавонист.

— Пошшо, инҳо чӣ аломатанд? –гуфта мир ангӯшти ишоратиашро ба рӯи коғаз гузошт.

— Ғозиёнро се тақсим карда ғазо микунем, —ба шарҳи нақша гузашта гуфт Анвар пошшо.

— Ба гурӯҳи аввал ман худам сарварӣ мекунам, ба дуюм Ҳоҷӣ Сомеъ. Шумо мир ба гурӯҳи сеюм.

Ман аз ҳамин ҷо, аз Сурхсақова қад-қади Дарраи Мухтор хамбида аз сангови Мазор гузашта Ховалинга аз боло ба муҳосира мегирам. Ҳоҷӣ Сомеъ аз қисми поён аз Сангтӯда ба сӯи Гузари Қозӣ меояд ва аз поёни Ховалинг ҳуҷум мекунад. Шумо бо дастаи Ортиқбой (кури Ортиқро барои ҳурмат гоҳо ҳамин тавр ном мебурданд) аз

қафои ҳама, аз Доробӣ гузашта ба роҳи байни Шайхмизон ғозиёнро ба Ховалинг медароред.

— Ғазоро кадом рӯз сар мекунем? –пурсид мир.

— Субҳидам, рӯзи чоршанбе.

— Чоршанбе, рӯзи бахайр аст, ман розӣ.

— Фикр ва нақшаам ҳамин аст, мир. Боз шума ягон гапи иловагӣ дошта бошед, ҳарду маслиҳат микуним.

— Ман ҷангро намефаҳмам, Анвар. Ҳафтод пушти авлоду аҷдодам ҷанг накардааст. Имрӯз маҷбурам, ки дар роҳи шариати ислом, дар роҳи ҳақ ҷонбозӣ кунам!

— Хайр, ман гуфтанӣ нестам, ки аз нав нақшаи ғазовата кашед. Шумо, мир, дар ҷангҳо иштирок накарда бошед ҳам, марди донишмандед. Дар ҷанг касе ғолиб мебарояд, ки дар ақл афзалият дошта бошад.

Давлатманд-бий аз таърифи Анвар хушнуд гардид ва фикри худро гуфт: —Як рӯз пеш саркардаҳои ҳукумат, Азизулло ва чор-панҷ нафари дигарашро пинҳонӣ аз байн бардорему баъд ғазо кунем-чӣ?

— Бисёр хуб. Агар аз уҳдаи ин кор бароем, чӣ мепурсед, — гуфта ба ақли мир қоил шуд Анвар ва гапашро давом дод: —Он вақт пайравони онҳо азо мегиранду мову шумо бошем, якбора ба ғазо хеста, онаи зори ҳамаашонро, худо хоҳад, нишон медиҳем!

— Барои иҷрои ин кор киро мефиристем?

— Ортиқбой ҳамроҳи се-чор нафари дигарро.

— Ортиқа мешиносанд.

— Хайр киро мефиристем?

— Ҷунайду Тӯхташ чӣ? Онҳо ба мо содиқанд, яроқҳоро онҳо оварданд, ку.

— Забони тоҷикиро он қадар хуб намедонанд. Метарсам, ки ба даст наафтанд.

Давлатманд-бий андак фикр карда даст ба пешонӣ молида гуфт:

— Гӯш кун, Анвар! Иҷрои ин корро ба Тоҷиддин месупорам, Тоҷиддин аз ӯҳдаи ин супориш мебарояд.

— Боз мисли ҳамон Болта ин Тоҷиддин ҳам фиребат надиҳад?

— Не, Анвар. Тоҷиддин мусулмони асл, писарамак аст бо ман. Дар пеши чашми худам калон шудааст. Хатоеро дар ҳақам раво бинад, нону намакам кӯраш мекунанд. Ман ба ӯ кафолат медиҳам.

— Ихтиёрат, мир. Ҳар навъе карда худи ҳамин бегоҳ бояд ин корро ташкил кунем, набошад дер шуданаш мумкин. Ман бо дурбин як бори дигар роҳу пайраҳа, теппаву дараҳои Ховалинга аз назар гузаронида нақшаи ғазоро аниқтар муайян кунам, пас гашта зуд ба Яп рафтанамон лозим. Ба ғазо аз ҳоло тайёрӣ дидан даркор, мир!

Давлатманд-бий қаноатмандона ба сӯи аспаш рафт, ки савор шавад.

Анвар пошшо рӯ ба сӯи Ховалинг дар сари теппа болои сабзаю гулҳои навруста ба шикам дароз кашид ва дурбинро ба чашм бурд.

## БОБИ XXIV

— Як-ду-се… панҷоҳ. Аввали замин ҳаққи Муртазо. Биё очаи Валӣ. Аз шири модарат ҳалолат бод. Заминатро соҳибӣ кун!

Муртазо дар роҳи инқилоб барои мо ҳалок шуд. Ҳаққи аввал аз ӯ, —гуфт Азизулло ва Қумрии зани Муртазо омада заминашро нишона монд.

— Боз навбати кӣ? –пурсид Азизулло, баъди аз аввали замини Дашти Бобоӣ панҷоҳ қадам ҷудо кардани ҳаққи Муртазо.

— Навбати Ҳуснигули зани Қаландар, —ҷавоб дод Камоли оҳангар ба варақаи дасташ зеҳн монда, —биё Ҳуснигул, ҳаққатро соҳиб шав! –гуфт.

— Биё, момаи Ғарибгул худат ҳам замината гир! –гуфт Камол ва кампир аз паҳлӯи Гуландом ба назди Азизулло, ки қадам зада ба чен кардан машғул буд, рафт, вале зани Қаландар худдорӣ карда дар саргаҳи замин истод. Аз афташ занак шарм кард.

— Бачам, садқаи хоки поҳотон шавам, замини мара ба номи навасаам Асрорҷон нависен, —гуфт момаи Ғарибгул. –Ма имрӯзум ё пагоҳ, офтоби сари кӯҳум, бачам. Баъди сарум навасаам азоб накаша, мегум.

— Мома, ҳарчӣ гӯӣ, хоҳишата ба ҷо меорем, —гуфт Камоли оҳангар ва момаи Ғарибгул набераашро ҷеғ зад.

— Асрорҷон! Биё, бачам. Ба пеши амакҳоят биё. Ҳақта соҳиб шав.

Кампир ҳамроҳи набераш ба рӯи ҳиссаи заминашон қадам монданд ва момаи Ғарибгул ба ҷои нишондоди Камоли оҳангар асояшро халонда, рӯ ба қибла гашта сари по нишаст:

— Худо беваю бечораҳора ҳам медидааст. Худо умри ҳазорсолаатон диҳад, ҳукуматдорон! –гуфта дуо кард момаи Ғарибгул.

Азизулло боз қадам зада ба заминченкунӣ даромад.

— Як, ду, се… панҷоҳ қадам. Ана ин ҳаққи Қаландар. Нишона мон, акаи Камол, —гуфт Азизулло.

— Зани Қаландар! –фарёд кард Камоли оҳангар ва ҷавобе нашунида илова намуд:

— Ҳуснигул, дар куҷоӣ? Омадаӣ ё не?

— Ҳаминҷоям, акаи Камол. –гуфта зани Қаландар аз байни одамон баромада ба наздаш рафт.

— Хоҳар, аз бари замини момаи Ғарибгул то ин нишона замини шумо. Бача ба бачаатон насиб кунад! –гуфт Камоли оҳангар…

— Боз кӣ монд? –пурсид Азизулло.

— Бобои Хоркаш, Ҳусноро. Ҳолӣ одамҳои зиёд замин нагирифтанд, —ба рӯйхат зеҳн монда гуфт Камоли оҳангар ва бобои Хоркаш, ки андак дуртар аз онҳо истода буд, —биёед, бобо, ки навбати шумо будааст, —гуфт.

— Бачам, гапҳота фаромӯш накардаӣ? –пурсид аз Камоли оҳангар бобои Хоркаш.

— Не, бобо. Худат ҳақта, ки гирифтӣ аз бари заминут ма ҳаққи худма нишона мемонум, —гуфт Камол.

Мӯйсафед хушҳол ба сари ҳиссаи заминаш омаду оҳани испорашро, ки аз устохона ба худ оварда буд, ба замин монда андак хоки мулоимро ба каф гирифта бӯса карду ба дидагонаш молида ба димоғ бурд. Хоки нарм бӯи ҳаёт, бӯи гуворои зиндагии тозаву озода мекард.

— Дар бӯт бимирум, замини бобоӣ! Пештар номут аз мо буду худут аз дигарҳо. Ҳазорон шукр, ки мо ҳам дар охири умр соҳиби замин шудем. Бобову бобокалонум ҳама умр соҳиби як каф ворӣ

замин шудана орзу мекарданд, орзуҳошона ба хок бурданд. Имрӯз насиби мо будааст, —гуфта бобои Хоркаш шукрона кард.

— Акнун ҳаққи маро андоза кунед! –аз Азизулло хоҳиш кард Камоли оҳангар ва илова намуд: —Ма ҳамроҳи бобои Хоркаш шарикӣ кишт мекунум. Ба мӯйсафед ваъда дода будум.

— Ихтиёр дар дасти бахтиёр, —гуфта Азизулло бо қадамҳояш ҳаққи замини Камоли оҳангарро ҳам ҷудо карда сангеро дар ҷои қадами охиринаш нишон монд.

— Ғуломалӣ, дар куҷоӣ? –гуфта овози Камоли оҳангар баланд шуд.

— Дар қатори шумоям, ака! –аз пушти зини Гули Бодом ҷавоб дод Ғуломалӣ.

— Биёед, ки аз дигар қишлоқӣ гуфта фаромӯшат накунем! Аспата ҳай карда ба сари заминат биё, додар. Дар рӯйхат баъди номи мо аз они ту будааст.

Ғуломалӣ аспро имо карда ба ҷои нишондоди Камоли оҳангар омад ва Азизулло ҳаққи замини ӯро андоза карда дод.

— Як, ду, се… панҷоҳ қадам. Ҳусноро, бахтат хандид. Номат дар рӯйхат аз қафои Ғуломалӣ навишта шудааст. Ту ҳам, хоҳар, ҳақ дорӣ, аъзои ҳукумати моӣ. Шарм накарда ба ин ҷо биё, заминта соҳиб шав! –гуфт Азизулло.

Ҳусноро ба бари Ғуломалӣ, ба сари заминаш омад.

— Як, ду, се.. панҷоҳ қадам. Ин ҳисса ҳаққи Устозайниддин, —гуфт Азизулло.

Мӯйсафед харобаи гардандароз саросема ба бари замин омада ҳаққашро соҳибӣ карданӣ шуд.

— Шартамон ҳамин, бобои усто, —дар ҷои нишонаи қадами охиринаш истода гуфт Азизулло, —мисли дигарҳо ба ғайр аз ин замине, ки мо ба шумо додем, баробари ҳама ба Дашти Ҳазормана ба кор мебароӣ. Замини ҷамъиятира якҷоя шудгор карда ғаллаи шарикӣ мекорем.

— Ҳарчӣ фармоен, иҷро мекунум. Фақат ба ҳама баробар заминум диҳен. Ма ай дигаро чӣ камӣ дорум?!

— Ба ҳама баробар ҳақатона панҷоҳ қадам ҷудо кардам, боз аз чӣ норозиед? –пурсид Азизулло.

— Ба назарум қадамота андак кӯтоҳ-кӯтоҳ монда ҳисоб кардӣ, —гуфт мӯйсафед.

Азизуллоро Устозайниддин тӯҳмат карда бошад ҳам, ӯ қаҳрашро фурӯ нишонда: —хайр худатон аз назди Ҳусноро рафта бо қадамҳоятон панҷоҳто ҳисоб карда ҳақатона бигирен, —гуфт.

Устозайниддин доман барзада ба назди Ҳусноро, ки ҳанӯз дар пеши нишона меистод, рафт ва ба қадамзанӣ сар кард. Ӯ саллаашро ба даст гирифта чунон қадамҳои калон-калон мепартофт, ки ҳангоми ҳаракат гоҳо мувозинаташро гум карда қариб, ки меафтид ва аз нав қадаммониашро тез карда ба пеш медавид.

Аз ин рафтори ӯ Азизулло завқ кард. Дигарон ба ҳоли Устозайниддин хандиданд. Танҳо Камоли оҳангар ба ин рафтор тоқат карда натавонист ва баъди ҳисобро тамом карда ба наздаш омадани Устозайниддин, ки «ҳаш-ҳаш» карда нафас мегирифт, пурсид:

— Хайр, чанд қадами дигар зиёдатӣ гирифтӣ, амаки Усто?

— Як қадам.

— Яъне як қадам аз дигарон зиёдатӣ соҳиб шудӣ. Майлат. Дар рӯйхат чанд ҷуфти гов нависонда будем?

— Чор ҷуфт.

— Ҳаққи заминаta бо зиёдатиаш гирифтӣ, насибат кунад. Нишона мон, ки боз пагоҳ аз дигарҳора аз худам гуфта соҳибӣ накунию ҷанҷол бардорӣ!

Устозайниддин ду санги калонро оварда дар ҷои қадами охиринаш ба замин кӯфт, ки дар замини мулоим нисфи сангҳо даромаданд.

— Ана, нишона, ки мондӣ, заминат гум намешава. Рафта се ҷуфти говата бо юғу испорҳояш оварда ба номи одамҳои бе гов гузарону баъд бо як ҷуфти гови худат ҳаққи заминаta шудгор карда ғалла мекорӣ! –гуфт Камоли оҳангар.

— Говҳо дар подаанд.

— Боз фиреб накунӣ?!

— Ба худо, ки дар подаанд?

— Гови ҷуфтира то ҳолӣ касе ба алафи сабз сар надодааст, ку? Саҳарӣ аввал говҳора оварда ба одамҳо месупорию баъд ба сари заминат меоӣ!

— Ғуломалӣ чанд гов супорид?! Ӯ духтари рӯсиёҳӣ шарманда ба ҳукумат чӣ дод, ки ай ма талаб мекунен?!

— Кадом духтар?! –ба қаҳр пурсид Камоли оҳангар.

— Ҳамон сағерадухтари хонаи Хоркаш! –гуфт Усто Зайниддин.

Ҳусноро ин таънаро шунида ҷиззӣ гирён шуду аз шарм дар ҷояш нишаста бо ду остини куртаи карбосиаш рӯяшро пӯшонид. Камоли оҳангар ин ҳолатро дида дигар тоқат карда натавонист.

— Падарлаънат, худат рӯсиёҳӣ! Ба Ғуломалию он духтар чӣ кор дорӣ?! Кӣ он духтарро шарманда кард, ки ту таккариш дар ҳаққаш гапи носазо мегӯӣ?!

Аз замин баро, ки зада майда-майдаат мекунам!!!

— Ҷангу ҷанҷол накунед! –гуфта Азизулло ба мобайн даромад, вале Камоли дарғазаб Азизуллоро ҳам гардан надода аз гиребони ҷомаи Устозайниддин дошта ӯро кашола карда аз замин бароварда.

— Дина шаб раҳама намегирифтанд, барои гандуми тухмира пинҳон карданат, адабата медодам. Боз имрӯз аъзоёни ҳукумата ҳақорат медиҳӣ?!

— Ҳукумат, ки шудед, ҳамара ба як чашм нигоҳ кунен! –гуфта Устозайниддин гиребони ҷомаашро аз дасти Камол раҳо кардӣ шуд, вале натавонист.

— Мо ба чанд чашм нигоҳ кардем?! Ту мӯйсафеди рӯсиёҳа дина барои гандум чизе нагуфтум, имрӯз ба сармон чормағз мешиканӣ?!

Э, садқаи замини ҳукумат шавӣ, номусулмон! –гуфта Камоли оҳангар дасташро аз гиребони усто Зайниддин гирифт.

Ин дам ӯ аксари мардум ҷанҷолро шунида ҷамъ омаданд.

Усто Зайниддин дигар ҳарфе нагуфа бо сари хам ба сӯи хонааш роҳ пеш гирифт.

— Кадом вақте ки се ҷуфти барзагова ба ин ҷо оварда бо ду дасти адаб ба аъзоёни ҳукумат супоридӣ, он вақт замин мегирӣ, набошад, бимирӣ ҳам, ба чашмот ай ин замин хок намепошем, ки чашмот сер шаванд. Мурдаи ту касофата дар и замин роҳ намедиҳем, фаҳмидӣ ё не?! –аз қафои усто Зайниддин гуфт Камоли оҳангар ва илова намуд:

— Дониста мон, ки агар говҳора нобуд кунӣ, пот дигар замина надида худата аз ин ҷо гум мекунем!!!

— Раҳимбой, наздик биё! –гуфта Азизулло баъди рафтани усто Зайниддин, марди дигарро даъват намуд.

— Хайрият, ки моро ҳам ёд мекарден. Ба мо ҳам замин медоден? –ба зарда гуфт Раҳимбой, вале Азизулло ин гапи ӯро ба инобат нагирифта, аз сари марза поён хамбид.

— Аз бари замини усто Зайниддин ҳаққи шумо. Заминаро нишона мон. Ҳамаи шартҳое, ки ба усто Зайниддин гуфтем, ба шумо ҳам тааллуқ доранд.

— Чӣ шартанд онҳо? –худро ба нодонӣ зада пурсид Раҳимбой.

— Саҳарӣ аввал барзаговҳои ба рӯйхат нависондагиро оварда ба аъзоёни ҳукумат месупориву баъд ҳаққи заминта шудгор мекунӣ. Боз ба заминат чоряккор кор нафармоӣ?!

— Э, не додар. Вақти чоряккор кор фармудан гузашт.

— Боракалло, амаки Раҳимбой. Хайр, дар умрат як бор дастаи испорро дошта худатон ғалла коред, зарар надорад. Нони меҳнатӣ ширину болаззат аст, мегӯянд.

— Ман ай кор рӯ наметобум. Барзаговҳома оварда месупорум. Насиб ҳамин будааст.

— Ин қадар одами хуб, ки бошед, байни ана ин ду нишона, аз сари замини усто Зайниддин то ин ҷо ҳаққи замини шумо. Насиб кунад.

— Ин қадар давлату молу ҳол насибам, ки накард, як ваҷаб замину ту насибам мекуна?!

— Давлату молу ҳол аз меҳнати мардум, ки буд, ҷамъиятӣ мешаванд. Ин ҳиссаи замин бошад, ҳаққи ҳалоли худат аст, ки ҳукумат муносиб дидааст. Агар рафтору муомилаи нек дошта бошӣ, и замин ҳалолат бод, агар чун дирӯза фиребамон кунед, заминатона гирифта ҷамъиятӣ мекунем. Минбаъд кор кунӣ, нон мехӯрӣ, кор накунӣ, касе ба ту ягон пора нон намедиҳад!

Раҳимбой аз ҷанҷоли усто Зайниддин ва муносибати Камоли оҳангару Азизулло фаҳмид, ки гарданшахию беитоатӣ фоидае надорад, беҳтараш имрӯз ба гуфти онҳо амал кунаду дар байни аҳли деҳа шарманда нашавад. Хар ки хар аст, аз пода қафо монад, ёлу думаш мерезад, фикр кард Раҳимбой, бинобар ин ҳарчӣ ҳам бошад, белро бо равиши об задан лозим, —хулоса бароварда ӯ.

— Дар шаҳри якчашмаҳо, ки рафтӣ, як чашмата кӯр накунӣ намешавад. Маҷбурам, ки сара хам карда мувофиқи гуфтаатон амал кунам, —гуфт Раҳимбой.

— Ба ҳар ҳол забонта андак нигоҳ дор, амаки Раҳимбой. Мувофиқи гуфти мо амал кунед, бароятон хуб мешаваду бад не, —гуфта Азизулло дигар маҳтали ҷавоб наистода аз назди Раҳимбой ба ҷои исти Камоли оҳангар, ки ӯ ҳамроҳи Ғуломалию усто Сайёд ва бобои Хоркаш хурсандона сӯҳбат доштанд, рафт.

Усто Ҳисайни ёғӣ ҳам хабари таксими заминро шунида ба Дашти Бобоӣ омада буд ва ин дам маҳтали ба ин ҷо расидани Азизулло ҳамроҳи мардҳо сӯҳбат дошт.

— Хуш омадед, акои Усто. Хайрият, ки якдигарро медидаем, —баробари ба назди мардҳо омадан гуфт Азизулло ва бо усто Ҳисайн салому алек кард.

— Овозаи тақсима шунида омадум, ки бубинум, ки ҳамин гапҳо рост бошанд, —гуфт усто Ҳусайн.

— Хайр ба ростии кори мо бовар кардӣ ё не? –пурсид Азизулло.

— Додар, ба чашмонум, ки дидум, бовар кардум. Ҳақ тани шумо, ҳамӣ қадар гуфтум, ки ба ягонтатон шарик нашавум, ки натонистум. Сари танҳома дар гур мезанум! Ҳама барои зиндагиву рӯзгузаронӣ ҷунбуҷул дорану ма дар канор. Ҳамаи қишлоқ яктарафу ма як тараф. Биё, додар мара ҳам ба қатори дигарҳо ба аъзогии ҳукумат қабул кун. Хатома бубахш. Ба умеди ёғигиам ай зоғ ҳам мондуму ай Разоқ ҳам. Ҳама замин гирифтану ма дасти холӣ мондум.

Мард бо сари хам дар рӯ ба рӯи Азизулло маҳтали ҷавоб истод.

— Акаи Камолу усто Сайёд ва дигарҳо розӣ бошанд, шумора албатта ба аъзои ҳукумат қабул мекунанд, —гуфт Азизулло.

— Мо, розӣ, —гуфтанд Камоли оҳангару усто Сайёд.

— Мардак аз ёғигӣ буромада ба пои худуш омадаст, барои чӣ қабулуш намекунем? Усто Ҳисайн мардаки хубай, —гуфт бобои Хоркаш.

— Аз бари замини Раҳимбой панҷоҳ қадам чен карда гиру баъди нишона мондан рафта ҷуфти говҳоята ба сари замини Ҳазормана ҳай карда бар, —гуфт Азизулло ва усто Ҳусайн ба сари заминаш рафт.

— Рӯз ҳоло вақт аст, —акаи Камол, баъди рафтани усто Ҳусайн гуфт Азизулло. –Ба мардум эълон кунед, ки рафта юғу испорҳояшона гиранду ба замини Ҳазормана бароянд.

— Ҳамин рӯз ба кишту кор сар мекунем? –пурсид Камоли оҳангар. Имрӯз рӯзи иди Наврӯз, рӯзи аввали сол, рӯзи сар шудани кори деҳқонӣ. Падару бобо, авлоду аҷдодонамон дар ҳамин рӯзи сешанбе дона зери хок мекарданд, ки якашон даҳ гардад, тамоми сол серию пурӣ шавад.

— Рост мегӯяд, бачам, Камол. Имрӯз, ки ба кишт сар накунем, кай сар мекунем? –гуфт бобои Хоркаш.

Камоли оҳангар домани ҷомаашро бар зада лабҳои онро чап гардонда ба локиаш андармон намуду бо овози баланд эълон кард:

— Мардум! Ҳама ба гапам гӯш диҳед! Ҳаққи заминҳоятона ҳар кадом нишона монда, ҷуфти гов доштагиҳо юғу испорҳоямона ба сари замини Ҳазормана, ба замини ҷамъиятӣ меорем. Мардону занҳо касони бебарзагов каланду бел гирифта меоянд. Ҳама ба номи рӯз якҷоя ғалла мекорем!

Соате нагузашта хурду калони деҳа ба сари замини Ҳазормана, ки пештар ин замин ҳам мисли замини Дашти Бобоӣ ба Ғаюрбек тааллуқ дошт, омаданд.

Камоли оҳангар барзагови худро бо гови усто Сайёд дар як юғу испор баста ба сари замин овард. Аз қафои ӯ Ғаффори гузариқозигӣ ва усто Ҳисайну дигарҳо юғу испарҳояшонро оварданд.

Бобои Хоркаш оҳани кории испори худро бо нӯги испори Камоли оҳангар ҷо карда барзаговҳоро ба сари замин ҳай карда ваноғ гирифт. Аз қафои ӯ Азизуллою Камоли оҳангар ва усто Сайёду дигарон ҷуфти барзаговҳояшонро аз сари марза ба поён хамбонданд. Камоли оҳангар ва дигарҳо ба кори мӯйсафед зеҳн монда, аз таҳти дил хурсанд буданд.

Занону духтарон каланд дар даст ба нарм кардани бармоли болои марза сар карданд.

Гуландому Ҳусноро паҳлӯи ҳам дар қатори дигарон бо шавқ каланд мезаданд.

Ғуломалӣ Гули Бодомро ба танаи дӯлонаи нав муҷча карда болои реша баста, ба сари ваноғ хамбида аз қафо ба бобои Хоркаш расида гирифт. Ӯ ба дарду сӯзиши ҷароҳат тан надода бо як даст дастаи испорро дошта ҳамроҳи мӯйсафед замин шудгор мекард.

## БОБИ XXV

Офтоб ба ғуруб наздик шуда бошад ҳам, Ғуломалӣ қалам болои қоғаз, —алиф, бе, те, —гӯён хат машқ мекард. Ҳарфҳои бо дасти чап навиштааш кучу килебанд. Афсӯс мехӯрад, ки дасти росташ маиб аст, вале бо ин ҳол ҳам ӯ хурсандӣ дорад, ки савод меомӯзад. Мулломирҷон баъди дарси ҳаррӯза ва таълими кӯдакони аҳли деҳа бегоҳӣ ба хонаи онҳо меояд ва дар қатори понздаҳ нафар ҷувонону мардҳо ба ӯ низ дарс мегӯяд. Ба ҳар кас сабақ дода чанд муддат хондан ва навиштани ҳарфҳоро ёд медиҳад ва баъд то як поси шаб «Ҳофиз»-у «Бедил» ва «Шоҳнома»-хонӣ мекунад. Дар синну сол аз бисёрии ба ин ҷо омадагон хурд бошад ҳам, Мулломирҷонро ҳурмат мекунанд. «Дар маъракаҳо бологузар аст. Дар мадрасаҳои Бухоро илм омӯхтааст, бачаи мардак», —мегӯяд мардум.

— «Одами бесавод мисли кӯр аст», —мегӯяд Мулломирҷон доим. Азизулло ҳам таъкид мекунад, ки савод дошта бошӣ, ба одаму олам дигар хел нигоҳ мекунӣ. –«Бештар хондану навиштанро машқ кун», мегӯяд ӯ. –«Машқ ки кардӣ хондану навиштанро ёд мегирӣ»…

Ғуломалӣ саргарми навиштан буд, ки –«Акаи Азизулло! Ҳо акаи Азизулло!» —гуфта фарёд кардани касеро шунида, —«лаббай, —гӯён ҷомаашро дар китф гирифту ба берун баромад.

Дар назди чапараки хавлӣ ҷавони навчае болои аспи туруғ меистод. Аспи дар обу арақ шип-шилта сагаки лаҷомро кавша карда ба замин сум мекуфт.

Ғуломалӣ ба беруни чапарак, ба назди ҷавон рафта бо ӯ вохӯрӣ намуд. Ҳис кард, ки савор аз роҳи дур омадааст.

— Хато накунам, акои Азизулло Акбар шумоед? –пурисд ҷавон.

— Не, ман дигар касам. Азизулло ба штаб рафт. Ҳамин замонҳо бояд биёяд. Биё аз аспат фуро, додар, меҳмонат бигирам. Азизулло, ки омад кората баробар мекунӣ.

— Наметавонам. Акои Азизуллора бинам, баъд мумкин, меҳмон шавам, —гуфт ҷавон.

— Аспата ҷӯра, ин қадар давондаӣ, ки баданаш кафк баровардааст, —гуфта Ғуломалӣ сару рӯи аспро дастмол намуда, дилсӯзӣ кард.

— Ай Кӯлоб қариб, ки давонда омадамаш.

— Аспа сӯзондам, бигу! Чӣ ин қадар кори зарур будааст, ки ба ҷанвар ҷабр кардӣ?

— То торик шудан расам, гуфтам. Акаи Азизуллора диданам даркор. Кофтаву пурсида хонара ёфтаму худашон боз набудаанд. Ака, штаба нишонам медодӣ.

— Ҳу ана дар боли теппаи паси чанорҳо байрақ (парчам) менамояд ку, ана ҳамон бинои штаб аст. Биё ҳардумон меравем. Бо ҳамин баҳона ма ҳам як беруна дида аз ҳавои тоза нафасама рост кунам, —гуфта Ғуломалӣ пеш-пеш ва ҷавони савор аз қафо ба роҳ баромаданд.

Дар штаб аъзоёни ҳукумати инқилобӣ ҳамроҳи дастаи ихтиёрон ва командирони Аскарони Сурх ҷамъ омада буданд.

Ғуломалӣ саворро дар майдони назди штаб манъ карда, худ дари масҷидро кушод ва хабар дод, ки ҷавоне Азизуллоро суроғ карда омадааст. Азизулло иҷозат пурсида ба берун баромад.

— Шумо мара пурсидед? –баъди вохӯрӣ ба ҷавон, ки аллакай аз асп фуромада буд, гуфт Азизулло.

— Азизуллои Акбар шумоед?

— Худи худаш.

— Маро Рустами Содиқ наздатон фиристоданд.

— Ягон супориши муҳим баромад?

— Аз ин муҳимаш нест. Хуб шуд, ки офтоб нашишта расида шуморо ёфтам. Дар хавф будам, ки мабодо ба аспам ё худам ҳодисае шаваду расида натонам, чӣ гуноҳи азиме содир мекунам! –гуфт ҷавон ва ба Ғуломалӣ, ки андаке дуртар меистод, ишорат карда пурсид:

— Ин кас додаратон мешаванд?

— Аз додар ҳам азиз. Номи Ғуломалира нашунидаӣ?

— Ғуломалии Гули Бодом, ҳамин касанд?

— Худаш.

— Марди хуб будаанд. Номашона шунидааму ба ҳар ҳол барои аниқ кардан аз шумо пурсидам.

— Нағз кардед. «Девор муш дорад, муш гӯш дорад», —мегӯянд. Супориши ҷиддӣ, ки бошад, ҳамин хел рафтор карданамон даркор.

— Исми шарифи шумо кист?

— Анвар. Анвар ном дораму вале пошшо нестам, —ба шӯхи ҳозирҷавобӣ кард ҷавон ва илова намуд: —Анвари Содиқам:

— Э, шумо писари акои Рустамед.

— Фарзанди калонишон.

— Ҷавон бошед ҳам, одами пухта будаед. Хайр гап занед, додар. Ма аз Ғуломалӣ сирри пинҳон надорам. Чӣ супорише, ки шуда бошад гӯед.

— Ҳамин шаб ғозиён ба шумо сӯиқасд карданианд. Таъкиди падарам ҳамин.

— Мо дар дами нафаси ғозиён хабар надорему он кас дониста будаанд. Мақсади ғозиёнро коркунони ЧК фаҳмиданд ё ягон каси дигар?

— Ягон дусад ғозӣ аз ин ҷо гурехта ба Кӯлоб омада гуфтанд.

— Кай гурехтанд?

— Дина шаб. Худашон бо ихтиёри худ, бе яроқу аслиҳа, субҳидамӣ ба Кулоб расида пурсуҷӯ карда штаби ҳукумати инқилобиро ёфтанд.

Ду касаш ба назди падарам даромада арзи ҳол намуданд.

— Номҳошона намедонӣ?

— Якеаш Ҷунайд, дигараш ба фикрам, Тӯхташ.

— Саркардаҳои навкарони Анвар пошшо?

— Намедонам.

— Ма онҳоро медонам. Ин каллабурҳои гузаро аз Бойсун, аз думболи Анвар бо ин ҷо омаданд. Бо сарварии ҳардуи онҳо аз Афғонистон барои ғозиёни Давлатманд камону тири зиёд харида оварданд, лекин ҳайронам, ки бемубориза таслим шуданӣ, ки буданд, бо кадом мақсад ба Ховалинг, ба назди мо наомада ба Кӯлоб рафтаанд?

— Аз тарси ҷон, —дар Ховалинг, –гуфтанд онҳо, —Давлатманду Анвар моро дастгир карда мекушт, барои ҳамин ба Кӯлоб омадем.

— Дар таги коса нимкоса набошад?

— Не. Онҳо ҳама гуноҳи худро рӯирост иқрор шуданд. Хоҳиш карданд, чӣ ҷазое, ки ҳукумати нав дар ҳаққашон раво бинад, розианд. –Аз беақлию нодонӣ бар зидди ҳукумат ғозӣ шудем, —гуфтанд.

Мисли онҳо ғозиёни Болта ҳам ба ихтиёри худ омада камону тирҳошона супориданд.

— Хайр Ҷунайду Тӯхташ, ки хатоии худро сари вақт фаҳмида бошанд, ҳукумат аз гуноҳашон мегузарад, лекин ба инҳо, ба Давлатманд-бийю Анвар пошшо чӣ хел рафтор кунем?! Хайр, ягон фикр карда бо маслиҳати командирон ба хулосае меоем, —маҳтали ҷавоб наистода гуфт Азизулло. –Шумо, Анварҷон, бо Ғуломалӣ сӯҳбат карда истед, ма аз командирон ҷавоб пурсам, баъд ба хона меравем. Писари дӯстамон будаед. Мо нону намаки падарата дар ғарибиҳо бисёр хӯрдаем. Ту ҳам як пиёла чои моро хӯрӣ зарар надорад, —гуфта Азизулло ба штаб, ба назди Скрепнику Бойченко ва сардорони отряди ихтиёриёни Мирзотӯра рафт.

## БОБИ XXVI

Тоҷиддин бо чунин шармандагӣ ба назди мир ҳозир шуданро раво надид. Ҳарчанд ба ӯ гуфта буданд, ки баъди иҷрои супориш кадом вақти шаб, ки бошад, фавран ба хонаи мир омада ба ӯ хабар диҳад.

Ҷавон ба торикии шаб аҳамият надода аспро дупушта қамчин зада раҳораҳ фикр кард, ки акнун аз ӯҳдаи иҷрои фармони Давлатманд-бий баромада натавонист ва мир ин гуноҳашро ба ҳеҷ вақҳ намебахшад. Ҷонаш аз ин дар хатар аст.

Вақтҳои охир Давлатманд-бий аз андак кор дар ғазаб мешуд. Ҳеҷ касро барои камтар гуноҳ поси хотир ҳам намекард.

Тоҷиддин субҳ надамида ба Яп расида рост ба хонаи бародараш омад ва Шамсиддин туқсабо ҳамин, ки овози бародарашро аз беруни дар шунид, аз ҷойгаҳ бархоста баъди дарро кушодан ба берун баромад ва аз Тоҷиддин пурсид:

— Сиҳату саломат омадӣ, додар? Сафар бехатар гузашт?

— Не, ака. Аз рафтагиҳо фақат ма зинда мондум.

— Ба ҳаминаш ҳам шукр. Дигарҳо чӣ? Биё, ба хона даро, — гуфта Шамсиддин туқсабо аввал Тоҷиддинро аз дар даровард ва баъд худаш ба хона ворид шуд.

— Ҳамаашон шаҳид шуданд, —гуфт Тоҷиддин, баъди ба хона даромадан.

— Бало ба паси дигарҳо! Худат, ки зинда мондӣ, шукри ҳақ. Ку гап зан, Азизуллора куштед ё не?

— Не. Нашуд. Сулотҳо аз рафтани мо хабардор буданд. Вақти ба қишлоқ даромадан, ҳамара хостанд дастгир кунанд. Тирпарронӣ кардем. Чанд салоти кофирра ку, куштем, лекин чор каси ҳамроҳи мо рафта ҳам мурданд.

— Ту чӣ ҳилла кардӣ, ки зинда мондӣ?

— Тирпарронӣ сар нашуда маву ҳамроҳом дар даруни ҳандақ будем. Ҳар чори онҳора ба пеш, ба дари чапарраки хонаи Азизулло рафтан амр кардам. Онҳо ба сари хандақ буромада буданд, ки салотҳо овоз бароварда кӣ буданмона пурсиданд.

— Ҳамраҳҳои ҳайвонам даррав ба тирпарронӣ сар карданд, ки ҳар чораша салотҳо ҷо ба ҷо парронданду ҷар шуда ба пешум афтиданд. Ма дар даруни ҳандақ ҳамон лапи задагиам аз ҷоям наҷунбидам. Фикр кардам, ки дар байни дигарҳо дар ин шаби торик мурдаам гумон мекунанд, ки нашид. Зинда дастгирум карданд.

— Қину азобат доданд? Задандат, албат?

— Заданда ку заданд, то нисфи шаб пурсу посам карданд, баъд сардоршон, ҳаму Азизуллои гуфтагитон ба номи мир мактуб навишта ба дастум дод, ки бурда ба Давлатманд-бий супорум.

Тоҷиддин коғази чорқадеро аз миёни локиаш кушода ба бародараш дод.

Шамсиддин туқсабо коғазро кушод ва ба назди чароғ бурда пилтаи онро аз дохили равған андак берун кашид, ки равшаниаш зиёд гардад ва ба навиштаҷоти рӯи коғаз чашм давонда онро беовоз хонд.

— Бо ин мактуб мир сарта ай тан ҷудо мекунад, додар! –баъди хондани хат гуфт Шамсиддин туқсабо.

— Мегӯӣ, ки хата ба мир насупорам? –пурсид Тоҷиддин.

— Намедонум, супорӣ як бало, насупорӣ балои дигар. Ба ҳар ҳол дар хат гапҳои бамаънӣ зиёд ҳаст. Онро супорӣ шояд мир аз раъяш гардаду аз куштанат даст кашад. Агар мактуба насупорӣ, ягон далели шаръие надорӣ, ки ҷонта харида тавонӣ.

Шамсиддин туқсабо андеша карда, гуфт:

— Сару рӯта бо ҷиғели кӯҳна-пӯҳна печонда худата абгор вонамуд куну дар ҳамин ҷогаҳи ман хоб рав. Аз афташ рӯз равшан

шуда, вақти намоз ҳам шид. Ма худам мактуба бурда ҷонта халос накунум, дигар илоҷе надорем, додар!..

— Додарут кӯ?! Дигар сагҳояш куҷоянд?! —ба ғазаб пурсид Давлатманд-бий баъди фотеҳаи намози ҷамоаи бомдод, пас аз он ки Шамсиддин туқсабо мактубро ба дасти мир доду аз ҳоли Тоҷиддин ӯро огоҳ кард.

— Мирам, гуноҳи якборара худо мебахшад! Тоҷиддин сар то ба по маибу маслуқ дар хона ҷунбида наметонад. Кофирҳои лаъин зада абгораш кардаанд. Бо сару рӯи кафидаю варам, таги хуну халов ба назди шумо оварданша раво надидам, —ба оҳанги зорӣ гуфт Шамсиддин туқсабо ду даст ба пеши бар гирифта.

— Зинда боша, зинда, мурда боша, мурдаша ба ин ҷо кашида биёр, —фармуд мир.

— Шумо ҷону, ҷигар, аз кундаю решаам шуда, ба ма хиёнат мекунен, ай дигарҳо чӣ гила?

— Мирам! Аз гуноҳаш гузар. Фироқу доғ, алами Абдуллоқодири ҷавонмарг ба мову шумо камай, ки Тоҷиддина ба ғазабатон гирифтор мекунен. Парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам, ки ба шикасту марги кофирҳои лаъин розӣ набошанд, Тоҷиддин чӣ гуноҳ дорад?!

— Худо ба мурдани мусулмонҳо розӣ мешудаасту ба он кофирҳои лаънатӣ не?!

— Тақдирмон ҳамин будааст, мир. Ай дасти бандаи осии рӯсиёҳ чӣ ҳам меоя?!

Суханҳои Шамсиддин ба дили мир кора карданд ва хусусан баъди шунидани номи Абдулқодир ғазаби мир андак паст шуд. Боз дар миён Муллоисо тарафи Шамсиддин туқсаборо гирифта гуфт:

— Шери мулк! Тоҷиддин бандаи мӯъмину мусулмон, аз насабу хуни шумост. Лоҳавла гӯед. Шайтона аз худатон дур кунен, қаҳратон паст мешавад.

Давлатманд-бий гапи ҳарду дӯсташро гирифта аз рӯи ҷойнамоз бархоста бошад ҳам, вале фикру хаёлаш парешон, мактуб дар даст ба сӯи хонаи хоби Анвар пошшо ва Ҳоҷӣ Сомеъ рафт, то ки ба онҳо рози дил гӯяд ва аз ин ҳол хабардорашон кунад. Ин дам Анвар аз хоб бедор шуда болои ҷогаҳ дароз хамёза кашида бароҳат буд. Ҳоҷӣ Сомеъ ҳанӯз масти хоб хуррок мекашид.

— Хезон, ин ҳоҷии номусулмонта, пошшо! –баробари аз дар даромадан гуфт мир.

— Дар ин субҳидамӣ мир, чуноне ки дар шумо мегӯянд, зоғпоғ ҳай кардид, ё ягон зарурат доред? –пурсид Анвар аз ҷояш хеста болои ҷойгаҳи хобаш нишаст.

— Ана ина Тоҷиддин овард, —гуфт мир ва номаро ба Анвар дароз кард.

— Ин чӣ қоғаз аст? –пурсид Анвар.

— Мактуби саркардаи кофирҳо.

— Ай кӣ, ай кӣ?!

— Аз кияша нашунидӣ?!

— Наход ай Ховалинг, ай кофирҳо бошад?!

— И ноӯҳдабароҳо ба даст афтоданд, Анвар пошшо, —ба афсӯс гуфт мир, —он чор нафарша парронданду ин каҷовасарӣ Тоҷиддинаш ниммурда омадааст. Боз ана барои мову шумо савғотӣ, ин номаи бемӯҳри пойлучҳора овардааст! Омадам, ки онро якҷоя хонем.

— Э, бар падари инаш ҳам лаънату дигарҳояш ҳам! Дина шаб Тӯхташу Ҷунайд бо сагони думравонаш гурехтанд. Имшаб ин падарлаънатҳояш ба даст афтоданд?! –гуфт норозиёна Анвар ва аз мир хоҳиш кард, ки мактубро хонад.

Ин лаҳза Ҳоҷӣ Сомеъ низ аз хоб бедор шуда якпаҳлӯ рӯяшро ба тарафи Анвар пошшою мир гардонд ва хоболудона гӯш ба қимор истод.

Давлатманд-бий варақи коғазро кушода бо диққат ба хондан сар кард.

❁ ❁ ❁

«Давлатманд-бий бини Шариф Тура туқсабо! Ҳукумати инқилобии Ховалинг ба шумо, ба ҳама пайравонатон салому дуруд мефиристанд.

Ба хотири муборакатон маълум бод, ки дар саросари сарзамини Бухорою Бойсун, Ҳисору Душанбе ва Кӯлоб оммаи заҳматкаш ба тарафдории ҳукумати инқилобӣ гузаштанд. Дар қаламравии шумо ҳам қисми зиёди мардум ба ҳукумати инқилобӣ ҳаммарому якдиланд ва мо ба сохти зиндагии нав сар карем.

Дар ҳуҷуми аввалаатон худатон дидед, ки ба ҷуз хуни ноҳақ рехтан дигар муродатон ҳосил нашуд. Ҳамчунин сӯиқасди имшабаатон

ҳам барбод рафт, вале шумо боз аксари аҳолии Балҷувону Сарихосор ва Ёхсуву Дарвозро бар зидди мо барангехта ба ғазои нав тайёрӣ дида истодаед.

Шумо донеду огоҳ бошед, ки ҳукумати инқилобӣ ба шумо ва ҳама ғозиёнатон бадие карданӣ нест ва нияти ҷанг кардан ҳам надорад, ҳарчанд ки аз шумо дида пурқуввату тавоноем.

Аз ҳама хуб он аст, ки бе ягон моҷарою мубориза ба ихтиёри худ таслим шавед. Гуноҳи шумо ва ғозиёнатонро халқ, ҳукумати шӯро мебахшанд ва шумо дар қатори аъзоёни ҳукумат баробар ба роҳи зиндагии нав дохил мегардед.

Мо ва ҳимоятгарони инқилоб ба ин суханҳои худ ва ҳимояи шумо кафолат медиҳем.

Ба фикри мо аз ин роҳ дида роҳи ҳақиқат, роҳи адолатноки дигаре нест ва аз шумо, мир, умедамон ҳамин аст, ки хатои худро фаҳмида аз раъятон бармегардед.

Шумо, мир, марди оқилу доноед. Баду некро ба хубӣ фарқ мекунед. Шумо бар зидди омма хунрезӣ накунед, ки оқубат пушаймон мешавед ва он вақт пушаймонӣ суде надорад.

Мо ин мактубро фиристода ҷавоби мусбатеро аз шумо интизорем. «Раиси ҳукумати шӯрои Ховалинг Азизуллои Акбар.

Командири полки савораи ба номи Блинов В. Н. Скрепник».

— Мир! Ба гуфтаи малъунҳо бовар накунед! Онҳо шуморо ба фиреб муфт ба даст оварданианд! –саросема аз болои ҷогаҳ хеста гуфт Анвар пошшо ва ба рӯи Давлатманд-бий синчакорона зеҳн монда ваҷоҳати ӯро фаҳмиданӣ шуд.

— Ҳеъ, фиреб ки набошад чӣ будааст, пошшо?! –гапи Анварро қувват дода гуфт Ҳоҷӣ Сомеъ. –Онҳо аз қувваи мо тарсида, дигар илоҷе наёфта ин ҳилларо ба кор бурдаанд.

Анвар пошшо нағз медонист, ки Давлатманд-бий мусулмони комил аст ва ӯро танҳо бо ҳамин роҳ ба фоидаи худ истифода бурдан осон, бинобар ин ҷилави суханро ба дигар тараф гардонид.

— Кадом аҳмақ худаша ба дасти худ баста ба пеши пои сагони дайдуи кофир мепартояд?! –гуфт Анвар пошшо ва дид, ки мир коғази мактубро миёни панҷаҳояш ғиҷим карда ба оташи чароғ дар дода сӯхтанашро тамошо дорад.

Чароғаки умед ва боварие дар дили Давлатманд-бий фурӯзон гардида буд ва ӯ ба суханҳои мактуб андаке бовар кард, вале Анвар пошшо бо дами сарди худ оташи ин чароғакро хомӯш гардонид, боварии яклаҳзаинаи мирро барҳам зад.

Анвар барои фаҳмидани тахти дили Давлатманд-бий гуфт:

— Шума мир, худатон мидонид, ки кофирҳо аз авлоди шайотини лаъинанд. Коре карда онҳо ба дилу ҷонатон, ба мағзу устухонатон ҷо мегиранду мову шумора мутеъи худ мегардонанд. Худашон ку молики дузаханд, ману шумора ҳам расвоӣ ҳарду олам, рӯсиёҳӣ рӯзи маҳшар мегардонанд…

Суханҳои Анвар таъсир карданд ва Давлатманд-бий гуфт:

— Ма ҳам мақсадшона медонум. Онҳо мехоҳанд паланги шикориро бо дасти личаш ба чанг биёранд, лекин хаёли хом мекунанд. Алҳамдуллилоҳ ман бандаи мӯъмину мусулмонам ва калимаи шаҳодат ҳар лаҳза вирди забонам аст! То хоки пои номубораки ин малъунҳора ай мулкам ба хорҷоруб нарӯбонам, ба худои таолло бандагӣ накарда бошам! То ҷон дар бадан дорам, ҳама қуввату дармонма дар роҳи ҳақ субҳона-ва-таолло, ҳазрати Муҳаммади Мустафо сарф мекунам. Ё Алӣ, мададгорам шав! –гуфта мир рӯ ба қибла гардониду ду даст ба дуо бурд.

Анвар пошшою Ҳоҷӣ Сомеъи ҳанӯз дасту рӯ ношуста низ ба Давлатманд-бийи пои ботаҳорат пайравӣ карда, —«Омин!» —гуфтанд ва даст ба рӯ кашиданд.

## БОБИ XXVII

Скрепнику Азизулло бовар доштанд, ки Давлатманд-бий баъди барор нагирифтани сӯиқасд ва хондани мактуб аз раъяш баргашта ба ягон қарори қатъӣ меояд ва шояд дигар фикри ҳуҷум намекунанд, вале Бойченко баракси онҳо ба қатъият талаб намуд, ки аз Давлатманд-бийю Анвар пошшо, хубиеро чашмдор шудан худфиребист ва гапи коммисар ҳақ баромад.

Дастаи асосии ғозиёни Давлатманд-бий бо сардории кури Ортиқ ва Анвар пошшо чун ҳӯҷуми аввалаашон бо сӯи штаб ҳаракат карданд,

вале Скрепник ин дафъа аскаронро дар ин самт ба ду гурӯҳ тақсим карда як қисмро ба сари роҳи байни дашт дар ҳандақҳои шабона кофтаашон ҷойгир намуда, пулеметчиён ва аскарҳои савораро ба болои теппаи назди штаб ҷо кард.

Ин фикр дина ба хотири Скрепник расид ва ӯ ҳангоми нақшаи муҳорибаро кашидан аз Бойченко ва Бондару Азизулло маслиҳат пурсида бо хулосае омад, ки шабона, аз ҳама пинҳонӣ дар сари роҳи ҳуҷуми ғозиён ҳандақ канда аскаронро ҷойгир кардан лозим, вагарна талафот зиёд мешавад. Агар рӯзона ин корро кунанд, душман огоҳ мегардад, аз хотир гузаронида буд ӯ.

Ғозиёни дастаи кури Ортиқ асп ронда штабро ҳайоҳукунон яку якбора гирифтанӣ буданд, ки аскарон аз ҳандақҳо онҳоро ногаҳон бо тирборон пешвоз гирифтанд.

Анвар пошшо, ки аз қафо асп меронд, ин кори Аскарони Сурхро дар ҳол пай бурда овоз бароварда:

— Ғозиёни ислом! Ба тарафи чап гардид!

Аскарон қисми ғозиёнро зада афтонда акнун аз қафо онҳоро ба нишон гирифтанд. Ғозиёни зинда монда тӯда шуда ба тарафи мазор гурехтанд.

Дар онҷо бо фармони Камоли оҳангару Мирзотура ва усто Сайёд то хеле наздик омадани ғозиён дастаҳои ихтиёриён тир накушоданд. Пеши ғозиёни савора ба назди ҳандақҳо расида буданд, ки яку якбора панҷтираҳо даргирифтанд, вале чор нафар ғозӣ ба аспҳо аз ҳандақ гузаштанд.

— Дастаи Мирзотура ба қафо гашта ғозиёнро ба нишон гиред! –овоз бароварда усто Сайёд ва худаш яке аз онҳоро парронд. Ғозии тирхӯрда аз болои асп калладав гурсаст ба замин афтиду аспаш шиҳа кашида аз қатор баромад ва ба тарафи сангов гузашта рафт. Ғозиёни дигари аз ҳандақ гузашта ҳам ба тири ихтиёриёни Мирзотура ба хок яксон шуданд. Қисми асосияшон бошанд андак ақибнишинӣ карда аз нав ба ҳуҷум гузаштанд, вале ин дафъа ҳам дучори тир гардида бисёриашон кушта дигарҳо сари аспҳояшонро ба қафо гардониданд.

Аз гирду атрофи деҳа овози тирпарронӣ ва ҳайёҳӯи ғозиёни дигар ба дуриҳо мерафт, ки аз ҳайбати он аҳолии қишлоқҳои Оби Равшану Хосиён, Шайхмизону Хонақо ба тарсу ҳарос афтода буданд.

Аз қисми поёни Ховалинг, қад-қади сангов дастаи ғозиён бо сардории Ҳоҷӣ Сомеъ ба боло, ба миёнаи қишлоқ ҳаракат карда, қариб, ки то миёнаҷои деҳа расида дар лаби чашмаи Замбурак зери чанорҳо қарор гирифтанд.

Аз тарафи рост гузари Қозӣ ва аз тарафи чап гузари Санговаки деҳа воқеъ аст ва гӯиё Аскарони Сурху ихтиёриён ин қисми деҳаро тамоман аз хотир бароварда бошанд, ки касе ба муқобили ғозиён тир намекушод.

Ҳоҷӣ Сомеъ аз ин ҳол шод шуда дар майдони зери чанорҳо то наздик шудани нукаронаш аспашро нигоҳ дошт ва баъди ҷамъ гардидани ғозиён фармон дод!

— Ба хонаҳо дармада ҳамаро аз дами теғ гузаронид!

— Ғозиён ба хонаҳо тақсим шуда рафтанӣ буданд, ки –ба сӯи душман оташ! –гӯён овози Бойченко баланд садо дод ва аз ду тарафи сангов аз бому дар ва тори дарахтони ҳотаю боғҳо яку якбора панҷтираҳо дар гирифтанд. Садои ваҳмангези камонҳо дара ва теппаҳои наздикро ба ларза даровард. Шиҳаи аспҳои тирхӯрда ва ба ҳарос афтода бо овози берабти ғозиёни ярадор гардидаю ба таҳлуқа афтода даҳшатнок садо дод.

Майдони зери чинор дар як дам пур аз мурдаи ғозӣ ва ярадори нимҷон шуд. Аскарон ва ихтиёриён паи ҳам ғозиёнро ба нишон гирифта мепарронданд. Ҳоҷӣ Сомеъ овози фармондеҳи аскаронро шунида саросема аспашро ба танаи чанори лаби чашма ҷафс карда гӯш ба қимор истода зеҳн монд, ки командирро бинаду нишон гирифта тир кушояд ва ба гӯши ӯ овози «Оташ кушоед!» гуфта фармон додани Бойченко расид. Ӯ ба тарафи овоз чашм ало карда соҳиби овозро ҷуст ва дид, ки ӯ болои бом рӯ ба тарафи сангов шинак гирифтааст.

Ҳоҷӣ Сомеъ зуд аспашро ба даруни олболузори лаби сангов ҳай карда ба тарафи Бойченко назар дӯхт, ки комиссар аз ин ҳол бехабар буд. Сомеъ нишон гирифта тир холӣ кард. Тири ӯ ба паси сари Бойченко расид ва комиссар болои бом тову печ хӯрда бе овоз ором гирифт.

Ҳоҷӣ Сомеъ аз тири ба нишон расидааш рӯҳ гирифт, зеро нағз медонист, ки дар ҷанг командир чӣ мавқеъ ва қуввату қудратеро дорост. Ҳоло бошад ӯ аскаронро аз сарварашон ҷудо карда буд.

Ӯ ғозиёни қад-қади савгов сарнишеб гурезаро аз роҳ гардонида ба қишлоқ рӯ овард.

Аскарону иҳтиёриён аз ду тарафи сангов боз онҳоро тир борон карданд ва ғозиёни зинда монда аз нав роҳи гурезро пеш гирифтанд.

Дар қисми муҳофизони штаб нисбатан оромӣ ҳукумфармо буд. Ин дам аскаре хабари марги Бойченкоро овард. Скрепник ба аскарони худ фармони ба аспҳо савор шуданро дод ва аз Азизулло хоҳиш кард, ки парчамро гирифта пешо пеши аскарон бо ёрии дастаҳои Бойченко ва ихтиёриёни Камоли оҳангару усто Сайёд ба ҳуҷум гузаранд, ғозиёни дастаи Анварро ба муҳосира гиранд.

Аскарон бо роҳбарии Азизуллою Скрепник аз қафо, қисми ихтиёриёни Камоли оҳангару усто Сайёд ва Мирзотура аз пеш ғозиёнро дар назди мазор ҳалқавор печонида гирифтанд.

Ҷанги тан ба тану шармшерзании саворон сар шуд. Анвар пошшои ба таҳлуқа афтода ҳамроҳи ғозиёнаш истодагарӣ карда натавониста донист, ки аз ин ҷо ҷон ба саломат намебаранд.

Ӯ роҳ ҷуста чашмаш ба болои мазор афтод ва дид, ки аскарону ихтиёриён дар он ҷо нестанд. Фурсати муносибро аз даст надода Анвар аспашро қамчин зада ба кутали теппаи мазор баровард ва рӯ ба гурез шуд. Ғозиёни дигар ҳамроҳи мир аз қафои ӯ асп ронданд.

— Қад қади сангов онҳоро пешгирӣ карда ба муҳосира мегирем! –гуфта Азизулло аскаронро ба қафо гардонда аз паи ғозиён шуд, вале то ба онҳо расидан гирдогирди қабристон давр гаштан лозим омад, ки то ин дам Анвару Давлатманд-бий ҳамроҳи ғозиён деҳаро миёнабур карда аз Ховалинг баромада сӯи Ҷари Вокак печида рафтанд.

Дар пуштаи Дашти Ҳазормана Анвар пошшо ба ҳуҷуми дастаи ихтиёриёни Ҳасани писари Восеъи Дараи Мухторӣ дучор омада, як қисми ғозиёнашро талаф дод ва маҷбур шуда роҳи худро дигар карда ба сӯи ёлаи Зувайр гурезад. Як қисми ғозиён, ки аз Анвар қафо монда буданд қад-қади дараи Оби Равшан ба тарафи қишлоқи Хосиён, дигарҳояш ба ёлаи Ҳалқаҷар гурехтанд.

Ғозиёни ҷон ба саломат бурдаи Ҳоҷӣ Сомеъ ҳамроҳи ӯ то Сангтӯда гурехта ба пуштаи Даҳани шол баромаданд.

Скрепнику Азизулло бо дастаи ихитёрони Ховалингу Дараи Мухтор якҷоя ғозиёни Анвар ва Давлатманд-бийро думболагир шуданд.

— Роҳи ба ёлаи Зувайр ва Чаган баромадани ғозиҳоро ма медонум, —гуфт ба Азизулло Ҳасани писари Восеъ, вақте ки ӯ ҳамроҳи аскарҳои полки Скрепник ба Дашти Ҳазормана баромаданд.

— Пешгир кардаашон намешавад? –пурсид Скрепник.

— Ба қадоваи Сурхсақова равем роҳ наздик аст. Пеш аз онҳо ба ёлаи Чагану Зувайр мебароем, —гуфт Азизулло.

— Шумо, ки роҳи наздика медонед, роҳбаладамон шавед, — хоҳиш кард Скрепник ва Азизуллою Ҳасан пеш-пеши аскарон ба роҳ даромаданд.

Аскарҳо ба паси ёлаи Зувайр пеш аз ғозиён расида, омадани Давлатманд-бий ва ҳамроҳонашро поиста, ҳар кадом ба ҷои мувофиқ шинак нишаста интизор истоданд.

❁ ❁ ❁

Саҳарӣ рӯзи Иди Қурбон вазъияти ҳаво тағир ёфт. Абрҳои тира рӯи офтобро панаҳ карда буданд. Боди сард мевазид. Гоҳ-гоҳе тундар бо садои ғулғулаафкани худ дараву сов ва замину замонро ба ларза меовард.

Борони майда оҳиста-оҳиста ба боридан сар карда, қатраҳои он дар сари шохаҳои дарахту буттаҳои ёбоӣ ва сабзаҳо чун ашки сари миҷғон ба назар мерасид.

Анвар пошшо дар хами Дараи Дуздон пешопеш, аз қафои ӯ Давлатманд-бий ва кури Ортиқу Тоҷиддин бо тӯдаи ғозиён рӯ ба боло ҳаракат доштанд. Аскарон аз рӯи гуфти ҷосусон медонистанд, ки инҷо намози ид баргузор мегардад ва ба ёлаи Зувайр роҳ пеш гирифтанд.

— Анвар пошшо шинохтӣ? –пурсид Скрепник аз Азизулло, аз ғозиён чашм наканда.

— Нашинохтам. Номаша бисёр шунидаму худаша аз наздик надидаам, —ҷавоб дод Азизулло.

— Хок дар сараш! Хуб зеҳн мон, ана ҳамон суруғсавори пешопеш омада Анвар пошшои ҷаҳонгир, домоди халифаи турк аст, ки дар ватани худ гуру кафан наёфта ба ин мулки хушобу ҳавои кӯҳистони шумо ба умеди ба ғорат бурдани хазинаи Давлатманд-бий ва соҳиб шудани кони тиллои Шуғнов омадааст. Акнун ҳама умеду армонҳояш сабили сараш мемонад. Гури ин аҷнабӣ мисли озах дар рухсори ин сарзамин боқӣ хоҳад монд, ки ба дигар аҷнабиҳо панёд шавад.

Ман ӯро дар Бойсун, ҳангоми ба дастаҳои босмачиён сарвар буданаш дида будам. Он вақт пайғалат карда гурехт. Акнун ба ҳам рӯ ба рӯ омадем. Панҷтираатро ба ман деҳ ки барои тири таппонча масофа андак дуртар аст.

Шумо ҳамроҳи Камол аскарҳоро гирифта гирдогирди дараро муҳосира кунед, ки босмачиҳо гурехта натавонанд. Ман худам Анварро ба нишон мегирам. Охир ин турки лаънатӣ сад баробари бегуноҳи маро куштааст. Ақалан қасоси якеи онҳоро гирам, —гуфт Скрепник ва панҷтираи Азизулло ба сӯяш дароз кардаро гирифта ба тирдонаш тир ҷо кард. Таппончаашро ба ғилофдон андохта онро ба паси пушташ партофта махкам баст ва наздиктар омадани ғозиёнро интизор шуд.

Тахмин баъди дусад метр наздик омадани ғозиён аз байни ҷути ғафс Скрепник Анварро хуб шинохта ба сӯи ӯ нишона гирифта куланги камонро зер кард. Тир бехато ба нишон расид ва Анварро аз асп чаппа кард. Ӯ сарозер рӯи зин афтода пои чапаш ба узангу даромада порикоб шуд. Ғозиён аз овози камон ва тир хӯрдани Анвар ба тахлуқа афтоданд. Аспи Анвар пошшо хӯсида ба тарафи муқобил, ба поёни дара сарнишеб гашт. Сари соҳиби порикоби ҷонсарак гоҳ ба замин бархӯрда гоҳ ба пои пеши асп расида ҷонварро бештар безобита мекард ва асп ҷуфтлағат партофта аз ин бори ноҳинҷор ҳарчӣ зуд халос шудан мехост.

— Аспи пошшоро доред! –гуфта Давлатманд-бий ба кури Ортиқ фармон дод ва аз тарси он ки мабодо худи ӯро напарронанд, мир худро ба қафо, ба байни қурраи аспҳои ғозиёнаш гирифт.

Аскарону ихтиёриёни гирди дараро печонида шинак нишаста ғозиёнро зери тирборон гирифтанд.

Скрепник дид, ки ғозиён ба раҳи омадаашон ба қафо рӯ ба гурез овардаанд. –Ҳама ба аспҳо савор шавед! –гуфта фармон дод ва худ аввалин шуда ба асп савор шуда аз ёла гузашта ба думболи ғозиён афтод.

Азизулло низ худро болои асп гирифта парчам ба даст аз қафои Скрепник дигаронро ба ҳуҷум хезонда поён хамбид.

Аз миёнаи тӯда чашмони Давлатманд-бий ба парчам афтоду соҳиби онро нишон гирифта парронд.

Тир ба синаи ҷавон расида аз ҷавшани ҷонаш гузашт ва Азизулло аз асп чаппа шуда буд, ки Камоли оҳангар ба ӯ расида

Азизуллоро аз болои зин озод бардошт ва ба пеши бараш болои аспи худ гирифт.

— Азизулло! Додарам, тир хӯрд! –гуфта Камоли оҳангар фиғони ҷонкоҳ баровард ва овози ӯро шунида Скрепник сари аспашро ба қафо гардонд, ки асли ҳодисаро фаҳмад. Командир парчами афтидаро дида, хост, ки аз болои асп онро аз замин бардорад. Ин дам Давлатманд-бий аз аҳвол огоҳ шуда ба қафо баргашт ва хам шудани Скрепникро дида аспашро пошна карда қамчинро ба зери дандонҳояш гирифт ва ба Скрепник расида дар сари дави асп бо ду даст аз дасти рости командир маҳкам дошта, ӯро аз болои зин канда гирифт ва ба зери узангуяш гузаронида бо тамоми ҳастӣ фарёди ғолибона баровард.

— Ғозиёни ислом! Аспҳоро ба Дашти Садбаргҳо ҳай кунед! Сардори салотҳои кофирро буз мекашем!

Ғозиёни шерак аз думболи мир шуданд.

Скрепник дар ҳолати ногувор, сарнишеб, дар зери узангуи аспи бидав афтода ин лаҳза умедашро аз зиндагӣ ба якборагӣ канд, зеро ҷонаш дар чанголи марги беамон афтода буд. Ин дам ба хотираш расид, ки таппончаи пури тир дар ғилофдони миёнаш аст, вале дасти росташ дар дасти пурқуввати Давлатманд-бий, дасти чаппаш бошад, дар зери тасмаи узангу маҳкам аст ва пои мир ба узангу чунон сахт тиргак шудааст, ки аз зери он имконияти халосӣ нест. Дар ин ҳолати мувозинат дар сари дави асп хатто кардани дасташ амри маҳол буд ва баъди андак вақт ғозиён яқин ӯро буз кашида пора мекунанд.

Скрепник илоҷе ёфта бо тамоми қувва дасти чаппашро аз зери тасмаи узангу кашида хато кард ва бари миёнашро палмосида ғилофдонро дарёфта таппончаашро даст гирифт ва аз зери шиками мир яку якбора ду тир холӣ кард.

Давлатманд-бийи болои асп ногаҳон тирхӯрда бо ҷуссаи вазнин аз асп чаппа шуда ба замин афтод ва ду қадам аз ӯ дуртар Скрепники аз зери узангу хато хӯрда ва ҷон ба саломат бурда низ ғел хӯрда аз чо бархестан хост, вале сараш аз шиддати зарб чарх зада пеши чашмашро сиёҳӣ гирифт. Ӯ аранге дид, ки Давлатманд-бийи дар талвосаи ҷонканӣ бударо кадом як ғозие аз асп хам шуда мехоҳад ба пеши зини аспаш аз майдон барорад, вале зӯраш намерасад.

Мир дуқада зада захми шикамашро, ки тирҳо онро сӯрох карда буданду аз ҷои ҷароҳат хун таровида рӯи гулу сабзаҳои зери суми аспҳо помол гардида мерехт. Мир маргашро яқин дониста, охирин

қарзи мусулмонии худ, калимаи шаҳодат –«Ло-илоҳа иллал-лоҳу Муҳаммадун расул-ул-лоҳ» гуфта, гаштаю баргашта ба такрор мехонд ва ба ин сон марг шукронаи илоҳиро ба ҷо меовард.

Аввалин чизе, ки ин лаҳза ба хаёли Давлатманд-бий расид, сандуққои хазинаи тиллояш буд, ки акнун на ба Анвар пошшо ва на ба худи ӯ насиб гардида буданд.

Мир инчунин намедонист, ки барои ин ганҷ шуда баъдтар чӣ шуру валвалае барпо хоҳад шуд.

Ҳама дигар воқеаю ҳодисаҳо баъдтар ба амал меоянд. Ҳоло бошад, мир дар талвосаи ҷонканӣ, дар хоку хун олуда буд. Ӯ аз рӯи сабзаи навдамида сар боло карда:

— Азизқул! Субҳонқул! Фарзандонам, дар куҷоед?! –гуфта фарёд бароварда ва овозаш дарраҳоро ба тамом фаро гирифт, вале касе ба имдодаш нарасид. Мир дар дами вопасини ҳаёташ пеши чашмаш ягон хешу табор, ҳатто зану фарзандонашро дида натавониста худро зору бекас ва бечора шинохт.

Дар хаёлаш ин лаҳза чун рӯъё аз дур, аз ким куҷое аз зери пардаи ғубор охирин зани дӯстдораш Холисамоҳ лаҷоми Гули Бодом дар даст бо ҳамон ҳусну латофат ва зебоӣ пайдо шуд.

Давлатманд-бий дасташро имдодталабона сӯи лаҷоми Гуди Бодом дароз карда аз ҷой хестанӣ шуд, вале натавониста бо тамоми ҳастӣ аз нав фарёди ҷонкоҳ кашидан хост.

— Хо-ли-са-моҳ! –гуфтанӣ буд, мир, ки ин дафъа овоз дар гулӯяш дармонд.

— Холисамоҳ! Хуб кардӣ, ки Гули Бодома овардӣ, —зери лаб ношунаво гуфт мир ва чашмонаш калон кушода шуданд.

Холисамоҳу Гули Бодом аз назараш оҳиста-оҳиста нопадид гардиданд…

Скрепник ба ҳуш омада ҳама қувваташро ҷамъ карда ба сӯи ғозие, ки Давлатманд-бийро ба зӯр аз даруни хамӣ баровардан мехост, тир холӣ кард, вале дасташ ларзида тираш хато хӯрд ва ғозии дар ҳарос ноилоҷ ба болои асп ҷасади вазнини мирро рӯ-рӯи замин кашолакунон аз байни хасу хор гузаронида ба ҷангал даромад ва аз чашм паноҳ бурд.

Аскарон ба назди командир расида бо садои «Урра!»-и худ ғозиёни гурезаро думболагир шуда ба поёни дара хамбиданд. Чашми Скрепник ба онҳо расиду аз ҷо хеста ба аспаш савор шуд…

Қарибиҳои бегоҳӣ авзои ҳаво андак кушода шуд, вале ҳанӯз ҳам борон меборид. Аскарон баъди шикаст додани қисми асосии ғозиён боқимондаҳояшро пароканда карда ба тарафи Сурхсақова, ба сӯи Ховалинг раҳсипор гардиданд.

Ғозиёни ҷон ба саломат бурда ду-се нафарӣ ба ёлаву пуштаҳо гурехта аз дидаҳо нопадид мешуданд.

Дар ёлаи Сурхсақова, дар ҷои гулхани афрӯхтаи Восеъ парчами инқилобӣ ҷилванамоӣ мекард ва ба чашми ҳама одамони деҳаҳои наздику дур чун рамзи ҷонбозии мардуми ин диёр намудор буд.

Азизулло дар рӯи дастони Камоли оҳангар дарду сӯзиши ҷонкоҳро фурӯ бурда ба ҳоли худ буд.

Аҳли деҳаи Ховалинг дар назди штаби инқилобӣ ҷамъ омада буданд. Дар қатори онҳо бобои Хоркашу Талаби гадо, Ғуломалию Ҳусноро ва Гуландому Валя чашм ба роҳи Скрепнику Азизулло ва Камоли оҳангару усто Сайёд интизорӣ доштанд…

Қабри Давлатмандбий ва Анвар пошшо дар Ёлаи Зувайри мавзеи Чагани Ховалинг бари ба бар воқеъ аст ва баъди 72 соли марги онҳо, соли 1996 колбуди Анвар пошшоро хешовандонаш аз ин ҷо ба ватанаш Туркия бурданд. (Муаллиф)

*Қисми дувум*

# ОДАМОНИ ХУШБАХТ

## БОБИ I

Бобои Ғуломалӣ бо Владимир, фарзанди Петров, ҳамон марде, ки ҳиқиқати инқилобро аз забони ӯ бори аввал дар хонаи Давлатмандбий, дар Балҷувон шунида буд, вохӯрду шод гашт.

Мӯйсафед қиссаҳо мегуфту Владимир саропо гӯшу хӯш шуда буд…

Ӯ аз Владимир хоҳиш кард, ки вақти ба дуроҳагӣ наздик омадан мошинашро ба роҳи дасти чап, ба сӯи Балҷувон гардонад. Ба ӯ қабри падараш ва дигар ҳамяроқони ӯро нишон диҳад. Мӯйсафед ният дошт, ки дар сари гӯри падару модари худ низ як каф дуо хонад, дилаш андак таскин ёбад.

Владимир хости мӯйсафедро кард. Баробари ба чинори сари дуроҳа расидан суръати мошинро суст карда онро ба роҳи тарафи Балҷувон гардонд.

Аз ин ҷо то Балҷувон даҳ километр, нишони сари роҳро дида аз хотир гузаронид Владимир. Роҳи рост бошад дар андак вақт мерасӣ, вале роҳи морпеч аз пастхамӣ ба баландӣ, аз он ҷо ба сари теппа баромада аз нав сарозер ба поини дара мехамбиду боз ба гирди теппаи аз пеш омадагӣ тоб хӯрда аз чашм нопадид мегашт. Владимир суръати мошинро суст кард. Ӯ бори аввал ба ин роҳ сафар менамуд. Ин қисми роҳро нав санг рехта андак ҳамвор карда бошанд ҳам, ҷо-ҷо пастӣ-баландӣ ва чуқурчаҳои зиёд дошт.

Аз ду тарафи роҳ буттаҳои гулҳори ҳанӯз барг нокарда аён менамуданд. Дар бари теппаҳо дарахтони дӯлона ба чашм мерасид. Пуштаҳо пур аз каҳмолҳои аз порсол боқӣ монда буданд. Сабзаҳои навдамида рӯи заминро то ҳол напӯшонида дар ду бари роҳу теппаҳо гулҳои сияҳгӯш аз зери каҳмолҳои болои ҳам ба як тараф хобида, сар бароварда, ҷилванамоӣ доштанд.

Владимир дар бари теппаи назди роҳ гулҳои шукуфтаи зиёдеро дида дар ҳамвории берун аз роҳ мошинро манъ дошт ва аз он фуромада гуфт:

— Як даста гул барои болои қабри падарам чинам, зарар надорад?

— Бачам, ҳолӣ ба он ҷо расем, ҳама ҷо гулпӯшай, —гуфт мӯйсафед.

— Аз қадим, бобо, одати халқи мо ҳамин. Дар рӯзи иду хурсандӣ ҳам гул мебарему рӯзи андӯҳу мотам ҳам.

— Хайр, ихтиёрат, —гуфт мӯйсафед ва барои хотири ҳамроҳаш шуда ӯ низ дари мошинро кушода фуромад ва аз қафои Владимир ба тарафи поёни теппа, ки офтобрӯя буд, рафт.

Одати гул бурдан албатта хуб аст, аз дил гузаронд бобои Ғуломалӣ. Дар зиндагӣ қадру қиммати якдигарро донистан зарур. Баъди марг ҳам мардҳои рус ҳама ҷо гуристонҳои худро обод мекунанд, вале мо чӣ?

Мӯйсафед боре дар Кӯлоб ба ҷанозаи дӯсташ Рустами Содиқ рафта тобуташро бардошта ба қабристони Ҳоҷағоиб, ҳамон ҷое, ки дасти рости худи ӯро баъди буридан аз табобатхона оварда ин ҷо ба хок супурда буданд, рафта буд. Дар гӯристон ӯ на танҳо нишонае аз гури дасташро ёфта натавонист, балки мисли гӯристони Хоҷа Аюби ансории Ховалинг садҳо гур, хоктӯдаҳои беному нишонро диду халос. Ҳар гӯр дар ин оромгоҳ гӯё аз алам чун обилаи кафи дардманд аз хок варамида худро нишон дода мегуфт: «Дар зери ман хору хас не, беҳтарин ганҷи табиат, фарзанди одамӣ хобидааст, ки дар зиндагӣ аз худ нишона, фарзанд ё боғ, ақалан як ниҳоли бесамаре боқӣ гузоштааст ва дар ин ҷо барои чӣ беқадру қимат, бе ному нишон хуфтааст?».

Бобои Ғуломалию Владимир дар андак вақт як даста гули зардаку сияҳгӯш чида ба роҳ баромаданд. Насими атромези баҳор аз тирезаи мошин дохил шуда, бӯи ба худ хоси сияҳгӯшро ба димоғ форам мерасонид.

Ин қисми роҳ санг нарехта буду мошин дар роҳи хокӣ нисбатан бароҳат ҳаракат мекард.

— Баъди ду-се сол, бобо, ҳамаи ин роҳҳора асфалтпӯш мекунем, рафтуомад бароҳат мешавад, —гуфт Владимир ва сарашро андак аз тиреза бароварда талу теппаҳои аз пеш баромадаро тамошо кард.

— Бачам, ҳар коре, ки ҳукумати мо сар кунад, албатта иҷро мешавад, —гуфт бобои Ғуломалӣ ва боз ҳарду хомӯш ба фикри худ банд монданд. Диққати Владимирро манзараҳои зебои ин мавзеъ ба худ ҷалб карданд. Балки ӯ аз бозе, ки соҳиби ақл шудааст ба Ховалинг дилкашолӣ дорад.

Рӯзи аввали мактабравиаш якумр дар хотираш нақш бастааст. Он рӯз модараш, Валентина Степановна, бори аввал ӯро мактаб мебурд. Дар пайраҳаи паси хонаашон, ки аксар ҳамсолонашро падаронашон бо худ ба таълимгоҳ мебурданд, як алами дар дил нухуфташ дилу

ҷонашро сӯзонд ва ин лаҳза аз домони модар маҳкам дошта қатъӣ талаб кард, ки дар куҷо будани падарашро гӯяд.

Модари зору мулзам, ки худ ин лаҳза дар дил ҳамин аламро дошт, кӯдакро ба оғӯш гирифта фиғон бардошт. Ҳама азобу кулфатҳои бекасию хору зорӣ ба ёдаш омаданд. Одамони раҳакӣ овози модарро шунида ба қафо баргаштанд. Занҳои ҳамсоя аз хонаҳо давида ба берун баромаданд ва модару писарро ҳалқа гирифта пурсон шудаанд.

Модар ашки чашмонашро бо гӯшаи сарбандаш пок карду худро ба ғайрат гирифта ба алам гуфт: —Володя, ҷонакам! Падари туро инқилоб ба Тоҷикистон фиристода буд. Ӯро дар Ховалинг, босмачиҳои Давлатманд-бий куштанд. Дар хотират ин гуфтаҳоро нигоҳ дор! Мактуби командири эскадронро дар сандуқам то ҳол нигоҳ доштаам. Он охирин нишонаи падарат аст. Ба мактаб рафта хату савод, ки бароварди он мактубро гирифта хон…

Володя пушаймон шуд ва дигар ба модар ҳарфе нагуфта ҳамроҳи ӯ ба мактаб рафт. Солҳои сол, ҳатто то вақти ба донишгоҳ рафта хондан Владимир аз рӯи марги падар номҳои тоҷику Тоҷикистон, Ховалинг, Давлатманд-бийро ба ёд оварда, худро бероҳату ноҳинҷор ҳис мекард. Гӯё ин номҳо қотили падараш буданду ӯро якумр аз дидори азизтарин кас дар зиндагӣ маҳрум гардонидаанд. Вале бо мурури замон ӯ донист, ки дар марги падараш Тоҷикистону Ховалинг не, Давлатманд-бий ҳам не, балки дигарон айбдор будаанд.

Таҳсил ба итмом расиду кори дипломи ӯ мавзӯи ҳимояи рисолаи номзадии илмӣ қарор гирифт. Владимир барои тадқиқот ба Тоҷикистон, ба Ховалинг омад. Ҳамроҳи олими намоён Степан Алексеев Кузмин дар Сарихосор қариб як сол машғули таҳрибаю кори илмӣ шуд. Ана дар ҳамин ҷо Владимир Ховалингро бо ҳама чашмаву алафзор ва ҷангалзорҳояш дӯст дошт. Ба ин мавзеъ чун ба духтари арӯсшавандааш, шарики якумрии ҳаёташ дил бохт. Барои худ, ба манфиати халқ Ховалингро аз нав кашф кард. Ганҷинаи ҳанӯз касе надидаи замину обу ҳавои Ховалингро аз ҷиҳати илмӣ дарёфт намуд.

Ба ёлаҳои Зувайру Чаган ба сари гӯри кушандаи падараш Давлатмандбию Анвар пошшо рафт. Дар сари гӯри онҳо ар-ари хушкида ва ханҷари то даста ба хоки қабр фурӯрафтаро дид. Дилаш андак таскин ёфт, ки ҳамяроқони падараш, Аскарони Сурх қасоси падарашро ситониданд, вале ӯ ҳанӯз армоннашикаста монд. Оромгоҳи падар, пораи заминеро, ки дар он асоси зиндагиаш ба хок хуфтааст, ёфта

натавонист. Ба одаме, ки лаҳзаҳои вопасини марги падарашро дар ёд дошта бошад, ҳамсӯҳбат нашуд. Алами солҳо дар дил нуҳуфтааш боз ғудуки тоза баст…

Он сол ӯ ҳамроҳи Кузмин аз подаи хоҷагии ҷангал даҳ сар ҷавона гирифта онҳоро алоҳида нигоҳубин мекарданд. Дар наздикии деҳаи Боғи Зоғони Сарихосор майдончаеро барои худ ҷои таҷриба интихоб карда аз қад-қади дарраҳои обгузари поёни деҳа дастакҳои зарбед бурида барои говҳо қутан сохтанд. Говҳоро ба чарогоҳ набурда дар қутан нигоҳубин мекарданд.

Мардҳо гумон надоштанд, ки зимистонро дар назди қутани говҳо, дар хайма мегузаронанд. Зарурати тадқиқот инро талаб кард. Майдони бошишгоҳи чорво аз қишлоқ дур буд. Қариб, ки тамоми рӯзу шаб бо говҳо наздик будан, тадқиқот гузаронидан лозим меомад. Зимистон бошад ба сари олимҳо мушкилиҳое овард, ки онро чашмдор набуданд. Чиллаи зимистон хунук аз ҳад гузашт. Бар ивази барфи зиёд шамоли бӯронмонанд шабе хиргоҳашонро, ки аз қутан ҳамагӣ сад метр дурӣ дошт, саросар бо барф пӯшонд. Саҳарӣ ҳарду аз хоб бедор шуда хаймаро зери барф диданд. Владимир, ки назар ба Степан Алексеевич ҷавону бақувват буд, мӯзаю телпак ва дастпӯшакҳояшро пӯшида, бо курчакбел қариб як соат меҳнат кард, ки дами дари хаймаро аз барф тоза карда роҳ кушояд. Ҳама ҳаросаш аз говҳо буд. Хост дарҳол ба назди қутан рафта хабар гирад. Дар берун барфбод бо шамол чашмро кушодан наметонд. Барфи баланд борида имконияти рафтан намедод. Владимир ба тарафи қутани говҳо назар кард, вале ба ғайр аз тӯдаи сиёҳӣ дигар чизеро дида натавонист.

— Дар ин қадар барфу шамоли сард ягон гов зинда наметонад, —ба таҳлуқа афтода гуфт Кузмин, баробари аз хайма баромадан.

Владимир гунаҳкорона ҳарфе нагуфт. Дар ҳавои кушод тамоми зимистон нигоҳ доштани говҳоро барои таҷриба худи ӯ таклиф карда буд ва ин дам ӯ низ ба ҳарос афтода чӣ кор кардан, чӣ ҷавоб гуфтанашро намедонист. Дар сурати талаф ёфтани говҳо ҳама умеду орзӯи ӯ ба якборагӣ барбод мерафт. Самараи таҷрибаи ӯ аз зимистон бе талаф баровардани говҳо буд ва ин зимистони сахт имтиҳони ҷиддии табиат ва таҷрибаи аввалини ӯ ҳисоб меёфт.

Ба ёди Владимир ҳароратсанҷ расид. Ӯ саросема бо дастпӯшакҳояш барфи болои ҳароратсанҷи дар берун аз болои дари хайма овезон бударо тоза карда, саросема ба симоби шишача ва рақамҳои он назар кард.

— Степан Алексеевич! Хунук ба бист дараҷа расидааст, —бо овози ларзон хабар дод ӯ. –Шумо чӣ мегӯед, оё говҳо ба ин хунукӣ тоб меоранд?

— Инаша худат медонӣ, —бо димоғи сӯхта, кӯтоҳ ҷавоб дод Кузмин аз даруни хайма, зеро ӯ дирӯз ба Владимир гуфта буд, ки дар зимистони аввал говҳо ба ҳавои кушод он қадар омӯхт нестанд ва хунукӣ ба понздаҳ дараҷа расидан пас, ҳатман чорворо ба фермаи хоҷагӣ гузаронанд. Владимир бошад истодагарӣ кард, гапи худашро гузаронидан шуд. Гуфт, ки ҳайвонро худи инсон ин қадар нозук кардааст. Оҳу ва бузҳои кӯҳӣ, ки аз хунукӣ намемиранд, ба гов ҳам ҳеҷ бало таъсир намекунад. Фақат пеш аз сар шудани хунукӣ чорворо бо хӯрокии серғизо таъмин намуда, андак фарбеҳ кунондан лозим.

— Ҳайвонҳои ёбоӣ дар чунин шабҳо худро ба ягон шамолпаноҳ мегиранд, ту бошӣ говҳои бечораро дар кафи даст барин дашти бе долу дарахт, дар даруни чорчубаҳои қутанат, дар дами шамол ҷо кардай, ки аз сад ҷон як ҷонашон саломат наmemонад, -гуфт Кузмин. –Ҳамаашро сард мезанад. Баъд каму тум не, даҳ-понздаҳ ҳазор сӯм ба хоҷагӣ ҷарима месупориву хонасалот, ки шудӣ аз таҷрибаву олимиат даст кашида аз ин ҷо думатро хода мекунӣ.

Ин гапҳои нешдори шаб гуфтаи Кузмин ба ёди Владимир омаданду ӯ ба нияти ҳарчӣ зуд ба қутан расида аз ҳоли говҳо хабар гирифтан, саросема, барфи то миён баландро гардан надода ба пеш, ба сӯи қутан роҳ пеш гирифт, вале баъди панҷ-шаш қадам аз хайма дур шудан ба барф ғутида дигар на ба пеш ҳаракат карда тавонисту на ба қафо.

— Зӯри беҳуда миён мешиканад, -шунида шуд овози Кузмин ва ӯ, ки аз хайма баромада рафтори Владимирро зеҳн мемонд, ба ҷои иззи паи Владимир қадам монда ба наздаш рафт.

— Ба қафо баргард, то ягон илоҷи дигар ёбем, гуфта Кузмин аз гиребони пӯстини Владимир дошта ба ӯ ёрӣ дод, ки аз барф раҳоӣ ёфта тавонад. Онҳо аз нав ба хайма баргаштанд ва болои ҳараки паси дар нишастанд.

— Сими борики мулоим дорем ё не? –пурсид Кузмин.

— Сим чӣ даркор? –ба танбеҳ ҷавоб дод Владимир.

— Барои ба барф нағутидани мӯзаҳоямон чапарак мебофем.

— Гирдаи сим дар наздикии кутан зери барф монд.

— Набошад ҳоламон хароб. Ба кутан рафта наметавонем.

— Мурам ҳам меравам! –ба қатъият гуфт Владимир.

— Мурдан осон, вале ҳоло лозим набудагист. Ману ту ба ин ҷо барои мурдан наомадем. Омадем, ки мақсади дар пешамон гузоштаро ба ҷо орем, ба одамон манфиат расонем, ба халқ хизмат кунем, - оромона гуфт Кузмин.

— Хайр, ту наравӣ, ман танҳо меравам, -гуфта Владимир ба дари хайма равон шуд.

— Ист. Бачагӣ накун! Худата ба даст гир! Дар ягон ҷо маҳкам шуда мемонӣ. Шамол дар як соат болоятро бо барф мепӯшонад.

— Хайр, чӣ кор мекунем? –гуфт Владимир дар дами дар бозистода.

— Гуфтам, ки ягон тадбир меандешем.

Владимир баргашта аз нав ба болои харак нишаст. Ҳарду лаҳзае хомӯш монданд.

— Шулаш даркор, -баъди мулоҳиза гуфт Кузмин.

— Шулашаш чӣ? –ҳайрон шуда пурсид Владимир.

— Ҳамон дарахте, ки мардуми ин ҷо аз шопаҳояш сабад мебофанд.

— Онро аз куҷо меёбем?

Кузмин хомӯш монд, вале баъди каме фикр гуфт: —Аз паси хайма. Ҳа, ҳа, аз паси хайма. Ба ёдат бошад дар назди буттаи гулхор, ҳо ҳамон дарахте, ки баҳор як бехашро бурида пояи хайма карда будем, шулаш буд. Гули арғувонӣ дошт. Дар бехи кундааш шопаи зиёд сабзида буд. То он ҷо ҳамагӣ даҳ қадам. Бо бел барфи роҳро тоза карда аз шопаҳои он чапараки таги мӯза соз мекунем. Сим мешуд ду-се чубро ба он мебастем. Ҳозир, ки сим надорем ягона илоҷ шулаш аст.

— Ту, ҷӯра, белро гиру ман табарро, -ба шӯхӣ гузашта гуфт Кузмин. –Роҳро, ки тоза кардӣ чапаракро ман мебофам.

Чапаракҳои бофтаи Кузмин кор доданд. Соате нагузашта онҳо ба назди кутан расиданд. Говҳо ба каҷии кутан якҷо ҷамъ шуда фук бар фуки ҳамдигар меистоданд. Аз тарафи боло ҷавонаҳои сияҳало ҳамраҳои худро андак аз шамол панаҳ карда буданд.

— Як, ду, се… даҳ. Ура-а-а! –гуфт ба тамоми овоз Владимир! –Ҳамаашон зинда! Ягонтааш талаф наёфтааст! Ман ғалаба кардам, амаки Стёпа! Мефаҳмӣ, ғалаба кардам! –гуфта Владимир аз хурсандӣ ба ҳаяҷон омада, Кузминро ба оғӯш гирифт ва ҳарду болои барф якпаҳлу ғалтиданд.

— Ҳолӣ ба хурсандию ғалабаат то баҳор вақт ҳаст. Якчанд даҳсола лозим, ки ману ту ба максад расем, —аз ҷой хеста барфи сару рӯяшро тоза карда гуфт Кузмин.

— Не, амаки Стёпа! Ҳамин зинда мондаги говҳо барои ман кифоя. Ту инро аз ман нағзтар медонӣ. Ман ғолиб омадам. Ана ту ҳам мисли ман хурсандӣ дорӣ. Аз чеҳраат маълум. Ту ҳам ин соат мисли ман хушбахтӣ, хушбахтӣ!!!

Ман варақаи бист соли охири обу ҳавосанҷҳоро таҳлил карда будам. Ҷойҳои асосиашро ҳатто азёд медонам. Дар давоми бист соли охир ҳеҷ вақт ба ин дараҷа хунукӣ ба қайд гирифта нашудааст. Имшаб дараҷаи охирини хунукии ин мавзеъ аст ва говҳои ман зинда монданд, зинда…

Он шаб Владимир «ғалаба»-и аввалини худро қайд кард. Ҳама анҷоми дар бисоташон бударо ба рӯи миз баровард. Степан Алексеевичро бо пиёзи кӯҳию чормағзҳои қоғотӣ, нашпотии таҳҷоию себи хӯбонӣ зиёфат дод. Аз гӯшти хуки ёбоии раҳгумзада, ки аз гуруснагӣ худро ба қутани говҳо андохта дигар роҳи баромадро наёфта ба даст афтода буд, хомшӯрбои кори калон пухт ва аз борхалтааш шишаи «Русская водка»-ро болои миз ниҳода аз он ба кружкаи Кузмин камтар аз сад грамм рехта азони худашро лаболаб пур кард.

Ҳарчанд, ки Степан Алексеевич касали «қанд» дошту духтурон ба ӯ нӯшиданро қатъӣ манъ карда буданд, ӯ сухани Владимирро нашикаст.

Владимир боқимондаи шишаро худаш танҳо нӯшид. То субҳидамӣ чӣ рақсу сурудхониҳое накард, чӣ латифаю аскияҳое нагуфт. Танҳо қарибиҳои субҳидам шалпарӣ ба ӯ ғалаба карду хобаш бурд.

Пагоҳӣ чӣ мусибате ба сарашон наомад. Степан Алексеевич барвақт аз хоб бедор шуду ба назди говҳо рафт. Ҳаво софу беғубор буд. Хунукӣ аз дишаба зуртар буду ба мағзи устухон кора мекард. Дар қутан ду сар ҷавона мурда мехобид. Ин ҳодисаро Кузмин ба Владимир гуфта натавонист. Баъди шодии имшаба ӯро якбора ғамгину хафа кардан нахост.

— Мон, ки бо чашми худаш бинаду аз ман нашунавад, —фикр карда ба хайма баргашту болои кати сафарӣ дароз кашида худро қасдан ба хоб зад.

Владимир баробари тулӯи офтоб ҷавонаҳора мурда дида, тамоми рӯз ҷои нишасташро ёфта натавонист. Ин ҳодиса ӯро ба

ҳазору як кӯчаи сарбастаи хаёл мебурд. Маълум буд, ки ҷавонаҳоро аз хунукии сахт сард задааст.

Мувофиқи тадқиқоти психологӣ Владимир ҳардуи ҷавонаи сияҳалои мурдагиро аз дигар намуди говҳои қутан «доно» ҳисобида буд ва ба хотираш омад, ки саҳарии гузашта ин ду ҷавона аз ҳама боло, аз тарафи шамол истода буданд.

— Наход, ки ин ҷавонаҳо барои муҳофизати дигар говҳо худро ба шамоли сард муқобил гузошта, ҳамраҳҳои худро муҳофизат кунем, гуфта сардашон зада бошад? Кӣ медонад, инаш боз як муаммои наве буд барои Владимир. Ӯ говҳои мурдаро чок карда аз шишу ҷигар ва дигар узвҳои барои тадқиқот лозимашон чанд буридае гирифта ба халтачаҳои салафанӣ андохт, то баъдтар дар лабораторияи институт тадқиқот гузаронида сабаби мурдани говҳоро муайян кунанд.

То баҳор онҳо дар Боғи Зоғон, дар ҳамон ҳиргоҳ монданд. Ҷавонаҳо дигар талаф наёфтанд.

Владимир натиҷаи тадқиқоти лаборатории зимистон фиристодаашро дар баҳор гирифт ва маълумаш шуд, ки сабаби асосии марги говҳои сияҳало ягон касали дигар не, балки хунукӣ будааст.

Ҷавонаҳо яқин барои муҳофизати дигар говҳо рӯ ба рӯ бо шамоли сард, бо марг истода худро қурбон карданд, ба хулосаи қатъӣ омад баъди гирифтани ҷавобҳои лабораторӣ. Аз ин ҳодиса ӯ донист, ки дар ҳавои кушоди зимистони хунук барои говҳо андак шамолпаноҳ лозим, вале рафтори ҷавонаҳои сияҳало муаммои мушкил буд. Инро дар таҷрибаҳои минъбаъда аниқ бояд кард.

Гуфти Кузмин рост баромад. Владимир маҷбур шуд, ки аз ҳисоби киссаи худ ба хоҷагии ҷангал ба ҳар сар ҷавонаи талафдода 1250 сӯмӣ тавон диҳад, вале ӯ парвои зарар ҳам надошт, зеро дар ин сол ӯ бо як ҷаҳон таасурот, ду дафтари пур аз таҳлилу тадқиқ ва ришу бурути расида хаймаашро ғун карда ба Москва рахти сафар баст...

Инак ӯ дар паси рули УАЗ-ик, ҳамроҳи бобои Ғуломалӣ ба сари қабри падари якумр ба роҳаш бо чашми чор нигарон равон аст. Мӯйсафед ба фикри худ банд, дар паҳлӯяш хомӯш нишастааст. Владимир дар баробари мошин рондан гоҳ-гоҳе аз роҳ чашм канда ба дуриҳо назар мекунад. Пуштаҳои серкаҳмол, алафҳои худрӯи солҳо нодаравро дида дилаш андак коҳид. Ба бисёр пуштаву дара ва теппаҳои ин ҷо солҳо боз паи чорво нарасидааст.

Мошин ҳангоми аз дарёчаи Оби Тира гузаштан андак такон хӯрду бобои Ғуломалӣ ба Владимир гуфт, ки ба тарафи рост, ба болои деҳа, ба боғи хоҷагӣ гардонад мошинро ва Владимир итоаткорона хоҳиши мӯйсафедро ба ҷо овард.

— Балҷувонаш, ҳамин бачам, —гуфт мӯйсафед, деҳаи нимвайронаеро, ки дар поёнтари ҷои исти онҳо воқеъ буд, нишон дода.

Онҳо оббуридаи поёни боғро пиёда гузошта ба хонаҷои охирин мири Балҷувон, Давлатманд-бий расиданд. Аз он меҳмонхонаи боҳашамат ва қалъаи мирию масҷиди ёздаҳболора ҳоло ному нишоне намонда буд. Дар ҷои қалъа мактаби деҳа қомат рост кардааст. Себзори дар ҷои ҳавлию боғи мир бунёдёфта то доманаи теппаҳо доман паҳн карда, ақли касро мебарад. Дарахтони боровар гул карда борони андак борида ҳар як себи ғарқи гулро дар зебогӣ ба арӯси ҳаждаҳсола монанд кардааст.

Мӯйсафед аз хонаҷои мир гузашта ба тутбоғи назди ҳавлии ӯ дохил гардид ва он дарахти тут, ки дар навдааш падари Владимир ва се нафар ҳамроҳони ӯро овехта буданд, шинохт ва зери он тут чанд муддат навдаву шохаҳои дарахтро аз назар гузаронид. Дар лавҳи хотираш он шаби даҳшатангези марги Аскарони Сурх, азобу уқубати ба сари Муртазо омадаро бори дигар ба ёд овард. Аввало хост ҳама воқеаю ҳодисаро як ба як ба Владимир нақл кунад, вале худдорӣ кард. Аз хотир гузаронид, ки ба Владимир чунин ваҳшиёна куштани падарашро гуфтан бори гаронест. Беҳтараш ӯро ба сари қабри падар барад.

Владимир маҳви тамошои боғ буд ва мӯйсафед дарҳол ӯро безобита кардан нахост, ба лаби чашмаи аз болои боғ буда рафта ба оби он дасту рӯ шуст ва баргашта ба назди Владимир омад.

— Бачаи ҷун, аз қафои ма биё, —гуфта бобои Ғуломалӣ Владимирро ба поёни гуристон, ки дар баландии болои деҳа воқеъ аст, бурд.

— Ана, ҳамин ҷо, падарат ҳамроҳи дигар Аскарони Сурх дафн шудаанд, —гуфта мӯйсафед, хоктӯдаи дуртар аз гуристон воқеъ бударо, ки болои он сабза дамида гулҳои сиёҳгӯши зиёд рӯи гурҳо шукуфта буданд, нишон дод.

Владимир ба зону зада гури падарро ба оғӯш гирифт ва ба навҳа даромад. Мӯйсафед аввало ӯро дилбардорӣ кардан хост, вале фикр кард, ки беҳтараш мон, алами дилаш холӣ шавад ва худ андаке дуртар аз ӯ рӯ ба қибла чорзону нишаст.

Баъд онҳо гулҳои овардаашонро болои қабр гузошта ба роҳи худ пас гаштанд.

Дар роҳ Владимир аз мӯйсафед пурсид, ки барои чӣ гурҳои қабристон лавҳи мазор надоранд? Ҳатто аксари гӯрҳо фуру рафта ба хок яксон ва аз дида ноаён гаштаанд. Гирдогирди гуристон кушодаю бетартиб аст? Мӯйсафед хиҷолат кашид ва ҷавоби қаноатбахше ёфта натавонист. Танҳо ҳамин қадар гуфт, ки ин гуноҳи ҳамаи мост. Баъзан на дар зиндагӣ қадри якдигарро медонему на баъди мурдан…

## БОБИ II

Ба Ховалинг расиданду бобои Ғуломалӣ аз Владимир хоҳиш кард, ки мошинро дар як тарафи роҳ, назди чойхонаи зери чанорҳо монад. Ҳарду андак дам гирифта як пиёла чой менӯшанд. Баъд ихтиёр дорад аз паи кораш равад.

Владимир узр пурсида гуфт, ки ба идора рафтанаш зурур. Чанд касро ваъда додаст, он ҷо омаданаш лозим. Дар хусуси кор маслиҳат мекунанд. Мӯйсафед вақти аз ҳам ҷудо шудан гуфт: —Бачам нашаваду ба хонаамон наоӣ. Биё, мара хабар бигир. Ба гузари Қозӣ, ки омадӣ хонаи бобои Ғуломалиат дар поёни чашмаи Замбурак. Кадом соат, ки вақт ёфт биё, дари хона ба рӯят кушода. Биёӣ сарам ба осмон мерасад.

— Меоям, албата шуморо хабар мегирам, падар, —гуфт Владимир.

Мӯйсафед ба таги чанорҳо омад. Чойхоначӣ, ки мӯйсафедро медонист, омадани ӯро дида чун ҳарвақта як чойнак чои кабуди талх ва ду пиёла гирифта ба наздаш бурд. Пиёлаи дуюм барои он буд, ки агар ягон шиноси мӯйсафед омада монад, ҳамроҳаш нишаста сӯҳбат мекарданд. Мӯйсафед барои пиёлаи дигар овардан саргардон намешуд.

Бобои Ғуломалӣ беихтиёр ба чилчанори азамат чашм духт ва ҳар кадоми онҳоро чун пештара сарсабзу хуррам дид. Балки аз он вақт, аз рӯзе, ки Аскарони Сурх ба ин ҷо омада буданд, чанорҳо хеле бақуввату сарбаланд ва пуршукӯҳ гардидаанду танҳо чанори тарафи

теппа, осеб дида як бари танааш андак пӯсидааст. Аз гирдогирди ҷои захмини он ҳар сол пӯсти нав болои танаи пӯсидаро кам-кам мепӯшонад. Дарахт ҳам гӯё мисли одамон бар қасди офатҳои табиат ҷои захми танаи худро муолиҷа мекунад. Ба ёди мӯйсафед ҳаст, ки навдаи хело ғавси сершохи ин чанор, ки ба тарафи масҷиди онвақта майл дошт, зимистони соли сиюсеюм аз барфи зиёд шикаст.

Бобои Ғуломалӣ нигоҳашро аз ҷои осебдидаи танаи чанор ба боло нигаронида, ҷои шикасти он навдаро ҷуста ёфт. Дар бадали ин солу моҳ ҳарчанд пӯсти танаи чанор ҷои шикастаро қадре пӯшонида пур карда бошад ҳам, вале дар танаи дарахт чун дасти буридашудаи мӯйсафед ҷои навда ҳоло ҳам холӣ буд. Бобои Ғуломалӣ аз чӣ бошад, ки ба ин чанори алоҳида ихлоси махсус дорад. Ҳар вақте, ки ба ин ҷо барои дамгирӣ биёяд ва ё мабодо аз роҳи назди чойхона гузар кунад хоху нохоҳ аз сар то буни ин чанорро аз назар мегузаронад. Сарсабзию умри бобаракати онро ба ҳаёти худ муқоиса менамояд ва ҳамрангии ба дил наздикро ҳис мекунад. Ӯ дар муборизаҳо аз як дасташ ҷудо шуда бошад, ин чанорро ҳам ҳодисоти табиат дар айни баркамолӣ аз навдаи асосӣ маҳрум сохта, танашро захмин гардонидааст. Дар навдаву шохаҳо офатҳои зиндагӣ осори худро боқӣ гузоштаанд, вале қоматашро шикаста, сарсабзиашро хазон гардонида натавонистанд.

Ин чанорҳоро кӣ ва кай шинонидааст, касе ёд надорад. Ҳар кӣ бошад, одами нек, шахси дастбахайре будааст.

Мегӯянд, ки «парвардани як дарахти бесамар аз ҳафтод фарзанди носолеҳ беҳ аст». Ҷуқу ҷондоре, ки ба шохаҳои дарахт нишинад савобаш ба одам мерасад. Аз он марди бе ном як дарахт не, чилчанори азамат боқӣ мондааст. –Раҳмати ду ҷаҳон ба он кас, —зери лаб гуфт бобои Ғуломалӣ.

Азизулло мегуфт, ки аз одамӣ фақат номи нек боқӣ мемонад. Аз он ҷавонмардон ҳам номи нек ва ҳам ин давлати бузург боқӣ монд. Хонаободию баракати зиндагиро бин. Вале ғаму дард, сӯзиши марги Азизулло якумр дар дили мӯйсафед ҳаст…

Бобои Ғуломалӣ гумон мекард, ки баъди гузаштани солҳо, пас аз зану бачадор шудан мумкин фироқи дӯсташ Азизулло андаке сабук мегардад, вале рафта-рафта алами марги нобаҳангоми ӯ дар дили Ғуломалӣ доғҳои нав ба наву тоза пайдо карданд. Хусусан солҳои охир, ки умраш ба ҷое расидааст, Азизуллоро бештару зиёдтар ба ёд меовардагӣ шудааст. Имрӯз дар баробари ба Владимир вохӯрдан

солҳои пурошубу ҳодисаҳои даҳшатангез, кушта шудани Михайлову марги Муртазо, қатли Қаландару ҷавонмардиҳои Азизулло бори дигар дар лавҳи хотираш аз нав зинда гардиданд. Ба ҷароҳати дили якумр захмини ӯ гӯё намаки сӯда пошиданд. Тану ҷони хостааш ба дард омад, вале ӯ худро ба даст гирифта тавонист, Владимирро дилбардорӣ кард.

Аз он рӯзҳо сад соли дигар гузарад ҳам, симои он мардони нек пеши рӯ оянд, дилашро сӯзишу ҷонкоҳе ба тазъиқ меовард. Азизуллоро мудом дар хоб мебинад, вале ҳодисаю воқеаҳои дар хоб дида дар хотири мӯйсафед зиёд намеистанд. Танҳо як хобашро дар хотир дорад. Он вақт тахмин даҳ сол пеш, фасли баҳор буд.

Мӯйсафед хоб дид, ки Азизулло дар тан либоси низомӣ, аспсавор ба дари ҳавлӣ омада аз асп фуромаду чун ҳамон вақт ба Ғуломалӣ канор ба канор вохӯрӣ намуд.

Дар хобу хаёлаш ҳоло ҳам Азизулло ҷавонмарди бистуҳафтсола буд. Ӯ баъди ба хона даромадан ба Ғуломалӣ гуфт, ки Гуландомро чанд рӯз боз надидааст. Пазмони дидораш шудааст. Боз пурсид, ки дасти тирхӯрдаат ҳолӣ ҳам дард мекунад? Баъд, баъд, аз момои Ғарибгул бобои Хоркаш пурсон шуду нанишаст. Саросема баромада рафт.

Вақти рафтани ӯ Ғуломалӣ дид, ки аз даруни обкандагии сангов ғозие пайдо шуду дар даст таппонча ба паси санги калоне худро панаҳ гирфита мили тапончаро ба тарафи Азизулло рост кард, нишон гирифт. Ғуломалӣ Азизуллоро огоҳ кардан хост ва ба тамоми ҳастӣ фарёди ҷонкоҳ баровард.

— Азизулло, о, о! –гуфта фарёд кардани мӯйсафед занашро тарсонд. Кампир дар бараш хоб буд, Ҳусноро додгӯии шавҳарашро шунида аз ҷогаҳи хобаш хест ва чароғи электрро фурӯзон кард.

— Отаи Саидаҳмад, чӣ ин қадар фарёд баровардӣ? Сияҳӣ лағат кардат, чӣ? –гуфта кампир аз китфи мӯйсафед такон дода ӯро аз хоб бедор кардан хост. Мӯйсафед ҳаловона бедор шуд.

— Очаи Сайдаҳмад, Аизуллоро дар хобам дидам, —гуфт мӯйсафед.

— Хобат ба хайр бошад. Талхакафам кардӣ. Гуфтам, чӣ гап шуд, ки ин қадар дод гуфтӣ.

— Хайр аст кампир. Ҷувонамарг дар хобам ҳамон Азизуллои нозанин истодаст. Гуландома суроғ кард. Ҳушу ёдаш ҳолӣ ҳам кашолай. Дар арвоҳаш бимирум, аҷаб мард буд.

Кампир дигар ҳарфе нагуфт. Бобои Ғуломалӣ, —Ё пирам! –гуфта аз ҷогаҳ хест ва ҷомаашро дар китф гирифта калӯшҳои патакдорашро аз ноҷаи дар пӯшиду берун баромад. Ба паси хона гузашта дарбачаи дарвозаи дутабақаи оҳаниро оҳиста кушод, то ки писару келин ва набераҳои дар хонаи канор хоб бударо нороҳат накунад. Ӯ ба сӯи баромадгоҳи офтоб, ба паси кӯҳи Чилдухтарон назар афканда дамидани субҳро фаҳмид ва аз нав ба ҳавлӣ баргашта аз назди сатилҳо офтобаи сафолини пури обро гирифт.

Баъди дасту рӯшӯӣ ва таҳорат ба мазори Хоҷа Аюби ансорӣ, ки тахмин сесад метр аз паси хонааш дуртар, аз он тарафи сангов воқеъ аст, ба сари қабри Азизулло рафт ва то баромади офтоб он ҷо манд. Баъди дилашро андак таскин додан ба хона баргашт.

Писару келин ва набераҳои мактабхонаш аз хоб хеста ба сари дастурхон нишаста наҳорӣ мекарданд ва пеши падар, ҳамроҳи зану кӯдакон аз ҷой хеста ҳурмати мӯйсафедро ба ҷо оварданд.

— Нимрӯзӣ як даҳон нони гарм пазед. Имшаб Азизуллоро хоб дидам, —гуфт бобои Ғуломалӣ, баъди ба сари дастурхон нишастан.

— Ту, бачам, нимрӯзӣ коргарҳотона гирифта биё, боз «ошхона рафтем», гуфта наоед, нон мемонад. Ин вақтҳо ҳама кор мекунанд. Дар қишлоқ одами нон мехӯрдагӣ ҳам ёфт намешавад.

— Меорам, бобо, —гуфт набераи калонии мӯйсафед, Ёқуб. –Мо шабу рӯз барои нон кор мекунему шумо нонхӯр мекобед? Ҳамаи бачаҳоро меорам.

— Биёр, хайри ҷонашон шавад. Боз ягонтаатон арақ-парақ наёред, ки одати мара медонӣ!, —таъкид кард мӯйсафед.

— Дар рӯзи кор, бобо, кӣ арақ мехӯрад? Ана очама пурс. Ду моҳ мешавад қатрае ба даҳан нагирифтаам. Хайр ягон хурсандию тӯй, ид бошад, баъзан бачаҳо, ҳар кас ба чени тавоноияш камтар менӯшад. Худатон доим мегӯед, ки «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад».

— Ҳар гап, ки ҷо дошта бошад, гапа бисёр накуну нимрӯзӣ ай магазин боз дасти холӣ наоӣ. Қанду қандалот гирифта биё.

Келинҳо аз паи иҷрои супориши мӯйсафед шуданд. Пухту пазро дар хона келинҳо ӯҳда мекунанд, вале кампир ҳам бекор намемонад. Ба қадри ҳол ба онҳо ёрӣ мерасонад. Дар хона се келину дувоздаҳ набераю абера, ҳама сарҷамъу якҷоянд.

Кампир, набераи дӯстдораш, Давлатро калон карда ба воя расонид ва боз Фарҳод дӯстдораш шуд. Ин кӯдаки шӯхи бебок на аз об ҳазар дораду на аз оташ. Ӯро аз чашм дур монӣ, дар як замон на катаки мурғ мемонаду на ҳели гӯсфанд. Ба радиову яхдону «Москвич»-и падараш ҳам сару кор мегирад.

Мӯйсафед баъди ба кор рафтани писару набераҳо белро гирифта ба боғи назди ҳавлӣ даромада бехи дарахти гелосро оҳиста-оҳиста нарм кардан хост ва ба ёдаш расид, ки се-чор рӯз боз ба хонаи набераи дӯстдораш, Давлат нарафтааст. Хост рафта бинад, ки дару тирезаҳои хонаашро часпондаанд ё не.

Давлатро аз хурдӣ худи ӯ ва кампираш калон карданд. Ҳоло ҳам бо онҳо якҷоя зиндагӣ дораду барои хонадор кардан аз паҳлӯи ҳавлии худ барои ӯ хонаи нав сохтанд. Сайдаҳмаду келин ҳарчанд гуфтанд, ки хонаву дар, ҷову пои мо ба ҳама аҳли оила бас аст. Мон, ки Давлат ҳам бо мо зиндагӣ кунад, вале мӯйсафед розигӣ надод.

— Ҳозир, ки муҷаррад аст як навъ, лекин зану кӯдакдор, ки шуд, баъд келинҳо соз намегиранд. Аз ҳозир занҳои Ёқубу Ҳисорӣ «кӯдакҳоямон зиёд шуданд», —гуфта кам-кам ғур-ғур мекунанд, — гуфт мӯйсафед. Сари Давлата, ки ҷуфт кардем, аз паи дигарҳояш шудан даркор. Одамҳои ин замона ҳам эрка, шудагӣ, сарҷаъмиро намебардоранд. «Гадо бошаму ҷудо бошам», мегӯянд. Баракати зиндагии якҷояро намефаҳманд.

Мӯйсафед Сайдаҳмадро маҷбур кард, ки аз хоҷагию совети қишлоқ иҷозат гирифта, дар ҳавлиашон барои Давлат хона созанд.

— Ин кори хуб мешавад, —гуфт бобои Ғуломалӣ. –Мову кампир хоҳем бо шумо, нахоҳем, дар хонаи Давлат зиндагӣ кардан мегирем. Кадоматон, ки ба мо рӯи хуш додед, мо хизматгори ҳамон кас.

Гапи мӯйсафед барои фарзандону набераҳо қонун. Итоат накунанду рӯз бинанд. Аввалҳои баҳори гузашта ҳашар карда сохтмони се дар хонаро сар карданд. Рӯзҳои истироҳату соатҳои баъди кор лой хобонда девор бардоштанд ва то тирамоҳ болои хонаро пӯшониданд. Имсол бояд корҳои майда чуйдаи дигарро анҷом дода, масъалаи хонадории Давлатро медиданд.

— Бача донишгоҳа тамом карда кор мекунаду ҳолӣ ҳам бе зан гаштааст -ҳар бор Сайдаҳмадро хотиррасон мекард мӯйсафед. Хонааша, ки соз кардед, дарав аз паи келин шавед. Баъд, ки ба сари худ хонаобод шуд, хотири мо ҳам ҷамъ. Дар қишлоқ байни одамҳо ба сари баланд гашта метавонем.

Давлат донишгоҳи хоҷагии қишлоқро хатм карда ду сол боз дар хоҷагӣ вазифаи байториро ба ҷо меовард.

Мӯйсафед бехи гелосро табъи дил побел карда, баъд аз байни дарахтони боғ гузашта ба хонаҷои набераш рафт. Аз ҳавлӣ ба долон ва аз он ҷо ба даруни хонаи нав даромад. Ба дару тирезаҳои ба қарибӣ шинонида, то ҳол андова накарда хуб зеҳн монд ва дар дил хурсанд шуд. Баъди хуб зеҳн монда тамошо кардани даруни хона ба зери долон баромад. Ӯ болои тахтаи зери сутунҳо, ки ҷои офтобрӯя буд, нишаста ба сутун такя кард ва хост чанд муддат тани худро дар офтоб гарм кунад. Ин дам чашмаш ба чапараки аз тахтапораҳо муваққатан сохта ба роҳрави ҳавлии нав гузоштаи набераш афтод.

Дар ҳамин ҷо хонаи Азизулло буд, ба хотир овард мӯйсафед. Акнун набераш Давлат, фарзанди Сайдаҳмад дар ин ҷо хона кард.

— Ин ҳавлӣ ба Азизулло вафо накард. Насиби Давлат будааст, —зери лаб гуфт худ ба худ. Аз он вақт умри як одамӣ гузашт.

Азизулло барои ҳукумати нав бо тири ғозиён мачрӯҳ шуду рӯзи нек надид. Ҷавонмарг шуд. Хонаи ӯ ба ман монду хонаобод шудам, зан гирифта фарзандонамро калон карда баракат ёфтам. Аз ҳамин ҳавлии бахосият Баҳодуру Сайдаҳмадро ба ҷанги Гирмон фиристодаму Баҳодурам дигар наомад. Сад шукр, ки Сайдаҳмад бо Ғалаба баргашт. Зани сиёҳбахти Баҳодур ҳафт сари сол чашм ба роҳ истод. Охири охир бевафоӣ карду хонаамро тарк гуфта ба шавҳар баромад. Балки ӯ бевафоӣ накард. Гуноҳи ҷанг буд. Ҳамин Сайдаҳмад қуввати дил, мадори тану ҷонам, сутуни хона, асои пириам шуд.

Ду ҷуфти парасту ин дам болу парзанон ба зери пешайвон омада, болои равчӯб нишастанд. Мӯйсафед дид, ки онҳо аллакай дар бари девори то ҳол андова накарда лона сохатнд.

— Ба Давлат мегӯям, ки лонаи онҳоро вақти андова вайрон накунад, —худ ба худ зери лаб гуфт мӯйсафед. Шояд инҳо аз авлоди ҳамон дастакҳоеанд, ки ҳар баҳор ба хонаи Азизулло, ба лонаашон меомаданд, аз дил гузаронд бобои Ғуломалӣ. Инҳо ҳар сол дар ҳамин айём аз гӯшаҳои дури дунё ба лонаи худ меоянд, вале Баҳодури ма намеояд. Ҳатто Азизулло аз ҳамин наздикӣ, аз ҳамин мазори Хоҷа Аюби ансарӣ омада наметавонад.

Мӯйсафед аз солҳои ҷанг ин тараф марги Баҳодурашро яқин донад ҳам, вале ҳанӯз чашм ба роҳи фарзанд аст. Баъди он ки бо ёрии Сайдаҳмад барои аниқ донистани тақдири писараш ба Вазири

мудофиа мактуб навишт, ба ӯ ҷавоб гардониданд, ки Баҳодур дигар дар қайди ҳаёт нест. Номи ӯро дар қатори бист милион қурбониёни ҷанг навиштанд, вале ҳоло ҳам падар аз дидагию шунидагиҳо фарзандашро суроғ мекунад. Аз нав ба қисми ҳарбие, ки писараш хизмат мекард, мактубҳо навишт. Аз он ҷо ҷавоб омад, ки «Баҳодур Ғуломалиев дар муҳорибаи Курск қаҳрамонона ҳалок шудааст»… Падар баъди гирифтани ин ҷавоб ба дил санги қаноат баст, вале пас аз сиюҳафт соли гумономӣ яку якбора ба Ховалинг омадани Фахриддини писари Раҳимбой бобои Ғуломалиро ҳайратӣ кард. Фахриддин ҳамроҳи Баҳодури ӯ дар як рӯз ба ҷанг рафта буд. Аз ӯ низ хати сиёҳ гирифта буданд. Ному нишонаш аз хотирҳо фаромӯш шуда буд, вале чӣ мегӯед, ки бачаи мардак, сиюҳафт сол пас аз ҷанг соқу саломат баргашт. Ба писараш Неъмат, ба духтараш номи модараш, Заринаро мондааст. Раҳимбою кампири Заринаи занаш ҳоло дар хоки хунук хобидаанд.

Бобои Ғуломалӣ аз шунидани хабари омадани Фахриддин шод шуд ва он бегоҳ писараш Сайдаҳмадро гуфт, ки тайёр шавад ба аёдати меҳмонҳо мераванд. Мӯйсафед бо мақсади ба кампираш хабари омадани Фахриддинро расонидан ба хона даромаду Ҳусноро назди гаҳвораи набераш Баҳром гирён дид. Кампир хомӯшу беовоз мегирист. Мӯйсафед фаҳмид, ки занаш хабари омадани Фахриддинро шунидаасту доғу алами Баҳодур аз нав дар дилаш тоза шудааст. Ғиҷова ӯро низ гулӯгир кард. Авзои мӯйсафед ҳам якнавъ шуд. Дар чашмонаш ашк ҳалқа зад, вале худро ба даст гирифт.

— Давлат, бачаи ҷун, аз ҳел як гӯсфанда аз байни молҳо ҷудо карда биёр, ҳамраҳи отат ба аёдати Фахриддин меравем, —гуфт мӯйсафед ва набера аз паи иҷрои супориши бобояш шуд.

— Худораҳматии Раҳимбой дар хоки хунук бошад, мову шумо ҳоло дар рӯи замин, давлату савлат дорем, бачам, —ба Сайдаҳмад раҳравон гуфт мӯйсафед, вақте ки писараш гӯсфандро пеш-пеш этак карда буду набераш аз қафо, ҳарсе ба хонаи Фахриддин равон шуданд. –Фахриддин бачаи ҳамин қишлоқ аст. Ба ёдат бошад як сол пеш аз ту ҳамроҳи Баҳодури акаат ба ҷанг рафта буд. Имрӯз агар беқадриаш кунем, баъд мардуми Шайхмизону Доробӣ, Хонақову дигар ҷойҳо чӣ мегӯянд? Обрӯи, бачаи мардак, дар пеши зану фарзандҳояш чанд пул мешава? Худаш беақлӣ карда дар и қадар сари сол хату хабар нанавишта боша, албатта, занаш одами боақл будагист? Баъд мегӯянд, ки ин чӣ одамгарию ҳамдиёрӣ будааст, ки мардак аз ҳамин

ҷо ба ҷанг рафта ин қадар сол гумном буду умед карда ба пеши хешу табораш омаду чӣ иззат дид?

Фахриддин бобои Ғуломалиро шинохт ва баробари ба таги долон баромадан ӯ: —Амаки Ғуломалӣ, садқаи риши сафедат! –гуфта бағал кушода мӯйсафедро ба оғӯш гирифту гиря карда, рӯю ришашро бӯса кард.

Бобои Ғуломалӣ ҳам тоқат карда натавониста: —Ай дар пешат бимирум, Фахриддини ошнои Баҳодур, ки ту зинда будаию ин қадар вақт ягон хату хабар нанавиштӣ? –гуфта гирён шуд.

Баъди бо Сайдаҳмад вохӯрӣ кардан Фахриддин падару писарро аз бари боло ба паҳлӯяш шинонду ба аҳли оилааш гуфт, ки бобои Ғуломалӣ ҳамсоли падараш, ҳамин мӯйсафед аст.

Ҳамсояҳо яке гусфанду дигаре бузғола, сеюмӣ намаду курпача оварда хонаи нимвайрону беодами Раҳимбойро ба тӯйхона табдил доданд. Яке ҳезум меоварду дигаре дегро шуста ба дегдон алав мемонд. Сеюмӣ дастурхон густурда ҷой дам мекард ва одамони омадаро аз рӯи сину сол ба хонаю таги долон ҷои нишаст нишон дода, мефармуд, ки ба табақҳо хомшӯрбо кашида биёранд. Фахриддин бо аҳли оилааш дар таги долон аз бари боло менишаст. Вақте ки ҳама хурду калон бо Фахриддину аҳли оилаи ӯ хайрухуш карда ҳар кадом ба хонаҳои худ рафтанд, бобои Ғуломалӣ аз Фахриддин пурсид, ки аз Баҳодури ӯ хабаре дорад ё не. Фахриддин гуфт, ки аз Душанбе ҳамроҳи Баҳодур то назди Москва дар як поезд, дар як вагон рафта буданду, баъд онҳоро аз ҳам ҷудо карданд. Дигар ба Баҳодур во нахӯрдааст. Мӯйсафед ноумед гашта оҳи бадард кашид ва баъд пурсид:

— Бачам, Фахриддин, якбора омадӣ, ё ки боз гашта меравӣ?

— Ба якборагӣ омадам, —гуфт Фахриддин. –Хабари аз нав обод шудани Ховалинга шунида ба зану фарзандҳо маслиҳат кардам, розӣ шуданд. Обу хоки ватан маро кашида овард. Насиб бошад ҳамин кулбаи вайронаи падарама обод мекунам. Писарам, Неъмат, трактрчӣ, духтарам Зарина духтур аст. Худам устои чӯбтарош. Дар сохтмони нав ҳамаамон одамони даркорием.

Мӯйсафед ба зану фарзандони Фахриддин, ки дар паҳлӯи ӯ нишаста буданд, зеҳн монд ва аз дил гузаронид, ки Фахриддин ақл карда ба писару духтараш номҳои муносиб мондааст. Авлоди тоҷик аз як Неъмату Заринаи дигар зиёд шуд, вале забони модариашро гум карда чурт-чурт гапзании Фахриддин кори хуб не.

Неъмат, ҷавони бистудусола ба падараш монанд, вале Заринаи духтараш ба як нигоҳ ким-киро ба хотири бобои Ғуломалӣ оварда. Мӯйсафед фикр кард, вале ба хотир оварда натавонист. Ӯ аз нав ба сӯи Зарина дида дӯхт. Мӯйҳои духтар кӯтоҳ қайчӣ задагӣ. Чашмонаш мешии сиёҳ, абрӯю миҷгонҳояш ҳам аҷаб хушрӯ. Чашмҳои кӣ ба ин духтар монанд буданд? Хок дар сари пирӣ, дар дил гуфт мӯйсафед ва ба ёдаш омад. Чашмони сиёҳпичаи Гуландом. Оҳ ин духтари Фахриддин ба Гуландом ин қадар монанд. Гуландом он вақт мисли ҳамин Зарина хушрӯ буд. Ба хироҷи мамлакат меарзид. Худо ӯро насиби Азизулло накард…

Мӯйсафед аз ин монандӣ ба ҳеҷ кас ҳарфе нагуфт. Танҳо дилаш ковиш ёфту ба сӯзиш даромад. Баъди андак хомӯшӣ аз Фахриддин пурсид.

— Барои чӣ ин қадар вақт хат накардӣ, Фахриддин ҷун?

— Амак, рӯзе, ки ман дидам, худо ба ҳеҷ бандааш нишон надиҳад, —ба нақл даромад Фахриддин. –Бадномии падарам бас набуд, ки худам сияҳрӯзи якумрӣ шудам. Қариб як сол дар ҷанг ба муқобили фашистҳо ҷангидам. Ҳатто барои корнамоиҳоям, медал ҳам гирифтам, вале хок дар сари ҷангу тақдири шумам, ки дар озод кардани шаҳри Орёл ба зери хоктӯдаи таркиши бомба мондам, беҳолу бемадор, баъди ҳашт рӯзи беҳушӣ дар маҳбасхонаи Бронденбург ба худ омада, донистам, ки асир афтодам. Баъд маро ба ҳабсхонаи шаҳри дигар бурданд…

Бобои Ғуломалӣ сӯҳбати ҷанговарро шунида хомӯш менишаст ва ин дам умри гузашта, дӯстони қадрдонашро ба хотир овард. Боз Азизулло, усто Сайёд ва Камоли оҳангар ба ёдаш расиданд.

Пеш аз рӯзи марги Азизулло Давлатманд-бийю Анвар пошшоро дар ёлаи Чаган гур карданду Азизуллоро ҳамроҳи Бойченкою дигар рафиқонаш дар назди масҷид –штаби аскарҳо. Чӣ рузи маҳшар буд он рӯз. Ғуломалӣ Азизуллоро ба гап дида натавонист. Вақте ки ҷасади хунолуди ӯро аз болои аспи Камоли оҳангар фуровардa ба хона даровардand, Ғуломалӣ дид, ки Азизулло ба ҳоли худ аст. Ӯ танҳо як бор чашм кушода болои сараш Ғуломалиро дида тавонист. Барои гап задан қувват накард. Чӣ гуфтан мехост, Ғуломалӣ фаҳмида натавонист. Балки ӯ охирин қуввату дармонашро нигоҳ дошта буд, ки ин лаҳзаи вопасини ҳаёти худ, охирин бор ба Ғуломалию момаи Ғарибгул, бобои Хоркашу Гуландом назар созад.

Балки бо Ғуломалӣ маслиҳат карданӣ буд, ки агар Гуландому Ҳусноро розӣ бошанд ду тӯйро дар як рӯз мегузаронанд. Ин мақсадро Азизулло ба Ғуломалӣ гуфта натавонист. Ғуломалӣ ҳамаи орзую ҳаваси дӯсту бародари ҷониашро аз нигоҳи ӯ фаҳмиду ҷигараш реш-реш шуд…

Баъд чӣ ҳодисаҳо ба амал омаданд? Бар қасди ҳама бадбахтиҳо, бекасию бесоҳибӣ, ҷароҳати дасти Ғуломалӣ рӯз то рӯз бадтар шудан гирифт. Ӯ хонаи Азизуллоро ба момаи Ғарибгулу Камоли оҳангар вогузошт. Скрепнику Валя ӯро ба табобатхонаи Кӯлоб бурданд. Валишев ном духтури дивизия дасти росташро, ки аз тири заҳролуд захмдор шуда буд, ҷарроҳӣ карда ӯро аз марг наҷот дод, вале ӯ баъди ду рӯзи ба ҳуш омадан донист, ки аз дасти росташ якумр маҳрум гардидааст.

Ӯ баъди муолиҷа ба Ховалинг омад. Посдории некиҳои Азизулло, ишқи Ҳусноро беихтиёр ӯро кашон-кашон ба Ховалинг оварданд. Аз рӯи Азизулло ба ӯ Камоли оҳангару усто Сайёд, Мулломирҷон ва дигар сокинони деҳ шиносу ёру бародар шуда буданд.

## БОБИ III

Рӯзи дигар, вақто ки кампири Ҳусноро ба аёдати Фахриддин ва зану бачаҳояш рафту бегоҳӣ баргашт, ҳангоми хӯроки шом, дар сари дастурхон ба бобои Ғуломалӣ дарди дил кард.

— Мӯйсафед, духтари Фахриддина дидаму Гуландом ба ёдам омад. Ин духтар ба сиёҳпичамарги Гуландом ин қадар монанд будааст. Як себи ду таксим мегӯӣ. Чашму абру, хандаҳои базебаша намегӯӣ. Мӯйҳоша қайчӣ задай, набошад ай ҳаму Гуландоми хушрӯ ҳеҷ фарқ кардааш намешавад.

Аз ин гуфтаҳои кампир дили бобои Ғуломалӣ ба сӯзиш даромад. Фикру хаёлаш ба даврaҳои ҷавонӣ, ба рӯзҳои пур аз ҳодисаю воқеаҳои мудҳиш банд гардид. Ӯ низ дар симои Заринаи духтари Фахриддин ва Гуландом монандии наздикро ҳис карда буд, вале дар ин бора то ҳол ба ҳеҷ кас ҳарфе нагуфт. Кампир, ки дилсӯзтар будааст, тоқат карда натавонист. Каси аз ҷон азизу ба дил наздик, духтаре, ки дар

мушкилтарин лаҳзаҳои ҳаёт ҳамнафасу дастгираш, қуввати дилу ҷонаш шуда буд, фаромӯш мешавад магар? Табиат ба одамӣ ақлу шуур ва ҳиссиёту идрокро назар ба ҳама мавҷудоти олам зиёдтар раво дидааст, ки ҳамин хел бамеҳру дилсӯз аст. Симои касони нек якумр дар лавҳи хотир нақш мебанданд.

Ғуломалӣ ёд дорад, ки вақти дар беморхонаи Кӯлоб буданаш усто Сайёд як бегоҳии рӯзӣ бозор кофта-кофта ӯро хабаргирӣ омад. Баробари дидани дасти буридаю остини холии Ғуломалӣ ранги рӯи усто Сайёд мисли пахта сап-сафед шуд. Гулӯяшро ғиҷова гирифт. Хост аз талафоти дасти дӯсти бекасу бесоҳибаш аз мағзи ҷон фарёду фиғон барорад, вале дар байни бегонагон худдорӣ кард. Ғуломалии бе ин ҳам маҷрӯҳу рангзардро озори дигар додан аз рӯи одоб набуд. Ӯро дилбардорӣ кардан хост ва усто Сайёд ҳама ғаму ғуссаашро пас нишонда Ғуломалиро бо лаби пурханда ба оғӯш гирифт. Баракси ӯ Ғуломалӣ гирён шуд.

— Бачамард ҳама сахтиро мебардорад, —гуфт усто Сайёд. –Ҳолӣ, ки тани ту сиҳат, бардаму бақувватӣ, барои чӣ гиря мекунӣ? Шукр кун. Ҳамон як дастата садқаи сар бигӯ. Ҳолӣ рӯзҳои хуби зиндагӣ дар пешанд, додар. Аз ин гуфтаҳо дили Ғуломалӣ андак қувват гирифту ҳарду баъди салому алек болои сабзаҳои лаби ҷӯйбор, ки аз мобайни ҳавлии табобатхона ҷорӣ буд, нишастанд.

— Ба бозори Кӯлоб се-чор ҷуфт кафшу мукӣ барои фурӯхтан оварда будум, ҳарчӣ ба савдо рафтанд. Боиси зану кӯдакҳо як чиз ним чиз харид кардам, —гуфт усто ва халтаи аз сари китф ба бараш мондаро кушода аз даруни он як рӯймоли муштбанд гиреҳ кардаро бароварда назди Ғуломалӣ монд.

— Ин савғотиҳора хешу табор, ҳамсояҳо фиристоданд, —гуфт усто ва боз ба халта даст андохта як ҷуфт мукӣ ҳам баровард.

— Инҳора худам ба номи ту дӯхтам, додар. Гуфтам, ки ту дар ғарибиҳо бо хомакҳои даридаат чӣ азобҳое накашидӣ.

— Азоб накашидам, акаи усто. Мӯзаю куртаи навам доданд. Бахудо, ки аҷаб хушдӯхтанд, —гуфт Ғуломалӣ ва аз ҷой хеста ҳадаҳа ба ҷои хобаш рафта аз зери кат либос ва мӯзаҳояшро гирифта баргашт. Сайёд мӯзаҳоро таку рӯ гардонида хуб зеҳн монд.

— Устош, бачаи мардак, хуб мӯзадӯз будаст, —гуфт.

— Боз чарму пошнаша бин, надӯхта мехҳои оҳанӣ доштаанд. Барои раҳгардиву аспсуворӣ аҷаб мӯзаҳои хуб ёфтаӣ, додар. Пӯшида дидишон?

— Пӯшида, чанд рӯз гаштум. Баъд ба таги кат мондумшон, ки рӯзи аз ин ҷо сиҳат шуда буромадан либосҳои навма пӯшуму ба Ховалинг биёюм.

— Кори хуб кардӣ, додар. Ай кӣ харидӣ, инҳора.

— Нахаридам. Ана ҳамон духтур, Валишев, ба командири аскарҳо ким чӣ гуфтааст, ки як рӯз худи духтур инҳора гирифта овард. Гуфт, ки и сару либоса ҳукумат ба ту додаст.

— Ма чӣ хизмат кардам, ки ҳукумат и қадар чизу чораи қиматбаҳора ба ма муносиб дид, гуфтум. Валишев гуфт, ки ҳукумати камбағалҳо, ки шуд ба ҳама бо як чашм нигоҳ мекунад. Имрӯз ту дардмандӣ, кор карда наметавонӣ, бекасу бесоҳибӣ, ба ту ҳам хӯрок медиҳад, ҳам пӯшок. Ана, баъде, ки кор карда, тавонистӣ хизматаша мебарорӣ. Дар ин ҷо ҳама камбағалу бечораҳора орду қанд, собуну либос доданд. Дар ҷойҳои худмон, чӣ? То ҳолӣ и хел корҳо нашудаанд?

— Шудаанд, додар. Камбағалҳои қишлоқ ҳозир якҷоя шуданду ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд. Ҳукумат мисли ҳамин ҷойҳо бечораву бенавоҳора ёрдам кард. Барои чӣ намекардааст? Талаби Гадора ду пуд гандуму се кулча собун, момаи Ғарибгула як либос карбос доданд. Хайр, ана ғаллаи шарикира даравем, Камоли оҳангар мегӯяд, ки ба ҳама баробар гандуму наску нахуд медиҳанд. Боз ҳосили заминҳои тоқахоҷагимона намегӯй. Имсол и қадар ғалла шуд кардааст, ки ҳосилуш ба кулиҳо[1] намеғунҷад.

— Акаи Камол чӣ ҳол дорад? –пурсид Ғуломалӣ.

— Ҳолу аҳволуш хуб. Кори устохонара, ки саранҷом кард, камкам дар сари заминҳо мегарда. Ба кору бори мардум зеҳн мемона, —гуфт усто Сайёд.

— Аспаш дар чӣ дамай? Гули Бодом, чӣ? –пурсид Ғуломалӣ.

— Сиёҳмушкини Камол бардамай. Гули Бодоми ту ҳам. Гоҳ Камол тавелаш мекунаву, гоҳе, ки ӯ нарасад худум. Дина ба и тарафҳо омаданма дониста Камол таъкид кард, ки аз ҳолут хабар гирифта биёям. Худаш баъди ягон ҳафта хабаргирит меояд.

— Рафтӣ, акои Сайёда, мегӯй, ки саргардон нашава. Баъди се ҳафтаи дига ҷавобум медиҳанд. Сиҳат шудаӣ, мегӯяд Валишев. Мукии барои ма духтара акаи Сайёд бубар. Худат одами кӯдакдорӣ, се-чор сӯм фурӯхта як камбудира буд мекунӣ.

1. Кулӣ — асбоби лой, ки дар он ғалла ё орд нигоҳ медоранд.

— Падару бобои мо ҳамаи камбудии зиндагира буд карда натонистанду ма ба ҳами як ҷуфт мукии ба номи ту дӯхтаам буд мекардаам? Мон, ки ҳамон камбудии сабил буд нашава, лекин ту додар, мукира мегириву мегирӣ. Ҳоли ту феъли усто Сайёда нағз намедонӣ. Агар мукира нагирӣ дар ду дунё ай ту малол мешавум. Ҳар неку баде, ки шава, мо дар қишлоқи худем.

— Хайр мегирум, акаи усто, малол нашавен, —гуфт Ғуломалӣ ва мукиҳоро аз дасти ӯ гирифта ба паҳлӯяш монд.

Усто Сайёд гиреҳи рӯймолро кушода онро ба болои сабза паҳн кард.

Дар рӯймол гандумбирёну тухми пухтагӣ, кулчаи ширмолу мағзи чормағз, гелоси хушку дигар хӯрданиҳо буд.

— Ҳарчӣ дар хона як ду каф орд ёфт шуду янгаи Зарагулат и кулчаҳора бароят пухт, —шарҳ дод усто. –Тухмҳора момаи Ғарибгул равон кард. Гандумбирён аз ду хона, аз хонаи бобои Хоркашу Камоли оҳангар.

Ғуломалӣ ба гандумбирён, ки андак нахуду донаи каду ҳам дошт, даст бурда як каф гирифта ба даҳон андохт ва пурсид:

— Бобои Хоркаш нағз ҳаст? Қариб, ки фаромӯш карда будам.

— Ту додар, бобои Хоркаша фаромӯш накардаӣ? Аҳволи мӯйсафед хубай. Медонӣ барои чӣ фаромӯш намекунӣ? –пурсид усто Сайёд.

— Барои некиҳояшу, боз барои Ҳусноро. Рӯймола кушодаму ба ту як-як одамҳои савғо фиристодагира гуфтам, зеҳн мондам, ку Ғуломалӣ чӣ кор мекуна. Ҳамин, ки гандумбирёна аз хонаи бобои Хоркаш овардам, гуфтам, ту ҳадаҳа кафа пур кардиву ба даҳон андохта маза кардӣ. Нагӯ ки, ки мо шаҳрҳои обода надида гӯли гарангем? Не додар. Мо ҳам як чиз ним чиза мефаҳмем.

Ғуломалӣ аз шарму ҳаё то баногӯш сурх шуд ва ба сипоҳии усто Сайёд қоил шуд, ки нагуфтаю нашунида ин мард аз куҷо сирри дили ӯро медонад. Мақсад аз пурсидани аҳволи бобои Хоркаш дар ҳақиқат агар аз як тараф аз дили соф бошад, аз дигар тараф Ғуломалӣ медонист, ки усто Сайёд аз Гуландому Ҳусноро албатта гап мекушояд.

Сайёд дид, ки Ғуломалӣ хиҷолат кашид. Ҳарфе нагуфт, пас худаш ба гап даромад.

— Чӣ, шарм кардӣ? Ё гапам дурӯғай? Хайр, хафа нашав, ту ки додарам мешавӣ, шӯхӣ кардам. Худора шукр, бобои Хоркаш,

Гуландому Ҳуснорои ту, ҳама сиҳату саломатанд. Дуову саломи бисёр гуфтанд. Мани ҳафтафаҳм то донистум, ки туву Ҳусноро якдигара нағз медидаед, ки гандумбирёни овардаи духтарҳора бо фиристодаи Камоли оҳангар аралаш кардам. Худи Ҳусноро сир бой дод. Вақте ки гандумбирёна ба рӯймол рехтам, «акаи Сайёд, савғоҳора алоҳида, алоҳида барӣ хуб нест» —гуфт. Сӯяш як нигоҳ кардаму дилам гувоҳӣ дод, ки духтар ба ту меҳр доштааст. Ба ӯ гуфтам, ки гандумбирёни тура Ғуломалии мо мешиносаду доначин карда мехӯрад. Бӯи дили сӯхтара, додарам, мефаҳмад, гуфтам. Ӯ ҳам мисли ту аз шарм сурх шуду ҳарфе гуфта натавонист.

Ғуломалӣ дигар гандумбирён намехӯрд. Рӯймолро ҷамъ карда гапҳои усто Сайёдро гӯш мекард.

— Хайр рост бигӯ, ки бӯи дили сӯхтаи Ҳуснороро фаҳмидӣ ё не? –пурсид усто Сайёд.

— Ин хел гандумбирёни болаззата дар умрам бори аввал хурдам, —гуфт Ғуломалӣ ва қақра зада хандид.

— Ба падарат раҳмат. Ҷунта садқа, додар, ки ҷувонмард будай. И қадар хап шиштан чӣ фоида дошт? Ай ҳоли дилут огаҳамон мекардӣ кайҳо шумо қӯша мешудед. Ба ростӣ ба Ҳусноро дил бой додай?

— Бахудо, ака, бароям ай ҳама дороии дунё и духтар боло меиста.

— Хостгорӣ тани худам, —пеши синаашро зада, гуфт усто ва илова намуд, —як ҷомаи шоҳиалача ба гардан мегирӣ?

— Ҷонум садқат, усто. Ҷома кирои гап дорад?

— Сағира ошиқи зор будай. Майлаш, бе шӯхӣ, ҳамин, ки ба Ховалинг расидам янгаи Зарагулта хостгор мефиристам.

— Ба болои ҷома як куртаи дигар сарборӣ мешавад бигу? –гуфт Ғуломалӣ.

— Э, не, гап дар ҷирзу ҷиғел не, додар. Дили духтара зан хубтар медонад, мегӯям. Боз и Зарагули янгаат дар гап бало. Иншооллоҳ ба мақсадат мерасӣ, додар.

— Ба ҳамин гап дуои хайр кун, акаи усто –гуфт Ғуломалӣ ва ҳарду даст ба дуо бурданд…

❁ ❁ ❁

Ғуломалӣ баъди се ҳафтаи дигар ба Ховалинг баргашт. Қарибиҳои намози шом ба ҳавлӣ расиду онро чун мазор холӣ ёфт. Дар

хона касе набуд. Танҳо, Полвон, ҳамон саги аз хонаи Давлатманд-бий ҳамроҳаш омада аз дидани Ғуломалӣ шод гардида, давида ба наздаш омад ва гирди Ғуломалӣ дум ҷумбонида аз шодӣ рост-рост ба қадаш хеста, либосҳояшро бӯ кашид. Ғуломалӣ дар байни ҳавлӣ андак сари по нишаст ва Полвонро дӯстдорӣ кард: —Биё ку, ошно, чанд вақт аз ҳамдигар ҷудо будем, бубинамат, ки ёдат кардам, —гуфт. Саг дар рӯ ба рӯи ӯ истод. Аз чашмонаш маълум буд, ки Ғуломалиро пазмон шудааст. Ғуломалӣ гардани сагро ба бағал гирифта сару рӯяшро дастмол кард. Ин дам чашмони саг ба остини холии соҳибаш афтоду меҳрубонона зинг-зинг овоз бароварда фукашро ба остини холӣ молид. Ғуломалӣ донист, ки саг набудани дасташро фаҳмидааст ва дилсӯзона безобитагӣ дорад. Аз ин ҳиссиёт дилаш ба дард омад.

— Ту ҳам фаҳмидӣ, Палвон? Ғам нахӯр. Насиб ҳамин будааст. Маро инқилоб, аз пару болам ҷудо кард. Мову ту ку зинда, дар рӯи заминем, лекин соҳибмон Давлатманд-бий кайҳо зери хок хобидааст. Ту, Палвон, саги бовафо будай. Хонара бонӣ карда омадани мара интизор истодай, ба ҷое нарафтай? И қадар лоғар шудай. Ана, ки омадум андак ҳолут беҳ мешава. Биё, ҳардумон ай асп хабар бигирем, —гуфта Ғуломалӣ аз чой хест ва саг аз думбол ҳарду сӯи аспхона рафтанд. Баробари дарро кушодан ва аспхонаро холӣ дидан пеши чашми Ғуломалиро сиёҳӣ гирифт. Якамехи Гули Бодом холӣ буд. –Асп дар куҷо бошад? –бо нимовоз аз худ пурсид ӯ ва аз дил гузаронд, ки шояд Камоли оҳангар барои ягон ҷо рафтан Гули Бодомро бурдааст. Ё усто Сайёд аз паи коре рафтагист. Ба ин ҳам дилаш қарор нагирифт. Ӯ хам шуда охури аспро даст-даст кард. Охур ҷаву каҳ надошт. Ба зери пои асп зеҳн монд. Дар ягон ҷо коҳи пошхӯрда ба чашмаш нанамуд. Ғуломалӣ пай бурд, ки чанд рӯз, ё мумкин ду-се ҳафта боз аспро дар ҷояш набастаанд. Вақти дар пушта тавела кардан ҳам кайҳо гузаштааст, ки асп дар ягон ҷо дар чаро бошад. Ӯ асли воқеаро зуд донистанӣ шуда ба хонаи Камоли оҳангар рафт. Дар он ҷо донист, ки дар андак вақти дар Ховалинг набудани ӯ чӣ воқеа ва ҳодисаҳо шудаанд…

❁ ❁ ❁

Ғаюрбек, ки баъди муҳоҷирӣ бо аҳли оила ва хешу ақрабои худ дар он тарафи дарёи Панҷ, дар деҳаи Рустоқ зиндагӣ мекард, аз хабари марги Анвар пошшо ва Давлатманд-бий шод шуд. Хурсанд

буд, ки ақлаш расиду сари вақт тарки ватан карда ҷон ба саломат бурд. Давлатманд-бийю Анвар пошшо зинда мемонданд ин замон ба ӯ душмани ашаддӣ ва ниқорталаб буданд. Ин ду саркардаи ғозиён агарчӣ бо Ғаюрбек ҳаммаслаку ҳамфикрӣ доштанд ва Ғаюрбек мувофиқи супоришу фармони онҳо амал мекард, вале баъди ба ин тарафи дарё гурехтани ҳоким онҳо нисбат ба ӯ дар дил кинаю адоват мепарвариданд. Ғаюрбек баъди гурехтан намехост, ки онҳо ғолиб оянд, зеро зинда мондани Давлатманду Анвар ба ҳоким хавфи марг дошт. Онҳо Ғаюрбекро хиёнатгар ва ватанфурӯш ҳисобида, метавонистанд, ба воситаи фиристодагонаш ӯро дар Афғонистон даступо баста ба Ховалинг гирифта биёранд ва дар пеши чашми омма ба қатл расонанд. Дар ҳолати шикаст хӯрда ба ин тарафи дарё омадан ҳам саркардаҳои ғозиён Ғаюрбекро тинҷу осуда, ба ҳоли худ мондан набуданд.

Ғаюрбек инчунин медонист, ки ҳатто кури Ортиқ, ки нав аз дарё гузашта омадааст, метавонад ӯро гунаҳгор ҳисобида дар назди миру қозиҳои афғон шармандаю расво кунад ва барои пора дода ҷонашро аз дасти ҳокимони ин ҷо халос кардан мумкин аст молу давлати зиёдашро муфт бой диҳад.

Ҳоким барои фаҳмидани таҳти дили кури Ортиқ ва донистани мақсади ӯ фурсатро аз даст надода як ҳафта, баъди гузаштани ғозиёни шикастхӯрда аз дарё зиёфат ороста, кури Ортиқро бо ёру дӯстон ва шахсони наздикаш меҳмондорӣ кард.

Баъди зиёфат, пас аз як ҳиссаи шаб гузаштан, вақте ки меҳмонҳо паи ҳам хеста ҳар кадом ба ҷову макони худ рафтан хостанд. Ғаюрбек аз кури Ортиқ хоҳиш кард, ки андак сабр кунад, ба ӯ гапи зарур дорад ва кури Ортиқ розӣ шуд.

— Хайр, ҳолу аҳвол пурсем, Ортиқбой. Дар ватанҳо чӣ гапҳои нав? –пурсид Ғаюрбек.

— Ҳоким, ранг бину ҳол пурс. Худат аз кори дунё бохабару боз мара тамасхур мекунӣ, чӣ? –андак киноямез ва ранҷидахотир гуфт кури Ортиқ.

Ғаюрбек фаҳмид, ки мард дар дил кина дорад, бинобар ин оҳанги гапзаниашро мулоимтар кард:

— Ин қадар вақт мо дар ин мулк ғарибем. Ғарибӣ куи сахт будааст, додар. Худора шукр, ки шумоён омадед, аҳволамон андак беҳ мешавад. Ғаму кулфати беватаниро дидори дӯстон сабук мегардонад, -гуфт Ғаюрбек.

— Ғарибии шумо ҳоким, аз ватандории мо беҳтар ку.

Шумо соҳиби ҳавлию хонаву дари обод шудаеду мо ба умеди ғазо дар ба дару хок ба сар гаштем. Шумо, ҳоким, одами оқилу бафаҳм буден, ки аз он кураи алов барвақт ҷонатона халос карден.

— Хайр, шумо, Ортиқбой, дер омада бошед ҳам, албатта, ки шер омадед? Молу ҳол, ки дошта бошӣ, ҳама ҷо ватан аст. Даррав хонатон обод, зиндагиатон осуда мешава.

— Молу ҳоли хок дорем, ҳоким. Ҳамин қадар, ки ҷонмона гирифта гурехтем.

— Ортиқбой, шумо ҳам одами хом нестед. Хазинаи мир ба ҳамаатон басанда буд.

— Хазина ба мо нарасид. Наёфтемаш, ҳоким. Дунё кунфаякун шид. Дигар надонистем, ки тилло дар дасти Шамсиддин туқсабо монд ё Азизқулу занҳои мир.

— Давлати мир, додар дар ду ҷо, дар Яп, дар дасти зану фарзандони калонии Давлатманд, ё дар хонаи зани хурдиаш, духтари Мирзоқосим дар Ховалинг мондааст, —гуфт Ғаюрбек. –Шумо Ортиқбой ба мир каси бегона будед. Ма солҳо бо ӯ дӯстиву ҳамкорӣ доштам. Феълу атвори ӯра хуб медонам. Ӯ давлатша ба бегонаҳо намедиҳад.

Ҳай дареғ, сад афсӯс, ки хазина ба дасти салотҳо меафтаву мардумӣ мешавад, —гуфт Ғаюрбек.

— Давлаташ зиёд буд? –пурсид кури Ортиқ.

— Солҳои сол тиллои ҷамъгашта куҷо мешуд? –гуфт Ғаюрбек.

— Баъди ин қадар рӯзи қиёмат, мир давлатша танҳо дар ҷои боваринок пинҳон карда метавонад. Ма гумон доштам, ки шумо онро ғанимат гирифтед. Шумо бошед, ба гуфти худатон, бо дасти холӣ фирор кардед.

— Ба дасти холӣ, омадам, ҳоким. Мо қариб се моҳ дар Муъминободу қишлоқҳои атрофи кӯҳи Ҳазрати Эмом гашта пайт ҷустем, ки раҳ ёфта ба Ховалинг баргашта як чизу ним чиз ғанимат гирифта баъд ба ин тарафҳо биёем, лекин нашуд, ҳоким. Толеъамон бад будааст. Ҳама роҳҳоро салотҳо банд карданд. Қишлоқакиҳора тиру туфанг доданд. Ин ду се тангаи зардак, ки мо овардем, кирои гап ҳам надоранд. Мардум тарафи ҳукумати шӯроро гирифт. Ба онҷо дигар бора рафта намешавад.

Ғаюрбек аз ин гуфтаҳо фаҳмид, ки кури Ортиқ барои ба даст овардани ғанимат ва бори дигар ба Ховалинг баргаштан майлу рағбат

дорад. Хуб мешавад, ки ӯро ба ин роҳ тарғиб намуда ба рафтан розӣ кунонад, зеро кури Ортиқ дар муборизаҳо аз ӯ дида зиёдтар иштирок кардааст ва яке аз саркардаҳои Анвару Давлатманд-бий ҳисоб меёфт. Шояд бо ёрии ӯ боз соҳиби давлати зиёд гардад, бинобар ин гуфт: —Мо ҳам тинҷ нашиштаем, Ортиқбой. Зурат, ки меомадаст, аз беамакӣ харра амак мегирифтай.

Шунидам, ки Имроҳимбек ба ҳамин тараф фирор кардааст, ба зиёрataш рафтам. Ба маслиҳataш каму тум тиру туфанг ҳам харидам. Мехостам ба ӯ ҳамраъӣ кунам, лекин омадани шумора дидаму шод шуда аз раъям гаштам.

— Чӣ, шумо ба ӯ ҷои хазинаро гуфтед? –пурсид Ортиқ.

— Не додар. Ҳолӣ и қадар гову галӯ нагаштаем. Иброҳимбек ҳарчанд саркардаи лашкари ислом бошад, лекин шумоҳо ба мо хешу таборӣ дорен. Бегона бегона аст. Аз он хелҳо некӣ намебурояд. Мову шумо аз обрави як ватанем. Кундаву решаамон як аст, Ортиқбой. Хазина дар он тарафу мо дар ин ҷо тинҷ зиндагӣ карда наметавонем. Ин кор дар шаъни мард мардум намезебад.

— Ба он тараф дигарбора рафтану аз нав ғазо кардан, кори ношуданист, ҳоким. Сарлашкари барҳақи турк Анвар пошшову мири Давлатманд-бийи уқобчангол, мову дигар шермардҳо аз ӯҳдаи ин кор, ки набуромадем, шумо ба сӣ-чил гурезаи пойлуч куҷора мегирен? Ба муқобили салотҳо истодагарӣ карда намешава.

— Давлату хазини мир чӣ мешавад? Монем, ки ба дасти кофирҳо афтад?

— Ҷон ширинай ё кочӣ? –пурсид кури Ортиқ.

— Ҷон ку ширин аст, Ортиқбой, лекин хазина кочӣ нест ку. Шумо тиллора ба кочӣ баробар меҳисобед? Дар и мулки бегона барои ҷову по, хонаву дар ёфтан молу ҳол, давлат лозим аст. Барои зиндагӣ кардан, дар ин ҷо пули калон металабанд. Ин ҷо мулки падару бобои мову шумо нест, ки қозию муфтиҳо ду даст пеши бар ҳамара ба хотири рӯҳу арвоҳи гузаштагон бахшиш кунанд. Ҳолӣ, додар, шасти миру қозии афғонро нахӯрдай, заҳру зуқуми беватаниро начашидай. Гов дар диёри мардум гӯсола метобад, Ортиқбой. Дар пеши чашми и мардум имрӯз ҳамон гӯсола мову туем. Мисли мову шумо ҳозир дар и тарафи дарё ҳазор-ҳазор дарвозию хулозӣ, узбаку турки беватани пойлуч хонасалоту нонгадо, сарсону саргардонанд. Инқилоб ҳамаи маро беватану ғариб гардонд. Мебинӣ, ки як кӯдак дар пушту яктаи дигар дар мушт дар ба дару хок ба сар гаштаанд. Пеши ҳокимҳои ин

ҷо саг қурбу қимат дораду одами бегона не. Кӯчаву бозор ҳама пури гуруснаҳои беватананд, ки «нон» —гуфта ҷон медиҳанд. Ту бошӣ мисли подшоҳ гап мезанӣ. Мо хело балоҳора дидем. Ду се моҳ ин ҷо зиндагӣ кунӣ баъд мефаҳмӣ, ки беватанӣ чӣ дарди бедаво будаасту мулки ғарибӣ чӣ чаҳанами рӯи замин. Ана инқилоб мора ба чӣ аҳвол гирифтор кард, додар!

Гапҳои Ғаюрбек ба кури Ортиқ таъсир карданд. Ӯ чанде хомӯш монд ва баъд гуфт: —Хайр чӣ илоҷ. Замин сахту осмон баланд, ҳоким. Шумо аз мо дида зиндагидидаед. Неку бади дунёра хуб медонед. Шумо, ки ба рафтан розӣ бошен, ма ҳамроҳатон меравам. Имрӯз ночору камбағалам, илоҷи дигар надорам.

— Худо розӣ шавад дар андак вақт давлатдор мешавӣ, –шод шуда гуфт Ғаюрбек. –Агар дерӣ кунем, додар, хазинаи мир ба дасти салотҳо меафтаду бенасиб мемонем.

Ғаюрбек дар дил хурсанд шуд, ки тираш ба нишон расиду Ортиқро розӣ кард. Баъди андак хомӯшӣ аз нав ба гап даромад.

— Ортиқбой, мара хурсанд кардӣ. Насиб бошад кай сафар мекунем? –гуфта Ғаюрбек ба пиёла чой рехта ба ҳамсӯҳбаташ дароз кард.

— Кайе, ки шумо хоҳед. Лекин одами бисёр намегирем –гуфта кури Ортиқ пиёлаи чойро аз дасти Ғаюрбек гирифта гапашро давом дод: —Салотҳо раҳу гузаргоҳҳора поида меистанд. Се каси аспсавори хуб ҳамроҳ шавем басай.

— Ма ҳам ҳамин хел фикр доштам. Мефаҳмам, ки ба салотҳо рӯ ба рӯ шудан ба марг баробар аст. Ҳама корро хилват анҷом додан даркор. Рӯзҳора дар ҷангал ё боғҳои аз қишлоқ дур, аз чашми ғайр пинҳон шуда бегоҳ мекунему шаб ба шикор мебуроем. Боз якта нимта одамҳои мусулмони дилпур будагистанд. Мо ку он ҷо ватандор будем. Ҳолӣ дунё он қадар кофаристон нашидааст, ки ҳама аз мо рӯ гардонанд. Аввал ба ҷои зисти мир ба Яп меравем. Хоки хонаи ӯро дар ғирбол, ки бехтем тилло рӯ мезанад. Насиб бошад ба Ховалинг ҳам меравем. Аз давлати мир Мирзоқосими падарарӯсаш ҳам бенасиб мондагӣ нест. Баъди марги мир, ба фикрам, лошахӯри бисёре ба сари ҷоҳу ҷалолаш зағобу карда давлатша тақсим кардаанд. Баъд, Ортиқбой хаёлам Гули Бодоми мир ҳолӣ ҳам дар Ховалинг, дар дасти ҳамун сағираи дари хонааш, Ғуломалӣ аст. Худо тараҳум кунаву и асп ба дастамон афтад, чӣ мепурсӣ.

— Кори хуб мешавад. Ҳай аспи таърифиҳай. Ҳушу ёди мир то нафаси охир ба ҳамон асп банд буд, —гуфт кури Ортиқ.

— Ана дидӣ, Ортиқбой. Боз дар раҳ чӣ чизҳое ба ёдамон меояд, ба гуфти шумо дар он ҷо зиёд истодан маъние надорад. Хазина, ки ба дастамон зад, ба пои пас бармегардем. Касони ҷои тиллора медонистагӣ мурда гуру гум шуданд. Хешу ақрабои мир дар ин бора ба ҳеҷ ки лом намегӯянд. Салотҳои урусу ҳукуматдорони нав то дараки хазинара меёбанд, ки иншооллоҳу таоллоҳ мову шумо онро ғанимат гирифта байнамон баробар тақсим мекунему, то охири умр бача ба бачаҳоамон дар и тараф нафаси озод мегирем.

Гапҳои Ғаюрбек хаёли кури Ортиқро ба дуриҳо бурданд. Ҳирси молу давлат ӯро ба фикру андешаҳои ширин банд кардаанд.

— Ҳоким, ғанимат гуфтиву як чиз ба ёдам зад, аз ҷо нимхез шуда гуфт кури Ортиқ.

— Ягон ҷои дигар, тилло дида будӣ? –пурсид Ғаюрбек.

— Э, не, ҳоким. Тилло-ку сабил чизи ай ҷон азиз аст, ворӣ худама аз ҳамин қадар балоҳо халос кардаму як духтар ҳеҷ не ки аз ёдам равад. Ҳар чӣ хостам, лекин ӯро ёфта гирифта, моли худ гардонида натавонистам. Ҳай хушрӯ, аҷаб базебай. ҷонум садқаи ҳами хел духтар. Охир, бубинӣ ҳеҷ бовар намекунӣ, ки аз ҷинси одамӣ худо ҳами хел зан офарида боша. Худо ҳозирай, дигар и хелаша надидам.

— Дар куҷо буд и духтар? –гуфт Ғаюрбек.

— Напурс ҳоким, ки ҳолӣ ҳам ба ёдам мезанад дилу ҷигарам дар мегира.

— И қадар муҳобот кардӣ.

— Муҳобот не. Ба худо ки ростӣ ба рост. Солеҳи ҷувозкаша ай Тираконӣ мешинохтӣ?

— Қишлоқа дидаму лекин Солеҳа намешиносам.

— Хайр, духтари ҳамон мардак. Ба худо ки моҳи шави чордаҳ ворӣ хушрӯҳай. Як шаб барои Анвар пошшо оварда будамаш. Ба ӯ ҳам насиб накард. Дар никоҳи Анвар буду духтар худаша ба девонагӣ зада будааст. Аввал ҳеҷ кас нафаҳмид. Вақте ки аспи як навкара гирифту ай дасти Анвар гурехт, баъд фаҳмидем, ки духтар девона не, офат, балои охирзамон будааст. Ҳозир ҳамон духтар дар Ховалинг, дар хонаи бобои Хоркаш гуфтанӣ мӯйсафед будааст. Ҳамин қадар аз қасдаш гаштам ба даст даровардаш натавонистам. Худо розӣ шуда

бошад, и дафъа боз аз пайяш меафтам. Агар гирифта моли худам нагардонамаш, як дастам аз гӯр берун.

— И қадар таъриф кардӣ, Ортиқбой, ба арзи меҳната ҳаст, нест?

— Бахудо ки ҳаст, ҳоким. Бубинияш, мегӯӣ ҳама молу давлати дунёра диҳаму ба занӣ бигирамаш. Ӯ хушрӯ намешуд Давлатмандбий ба Анвар пешкашаш мекард? Ҳамон шави гирифта овардагӣ гуфтам аз баҳри дунё гузараму бурда дар ягон мулло никоҳ карда, бо ӯ гурехта, сар мулки худо гираму равам, ворӣ аз ҷонам тарсидам. И кора мекардам мир зинда ба зинда пӯстам мекард. Насиб бошад и дафъа ай дастам хато намехӯрад.

Умри Ғаюрбек ба ҷое расида бошад, ҳам, аз сӯҳбати ширини кури Ортиқ ҳисси ваҳшонияташ боло гирифт ва аз ӯ пурсид:

— Зани хурдии мирра дида будӣ?

— Не, надидааму овозаи хушрӯиаша шунидам.

— Холисамоҳа, ки надида бошӣ дигар чӣ таъриф мекунӣ, Ортиқбой. Гуфтагии ту ворӣ, хок дар сари дасти норасо. Гоҳ вақте маҷбур мешавӣ, ки нолаи даҳоната ба дигар кас диҳӣ. Холисамоҳа худам бо ду дасти адаб арӯс карда ба пеши мир бурда будам, агар и кора намекардам ҳокимии Ховалинга ай дастам мерафт. Ана ҳамон Холисамоҳ ба хушрӯ гуфтан меарзад. Дар умрам и хел зани нозанина надидаам.

— Шумо ҳам ҳоким дар дил доғ доштаед, ку?

— Ҳар зоғера дар дил доғе ҳаст, додар, —гуфт Ғаюрбек ва оҳи ба дард кашида пурсид:

— Ту намедонӣ, ки зану кӯдакҳои мир ҳозир дар куҷо бошанд?

— Аниқ намедонам. Ба фикрам дар Япанд. Вақти марги мир, рӯзи азодорӣ ҳамашон он ҷо буданд. Дигар мо ба бими ҷони худ афтода будем.

— Хайр ки рафтем ёфтаншон осон. Аз ҳама асосиаш хазинара ба даст дарорем, —гуфт Ғаюрбек ва аз он ҷо хеста илова намуд.

— Сабил ба сӯҳбат гир шуда хондани намози хуфтана фаромӯш кардем. Хез додар намозҳора хонему дар фикри сафар шавем.

## БОБИ IV

Баъди шикаст хӯрдани дастаҳои Анвар пошшою Давлатманд-бий дар деҳаи Япу қишлоқҳои дигари атроф нисбатан оромию осоиштагӣ ҳукмрон гардида бошад, ҳам Шамсиддин туқсабою Тоҷиддини бародараш дар фикри тарки ватан карда ба Афғонистон гурехта рафтан афтода буданд. Онҳо нағз медонистанд, ки ба сарлашкари турк Анвар ҳамроҳ шуда рӯирост ба муқобили аскарони инқилобӣ, бархостанд. Беҳтараш ҳарчӣ зуд молу ҳолро ҷамъ карда ба он тарафи дарёи Панҷ ҷон ба саломат бурдан лозим. Шамсиддин туқсабо баъди ба хок супоридани Давлатандбий бо Тоҷиддини бародараш маслиҳат карда, барои ба аҳли оилаашон ба Афғонистон рафтан тайёрӣ медиданд, ки ногаҳон ба балои азим гирифтор шуданд. Сабаби кашмакашу муфт ба дасти кури Ортиқу Ғаюрбек афтидани онҳо тиллои хазинаи мир шуд.

Зани калонии мир Муслима ва фарзанди нахустинашон Азизқул медонистанд, ки давлату дороии мир ва хазинаи ӯ дар дасти Шамсиддин туқсабост. Шамсиддин аз ин ноқоил набуд. Ӯ дар рӯзи ҳафтуми ҳайроти мир дар ҳукузури мӯйсафедон, ҳангоми марака дар дасташ мавҷуд будани хазинаи мирро иқрор шуд ва ваъда дод, ки фурсати муносиб ёфта онро ба фарзандонаш бармегардонад.

Бегоҳии рӯзи маросими чилрӯзагии фавти мир, баъд аз намози хуфтанро дар болоҳуҷраи Шарифбой, падари Давлатманд-бий хонда дар ҳаққи рӯҳу арвоҳи мир қуръон тиловат кардан, Шамсиддин бародараш Тоҷиддин ва Азизқулро гирифта хилват ба ҷои зисти худ бурд. Тоҷиддину Азизқул ҳар кадом ду сандуқии оҳанинро, ки қулфу муҳр доштанд, бардошта ба болоҳӯҷра баромаданд. Шамсиддин туқсабо аз қафои онҳо ба ҳуҷра омад.

— Моли мӯъмин хуни мӯъмин! Хок хабарашон набарад, ба он касҳо, ки насиб накард ба фарзандонаш кор меояд, —гуфта Шамсиддин аз ҷайби куртаи то зону дарози алочакарбосаш калид бароварда ба Азизқул дод.

— Кушо, бачам, дар ҳар кадом понздаҳ ҳазорӣ тилло ҳаст. Ҳамааш ба рӯзи тӯят ба кор биёяд. Агар ришатае аз моли худораҳматии падари бузургворат бурда бошам, бача ба бачаам насиб накунаду кафанам шавад. Молу ҳоли худам, ки насибам шавад ҳазорон шукри субҳонаватаъоллоро мекунам. Мероси падарат ҳам ҳайроти худаша

ба ҳузур мегузаронаду ҳам ба ҳафт пушти худат бачам, басанда аст. Нӯши ҷонат шавад, —гуфт бо дили кушод Шамсиддин туқсабо.

Азизқул қулфи сандуқро кушода сарпӯшашро боло кард. Рӯшноии хираи пилтачароғ ба болои тиллои сикказадаи даруни сандуқ афтода чашми Азизқулро рабуд. Ӯ дар умри худ бори аввал чунин тиллои зиёдро дида буд ва бо чашми ҳайрат ба ин ганҷ менигарист.

— Амаки Шамсиддин, —гуфт Азизқул ба сӯи ӯ нигоҳ карда, аз ҳаққи ман бигиред. Худат ҳам бигиру акаи Тоҷиддин ҳам. Арвоҳи қиблагоҳам розӣ шаванд. Шумо ки инсоф карда ҳама давлати падарама баргардондед, гапама ба замин намонед. Аз ин тилло бигиред. Боқимондааш ба мо бас аст. Худо, ки ҳастамон кардааст, боз ризқамон дар пеш.

— Илоҳӣ дар ду дунё хорат накунаву дасти кама набинӣ, — гуфта Шамсиддин туқсабо ду каф тиллоро гирифта аввал ба домани ҷелаки худ ва баъд ду кафи дигарро ба бағали Тоҷиддин рехта буд, ки дари ҳуҷра оҳиста кушода шуду ду марди сиёҳпӯш вориди хона гардиданд. Ҳарду мард чакману саллаи сиёҳ доштанд ва бо фаши салла рӯҳояшонро маҳкам печонда буданд. Тоҷиддин аз чарми рӯи чашми чап кури Ортиқро шинохт ва, —валлоҳ, ки Ортиқай, —гуфта, тиллои дар бағалаш бударо бо лаби ҷелак печонда аз ҷо хест. Ортиқ зеҳн монд, ки дар хонабудагон яроқ надоранд, хурсанд шуда гуфт:

— Ҳа, Ортиқам! Ҳамон Ортиқе, ки мурда гумон мекарденаш. Гуфта будам, ки туқсабо, шумора зинда ба қап мекунам, мурам беармон. Худо ҳозир аст, ки ёфтаму боз бубин ки сари кеча задем.

Ортиқ ба сандуққо чашм давонда бо нуги мӯзаи такагиаш сарпӯши сандуқи пеши Азизқул бударо кушодан хост. Зулфаки сандуқ ба ҳалқа андармон шуда буд ва Ортиқ онро кушода натавониста ба Ғаюрбек рӯ овард:

— Ҳоким ина кушо!, —гуфта ишорат кард, Ортиқ ва худ ба дигарон зеҳн монд, ки ҳаракати беҷое накунанд.

Шамсиддин аз рафтори Ортиқ фаҳмид, ки ӯ ба ин ҷо ба мақсади ғорат омадаст, бинобар ин гуфт:

— Аз худо битарс, Ортиқбой!

Шамсиддин туқсабо ларзида сандуқи тиллора ба бағал кашид. —Ин давлати бисмиллоҳу раҳмону раҳими мирай. Ма имрӯз ба писару занаш бармегардондам! Аз барои худо ба ҳаққи сағир кордор нашав!

— Гумшаве, пирсаг! –гуфта Ортиқ бо лағат ба шиками Шамсиддин туқсабо фуровард. Мӯйсафед як «Оҳ!» —гуфту сар болои сандуқ монд ва ҳарчанд аз зарб қуввату мадор аз дасташ рафта бошад ҳам, ҳанӯз панҷаҳояш ба ду дастаи бари сандуқ андармон буданд. Тоҷиддин ба ин хории ба бародараш дода тоқат накарда ба сӯи кури Ортиқ ҷаста ӯро заданӣ буд, ки тапончаи дар зери остини чакман дар даст будаи кури Ортиқ дар гирифт ва тир ба шиками Тоҷиддин бархӯрда ӯро пару хобонид.

Азизқул аз ваҳми ҷон худро ба кунҷи хона гирфт. Ортиқ Шамсиддини туқсабои аз ҳуш рафтаро як тараф тела дода сарпӯши сандуқа кушод. Чашми Ортиқ ба тилло афтоду аз хурсандӣ дасту по гумкарда лаҳзае чӣ кор кардану чӣ гуфтанашро надониста монд. Ӯ сарпӯши сандуқро пӯшида пои росташро болои он гузошт ва ба ханда гуфт: —Ҳоким бахтат омад куна, мурғи хонаат дулона меора. Нагуфтам, ки сари кеча задем. Сандуқи дигара шумо кушода бинед. Ма и мирбачара назорат кунам, ки ягон номаъқулӣ накунад.

Ғаюрбек сандуқи дигарро кушодан хост, вале қулф будани онро дида гуфт: —Маҳкамай.

— Калид, калид! –фарёд бароварда Ортиқ.

Азизқул бо дасти ларзон калидро пеши пои ӯ партофт. Ғаюрбек сандуқро кушода хушнудона овоз бароварда.

— Ҳақатон Ортиқбой, сари кеча задем! Мурғи мо ҳам дулона оварда. Ина нигоҳ кун. Нагуфта будам, ки хазинаи мир дар дасти Шамсиддинай. Биё, бубин.

Ортиқ ба даруни сандуқи дуюм, ки он низ пури тилло буд зеҳн монду ба тарафи дар гашта овоз бароварда:

— Йисуф, хӯрҷинҳора биёр.

Шамсиддин туқсабо ин дам андаке ба ҳуш омада паҳлӯ гашт ва аз парондани бародараш огоҳ шуда, худро базӯр ба назди Тоҷиддин расонид ва ба нола даромад: —Оҳ, додари шаҳидам! И ваҳшии номусулмони аз ҳазор кофир бадтар, Тоҷиддини бегуноҳама шаҳиди барҳақ кард.

Шамсиддин сари бародарашро ба рӯи дастонаш такя гирифт. Тоҷиддин, ки ҳанӯз ҷон дошт ба чеҳраи Шамсиддин нигоҳи пурҳасрат карду ҳамон тарз чашмонаш кушода беҳаракат монданд.

— Кури хонасӯхта! –гуфт Щамсиддин, сари бародарашро рӯи даст дошта —Мара ҳам паррон! Бикуш! Кори савоб кун! И чӣ кор аст, ки ту дар ҳаққи мо кардӣ?! Худои таолло дар ду олам рӯта сиёҳ

мегардонад! Мир барои ватан, барои покии дини мову шумо шаҳиди барҳақ шуд. Ту номусулмони габр нон хӯрда имрӯз ба намақдон туф мекунӣ? Хешу табор, зану фарзанд, рӯҳу арвоҳи ӯро зери по мезанӣ?! Илоҳӣ худо расвои ду оламат кунад!

Кури Ортиқ аз ғазаб маюзерро ба тарафи ӯ рост карда аввало тир кушодан хост, вале ба хотираш расид, ки Шамсиддин боз кораш меояд, аз ин рӯ аз парронданаш худдорӣ карда, ба назди ӯ рафт ва лағати дигар ба шиками Шамсиддин зад. Мӯйсафед боз аз ҳуш рафт.

Йисуф, марди миёнақади харобрӯ, ки ӯ низ саллаву чакмани сиёҳ дошт, як хурҷин сари гардану яктаи дигар таги каш ба хона даромад ва Ғаюрбек тиллоҳои сандуққоро ба паллаҳои хурҷинҳо баробар тақсим карда рехт.

Азизқул ҳанӯз аз тарс дар кунҷи хона ларзону хомӯш менишаст.

— Сандуқи дигарӣ ку?! –пурсид Ортиқ аз Азизқул.

— Намедонум, —бо овози гирифта дарҳол ҷавоб дод Азизқул, —аз хазина туқсабо хабар дошт. Ма ҳеҷ чиза намедонум.

— Ҳоким и пирсага ба пушт хобон, ки ба ҳуш биёяд, —ба Шамсиддин ишора карда гуфт Ортиқ ва Ғаюрбек баъди хӯрҷинро бардошта ба сари китфи Йисуф гузоштан, Шамсиддин туқсаборо рӯ ба боло гардонд. Даҳону бини ва риши сафеду пеши куртаю ҷелаки ӯ ғарқоби хун шуда буданд. Мӯйсафед тез-тез нафас гирифта бо чашми пӯшида беҳолу мадор мехобид. Чашми Ортиқ ин дам ба тиллои аз бағали Шамсиддин ба болои намад рехта афтод.

— Ҳоким инҳояшро ҳам ҷамъ кардан даркор, —гуфт ва худаш дар баробари Ғаюрбек хам шуда тиллоҳоро ҷамъ карда ба хурҷин андохт. Баъд ӯ ба пеши Шамсиддин рафта аз ду бозуи мӯйсафед гирифта такон дод. Шамсиддин аранге чашм кушоду аз нав дидагонашро пӯшид.

— Сандуққои дигари хазина-ку?! –дод зад кури Ортиқ, вале ҷавобе нашунид.

— Э, дар ришат… аз ту пирсаг сандуқи тиллоро мепурсам?! –дар рӯ ба рӯи Шамсиддин бо зону зада гуфт кӯри Ортиқ. Мӯсафед сарашро андак рост гирифту ба рӯи кури Ортиқ туф кард ва худ ба рӯи намад ғалтид. Кашмобаи хунаралаш ба пешонию рӯи кӯри Ортиқ пош хӯрда сару рӯи ӯро олонд. Кӯри Ортиқ даштноми қабеҳе дода рӯяшро бо остини чакман шакиду аз маузер паи ҳам ду тирро ба ҷасади

дароз кашидаи Шамсиддин туқсабо холӣ кард ва аз болои ӯ гузашта назди Азизқул рафт. Азизқул пештар ҳам ваҳшонияту бераҳмии кури Ортиқро медонист ва ин лаҳза фаҳмид, ки андаке ҷунбиш ва рафтори нодуруст боиси маргаш мешавад.

— Сандуққои дигар ку?! –пурсид кури Ортиқ аз Азизқул маузерро ба сӯи ӯ рост карда.

— Намедонум. Ба худо қасам, ки аз чизе хабар надорум, —бо зорӣ гуфт Азизқул.

— Онаи зората… Пеш даро! –гуфта кури Ортиқ аз дасти рости Азизқул дошта ӯро кашида аз каҷии девор хезонд ва аз худаш пеш партофта аз пушт ӯро ба тарафи дар тела дод. Пешопеш Азизқулу аз қафо Ортиқ ва Ғаюрбек аз болоҳуҷра хамбида ба тарафи хонаи хоби зану кӯдакҳои мир рафтанд.

— Сандуқа наёбум, онаи зората нишон метум, —гуфт кури Ортиқ роҳравон.

— Ба ҳурмати худо, ки ака надидаму намедонум, —ҷавоб дод ба тавалло Азизқул. –Амаки Шамсиддин фақат ҳамин ду сандуқа нишонум дод, ки гирифтеншон.

— Очат ку?! —дӯғ зад Ортиқ.

— Дар хонаи дарун, додарум кати ховай.

— Пеш дарову бедоруш кун!

— Аз барои худо ба худам чӣ ҷазое раво бинӣ бубину ба додару очам кордор нашав. Уҳо ай хазина дарак надоранд.

— Пеш дуро! –и шайтонӣ қатӣ намешавад, —гуфта кури Ортиқ дасти Азизқулро силтав зада ӯро ба назди дар бурд.

— Дарра кушову очата бедор кун!

Азизқул дарро кушоду: —Оча, ҳо оча! –гуфта дар ноҷаи дар нишасту гирён шуд.

Муслима ҳаросон бедор шуда, —Чӣ мегӯй, Азизқул?! гуфту ҳаловона аз ҷо хест. Субҳонқули панҷсола ҳам бедор шуда аз тарс ба домани модар часпид.

— Чӣ гапай, Азизқул? Барои чӣ мегирйй? –гуфт модар ва Субҳонқулро ба бағал гирифта аз болои рахти хоб гузашта ба назди Азизқул рафт. Азизқул аз ҷо хеста худро ба тарафи модар ҳаво дод. Ин дам чашми модар ба андоми сиёҳи дар беруни дар рост истода афтоду –Оҳ рӯи сиёҳум, бачам, салотҳоянд?! –гуфта сари Азизқулро ба синааш пахш кард.

— Не, нукари атам, Ортиқай, —ба гиря гуфт Азизқул.

— Нукари атат, ки боша, чӣ мегӯяд? –пурсид ҳаросон модар.

— Ҳа, Ортиқам! Сандуққои дигари тиллои хазинара мепурсам! –гуфт кӯри Ортиқ дар дами дар истода.

— Садқат шавум, нукари мир, ки бошӣ боз сандуқи хазина суроғ мекунӣ? Намедонӣ, ки хазина куҷову мир куҷо шуданд? Мира куштанд, хазинааш тороҷ шуд. Салотҳо ба мо кордор нашиданду дар и шави сиёҳ ту хазинаковӣ омадӣ?!

— Беваи қанчиқ, ҷакидана кам куну ҷои сандуқи тиллора нишон деҳ, ки ҳозир забонта ай ҳалқат кашида мебуррам! Ҳе….!

— Кури Ортиқ дашноми қабеҳ доду ба даруни хона даромад..

— Худо инсофу диёнатут бидиҳа. Мо ба ҳоли зори худмон саргардонем. ай марги худ хабар дораму ай сандуқу хазина не, —гуфт зан.

— Ҳоли ҳамӣ хел, ҳа?! Мегӯм ба хубӣ шава, ба гандагӣ, ки боша ҳозир ма худум сандуқа меёвум, -гуфта кури Ортиқ ба қафои худ нигоҳ карда суроби Ғаюрбеку Йисуфро диду фарёд кард:

— Ҳоким пахолу ҳезум биёрен!

Ғаюрбеку Йисуф аз паи супориш шуданд ва андаке вақт нагузашта Йисуф дар таҳи каш пахолу Ғаюрбек як дарза ҳезум сари гардан ҳозир шуданд.

Ба хона дароен чақмоқа буроварда пахола алов занен, - гуфт Ортиқ.

— Чақмоқ чӣ даркор? Чуроғ месӯзаву мо чақмоқ шак-шак кунем! –гуфта Йисуф ба хона даромада пахолро назди дар монду аз тоқ пилтачароғро гирифта ба дасти кури Ортиқ дод.

— Курпаву намада кашида биёрда алов занем! –фармон дод Ортиқ ва пахолро дар дод. Йисуф курпаву намадро кашида ба назди дар овард ва курпачаеро гирифта аз хона баромад.

— Инаша ба куҷо мебарӣ, - мақсадро нафаҳмида пурсид кури Ортиқ.

— Мӯрира маҳкам, ки накунӣ дуд беҳуда мебарояд. –гуфт Йисуф ва ҳадаҳа аз қафо, аввал ба боми молхона ва баъд аз онҷо ба болои хонаи хоби зану бачаҳо мир баромада кӯрпачаро печонида таҳ карду дами дудмурии тори боми хонаро маҳкам кард.

Дар даруни хона оташ аз пахол ба ҳезуми хушк часпида алангаи он торафт авҷ мегирифт. Зану кӯдакони мир худро ба кунҷи хона гирифта, доду фиғон бардоштанд. Муслима Субҳонқули гирён дар бағал худро ба сӯи дар заданӣ шуд, ки Азизқул ӯро боздошт.

— Оча, очаи ҷун! Ин ҳайвони ваҳшӣ милтиқ дорад. Нарав, ки мепарронад! –гуфт Азизқул –Ҳозир дар болоҳуҷра амаки Шамсиддину Тоҷиддина ҷо ба ҷо кушт. Очаи ҷун! Ҷои сандуқа дида бошӣ бигу, ки ҳамаамон нобуд мешавем!!!

Модар ба зорӣ даромад: —Додари қиёматӣ, пеши худату кӯдакҳоят бимирум, —ба кури Ортиқ рӯ овард зан: —Нукар, ки бошӣ, ба «Каломи Шариф», ба Худои таъолло, ба сари ҳамӣ кӯдакҳо қасам, ки аз хазинаву тиллову тангаи мир хабар надорум. Бачаҳома насӯз. Ҷувонмаргшон накун, ки гуноҳи азим ба гардан мегирӣ. Ба худо бандагӣ накарда бошум, ки ай молу ҳол чизе дар и хона нест. Хотири мора набинӣ ай рӯҳу арвоҳора бин! И кӯдакҳо чӣ гуноҳ доранд?

Зан аз дуди талх гулӯгир шуд.

— Гап ҳам яку худо ҳам, ки чои сандуққои тиллора нагӯӣ бева, на худат зинда мемонию на сағераҳот! –дод зад кури Ортиқ ва дарро ба рӯи зану кӯдакон маҳкам пӯшида аз берун занҷирашро ба зулфак андохт.

Алангаи оташ забона зада ба хасу пахоли тори кос ва ваставу болорҳо часпид. Хонаро дуди пахолу ҳезум ва кӯрпаву намади сӯхта ба тамом фаро гирифт.

Азизқулу Субҳонқули сар ба бағали модар ҷафс карда, аз дуди ғализ нафасгир шуда дар талвосаи ҷон афтоданд. Ба назди дар омадан имкон набуд, зеро оташи гулхан торафт аланга мегирифт. Дар берун Ортиқ маузер дар даст гӯш ба қимор истода буд, ки дар хона будагон ба ин азоб тан надода ё модар ва ё Азизқул ҷои сандуққои тиллоро ба ӯ албатта мегӯянд.

Дар ҳақиқат ҳам зан ва кӯдакони мир аз мавҷуд будани дигар сандуққои тилло хабар надоштанд. Ҷои сандуққоро танҳо як кас, Шамсиддин туқсабо, медонист ва ӯ тиллоро барои рӯзи мабодо худ дар ким куҷое пинҳон карда буду ҳоло мурдаи пур аз хуну халови туқсабо дар болоҳуҷра, дар паҳлӯи бародараш бесоҳиб мехобид. Каси дигар аз сандуққо хабар надошт.

Ин дам аҳли қишлоқ аз ҳодиса хабар ёфта аз ҳар хона яккасию дукасӣ ба ҷои мусибат расиданд, вале алакай дер шуда буд. Кури Ортиқ ҳамроҳи Ғаюрбеку Йисуф ба аспҳо савор шуда аз қишлоқ баромада, дар торикии шаб аз дидаҳо панаҳ бурда, гурехта рафта буданд.

Алангаи оташ тамоми хонаро фаро гирифта торафт забона мезад.

Азизқул ҳис кард, ки дигар роҳи халосӣ нест. Баъди чанд дақиқаи дигар ҳама сӯхта хокистар мегарданд. Ӯ аз каҷии хона бадав аз миёнаи оташ парида дарро бо лағат зад, вале дар нашикаста бошад ҳам занҷири зулфак канда шуд. Ҷавон худро ба берун партофт.

— Оча, Очаи ҷун! Дар ҳуй аст! Биё буро, ки ҳамаи хона даргирифт, —аз назди дар фарёд бароварда Азизқул.

Модар овози ӯро шунид ва Субҳонқул дар бағал ба дар наздик шуда баромадан хост, вале алангаи оташ ба доманаш афтоду куртааш дар гирифт. Ӯ аз назди дар андак қафо гашта Субҳонқулро аз даст раҳо кард ва оташи ба курта часпидаашро хомӯш кардан хост, вале муясараш нагардид. Алов ӯро ботамом печонида гирифт. Модари дар талвосаи ҷон худро ба чор тарафи хона зада Субҳонқулро ҷуст, аммо фарзандашро ёфта натавониста, доду фиғон бардошт. Ин дам Азизқул барои халосии модару бародараш аз нав аз берун худро ба миёнаи оташ зада ба хона даромад ва танҳо модари сӯхта истодаашро аз хона баровардан муяссараш гашт.

Ҳамсояҳои ба инҷо расида омада оташи тани Муслимаю Азизқулро, ки ӯ низ дар гирифта месӯхт хомӯш карда, ҷони ҳардуро аз марг раҳонида тавонистанд, вале Субҳонқули панҷсола дар хона буд.

Алангаи оташ хонаро ба тамом фаро гирифт ва аз зӯрии забонаи он дигар касе ба дари хона наздик шуда наметавонист.

Баъди дамидани субҳ аз хонаи сӯхтаю валангор ҷасади чун лувик сӯхта сиёҳшидаи Субҳонқулро аз даруни кулӣ ёфтанд ва танҳо аз ҳалқаи тиллои дар гӯши чап овезон будаи ӯ фаҳмидан мумкин буд, ки кӯдак писари хурдӣ ва аз ҳама дӯстдори мир Субҳонқул аст…

❁ ❁ ❁

— Мақсади асосимон иҷро шуд, Ортиқбой, —гуфт Ғаюрбек, вақте ки баробари субҳидам онҳо аз болои ёлаи қишлоқ гузашта ба сӯи Сурхсақова раҳ пеш гирифтанд.

— Сандуққои дигари сабилиро ёфта натавонистем, як рӯзи дигар истода кову шӯр кунем чӣ? –пурсид Ортиқ.

— Мо ба як тир ду нишон задем, —гуфт Ғаюрбек. — Аввал, ки тилло ба дастамон зад, дигар, ки саҳарӣ ҳар як одами дидагию шунидагӣ гумон мекунад, ки хешу табори мирро мо не, салотҳо

куштанду хонаша алов зада чизу чорара бурданд. Ба и кор паи худмона худмон кур кардем, ки дигар касе ин кирдорро аз мо намебинад.

— Бало ба паси дигараш, Ортиқбой. Ҳамӣ тилло насибамон кунад ба ҳафт пуштмон мерасад. Салотҳо хабари ҳодисаи имшабара ёбанд ба пӯстмон каҳ ҷо мекунанд. То рӯз шудан ба ҷангал расидан даркор. Насиб бошад рӯза он ҷо бегоҳ мекунему шаб ба шикори духтари ту гуфтагӣ меафтем. Хонаи Мирзоқосими падарарӯси Давлатманда таку рӯ кофтан даркор. Ба шунидам Холисамоҳа баъди мурдани мир падараш ба Ховалинг бурдаст. Ачаб не сандуққои дигари хазина он ҷо бошанд.

— Дар Ховалинг атрату (отряди ихтиёрии муҳофизатгар), боз салотҳо ҳастанд. Ба умеди зани миру тиллои дигар шуда ба даст афтем чӣ? –пурсид Ортиқ.

— Ин тарафаша ҳам фикр кардам, —гуфт Ғаюрбек. Баъди посе аз шаб гузаштан хилват ба Гузари Қозӣ, ба хонаи Раҳимбой меравем. И мардак одами дилпурай. Аз ӯ ҳама ҳолу аҳвола фаҳмида баъд амал мекунем. Дидем, ки илоҷ нест, бало ба паси занҳову тиллои дигар. Хапу хилват буромада меравем.

— Шумо аз паси чизе, ки шавен, мақсади ма Гули Бодомай –гуфт Йисуф. Ҳозир осмон ку камтар софай, лекин ҳавои буҳор меъёр надора. Шав, мебинӣ, ки худо худуш ҳавора тираву тор мегардонаву бахтам механда. Гули бодома азхуд мекунаму баъд меравам. Мақсади дили шумо иҷро шид, ма чӣ? Ай и ҷо холӣ равум? Не. Ҳеҷ балову қазо нашава,иншоолоҳу таъолло ба дасти холӣ барнамегардум.

— Ту чӣ, ба аҷалат сиҳдавонак мекунӣ?-гуфт Ғаюрбек. –Гули Бодом ҳозир дар дасти саркардаи кофирҳо, Ғуломалӣ, мондаасту сад-дусад салоти панҷтирадор дар гирдшон. Зӯри мову ту намерасад.

— Мард бошӣ ай ҳами хел ҷо асп медуздӣ, - гуфт Ийсуф. Аспи дар пушта тавела кардагӣ ё дар якамехи бесоҳиб истодагира занак ҳам кашида бурда метавона.

— Ай дасти и дузди ашад ҳама бало меояд, —гапи Йисуфро тасдиқ кард Ортиқ, —Хайр Йисуф лақаби «Тутпар» гирифтаната нақл кун, ки Ғаюрбек шунава. Ҳолӣ ӯ чӣ хел одам буданата намедона.

— Ростӣ ба рост, ки ҳама «Тутпар»-ат мегӯяну ма мазмуни и лақаба намедонум. Хайр ку нақл кун, ки раҳ кӯтоҳ шава, —хоҳиш кард Ғаюрбек.

— Нақли чӣ дора, —шерак шуда ба гап даромад Йисуф. –Овозаи аспи Авлёқулбои чаёбӣ мисли ҳамӣ Гули Бодоми мир ба

ҳафт иқлим паҳн шуда буд. Куҷо, ки мерафтӣ, мешунидӣ, ки дар фалон тӯй сиёҳмушкини Авлёқулбой буз ҳалол карду барзагов гирифт, уштури сафеди танӣ гирифт. Ба аспи Авлёқулбой ҳеҷ аспи дигар баробар намешуд. Ҳавасмандон даҳ барзагов нархаш карданд, мардак надодааст, мегуфтанд мардум. Гуфтум ҳамин аспа дуздида ба инҷо наёрум ай пушти падарум набошум.

Ҳами хел айни баҳор буд. Ба савдогарҳо ҳамроҳ шудаму ба Чаёби Афғонистон рафтам. Хилват пурсуҷӯ карда хонаи Авлёқулбоя ёфтаму ду рӯз ай дур роҳҳои даромаду баромади ҳавлира зеҳн мондум. Гирдогирди ҳавлӣ девори баланди касногузар.

Роҳи даромад фақат як раҳ. Ба дарвозаи дутабақа равуо мекарданд. Ахтахона (аспхона, сарой) дар тарафи поёни дарвоза.

Саҳарӣ хизматгорҳо аспа буроварда ба якамехи миёнаи ҳавлӣ баста қишав карда, қашоғу мезаданду Авлёқулбой соатҳои дилхоҳаш сувор шуда ба сайру гашт мебаромадааст. Бегоҳӣ ҷонвара ба ахтахона дароварда мебастаанду баъди каҳу ҷав дараша маҳкам мекарданд. Дарвоза ҳам баъди намози шом маҳкам. Ҷои хоби хизматгорҳо рӯ ба рӯи ахтахона, дар роҳрави таги дарвоза. Ба ахтахона фақат аз болои хизматгорҳо гузашта рафта мешуд. Бало ба паси и ҳама мушкилиҳо Авлиёқулбой саги чорчашми барзангиша баъди хуфтан ай занҷираш кушода мемонд. Ай тарси саг то саҳарӣ ба ҳавлӣ ягон ҷонзот даромада наметавонист. Номи сага ҳам донистам, ки Ҷолбарс будаст. Ана ҳамӣ саг ҳархел савори зурра ай зин ба замин мефуровардааст. Маълум, ки дар рӯз аспа гирифта гурехта намешуд. Ҳавлии бой бозори гардон.

Дар умрам и хел азоб накашида будум, ки ҳамон шаб дар ҳавлии Авлёқулбой кашидам. Ба қавли мо, «дузд ҳам худо мегӯяду соҳиби гов ҳам», лекин ма аспи номии Афғонистона бояд медуздидам. Қавл дода, қасам ёд карда будам. Ҳамон шаб худо зиёдтар ба ёдам омад. Ай бегоҳӣ як бузғолара ай подаи қишлоқ гирифта калла поча кардаму як гирдсабади шӯлашии мувофиқ ҳам ёфтам. Гӯшта ба даруни сабад андохтам. Аввал аз бари поёни ҳавлӣ раҳи баромад кушодан даркор буду баъд бояд аз паи ба даст овардани асп мешудам. Банди ғафс, арғамчини қилӣ, даркор буд, ки онро ҳам ёфтам. Сабил, банди қилӣ девори похсагира бисёр хушрӯ мебуррад.

Баъди хуфтан, дидам, ки ҳама ҷо тинҷу осуда шид, ба кор сар кардам. Аз поёни ҳавлии бой, дар бехи девор беди ғафсе ҳаст. Аз бари девор то танаи бед одам баҳузур даромада метавонад. Ба

як сари арғамчин санги калон маҳкам бастаму ба он тарафи девор партофтам.

Аз пас танаи бед аз чашми ғайр паноҳам мекарду аз пеш девор. Баъди соате деворро аз ду ҷо муддаои дил бурида роҳи аспгузар кушодам. Дар ин миён Ҷолбарс хабар шуда омад.

Як линги бузғолара дареғ надошта, аввал ду-се бурида гӯшти лаҳм ба каҷии девор партофтаму баъд устухони рона якборагӣ ба пеши саг ҳаво додам. Падарлаънат аз ҳаф-ҳафаш монду сабил ҳеҷ не, ки омухт шава. Гӯшт мехӯрду ғурр-ғурр мекард, устухон мехоиду ба тарафам дандонҳош гиз буданд. Сабил ҳама хизматгорҳову қулфу калид як тараф буду хавфи ҷон ай и саги барзангӣ ба саломат бурдан яктараф. Аввал то ба Ҷолбарс ҳисобама баробар накунам ҳама ҷонканиҳо беҳуда буданд. Омӯхт шуда пешам меомад як бало карда ба корд кораша тамом мекардаму, лекин саг ай афташ ба соҳибаш вафодор буд, ки ҳеҷ ба ма хел намегирифт. Зеҳн мондам дар миёнаи ҳавлии бой тути калони сернавдае истодааст. Фикре ба сарам заду гуфтам худо дод. Сабада сари гардан кардаму як пора гӯшта ай худ дуртар, ба бехи девор партофтам. Саг аз паи луқма шуду ма то онро хӯрда тамом кардани Ҷолбарс худма ба таги тут гирифтам. Чор тарафа ай назар гузаронидам, ҳама ҷо тинҷ. Сабада таги тут мондаму арғамчина ба бандҳои пештар баста соз кардаам андармон намуда, як нӯгаша гирифта ба тут буромадам. Ҷолбарс бӯи гӯшта гирифта ба таги тут омад. Саг ай берун ҳарчӣ зӯр зад фукаш ба гӯшт нарасид. Нафси бад маҷбураш кард, ки ба даруни сабад дарояд. Саг ба даруни сабад даромада буд, ки банда ай болои навдаи торвоза гузаронида кашидаму сабад ба ҳаво хест. То қади хона баланд шудани сабад бардошта, банда ба гирди навда хуб печонида маҳкам гиреҳ андохтаму дилпур аз тут фуромадам.

То ба замин ҳолӣ баланд будаасту нафаҳмида худама ба навдае кашол ҳавои кардам, ки «тап», гуфта якпаҳлӯ ғалтидам. Поям он қадар лат хӯрд, ки баъд як моҳи расо ҷон коҳонда табобат карда гаштам…

Мардум ана ҳамин ҳодисара шунида «Йисуф, тутпар» лақабам монданд. Он вақт ба сӯзиши по аҳамият надодам, Нолаам қариб, ки ба даҳонам омада буд. Боз ба дарди по андармон мешудам? Э, ҳа пом ҳамон дам мешикаст, шикаммол аспа медуздидам.

Хайр ай гап дур наравем, по месӯхту бало ба пасаш мегуфтам. И тарафаш кори осон буд. Дар бехи тут оҳи сабук кашида, хонаву

атрофа санҷидам. Аз болои хизматгорҳои аз кори рӯзона куфтаву шалпаршуда, ки ҳамагӣ дар масти хоб буданд нуг-нуги по, хилват гузашта дари ахтахонара оҳиста кушодам. Сиёҳпушкин ҷонвар, моли аҳл будааст. Баъд зину лаҷоми нуқракӯба аз тори сари хизматгорҳо оҳиста бардоштам, ки сагаку узангҳо ба ҳам расида садо набароранд. Аспа зину абзол карда, аила маҳкам кашида, ба сараш лаҷома задаму худама пушти зин гирифтам. Як пошнааш карда будам, ки ҷонвар озод хез зада ба миёнаи ҳавлӣ буромад.

Номардӣ нашавад гуфта хонадора фарёд кардам: —Авлёқулбой, ҳо Авлёқулбой!

Мардак ай хонаи дарун хоболуд «лабай»! –гуфта ҷавоб доду таҳи ҳезор, ҳаловона ба ҳавлӣ буромад.

Ба берун баромадани соҳибхонара дидаму гуфтам: —Бачаи мардак, бехабар намонӣ кӣ аспата бурдам! Паноҳат бахудо, ки мардворӣ хабарат кардам!

Авлёқулбой: — Ҷолбарс! –гуфта сага фарёд карда буд, ки саг ай тори сабади тут ҷакид. Ма бошам сари аспа ба тарафи роғи девори буридаам гардондаму аз ҳавлии бой буромадам…

Ҷонвар, Сиёҳмушкина асп гуфта мешуд. Гумон мекардӣ, ки вақти дав пар баровардаасту сумаш ба замин намерасад. Саҳарии ҳамон шаб ба и тарафи дарё, расонидам. Лекин асп насибам нагашт. Ҳавасу армонҳоям нашикаста буданд, ки баъди ду моҳ мири Кӯлоб Абдулқодир одам монда аспама гирифт. Ҳайр ба ивазаш чор барзагов ку дод, лекин Сиёҳмушкин ба хироҷи мамлакат меарзид. Ҷонвар баҳо надошт.

— Гули Бодоми мир ҳам аспи номиҳай: —гуфт Ғаюрбек. – Ҳамӣ як юрғаю тамошоша даҳ аспи дига мегиранд. Гарданаш мисли гардани духтарҳои Дарвоз, шир ворӣ сафедай. Танга-танга холҳоша намегӯй.

— Хайр, насиб кунад, як бахтма месанҷам, —гуфт Йисуф.

Онҳо рӯзро дар ҷангали паси теппаи Сурхсақова бегаҳ карданду баъди намози пешин ба сӯи Ховалинг раҳсипор шуданд. Ба хонаи Раҳимбой на бо роҳи калони аз тарафи Дараи Мухтор меомадагӣ рафтанд, балки савораҳо аз қисми офтоббаромад, бо роҳи аз деҳаи Хосиён, ба гузари Қозӣ, сар-сари сои Оби Равшан раҳ пеш гирифтанд. Сой оби зиёд надошта бошад ҳам, вале селобаи баҳорон аз ёлаҳои Хангртаку Тиҳиён хамбида хоку гили сойро солҳо шуста бурдааст, онро ба дараи чуқури дарёхона мубаддал гардонидааст.

Сaвораҳо чанде роҳро қад-қади ҳамин сой тай карда баъди посе аз шаб гузаштан ба ҳамвории қариби олуболузори паси хонаи Раҳимбой баромаданд.

Ғаюрбек аз асп фуромада ба ҳамроҳонаш гуфт, ки онҳо пиёда шаванд ва аспҳояшонро кишан карда аз байни олуболузор гузаранд.

Ғаюрбек, ки ҳаминҷоӣ буду ҳама раҳу пайраҳаҳоро медонист, ҳамроҳонашро ба зудӣ ба паси хонаи Раҳимбой расонид. Ӯ аспашро ба олуболуе баста кури Ортиқу Йисуфро таъкид кард, ки ҳаминҷо интизор истанд. Ғаюрбек аз бари молхона гузашта ба ҳавлӣ ворид шуд. Баъди андак вақт ҳоким ҳаловона баргашта нухтаи аспашро саросема кушод ва ҳамроҳонашро ишорат кард, ки аспҳояшонро этак карда аз қафои ӯ аз олуболузор бароянд.

Кури Ортиқу Йисуф рамӯз гирифта нотинҷиеро пай бурданд ва аз дунболи Ғаюрбек шуданд.

Ҳоким саросема буд. Ҳатто ҳангоми аз байни боғ гузаштан ба кундае пешпо хӯрда як каладав рафту қариб буд, ки афтад. Аспаш хӯсида дар ҷояш кантар истоду хайрият, ки аз қафои соҳибаш боз ба роҳ даромад.

Ғаюрбек аз байни дарахтон халос хӯрдан замон худро болои зин гирифт ва аспро пошна зада сари ҷонварро ба сӯи сой гардонд.

Баъди он ки саворон ба он тарафи сой гузаштанду ба ҳамгашти теппа фуромаданд, Ғаюрбек лаҷоми аспро дошта ист кард ва аз болои асп гирду атрофро аз назар гузаронид. Ҳарчанд, чашмонаш ба торикӣ одат карда бошанд ҳам, вале аз сиёҳӣ даҳ қадам он тараф дигар чизеро дида натавонист. Ӯ хӯшу гӯш шуда хост донад, ки оё касе онҳоро таъқиб накарда истода бошад.

Атроф хомӯш буд. Танҳо овози чирчиракҳо ва «чок-чок»-и чокаки танҳомондае аз тарафи сафедорзори мазори Хоҷа Аюби ансорӣ ба гӯш мерасид...

— Аҳвол чатоқ, —оҳиста гуфт Ғаюрбек, аз нав ба атроф гӯш дода. –Аз омадани мову ҳодисаи Яп инҳо хабар ёфтанд. Раҳимбой гуфт, ки атратҳо барои дастгир кардани мо ба қишлоққо тақсим шуда рафтанд. Се дастаи мусаллаҳ ба Яп рафта будааст. Аҷаб не, ки ба инҷо омадани моро дида бошанду ҳами ҳозир аз паямон афтанд.

Бало ба паси Холисамоҳу духтари гуфтагит, Ортиқбой. Биё аз баҳри ҳамааш гузарему соқу саломат гузашта равем. Чизи аз ҳама асосиву даркориро гирифтем. Чӣ гуфтӣ? Хайр хабардор намешуданд

гап дигар буд. Ҳозир дар гирди ҳар хона мумкин як салот ё пойлуче камон дар китфу ханҷар дар миён моро поида истода бошанд. Инҷо бароямон Яп не, Ховалинг аст ин ҷову салотҳо ҳамара чаппаву роста карда кофаристон барпо кардаанд.

— Гули Бодом чӣ? –пурсид Йисуф. –Ма ай Афғонистон ворӣ замин баумеди ҳамӣ асп омадаму дасти холӣ гашта равам? Не, ҳоким, мард ай лавзаш намегардад. Шумо даҳанкалонӣ карда чӣ ҳавасҳо хӯрда, ба кадом мақсад омада буден? Занҳое, ки муҳобот карда таърифашон мекардед, ҳаминҷоянд. Тиллоро, ки муфт ба даст даровардед, дигар ба ҳама чизи дунё чашматон кӯр шид?

Шумоҳо, ки тарсида, талхакаф шида бошен, тиллоҳоятон аз саратон сабил мона. Ҳамааша гирифта равен. Ма то аспа надуздам ба ҳеҷ ҷо намеравум!

— То субҳидамӣ дар ёлаи Хангртак, дар қарибии санҷити қоқ маҳталат меистем, —гуфт Ғаюрбек.

— Ҳамроҳиам, ки накунен, чӣ маҳталам меистен? Ай истодантон чӣ манфиат? Ба Афғонистон ай дусар мурдаи мара намебарен. Савораи Гули Бодом, ки шудум зиндаама ҷонвар ба ҳар ҷо мебарад. Гап ҳам яку худо ҳам, ки ма то аспа надуздам намеравам!

Ғаюрбеку кури Ортиқ ҳарчанд Йисуфро насиҳат карда ба раҳ даровардан шуданд, вале ӯ аз раъяш нагашт.

— Ин тавр, ки бошад, —гуфт Ғаюрбек. –ҳушёр шав, ки дар гирдогирди хонаи Азизулло посбон нагузошта бошанд. Салотҳо хизматгорҳои Авлёқулбой, ё бачаи холаат нестанд, ки ай болои сарашон гузарию аспшона гирифта равӣ…

Онҳо аз ҳам ҷудо шуданд. Кури Ортиқи Ғаюрбек ба доманаи теппа часпида ба сӯи деҳаи Хангртак раҳ пеш гирифтаанд.

— Аспа дуздида биёрад чӣ хубе, —гуфт Ғаюрбек баъди аз Йисуф ҷудо шуда ба миёнаи кутал расидан.

— Ма ҳам дар ҳамӣ хаёл будам, ҳоким, —гуфт Ортиқ. — Ӯ саги дузда садқаи Гули Бодом мекуна. Насиб бошад дар паси ёла ӯро поиста мешинем. Ҳамин, ки омад шумо баҳонае карда аз лаҷоми асп қапен он тарафаш ба ихтиёри худам.

— То он вақт худо гуфтан даркор, Ортиқ, ки Йисуф ба даст наафтад, —гуфт Ғаюрбек …

— Йисуф аспашро чап гардонда, ба роҳи пас, ба тарафи Ховалинг рафт. Ҳарчанд донист, ки ҳамроҳонаш дар ҳақаш номардӣ карда бо ӯ ҳамроҳ нарафтанд, вале ба онҳо дигар ҳарфе нагуфт.

Хислату хулқу атвори ин тоифаро хуб медонист, бинобар ин аз паи мақсад танҳо амал кард.

Ҳам дар роҳи Афғонистон ва ҳам дар ин ҷо, вақти аз Сурхсақова ба ин тараф хамбидан дар куҷо будани хонаи Азизуллоро аз Ғаюрбек аниқ пурсида буд. Медонист, ки аввало ба назди чанорҳои лаби чашмаи Замбурак расида аз тарафи рости чашма се хона поён рафтан лозим аст. Аз қади сангоб гирдогирди хона шиғ баста шуда, чапараки хурде аз поёни ҳавлӣ дар рӯ ба рӯи долон истодааст ва роҳи даромад аз ҳамин ҷост.

Йисуф аз рафтани ҳамраҳон хиҷил набуд. Дар дил танҳо як хавф дошт, ки ӯро ғозӣ гумон накунанду ба даст афтад.

Аслан ин мард дар гузари Суғдиёни Кӯлоб умр ба сар мебурд ва аз хурдӣ ба аспдуздӣ машғул буд. Зиндагии сарсарона ва озодонае дошт, ӯ.

Бахташ имшаб омад карда, ҳаво мувофиқи хоҳиши дили ӯ тираю тор буд…

Камоли оҳангар хабари ваҳшонияти одамони номаълумро дар Яп шунида, барои аниқ муайян кардани ҳодиса бо як гурӯҳ отряди ихтиёриён ба он ҷо рафта буд. Пеш аз сафар ва ба деҳаҳо сафарбар кардани отрядҳо Мирзотура таъкид кард, ки дар қатори дигар ҷойҳо хонаи Мирзоқосим туқсаборо қатъӣ ба зери назорат гиранд.

Мирзоқосим бо дастаҳои ғозиёни Давлатманд-бий ҳамраъӣ дошт ва ӯро барои ин рафтораш ҳукумати инқилоб ба ҳабс гирифта буд. Дар хонаи ӯ ба ивази зану фарзандонаш духтари калониаш Холисамоҳи зани мирро баъди марги мир ба инҷо оварда буданд ва ба наздикӣ писар таваллуд карда буд, ки ба ӯ Ғозиқул ном монда буданд.

Камол аз рӯи хабари аз Яп шунидааш тахмин кард, ки агарчӣ мақсади асосии ғозиён ба даст овардани молу чиз бошад ҳам, вале дар паси ин коса нимкосаи дигаре ҳаст. Яъне ин ваҳшонияти онҳо ба номи инқилоб иснод овардан аст. Маълум, ки онҳо аз тарси ҷон ин корро рӯирост не, балки пинҳонӣ содир кардаанд. Аҷаб не, ки дар байни мардум овоза ҳам кунанд, ки хонаи зисти зану фарзанду мирро ҳукуматдорони шӯро сӯзонданд ва молу мулкашонро ғорат карданд. Онҳое, ки дар Яп чунин разилӣ содир кардаанд яқин медонанд, ки зани хурдии мир Холисамоҳ, ки ҳомила буд, дар хонаи падараш, дар Ховалинг аст ва Мирзоқосимро ҳукумати нав ба ҳабс гирифтаасту хонааш бе мард мондааст. Агар роҳ ёфта Холисамоҳ ва фарзанди

нав ба дунё омадаи ӯро нест карда тавонанд, ин тӯҳмат ва буҳтони гароне ба номи инқилоб ва ҳукумат хоҳад шуд.

Ҳамаи инро Камол фикр, карда гаштаю баргашта ба роҳбарону аъзоёни худ фармон дод, ки дар баробари муҳофизати аҳолии деҳаҳо пеш аз ҳама хешу таборони мирро ба ҳимоя гиранд, то ки ғозиён ягон ҳодисаи нанговари дигаре содир накунанд. Усто Сайёдро бошад, Камол бо баҳонаи бозор ба Кӯлоб фиристод, то ки ӯ ба комитети инқилобӣ аз ҳодиса хабар диҳад ва агар тавонад дар табобатхона Ғуломалиро хабар гирад.

Йисуф ин дам дар рӯ ба рӯи Гузари Қозӣ аз он тарафи сой дар пастхамие сари нухтаи аспашро ба буттаи гулхоре баста лаҷомро аз сараш гирифт, то ки чаро карда тавонад, вале оили аспро суст накард. Аз дил гузаронд, ки ҳодисае шаваду пиёда аз наҳр гузашта ба назди асп худро расонда тавонад бо оили суст саворшавии асп ба марг баробар аст. Поятро ба узангу монам намонам, ки зин чаппа мешавад ва ё вақти гурехтан зин ба як тараф мегардаду савор порикоб шуда дар ин шаби торик дар ким кадом дара асп кашида мекушадат.

Ӯ мӯкиҳояшро аз по кашида почаҳои шорағзаашро боло карда аз об гузашт. Об хунук буд ва пояш то қарибии зону аз оби сард сӯзиш кард, вале ҳамин ки ба лаби рӯд, болои сабзаҳои навдамида баромаду пайтобаҳояшро печонида мӯкӣ пӯшид мадору роҳати тоза ҳис кард. Ғаюрбеку кури Ортиқ аз рӯзи ба ин тараф сафар кардан вақт ёфта таҳорат карда намозҳояшонро қазоӣ ҳам бошад мехонданд, вале Йисуф ба ғайр аз дасту рӯ шустан пояшро боре ҳам ба об тар накарда буд. Ҳузуру ҳаловате, ки баъди мӯкипушӣ Йисуф ҳис кард, ин мадору роҳат аз оби хунук буд.

Ӯ олуболузори қадӣ-қади соӣ то поёни гузар тӯл кашидаро миёнабур карда ба хонаи аввал наздик омад. Ба тангкӯчае даромада ба бехи шиғи ҳавлии кӯча сари по нишасту паст истода ба боло то ҷои чашмрасро аз назар гузаронид. Ҳама ҷо мувофиқи табъи дил буд. Дузд ҳарчӣ бағайрат бошад ҳам, дар ин ҳолат ҳатто аз сояи худ метарсад. Йисуф ин лаҳза дар дил ваҳм дошт. Аз он метарсид, ки ин соат тамоми деҳа дар зери назорати ихтиёриёни мусаллаҳ аст.

Гапи Ғаюрбек рост бошад, фикр кард ӯ, дар ҳар каҷии девор ва ё рӯи бом марди мусаллаҳе чун ӯ дузд, ғозӣ одамкушеро мепояд, вале ӯ на ғозӣ ва на одамкуш аст. Худо аз ин тоифа нигоҳ дорад. Ийсуф дузд, дузди ашад бошад ҳам, вале баинсоф аст ва аз ин одат

ӯ ифтихор дорад. Аз вақте ки соҳиби ақл асту худро шинохтааст ба ғайр аз аспдуздӣ дигар ба молу ҳоли касе кордор нашудааст.

Имрӯз бошад ӯ на ин ки бо дуздон, балки бо қотилону ғоратгарон ҳамраъӣ кард. Ба онҳо ҳамроҳшавии Йисуф аз рӯи зарурат буд, зеро ӯ шунида буд, ки ҳукумати нав ҳар як одами ношиносро пурсуҷӯ мекунад ва зери назорат мегирад. Бештар аз ғозиён хавф дорад. Ба ивази ин ҳама ӯ ҷои Гули Бодомро аниқ намедонист, вагарна танҳо меомад. Вақтҳои пеш мешуд ду се рӯз барвақттар омада хилват пайт ҷуста аспро медуздиду бадар мерафт.

Йисуф аспро чизу мол намеҳисобид. –Асп мӯъҷиза аст, —мегуфт ҳар доим ӯ.

— Мисли шер ҷигару гурда доштан даркор, ки аз дари хонаи мард аспашро савор шуда равӣ. Чун уқоб тезчангол будан лозим, ки ризқу рӯзиатро худат рабуда зиндагӣ карда тавонӣ. Балкӣ дар ин замона гург будан зарур, гурги ҳақиқӣ. Гурге будан даркор, ки гургони дигар тура хӯрда натавонанд, вагарна зери пои кури Ортиқу Ғаюрбек барин даррандагон мемонию инҳо пора-пораат мекунанд…

Мард якумр дар хобу бедорӣ дар хусуси аспҳои хубу даванд, бузию дар пойгаҳ ғолиб меомадагӣ фикр мекарду гап мезад.

— Ҳама зикри худову расул кунанд, ту аблаҳ, асп таъриф карда мегардӣ, —дар роҳ гуфта буд ба ӯ кури Ортиқ ва Йисуф дар ҷавоб гуфт, ки дунё ҳамин хел сохта шудагӣ. Яке аспи хубу дигаре зан, сеюмӣ кабку баъзеҳо зоғу заған мепарастанд. –Аз кӯдакиам сағера монда ба шири асп калон шудаам, —гуфт Йисуф ба Ортиқ он вақт. –Чашм кушода худма болои асп дидаам. Охир аз рӯи ҳамин асп ба хок меравам. Оббоза об мекушаву морбоза мор. Розиям, ки барои аспи хуб ҷонама ба ҳақ супорам, ба шарте ки худам меҳнат карда дуздида бошамаш, —худашро таъриф карда мегуфт Ийсуф.

Ӯ ин дам паскучаҳоро хилват гузашта ба зери чапораки лаби чашма расид ва поёнтар аз он хонаи Азизуллоро ёфт. Дар хона чароғ насӯхтанро дида аз дил гузаронид, ки инҷо касе нест. Дилаш як навъ хиҷил шуд. Фикр кард, ки марди соҳибхона набошад, асп ҳам нест. Гули Бодомро савор шуда ба куҷое рафтааст. Меҳнаташ, орзуву ормонаш барбод меравад.

Аввал ӯ аз қафои хона гӯш ба девор ниҳода чанд муддат муоина кард. Садо ё нишонаи ҷонзотеро пайхас накард. Чун соя дар тани девор рост шуда оҳиста ба таги долон гузашт. Боз гӯш ба қимор истод. Ҳама ҷо сокит. Танҳо овози чокаке ба гӯшаш расид.

Дар хона набудани касеро фаҳмида хурсанд шуд. Чор тарафро аз назар гузаронида дарбачаи дар гирди шиғи ҳавлӣ бо банди сафед бастаро дид ва донист, ки банд каҳинӣ аст. Боварии пурра ҳосил кард, ки саҳву хато накардааст. Хона хонаи Азизулло аст. Боз мегӯянд, ки Ғуломалӣ ҳозир дар ин хона зиндагӣ дорад. Барои ӯ фарқаш чӣ, касе зиндагӣ кунад кардан гирад.

Аспхона аз тарафи рости дарбача дар охири шиғ буд. Ӯ нуг-нуги по бар-бари шиғ ба тарафи аспхона рафт. Дузд ба охири шиғ расида бори дигар атрофро аз назар гузаронида ногаҳ дар назди дари аспхона чашмони мисли лахчаи алов сӯзони сагеро диду дар ҷояш шах шуд. Полвон, аз вақти ба таги долон гузаштан марди ношиносро дида буду ҳар як ҳаракати ӯро назорат карда, фук болои даст монда интизори ҳаракат ва рафтори ноҷои одами бегона меистод. Тайёр буд, ки бо дидани кирдори ношоистае ҳамин замон ба болои ӯ ҷаҳида аз гулӯяш гирад.

Сабил инаша ба ҳисоб нагирифтам, аз дил гузаронд, Йисуф ва лаҳзае дасту по гум карда чӣ чора, кадом андешаю тадбир пеш гирифтану чӣ кор карданашро надониста монд. Хапгир будааст, фикр ӯ, набошад дар ин қадар вақт овоз мебароварад.

Беҳтараш, ки ба дари аспхона наздик нашавам ё ҳамин тавр оҳиста рафта яку якбора ба саг дарафтода корашро тамом кунаму баъд ба аспхона дароям?

Йисуф кордро аз ғилоф кашида буд, ки саг андак ҷунбида, - ғурр-гуфта нимовоз бароварда.

— Ҳе, сабил, дида будааст. –оҳиста гуфт худ ба худ, ӯ. –Ба қафо гашта аз ҳавлӣ буромадан даркор. Боз «аф-аф» карда қишлоқа ба по нахезонад.

Йисуф дар бари шиғ як чашм пешу як чашм ба қафо оҳиста ба чапардарӣ наздик шуда онро кушоду аз ҳавлӣ баромад. Саг дар ҷояш дар ҳолати аввала истода назорат мекард. Йисуф ба қади сангов хамбида ба бехи санги сиёҳи калоне паҳлу зада худро паноҳ кард. Ӯ акнун ҳис намуд, ки дилаш аз тарс сандуқи синаашро муштборон дорад. Дузд нафас рост карда бо лаби челак арақи пешониашро пок намуду ба ҳаёли худ банд шуд. Дарҳол ба хотираш расид, ки дар хурҷинаш барои тӯшаи роҳ нону гӯшти қайла дошт, вале аз саросемагӣ фаромӯш карда аз он каме нигирифтааст.

Баргашта ба пеши асп рафта аз он гӯшту нон оварда ба саг медиҳаму коре карда аспро гирифта меравам, қарор дод дузд. Ӯ аз

ҷой хест ва дилаш тоқат накарда аз нав ба назди чапардарӣ омада ба тарафи аспхона назар кард то бубинад, ки саг ҳоло ҳам дар ин ҷо истодааст ё не.

Чашмони Полвон мисли алов ба тарафи ӯ сӯзон нигаронида шуда буданд. Йисуф дар дил сагро дашном доду ба роҳ даромаданӣ буд, ки дар бари дари аспхона аз он тараф дуртар дари дигареро дида ҷони тоза гирифт ва баргашта чапардариро кушоду ин дафъа ба тарафи чапи шиғ, ки то ба қафои саг рафта мерасид, равон шуд. Ӯ барои эҳтиёт кордро аз ғилоф кашида зери остин пинҳон карда ба қафои саг наздик шуда дид, ки ҳам дари аспхона ва ҳам дари бари он қулф надошта, ҳар кадом бо пояи чубине тамбадарӣ доранд. Дузд бо чолокии ба худ хосе ҷаҳида пояи дари авваларо як тараф тела доду дарро кушод. Ин лаҳза саг аз дари аспхона хеста ба тарафи ӯ ҷаҳид.

Йисуф ин дам худро ба зудӣ даруни оғил гирифта тавонист. Саг аз қафои ӯ ба оғил даромада буд, ки дузд худро ба каҷии дувор гирифта дарҳол ба берун баромаду дарро ба рӯи саг пӯшид. Полвон ба ин тариқа муфт ба дом афтидани худро надониста монд. Дар оғил гову мол ҳар кадом дар кунҷе бетартиб хобида буданд ва аз даромадани одаму саг бесаранҷом шуданд.

Йисуф аз берун тамбадариро маҳкам карда, ҳаловона атрофро аз назар гузаронида ба сӯи аспхона рафта дарро кушод ва он ҷо Гули Бодомро дида дар баданаш ҷони тоза дамид. Дузд ба зудӣ назди асп рафта сару ёлашро дастмол кард, баъд болои охуру паси дарро даст-даст карда аз дами дар ҷули калонеро ёфта онро ба пушти асп партофту ба берун баромад. Йисуф чор тарафро палмосида кулмакчаҳои ҷо-ҷо аз оби борон пайдошудаи ҳавлиро дарёфта аз даруни онҳо ханҷол кашида як қадар лой ҷамъ оварда аз нав ба аспхона баргашт ва гардану пою бадани аз ҷул берун мондаи аспро лой молид, то ки сафедиҳои бадани асп дар торикии шаб ба чашми ғайб нанамояд.

Дузд Гули Бодомро ба берун бароварда савор шуд. Дар ин ҳангом аз ӯ дида каси хушбахт дар олам набуд.

❁ ❁ ❁

Владимир ба ваъдааш вафо карда, бегоҳие ба хонаи бобои Ғуломалӣ ба меҳмонӣ омад.

Мӯйсафед дар хона буд. Ӯ меҳмонро хушнудона пешвоз гирифта ба келинаш фармуд, ки ба таги долон намаду кӯрпача партояд. Ҳавои баҳор аллакай форам шудаасту дар берун нишастан чӣ ҳаловате дорад. Баъд набераш Давлатро, ки ин бегоҳ ба хона омада буд, ба наздаш хонда бо ӯ хилват чӣ гуфтугӯе карду Давлат аз паи иҷрои супориш шуд.

Владимир аз имою ишорати мӯйсафед фаҳмид, ки ба муносибати омадани ӯ нияти гӯсфанд куштан доранд, бино бар ин гуфт, ки ин қадар саргардонӣ чӣ лозим? Вақти сӯҳбати зиёд надорад. Ҳамагӣ соате нишаста аз паи кор мешавад.

— Сардорони идораҳои сохтмонию хоҷагиҳо дар идораи ҷамъ мешаванд, -гуфт Владимир. —Барои кори пагоҳ тайёрӣ диданамон даркор. Ховалинга обод мекунем!

— Ай дар қадамҳот садқа, бачаи ҷун, ки як ҳафта мешавад, мо гӯсфанда нияти куштан доштем. Ҳарчӣ паи қадами нек доштай, ки имрӯз Давлат дар хона аст. Дигар ин хел меҳмони азиза ай куҷо меёбем? Ҳеҷ дилтангӣ накун, бачам. Худат як луқма мехӯрию дигарша мову кӯдакҳо роҳати ҷон мекунем. Ма хаёл карда будам, ки намеоӣ. Ҷонум садқат, ки омадӣ, дигар дилтангӣ накун.

— Вақтҳои пеш чизу чора кам буду меҳмон бисёр, - дарди дил кард мӯйсафед – Ҳозирҳо, бачам, хонаҳо пури нону неъмати дунёву ба раҳи меҳмон чашмат чор мешавад, дари хонаро касе намекушояд. Хешу таборҳо ку гоҳ-гоҳе биянд, як –ду соат меистанду пас гашта мераванд. Дар пешут бимурум, бачаи ҷун, ҳардумон гап зада мешинем. Бегоҳӣ Ёқуб меояду Сайдаҳмад, ҳамсояҳора хабар мекунем.

Владимир ҳарчанд медонист, ки имшаб дар ин ҷо истода наметавонад ва баъди соате одамони таъкидкардааш дар назди вагони болои чарххо ҷамъ мешаванд ва ӯ ҳатман бояд равад, вале ҳарфе нагуфт. Мӯйсафедро ранҷондан нахост. Ба ивази ин Давлат аллакай аз ҳел гӯсфандро ба як тарафи ҳавлӣ оварда сар бурида пӯсту гӯшт мекард. Андак бо мӯйсафед сӯҳбат мекунаму баъд аз паи кор мешавам. Вақти хестан вазъиятро, ки фаҳмондам ба рафтанам розиғӣ медиҳад, қарор дод Владимир.

— Гуфтам пагоҳ ба ҳашар бароем, -хомӯширо барҳам дода гуфт Владимир ва пиёлаи чойро ба бобои Ғуломалӣ дароз кард.

— Кори хуб мешавад, -гуфт бобои Ғуломалӣ, ки аз ҳашар хабар дошт.

— Хурду калони қишлоқа хабар кардан даркор. Мардуми мо баору баномусанд, -гуфт мӯйсафед. –Дар ин хел рӯз ҳама ба кор мебароянд. Дарахт мешинонед ё ягон кори дигар мекунед?

— Дарахт мешинонем, ба сохтмони роҳу хонаву иншотҳо сар мекунем-гуфт Владимир. –Гелосҳои ҷои шумо лаззати аҷиб доранд. Ният дорем, ки ҳам корҳои сохтмонро пеш барему ҳам боғҳои нав бунёд кунем.

Ба зимаамон масъулияти вазнин, падар. Намедонам, ки аз ӯҳдааш мебароям ё не.

— Мебарой, бачам. «Мард бояд, ки ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад» -гуфтанд.

Владимир аз суханони мӯйсафед рӯҳ гирифта гуфт:

— Қарор додам, ки рӯзи аввали кори сохтмонро пагоҳ сар кунем.

— Ай дар пешут бимирум, бачам. Чӣ корӣ хайре мешавад. Чӣ орзуву ҳаваси хубе кардед. Иншооллоҳ ба мақсад мерасед.Ма ҳам аз нав ободшавии Ховалинга ба дидаи чор интизор будум. Хайрият, ҳазор бор шукр, ки мо ҳам ба ин рӯз расидем.

Пагоҳӣ ма ҳам ба ҳашар мебуром. Ай дастам кори сохтмон наояд ба бачаву набераҳо қуввати дил мешавам.

Шумо, ки бачаи ҷун, пастиву баландии зиндагиро дидаед, ба шумо дарди дил мегӯям. Ҷои гап омад, бояд бигӯям. И алам бисёр сол аст, ки дар дилум ғудук бастааст. И ғами кам не, алами вазнин, доғи сиёҳи ҷанги хонумонсӯзай, бачам. Ҷанги Гирмон, бачаи ҷун, даҳшатнок буд. Оташи ҷонсӯзаш ба ҷойҳои мо ҳам расида буд. Аз он вақт чилсолаҳои дигар ҳам гузаранд ҷароҳатҳояш табобат нашуда мемонанд. Мардумро саросар муҳоҷир карда бурданд.

Паи қадами шуми ҷанг қишлоқҳои ин ҷоро ба хок яксон кард. Аз давраи ҷанг, ки ин ҷоҳо бесоҳиб мондаву валангор шид. Боғу роға намегӯй. Дару деворҳои вайрона то имрӯз таъмир кардаву ба ҷояшон хонаи нав месозему қишлоқ обод мекунем.

Ховалинг ноҳия буду сиву ду хоҷагӣ дошт. Панҷ осиёби гардон халқи инҷора бо орду нон таъмин мекард. Ҳозир чӣ? Хонаву одамҳо онқадар, ки як-як шумурда мешаванд. Ин, бачам, касофати ҷанг набуда чӣ буд?!

— Ман ба хонаатон омадам, ки хурсанд шавед. Ин хел ғамҳои кӯҳнаатонро бедор кардан ният надоштам. Маро бубахшед, - аз гапҳои мӯйсафед хиҷил шуда гуфт Владимир.

— Бахудо, ки аз омаданат хафа нестам, бачаи ҷун. Ба шумо ай хурсандӣ дарди дил кардам. Гуфтам, ки имрӯза як умр интизор будам. Ба қарори ҳукумат Ховалинг ай нав обод мешаваду боз хафа шавам? Дар рӯзи шодиву нишот ғаму кулфатҳои гузаштаро ба ёд овардан хубай. Ғуссаву ғама, ки ёд кардӣ ба қадри рӯзи нек мерасӣ, бачаи ҷун.

Ҷанги хонумонсӯз, Баҳодурама бурду дигар гашта наомад. Ҳар як бачамарди ай ин ҷо ба ҷанг рафта ба мисли Баҳодури худам ба хироҷи мамлакат меарзид.

Аз сад кас як ё ду нафар баргашта омад, ки онҳо ҳам маъюбу маслуқанд. Баъд чӣ? Мисли худам мардҳои боқимонда боталони коргарӣ рафтему дар инҷо зану кӯдакҳоямон бесоҳиб монданд. Худҳошон кунҷораву алафи ёбоӣ мехӯрданду барои ҷанг, барои Ғалаба ғалла мекориданд. Гови душо доштанду косаи кӯдакон сафедии ширро намедид. Мева ҷамъ мекарданду пӯсти туғ мехӯрданд. Ҳама ба фронт, мерафт. Ин дардҳо дарди каманд? Ғалаба насибамон шуду боз ба касофати ҳамон ҷанг аз рӯи зарурат, мардуми ин ҷойҳора муҳоҷир карда ба таҳдашт бурданд. Қишлоққо саросар вайрона гаштанд. Дар таҳдашт аз гармию тафбод, оби заҳу заҳри пахта аспу чорво, саросари мардум нобуд шуд.

Кӯҳистон ҳамаро хӯрондаву пӯшонда метавонист. Мардума ба таҳдашт бурда инҷора саросар вайрон карданд.

Имрӯз шукр, ки нав ақли ҳукуматдарҳо расид. Ватани мора обод мекунанд.

— Ватани ҳамаамон як нест, падар? –пурсид Владимир, мӯйсафедро санҷидан хоста.

— Як аст. Гапат ҳақ, бачаи ҷун, лекин ҷое, ки хуни нофат рехтааст, падару модарат, хешу ақрабоят дар гирдат хонаву дар доранд, давраи кӯдакиву ҷавониат дар он ҷо гузаштааст ба кас ширинтару азиз метобад. Агар аз рӯи ҳақ гуем, рӯи замин, ҷое, ки рӯзат хӯш гузараду қадру қимат дошта бошӣ барои одамӣ Ватан аст. Лекин сабил хонаву дар, боғу роғе, ки бо дасти худат бунёд кардаӣ Ватанат ҳамон ҷост.

Ана гӯш кун бачаи ҷун, як мисоли оддӣ меорам, гуфта бобои Ғуломалӣ бо Владимир наздиктар нишаст.

— Ба ёдам ҳаст, ки соли 49 дар қатори пешқадамон ба Маскав рафта будам. Медонӣ мақбараи Ленина зиёрат кардем. Баъд мора ба меҳмонхона бурданд. Ин қадар хонаҳои хушрӯву катҳои бароҳат.

Дар роҳрав, дар зери по мисли идораҳои баъзе калонҳои ҳозиразамон қолин партофтагӣ. Як ҳафта он ҷо истодем. Рӯзҳо ба майлису тамошо мерафтему шав баргашта ба меҳмонхона меомадем. Ҳавои Масков ҳам ҷои мо ворӣ салқини хушрӯ. Лекин бовар кунӣ бачаи ҷун, шабҳо бароҳат хов карда наметавонистам. Ай паҳлу ба паҳлу мегаштаму таксарии парӣ дар назарум ай сангда сахт метофт. Мурғи бирён дар даҳанум маза надошт. Лаззати нони нав ай танур кандагиву нугулоби Ҳусноро ба ёдам меомаду дилам гум мезад, ҷигарум пора мешуд. Чӣ ҷои дурӯғ. Дар як ҳафта ба ёди ҳамин кампири фартути момаату бачаҳом, ба ёди чашмаҳои Ховалинг дилам доғ ворӣ сӯхт. Ана ҳамин аст Ватан, бачаи ҷун, набошад мо дар як ҳафтаи дар Масков буданамон зиндагии шоҳона доштем. Ватан, бачаи ҷун, ҳамин чордевории ай падару бобо монда, шиғи гирди ҳота, ки аз гулхорҳои пуштаҳои Алақосим решакан карда овардаму саропоям аз нешҳояш хуншор шуда буданд. Ватан, ниҳолаки гелоси мисли фарзанд ба сад умед парваридаам, ки ҳо ана дар байни ҳавлӣ ғарқи гул асту ай тамошояш сер намешавӣ. Ватан чашмаи дари хона, сангови байни қишлоқ, мазори Хоҷа Аюби ансорӣ, ки дар он, хешу таборҳо ба хок хуфтаанд. Балки шаҳри Курск ҳам бароям Ватан шудааст, бачаи ҷун. Дар хоки онҷо лахти ҷигарум, Баҳодури ҷавонмаргум беному нишон шудааст…

Чӣ, инҷо, пораи замини қабристони Балҷувон, ки он ҷо гури падарат аст, бароят азиз нест?! Ватанат Украина ҳам бошад ин пораи хоки мо ҳам ба ту ватан шудааст, имрӯз…

Давлат дастҳоро об гирифту дар лаълӣ гӯшти бирён овард.

— Биё, Давлати ҷун, ҳамроҳ мо бишин, -гуфт мӯйсафед ва ба Владимир рӯ овард.

— Ҳаму набераи зоотехники (байтор) гуфтагим ҳамин бача аст. Мегум хонадоруш кунем ҳеҷ мувофиқи дилаш духтар намеёбум.

Намедонум, ки парии паси Кӯҳи Қофа гирифтанӣ аст?

Давлат, ки аз паҳлӯи бобояш сари дастархон нишаста буд аз шарм сурх шуд, вале ҳарфе нагуфт.

Владимир дар зиндагӣ бо мӯйсафедони бисёре унс гирифта буд ва медонист, ки баъзеи онҳо аз манфиати ҷамъият дида фикру зикрашон бештар ба фоидаи шахсиашон банд аст. Бобои Ғуломалӣ баракси онҳо, ҳатто аз аксар ҷавонҳо дида ҷаҳонбинӣ, тафаккури нек дорад, фикрронию гапзаниаш беҷо не. Гапҳое мезанад, нақлҳое мекунад, ки ҳайрон мемонӣ.

Дар ҳар сухани бобои Ғуломалӣ як маъни тоза, як фалсафаи неки зиндагӣ ниҳон аст. Хуб шуд, ки ӯро сари вақт ёфтам, вагарна гури падарамро дигар кӣ ба ман нишон медод. Балки ҳамчун ганҷ ман дар қатори кашфи Ховалинг ин мӯйсафедро ҳам кашф карда ёфтам? Ё кӣ медонад, бобои Ғуломалӣ маро барои худаш кашф кард?…

— Бачаи ҷун, чӣ ин қадар фикр кардӣ? Аз буридаҳои лаҳмаш бигир, -гуфта бобои Ғуломалӣ андак гӯшти хуб таф дода сурх шударо ба пеши Владимир гузошт.

— Ҳамин гӯшти хушкардаи шуморо мегираму баъд тамом, -гуфт Владимир.

— Садқаат шавам. Дар соли шумо будан худам танҳо як гӯсфанда мехӯрдам. Се-чор бурида гирифтию бас мекунӣ? Бихур, оши ҷонат шавад. Боз гушна намонӣ мегум.

Имшаб ба ҳеҷ ҷо намеравӣ. Меҳмонӣ, ки омадӣ меҳмондории дурустат кунем, -саросема даст пок кардани Владимирро дида гуфт мӯйсафед.

— Ба ҷону дил меистодаму, лекин гуфтам, ку ба идораам одамҳои зиёд даъват кардаам. Наравам, онҳо интизор меистанд. Хуб намешавад. Боз меоям. Сад бори дигар меоям, падар.

— Ҷонум садқат. Ҳазор бор биё. Насибаи обу нони ҳамин диёр кашида овардааст, туро. Мисли хонаи падари худат беибо, ҳамин хел бехабар биё. Як пора нону як пиёла чойро бо ҳам бинем, зарар надорад. Ранги бачаву набераҳом Сайдаҳмаду Ёқуб, Ҳисорию Давлат биё. Ба ҷои ҷигарбанди Баҳодурам биё.

— Шумо ҳам маро хабар гиред, -гуфт Владимир. –Мо мӯҳтоҷи ёриву насиҳатҳои шумоем. Ба ҷои падарам, аз ҳолам огоҳ бошед, -гуфта аз сари дастархон хест.

— Келин. Қариб, ки аз хотирам фаромӯш шуда буд. Аз сандуқи кампир як ҷома бурор. Зуд бош! –гуфт мӯйсафед ва Давлат баъди андак вақт ҷомаи зирабеқасабро гирифта омад.

— Одати мо ҳамин, садқаат, -гуфта бобои Ғуломалӣ ҷомаро ба китфи Владимир партофт.

— Инаш кори зиёдатӣ, падар. Ман ҳеҷ вақт ҷома напӯшидаам.

— Одами ҳаминҷоӣ, ки шудӣ, бачам, урфу одатҳои моро бигир. Ин ҷома сафедии кори хайр, аз нав ободшудани Ховалинг. Пагоҳӣ пӯшида ба ҳашар баро…

❁ ❁ ❁

Ба меҳмонӣ омадани Владимир ва сӯҳбат бо ӯ дар хаёли бобои Ғуломалӣ рӯзҳои гузаштаи ҷавониашро аз нав зинда карданд. Шаб, вақте ки ҳамроҳи кампири Ҳусноро танҳо монд, кампир аз ӯ кӣ будани меҳмонро пурсид.

— Ба хотират бошад дар бораи Петров ном мардак нақлат карда будам ку? –гуфт мӯйсафед.

— Ҳамоне, ки дар Балҷувон кушта буданаш? –пурсид кампир.

— Меҳмон, бачаи ҳамон Петров аст, -фаҳмонд бобои Ғуломалӣ.

— Ҳамита, ай гапзаниҳотон фаҳмидум, ки чӣ шиноси наздикай, ки и қадар сӯҳбатотон қаймоқ баст. И гардиши фалака бине.

—Баъди и қадар сари сол гури падар кофта омадаст? Ҳам гури аташа ёфтаасту ҳам Ховалинга ай нав обод карданӣ омадаст.

— Чӣ хубе. Хайр давлат мемонад, ки ҷои хушобу ҳаво, наобод истад?

Кампир дигар гап назада аз хона баромад ва бобои Ғуломалӣ ба фикру хаёлҳои ширин банд шуд. Аз дил гузаронд, ки бо Ҳусноро чӣ умри бобаракат дидаанд.

…Он рӯз, ба ёд овард, мӯйсафед, аз табобатхонаи Кӯлоб ба Ховалинг омаду аспхонаро холӣ дида саросема ба хонаи Камоли оҳангар рафт. Дар он ҷо зани Камол хабари дуздидани Гули Бодом, аз ин ҷо ба Тираконӣ, ба хонаашон рафтани Ҳуснороро шунида рӯзаш сиёҳ гашт. Камоли оҳангар бо мақсади кофтукови ғозиён дар кӯҳу пушта ҳафтаҳо ба хонааш омада наметавонист.

Саҳари дигар, Ғуломалӣ роҳи Тираконiро пеш гирифтанӣ буд, ки усто Сайёд ӯро аз ин сафар боздошт.

— Не, додар, и корут ба шаъни ҷувонмард намезебад –гуфт ба ӯ усто Сайёд. –Дар ин ҷо айни ҷонбуроиву ба Тираконӣ, пеш Ҳусноро меравӣ?!

Ғуломалӣ назди ӯ бо сари хам истод. Гапҳои Сайёд қаҳри ӯро оварда буданд ва мехост бигӯяд, ки ту хонаи ободу зану фарзанд дорӣ. Зиндагиат тинҷу осуда. Сину соли ман ҳам ба ҷое расидааст. Дар бисотам чезе надорам. Ба умеди як луқмаи нону як парда пӯшок, зиндагии серу пур аз хонаи мир гурехта ба инҷо омадаму имрӯз аз Ҳусноро ҷудоям. Ягона дороиву давлатам Гули Бодомро

дуздида бурданд. Аз касони пушту паноҳам ягона ту мондаву боз маро наемонӣ, ки ба пеши Ҳусноро биравам. Наход ту дар умрат боре ошиқ нашуда бошӣ?! Дигарон, ки аҳволамро надонанд ту аз ҳоли дилам бохабарӣ ку. Вале Ғуломалӣ худдорӣ карда ба гапи Сайёд гӯш дод.

— Аз ту мепурсам, —аз хапу хомӯш истодани Ғуломалӣ дар ғазаб шуда гуфт, усто Сайёд, — Тираконӣ меравӣ ё ҳамин ҷо мемонӣ?!

— Дар гур ҳами бахти шумам, акаи усто! –гуфт Ғуломалӣ, бо алам ва дили усто Сайёд ба ҳоли ӯ сӯхт. Қаҳраш паст шуда ба мулоиматӣ гуфт.

— Аҳволта мефаҳмам. Аспа бурданд. Метарсӣ, ки Ҳусноро ҳам ягон кас гирифта набарад: Азизуллоро фаромӯш кардӣ?!

— Не, барои чӣ и қадар гапи сахтам мезанӣ? —тоқат накарда пурсид Ғуломалӣ.

— Агар мара ҳурмат мекардӣ саросема ба Тираконӣ равон намешудӣ,—ҷавоб дод Сайёд. –Худат ба чашми сарат дидию медонӣ, ки баъди ду-се рӯзи дигар ғаллаи дашти Ҳазормана ба дарав меоя, Камол дар кучо аст медонӣ? Кӣ ғалларо ҷамъ меорад? Чӣ, Камоли оҳангар наметавонист, ки парвои мову шумо накарда ҷони ғарибаша ба озоб намонад?! Ҳамин қадар азобу уқубати ӯ барои кӣ?! Зану кӯдакҳои бесоҳибша партофта аз думболи ғозиён ба Яп рафт. Аз зану бачу качи мир ба Камол чӣ фоида? Наметавонист, ки як ҷуфти моли худаша ба моли ҷамъиятӣ ҳамроҳ кунаду дар кунҷи хона лап зада бишинад? Лекин ҳар кор ба вақту соаташ гуфтаанд. Ту бошӣ дар рӯзи зӯромад аз думболи Ҳусноро меравӣ. Бигӯ, ки ба Тираконӣ ба хонаи кӣ меравию Ҳусноро ба ту кӣ мешавад?! Ҳамон бадномию паршикастагии ӯ бас нест, ки боз ту бори дигар ӯро шармандаи байни ому хос мегардонӣ? Бачамард, гуфта андак ақлаша кор фармуда, хубу гандара пеши рӯ оварда пешомадаша фикр мекунад.

Суханҳои усто Сайёд ба Ғуломалӣ таъсир карданд ва ӯ фаҳмид, ки дар ҳақиқат ба Тираконӣ рафтанаш маъние надорад. Ҳусноро ӯро дӯст дорад ба каси дигар ба шавҳар намебарояд ва ӯ ончунон қайсар аст, ки ба Анвар пошшо ҳатто гардан нафуроварду, агар ягон каси дигар ӯро маҷбуран ба занӣ гирифтанӣ бошад, медонад, ки ҳукумат пушту паноҳ, ҳимоятгари ӯст. Аз тарафи дигар Ғуломалӣ дар Тираконӣ ягон хешу табор ва одами шиносе ҳам надошт, ки бо баҳонаи ӯ ба дидори Ҳусноро мушарраф гардад. Беҳтараш дар ҳамин

ҷо мемонаду ба корҳои Сайёд ёрӣ мерасонад. Сайёд мушкили ӯро осон месозад.

Усто Сайёд ба Ғуломалӣ гуфт, ки Солеҳи падари Ҳусноро пурсуҷӯ карда ба суроғи духтар омада буд ва рӯзи аз ин ҷо рафтан онҳо дар хонаи бобои Хоркаш дар хусуси ҳамин ҷо мондани духтараш маслиҳат карданд, вале Солеҳ розигӣ надод.

Ҳусноро ба усто Сайёд пеш аз сафар гуфтааст, ки ба умеди Ғуломалӣ меистад. Ба ғайр аз ӯ ба дигар кас ба шавҳар баромаданӣ нест. Ин хабар дар дили Ғуломалӣ чароғи умед барафрӯхт.

— Гап ҳамин додар, —гуфт усто Сайёд. –Камол гуфта буд, ки баъди баргашта омадани ману ту ғаллаи дашти Ҳазорманара медаравему ҳосилаша ҷамъ карда, ба анбори умумӣ мерезем. То баргашта омадани Камол ба хубу гандаи мардуми деҳа ҷавобгарем.

❁ ❁ ❁

— …Гандуми дашти Ҳазормана пухта расидааст. Аз насими пагоҳирӯзӣ ғаллазор мавҷ мезанад. Пиру ҷавон дар ин ҷо машғули дараванд. «Имсол соли ғалла омад», —мегӯяд бобои Хоркаш, хӯшаҳои серҳосили сархамро бо кафи дастон молиш дода аз нав ҳам мешаваду дос андохта қабза мегирад.

Аз чор пайколи ӯ Асрори набераи момаи Ғарибгул як дарза мебандаду каду сари гардан ба тарафи қад, ба сари чашма барои овардани об мешитобад. Зарагули зани усто Сайёду Гуландом бо дигар занону духтарон машғули гандумдаравианд. Момои Ғарибгулу Нусратмоҳи зани бобои Хоркаш аз қафои даравгарон хӯшачинӣ мекунанд.

Суруди яккафарёди Камоли оҳангар, ки аллакай аз Яп баргашта омадааст танинандоз мегардад. Овози сершираи ӯ ба дуриҳо мерасаду дилҳоро дар хурӯш меоварад.

— Ҳе аллоҳ, ҳе аллоҳ ёруме, ман доғам ё дӯст, мехонад —Камоли оҳангар.

Мардуми даравгар ҳамовоз мешаванд:

— Ҳе алоҳ, ҳе алоҳ, ёруме, ман доғам ё дӯст.

Камоли оҳангар мехонад:

Дар дашти Ҳазормана дарав мекардуме,
Ба ёраки шӯроӣ назар мекардуме,
Э, ёраки шӯроӣ шунав овозум,

Бар тӯи ту олама хабар мекардуме.
Ҳе, ало, ҳе, ало ёруме, ман доғам ё дӯст!
Дигарон ҳамовоз мешаванд:
Ҳе аллоҳ, ҳе аллоҳ ёруме, ман доғам ё дӯст!
Камоли оҳангар мехонад:
Э, духтари шӯроӣ чу садбарги тарӣ,
Сӯхта дили мо, кабоб кардай ҷигаре,
Дар дашти Ҳазормана гандумдаравӣ
Мо месӯзем, зи ҳоли мо бехабарӣ.
Ҳе аллоҳ, ҳе аллоҳ, ёруме, ман доғам ё дӯст.
Мардум ҳамовоз мешаванд:
Ҳе аллоҳ, ҳе аллоҳ ёруме, ман доғам ё дӯст.
Камоли оҳангар оҳанги сурудхониашро дигар мекунад:
Гандум лолае, миёни гандум лола,
Ҳуснорои мо кай мешавад қинғола?
Ҳусноро ба Ғуломалӣ дил дора,
Чашмои сияҳ забони булбул дора
Ҳе аллоҳ, ҳе аллоҳ, ёруме, ман доғам ё дӯст.
Мардум мехонад:
Ҳе аллоҳ, ҳе аллоҳ, ёруме, ман доғам ё дӯст?…

— Акои Камол, шӯхӣ ҳам ба эбаш, —шунида мешавад овози Ғуломалӣ.

— Ҳаққӣ гапа гуфтӣ. Боз бихон, —мегӯяд Зарагули зани усто Сайёд. Ғуломалӣ андак шарм карда дар баробари ин аз шеърбофию сурудхонии Камоли оҳангар месӯзад. Гӯё маҳз Камол бо ҳамовозии мардум барои ӯ «Мандоғ» —хонӣ мекарданд. «Духтари шӯроӣ»-и ихтироъ кардаи ӯ Ҳуснорост ва имрӯз аз ӯ дур афтодааст. Дасти Ғуломалии нимтана ба домони Ҳусноро намерасад. Дигар аз ҳеҷ кас бӯю умеди ба даст овардани Ҳусноро надорад. Танҳо Камолу усто Сайёд мушкили ӯро осон гардонида метавонанд. Ғаллаи ҷамъиятиро кӯфта ба анбор кашидан лозим. Хуб кард, ки бо маслиҳати усто Сайёд аввал мардумро ба дарави ғаллаи ҷамъиятӣ сафарбар карданд. Гандуми умумиро даравиданд, ҳар кас ҳаққи ғаллаи шахсияшро дар се-чор рӯз ҷамъ карда мегирад.

Баъди ду рӯз Ғуломалӣ барзаговҳои Камоли оҳангарро гирифту чигинакаш шуд. Ба ин кор бо як даст зӯраш мерасид. Говҳои омӯхт саркашӣ намекарданд. Ҳар саҳарӣ Ғуломалӣ юғро аз миёна ба сари

гардан бардошта мебурду авал гардани як говро бо пешкалидҳои сари юғ мебаст. Баъд гови дуюмро то пеши юғ ҳай карда меовард. Говрона дар даст ба миёна даромада аз дашти Ҳазормана ба сари хирман дарза мекашид. Шабҳо дар қатори усто Сайёд говҳоро ба чапар баста ғалла мекӯфт. Усто Сайёду Камол гандум бор мекарданду Ғуломалӣ ба шолаи гандум хорҷоруб мекашид.

Ғалларо ба тамом куфтанд, гандумро шола карданд. Камоли оҳангар дар сари шолаи гандум усто Сайёд ва Ғуломалиро дида лабонаш ба ханда моил шуд. Ӯ аз он хурсанд буд, ки ҷонфидоии мардум барабас нарафт. Самараи он аллакай ба чашм аён гардидааст. Деҳқонон ҳосили кишти ҷамъиятиро ҷамъ оварданд ва ҳеҷ вақт сокинони ин ҷо чунин хирмани бобаракат, чунин ғаллаи фаровони дашти Ҳазорманаро ёд надоранд.

Рӯзи аввали аз хирман ба анбор кашидани ғалла дар хотири Ғуломалӣ якумр нақш баст.

Бо фармони Камол ҳама мардуми қишлоқ хару аспҳояшонро ба сари хирман оварданд. Мувофиқи ҳисоби Ғуломалӣ он рӯз ба ивази дусаду панҷоҳ улав ғалла бор кардан ба чор ҷуфти барзагов чигина баста ҷуволу халтаҳои пур-пури гандумро ба чигинаҳо болои ҳам тал чиданд.

Қорӣ Неъматуллои ҳофиз бо шогирдони тавлакнавозаш пеш-пешу аз қафои онҳо аспакию харакӣ ва чигинаҳои ғаллабор ба сӯи Ховалинг ба роҳ баромаданд. Бобои Хоркашу Талаби гадо пешопеши «Корвони сурх»-қадам мезаданд.

Овози базму сӯр аҳли деҳаро аз кӯдаки ҳафтсола то пири ҳафтодсола ба тамошо, ба сари роҳи калони дари анбор оварда буд. Мардум бо чашми худ баракат ва манфиати кори ҷамъиятиро медиданд. Ба ҳар сари хонавода ду сентри, гандум тақсим карда доданду боз анбори ҳукуматӣ саросар пур аз ғалла буд.

❁ ❁ ❁

— Тӯй сар кунем ҳам меарзад, —дар сари дастурхон, дар хонаи усто Сайёд гуфт Камоли оҳангар ва Ғуломалӣ ҳайрон ба ӯ нигарист, ки боз ин мардак чӣ ният дошта бошад?

— Тӯи чӣ? –пурсид усто Сайёд. –Метарсам, ки ғаллаи бисёр гирифта маст шуда боз зани дигар гирифтанӣ набошӣ? Ҳушёр шав,

ки «фарбеҳиро гӯсфанд бардоштааст» -мегӯянд, —ба шӯхӣ гуфт Сайёд.

— Э, не. Мо дар чӣ хаёлему фалак дар чӣ хаёл, —гуфт Камоли оҳангар. —Тӯи Ғуломалиро мегӯм. Худора шукр, ки ғалларо ҷамъ карда тинҷу осуда шудем. Сари ҷавонҳора ҷуфт кунем мегӯям. Инҳо фаъоли ҳукумат, аз мову ту обуруманд ҳам бошанд, ки ҳолӣ шикасту рехти зиндагиро кам дидаанд. Мову шумо ба инҳо сарпараст нашавем, кӣ мешавад? Дигар ҷои гурез надорем, Сайёд. Миёната маҳкам банду пеш даро, хонаи Солеҳ хостгорӣ равем.

— Аз худи шаҳ пурсем, ки чӣ мегӯяд, —гуфт усто Сайёд ва ба Ғуломалӣ, ки бо сари хам менишаст, назар кард.

— Сукут аломати ризо, Камол. Мардака зан диҳӣ боз ноз мекунад? Э, и Ғуломалӣ доғай. Нагуфта будам, ки Ғуломалӣ ба забони ҳол омадаст, —гуфт усто Сайёд. Ва баъди ду рӯз барои хостгорӣ роҳи Тираконiро пеш гирфт.

Арӯси Ҳусниороро ба сиёҳмушкини Камол аз Тираконӣ ба Ховалинг оварданд. Ғӯломалӣ то имрӯз афсус мехӯрад, ки Ҳуснорои нозанинро дар Гули Бодом савор карда оварда натавонист. Ин орзую ҳавас якумрӣ дар дилаш ношикаста монд.

❁ ❁ ❁

Аҷаб рӯзу солҳое буданд, давраи аввали ташкилшавии ҳукумат. Балки зиндагӣ пур аз шебу фароз, фоҷеаҳо будааст. Аз умри гузаштаи мӯйсафед хотироти зиёде боқӣ монда.

Ёд дорад, ки давраи аввали ташкилшавӣ ҳукумат бегоҳие Мулломирҷони муаллим ба хонааш омада хабар дод, ки раис, (Ғуломалӣ он вақт раиси колхоз буд), қариб нисфи зиёди аҳолӣ духтарҳояшонро ба мактаб рафтан наменомонданд. Баъди ду рӯз то ҳолӣ сари риштаи ин чиғелкориро Ғуломалӣ наёфта буд, ки коркунони милиса Муломирҷонро ба қама гирифтанд. Бачаи мардак аз рӯзҳои аввали ҳукумат дар бадали даҳ сол қариб ҳамаи аҳли деҳаро савод омӯхт. Дасти худи Ғуломалиро ҳамон муаллим рост карда, хатнависию хонданро ёд дода буд. Ӯ намебуд Ғуломалӣ аз куҷо китобхону босавод мешуд ва ба мартабаи раиси колхоз мерасид?

Солҳои аввали ҳукумат Мулломирҷон аз тарси он ки ғозиён накушандаш, бештари шабҳоро дар хонаву оғилу коҳдони мардум рӯз мекард. Он вақт муаллимро, ғозиён душмани бадтарини худ

меҳисобиданд. Ана ҳамон мардак он рӯзҳои бизану бигирро аз сар гузаронида дар рӯзҳои оромию осоиш ба қама гирифта шуд. Коркунони ҳукумат «душмани синфӣ, зидди ҳукумат», гуфта айбдораш шумурда буданд.

Чигуна одам будану набудани Мулломирҷонро Ғуломалию аҳли деҳа хуб медонистанд. Ғуломалӣ он рӯз ҳамроҳи Камоили оҳангару усто Сайёд маслиҳат карда ба идораи комиҷроия, ба пеши Рустами Содиқ рафт. буду шуди гапро гуфт. –Ба роҳбарии Раҳимбою усто Зайниддин қариб, ки нисфи духтарҳои қишлоқ як моҳ боз ба мактаб намераванд. Коркунони бехатарии давлат ба ҷои онҳоро қама кардан барои чӣ беҳтарин одами ҳукумата ба қама гирифтааст? –гуфт ӯ ба Рустами Содиқ. —Фарзандҳои моро минбаъд, кӣ дарс медиҳад? Имрӯз Мулломирҷона қама карданд, пагоҳ навбати Камоли оҳангару усто Сайёд ва аҷаб не худи ман ҳам шавад. Ин қонундонҳои навбуромади бехатарӣ чӣ номаъқулӣ мекунанд?!

Содиқов Ғуломалиро таскин дода ба наздаш шинониду гуфт. —Ман ҳам дар ҳабси муаллим шубҳа дорам, лекин сардори ГПУ[1], Норов аз панҷ-шаш кас баёнот гирифтааст. Падари Мулломирҷон домулло будааст. Худи ӯ дар мадрасаҳои Бухоро илм омӯхтааст. Норов мегӯяд, ки Мулломирҷон бо ким кадом ҷосуси англис, ки дар ин тарафҳо бо одамони ҳукумат алоқа доштаст, дӯстӣ дорад. Бо ин далелҳо Ғуломалӣ на шумо асос дореду на ман.

— Ҳам ГПУ, ҳам Норови коғаз ҷамъкардагиат номаъқул кардааст! Душман набудани Мулломирҷона ҳама мардум медонанд. Дидам, ки нашуду нашуд. Ҳамара ба коммитети инқилобӣ, ба суд мебарам. Қамакун, ки бошанд, ҳамашона қама кунанд…

Фардои он рӯз Ғуломалӣ қариб, ки ҳамаи мардуми қишлоқро ба идораи ГПУ бурд. Даъво бардошт, кор то ба занозанӣ расид. Норову коркунони дигар таппонча нишон дода мардумро хона ба хона ронданд. Ғуломалиро чун ташкилкунандаи даъво гирифта бурданд.

Котиби ревком[2], Тошпулодов марди самарқандӣ, ки дар қатори панҷ ҳазор нафар фаъолони ҷумҳурии Бухоро ба ин тараф фиристода шуда буд, чӣ гапҳое нагуфт. Ба Ғуломалӣ гуфт, ки аз раисӣ озод мешавӣ. Ҳамроҳи зану кӯдаконат бадарғаат мекунам, нобуд шуда меравӣ.

1. ГПУ — идораи бехатарии давлат.
2. Ревком — кумитаи инқилоб.

— Ту мефаҳмӣ, ки бар зидди дасти рости ҳукумат, бар зидди ГПУ буҳтону ғавғо ташкил кардай? –гуфт Тошпулодов.

— Мефаҳмам, —гуфта Ғуломалӣ, —бар зидди ҳукумат не, бар зидди беадолатӣ, нофаҳмӣ, бегуноҳ қама кардани Мулломирҷон даъво кардаам ва боз даъвогарам! Хоҳ ба Сибир бадарғаам кунеду хоҳ ба дор овезедам, ки ма барои кори ҳақ мубориза бурдаам, боз мебарам. Мулломирҷон бегуноҳай. Ай шумо ҳам хоҳишу талаб дорам, ки ӯро озод кунед!

Вақте ки ҳақиқатро зери по мекунанд, касро сахт алам мекунад, фикр кард, Ғуломалӣ. Хубию гандагии одамро надонӣ, мегӯй, ки бало ба пасаш. Гунаҳгор буд, ҷазояшро дид, вале дидаю дониста Мулломирҷони бегуноҳро қама карда буданду Ғуломалӣ илоҷи халосии ӯро ёфта наметавонист.

Мулломирҷонро бурданд. Ӯро ба куҷо бурданд, касе намедонист. Мактабу шогирдон бе устод монданд. Чӣ мегӯй, ки ин бало як рӯз ба сари Ғуломалӣ омад. Дар дашти Ҳазорманаи рӯ ба рӯи Дараи Мухтор мардум гандум дарав мекарданд. Як бегоҳӣ Норови сардори ГПУ одам фиристода Ғуломалиро ба идорааш даъват кард. Раис корро партофта омад ва дид, ки сардори ГПУ идораро хилват карда аввал қама шудани Мулломирҷонро мисол оварду баъд гуфт: —Ҳамон вақт Ғуломалӣ бачагӣ карда нодуруст даъво бардоштӣ. Мо метавонистем, ки барои ин рафтор туро ба қама гирем. Ин корро барои он накардем, ки ту одами азиятдидаи бесоҳибӣ. Мисли ту одамон ҳозир барои ҳукумат даркоранд. Пагоҳ бюрои ревком маҷлиси кумитаи инқилоб. Ба онҷо туро ҳам даъват мекунанд. Ту ба муқобили Содиқов мебароӣ, фаҳмидӣ?

— И мардак чӣ гуноҳ доштаст? –пурсид Ғуломалӣ.

— Гуноҳаша намедонӣ? –пурсид Норов.

— Намедонам, рафиқ начальник (сардор).

— Содиқов душманӣ халқ аст.

— Мисли Мулломирҷон?

Норов дар ҷавоб музтар монд ва дид, ки авзои Ғуломалӣ як навъ аст, худро ҷиддитар гирифта гуфт:

— Худат ҳам моҳи беайб нестӣ. Ба ёдат бошад, порина зимистон ғаллаи анбора дуздида буданд.

— И ба маву Содиқов чӣ дахл дорад?

— Ана гап ҳам дар ҳамин ҷо, ҷонам Ғуломалӣ. Дузди асосӣ, яъне сардори дуздҳо ҳамин Содиқов, кушандаи қаровул ҳам ҳамин

Содиқов. Ту бошӣ бо Содиқов ошноӣ дорӣ. Ҳама инро дониста рӯпӯш карда, боз дар кори ҳаққи мо, ки Мулломирҷони душмана қама кардем даъво бардоштӣ.

— Ҳамаи ина ки медонед, асосу далел дошта бошед, барои чӣ мара қама накардед? —ба ғазаб омада пурсид Ғуломалӣ

— Акнун навбатат омад, раисҷон. Ё наволара калон мегирӣ, ё гапа калон мегӯӣ. Ба гап надароиву ба Содиқов шоҳидӣ надиҳӣ, худат ҳам аз паи ӯ қама мешавӣ!

Ғуломалӣ хомӯш монд. Чӣ гуфтану, чӣ кор карданашро намедонист. Наход Содиқовро бо ғалладуздӣ тӯҳмат карда ва боз чанд каси дигарро шоҳид гузаронанду мисли Мулломирҷон ӯро ба қама гирифта нест кунанд? Наход сардри ГПУ худ душмани ҳукумат бошаду онҳо ба ин роҳ одамони ба халқ содиқро аз байн бардоранд? –фикр мекард мард, вале ба ин саволҳо ҷавоб ёфта наметавонист.

Ғуломалӣ Содиқовро дер боз мешинохт ва ӯ ба ҳукумат, ба ягон одам бадие, душмание надошт. Ҳамон вақт барои озод кардани Мулломирҷон ҳарчанд кӯшид ӯро озод кунонда натавонист. Коркунони ГПУ ҳуҷҷату далелҳояшонро асоснок карда Мулломирҷонро ба ватанфурӯшӣ айбдор карда будаанд.

Содиқовро бошад ҳама мардуми ноҳия чун роҳбари хуб медонистанд. Мисли дигар калоншавандаҳо фук дар осмон намегашт. Хоҷатбарор, маъракаободкун буд, бачаи мардак. Дасти ҳама бенавою корафтодаро мегирифт. Ба серии мардум серу ба гуруснагиаш гурусна буд. Ҳамин кушодадилию мардиаш балои ҷонаш шуд. Баъзеҳо обру доштани ӯро дида худро мисли тарбузи дермонда дарун-дарун мехӯрданд.

Не, худамро ба куштан медиҳаму ба ин пастию разилӣ, ноодамӣ намеравам, нону намаки халқро, ки пос надоштӣ зери по задӣ, як рӯз не як рӯз кӯрат мекунад, қарор дод худ ба худ Ғуломалӣ ва ба Норов гуфт.

— Ма дузду ғоратгар будани Содиқовро надидаам, намедонам.

Норов аз ин ҷавоб дар ғазаб шуда гуфт:

— Ба ҷое, ки Мулломирҷона фиристодаам рафтан мехоҳӣ?!

— Ягон хешу таборам мулло набуд, ки мара қама кунӣ, —кутоҳ ҷавоб дода Ғуломалӣ.

— Хешу таборат мулло набуд, лекин худат муллоӣ, намозхонӣ, иғвогарӣ, хиёнаткорӣ, зидди ҳукуматӣ! –дод зад Норов.

— Намоз хонданам ба кӣ зарар дорад? –гуфт Ғуломалӣ, ҳарчанд, ки шабҳо хилвату пинҳонӣ намозҳояшро мехонд ва ғайр аз оилааш касе ин рафторашро намедонист. Ин дам пай бурд, ки сардори ГПУ аз намозхониаш гап зад, далелу асос ҷамъ кардааст. Дар сурате, ки онҳо Мулломирҷони бегуноҳро қама карданд, аз паи Содиқов барин намояндагони давлат афтоданд, Ғуломалӣ барои онҳо чӣ мушкилӣ дорад?.

— Ҳоло мегӯӣ, ки намозхониам чӣ зарар дорад? –гуфт Норов.

— Шон, боз раиси колхоз гӯшу чашми ҳукумат ба чашми давлат хок мепошию шояд ноқоил ҳам бароӣ? Лекин дониста мон, ки ана ин коғазҳои безабон дар ҷояш дасту пову манаҳи ту ворӣ ғаюра бебанд мебанданд! –гуфт Норов ва ба папкаи чармие, ки тасмаи он аз сари китфи росташ овезон буду худи папка дар болои рони чапаш меистод, даст бурда онро кушод ва як даста коғазро бароварда ба Ғуломалӣ нишон дода гуфт:

— Ин баёноту актҳоро як сари сол мешавад, ки барои ҳамин рӯз ҷамъ карда гаштаам. Инҳо дар пеши додхоҳу суд, дар назди ЧК[1] забон пайдо карда, рӯи тую Содиқовата сиёҳ мекунанд!

Ҳолӣ ту Ғулом шолипояра шаб гузоштай!

Норов коғазҳоро аз нав ба папка андохта тасмаи онро аз сагакаш гузаронид ва даст ба кабура (ғилофдон) бурда таппончаашро бароварда дар дасти росташ бозӣ доронда гуфт:

— Ду ҷувол гандуми колхоза дар и соли балосола ба хонаи Содиқов кӣ бурда буд?

Ин гапи Норов ҷон дошт. Як ҷувол не, ҳамагӣ ду санга ордро Ғуломалӣ аз хонаи худаш ба хонаи Содиқов бурда буд.

— Ба хонаи Содиқов ҳеҷ вақт гандуми колхоз набурдам, —гуфт Ғуломалӣ.

— Як бегоҳӣ дидам, ки кӯдакош аз гурустнагӣ мемиранд, ай ҳаққи халқ не, ай хонаи худам ду санг орд бурдам.

Норов қоҳ-қоҳ хандида гуфт: —Кӣ дар ин соли балосола нолаи (наволаи) кӯдакша ай даҳонаш канда ба дигарон медиҳад? Ба ин гапҳои аҳмақонаат кӣ бовар мекунад? Ма бошад ай одамои дилпур дар даст баёноту шоҳид дорам.

1. ЧК — Кумитаи фавқулодда.
2. Як санг — Баробари панҷ кило.

Ҳолӣ ҳама гуноҳата нагуфтам, ту ки одами нимтанаи бекасу бесоҳибӣ, дилам ба ту месӯзаду раҳмата мехӯрам.

Гап ҳамин. Дар майлис баромада шоҳидӣ медиҳӣ, ки сенздаҳуми январ, Содиқов мара ба идорааш ҷеғ зада, дӯғу пӯписа кард, ҳатто дашномҳои қабеҳ доду гуфт, ки бо дасти худат ай анбори колхоз ду ҷувол гандум ба хонаам мебарӣ, набошад ариза дода ай раисии колхоз рав.

— Ма ин корро намекунам, намекунам! –гуфт Ғуломалӣ.

— Накунӣ аз худат гила кун. Боз мо зиндаем. Ҳуҷҷатҳои ту ҳам тахт шудагӣ. Баъд хатат аз Сибир наояду нагӯӣ, ки хабарам накардед.

— Норов оҳи чуқур кашида баъд гуфт: -Таъкиди аввалу охирам ҳамин, Ғуломалӣ. Ба хонаат раву хуб фикр кун. Саҳарӣ тура дар майлис дар қатори шоҳидон бинам!

Ғуломалӣ аз ҷой хест. Ҳангоми аз дар баромадан аз нав овози Норовро шунид:

— Нашаваду беақлӣ карда боз ба хонаи Содиқов равию ӯро огоҳ кунӣ. Дониста мон, ки то он ҷо норасида туро ба қама мегиранд!

Он шабро Ғуломалӣ чӣ тавр рӯз кард, худаш медонаду худо. Содиқовро бо кадом роҳ аз ин ҳодиса хабар кунад, намедонист. Ба ягон кас гӯяд, ӯро ба онҳо шарик гуфта ба ҳабс мегиранд, худаш равад ҳамчунин. Ҳарчӣ шавад то пагоҳ сабр мекунам, қарор дод ба худ, Ғуломалӣ.

Гуноҳи ягонааш дар назди ҷамъият намозхонӣ буд. Ӯ гуноҳи дигар надошт. Охир Ғуломалӣ чун, ҳама мардум мусулмон буд ва дар қишлоқе, ки аз кӯдаки ба балоғат расида то мӯйсафеду кампири по ба лаби гӯр ҳама намозхонанду танҳо ту нахонӣ, намешавад. Намоз нахонӣ куҳрӣ эълонат мекунанду аз ту мисли махав ҳама мегурезанд. Дар шикасту рехти зиндагӣ, маъракаву маросимҳо мардум аз ту парҳез намуда номатро ба бадӣ овоза мекунанд. Дар байни омма шармандаву расво мешавӣ. Ба намозхонии ӯ осмон омада ба замин начаспидааст, ку? Дигарҳоро ташфиқот накунад, дилу нияташ ба чизу моли касе бад набошад, ба халқ, ба давлат хиёнат накунад, шабу рӯз аз паи кор бошад, фикр мекард Ғуломалӣ, намоз чӣ зарар дорад? Қариб даҳ сол дар ғами беҳтар шудани зисти мардум буд. Ӯ ба ҳар коре, ки лоиқ дидааанду фиристоданд, -не, -нагуфта рафтааст. Дар умраш дуздӣ, ҳақимардумхӯрӣ накардааст. Ҳарчӣ қуввату дармон дошт дар роҳи инқилоб, ба манфиати халқ сарф кард. Акнун на ин ки

ба ҳаромхӯрию мардумфиребӣ айбдораш мекарданд, балки таҳдид доштанд, ки туҳматгар шавад, марди бегуноҳеро бардуруғ шоҳидӣ дода ба қама андозад, оҳу уболи зану кӯдаки бесоҳиб мондаашро ба зима гирад, инсофу диёнаташро пеши по занад, виҷдонашро фурӯшад, инсонияшро хор кунад. Ин магар баробари ғоратгарӣ, қотилӣ, ватанфурӯшӣ нест?!

Ғуломалӣ тарафдори инқилоб шуда соҳиби ақлу фаросат гаштасту Норов ӯро ба қамаю бадарға таҳдид мекунад. Роҳаш нишон медиҳад, ки мисли худи ӯ пасттинату ноодам, ноасл шавад.

Ту, Норов, ба чӣ бадкирдориҳо қодир будай! фикр мекард Ғуломалӣ. Ба ин рафторат ту аз Анвар пошшо чӣ камӣ дорӣ?! Балки тую ҳаммаслаконат аз ҳазор ғозӣ хавфноктаред! Ғозиён бар зидди ақидаи як гурӯҳ баромада теғу камон мекашанд ва мардум медонад, ки онҳо душмани ошкорои инқилобанд, аммо шумо одамони бомаърифатро мисли каждумҳои таки бурё неш мезанед. Ва ту Норов танҳо нестӣ. Пайрав ва роҳбар ҳам дорӣ. Киянд онҳо? Дар куҷоянд? Шояд Мулломирҷон бо ҷосусони англис алоқа надошту худи ту ва ҳамфикронат дар гирди ҷосусҳо чун ғунда[1] тор метанед?! Ана бо кадом роҳу восита одамони ба халқ наздик, роҳбарони ба омма содиқро паи ҳам, ноайён аз байн мебардоштаед? Не, Норов! Ман каси метарсидагӣ мешудам аз дами оташи инқилоб соҳу саломат то имрӯз омада намерасидам. Аксар мардуми бақувват ҷонашро гирифта ҷилои ватан карда ба Афғонистон рафтанд. Ин ҷо маъюбу маслуқон монданд, инҳояшро шумо Норов ба Сибиру дигар ҷоҳо мефиристед. Чӣ рӯзи сиёҳ аст, ки ба сари халқ омадааст?

Дар маҷлиси ревком ҳама гапро рӯирост мегӯяму рӯи ту Норову дигар думравонатро мисли куни дег сиёҳ мегардонам! Шумо, ки дар сари роҳи одамони бегуноҳ чоҳ меканед намедонед, ки оқибати чоҳкан зери чоҳ аст?!

Пеш аз сар шудани маҷлиси ревком, додхоҳ Сагизов Ғуломалиро ба гӯшае бурду таъкиду насиҳатҳои Норов ба ӯ гуфторо аз нав такрор кард.

— Ту Ғуломалӣ одами ҳаминҷоӣ, ки ҳастӣ дилам ба ту месӯзад, —гуфт Сагизов.

1. Ғунда — ҳашароти заҳрдор.

— Вай, Содиқов, худаш кӣ аст, ки аз Кӯлоб омада ба мардуми Ховалинг роҳбарӣ мекунанд? Одамони лоиқ каманд, ки Содиқови кӯлобӣ дар сари мо калонигарӣ мекунад…

Ғуломалӣ, ки тамоми шаб мижа таҳ накарда ҳама бурду бохт, неку бадашро хуб фикр карда баромада буд, бо Сагизов баҳсро зиёдатӣ дониста танҳо «ба гуфтаатон амал мекунам» —гуфт.

Тахмини ӯ рост баромад. Акнун донист, ки Норов танҳо нест. Агар сардори ГПУ бо додхоҳ ва боз кӣ медонад, ягон калоншавандаи дигар забон як карда бошанд, худо зад. Онҳо сари чанд марди некро мехӯранд.

Тошпулодови котиби ревком маҷлисро кушода масъалаи рафтори Содиқовро ба муҳокима гузошт ва гуфт, ки аз рӯи ин масъала сардори ГПУ Норов гап мезанад.

Содиқов, ки аз тарафи дасти рости котиб нишаста буд ва аз муҳокимааш дар бюрои ревком хабар надошт, тоқат накарда аз ҷояш хеста ба Тошпулодов гуфт:

— Котиб, чӣ гуноҳ доштам, ки бехабар, яку якбора маро дар бюро муҳокима мекунед?

— Ту душмани халқӣ! –ба ҷои Тошпулодов ҷавоб дод Норов, як даста коғазро аз папкаи чармиаш бароварда истода.

Содиқов ҳанӯз рост меистод.

— Дар ҷоят шин, ҳозир ҳамаи гапа мефаҳмӣ, —бо тамасхур гуфт Тошпулодов. Содиқов ноилоҷ қаҳрашро фурӯ нишонда нишаст.

— Коркунони ГПУ ва шахсан худам, —ба гап сар карда гуфт Норов, қариб як сол мешавад, ки аз думболи одами барои ҳамаи мо хавфнок, яъне Содиқоваи ғоратгару душмани халқ, назорат бурдем. Кирдори Содиқуф аз рӯи донистагии мову баёноти шоҳидон исбот мекунанд, ки ин мардака номаш Содиқ бошад ба халқу ҳукумат душман аст. Номаша барои он Содиқуф мондааст, ки кирдорҳояша ба ин ном пинҳон намояду ба ҳукумат хиёнат кунад.

Содиқов боз аз ҷояш хеста гуфт:

— Ҳамчун аъзои Партияи Болшевикӣ (ҳизб) аз бюро талаб мекунам, ки ба номи ман таҳқиру ҳақорат накунанд!

— Садқаи номи партия шавӣ! Боз ту ноасл шарм накарда гап ҳам мезанӣ? –гуфт Сагизов ва аз чашм айнакашро гирифта ба сӯи Норов ишорате кард, ки ӯ паст наояд.

Содиқов дар ҷояш шах шуда рост меистод. Тошпулодов ҳарчанд ду-се маротиб ба ӯ «шин!» —гуфта амр дода бошад, ҳам, вале ӯ зору ҳайрон буд.

Мардак барои манфиати инқилоб борҳо маргро мағлуб карда, дар рӯ ба рӯи душман истодагарӣ карда буд, вале ҳоло ба тӯҳмати ногаҳон тоқат карда наметавонист. Ӯ дар умраш ҳеҷ гоҳ ба чунин ҳолати ногувор наафтода буд. Агар гуноҳе медошт дарду алам ва ғазаб ин қадар вуҷудашро ба ларза намеоварданд.

Тошпулодов бори дигар «шин, Содиқов!» —гуфт ва ӯ нишаст.

Аз рафтори котиб маълум буд, ки аз ин пеш Норову Сагизов ҳуҷҷатҳои қалбикии худро ба ӯ нишон дода ӯро бовар кунонидаанд, ки Содиқов дар ҳакиқат душмани халқ ва ҳукумат аст. Ё ки медонад? Ачаб не Тошпулодовро ҳам ба худ ҳамроҳ карда, ҳаммаслаку ҳамзабон гардонида бошанд?

— Мана ин баёноти душмани халқ, ватанфурӯш, ҳамон Мулломирҷон, ки як моҳ пеш суди халқ ӯро маҳкум кард. Ана гӯш кунед дар ҳаққи Содиқов чӣ менависанд, —гуфт Норов ва коғазеро кушода ба хондан сар кард.

«—Ман дар давоми ду сол Содиқовро ҳамчун марди нек мешиносам ва бо ӯ дӯстӣ дорам. Бо ёрию мадади он кас дар Ховалинг мактаб кушода хонандагон бо китоб, қаламу коғаз қадре таъмин шуданд. Аз ин одами нек бадие надидаам ва якумр аз ӯ миннатдорам».

— Дар баёнот ягон рафтори ношоями Содиқов нест, ку? –аз ҷой хеста гуфт раиси хоҷагии «Калинин» Разоқи Абдураҳмон.

— Гапат ҳақ, гуфт Норов. –Дар баёнот ягон гапи ношоям нест, ворӣ худи Мулломирҷон кӣ буд? Душмани пинҳонкор, хиёнатгар буд Мулломирҷон! Барои чӣ одамони одили ҳукумат ӯро суд карданд?. Ин хел одам, ки ба Содиқуф дӯст бошад, пас худи Содиқуф кист? Душмани халқ нест?! Мулломирҷон барои он суд шуд, ки қуръон мехонд. Ҳукумат қарор баровард, ки дар мактаб ба ҳарфи лотинӣ дарс гӯянд, ӯ якравӣ карда бо ҳамон ҳарфҳои качу килеби арабӣ, мусулмонӣ, дарс гуфтана давом дод. Ана бубинед. Баёноташ ҳам дар ҳақи Содиқуф бо ҳарфҳои арабӣ навишта шудааст, —гуфта Норов коғазро рӯ гардонда ба ҳозирон нишон дод ва илова намуд:

— Мулломирҷон дар суд даъво кард, ки қариб ҳазору чорсад сол аҷдодҳои мо бо ҳамин хат хонда навиштаанд, мо ҳам бояд бо ҳамин хат нависем. Яъне ӯ зидди инқилоб баромад.

Ба Мулломирҷон, кӣ китоб меовардааст? Содиқуф. Инҳо чӣ гуна китоб будаанд? Арабӣ. Пас Содиқов душмани ҳукумат набуда кӣ будааст?!

Мо медонем, ки Мулломирҷон бо ҷосусҳои англис алоқа дошт. Пас дӯсти вафодори ӯ Содиқуф ҳам аҷаб не ба он ҷосусҳо алоқа дошта бошад. Органҳои адлия ва ЧК худашон исбот мекунану ҳолӣ дар суд ҳамааш аён мешавад.

Содиқуф, мегӯям ба шумо, ҳам душмани инқилоб, ҳам душмани ҳалқу ҳукумат аст!

— Инқилобро доғдор накун, ноасл!-тоқат накарда фарёд баровард Содиқов.

— Ин қадар дар нагир, ки ҳозир коркунони ГПУ дасту пота баста, баъд масъалаата ҳал мекунанд! — Дӯғ зада гуфт Норов ва қоғази дигареро ба даст гирифт.

Инаш баёноти галлабони колхози «Калинин» Ғоибназаруф Хол. Хӯш ки бошад, Хол баёнот додааст, ки Содиқуф аспи саманди пешониқашқара аз галаи ӯ гирифта бурдааст ва мову шумо медонем, ки он аспа чанд вақт мардак суворӣ карду шаби дуздидани ғаллаи анбори колхози «Сталин», Содиқов овоза кард, ки аспаш гум шуд.

Барои чӣ аспҳои дигарҳора нею ҳамон шаб фақат аспи Содиқуфа дуздидаанд?!

Коркунони мо маълум карданд, ки сардори дуздҳо худи Содиқуф аст ва ҳамин Содиқуф қаровули анборра кушта ғаллаи колхоза шабошаб ба Кӯлоб, ба хонаи бобои Содиқ, яъне падараш, кашида бурдаанд. Аспа ку ай бозори Кӯлоб мо ёфтем, лекин дузд гурехта хато кард. Ғалла бошад ёфт нашуд.

— Биггиред маро, ҳабс кунед, парронед, вале тӯҳматам накунед! –ба Тошпулодов рӯ оварда гуфт Содиқов. –Ман комунистам ва чун аъзои ҳизб аз шумо инро талаб мекунам!

— Корро расво карда будаеду, мо бехабар. Боз ҳавои даҳон карда худро аъзои ҳизб меномад? Беҳтараш тоқат кунед. Оби рехтара ҷамъ карда намешавад, - гуфт Тошпулодов. Содиқов дигар ҳарфе гуфта натавонист. Норов нутқашро давом дод:

— Агар ин далелҳо кам бошанд мо шоҳиди зинда, одами боваринок ҳам дорем, ки гуфтаҳои моро тасдиқ карда боз рафторҳои ношоистаи дигари Содиқуфа ошкоро мегӯяд. Ин кас раиси колхози «Сталин» акои Ғуломалӣ аст. Хезед акаи Ғуломалӣ гап занед, —гуфта Норов мисли марди дар майдон ба ҳариф ғолиб омада даҳонашро маза дода коғазҳояшро ҷамъ карда ба папкааш андохт ва аз пеши

Ғуломалӣ гузашта ба ҷояш нишаст. Ғуломалӣ аз ҷо нимхез шуда буд, ки Тошпулодов: —Сухан ба шумо, Ғуломалӣ, —гуфт.

Содиқов, ки ин қадар вақт сарашро байни кафи дастонаш дошта хомӯш менишаст сӯи Ғуломалӣ назар афканд ва шояд аз дил гузаронид, ки боз ӯ чӣ тӯҳматҳоро ба сараш мерехта бошад.

Ғуломалӣ аз ниҳояти ғазаб аз куҷою аз чӣ гап сар карданашро намедонист. Худро ба даст гирифта қарор дод, ки фақат гапи рост гуфтанаш даркор. Мон, ки Норову Сагизов ва боз киҳое аз дасташон ҳар кор ояд, тавонистагиашонро кардан гиранд. Мардакро бардурӯғ тӯҳмат карда, ҷони худро халос намесозам. Ғуломалӣ то имрӯз дурӯғ нагуфтааст, то мурдан нахоҳад гуфт. Ба таги дор ҳам бубарандаш ин кори ношоистаро ба худ раво намебинад.

— Мо барои чӣ инқилоб кардем? –ба Норов рӯ оварда пурсид Ғуломалӣ ва Норов аз афташ ба чунин савол тайёр набуд, ки оҳиста аз ҷояш хесту андак саросема ба сӯи Ғуломалӣ нигоҳи ғазаболуд афканд ва гуфт:

— Ин савола ба ман додед?

— Ҳа, ба шумо, сардори ГПУ, одами адлия, –гуфт Ғуломалӣ.

— Ин гапат аҷиб. Ё шумо мара имтиҳон карданӣ? Намефаҳмам? Мо кайҳо аз имтиҳон гузаштагӣ.

— Шумо, ки ҷавоб надиҳед, худам ба саволам ҷавоб мегӯям. Барои он инқилоб кардем, ки ҳама баробар соҳиби як луқма нони ҳалол шавем, мисли одам зиндагӣ кунем.

«Берӯзиро, ки нола ба даҳонаш омад, мегӯянд, даҳонаш хун меояд». Мо ҷон коҳонда, ҳамон нолаи нонро нав соҳиб шудаему шумо Норов, даҳонамона ғарқоби хун карданиед?

Содиқов чӣ гуноҳ дорад, ки дар ҳақаш ин қадар тӯҳмат бор мекунед? Дина бегоҳӣ кира ба идораатон ҷеғ зада таҳдид кардед, ки дар маҷлиси ревком бардурӯғ шоҳиди Содиқов шавад?! Магар ман набудам он одам? Ҷавоб гӯед, дасти рости ҳукумат!

Норов ҳанӯз ҷавоб наёфта буд, ки Ғуломалӣ гуфт:

— Ман гӯсолаи дари хонаатон нестам, ки банди гарданама ба кадом тараф, ки кашед аз дунболатон рафтан гирам. Дониста монед, ки дар зиндагӣ думрави касе шудан намехоҳам. Шумо ба инқилоб, ба ҳукумат чӣ хизмат кардед, ки имрӯз Содиқовро ба ҳабс мегиред? Вақте ки ба шамшеру тири ғозиён сина сипар карда оммара аз қафои худ мебурд, шумо ҳамраҳи думрав ё роҳбаратон Сагизов мисли каламуш дар ҳелчаҳо панаҳ бурда сари тарозура нигоҳ мекардед, ки агар

ғозиён ғалаба кунанд, тарафи онҳоро мегирифтеду Аскарони Сурх ғалаба кунанд, тарафи Аскарони Сурхро. Имрӯз, ки ҳукумат барқарор шудааст, шумо худро дасти рости ҳукумат номида бо роҳи макру фиреб даромадед? Мулломирҷона нобуд кардед, навбати Содиқов шудааст?!

Дар идораатон гуфта будаму ҳозир ҳам ба шумо мегӯям, ки Содиқов гуноҳе надорад. Худи шумо дузду ғоратгар, ватанфурӯшед!

— Шунидед, рафиқ котиб! Мардум шунидед, ки ин падарлаънат, сардори ГПУ, маро чӣ ҳақоратҳои қабеҳ дод?! Инаш ҳам мисли ҳамон Содиқуф душмани рӯирост аст! Ма барои ӯ ҳама асосу далел дорам! –гуфт Норов ва партфелашро кушода ҳама коғазҳои дар он бударо дудаста берун бароварда ба аҳли маҷлис нишон дод.

— Кӣ ба ту ҳуқуқ додааст, ки намояндаи ҳукумат, дасти рости партияро (ҳибзро) ҳақорат диҳӣ?! –гуфта дод зад Сагизов аз байни дигарон.

— Мо гумони дигар доштем! Ҳа! Мо хаёл мекардем, ки ту Ғулом гуноҳи худата ба гардан мегирию душмани ҳалқ, Содиқуфа фош мекунӣ! Ба Содиқуф ҳаммаслак буданата нав фаҳмидам!

Норов! Далелу ҳуҷҷатҳои гунаҳкории инаша ҳам ба аъзоёни бюро (маҷлис) пешниҳод кун!

Норов аз тарафдории Сагизов рӯҳ гирифта ба гап сар кард:

— Ин мардак ҳам аз вай, Содиқуфаш бад ҳасту нек нест. Ана баёноти аъзои колхоз Раҳим Салим. Ӯ тасдиқ мекунад, ки шаби сенздаҳуми январи ҳамин сол Ғуломалии раиси колхоз ду ҷувол гандуми тухмира аз анбор ба хонаи Содиқуф бурд. Ин гап рост аст ё дурӯғ?!

— Тӯҳмат аст ин! –гуфт Ғуломалӣ. —Он шаб аз хонаи худам ба хонаи Содиқов ду санг орд бурда будам. Орди бурдаам ҳаққи ҳалолии меҳнати худам, аз замини ҳукумат ба ман дода буд, на аз анбори колхоз. Ба ҳарчӣ гӯед қасам мехӯрам, ки он орд ҳаққи кӯдакҳои худам буд.

— Аз худат буд, аз колхоз буд, инро прокурору (додхоҳ) суд маълум мекунанд, —гуфт Норов.

— Ба Мулломирҷон алоқа доштӣ?

— Бо Мулломирҷон акаву додар будам, ҳамон хел мемонам. Шумо ӯро бо тӯҳмат суд кардед. Содиқову маро ҳам тӯҳмат карда истодаед.

— Боз ҳамон иғвогариата мекунӣ?! Ту раиси колхоз, намояндаи ҳукумат шуда намоз мехонӣ ё не? –боз пурсид Норов ва Ғуломалӣ мулзам монд. –Не гуфта натавонист. Дурӯғгӯиро бад медид, бинобар ин ба гуноҳаш қоил шуда гуфт:

— Ма мусулмонум.

— Ана ҳаминаш барои мо бас аст, —хурсанд шуда гуфт Норов.

— Агар инаша ноқоил мебаромадӣ ҳам ман баёноти се-чор каса гирифтаам.

— Намоз хонам ҳам мисли шумо тӯҳматгар нестам, —гуфта буд Ғуломалӣ, ки Норов якбора ба ҳуҷум гузашт: —Ҳамин зимистон кӣ гӯсфанд кушта дасти кӯдакҳоша ҳалол кард? Баҳодуру Саидаҳмадат як ҳафта даба-даба, дуқат шуда намегаштанд? Ин кор зидди ҳукумат, зидди давлат нест?! Имрӯз ин корҳора кунӣ пеши роҳата нагирем, пагоҳ масҷид кушода муллоимомӣ мекунӣ, ҷаноби раис! Рафта кӯдакҳота биёрем, чӣ?!

— Ту Норов мусулмон нестӣ?! –пурсид Ғуломалӣ.

Мард мулзам монд, вале рӯирост гуфт: —Не. Ма мусулмон нестам! Мисли ту намоз намехонам!

— Агар корҳои ма мекардагира ту Норов зидди ҳукумату давлат ҳисоб кунӣ, ку худат ҳезорта каш мардум бубинанд, ки дасти худат ҳалол кардагӣ нест?! Э, садқаи номи мусулмон шавӣ, ноасли бедиёнат, —гуфт Ғуломалӣ ва дид, ки кор аз ҳад гузашт, дигар тоқат карда натавониста ҳарчӣ бар забонаш омад, саросар ҳамаро фурӯ рехт.

— Ба ҳамин мусулмониам ба муқобили Анвар пошшо бархоста, ҳамроҳи халқи почаканда ба инқилоб содиқ будам! Ними танама бой дода ба душманон ғалаба кардам. Ба тую Сагизов, дигар душмани ҳукумат ҳам ғалаба мекунам!

— Бас! Ин ҷо маҷлиси ревком аст, ё хонаи холаатон, ки ин қадар доду вовайло бардоштед?! –гуфт Тошпулодови ба ғазаб омада ва Ғуломалӣ ба ҷояш нишаст.

Чашмаш ба Содиқов афтод, ки ӯ дар назар андак хушҳол менамуд. Дигарҳо ором буданд. Касе овоз намебароварад.

Тошпулодов ба сухан баромад.

— Ту Ғуломалӣ намозхон бошӣ, бо Содиқов ҳаммаслак бошӣ, худата бародари Мулломирҷони душман донӣ, дасти кӯдаконата ҳалол кунӣ, барои чӣ душман набудаӣ? Ҳамин намозхониат бас аст,

ки мо туро аз раисӣ холӣ кунему кората органҳои тафтишотӣ ҳал намоянд.

— Шумо ҳам, рафиқ Тошпулодов, мисли ҳамин дастони ростатон Норову Сагизов ба тақдири одамон бозӣ мекунед? –тоқат накарда гуфт Ғуломалӣ.

— Ягона гуноҳи ма ҳамин, ки намоз мехонам. Ба фикрам, ҳукумат барои намозхонӣ касеро суд намекунад. Содиқов чӣ гуноҳ дорад? Оё ӯ аз ҳамаи дар ин ҷо будагиҳо дида ба халқ, ба ҳукумат вафодор нест? Ма ку он қадар хату савод надорам, ҷаҳонгир нестам, аз раиси гиредам, ризқу рӯзима ёфта метавонам. Аз дастам ҳеҷ кор наояд подабонӣ меоя, лекин ба тақдири Содиқов бозӣ накунед! Баъд пушаймон мешавед. Балки ба хатои худ ҷавоб ҳам мегӯед!

— Мо аз ту домуллоимом маслиҳат намепурсем! Хуб шуд, ки Норов, сари вақт чӣ гуна одам будани тую Содиқовро ошкор кард, набошад баъд дер мешуд, —гуфт Тошпулодов…

Содиқовро дигар гап задан наметонданд ва дар бюро ӯро аз аъзогии ҳизб холӣ карданд. Бо фармони Норову Сагизов дастони Содиқов ва Ғуломалиро баста аз ревком рост ба ГПУ бурданд.

Баъди даҳ рӯзи пурсупос аз болояшон делои ҷиноятӣ кушоданд ва ҳамчун душмани халқ суд Ғуломалиро ба мӯҳлати ҳашт сол, Содиқовро даҳ сол аз озодӣ маҳрум кард.

Вақте ки коркунони ГПУ онҳоро бо дасти баста, пеш-пеши асп аз Ховалинг ба Кӯлоб мебурданд, Норову Сагизов дар суфаи зери Чилчанор болои курпача нишаста зиёфати ғолибият ташкил намуда, шаробнӯшӣ мекарданд ва ба ҳоли Ғуломалию Содиқов механдиданд.

Аз Кӯлобу Душанбе то Тошканд қариб шаш моҳ ҳарду дар ҳабс буданд. Содиқов аз номи Ғуломалию худаш ба додхоҳи олӣ ва ЧК (кумитаи фавқулода) мактубу ариза навишт. Аз Москва Стрелсов ном майори ЧК омада дар Тошканд бо онҳо сӯҳбат карду баъди чанд муддат озод шуданд.

Ба хона омаданду чӣ гапҳои нав нашуниданд. Вақти дар ҳабс будани онҳо Норову Сагизов қонун бароварда молу мулки дар бисоташ будаи онҳоро мусодира карда, ба ҳисоби давлат гузаронида, аспи туруқи Ғуломалиро Норов худаш саворӣ мекардааст.

Як сабаби ҳабс шудани Ғуломалӣ ҳамин асп буд. Норов дусе бор ҳавасхӯрӣ карда барои гирифтани ин асп даҳон зада буду Ғуломалӣ аспро ба ӯ надод.

Рӯзи аз ҳибс озод шуда ба хона омадани Ғуломалӣ писари калониаш, Баҳодур, ӯро дидан замон гирён шуду гуфт, ки ата, аспа Норов гирифта бурд. Ғуломалӣ он вақт аз алам гирён шуд.

Баъди ба Ховалинг омадан маълум гардид, ки Норову Сагизов ва раиси суди он вақта Ҳабибулин чун душманони халқ ошкору маҳкум шуда, Тошпулодови котибро барои хатоҳояш аз ревком озод кардаанд. Одами гандум коридагӣ гандуму ҷав мекоридагӣ ҷав медаравидааст, мегуфт ҳар доим Ғуломалӣ…

## БОБИ V

Бобои Ғуломалӣ ҳар боре, ки баромадани офтобро зеҳн монда бошад, онро дар шакли ба худ хос мушоҳида кардааст. Агар дар дилаш ғаму ғуссае дошта бошад, он саҳар ба паси кӯҳ назар афканда баромадани офтобро дида гумон дорад, ки хуршед ҳам мисли ӯ аз ким кадом дарду алами зиндагӣ, рангзарду рӯҳафтода аст ва баракс, агар мӯйсафед хушнуд бошад, чеҳраи офтобро дида хурсандиаш дучанд меафзояд. Гуё ин мӯъҷиза ба ғаму шодии ӯ шарики якумр аст.

Ин саҳар ҳам мӯйсафед аз хоб барвақт хеста дасту рӯ шуст, таҳорат карда намозҳояшро хонд ва тарафи шарқии боғ рафта чанд муддат интизори баромадани офтоб истод. Ӯ зеҳн монд, ки аз паси кӯҳҳои дуродур аввал рӯшноӣ аён шуда, оҳиста-оҳиста хуршед намудор гардид. Дар ин лаҳза дар осмон пораи абре менамуд. Мӯйсафед ба чеҳраи офтоб назар афканда рӯҳан шод шуд. Шукрона кард, ки боз як рӯзи ҳаёти хушбахтонааш дар сари пирӣ бе ғаму андӯҳ оғоз ёфт. Ӯ низ дар баробари дигарон имрӯз ташвишҳо дошт. Ба ҳашар баромада ба сари кори писару набераҳо рафта онҳоро дилбардорӣ карданӣ буд. Боз Владимирро дидан мехост.

Бегоҳӣ Сайдаҳмад гуфт, ки «Корвони сурх»-и масолеҳи сохтмонию трактор ва эксватору булдозерҳо аз Кӯлоб ба роҳ баромада саҳарӣ ба Ховалинг мерасиданд. Сохтмон оғоз меёбад.

Диққати мӯйсафедро чаҳ-чаҳи булбулон ба худ кашид.

Ӯ алоҳида шунид, ки як ҷуфти булбул дар бутаи гулхори лаби ҷарии сангов, ки ҳоло ғарқи гул аст, нағмасароӣ доранд. Ин ҷонваракон аҷоиб ширину гуворо мехонанд, фикр кард мӯйсафед ва ба ёдаш омад, ки ҳамин бегоҳӣ ба Владимир аз хусуси хушхонии булбулон ҳарфе нагуфт. Ҳатто қақбаи кабкҳо, ки ҳар доим аз домани дараву теппаҳои атроф ба гӯш мерасанд ва шунидани овози онҳо чӣ хуш аст, ба ёдаш нарасидаанд. Нагуфт, ки Ховалингро ӯ барои он ватан кардааст, ки ана ҳамин хел мӯъҷизаҳо дорад. Субҳидам хониши фароштурукҳои қӯшаи таки долон туро аз хоби хӯш бедор мекунанду оҳиста чашм кушода худатро дар оғӯши табиати нозанин, дар олами афсонавии сурудхонии мурғони хӯшилҳон мебинӣ ва ҳама ҳастию вуҷудатро ба берун мезанӣ. Овози ин паррандаро мешунавию руҳу ҷонат ҳузуру ҳаловат меёбад. Беихтиёр ба тарафи овози булбул меравӣ, ин паррандаро ҷустуҷӯ мекунӣ ва ӯро дидан мехоҳӣ. Шохаҳои гелосу олуболу, себу дигар дарахтони пургулро мечӯӣ. Дар ҳар навдаи пургул мебинӣ, ки оруҳои ба «бозор»-и шираҷамъкунии худ машғуланд. Аз як гул ба гули дигар парвоз намуда, ҳатто ҳис намекунанд, ки дар поён, дар рӯи замин одаме ба «ғунг-ғунги» якмароми онҳо гӯш дода, ба кору рафторашон ба чашми ҳайрат менигарад. Оруҳо ба худ ҷаҳони дигар, ҳатто забону зиндагӣ, қонуну қоида, ҳаёти худро доранд. Мисли баъзе ҷуқу ҷондорҳо ба кас неш намезананд, балки коми одамиро ширин менамоянд.

Ба гӯшат аз нав чаҳ-чаҳи булбул мерасаду ҳама мавҷудоти олам фаромӯшат шуда ба тарафи овоз беихтиёр қадам мемонӣ. Лаҳни афсунгар тамоми ҳастиатро навозиш карда туро ба тарафи ҷарӣ ва ё доманаи теппае, ки онҷо овозро шунидаӣ, мебарад. Меравӣ, меравӣ, то ки бо чашмони бинои сарат паррандаеро бубинӣ, ки дар олами мавҷудот дигар ягон ҷонзоте чунин овозу нағмаи дилангезро соҳиб нест. Хониши ширини булбулро ягон мӯъҷизаи дигари дунё надорад. Якумр лаҳни хушадои ин мурғаки назарногири яккаву ягона ба насли одамӣ рӯҳӯ ҷон бахшидааст. Меҳру муҳаббати ӯро ба дунёи ҳастӣ, ба зиндагӣ, ки як маротиб ба кас муяссар мегардад, афзун намудааст.

Ҳатто беҳтарин ва марғубтарин оҳанги мусиқӣ ба пояи суруди булбул баландпарвозу дилнишин буда наметавонад.

Оҳиста қадам монда, ҳатто нӯг-нӯги по ба сӯи овози булбул меравӣ, то ки ба сурудхониаш халал нарасонӣ. Ба бутаи гулхор наздик мешавию мебинӣ, ки як паррандаҳаки аз гунчишк ҳам хурду хокиранги назарногир дар шохаи хор нишаста озодона чаҳ-чаҳ мезанад. Ҳатто

боварат намеояд, ки соҳиби чунин лаҳни ширину гуворо ҳамин мурғаки хурд бошад, вале баъди хуб зеҳн мондан, боварии пурра ҳосил мекунӣ, мефаҳмӣ, ки булбулаш ана ҳамин ҷонвараки дар ҷусса аз гунҷишк хурди нулборик, почакҳояш андак аз гунҷишк дарозтар як умр буттаи гулхорро ба худ маскан гирифтааст. Барои чӣ маҳз шохи себ ва гелоси пургулро нею буттаи хорро ин ҷонвар ба худ ватан хондааст? Намефаҳмӣ. Шояд барои он, ки ба зери буттаи гулхор паррандаю хазандаи дигаре роҳ ёфта даромада наметавонад. Гулхор хосияти хуби муҳофизатӣ дорад ва аз тарси хорҳои тезу чангалаи он дигар ҷуқу ҷондор ба зери гулхор даромада наметавонад. Аз ҳамин сабаб булбул гулхорро ба худ ватан карда бошад аҷаб нест ва хониши булбул низ шояд дар ситоиши ҳамин гулхор аст, ки даруни буттаи он лона монда чӯҷа парвозӣ мекунад.

Мӯйсафед ин дафъа ҳам ба тарафи поёни ҳотааш рафта ба буттаи гулхори дар кашолгии соҳили сангов онҷо хониши булбул бараъло ба гӯшаш мерасид, нишасту чанд муддат ғарқи хаёли ширин лаҳни хӯшадои булбулро гӯш кард.

Дина дар ин хусус ба Владимир ҳарфе нагуфтам, боз афсус хӯрда аз дил гузаронд, бобои Ғуломалӣ. Ягон рӯз ӯро гирифта ба Боғи Булбулон, ба зиёрати зодгоҳи Восеъ, Дараи Мухтор мебарам. Ана дар зери чанору сояи салқини садае, ки дар он ҷо як вақтҳо Восеъ ҷувоз мекашид, менишинему ба ӯ мегӯям, ки ин гелосбоғи даруни дараву бари камарро набераи ҳамон марди майдон, писари Ҳасан, мӯйсафеди Камол бо фарзандаш муаллими Раҷабалӣ бунёд кардаанд ва имрӯз ба номи Боғи Булбулон шӯҳрат дорад. Мон, ки Владимир мӯйсафеди Камолро бинаду ба дасту бозу, чеҳраи пурожанг, вале дилкашу чашмони уқобии ӯ зеҳн монда бовар кунад, ки дар Ховалинг ҳолӣ ҳам мардони боору баномус, ворисони Восеъ ҳастанд.

Агар ҳамроҳи Владимир ба Дараи Мухтор равам чаҳ-чаҳи булбул ҷони ҷувонаша маст мекунад. Бӯи гули кӯҳию алафҳои давогӣ машомашро муаттар мегардонад. Дил даруни сина ба туғён омада ҳазор соли дигар зиндагӣ кардан, умр дидан мехоҳад. Ман ӯро ба Сарихосор, ба дидани шаршараи Сафедоб мебарам, ки як вақтҳо Восеъро чанд муддат аз чашми одамони ғайр дар паноҳи худ ҷо дода буд. Боз ӯро ба ҷангалзорҳои анбӯҳ, туту гелосбоғҳои пурмева мебарам. Мегӯям, ки ана ҳамин аст ватанам. Касе, ки як маротиб аз сарчашмаи Сурхсақоваи мо ташнагӣ шикаста бошад, таъму лаззати оби онро якумр фаромӯш нахоҳад кард. Ҳамин чаҳ-чаҳи булбулу

буттаи гулхор, обҳои хуштаъму ҳазорчашмаҳои шифобахш, алафзору ҷангалҳои анбӯҳ, ҷариву кӯҳҳои касногузар бароям аз зеботарин манзараву ободтарин ҷои дунё дида, азизу мӯътабаранд. Ман бе обу ҳаво ва хоки инҷо дар ҷойҳои дигар умр дида, зиндагӣ карда наметавонам, хушк мешавам, мемирам…

Ба ёдам ҳаст, ки ҳамон вақт, соли чилунуҳум дар меҳмонхонаи Маскав ҳар субҳидам аз хоб бедор шуда ҳангоми дасту рӯшӯӣ аз шаршари оби ширгарми ба тағора мерехтагии даруни меҳмонхона, шилдирроси ғулғулафкани шаршараи Сафедобро ба ёд меовардам, вале он об мусафо бошад ҳам таъми оби чашмаҳои Ховалинг дигар аст. Як саҳар аз ошёнаи чандуми меҳмонхона буд, намедонам, фуромадаму дар майдони мумфарш муддате қадам задам. Ҳамон вақт мисли ҳозира баҳор буд. Дар саҳни меҳмонхона гулбуттаҳо гул карда буданд. Гулҳоро бӯ кашидаму бӯи гулхорҳои лаби ҳотаам ба ёдам расид, дилам гум зад. Гулҳои назди меҳмонхона бӯи гулхорҳои худрӯйро надоштанд. Овози булбулро дар он ҷо нашунидам. Дилам тангӣ карду ба ҳуҷраам рафтанӣ шудам. Раҳгум зада як ошёна боло баромада ба хонаи як гурӯҳ занҳо афтоданамро надонистам. Аз шарм замин накафид, ки дароям. Хайрият русдухтаре маро ба пеши ҳамсафаронам овард.

Ҳамаи инро ба Владимир якта ба якта мегӯям, шояд худаш ҳам ҳамаи инро медонаду мара кунҷковӣ карда пурсид? Бидонад ҳам гуфтанам зарур.

— Бобоҷон, бобоҷон! –хурсандона фарёд баровард Фарҳод ва саросема ба даруни хона даромад.

— Ҷони бобо, —ҷавоб дод мӯйсафед.

— Бобоҷон, бобои Сайдаҳмадам аспсавор омадааст. Як аспи хушрӯ овардааст, киӣ! Аспи сафед, ин зайл танга-танга хол дорад.

— Садқаи забонат, ҳозир буромада мебинем, —гуфта, бобои Ғуломалӣ аз бистари беморӣ хеста ба берун, ба пешвози Сайдаҳмад баромаданӣ буд, ки қувваташ нарасид.

— Фарҳоди ҷун! Дастама бигир-ку хеста аспа бинем, — хоҳиш кард мӯйсафед ва Фарҳод ба пеши ӯ омад, вале тарзи ёрӣ расониданашро надонист. Мӯйсафед аз дасти набераш гирифта аз ҷо хест. Шунидани номи Сайдаҳмад ба бобои Ғуломалӣ қувват бахшид.

Мӯйсафед баъди чанд соли охир бори аввал мешунид, ки Сайдаҳмади писараш ин дафъа асп овардааст.

Доим ҳавасхӯрӣ мекард, ки ягон аспи муносиб, ба чени дилам нагирам, намешавад, фикр кард бобои Ғуломалӣ. –Бе асп наметавонам –мегуфт Сайдаҳмад. Мумкин ёфта бошад. Мӯйсафед ҷомаашро пӯшида оҳиста қадам монда ба берун баромад. Сайдаҳмад лаҷоми аспро ба қоши зин андармон карда нухтаи онро ба поресачуби оғил басту қамчин дар даст ба таги долони хона расида буд, ки бобои Ғуломалиро дид.

— Қиблагоҳ, —«касалам» —гуфта бачаву навасаҳоро санҷиданӣ набошӣ? –гуфта Сайдаҳмад ба падараш шӯхӣ карда ба долон баромад ва бобои Ғуломалиро канор гирифт.

— Садқаи паи қадамат, ки аз саҳар баъди рафтанат камтар тобам гурехта буд, ҳарчӣ ба омаданат хестам, —гуфт мӯйсафед.

— Қанати нав муборакат шавад, —ба асп ишора карда, гуфт бобои Ғуломалӣ. –Ҳай хуб кардӣ. Кори сара шуд, бачаи ҷун. Ку ёрдам кун, рафта аспата бинам.

— Аспи хоназотай, ата, —гуфт Сайдаҳмад. –Гуфта будум-ку, суроғу пай карда ахир, ки ёфта гирифтум. Дилум нав таскин ёфт. Рафта худатон бубинеду баҳо диҳед, ки ай ҳаму хоназоти Гули Бодом ҳаст ё не? –гуфта Сайдаҳмад аз дасти бобои Ғуломалӣ гирифту ба назди асп рафтанд. Фарҳод пешопеши онҳо давида омад.

— Бачаи ҷун, наздики бад нарав, ки ҳоли и асп моли ёсовай, боз назанад –таъкид кард Сайдаҳмад ва кӯдак худро аз асп дуртар нигоҳ дошт. Бобои Ғуломалӣ саропои аспро зеҳн монда ба лаҷомаш даст бурд, ёлашро бо панҷаҳояш «шона» карда ба бари гарданаш тап-тап заду бари рӯяшро дастмол намуд.

— Гули Бодоми аслай, бачам, —гуфт мӯйсафед.

— Хайрият, ки нишонаи ин зот гум нашида будааст.

Насибат кунад. Ҳолӣ ғунан (дусол) аст. Тарбияташ кунӣ ҳазор кас ошиқаш мешавад. Сайдаҳмади ҷун, биё ба хона равем, ҳолӣ ҳам он қадар тобам нест. Аспата дидам, маъқулам шид. Моли хуб гирифтай.

Онҳо ба хона омаданд, ки келин аллакай барояшон дастурхон густурда чой оварда буд. Бобои Ғуломалиию Сайдаҳмад болои курпача дар рӯ ба рӯи якдигар нишастанд. Фарҳод ҳанӯз аз асп дур истода ба тамошо банд буд.

— Хайр, ку гап зан, қиблагоҳ, ки боз аз чӣ нотоб шудӣ, куҷоят дард мекунад? –пурсид Сайдаҳмад пиёлаи чойро ба падар дода.

— Пирӣ буваду ҳазар иллат, —бачам. Мебинӣ, қариб як ҳафта хуҷбемор мегардам-ку. Ҳамин Заринаи духтари Фахриддин, худо баракаташ диҳад, ҳарчӣ ҳар рӯз омада дору мехӯронад. Ҳозир худама андак сабук ҳис мекунам.

— Хайр, «тани гарм бе дард нест» гуфтаанд. Нағз мешавӣ, —гуфт Сайдаҳмад. –Даврaҳои аспсавориам-ку гузаштаасту сабил дил намонд. Гуфтам зеби дари хона меистад. Каҳу ҷав бисёр. Ягон соату рӯзи дилат ҳавас кардагӣ сувор мешавӣ. Мошинсуворӣ ҳам хуб, лекин ай соли ҷанг, ки бӯи боруту рувғани трактору мошин ба димоғам бирасад, дунё дар назарам кунфаякун мегардад. Се шаву се рӯзи дигар сарам дард мекунад.

Ҳарсе писарони Сайдаҳмад. Ёқубу Ансорӣ ва Давлат аз кор баргашта аз асп харидани падарашон хурсанд шуданд. Онҳо гирди асп гашта онро хуб зеҳн монда, падари худро муборакбод гуфтанд. Гирди дастурхон ҳама сарҷамъ дар хусуси аспсаворию асппарварӣ гап мезаданд.

— Мо, ки қадри ҷонвара надонем, кӣ медонад? –ба фарзандҳо маънидорона назар карда гуфт Саидаҳмад, -баъзе бачаҳои и замона, садқаашон, аспсаворӣ як тараф монад, ба асп наздик шаванд, табларзаашон мегира. Метарсанд, намедонанд, ки асп барои мард қанатай. Одамҳо зоғу будана (бедона) сагу пишак гирифта тарбия мекунанд.

— Рост гуфтӣ, бачаи ҷун. Ҳар кас як хоҳиши дил дорад, - сухани писарашро қувват дод, бобои Ғуломалӣ. Ана ҳамин Ғаюри даҳмардаву Содиқи подабона болои асп бубинӣ, мегӯӣ шаҳбача ворӣ хушрӯҳанд. Аз диданшон ҳавасат меояд. Як қадар гӯшти танаву рӯи одамгарӣ доранд. Яктааш Ҳусайни бачаи Сафар-фасони магазинчӣ. Миннат нашавад, дар даруни «Жигули» -и падараш харидагӣ гардан думчаи дук, мӯи сар то китф мисли аҷина хамбидагӣ, ай бекориву арақхӯрӣ рангу рӯ гули зардак. «Жигули» кам буд, ки ношуд аспша ба мотосикл алиш кардааст. Ҷувонимарг ба дигар роҳ намурд, акнун барои худаш аҷал овардааст. Сайдаҳмад, бачам, замона боз ҳамин хелҳора мепарварад.

Дар гирди дастурхон Сайдаҳмаду Ёқуб, Ансорию Давлат бо ҳамсояи наздик, Фахриддин, ки ҳар бегоҳ омада аз аҳволи бобои Ғуломалӣ хабар мегирад, аз ҳар боб сӯҳбат доштанд. Гап асосан дар бораи ба Ховалинг овардани мошину тракторҳои нав, сар кардани корҳои сохтмон ва ғайра мерафт. Дар ин миён Фахриддин аз кисааш рӯзномаи (газетаи) «Правда»-и нави чорқад таҳкардаеро бароварда ба

Сайдаҳмад, ки дар паҳлӯяш нишаста буд, дода, гуфт, ки дар саҳифаи панҷуми он мақолаи хубе чоп шудааст. Сайдаҳмад рӯзномаро кушода ба сарлавҳаю суратҳо чашм давонда дар саҳифаи панҷум сурати русзан ва писарони ӯро дид.

— Наход ин расми Епистини Федоровна Степанова бо писаронаш бошад?! – ба сурат назар карда худ ба худ гуфт Сайдаҳмад ва хубтар зеҳн монд. –Худи худашон, -зери лаб гуфт ӯ аз сурат чашм наканда.

Дар тарафи чап сурати модар, аз рост фарзандон.

Сайдаҳмад суратҳои писарони кампирро як-як назар карда чашмонаш ба рӯи акси Николай, ки сурати ӯ аз бари бародари калонӣ Александр чоп шуда буд, афтоду дилашро ҳаяҷону изтироб фаро гирифт. Ӯ дигар худро нигоҳ дошта натавонист, зеро аз ҳаёти фоҷеавии ин зан ва нӯҳ фарзанди ҷавонмарги ӯ огоҳ буд.

Ин дам дар хаёлаш лаҳзаҳои мудҳиши ҷанг, таркиши минаю оташи танку тӯп, мурдаҳои бедасту по, маҳбусони лагерҳои концентрасионии фашистон аз нав пеши рӯ омаданд. Аз он рӯзҳо чил сари сол гузаштаасту ҳанӯз ҳам азияти ҷанг Сайдаҳмадро ором намегузорад. Дар радиою телевизор намоишнома ё хабареро шунавад дилаш такурӯ мешавад, тамоми вуҷудашро ларзаи ҷонкоҳ фаро мегирад. Худро ин дам, дар байни оташу таркишҳои марговари майдони ҷанг мебинад. Чун мӯи ба оташ афтода дар худ печида ноаён месӯзад.

Ин дам дар назари Сайдаҳмад Николай, ҳамон ҷавони рус, ки бо ӯ дар ҷанг бародари ҷонӣ шуда буд, аз нав зинда гардиду субҳидамии муҳорибаи охирин ба хотираш омад. Дар хона будагон ҳама донистанд, ки Сайдаҳмад, марде, ки азобу азияти ҷанги ҷаҳонро ба души худ кашидааст, ҳатто тир хӯрда дар лаҳзаҳои мушкилтарини ҳаёт, соатҳое, ки аз асп афтода, ба хоку хун оғушта шуда буд, нагиристааст. Баракс дар дасту бозу тану ҷони худ як ғайрату қуввати зиёдатӣ пайдо карда метавонист ва боз ба асп савор шуда эскадрони сараҳоро ба муҳориба мебурд, вале имрӯз, ин лаҳза аз чӣ бошад, ки худдорӣ карда натавонист. Кадом ҳодиса ё воқеаи мудҳиши дар рӯзнома тасвирёфта ҷони абгорашро ба ларза оварда.

Ҳама даст аз таом кашидаанд, вале нишастагон ёрои пурсидан намекарданд. Сӯҳбати ширину гуворо, хандаи беғаши мардон хапу хомӯш гардид. Танҳо дар ин миён гиряи пуралами дардомези Сайдаҳмад хазин ба гӯш мерасид. Лаҳзае, ки мардони ҳақиқӣ мегирянд, замину замон ҳама хапу хомӯш аст.

— Сайдаҳмад, бачам, барои чӣ гиря мекунӣ? –хомӯширо вайрон карда бо дилсӯзӣ гуфт бобои Ғуломалӣ.

— И суратҳоро бин, ата, -гуфт Сайдаҳмад. –Ба и модару нӯҳ паҳлавони ҷавонмард нигоҳ кунен. Ма ба инҳо шиносам. Ҳамраҳи ана ин бародаршон якҷоя ҷангкунон то Берлин рафтаам. Бо ин шаҳбозҳо, балки ман бародари ҳамхунам. Агар ҳамин Николай намешуд, соли чилучорум, баъди тир хӯрда аз ҷароҳатам хуни зиёд рафтан яқин мемурдам. Ӯ дар шаби сармои зимистон маи маҷруҳи бе ҳолу мадорро ду километр дур аз хати фронт пуштора карда, ҳандақ ба хандақ ба ҷангал оварду баъд ба асп бор карда ба табобатгоҳ бурд. Шаб то ба рӯз миҷа таҳ накарда болои сарам истодааст. Хунам бисёр рафта буд. Аз тани ӯ ба баданам хун гузаронидану зинда мондам. Баъд, баъд ба ҳам боз чӣ рӯзҳое, ки надидем…

Ҳамаи ин нӯҳ ҷавони нозанин писарони ҳамин модаранд, ки барои ҳимояи Ватан дар ҷанг…

Гиряи Сайдаҳмад ба фиғон мубаддал гашт.

— Давлати ҷун, камтар об биёр, - гуфт бобои Ғуломалӣ ва ҷавон дарҳол аз ҷо хест.

— Не, бачам, об даркор нест, -гуфт Сайдаҳмад ва аз сари дастурхон хеста берун баромад. Давлат низ аз қафои ӯ рафт.

Баъди дар танҳоӣ ғами дилро андак сабук кардан, дар ҳавои форами шабонгоҳӣ лаҳзае нафас рост намудан, Сайдаҳмад ба худ омад ва дасту рӯ шуста аз нав ба хона баргашт. Ин дам хурсандии мардони гирди дастурхон худ аз худ ноаён аз байн рафта буд. Ҳар кас ба хаёли худ банд, хапу хомӯш менишаст. Як вазнини гарон, бори ғами бузурге ин лаҳза ба сари аҳли сӯҳбат афтод, ки касе қудрати онро аз байн бардоштан надошт.

Бобои Ғуломалӣ болои курпача чорзону нишаста ба суратҳои рӯзнома нигоҳ карда ба ғайр аз сарлавҳа дигар зернавиштҳоро хонда натавонист. Бе айнак ҳама ҳарфҳои рӯзнома якҷоя сиёҳ метофтанд. Мӯйсафед аввало хост айнакашро аз болои раф гирифта ба чашм монад, вале боз Сайдаҳмадро озор надиҳам гуфта аз фикраш гашт.

Ёқуб ба пиёла чой рехта назди падараш гузошт. Сайдаҳмад аз нав рӯзномаро ба дасташ гирифта як-як суратҳоро алоҳида нигоҳ карда боз ба рӯи сурати Николай ист кард. Рӯзҳои бо ин ҷавон дар ҷанг гузаронидааш паиҳам ба хотираш омаданд. Ӯ рӯзномаро оҳиста дар бари нон, лаби дастурхон ниҳод ва аз дил гузаронид, ки мардҳои

дар ҳузураш буда аздусар сабаби гиряашро мепурсанд. Мақсади Фахриддину бобои Ғуломалӣ ва дигарон ҳам имшаб сӯҳбат кардан буд, вале алами Сайдаҳмад пеши рӯ омад. Беҳтараш Сайдаҳмад як ҳиссаи хотираҳояшро ба ёд оварда нақл мекунаду дилаш андак холӣ мешавад, ғамаш сабуктар мегардад.

❁ ❁ ❁

— Шаби 27 апрели соли 1945, - ба нақл сар кард Сайдаҳмад, фармон гирифтам, ки бо эскадрони худ гурӯҳи аскарони минагузорро ҳамроҳ гирифта купруки дарёи Одер, ки аз он тараф фашистон бо охирин қувваи худ ҷонсарак ҳуҷуми армияи моро бургардонданӣ мешуданд, аз тарконданҳимоя кунем. Бо ин купрук аскарони мо танку тӯп, аслиҳаи оташфишони худро гузаронида ба маркази Берлин дохил мешуданд ва ба Рейхстаг, ҳуҷум меоварданд.

Маълум буд, ки немисҳо ба зарбаҳо истодагарӣ карда натавониста ақибнишинӣ менамуданд ва бахилӣ аз даст наравад гуфта кӯпрукро метарконданд. Мо бояд аввал аз кӯпрук гузашта маркази ҷои бо мина метаркондагӣ ва баъд симу аманалҳои ба зери купрук хобондаро ёфта безарар мегардонидем.

Ба рафтан тайёрӣ дида истода будем, ки садои тирпаронии автомату пулемётҳо моро ба таҳлуқа андохт. Баъд тупҳои вазнини немисҳо ба оташфишонӣ сар карданд. Аз зураи тир муваққатан дар канори руд, болотар аз кӯпрук ҷо гирифтем.

Маълум, ки Германияи фашистӣ батамом шикаст хӯрд ва дигар мубориза фоида надошт. Тарконданикӯпрук, ба халқу ватанат зарар овардан чӣ маънӣ дошт? Ҷангро, ки бохтӣ, шармандаву расво, ки шудӣ мисли мард баромада даст бардор, то олам бубинад, ту ҷаҳонгири бе гӯру кафан чӣ афту башара, рангу намуд доштай. Не, сабил аз зин фуромада бошанд, ҳеҷ аз ӯзангу пояшонро гирифтан ният надоштанд. Ҳамин қадар шаҳру деҳаҳои ободи Аврупоро ба хок яксон карданашон бас набуд, ки боз дар охирин нафаси умрашон Берлинро бо дасти худашон валангор карда, баъд ба ҷаҳаннам мерафтанд. Аждаҳои захмхӯрда ҷон додан намехост.

Пеш аз ҳуҷуми эскадрони савора полкҳои артилерии мо ба оташфишонӣ даромаданд. Садҳо катюша, пулемёт, танку тӯп якбора оташ кушоданд. Замин дар зери по ба ларза даромад. Ду тарафи купрук курраи оҳангудозиро мемонд, ки дар он оташу дуд ба ҳам омехта

гардида алангаҳо торафт равшану даҳшатнок ба чашм мерасиданд. Фарқ танҳо дар он буд, ки аз курраи оҳангудозӣ барои ободонии ҷою маконе оҳан тафта мекунанд, испору досту табар месозанд, вале дар ин ҷо ҳар як дастаи оташ бо худ марги яқин дошт.

Ҳангомаю гиру мон, то субҳидамӣ давом кард. Ба гумонам дар он тарафи купрук ҳама ҷо сӯхта хокистар гардида буд. Акнун барои озод кардани купрук навбати мо расид. Сапёрҳо гавак кашида зери купрук медаромаданду мо чору панҷнафарӣ қад-қади соҳил ба купрук расида, аз болои он бояд бо аспҳоямон ба он тараф мегузаштем. Нав ба роҳ даромада будем, ки аз он сӯи соҳил овози автоматҳо шунида шуд ва ба сарамон борони тир рехт. Фашистон дар заминкан панаҳ бурда моро назорат доштаанд.

— Савораҳо, ба пеш! –фармон додам ва худам аспро қамчин зада пешопеши эскадрон ба болои кӯпрук баромадам. Гули Бодом якбора каладав рафту худам аз зин парида ба як тараф афтодам. Эскадрон аз ман гузашта купрукро ишғол кард. Фашистҳо аз он тараф дар торик-торики субҳ, аз афташ сафедии аспро дида нишон гирифта буданд. Баъди афтода ду-се каладав ҷар шудан ҳаловона хестам ва ба пеши асп рафтам, ки дасту по зада хестанӣ мешуду наметавонист. Аз бари гардан то ба рон шаш тири душман бадани аспро сурох карда буд. Ман болои сари Гули Бодом, аспе, ки аз Душанбе то ба Берлин тамоми ҷанг ҳамраҳам буд, бечораю хору зор меистодам. Медонистам, ки ҷанг баъди як ё ду ҳафтаи дигар анҷом меёбад ва Гули Бодом рузи Ғалабаро нахоҳад дид. Асп ҷон меканд. Ман ба пеши ӯ ба зону зада сарашро ба бағал гирифтам.

Гули Бодом мисли аскари маҷруҳ беовоз мегирист. Кӣ медонад? Шояд асп наздик омадани рӯзи Ғалабаро фаҳмида буд, ки ба сӯям дар лаҳзаҳои охирини ҳаёти худ бо дарду ҳасрат нигарист. Дар бари рӯи асп қатраҳои ашк ҷорӣ шуда буданд. Ин ҳоло кам буд. Ҳамяроқу дӯсти ҷониам, Николай, (ана ҳамин мард, Сайаҳмад сурати рӯзномаро нишон дода нақлашро давом дод), ки дар ду соли охири ҷанг ҳамраҳам буд, баробари купрукро аз фашистҳо озод кардан аз таркиши мина сахт ярадор шуда будааст.

Вақте ки байтали ӯ шиҳа кашида дар болои купрук истод, фаҳмидам, ки ба Николай ҳам ҳодисае рӯ дод. Байтали ӯ танҳо вақти аз болояш ба замин афтодани соҳибаш ҳамин зайл шиҳа мекашид.

Субҳ медамид. Пеши чашм равшан шуда буд. Ман баъди шиҳаи байталро шунидан «Николай!» -гуфта фарёд кардам. Лаҳзае нагузашта

тойчаи байтали Николай аз он тарафи купрук давида ба наздам омада болои сари ману Гули Бодом истод ва аспро бӯ кашида беқарор сӯм кӯфта шиҳаи ҷонкоҳе кашиду аз нав ба тарафи модару соҳибаш тохта рафт. Баъди ин Гули Бодом ҷон дод. Сари асп дар бағал, ман мисли модари фарзанд гумкарда, балки чун марди дур аз ватан, дар ғарибӣ афтодае будам, ки лахти ҷигарам аз тири фашистон рӯи дастонам ҷон дода буд..

Лаънати ду ҷаҳон ба ҷанг, ба фашизм, ки маро дар ин лаҳза, дар сарзамини бегона аз беҳтарин ва азизтарин ганҷи дунё, аспи дӯстдоштаам, ҳамдаму ҳамнафасам, Гули Бодом, ҷудо кард, бепару бол, беқанотам гардонид, умеду орзӯямро ба якборагӣ барбод дод…

Шинеламро бадар карда ба зери сари асп мондаму хостам, ки чуқурӣ канда аспро гӯр кунам. Даруни мӯзаам пури хун буд, ва аз сӯзиши ҷонкоҳ нав фаҳмидам, ки ман ҳам аз поям тир хӯрда ярадор шудаам. Ноилоҷ мӯзаамро кашида ҷароҳатро бастам, ки хунравӣ камтар шавад.

Эскадрон супоришро иҷро кард. Танку тӯп, мошину аскарони пиёдаи мо аз кӯпрук гузашта ҷангкунон ба пеш, ба сӯи Берлин ҳаракат карданд. Дар лаби соҳил ману Гули Бодом танҳо монда будем.

Саҳарӣ, вақти офтоббаромад аскарони эскадрон баргашта омаданд. Дар лаби дарё ҷои мувофиқ кофта Гули Бодомро бо зину абзолаш чун аскар ба хок супурдем ва дар сари қабраш аз автоматҳо салют (тирпарронӣ) кардем. Маро ҳамроҳи Николай ба ақибгоҳ, ба госпитал фиристоданд. Байтали ӯ низ мурда, бадани худашро оҳанпораҳои мина абгор карда буданд. Тойчаи сағиру бесоҳиб охирин нишоне аз Гули Бодом дар эскадрон ҳамроҳи аскарон монд…

❁ ❁ ❁

Николай пештар ҳангоми аз фашистон озод кардани Полша ба эскадрони мо ҳамроҳ шуда буд. Он вақт як саҳарии рӯзи баҳор дар ҷангал командири дивизия маро ба наздаш ҷеғ зад.

— Ана ин ҷавони ворошиловиро ба эскадронат қабул кун, - гуфт ва ман ба ҷавони мисли худам қоматбаланди рус шинос шудам. Николай дар эскадрон аз ҳама ҷавон буд. Ман ба Гули Бодому ӯ ба байтал савор ба роҳ баромадем. Дар роҳ маълум шуд, ки ӯ бо

ин байтал аз зодгоҳаш деҳаи Днепровск ба комиссариати ҳарбии Тимошевск ва баъд аз Краснодар ба ҷанг омадааст.

— Мария, -ном дорад, ин байтал, рафиқ лейтенант, -гуфт Николай дар роҳ, вақте ки мо аз ҷангал гузашта ба марғзор расидем.

— Дар хона ғайр аз очаам дигар ҳеҷ кас намонд, ки аспро нигоҳубин кунад. Аз ҳама хурдиамон, Александр, вақти комиссариати ҳарбӣ омадани ман ариза дода ба ҷанг рафт.

— Марияат, байтали хуб, лекин эскадронро ба шӯр меорад, -гуфтам ман. –Беҳтараш туро дар эскадрон аспбон таъин мекунем.

— Барои чӣ? Охир ман ба ҷанг омадаам. Аспбонӣ, ки мекардам, хонаамон беҳтар набуд? –андак ранҷида гуфт Николай.

— Аввал ин ки худат дуди борути ҷангро бӯ накашидаӣ. Баъд ягон бор шамшер ба даст гирифтаӣ, ки ин қадар даъвои ғаюрӣ дорӣ?- пурсидам ман.

— Ҳафт моҳ ҷанг карда омадааму барои чӣ дуди борута бӯ накашида будаам? Ин орденро беҳуда ба ман додаанд? –гуфта Николай, тугмаи шинелашро кушода сари синаи росташро нишон дод.

Дидам, ки ҷавон бо ордени «Шараф» мукофотонида шуда будааст ва дилам таскин ёфт. Баъд дар муҳорибаҳо ба ҳам дӯсти ҷонӣ шуда мондем. Николай хушфеъл буд. Аз омаданаш як моҳ нагузашта ӯро ҳамроҳ ба разведка мебурдагӣ шудам. Аз иҷрои ҳар як супориш ба хубӣ мебаромад. Ҳодисаи охири ҳамон зимистон ҳеҷ аз ёдам намебарояд. Хаёлам ин кор ҳамин ду рӯз пеш гузашта бошад. Баъди ярадоршавии аввалаам ҷароҳатам муолиҷа ёфт, аз госпитал ба қисми ҳарбӣ баргаштам. Ба эскадрон омадаму вазифаи командирро аз нав қабул кардам. То ин вақт Николай ба ҷои ман эскадронро ӯҳда мекардааст.

Як шаб вақти аз ҷангал гузаштан хабар ёфтам, ки Николай аз мо қафо мондааст. Дигар фурсати ӯро кофтукову интизорӣ набуд. Эскадрон пешопеши қисмҳои танкӣ ҳаракат карда, аксар шабҳо ба гурӯҳҳо ҷудо шуда мувофиқи супориш ба разведка, ҷустуҷӯи душман мебаромад ва мавқеи душманро муайян карда ба штаби дивизия хабар медод. Рӯзи дуюм ҳам Николай ба эскадрон расида наомад. Дар ин хусус ба штаб хабар додан лозим буд, зеро шаби гум шудани Николай, дар байни эскадрон ва фашистҳо задухӯрд ба амал наомада буд. Аз савораҳо бошад ягон кас ба куҷо ғайб задани Николайро намедонист.

Саҳарӣ, баъди ба разведка мерафтагиҳоро муайян кардан, ҳамроҳи ду ҷанговар ба қафо, ба ҷустуҷӯи Николай баромадем. Рӯзи офтобӣ бошад, ҳам ҳаво хунук буд. Дар шохаҳои дарахтон барф қирав баста буд. Мо ба роҳи пештар омада қафо гашта, кофта –кофта қариби бегоҳирӯзӣ дар ҷангал кулбаи вайронеро дидем, ки хонаи ҷангалбон будааст.

Аспҳоро ба тарафи кулба гардонидем. Николай дуртар аз хона чуқурӣ мекофт. Ӯ баробари шунидани суми аспҳо аз чуқурӣ баромад ва моро шинохта ба пешвозамон давида омад. Сару либосаш пури лой, чеҳрааш хаста.

— Аз шумо узр мепурсам, рафиқ лейтенант, -гуфт Николай, баробари ба наздаш расидани мо.

— Ин ҷо чӣ кор карда гаштай? –ба ҷои салому алек, дар қаҳр пурсидам аз ӯ. Вале дар дил хурсанд будам, ки Николайро зинда ёфтам.

–Кӣ ба ту иҷозат дод, ки аз эскадрон қафо монӣ?!

— Байталам курра зоид. Аспро партофта рафта натавонистам, -хиҷолат кашида бо сари хам гуфт, Николай.

— Сабил монад, байталат. Медонӣ, ки трибунали (суди) ҳарбӣ ба ту чӣ ҷазоро раво мебинад?! Байтал зарур аст, ё ҷанг? Ҳар рӯз ҳазор аскар ҷон месупораду ту курраву байтал поида мешинӣ?! Гуноҳата бо ягон баҳона пӯшонида наметавонӣ. Пеш даро! Трибунал ба ту гуреза ҷазои сазовор медиҳад! –гуфта Николайро пеш-пеши асп ба эскадрон нияти овардан кардем.

— Рафиқ лейтенант! –Бачаҳо! Шумо ба кулба даромада аҳволи маро бубинед, баъд марҳамат, маро парронед, ба трибунал бубаред, ба дор овезед, ба ман чӣ ҷазое раво бубинед, ихтиёратон, -илтиҷо кард ӯ.

Овози Николай ларзид ва дар гулӯяш чизе дармонд. Ману аскарҳо аз аспҳоямон фуромада улавҳоро ҳар кадом ба дарахте бастем ва вориди кулба шудем. Баробари даруни хона даромадан чашмам ба тифли ширхоре афтод, ки Николай ӯро ба фуфайкаи кӯҳнаи даридаву хунолуде печонида аз боло бо тасмааш баста буд.

Кӯдак баробари моро дидан фиғон бардошт. Куррача ба зери шиками байтал даромада сина мемакид.

Николай пӯстинашро бароварда ба пушти курра партофта онро бо пӯсти дарахт печонида буд. Дар як гӯшаи хона болои намадпорае

ду ҷасад мехобид, ки болои онҳоро Николай бо хасу пахоли нимсӯхта пӯшонида буд.

Деворҳои чубини кулба шикастаю нимсӯхта буданд. Як тарафи бом фурӯ рафта танҳо як қисмаш андак беосеб монда буд.

— Ин кӯдаки кӣ? Ин чӣ даҳшат?! –пурсидам аз Николай.

— Инҳо зану кӯдакони ҷангалбонанд, -шарҳ дод ӯ. –Вақте ки байтал курра зоид, ман дасту по хӯрда ақл накардам, ки ба шумо зуд хабар диҳам. Ба асп саргардон шуда, бинам дар як дам ҳамагӣ аз ман дур рафтаед. Баъд ҳаво хунук, курра намирад, гуфта бо пӯстинам печонидамаш. Худам хунук хурам майлаш, курра талаф наёбад. Шаб шуд. Паногоҳ ҷуста ин қулбаро дидам. Биёям, ана ҳамин ваҳшоният. Фашистҳо айни гурезогурез ин зани бечораро бетартиб карда ҳамроҳи писараш парронданд. Аз афташ модар кӯдаки ширмакро ба зери бадан паноҳ кардааст, ки кӯдак тасодуфан зинда мондааст.

Байталу куррaро овардам. Бинам тифл ба хуну халов олуда дар зери ҷасади мурдаи модараш андак овоз мебарораду сина мечӯяд. Гирифтамаш, харият, ки зинда мондааст.

Ҳама чизу чора, кӯрпаву намад, либосҳоро фашистони сармозада аз ин ҷо кашида бурданд. Маҷбур шудам, фуфайкаи бародари мурдаашро аз тани ҷасад бароварда кӯдакро печонидам. Байталро ба кателокам (зарфи об нигаҳдорӣ) ҷӯшида аз ҳаққи курра андак –андак бо қошуқам тифлро сер кардам.

Хостам мурдаҳоро гур карда имшаб ҳам дар ин ҷо монам. Ба куҷо бурдани кӯдакро намедонистам. Саҳарӣ ният доштам ба ҷустуҷӯи шумо бароям.

— Худат ягон чиз хӯрдаӣ? –пурсидам аз Николай.

— Нонам тамом шуд. Ҳолӣ, ду қуттӣ консерв (гӯшти пухтаи дар қуттӣ ҷой дода шуда) дорам. Гурусна мондаму лекин барои эҳтиёт консервҳоро нахӯрдам.

Халтаи сафариамонро кушода ба Николай нону ҳасиб додан хостам, вале ӯ нигирифт, гуфт, ки ҳоло дилаш ҳеҷ чиз намехоҳад. Мурдаҳоро, ки ба хок супурдем, баъди ба роҳ баромадан якҷоя тановул мекунем.

Ғазабам паст шуда аз гапҳои гуфтаам ба Николай пушаймон будам. Дар дил худро сарзаниш мекардам, ки барои чӣ саросемагӣ карда, асли ҳодисаро надониста, ӯро ранҷонидам, ҳол он ки рафтори Николай қаҳрамонии бемисл буд. Ҳар ҷавонмард аз ӯҳдаи он баромада наметавонист. Николай чун аскар дар шароити мушкили ҷанг вазъиятро

медонист ва ин дафъа ба ҳукми дил ва виҷдон рафтор карда буд. Суди ҳарбӣ ба ғайр аз раҳматнома дигар ягон ҷазоро дар ҳаққи ӯ раво намедид.

Баъди ба хок супурдани ҷасадҳои, модару писарчаи шашт-ҳафт солаи ӯ, духтарчаи тахминан яксолаи фуфайкапечро ба миёнаи пӯстинам, ба бағал гирифтам. Ӯ ҳанӯз ҳам аз мо тарсида фиғон дошт. Баъди болои Гули Бодом савор шуда ба роҳ баромадан тифл чун дар бағали модар ором гирифта ба хоб рафт.

Тойча, ки калаву кандааш ба аспи ман монанд буд, аз думболи модараш ба роҳ баромад. Баъдтар, аз нақли Николай донистам, ки дар вақти дар госпитал (табобатгоҳ) буданам Гули Бодом ба байтали ӯ унс гирифта ва он тойча охирин нишонаи Гули Бодом буд…

Аз ҷанг бо Ғалаба бармегаштаму дар дил бори гарони ғам дошам. Ба хоҳиши Николай ва фармони командирон бояд ӯро, ба хонаашон, ба назди модараш, мебурдам то ки модар ақалан аз нӯҳ фарзанди ба ҷанг фиристодааш ба дидори якеи онҳо мушарраф гардад.

Майдапораҳои аз минаи дар назди дарёи Одер таркида, аъзои бадани Николайро абгор карда буданд. Бисёрии онҳоро духтурон аз бадани ӯ, ҷароҳӣ карда гирифта натавонистанд.

Ман Николайро ба кишвари Краснодар ба хонааш мебурдаму баъд, ба ин ҷо, ба зодгоҳам, Ховалинг бармегаштам.

Аз рӯи нақлҳои Николай ба деҳаву модари ӯ ва бародаронаш ғоибона шинос будам. Пештар, дар давоми ҷанг, гоҳ-гоҳ бародаронаш аз қисмҳои гуногуни ҳарбӣ ба номи Николай хат менавиштанд.

Николайро аз поезд фуроварда дар станция интизории зиёд кашидам. Аробакашҳои аз гирду атроф ба инҷо бор оварда, моро давра гирифтанд. Онҳо аз кадом фронт баргаштан ва ба куҷо сафар кардани маро мепурсиданд. Дар ин миён Василий Кузмич ном мӯйсафед ба Николай шинос баромад ва ӯ гуфт, ки дар колхози «Сталин» зиндагӣ мекунад. Ҳамроҳи мӯйсафед картошкаи бо ароба овардаашро даррав ба вагон бор кардем ва ба аробааш савор шуда ба роҳ баромадем.

Вақти отфтобшин ба деҳа расидем. Подаи аз пушта ба қишлоқ расида ба хонаҳо тақсим мешуд. Писарбачаҳои пойлучу фуфайкапӯш, ин лаҳза ҳамагӣ аз хонаҳо ба кӯча баромада аз думболи бузу бузғолаҳо даву тоз мекарданд. Онҳо аз дур омадани аробаи Кузмичро дида давида ба пешвози мӯйсафед баромаданд. Аз афташ ҳар доим

Василбобо кӯдакҳоро ба аробааш савор мекардааст, ки онҳо баробари ба ароба расидан нияти савор шудан карданд. Мӯйсафед аробаро манъ дошт. Дар як дам ароба пури кудак шуд. Онҳо дарзамон ба гардани ману Николай часпиданд.

— Амаки Николай омад! Урра!!! –мегуфт яке.

Атаи мара наовардӣ, амаки аскар? –мепурсид дуюмӣ.

— Бубинед, амаки Николай қаҳрамон шуда омадааст. Ин қадар ордену медал гирифтааст! –мегуфт, сеюм.

Кӯдакон ҳам шаҳди ғалабаро чашида буданд.

Ба миёнаи деҳа нарасида Василий Кузмич аробаро боздошт.

— Чӯҷаҳои бобо! Рафта аз момаи Епистин ҳадя гиред, писараш, Николай аз ҷанг баргаштааст, —гуфт мӯйсафед ва кӯдакон аз ароба ҳамбида шодикунон пешодумкол давида рафтанд.

Василий Кузмич аробаро дар назди даричаи ҳавлие манъ дошт ва «расидем» гуфта аз ароба фуромада тасмаҳои лаҷоми аспҳоро сахт кашида ба тирчуби ароба баст, то ки дар набуданаш аспҳо аробаро кашида набаранд.

Модар дар хона танҳо буд. Ӯ аз кӯдакон хабари омадани писарашро шунида латаи сиёҳи аз аввали ҷанг то ҳол азогирифтаашро аз сараш гирифта, рӯймоли сурхи гулдори тӯёна баст ва зуд аз ҳавлӣ ба кӯча баромад. Аз рӯзе, ки дар Халхингол, дар ҷанги зидди японҳо, писари дуйӯмаш Фёддор ҳалок гардида буд, то ба имрӯз модар сиёҳпӯш буд. Баъди Фёдор писари сеюмаш, лейтенант Павел Степанов, соли 1941 дар муҳорибаи Брянск қаҳрамонона ҳалок шуд. Вале модари сиёҳпӯш ноумед нагардида чашм ба роҳи дигар фарзандон интизорӣ мекашид.

Аз дарича зани қоматбаланди тахмин панҷоҳу панҷсолаи паҳлавонҷусса баромада худро ба болои Николаи ҳанӯз аз ароба нафуромада партофт ва ӯро ба оғӯш гирифта аз шодӣ ба гиря даромад. Ӯ дасту бозу, орденҳои ҷангии ба пеши бари гимнастёрка (куртаи ҳарбӣ) задаи Николайро дастмол карда, фарзандашро гаштаю баргашта бӯсаборон мекард. Дар чашмони ман ашк ҳалқа зада буд.

— Биё, фуро бачам, қадду қоматата бубинам, —гуфта модар ба Николай даст дод ва ман ҳам ба ӯ ёрӣ расонидам. Николай аз ароба фуромад, вале мадори дар пойҳояш рост истодан накард. Ман аз китфи ӯ дошта мутакко шудам. Модар бағал кушода ҳардуи моро ба оғӯш гирифт ва сар ба бағаламон монда мудате талх гирист. Аз

ҳаяҷон ва изтироб модар даступо хӯрда бошад ҳам худро гум накард. Ӯ ба ман аз нав вохӯрӣ карда сару рӯямро мисли фарзандаш дастмол карда ба дидаҳо молид. Ин дам чашмам ба мӯи бармаҳал мисли пахта сап сафед шудаи модар афтод. Ғами марги ҳашт фарзанд, ҳашт Рустами Дастони дар ҷанг ҳалокгардида ғаме буд, ки дар ҷаҳон намеғунҷид, вале модар ба ҳама ин бардошту тоқат кардааст.

— Кузмич, шумо одами худӣ, ба хона дароед, —гуфт модар, бо гӯшаи рӯймол ашки дидагонашро пок карда. —Биё Николай, ҳамроҳи рафиқат ба хона даро, писарҷон, —гуфт ӯ.

Аробакаш аз Епистини Фёдоровна узр пурсид, ки аробаро ба назди анбор бурда монад, бегоҳӣ албатта меояд.

— Андак сабр кун, Кузмич, -гуфт модар ва ба хона даромада як графин шароби дастӣ ва се стакани холии тоза гирифта баргашт.

— Кузмич, бо бачаҳоям ҳамроҳ бинӯшу баъд аз паи корат бирав. Ман имрӯза дер боз интизор будам, -гуфт модар ва боз ба хона даромада дар рӯи лаъличае караму бодиринги дар намак парварда овард.

— Худо ҳама писаронат сиҳату саломат баргарданд, Епистини Федёровна, - гуфт Кузмич ва ҳамроҳи мо стаконашро ҷақонда нӯшид. Модар ӯро то дарича гусел кард.

Бадбахтӣ ва фоҷеаи даҳшатангезе, ки фашистон ба сари ин зан оварда буданд, насли одамӣ дар ҳеҷ асру замон нашунида буд. Модар аз ҳама он даҳшатҳо пурра хабар надошт. То имрӯз ӯ медонист, ки панҷ писари баҳодураш дар ҷанг ҳалок гардидаанд, вале аз се нафари дигараш ҳанӯз хату хабар надошт. Имрӯз танҳо Николай ба хонаи модар баргашт. Ҷисми Никалай абгор бошад ҳам ӯ ҳама дардро фурӯ бурда худро хушҳол вонамуд мекард. Дар бари ман такя карда ба ҳар каси ба хона омада гарм вохӯрӣ менамуд.

Шаб, қариб, ки тамоми аҳли деҳа аз омадани Никалай хабар ёфта ба хонаи Епистини Фёдоровна муборакбодӣ омаданд. Ҳавлӣ ба тӯйхона шабоҳат дошт. Дар байни ҳавлӣ аз тахта миз оростанд. Горманисти беҳтарини деҳа, мӯйсафед Петро Иванич, ҳатто кампири хаткашон Анисия, ки ӯро он вақт аз шумии ҷанг он қадар нағз намедиданд, омада буданд.

Ману Николай дар паҳлӯи Епистини Федоровна, аз бари мо кампири хаткашон Анисия дар як харак ҷо гирифта будем. Кампири хаткашон худро чун меҳмони нохонда ҳис мекард. Инро аз чеҳраи ғамгинаш пай бурдан мумкин буд. Аслан ӯ гуноҳе надошт. Касофатии

ҷанг ин зани меҳрубонро гунаҳгор гардонида буд. Ӯ ба ин хонадон ба ғайр аз мактубҳои сегӯша чор «хати сиёҳ» низ овардааст ва имшаб боз ҷуръат карда ба хурсандии Епистини Фёдоровна омад. Дар марги ҳеҷ як фарзанди одамӣ ӯ шарик набуд вале мардум аз хатҳои «сиёҳ»-и овардаи ӯ аз марги фарзандони худ огоҳ мегардиданд.

Епистини Фёдоровна Анисияро бад намедид. Баръакс ҳар боре, ки ӯ дар кӯча пайдо мешуд ва мехост, аз ин зан канорачӯи кунад, Епистини ӯро ба ҳолаш намонда ба хонааш даъват карда мебурд, то ки ҳамроҳ як пиёла чой нӯшаду гап-гап карда ғами дилашро андак сабук гардонад.

— Хайр гуноҳи ман чӣ, Епистинҷон? –гуфт Анисия гуноҳгорона, вақте ки мардум аксаран сархӯш рақс мекарданду сурудхонӣ доштанд. –Худам аз ягона пушту паноҳам, Владимири худам чор сари сол мешавад, ки мактуб нагирифтаам. Аз бачаам хабаре шунавам гуфта хаткашон шудаму худама ба мардум бад карда мондам. Ҳар рӯз ба шӯъбаи алоқа мераваму ҳама хатҳои ба одамони ноҳия омадаро такурӯ мекунам, ки саҳве нашаваду мактуби Владимира ба ягон колхоз ё деҳаи дигар нафиристан, лекин ҳеҷ не ки аз ӯ хат биёяд.

Хатҳои «сиёҳ» -ро мебинаму ба ҷигарам гӯё ба ханҷар зада бошанд, ҳама вуҷудам ба ларза меояд. Аз онҳо ҳазар мекунам. Кошкӣ дар якеи он заҳри ҳалоҳил мебуду маро мекушт, ки ин азоби рӯҳиро намекашидам. Баробари ҳар хати «сиёҳ»-а ба дастам гирифтан мемираму боз зинда мешавам. Ба хешу таборон, месупораму ҳамроҳашон мотам мегирам. Чӣ мегӯй, ба ман осон аст? Не, мушкил аст, хоҳарам Епистини.

Медонистам, ки ҷигари садпораатон баробари гирифтани хати «сиёҳ» боз ҷои дигар пора мешавад. Шумо, хоҳарам Епистини аз Модархудо бузургтаред, ки ин ҳамаро бардошт мекунед.

— Ба умеди дидори дигар писаронам, Анисяҷон, намемирам. Ман бачаҳояма надида мурда наметавонам! –гуфт модар.

— Меоянд, хоҳарам, шайтон ноумед. Мову шумо бояд дидори бачаҳомона бубинем. Кӣ медонад? Дар ҷанг ҳар хел шуданаш мумкин. Ана аз писари Иван Данилич хати «сиёҳ» омада буд ку? Худам бо ҳамин дастонам оварда супорида будам. Бечора Зинаидаи модараш қариб як сол либоси мотам пӯшид. Худат дидӣ, ки ҳамин як ҳафта пеш Егор соҷу саломат, бо як по ҳам бошад, баргашта омад. Як рӯз ҳамин хел мебинӣ, ки писарони ту ҳам мисли Николаят, ҳамроҳи Владимири ман ногаҳон меоянд.

— Кошкӣ гуфти ту шавад, Анися. Маро бубахш, ки он вақтҳо барои хати «сиёҳ» оварданат дуои бадат мекардам.

— Ҳеҷ гап не, Епистини. Ана бубин, ки имрӯз ба бӯи Николай ҳама аҳли деҳа ба табрикат омаданд. Шукрона бикун, ки ғалаба насибамон гардид…

— Хати «сиёҳ»-и Иванро он вақт ду рӯз дар сумкаам нигоҳ доштам, —боз ба гап сар кард. Анися. –Пайт ҷустам, ки шумо аз хонааатон мебароеду ман онро аз чашматон пинҳон бурда ба ноҷаи даратон мемонам. Поям сӯи ҳавлиатон мадори пеш рафтан надошт. Азияти шуморо, нолаи зоратонро, ёрои шунидан надоштам. Шумо ба хонаи ҳамсоя барои кадом коре рафтеду ман мисли дузд пас-паси девор ба хонаатон даромада хата ба рӯи мизи таги долонатон монда ба пои пас баргашта ба хонаам рафтам. Тамоми он шаб мижа таҳ карда натавонистам. То рӯз бедор, ҳамроҳи шумо азодар, Епистини. Дар ин чор соли ҷанг дар чашмонам ашк боқӣ намондааст…

Епистини Фёдоровна ба суханони Анися гӯш дода аксар вақт ба тарафи Николай ва ман назар меафканд ва ба неъматҳои рӯи дастурхон муруъат мекард. Гоҳ ба пеши ман картошкаи пухтагӣ ва гоҳи дигар хурӯши аз караму помидор ва бодиринг тайёркардааш мемонд, то ки мо бихӯрему модар ормон шиканд. Ба чеҳраамон нигариста дар симоямон шояд монандии писарони дигарашро пайдо кардан мехост. Мӯи сиёҳи андак ба зардӣ моили ман Павелро ба хотираш меовард. Кошкӣ Павел ҳам ана ҳамин хел мисли мо аз ҷанг бармегашт. Ба гуфти Николай аксар духтарони қишлоқ Павелро бештар хӯш карда буданд, вале ӯ то ҳол барои худ номзад интихоб накарда ба ҷанг рафту дигар барнагашт…

— Ба чашмони ҷӯраи Николай нигоҳ кун, Анися, —гуфт модар, маро нишон дода, —чашмонаш ба Александр, миҷаву абрӯяш ба Василий монанд.

— Бале монанд, Епистини, —ҷавоб дод Анися.

Модар ин лаҳза дар чеҳраи ману Николай аз фарзандони дигараш нишон ҷуста, ҳар кадоми онҳоро дар қатори мо, инҷо нишаста тасавур мекард. Бештар ӯ дар хусуси писари шашумаш, Иван гап мезад. Модар ҳамагӣ як ҳафта пеш аз Иван хати «сияҳ» гирифта буд ва ӯ дар бари Николай нишаста фикр мекард, ки Иван дар ҷанг дар рӯи дастони кӣ ҷон дода бошад?

— Модари ин аскар ҳам хушбахт аст, —Анися, —гуфт Епистини Фёдоровна, боз сӯи ман рӯ оварда. Ман ҳам ба қадри ҳол имрӯз хушбахтам. Аз нӯҳ писарам яктоаш, мағрӯҳ ҳам бошад, омад.

Пеш аз ҷанг аз ман дида одами нектолеъ дар олам набуд. То саршавии ҷанг бачаҳоям ҳамагӣ мард шуда буданд. Дар хонаю ҳавлӣ намеғунҷиданд. Ду хона барои хобашон тангӣ мекард. Бо ҳам маслиҳат карда будем, ки аз колхоз замин пурсида барои ҳар кадом хона созем, келин биёрем. Қасам ёд карда буданд, ки аз деҳа берун намераванд. Ба куҷое, ки раванд, чӣ касбе интихоб кунанд, боз баргашта ба ҳамин Днепровск меоянду дар зери пари модар умр мебинанд. Акнун ҳама қасамшикаста шуданд. Барои худ дар гӯшаҳои дуродури дунё зери хок ватан гирифтанд. Хоки ин деҳа насибашон нашуд. Хонаи модарро фаромӯш карданд… Маро Модархудо мегуфтанд, бачаҳоям, худашонро ғуломонам. Ҷанг сар шуду кабутарҳои навболам паи ҳам хонаамро тарк гуфтанд. Николай, Василий, Филип, Фёдор, Иван, Иля, Павел, Александрро думболи якдигар ба ҷанг фиристодаму аз онҳо баъди Ғалаба фақат ҳамин Николаям нимтана ба хона омад. Ба ҳаминаш ҳам шукр, Анися.

Дилам буҳс мекунаду ҳафтае як бор ҳамроҳи кампирҳои ҳамсоя ба шаҳр меравам. Онҳо ба калисо барои ибодат мераванду ман ба пояи ҳайкали Аликсеи қаҳрамонам меравам. Соатҳои дароз рӯ ба рӯ нишаста бо ӯ хапу хомӯш, хаёлан гуфтугӯ мекунам, диламро андак таскин дода ба деҳа бармегардам. Дар хона мактубу суратҳояшро гаштаю баргашта мехонаму тамошо мекунам. Ана шуғлу корам ҳамин, Анися. Бигу, ки дигар чӣ кор кунам, сарама ба кадом гӯр занам? Дигар хок маро қабул намекунад, замин ба ин бузургӣ бори ғамамро бардошта наметавонад…

Шукр мекунам, ки ақалан дидори ҳамин Николай насибам шуд.

Анися, наход, ки дигар бачаҳоям ҳамагӣ… Не! Не! Не! То ҳол ягон модари дунё бо чунин бадбахтӣ, ба чунин фоҷеа гирифтор нашудааст! Насли одамӣ аз давраи Одаму Ҳавво то имрӯз нашунидаву надидааст, ки модар, офаридагори ҳаёт дар ҷанг яку якбора ҳашт фарзанди баркамолашро талаф дода бошад.

Эй мардуми олам! Аз шумо илтиҷо мекунам, ки роҳи ҷангро бубандед, то ки ақалан ҳамин Николаям зинда монад!

Эй қотилон! Онҳое, ки барои ҷанг кардан, куштани фарзанди одамӣ қодиред, ақалан худ як бор кӯдаке ба дунё ореду ҳаждаҳ сари

сол ӯро тарбия карда ба воя расонед, то ки ӯ ҷавонмард шавад, дар ҷанг мурдан он тараф истад, боре ба чашми худ ба пои фарзандатон халидани хореро бубинед, ҷигаратон пора-пора мешавад! Баъд медонед, ки кушта шудани нӯҳ шоҳписари як модар чӣ ғами гарон, балки даҳшатест, ки тамоми сайёраҳоро ба ларза меорад!

Худо ҳам аз ин ғами ман то абад хун мегиряд… Вале, ман, Епистини Фёдоровнаи Краснодарӣ то дунё боқист, чашм ба роҳи ҷигаргӯшаҳоям интизорӣ мекашам, ки шояд рӯзе писаронам ба суроғи модар биёянд. Ба маргашон бовар намекунам…

## БОБИ VI

Дар миёнамоҳи тирамоҳ, вақте ки дар таҳдашт айни ҷамъоварии ҳосили пата буду ҳама сокинони деҳаҳо, ҳатто аҳолии шаҳр ба ҳашари пахтачинӣ баромада буданд, дар Ховалинг яку якбора барф борид. Баъди нисфирӯзӣ авзои ҳаво вайрон шуда то дами офтобшин майдаборон борид ва баробари торик шудани рӯз борон ба барф табдил ёфт.

Қисми коҳу каҳдарзаҳои даравида то ҳанӯз нокашида, бедаи баъзан юнучқазорҳо дар адир ҷамъ оварда нашуда буд.

Бисёриҳо ин қадар барвақт омадани зимистонро чашмдор набуданд. Ҳама медонистанд, ки он миқдор каҳу хошоке, ки дар пуштаҳо мондаст, баъди борон ба якборагӣ пӯсида нобуд мешавад. Иқлими Ховалинг мисли таҳдашт нест, ки баъди боридани барфи аввал боз рӯзҳои офтобӣ фаро расаду мардум корҳои ба сомон нарасондаи худро анҷом диҳанд. Дар ин ҷо барфи аввал нишонаи сар шудани зимистон аст ва баъди он панҷ моҳи расо ҳезуму аловии тайёр даркор, ки хонаҳоро гарм кунӣ.

Дарде ба дарди нигоҳубини чорво намерасад. Дар хоҷагиҳои навташкил ба ивази ҳазор, ду ҳазор сарӣ зиёд шудани гов боз дар сангови Оқтерак се ҳазор сар ҷавона оварда сар додаанд.

«Аз дунёбино касе надидааст, ки бе оғилу ферма гови бечораро зимистон дар ҳавои кушод, дар зери барфу хунукии то бист дараҷагӣ нигоҳубин кунанд. Шамоли қадоваи Оқтерак дар чилаи зимистон

дарахти андак-мандакро бо решаву почааш чаппагардон мекунаду ин Петрови сардори иттиҳодия дар дами ҳамон шамол гов нигоҳубин кардан мехоҳад. «Мардак яқин аз ақл бегона», —мегуфтанд баъзе одамон.

«Албат, ягон илма медона, ки аз баҳор боз дар сангови Оби Мазору Дашти Қавақ хона сохтаву тарактору мошин оварда алафи ёлаву пуштаҳои солҳо касе даст нарасондаро ҷамъ карда тайёрӣ мебинад. Давлат нафаҳмидаву насанҷида ҳар каса ба ин қадар ҷои калон роҳбар таъин намекунад. Пеш вақт дар ин ҷойҳо панҷоҳ хоҷагӣ буд. «Наход, аз давраи бобои Одам то ба ин дам ақли ягон кас нарасид, ки гова дар зимистон дар зери барф, нигоҳубин кунад? Дар оғилу фермаҳои гарм дар зимистони ин ҷо говҳои харобу касалӣ нобуд мешаванд. Дар зери барф магар ҳайвон зинда мемонад?» —мепурсиданд бисёриҳо аз якдигар.

Дар ҳамон шаби боридани барфи аввал дар вагони саргаҳи майдон ду ҷавони ба нигоҳубини се ҳазор сар ҷавона мутассадӣ дар хоби роҳат буданд. Яке аз онҳо набераи Бобои Ғуломалӣ Давлат буду дигаре Ҳалими трактормчӣ, писари Ғозиқул, набераи Давлатманд-бий ки мардум ӯро Ҳалими ҳақ мегуфтанд.

Давлат нисфишабӣ бедор шуда бо мақсади аз говҳо хабар гирифтан аз вагон берун баромад ва заминро саросар барфпӯш дида тарсону ҳаросон аз нав ба вагон даромада ба назди кати Ҳалим омад ва ӯро бедор кардан хост!

— Акаи Ҳалим! Ҳо, акаи Ҳалим! Хез, ки ҳама кор расво шид, —гуфт Давлат, китфи Ҳалимро ҷунбонда.

— Давлат, боз чӣ нағмаи нав сар кардӣ? –аз хоб бедор шуда гуфт, Ҳалим. –Дар ҳами нисфи шаб ҳам рӯз доданимон нестӣ? Мон камтар хоб кунем.

— Хез, и барфи балора бин. Ҳама говҳора сармо мезанад. Агар ягон кор накунем, пагоҳӣ ҳардумон ҷавобгар мешавем!

— Шӯхӣ накун, Давлат? –гуфта Ҳалим якбора ҳушёр шуд.

— Шӯхӣ не. Рост ба рост, акаи Ҳалим. Хез, то зону барф задааст.

Ҳалими ҳақ ҳаловона кӯрпаро аз болояш партофта хест ва чашмонашро молида либосҳояшро ба зудӣ пӯшиду фуфайкаро ба китф партофта, берун баромад.

Барф аллакай ба қадри ду вақаб ҳама ҷоро саросар пӯшонида буд.

Ҳалим ҳам мисли Давлат тарсид. Се ҳазор сар ҷавонаи якунимсолаи сарҳуй дар сангови хушку ҳолӣ зери барф буд. Ҳодисае шавад, ҳарду баробар ҷавоб доданашон лозим.

Давлатро аз хоҷагӣ чун мутахассиси илми олидор сардори майдони чорво таъин карда буданду Ҳалими трактрчӣ имшаб дар ин ҷо ҳамроҳи ӯ навбатдор буд. Ҳалим аз Давлат ҳамагӣ чор сол калон асту зан ва ду духтарча дорад.

Ҳарду лаҳзае назди дари вагон хомӯш истоданд. Ҳаво курдуд, бо шамол барф меборид.

— То саҳарӣ ҳамин хел боридан гирад як метр барф мезанад, -гуфт Ҳалим, тарафи қутани говҳо нигариста.

— Барф-ку ба говҳо зарар надора, лекин шамол хавфнок, —гуфт Давлат. –Бегоҳӣ дидӣ, ки борон борид. Зери пои говҳо тар. Дар и шамол ҳайвонҳо хоб кунанд чо ба ҷо ях мебанданд. Баъд касалу муромурӣ сар шавад, худо зад, гуфтан гир.

— Хайр, додари ҷун, ту хондагиӣ. Мо як трактрчии гӯли гаранг.

— Маҳмадоноита мону трактрта ба ҳаракат дарор.

— Чӣ кор карданиӣ?

— Резаи чуб меорем.

— Аз куҷо?

— Аз устохонаи совхоз. Дар пеши арраи электрикӣ дида будам, ки тупи калони майдаи чубу тароша ғарам мехобид. То рӯз ҳолӣ вақт ҳаст. Соат нав се.

— Майдаи чуб оварда чӣ кор мекунӣ?

— Зери пои говҳо мепартоем. Камтар дами хунукира мегира. Замина ях бастан наемона.

— Зери пои говҳо замин не, санговай, ку? Мо ду кас ҷаҳонгирем, ки дар ду-се соат ба таги пои се ҳазор гов майдаи чуб оварда мерезем? Ақлат дар ҷояш ҳаст? То рӯз ҳарчӣ ҷон коҳонем ду-се тележка бор карда меорему ай ҳангу фара меравем. Хубаш, ки рафта коргарҳора хабар кунем. «Марги ба ёрон тӯй» гуфтанӣ гапа барои ҳамин хел рӯзи мушкил буровардаанд.

— Хайр, рафтем. Мон, ки гапи шумо шавад. Дерӣ кунем корро бало мезанад, —гуфт Давлат.

Ҳарду ба кабинаи трактри Т-40 базӯр ҷо гирифтанд. Ҳалими ҳақ трактрро ба ҳаракат дароварду сӯи Ховалинг ба роҳ даромаданд.

Сар-сари ҷӯи Оби Мазор аз саргаҳи Ховалинг, аз он ҷое, ки бунёди посёлкаи коргарӣ оғоз меёбад, то майдони чорво қариб ҳафт километр роҳи сангфарши нав кушода буданд. Ҳоло барф рӯи роҳро пӯшонида бошад ҳам, аз рафтуои мошину трактороҳо ҷои изи чарххо дар рӯшноии чароғ бараъло намудор шуда меистад.

Ҳалим трактурро бодиққат идора карда оҳиста ба роҳ сарнишеб кард. Дар дили Давлат торафт тарсу ҳарос ҷой мегирифт.

Сад афсӯс, ки ба сардории майдон розигӣ додаму ба бало мондам, дар бари Ҳалим нишаста аз дил гузаронд, Давлат. Ба ҳамааш худам гунаҳгор. Зоотехникии (Байтории) совхозро партофта ба ин кор розӣ шудам. Аз қафои мансаб рафтам. Совхози пешқадамро монда ба як коре гузарӣ, ки ояндааш номаълум. Худо накарда ҳаво соф нашавад, набошад яку якбора дар ҳамин шаби барфи аввал даҳ понздаҳ дараҷа хунук мекунад. Дар байни се-чор рӯзи дигар ҳамаи се ҳазор гов паи ҳам ҳаром мемиранду баъд ин қадар хондагию тачрибаи кор ҳама барбод мераванд. Даъвою судбозӣ сар мешавад. Моли ҷамъиятӣ шӯхӣ надорад. Аксари ҷавонаҳоро бо пули қиммат аз Қазоқистону Кавказ, ҳатто аз хориҷа ба ин ҷо барои тачриба овардаанд. Ҳар кадомаш якуним ду ҳазор сӯмӣ қимат доранд.

Ҳалими ҳақ рост мегӯяд, ки то саҳарӣ ҳамагӣ се ё чор тележка майдаи чуб оварда метавонему халос. Дар майдон бошад гови машҳар. Петров дар Ховлаинг мебуд, гапи дигар. Пеш аз ҳама он касро аз хоб бедор карда вазъиятро хабар медодаму масъулиятам сабук мешуд. Мардак ин ҳама тачрибаю номаъқулиро, ки сар кардааст, мон худаш чора бинад. Дар сурати ҳодисае сар задан, талаф ёфтани ҷавонаҳо яқин шармандаю расво мешавем. Мо ду нафару се ҳазор сар гов. Боз Петров мегӯяд, ки майдон барои нигоҳубини бист ҳазор сар ҷавона сохта мешавад. Сохтмони чӣ? Ду булдозер дар ҷо-ҷо санг туп карда барои шамолпаноҳ теппача месозанд, барои ҷои хӯрокию оби чорво новаи бетонӣ мешинонанд. Аз ҷангал баробари банди даст чуб бурида оварда, боиси дусад гов алоҳид-алоҳид қутан месозӣ, ки ҳайвонҳои як гурӯҳ ба дигараш аралаш нашаванд. Ана ҳамин аст майдони чорвофарбеҳкунию тачриба.

Ин қадар гов муҳити атрофро вайрон намекунанд? Касалу дардҳои гузаранда пайдо шаванд, чӣ? Аз ин хусус то ҳол касе ҳарфе нагуфтааст.

Барои чӣ дар донишгоҳ дар ин хусус ба мо муаллимону профессорон таълим надодаанд? Шояд дар корҳои илмии олимони

намоён дар ин бора маълумотҳо бошад. Ё, кӣ медонад? Ҳамин мӯйсафеди руси нав ба вагони паҳлӯгиамон ҷо гирифтагӣ, Кузмин, дар ин хусус кори илмӣ мебарад? Ба ҳар ҳол аввало дастур ё китоберо дар хусуси таҷриба омӯхта баъд ба кор сар кардан лозим буд.

Дар фермаҳои хоҷагиҳо, ба ин қадар гов камаш 50-60 нафар подабону мутахассис вобаста аст.

Вақти ба Москва рафтан Владимир Николаевич таъкид кард, ки то омаданашон аз назди майдон дур наравам. Рӯзона ҳамаи даҳ нафар коргар соати нуҳи саҳарӣ ба кор оянд, соати шаши бегоҳӣ ба хонаҳояшон баргарданд.

Дар чорвопарварӣ ҳам мисли корхонаҳо ҳашт соати корӣ ҷорӣ кардааст, мардак. Бо чунин усули кор дар ягон хоҷагию ноҳия, ҳатто мамлакат чорворо нигоҳубин намекунанд.

Подабону тракторчиҳо розӣ. Киро намефорад, ки ҳашт соат кор кунаду яксаду ҳаштод-дусад сӯм маош гирад? Боз дар як ҳафта ду рӯзи истироҳатӣ. Подабонҳои совхозҳо баъзан рӯзу шаб он тараф истад, моҳу соли дароз аз қафои молу гов саргардонанд. Дар зимистон соати кору истироҳат сабили сари чорводор мемонад.

Боз дар ин майдон электр (қувваи барқ) мебуд гапи дигар. Рӯзро як бало карда ба шаб мерасонӣ, лекин дардо ба дарди шаб нарасад. Бо фонуси бобоӣ шаби дароз қутан ба қутан чанд гаштугузар мекунӣ?

Ақалан мӯйсафеди Кузмин ҳам нест. Чизу чораашро оварда ба вагон ҷо карду боз барои ким кадом асбобу анҷом баргашта рафт. Сӣ сар гови сабили ҷудокардаи ӯ ҳам дарди сари мо. Дар ин шаби қаҳратун аз дасти мо чӣ меояд? Ҳамроҳи Ҳалим хона ба хона коргарҳора аз хоб бедор карда тарторҳои дигарро ҳам ба кор мебарораму майдаи чуб мекашам. Баъд ба говҳо хӯрокаи иловагӣ додан даркор. Шиками ҷонвар сер бошад хунукӣ кам таъсир мекунад…

Дар нимароҳ як чархи пеши трактор ба курасанге бархӯрду трактор аз роҳ баромад. Ҳалим онро дарҳол манъ дошта зери лаб ким чӣ ғур-ғур карда тракторро андак ба қафо бурда аз нав ба роҳ даровард.

— Ана ҳолу мана зиндагӣ! –гуфт тракторчӣ, баъди аз нав ба роҳ баромадан. –Мардум ҳама бароҳат хобанду мову ту чӣ ҳол дорем, сардори майдон?

— Чӣ ҳол дорем? –пурсид Давлат.

— Ҳоли саг! Чӣ ҳол дорем! Мани бекалла ку нахондаму ҳамин тур-турак ба ман расид. Ту чӣ? Илми олӣ дорӣ. Хубу гандара медонӣ. Мисли ту хондагиҳо ҳозир дар идораҳои ҳу ана калон сардоранд. Ту хонда, хонда охир, ки боз подабон шудӣ.

— Хайр, бас! Масхарабозира мону раҳа хубтар нигоҳ кун, ки боз ба сангов парида наравем, —гуфт Давлат.

— Ма-ку ба ҳеҷ куҷо намепарам, лекин Петров биёяд, яқин ту мепарӣ. Медонӣ ба куҷо?

— Ба куҷо? –ба қаҳр пурсид Давлат.

— Ба подабонӣ. Говҳо, ки яксар мурдан гирифтанд аз сардории майдон мегирандат.

— Хайр чӣ зарар медидаам? Подабонӣ беҳтар, ки масъулияти кам дорад. Медонӣ, ки ҳамроҳамон ҳафт подабон кор мекунанд, дар ишкамашон об намеҷунбад-ку? Маоши моҳонаашон аз ману шумо кам не.

— Гапат-ку рост, лекин инҷу нози занака надидаӣ. Ҳарчӣ аз даҳонаш ояд гуфтан мегира. Баъди подабон шуданат келин чӣ мешавад?

— Кадом келин?

— Хонуми духтур.

— Кадом хонуми духтур, акаи Ҳалим?

— Ҳе, Давлат, Давлат! Нагӯ, ки Ҳалими гову галу ҳеҷ чиза намедона. Медонум. Додари ҷун, ҳар бегоҳӣ баъди соати шаш ҳамроҳи кӣ ба тарафи қишлоқ чахопо медавӣ?

— Чӣ, саросемагиам барои ҳамон духтарай? Бобоям лоҳаз. Баъд, дар хона кор дорум. Медонӣ, ки хона сохта истодам.

— Не, Давлат. Мӯйсафед сиҳат шудан пас ҳам соат, ки шаши бегоҳ шава, ба эзорат кайк медуроя. Гапа кам куну бигу, ки кай тӯй мехурем?

— Чӣ кару гунг шудӣ? Ҷавоб деҳ, ки кай тӯй мехӯрем? –гуфта Ҳалими ҳақ ба кафи даст нарм ба китфи Давлат зад.

— Баҳор. Насиб бошад ҳамин баҳор тӯй мекунем, —таслим шуда гуфт Давлат.

— Ана ин гапи дигар, ҷӯра. Чанд рӯз боз мехостум и гапа пурсум, вақту ҷои муносиб намеёфтум. Бало, бегоҳиҳо, ҳамин, ки кор тамом шавад, дарав ба думболам мечаспӣ, ки «акаи Ҳалим кай ба хона меравӣ?»

Як ду бегоҳӣ дидам, гуфтам чӣ кори зарур дошта бошад? Баъд фаҳмам, шон, хилват-хилват ба мулоқот мерафтанд.

Додари ҷун, зарар надорад. Ҷавония зебу зинаташ ҳамин. Лекин худо насибат кунад, духтари хушрӯ таги чашм кардаӣ. Дар тӯй хизмат тани мо.

Ҳалим хомӯш монд. Хотири Давлат ба Зарина банд шуд. Зарина ҳоло масти хоб, аз ҳоли ӯ хабар надорад. Рӯзҳои охир дар зиндагии Давлат паи ҳам ҳодисаҳое рӯй медоданд, ки худи ӯ сарфарои баъзеи онҳо намерафт. Се рӯз пеш бегоҳӣ, баъди кор Давлат ба пункти тиббӣ рафт ва умед дошт, ки чун ҳарвақта то торикӣ бо Зарина сӯҳбат мекунаду баъд ӯро то хонаашон бурда бармегардад. Он бегоҳ авзои Зарина якнавъ буд. Мисли одами нимқаҳрӣ салому алеки хунук карду якбора ба Давлат гуфт, ки дигар ба наздаш наояд. Падару модараш ба ӯ чунин фармуданд.

Даъвои духтар асос дошт. Давлат гуфт, ки дар кӯча сайру гашт карданро нағз намебинад. Аз ҳамсояву ҳамқишлоқиҳо шарм мекардааст. Аз шиносоиашон қариб як сол гузаштаасту Давлат ҳатто боре ҳам ба хонаи онҳо наомадааст. Модари Зарина дигар духтари дастёр надорад, ки ба кору бори рӯзгор ба ӯ ёрӣ расонад. Аз тарафи дигар, духтари қадрас, ки бегоҳӣ ба хона дер омад, хоҳу нохоҳ модар ба кучо рафтану ба кадом кор андармон шудани ӯро мепурсад.

Зарина ҳар доим рости гапро мегӯяд. «Ба хонаи бобои Ғуломалӣ рафта хабар гирифтам», —мегӯяд ба модар.

— Бобои Ғуломалӣ баҳонаву пеши Давлат рафта будам, намегӯӣ? –пурсид модар бегоҳие аз Зарина ба қаҳр.

— Хайр назди Давлат рафтам. Чӣ бадӣ доштааст? –ҷавоб дод духтар.

— Барои чӣ, ки як бор, Давлат ба хонаи мо намеояду ту ҳар доим мӯйсафеда баҳона карда ғайб мезанӣ? Мӯйсафед сиҳату саломат гаштааст, ку?

— Онҳо ин хел расм надоранд, —гуфт Зарина.

— Киҳо, киҳо? –ҷавоби духтарро гӯё нафаҳмида овоз баланд карда пурсид модар.

— Ҷавонҳои Ховалинг мисли мо расми ба хонаи духтар омадан надоранд. Ин корро ба худ ор медонанд. Мегӯяд, ки инҷо қишлоқ, мардум айб мекунад. Вақташ ояд ба падару модарам мегӯям, тӯй карда хонадор мешавем.

— Ҳмм. Онҳо расм надоштаанду ту расм доштаӣ? Падари ту тоҷик нест?! Чӣ ин қадар аз думболи ӯ кашола шуда мегардӣ?!

Ба хонаи онҳо, ба пеши падару модари ӯ динг-динг рафтани ту расм будаасту ба инҷо омадани ӯ айб мешудааст?! Аз имрӯз эътиборан паи қадамата ба хонаи онҳо наемонӣ, фаҳмидӣ?!

— Фаҳмидам, —оҳиста ҷавоб дод Зарина.

— Зангир, ки бошад омада ана ин ҷо гап занад, тӯй карда занаша гирифта бараду мо ҳам аз каш-каши ту халос шавем. Чӣ, мо рус шуда шарму ҳаё, одамгарӣ надорем? Ҳар як кор, духтарам ҳадду ҳудуд дорад. Вай, ҷавонмард аз гапи мардум шарму ибо мекардаасту мо не? Тавба, тавба. Дар ин умри кӯтоҳ чӣ гапҳое намешунавӣ.

Падарат ин кору рафтората донад, пӯстата аз танат ҷудо мекунад! Ба гапам надароӣ худи ҳамин шаб ҳамаашро ба он кас нақл мекунам.

— Очаҷон, чӣ гуноҳ кардаам, ки ин қадар ғазаб мекунед?

— Ин рафтори ту ҳолӣ ҳам гуноҳ нест? Худо накунаду шумо хапакҳои таги тапак ягон балора ба сар баред, баъд, рӯи сияҳам, дар ин мулки бегона шармандаву расво мемонем. Ту ин тарафи корро фикр кардаӣ?

— Оча, ман кӯдаки хурд нестам. Шукр, ки ба нуздаҳ қадам мондам. Давлат ҷавони баодоб. Падару модараш ҳам касони хубанд. Мегӯяд, ки хона сохта, ки тамом кардам, тӯй мекунем. Модарҷон ба ман гапҳои сахт нагӯед, —гуфта Зарина аз бари рӯи модараш бӯсида ба хонаи дарун даромад.

— Баақлу беақл, ки гапам якта, —боз сахт омад модар. –Дигар бобои Ғуломалиро баҳона карда ба он ҷо намеравӣ! Мӯйсафед имрӯз худаш омада миннатдории зиёд изҳор карду барои хизматҳоят раҳмати бисёр гуфт, лекин аз муносибати туву Давлат даҳон накушод, — аз беруни хона шунид овози модарро Зарина. –Ман шарм кардам, ки аз ӯ дар ин бора ягон гап пурсам. Агар мақсади келин кардан медоштанд, мӯйсафед гап мекушод. Ман ҳам ба умед будам, лекин падарата суроғ карду баромада рафт. Медонӣ, духтарам, дилам аз ту пуру ба ҳар ҳол модар як умр дар ташвиш аст. Духтардор, ки шудӣ баъд чӣ будани ҳоли модарро мефаҳмӣ. Ҳозир шумоҳо пӯшидану хӯрданатона медонеду сар-сарӣ гаштанатона. Ба ҳар ҳол духтар худаша андак ширин накунад, мешавад? Ақлу фаросат, нозу итоб гуфтанӣ гапҳо ҳаст. Ин қадар аз думболи ҷавон часпида гирӣ ба хоки

кӯча баробар мешавӣ, духтарам. Як ҳафта, ним ҳафта наздаш нарав ку вай хушдорат суроғ карда меояд ё не.

— Наметавонам, оча. Як рӯз Давлата набинам, як сари сол надидаам мегӯям. Наход шумо дил надошта бошед.

— Дӯст, ки дорад меояд. Ҳеҷ расму оин дами ишқро гирифта, банд карда наметавонад. Ман модар шуда ба зарари ту гап мезанам?

Зарина ба гапи модар розӣ шуд.

Ана ҳамин ду рӯз якдигарро надидан ба Зарина мушкил ва ба Давлат гарон афтода буданд. Ӯ аз совхоз ба майдони чорво ба кор гузашта бошад ҳам, ҳар бегоҳ ба тракторчӣ ё ронандаи дар инҷо кор мекардагӣ ҳамроҳ шуда ба қишлоқ меомад. Аввал як сари қадам ба пункти тиббӣ, ба дидани Зарина мерафт ва мабодо ӯро дар онҷо намеёфт, ҳатман ба хонаашон мешитобид. Медонист, ки Заринаро ё дар назди мӯйсафеди бобояш меёбад ва ё мебинад, ки ба кору бори модараш ёрӣ расонида истодааст. Ба омади Давлат Зарина баҳонаи ба хонаашон рафтан мекунад ва аз думболи ӯ Давлат ҳам аз хона ғайб мезанад. Ҳарду аз қисми қафои хона ба боғ баромада аз сари хандақ бо олуболузори қади сои Оби Равшан мехамбиданд ва соате фориғ аз одаму олам бо ҳам сӯҳбат мекарданд. Акнун фасли хазонрези тирамоҳ асту баргҳои олуболу заъфаронӣ шуда аз сари шохаҳо ба замин рехтаанд. Танҳо оби мусаффои ҷӯ дар ин фасли сол боз ҳам поку мубарро шуда буд. Давлату Зарина дигар ба олуболузор намеомаданд. Дар ҷои мулоқоти пештараи онҳо ҳоло ҳар бегоҳ гову моли аз пода баргаштаи мардуми деҳа чаро мекард.

Офтобро бо доман пӯшонида намешавад, мегӯянд. Дар хусуси муносибатҳои ин ду ҷавон на танҳо бобои Ғуломалию падару модари Давлат, балки ҳама мардуми қишлоқ огоҳ гардида буданд. Духтари хушкардаи Давлат хусусан ба кампири Ҳусноро маъқул буд. Кампир дар симои Зарина чӣ монандии Гуландомро дарёфта буду ҳар боре, ки ӯ ба хонаи онҳо омада ба мӯйсафед дору хӯронда маслиҳат медод, момаи Ҳусноро албатта бо Зарина сӯҳбат кардан хоста ӯро ба хонаи дигар мегузарониду дастурхон густурда ба пешаш дар чинию лаъличаҳо ҳар гуна меваю ширинихо меовард. Кампиру Зарина ҳарчанд забони якдигарро надонанд ҳам лекин сарфаҳми баъзан гапҳои гуфтаашон мерафтанд. Бештари вақт мӯйсафед мушкилашонро осон менамуд. Ба забони русию тоҷикӣ ба гуфти худи ӯ «ширу шакар» карда ҳам ба Зарина ва ҳам ба кампир гапҳояшонро тарҷума мекард.

Бегоҳие мисли ҳарвақта Зарина ба мӯйсафед дору дода «дар хона карам бисёр» гуфту баромада рафт ва бобои Ғуломалӣ бо кампир танҳо монд. Кампир баргашта ба назди болини мӯйсафед нишаст. Хост бо ӯ андак сӯҳбат карда, барои тасаллои дили бемор мӯйсафедро зиқ шудан намонад. Дид, ки бобои Ғуломалиро ғанаб бурдааст, дигар ӯро нороҳат кардан нахост, дар назди болинаш нишаст. Кампир ҳам монда шуда буд.

Саҳарӣ ҳама аз паи кор мераванду дар хона касалидорӣ ба зиммаи кампир меафтад. Ҳатто шабҳо нигоҳубини мӯйсафед ба зиммаи ҳамин Ҳусноро аст. Писару келин ва набераҳо ҳар кадом назди мӯйсафед то як поси шаб нишаста сӯҳбат мекунанду баъд ба хонаҳои худ мегузаранд. Пиру кампир ҳарду танҳо мемонданд. Рӯзона баъзан кору бори анҷом надодаи келинро ҳам кампир ба ҷо меорад. Косаю табақ мешӯяду хонаҳоро рӯбу чин мекунад, вале аслан ҳушу ёдаш мудом ба мӯйсафед банд. Бо ӯ умри хуши бобаракат дидаанд. Қариб шаст соли ҳаёташон дар ҳамин хонадон, ҳамроҳ гузаштааст. Рӯзҳои хуб ҳам буданду бад ҳам, вале кампир аз умри гузаштаи худ розӣ аст. Ҳамеша хонаву дари обод доштанд. Аз дари хонаашон садҳо кас нон хӯрдааст. Танҳо солҳои ҷанг, баъди ба баталони коргарӣ рафтани Ғуломалӣ Ҳусноро азоб кашидааст. Он солҳо кӣ ҳам рӯзи нек дошт?

Кампир ин лаҳза дар хусуси Зарина бо мӯйсафед гап задан мехост. Ӯ гуфтанӣ буд, ки ҳамин духтар вақтҳои охир ба хонаашон рафтуомад мекунаду бо набераашон, Давлат унс гирифтааст. Чӣ мешавад, ки маслиҳат карда ба хонаи Фахриддин хостгорӣ раванд. Мӯйсафед, ку якумр бо Раҳимбой хусумат дошт, лекин Фахриддину Зарина чӣ гуноҳ доранд? Бало ба паси Раҳимбой, ки аз нофаҳмӣ то охири умр кинаҷӯӣ мекард. Хайр модари Зарина мусулмон ҳам набошад, ақлу одоби занак аз аксар занҳои қишлоқ зиёд асту кам не. Нимсол шудааст омаданашаву дар хамиру фатир, сарриштаи рӯзгор аз бисёриҳо боло меистад. Кампир борҳо ба хонаи онҳо меҳмонӣ рафта, худаш зеҳн монда рафторашро дидааст. Духтараш ҳам дар шишту хез, ҳусну ҷамол, гаштору одоб камбудӣ надорад. Дуруст, ки мӯяш кутоҳ қайчӣ задагию поҷома напӯшида мегардад. Ин чӣ бадӣ дорад? Духтарҳои ин замона дар шаҳр он тараф истад, ҳатто дар қишлоқ ҳам ҳамин зайл либос пӯшида мегарданд. Баъзан мешунавию мебинӣ, ки духтарони муйдарози ақлкутоҳ ҳам ҳастанд. Дар хонаву кӯча сару рӯ хушрӯ печондагӣ, бубинӣ гумон мекунӣ, ки аз лабу

даҳонашон лом намебурояд, лекин пас-паси бом чӣ номаъқулиҳое мекунанд. Имрӯз бо як ҷавон нул ба нул бошанд, пагоҳ бо дигараш. Ҳатто бо мардҳои зандор часпида гаштанро ба худ шараф меҳисобанд. Баъзеаш як бало карда ба шавҳар мебароянду ҳамин, ки як ё ду фарзанд ёфтанд, баъд ранги байтали ҷавмаст юрға бадар мекунанд. Ду сол нагузашта мебинӣ, ки аввал аз хусуру хушдоман, баъд аз шавҳарҳои нозанин ҷудо мешаванду кӯча ба кӯчаю шаҳр ба шаҳр, дар ба дару сурҳуйгардиро пеша мегиранд. То ақлашон мерасад, ки об аз сар мегузарад. Ҳаваси сар-сарӣ гаштанашон, ки пир шуд, дигар касе сӯи ин «ғарибакҳо» назар ҳам намекунад. Баъд якумр бева мемонанд. Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд. Туф ба ин хел одобу одамгарӣ! Аз ин хел умргузаронӣ саг баракат намеёбад. Шукр, ки ин зайлиҳо каманд, лекин тамоман набошанд, ку боз беҳтар. Ин нӯшу неъмати фаровону зиндагии осоиштаро бин. Ба қадри серию пурӣ нарасӣ мисли ҳамон занҳои дайду радди маърака мешавӣ. Нону намаки халқ кӯҳриат мекунад. Одам андак ақлаша ба кор барад хонаи обод чӣ давлати калон аст. Аввалу охир асоси тамоми зиндагии одам ҳамин хонаи ободу ҳалол, заношавҳарии мувофиқ, ба дили якдигар рафтору гаштор кардан аст. Зиндагии оилавии хуб ақли расоро боз расотар мекунад, иқболи зану шавҳарро зиёд мегардонад, баракати умрро меафзояд.

Асоси ҳама ҳарромӣ, бединию бемазҳабӣ, худоро нашинохта, пайғамбарро эътироф накардан аст. Аз худо натарсӣ, падару модарро ҳурмат накардӣ, ба ҳама кори ҳаром қодирӣ.

Давлат ку бачаи боақл аст, лекин худо накунаду яке аз ҳамон хел духтарҳои сабукпо ягонтояш ба дилаш роҳ ёбад, ба ӯ часпида гирад, зиндагии тинҷу осудаамонро ҳарому ҳариҷ мегардонад. Дар сари пирӣ боиси таънаву маломати мардум мешавем.

Умр агар хуш гузарад, зиндагии Хизр кам аст,
В-ар ба нохуш гузарад, ним нафас бисёр аст.

Ин байтро ҳар доим мӯйсафед беҳуда ба ёд намеовард. Хубию хушии зиндагӣ ба зан вобастагии зиёд дорад.

Мард-чӣ? Мард бештари вақт беруни дар аст. Мардак шабу рӯз меҳнат мекунад, ҷон мекоҳонад, ризқу рӯзии дарёфтаашро ба хона оварда ба дасти зан месупорад. Занаки боақлу басаришта дар

байни се-чор сол ҳама сукунати хонадориашро ҷамъу гирд меораду мардро ба қатори одамшавандаҳо мерасонад.

«Аввал зану охир зану в-он гаҳ зану мард» гуфтаанд. Мардро ба олам машҳур мекардагӣ ҳам зан асту ба хоки кӯча яксон мекардагӣ ҳам зан. Дар зангирии Давлат дар канор намонем. Худоро шукр хубу бади дунёро кам надидаем.

Зан ба ивази ба ҳусну ҷамол, покахлоқ, боодоб, хушфеъл будан, боз сад сифати неки дигар бояд дошта бошад. Ба чеҳраи ин хел занҳо нигоҳ кунӣ баъзан хушрӯ ҳам набошанд, ҳусну таровати чеҳраашон он қадар дилкаш аст, ки мегӯӣ соли дароз истода назораашон кунам. Ҳамин покдомонӣ башарму боҳаёӣ ба ҳуснашон ҳусни тоза зам мекунад. Баъзеашон мисли Хурмои зани Сафар фасон хуб занаки баҳусну ҷамоланд, лекин бечогард, ки ҳастанд, ба таҳти рӯяшон нигоҳ кунӣ таркабуд метобанд. Сафедаю сурхӣ, усмаю сурмаи мемолидагӣ дигар ҳусни Хурморо дилкаш намекунад, баракс афту башараашро хунуку баднамуд мегардонад. Рӯи ҳами хел хушрӯи бемуносиб дар гӯр! Ҳусни худодаша расво кардааст, ин Хурмо. Худораҳматии Зарагули зани усто Сайёд аз ҳамон хел занҳои одамшаванда буд. Хок хабараш набарад, он қадар ҳусну ҷамоли зебо надошт, лекин доим даҳон пури ханда, ҳай занаки зиндадил буд. Сариштакории рӯзгорашро намегӯӣ. Зимистон тамом гашта айни канголии молу гов мешуд, баъзан мардуми қишлоқ орду ҳезум, каҳу қаҳдарзаро тамом мекарданду ду даст дар бинӣ зору музтар мемонданд. Медидӣ, ки куллии орди усто то ҳолӣ нисф нашудааст. Хафи каҳдарзаву тали ҳезумаш хабар надорад. Як параи ҳезумхона то тори кос тапак тал задагӣ. Ҳайрон мемондӣ, ки ин занак дар панҷ моҳи зимистон ба як гала бачу кач чӣ алов карду чӣ хурд? Молу говаша ба каҳи кӣ ба баҳор баровардааст, ки аз моли дигарҳо фарбеҳанд? Дар сари дастурхонаш менишастӣ аз чормағзу гелос, дулонаву қоққои захира меовард. Нахӯрда сер мешудӣ. Баъзе занҳо равғане намеёфтанд, ки лаби дегашон олуда шавад. Хурмаву чағдегҳои равғани зарду сабадҳои пури қӯрути гилкардагии Зарагул то баҳор наканда мемонданд. Аз кӯдаки ҳафтсола то пиру кампири қишлоқа қурутоб медоду боз руғани зардаш то вақти алафи сабз мерасид. Баракати олам мегуфтӣ дар хонааш рехтааст. Алови нон карданӣ мешуд, медидӣ, ки дар гирди тали ҳезум давр гашта чучик мечинаду дилаш ба канданӣ дарзаи ҳезум тангӣ мекунад. Мепурсидӣ мегуфт, ки занакҳои дигар аз болои тали ҳезум баромада ҳезум гиранд ма ай гирди хона меёвум. Шӯи бечораам ай хами Ҳалқаҷар пуштора

ҳезуми аловӣ овардаасту ма, ки саришта карда алов накунум пагоҳ вақти тангдастӣ, кира зӯр меоя?

Занак ана ҳамин хел аз сару нуги либосворию хӯрока, дигар анҷоми рӯзгор саришта кард, ки дар ҳамон солҳои балосола даҳ бачаву духтарро гарданкаҷи хонаи мардум, мӯҳтоҷи касе накард, рӯзашона ба подшоҳӣ гузаронд. Ба як юғу испори усто Сайёд ҳамаи фарзандҳояша ба дару хонаи обод расонд, соҳиби бачу кач шуданд.

Хурмои зани Сафар фасон чӣ? Аз ӯҳдаи тарбияи як бача набаромад. Ранги саге, ки кучубачаша дар даҳонаш гирифта дар ба дари хона чил мегардад, «Худо худама додааст», гуфта усмаю сурма кашидагӣ, зулфҳо рӯған кардагӣ, кудак сари даст қишлоқ ба қишлоқ мегашт. Хонасӯхта, бадавлатам гуфта ҳар рӯз куртапоракунию сайрравӣ дошт. Хуршедҷуна ба замин наамемонд, ки пои азизгиаш хоколуд мешавад. Бачаро дар пахтаи малҳам печонда эрка калон кард, ки охир ба сараш бало шуд. Келин оварду ба як сари қоқ ба келин соз нагирифт. Дар кӯча ҳам медидӣ ғайбати келину дар тӯю мурдахона ҳам. Калонтарҳо, мегуфтанд, ки «сари кафида таги тоқӣ», «сирри дилата ба куртаи танаат нагӯ». Ин занак бошад даҳан каф кардагӣ ба шиносу ношинос келин ғайбат мекарду айби сакалтуи бачаша намедид. Келини нозанин ахир, ки аз дасти ӯ ҷон ба ҷавр шуду ҷонаша гирифта гурехт. «Худкардаро даво нест». Хуршеди эрка охир ки хонаи Хурморо ба сараш салот кард. Ҳамаи давлату савлати доштагиашона қимор заду арақ хӯрд. Беҷогардӣ кард. Имрӯз Хурмо дар хонаи қоқу воқ рӯю мӯ меканаву афсӯс мехӯрад, ки аз ин фоида чӣ? На чизу чора монду на келину наваса. Хайру баракати хонаша занак худаш ба хорҷоруб руфт.

Мусулмони комил нест, Хурмо. Худову пайғамбарро, ки нашиносӣ аз умрат баракат намеёбӣ.

Боз ҳамаи ин аломати надидани рӯзи сахту тангдастӣ аст. Мисли мо Хурмо ҳам агар ба чашми сараш медид, ки солҳои гуруснагию ҷанг зану духтарҳои нозанин барои як нолаи (наволаи) нони ҷавӣ чӣ рӯзҳои сиёҳ доштанд, ба чӣ хел балову офатҳо гирифтор мешуданд, он вақт ба қадри хонаи ободу келин, бачаю наваса мерасид.

Як тори қоши Гуландом ба сад Хурмо меарзид, ба ёд оварди кампири Ҳусноро. Бечораи бадбахт чӣ рӯзҳои бад надид. Баъди мурдани Азизулло ду сол азодор истод. Баъд дид, ки ҳама дугонаҳои ҳамсолаш хонаву дардор, бачу качдор шуданд, «умри ширини ҷавониям барбод меравад», -гуфта ба Абдуллои доровигӣ ба шавҳар баромад.

Дунё ҳамин будааст. Мурда мемурдаасту зинда рӯз медидааст. Азизулло ба Гуландом насиб нагашт.

Он вақт ба тӯи Гуландом рафта натавонистам. Баъди Баҳодур ҳамин Саидаҳмада нав таваллуд карда будам. Сиёҳпича дар тӯяш ҳамаро гирёндааст, гуфтанд. «Бе Азизулло бахту толеъ намебинам» гапи гуфтагиаш охир фол баромад. Худо ба ҳама зан бахту толеи аввалро насиб кунад. Зан, ки даст ба даст шуд, хуб бошад ҳам бадном мегардад. Дигар умри ширин, зиндагии нек диданаш амри маҳол.

Баъдҳо мешунидам, ки Гуландом зиндагии осуда дорад. То сар шудани ҷанг тинҷ буд. Бадбахтиаш, ки авалҳо фарзанд наёфт. Ана ҳамон вақт як маротиб ба хонаамон меҳмонӣ омада буду маро ҳам хабар гирифт. Хабаргирӣ ҳам не, аслан дарди дилгӯй, ҳасраткунӣ омада буд. Омад, ки ба ман, ба дугонаи давраи духтарии худ рози дил гӯяд. Абдуллои шавҳараш барои фарзанд наёфтанаш ӯро таънаю надомат мекардааст. Нияти зани дигар гирифтан доштааст.

Зани бефарзанд мисли себи хушбӯй аст, ки мардҳо аслан аз даст ба даст гардонда бӯяш мекашанду пармучала, ки гашт чизи нодаркор шуда мемонад. Аз сад яки ин хел занҳо рӯзи нек набинад, охири умр ҳамааш сиёҳрӯзанд.

Қурбони табиати одамӣ шавам. Фарзанд набошад як бало, бошаду хубаш хуб, бадаш боз ба сари падару модар ҳазор балои дигар меорад.

Гуландом дар пеши ман он рӯзро ба гиря бегоҳ карду баъд баргашта рафт. Дигар мо кай вохӯрдем, хост ба ёд орад кампири Ҳусноро ва аз нав ба фикр дода шуд.

Қарибиҳои сар шудани ҷанг буд. Он вақт Ҳусноро шунид, ки ба рӯи Гуландом бахт хандидаасту ҳомиладор шудааст. Чӣ хушбахт аст он зан, ки ин рӯзи муборак муяссараш мегардад. Гуландом ба умеди ҳамин рӯз зиндагӣ мекард, Ҳусноро хурсанд буд, ки Гуландом аз накутарин неъмати дунё, фарзанд, бенасиб намондааст. Гумон дошт, ки ба бӯи фарзанд дарду доғ, алами Азизулло аз дилаш меравад.

Баъди ду моҳи таваллуди духтарчааш дар қатори дигар ҷавонмардҳо Абдуллои шавҳари ӯ ҳам ба ҷанг рафт. Зану фарзанд, хонаву дар, трактори Абдулло бе соҳиб монд.

Ҷанг яку якбора ҳама ҷавонон, мардони меҳнатии кӯҳистонро ба коми худ фурӯ бурд. Дар қишлоқ мӯйсафедон монданду зану кӯдакон. Гуландом ҳамроҳи хоҳари Абдулло, Сангимоҳ, ки шавҳари ӯ хам

ба ҳимояи ватан даъват шуда буд, зиндагӣ мекард. Аз рӯи зарурат дар назди МТС (Стансияи мошинӣ –трактории) курси кӯтоҳмуддати механизаторӣ кушода буданд. Гуландом рӯзона духтарашро ба назди Сангимоҳ монда ба Ховалинг омада дар курс мехонд, бегоҳӣ ба деҳа баргашта ҳамроҳи дигар занони қишлоқ ба шабдарав мерафт.

Даврањои трактрчигии Гуландом дар хотири Ҳусноро якумр боқӣ мондааст. Ана ҳамон вақт бадбахтии ногуфтание ба сари Гуландом омад. Охирмоҳи тирамоҳ наздик шуда бошад ҳам ҳосили ғалла пурра ҷамъ оварда нашуда буд. Мардум шабонарӯзӣ дар сари ғаллазор буданд. Гуландом рӯзона ба трактори шавҳараш чигина мекашиду шабҳо заминҳои ҳосилашон ҷамъовардаро шудгор кард. Духтарчааш акнун ду сола шуда буд.

Ҳамон вақт мисли имсола тирамоҳ, боронгарӣ бармаҳал сар шуду дар саросари пуштаҳо ғалла нодараву ҳосил дар хирман нокуфтаву ҷамъ наоварда монда буд. Занону кӯдакон ва мӯйсафедон аз ӯҳдаи ҷамъ овардани ғаллаи кошта баромада наметавонистанд.

Гуландом дар дашти Ҳазормана ба трактор аз даравгарҷо ба сари хирман ғалла мекашид.

Ӯ бегоҳӣ охирин чигинаи пури дарзаи гандумро кашида оварда ба хирман холӣ карду плуг қӯш карда аз саргаҳи замин ваноғ гирифт.

Сӯзиши офтоби тамуз ва боди саҳро ҳусни рӯи мисли шир сафеди ӯро коҳонида бошад, ҳам, чеҳрааш бануру пуртароват, дилкаш буд. Қаду баст, дасту бозӯи корӣ дар корҷомаи трактрчигӣ ӯро ба марди ҳақиқӣ монанд карда буданд. Бисёриҳо дастони аз кор шахшул, лабони парсинг баста ва чеҳраи гандумгуни ӯро дида мегуфтанд, ки табиат дар сириштани Гуландом хато кардааст. Ӯ бояд мард ба дунё меомад ва дар ҳақиқат ҷанг ӯро мард кард. Дар кори саҳро ӯ аз ягон мард мондани надошт, балки ба ҷои шавҳару даҳҳо марди дигари ба ҷанг рафта кор мекард, вале тири ҷонсӯзи фашизм ба дили пурҷароҳати ӯ низ расид.

Қарибиҳои торик шудани рӯз тундбод оҳиста-оҳиста паст шуда, аввал сим-сим ва баъд борони сахт гирифт. Ҳама дигар аъзоёни колхоз ба хонаҳояшон рафтанд. Дар дашти Ҳазормана Гуландом монду Диловари сенздаҳсолаи ҳамсояашон, ки ӯ ба Гуландом ёрӣ мерасонд. Диловар чун аъзои колхоз ба чени қувваташ ба пеши чигина дарза мекашид ва Гуландом он дарзҳоро тал чида, ҳарду якҷоя ба хирман меоварданд. Диловар инчунин барои трактор обчӣ буд.

Вақте ки Гуландом аз охири замин трактORро ба сӯи хирман гардонида ба марза рост мекард «—апаи Гуландом кадом суворе ба тарафи мо меояд», —гуфта хабар дод, Диловар.

— Дар куҷо дидӣ? –пурсид Гуландом аз писарбача.

— Дар рӯшноии чароғи трактор аз дур дар чашмам тофт. Ҳо ана, ай пеши шолаи дарзаҳо омада истодааст, —гуфт Диловар бо дасташ саворро нишон дода.

Гуландом ба он тараф назар дӯхт вале касеро надид.

— Дар торикӣ мумкин дарахти дулонаро ба савор монанд кардаӣ? – пурсид Гуландом.

— Дулона не, ба хаёлам суворе буд. Ай хирман тарафи мо даст гардонданша дидам. Баъд ҳамин сӯ аспаша ҳай кард.

Гуландом ба қафо назар кард, ки плуг бо маром заминро дарида хокро чапагардон мекунаду аз думболи худ чанги маҳин мехезонад.

Борон то рафт шиддат мегирифт ва қатраҳои он ба шишаи пеши кабина бар хӯрда чун ашки сӯзони сари мижгони модарони аз ҷигарбандҳои худ «хати сиёҳ» гирифтаро мемонд.

Сиёҳсавор дар ними дашт аз пеш баромад ва Гуландом трактORро манъ карда фаромад. Гуландом аз овозаш Ҳуснорои бригадирро шинохт.

— Ягон ҳодиса буд, Ҳусноро чӣ? –алохон пурсид Гуландом.

— Майлис мешудааст. Раис гуфт, ки ҳарчӣ карда гирифта биёрамат.

— Ҳусноро фиребам мекунӣ. Ягон гапу ҳодисаи дигар шудаасту ай ма паноҳ медорӣ. Дар и шаби тираву тор майлиси чӣ мешидааст? –ҳодисаеро пай бурда гуфт Гуландом.

— Не, Гуландом, ҳеҷ гап нашудааст. Биё ба қанҷиғаам савор шав.

— Калонҳои вилоят омада барои ҷамъ кардани ғалла чӣ майлисе мекардаанд, —гуфт Ҳусноро.

— Хайр овозат барои чӣ меларза, Ҳуснорои ҷун? Чӣ гапе ҳаст. Дилум гувоҳӣ медиҳад, ки чӣ ҳодисае шидааст. Чашмум ай саҳар боз мепарид. Чӣ гапе дориву намегӯӣ.

— Сувор шав, ки саропо тар шидум! –гуфт ба қаҳр Ҳусноро ва Гуландом трактORро хомӯш карда ба қанҷиғаи аспи ӯ савор шуд.

— Диловар, ту бачам, ай асп пеш бударо, ки натарсӣ, —гуфт Ҳусноро ва аспро қамчин зада ба сӯи деҳа сарнишеб гардонд.

Вақте ки онҳо ба саргаҳи қишлоқ расиданд. Ҳусноро овози гиряи занҳоро аранге шунида, қарор дод, ки ҳама гапро ба Гуландом бигӯяд, зеро аздусар ҳамин ҳозир, худи ӯ хабардор мешавад.

— Ҷанг Гуландом, чӣ балоҳое надора, —гуфт Ҳусноро, ҷилави аспро андак кашида ва ин лаҳза дигар тоқат карда натавониста гирён шуд.

— Хонаи ҷангҷӯ бисӯза, ки солу замона ҳами хел кардаст, набошад зани кудакдора чӣ монду тракторчигӣ?!

— Оҳ, рӯи сиёҳум! Хонаи вайронум! Ай Абдулло хати сиёҳ омадааст, чӣ?! –гуфта Гуландом худро аз асп ба замин партофта аз нав аз ҷо хест ва аз ҷилави асп маҳкам дошт.

— Не, Гуландоми ҷун. Худата мард бигиру миёната маҳкам банд, —гуфта Ҳусноро аз асп фаромад.

— И овози гиряи кӣ? Занакҳои қишлоқ чӣ фиғон доранд? –гуфта Гуландом дар рӯ ба рӯи Ҳусноро истода аз китфи ӯ дошта пурсид.

— Гуландом ҷун, биё ба хонат равем. Ба сарат рӯзи сиёҳ омадааст.

— Оҳ лахти ҷигарум, Нусратмоҳи оча!!! Гуландоми сар то ба по аз борон таршуда аз марги фарзанд хабар ёфта, ин дам рӯканону мӯканон бо фиғону нола қишлоқро ба по хезонида, ҳамроҳи Ҳуснорою Диловар ба хонааш, ки он ҷо ҳама занону мӯйсафедон мусибатро шунида ҳозир буданд, рафт.

Ягона умеду орзуи модар, Нусратмоҳи хурдсол ҳангоми ба хӯшачинӣ рафтани Сангимо аз хоб бедор шуда, аз бесоҳибӣ дар хона даву ғеҷ карда ногаҳон ба танури тафсон афтода саропо сӯхта буд.

Гуландом мурдаи сӯхтаи дар миёнаҷои хона бо карбос пӯшонидаи тифлашро дида худро ба болои ӯ ҳаво дод ва аз ҳуш рафт…

Ҳусноро ба хотир овард, ки Гуландом баъди ин ҳодиса ғамбемору паршикаста мегашт. То охири ҷанг бо ҳамон трактори Абдулло кар карду шавҳарашро интизор истод, вале Абдуллои ӯ аз ҷанг чун ҷавонмардони дигар барнагашт. Аз ӯ мисли Баҳодур то ҳоло ҳам хабаре нест.

Гуландом баъдтар ба сағирхонаи Ховалинг ба кор даромад Мураббии кӯдакони ятиму бесоҳибмонда шиду то охири умр дигар шавҳар накард.

❁ ❁ ❁

Рӯзи дигар Петров ба Ховалинг омадан замон қарибиҳои бегоҳ ба майдони чорвопарварӣ рафт. Ҳаво софу беғубор бошад ҳам барф об нашуда буд. Дар назди вагонҳое, ки яке идораи сардори майдон буду дигаре хонаи хоби олим, Василий Иванович Кузмин ва сеюмин боиси истироҳати навбатдорон ҷудо карда шуда буд, ду тележкаи пури майдаи чубро дида Владимир Никалаевич нафаҳмид, ки инҳоро бо кадом мақсад оварда бошанд. Ӯ УАЗ-икро дар назди вагонҳо бероҳа монда аз мошин фаромад ва аз қафои тележкаҳо ба сӯи қутани говҳо, ки тахмин сад метр поёнтари вагонҳо воқеъ буданд, рафт.

Давлату Ҳалим ҳамроҳи дигар коргарон майдаҳои чӯби овардаро ба қутанҳо тақсим карда гирдогирди теппачаҳои сангӣ ҷо-ҷо зери пои говҳо рехта тунук мекарданд. Петров лаҳзае ба кори онҳо зеҳн монда аз дил гузаронид, ки ин номаъқулиро кӣ фармуда бошад? Албатта Давлат. Охир сардори майдон Давлат аст. Петров дарҳол сарфаҳм рафт, ки коргарон бо мақсади хушк нигоҳ доштани зери пои говҳо ин корро карда истодаанд ва андак қаҳраш омад. Подабону механизаторон ку мутахассиси соҳаи чорво нестанд, фикр кард ӯ, лекин наход марди мутахассиси соҳа сарфаҳм нарафта бошад, ки ин кори кардагиашон беҳудааст?

Димоғи Владимир Николаевич аз рафтори нодурусти Давлат сӯхта бошад, ҳам вале ӯ сир бой надода ба коргарон салому алек кард ва аз Давлат пурсид.

— Чӣ ҳол доред?

— Як навъ, Владимир Николаевич, гуфт Давлат.

— Чӣ хел як навъ? –Ҳама корҳо мувофиқи табъи дил ку. Говҳо солим, боз як навъаш барои чӣ?

— Барфу хунукӣ корро расво кард. Ду шабу рӯз мешавад, ки бе истироҳат аҳвол ҳамин.

— Хӯрока мерасад?

— Ҳаст, ҳар чӣ дина рӯз боз дувоздаҳ мошин аз Кӯлоб хӯроки ғизоноки чорво оварданд.

— Имрӯз якбора панҷоҳ мошин хӯрока меоранд. Парво накун йигит. Худам мошинҳора ба роҳ баровардаму баъд омадам. Чубкаширо мону ба қишлоқ рав. Ман ин ҷо ҳамроҳи коргарон бори овардаи мошинҳоро холӣ мекунем. Директори совхоз, Раҳматовро ёфта, ба ӯ гӯй, ки булдозерашро ба нишебии роҳи «Лоҳутӣ» фиристад. Дар

хамгашти дуюм андак теппа гашта роҳро банд карда аст. Ман ку як бало карда гузаштам, мошинҳои бордор мумкин натавонанд. Роҳ тангӣ мекунад. Баъди булдозерро ба роҳ даровардан ба ПМК (колонаи сохтмонӣ) рав. Сӣ-чил нафар коргарро барои ёрдам ба ин ҷо гирифта биёр.

Петров калиди УАЗ-икро сӯи Давлат дароз кард.

— Мебахшед, Владимир Николаевич, ман мошин ҳай карда наметавонам.

— Корро бало зад гӯй. Ман медонистам ин қадар супоришро беҳуда намедодам? Чӣ кор мекунем? Чӣ, ту гумон дорӣ ки якумр аз думболи гов гаштан мегирӣ? То ҳол, ки мошинро идора карда натавонӣ ба ғайр аз говпарварӣ дигар чӣ ҳунар дорӣ?

Давлат аз шарм сурху сафед шуда бо сари хам меистод.

— Бобоят мегӯяд, ки ба як мард чил ҳунар кам аст, набераш бошад ягон касбро наомӯхтааст. Ҳатто нигоҳубини чорворо ҳам дуруст наметавонад.

Петров аввало хост ҳама ғудуки дилашро кафонаду барои беҳудакорӣ адаби Давлатро диҳад, вале худдорӣ кард. Аз дил гузаронид, ки Давлат ҳоло ҷавон аст ва ӯро нав сардори майдон таъин кардем. Дар назди подабону тракторчиҳо хатояшро гуфта шарманда кардани ӯ аз рӯи одоб намешавад. Вақт ёфта ба ӯ як ба як гап задан лозим. Беҳуда намегӯянд, ки ҳар касе роҳ гардад, кафи пояш хоколуд мешавад. Давлат ҳам. Пеши по мехӯраду меафтад, боз бархоста роҳашро давом медиҳад. Давлат ҷавони қобил менамояд. Ӯро тарбия кардан даркор.

— Худам аз паи корҳои гуфтаам мешавам. Шумо ҳамин ҷо монед, —гуфта Петров ба роҳаш қафо гашт, вале ким чӣ ба хотираш расиду пас гашта пурсид: —Тарозуро соз кардед, ё не?

— Не, дастамон нарасид. Гуфтам ку майдаи чуб кашидем, —гуфт Давлат.

Петров дигар тоқат карда натавонист.

— Кори заруро ба ҳоли худ монда майдаи чуб овардед? Ҳозир мошинҳои пурбор биёянд, онҳоро дар чӣ бар мекашем? Аз панҷоҳ ронанда ту гуфта метавонӣ, ки ҳамаашон одамони дилсофанд? Ягонтояш борро дар роҳ нимта карда фурӯхта бошад, чӣ? Ба умеди худо шуда мошинҳоро барнакашида холӣ кардан гирем? Медонистӣ ки дар Ховалинг дигар тарозӯи мошинро бармекашидагӣ нест. Пеш

аз ба Маскав рафтанам гуфта будам, ки коре карда тарозуро соз кунед. Ана иҷрои хоҳишу фармон.

— Устоҳои аз Душанбе омадагӣ аз саҳарӣ боз дар меҳмонхона масту аластанд. Рафтам, ваъда доданду наомаданд. Аз дасти худам наояд, —худро сафед карданӣ шуда гуфт Давлат, вале ин гапи ӯ қаҳри Петровро зиёд кард. Ӯ оҳиста қадам зада сӯи мошин рафт то, ки аз назди коргарон андаке дуртар дилашро холӣ кунад.

— Дар аскари будӣ? –баъди аз қафои теппаи сангӣ гузаштан пурсид Петров.

— Ду сол хизмат кардаам, —ҷавоб дод Давлат.

— Бисёр хуб. Медонӣ, ки дар армия як қоидаи олиҷаноб ҳаст. Барои гапгардонӣ ҷазо медиҳанд, ин як. Дуюм, аз ӯҳдаи кор набароӣ меомӯзонанд. Иҷро кардан нахоҳӣ, маҷбур мекунанд, ки корро ба субут расонӣ. Ман ҳам минбаъд ба шумо аз рӯи ҳамин қоида муносибат мекунам. Дар кори мо «наметавонам», ин шуд, вай шуд бояд набошад. Фақат иҷро кардан даркор. Ҳозир вақт надорам. Соаташ биёяд ба ту мефаҳмонам, аз дастат наояд ёдат медиҳам, нахоҳӣ аз рӯи қоидаву қонун ҷазо ҳам мегирӣ. Боз ман як такягоҳи дигар дорам. Ба падарат ва бобои Ғуломалӣ арз мекунам. Баъд худат медонӣ, ки аҳволат бад мешавад. Ҷӯра таъкиди аввалу охирам ҳамин, супориш ки шуд, сарата дар санг мезанию иҷро мекунӣ. Фаҳмидӣ?

— Фаҳмидам, Владимир Николаевич. Хато гузашта бошад, бубахшед.

— Кӯшиш кун, ки минбаъд хато накунӣ. Ман рафтам. Мошинҳо, ки бор оварданд, ба миёнаҷои майдон холӣ мекунию болои борро бо брезент дуруст пӯшонида навбатдор таъин карда баъд ба хона меравӣ.

— Ҳамаи фармудаатон иҷро мешавад.

— Воқеан, аҳволи мӯйсафед чӣ тавр? –бобои Ғуломалиро дар назар дошта аз роҳ бозистода пурсид Петров.

— Ду рӯз боз хабар надорам. Аз касалӣ хеста буд, ба фикрам. Вақташ хуш аст.

— Ба фикрат, лекин медонӣ, ки як беақлӣ ба ту чӣ қадар мушкилӣ овардааст?

— Кадом беақлиам, Владимир Николаевич?

— Майдаи чуб кашиданат.

Давлат чизе нафаҳмид, вале аз муомилаи охирини Петров хушҳол гардид. Рамуз гирифт, ки директори иттиҳодия ӯро беҳуда

сарзаниш накард. Дар ҳақиқат аз нофаҳмӣ коргаронро беҳуда сафарбар кардааст ва дар муддати ду шабонарӯз на танҳо одамонро азоб додааст, худ низ ҷисману рӯҳан монда шудааст. Балки дар набудани Петров ва боридани барф хуни дил хӯрдааст, ки ба чорво офате нарасад.

Петров бегоҳӣ баргашт ва баъди дидани корҳо ба Давлат гуфт: —Корҳоятро саришта карда бошӣ, биё ҳамроҳ меравем.

Сардори майдон коғазҳои рӯи мизро ба зуддӣ ҷамъ оварда ба папкааш андохт ва дари вагонро маҳкам карда ба мошин савор шуд.

Давлат аз аҳволи Зарина ду рӯз боз хабар надошт ва ин дам аз қисми қафои мошини Петров нишаста фикр кард, кӣ, чӣ ҳодисае шавад ва чӣ кори зарур барояд, ин бегоҳ ҳатман ба назди Зарина меравад. Дар дил сад гапи гуфтанӣ дорад, лекин ҳаво аллакай торик, шаб шудааст ва боз Петров ӯро, аз афташ, ҷавоб додан нахоста ба идорааш мебарад. Аввало хост кореро бахона карда аз Петров ҷавоб пурсад, вале чӣ бахона меёбад, чӣ сабаб нишон медиҳад? Аз ташкил шудани иттиҳодия то ин дам ӯ хислатҳои ин мардро омӯхтааст ва медонад, ки ин одам чунон зираку рамузфаҳм аст, ки аз баромади гап охири мақсадатро пай мебарад ва касро дигар ба сухан кардан фурсат надода хатогиатро рӯирост мегӯяду шармандаат мекунад. Аз муносибати Зарина бошад бигзор то рӯзи тӯй хабар наёбад. Набошад ба падару бобояш мегӯяд, худо зад гуфтан гир. Онҳо Давлатро дар сари дастурхон чорзону мешинонаду мегӯяд, ки даҳ-бист духтарро хостгорӣ карданӣ шудем, «қади инаш паст, бинии дуюмаш пучуқ, сеюмаш зарди хунук», —гуфтӣ. Акнун худат ба русдухтар дил додӣ?

То ин вақт ба духтарҳои хушкардаи онҳо ман розӣ нашудам, имрӯз худо накунаду Зарина ба онҳо маъқул нашавад? Маълум, ки аз хонаи падару модар барои Зарина шуда баромада рафта намешавад, лекин ба ғайри ӯ парии паси Кӯҳи Қоф ба ман даркор нест. Коре кардан лозим, ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад. аз дил гузаронид Давлат. Вале ин бегоҳӣ чӣ илоҷ ёбад? Агар ҳама гапро рӯирост ба Петров гӯям, мегӯяд, ки дар набудани ман ҳама корро расво карданат кам буд, ки думболи духтарбозиро гирифтай? Дурӯғ гӯям аз фазилати мардӣ, инсонӣ намешавад. Кор ба ин тариқа мушкил давом кардан гирад, вой бар ҳолам.

Ҷои кори аввалам хуб буд. Мақсади оянда дар он ҷо маълум. Дар ин ҷо чӣ? На ин ки ман, балки дигар мутахассисон, ҳар як одами ақл доштагӣ медонад, ки дар хунукии қаҳратун говҳо ба баҳор намерасанд. Охир кор ба шармандагӣ анҷом меёбад. Ҳозир ҳам вақт аст. Ба ягон ҷои дигар ба кор равам беҳтар. Байторӣ нашуд, мудири ферма, подабонӣ оддӣ шуда кор мекунам. Дар ин ҷо ҳама чорворо сард занонда ҷиноят содир мекунию ҷавобгар мешавӣ.

Машаққати душабонарӯзию бехобӣ, хусусан ба Зарина вонахӯрдан ба Давлат асар карда, ӯро асабию хастаҳол гардонида буданд. Ӯ ин дам ба кӯдаки дардманде монанд шуда буд, ки ҳатто меҳрубонии падару модар ба ӯ сахт мерасаду инҷиқӣ мекунад.

Ба идора-вагон расиданду Петров дарро кушода чароғи электрро дар дод.

— Хайр, ана ҷои гап омад, —ба паси миз нишаста гуфт Петров ва ба Давлат таклиф кард, ки курсӣ гирифта дар рӯ ба рӯяш нишинад.

— Майдаҳои чубро ба кадом мақсад овардӣ? –пурсид Петров.

Тарсидам, ки говҳоро хунук мезанад, дарҳол ҷавоб дод Давлат ва ҳис кард, ки ҳоло боз аз хусуси камбудиҳо гап меравад.

— Дар кадом дастуру китоб хандаӣ, ки дар сангови хушку холӣ болои барф, дар зери пои гов майдаи чуб мерезанд?

— Дар ягон ҷо нахондаам. Аз рӯи ақл рафтор кардам. Дигар илоҷ надоштам.

— Дар чиллаи зимистон хунукӣ дар ин ҷо то ба чанд дараҷа мерасад?

— Мумкин то бист дараҷа расад.

— Он вақт майдаи чуб дами хунукию шамолро гирифта метавонанд?

— Не.

— Баъд чӣ кор мекунӣ?! Хиргоҳ месозию барои се ҳазор чорво печка монда говҳоро гарм мекунӣ? Солҳои оянда дар майдон адади говҳо ба даҳ, бист ҳазор сар мерасад. Он вақт аз куҷо майдаи чуб меорӣ?

— Зимистони ин ҷо хунук аст, Владимир Николаевич. Дар он ҷое, ки шумо майдони чорво сохтаед ягон сар ҷавона то баҳор зинда наменомад. Ақалан болои чорворо шиферпӯш мекардем, ки аз

барфу борон ё шамол ҳайвон худашро паноҳ медошт. Рости гап бовар надорам, ки то баҳор говҳо зинда монанд.

— Ту, ки ба зинда мондани говҳо бовар надошта бошӣ, аз подабону трактормӯ, аз дигарҳо, чӣ гила. Онҳо чӣ мегӯянд?

Бовар, ки надошта бошӣ барои чӣ ба майдон омадӣ? –Барои чӣ кор мекунӣ? Ариза навису ба ихтиёри худат ба ягон ҷои гармтар ба кор гузар. Мисли баъзеҳо ба ҷое, рав ки кораш осон бошаду пулаш калон. Туро кӣ маҷбур мекунад, ки дар сангов подабонӣ кунӣ?

Давлат ҳис кард, ки дигар чунин гапҳои сахтро бардошт карда наметавонанд. Минбаъд сӯҳбат чунин ранг гирад, ягон гапи нашудание гуфта Петровро меранҷонад. Аз ин рӯ гуфт:

— Владимир Николаевич, ман монда шудаам. Пагоҳ ҳарчӣ гӯед ихтиёратон. Ба ман иҷозат диҳед, ки хона равам.

Петров сар ба рӯи каф ниҳода хомӯш монд. Ӯ аз гапҳои Давлат сахт хафа шуд.

Бачаи мардак диплому таҷрибаи кор дораду беҳуда ду шабу рӯз ҳама коргарону техникаро саргардон карда майдаи чуб кашидааст. Барои ин кор на танҳо танбеҳ, балки ӯро аз кор рондан мумкин, вале Петров аз он гуна роҳбароне набуд, ки бо андак хато нисбат ба зеридасташон бадмуомилагию бадгӯи ё адоват пеш гиранд. Ӯ мехост Давлатро дар идора як ба як танбеҳи сахт диҳад, то ки дар оянда ҳар як қадамашро дониста монад, зеро гоҳе зури беҳуда миён мешиканад, вале ин дам аз раъяш гашт.

Мард хоҳиши Давлатро қабул кард. Ӯ пай бурд, ки мумкин ҷавон гапи сахтро бардошт накунад. Ба ҳар ҳол хатои ӯро бахшидан нахоста ба мулоиматӣ гуфт.

— Худат гунаҳгор, ки беҳуда азоб кашидаӣ. Дониста мон, ки ин хел мушкилиҳо минбаъд кам не, зиёд мешаванд. Ба ҳамааш тоқат кардан даркор. Одамоне ҳастанд, ки барои ободию осудагии халқ якумр дар азобанд. Ба ҳама сахтию хорӣ тан медиҳанд, ки падару модар, зану фарзанд, халқ, осудаю зиндагӣ кунад. Ту бошӣ, бачамард, тоқати ду шаб азоб накардӣ. Лекин ба кори таҷриба дилпур бош. Ин корро каси чорворо надидагию намедонистагӣ мекард, гапи дигар буд. Ҳайвонро худи мо эрка карда ба ин дараҷа нозук гардонидаем. Мову туро лозим, ки онро ба иқлиму табиат мутобиқ гардонем ва ман ин корро дар Сарихосор таҷриба гузаронида боварӣ ҳосил кардам. Кузмин, вай мӯйсафеди дар паҳлӯи идораат, дар вагон ҷо гирифтагӣ ду-се рӯз пас меояд. Ягон дақиқа вақти холиатро бе ӯ нагузарон. Вай

мардак, олими машҳур, хушбахтона боз одами хуб. Китобу рисола ва дастурҳои зиёд дорад. Ба кораш ёрӣ расон, бурд мекунӣ. То баҳор ба зинда мондани говҳо бе шаку шубҳа бовар намо. Фақат меъёри хӯрокаро аз нишондод кам кардан даркор нест, дигар ҳамааш табъи дил мешавад.

Ба мӯйсафеди бобоят саломи маро расон. Саҳарӣ, соати нуҳ дар ҷои кор шав, ки намояндагони вилояту ҷумҳурӣ меоянд.

Давлат хайру хуш карда аз вагон баромаду ба хотири Петров расид, ки папкаи пури ҳуҷҷату нақшаро дар мошин фаромӯш кардааст. Ӯ дарҳол аз қафои Давлат ба берун баромада аз УАЗ-ик папкаро (ҷузвдон) гирифту аз нав ба вагон баргашта коғазҳоро рӯи миз ниҳод. Ба нақшаи сохтмон, ки донишгоҳи лоиҳакашии Москва тартиб дода буд, дида духт ва ба фикр банд шуд. Ба хоираш расид, ки пеш аз ба Москва рафтан маҷмӯаи асарҳои Василий Шукшинро аз магазини китоб бо зориву тавалло дарёфта буду се ҳикояи аввалро мутолиа карда тавонист. Дигар вақт наёфт. –Барои кори пагоҳ масъалаҳои зарурироро ба хотир биёрам баъд рафта бо Василии Макарич сӯҳбат мекунам, —зери лаб гуфт худ ба худ Петров. –Ин қадар ширину гуворо менависад, Шукшин. Албатта вақт ёфта «Шукшин»-ро хондан лозим.

Нависандаҳо одамони аҷоиб. Баъзеашон як ҳодисаро парда-пӯшона, батарсу ларз менависанд. Гумон мекунӣ аз чизе ҳарос доранд. Василий Макарич бе ягон дудилагӣ, рӯирост гап мезанад. Ана ҳамин хелаш ба ман маъқул. Мард як бор ба дунё меояд. Тарсидан чӣ лозим? Камбудӣ дошта бошам ҳамчун Чапаев, мисли ҳамин Шукшин гап зан.

Дар китоби тарҷумаи зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ хондам, ки «дӯст занад табарвор, душман кушад шакарвор». Ҳай гапи хушрӯ.

Ба Давлат гуфтан даркор, ки «Шукшин»-ро хонад. Воқеан, ин ҷавон китоби бадеӣ мехонад ё не? Баъзеи онҳо ҳамин хел ба одати бад омӯхт мешаванд. Институтро, ки хатм карданд, минъбаъд аз китоб мегурезанд. «Донишманд шудем» гуфта кайфу сафоро аз китобхонӣ авло медонанд. Не, он роҳату ғизои маънавӣ ва рӯҳӣ, ки аз китоби маъқул мешудагиат, хусусан аз Шукшин барин касон мегирӣ, дар ягон роҳатхонаи дунё ёфта наметавонӣ.

Петров чароғҳои электрро хомӯш карда берун баромад. Гирду атроф ҳама ҷо торик. Танҳо лампочкаҳои (чароғҳои) дар дари вагони рӯ ба рӯи идора буда андак рӯшноӣ доштанд. Ҳаво софу беғубор

буд. Шамоли хунук мевазид. Замин аллакай яхи тунук баста, зери по оҳиста садо мебаровард.

Пиёда ба сӯи вагон –хонааш равон шуд. Дар роҳ ба хотираш расид, ки ҳангоми аз Давлат сабаби соз накардани тарозуро пурсидан гуфта буд, ки устоҳои ба ин мақсад ба Ховалинг омада мастӣ карда то ҳол ба кор набаромадаанд. Онҳоро хабар гирам, гуфта Петров бо роҳи нав ба трактор ҳамвор карда сӯи вагон-меҳмонхона рафт. Ҳанӯз ба дари вагон нарасида овози гитор ва сурудхонии ҷавонон ба гушаш расид ва аз дил гузаронд, ки ҳолӣ ҳам устоҳо нӯшонӯшию мастӣ доранд. Ӯ дар назди дар андак ист карда бо ангушти ишорат ду се бор дарро кӯфт, вале дар дохили вагон будагон сурудхонӣ доштанд ва садои даркӯбиро нашуниданд. Петров инро пай бурд ва маҳтали иҷозат наистода дарро кушода ба вагон даромад. Дар дохили вагон будагон даромадани марди бегонаро дида бошанд ҳам, бепарвоёна сурудхониашонро давом доданд. Дуди тамоку ҳавои вагонро вазнину нафасгир гардонида буд. Ҷавони қаддарози гарданборик, ки мӯи зарди фателааш то китф хамида буду ҳатто гӯшҳояш наметофтанд, дар рӯи кат нишаста як пояшро сари зонуи пои дигар ниҳода ба шавқ гитор навохта суруд мехонд. Марди чилупанҷ-панҷоҳсолаи чорпаҳӯи мӯи сараш мошубиринҷ сигор дуд медод.

Сеюм, ҷавони навхати хушандом, болои кати худ нишаста бо гиторӣ ҳамовозӣ мекард.

Дар рӯи миз як шишаи то ним шароб, қуттиҳои кушодаи консерву банкаи помидори дар намак хобондашуда, каме ҳасиб бетартиб меистоданд.

Петров дами дар рост истоданро раво надида салом дод ва курсии назди миз бударо андак қафо кашида нишаст.

Суруд анҷом ёфт. Марди калонсол аз каташ хеста ба ҳамроҳони худ гуфт.

— Бародарон. Ба хонаи мо меҳмон омад, марҳамат ба сари миз.

Гиторию ҷавони зебоандом таклифи рафиқи худро қабул карда ба гирди миз давра нишастанд.

— Хуш омадӣ, марди меҳмон. Мо камтар беодобӣ карда имрӯз аз ҳад гузарондем, —гуфт марди чорпаҳлӯ, ба се стакан ним-ним арақ рехта.

— Ту Славик, ин дафъа аз нӯшидан озод. Ба ҷои ту меҳмон мебардорад.

— Раҳмат, ман наменӯшам, —гуфт Петров. –Сурудхониатонро шунида даромадам.

— Кори хуб кардӣ, лекин ҳамроҳи мо бинӯш, —гуфт гиторӣ. –Аввал барои шиносоӣ, баъд гумон накун, ки мо араққхӯри гузароему маст шудем. Не, се-чор рӯза аз пеши занҳомон ба ин ҷои тинҷ фиристоданд, гуфтем камтар дам гирем. Баъд ана ин ҷӯраи нозанини мо имрӯз ба ҳаждаҳ даромад. Барои рӯзи таваллуди рафиқамон, рӯзи муборак, наход, ки ҳамроҳи мо як қулт нанӯшед?

Петров дар ҳолати ногувор монд. Ӯ ба вагон даромадан замон аҳволи меҳмонҳоро дида аввал нафраташ омад. Қаҳру ғазаб дошт, ки ин мардҳоро бо супориш бо Ховалинг фиристоданду онҳо «ҷои хилват» гуфта мастӣ мекунанд. Ин дам гапе шунид, ки қаҳру ғазабашро ошкор кардан, нишонаи ноодамию пастинатиро дошт. Ба таклифи гиторӣ розӣ нашудан, дар рӯзи таваллуди ҷавон нанӯшидан мумкин набуд. Ӯ стаканро ба даст гирифта каме хомӯш истод. Дигарҳо ҳам ором ва бо диққат нигоҳ карда монданд.

— Хайр, ин тавр бошад, ба саломатии ҳамин ҷавони ҳаждаҳсола, қадаҳ мебардорем. Бигузор сад сол умри бобаракат бинад! Зодрӯзат муборак, писар! –гуфт Петров.

— Раҳмат, амак. Маро хурсанд кардӣ, —гуфт ҷавон.

— Мо ҳам розӣ. Мард ана ҳамин хел мешавад, —гуфт гиторӣ.

Петров ба он ду мард стаканашро чақонда нӯшид ва аз банка як помидор гирифта газак карда аз ҷо бархост.

— Барои зиёфататон ташаккур. Ман аз шумо як хоҳиш дошстам.

— Марҳамат, беибо гуфтан гир. Ин ҷо ҳама азони худӣ. Мо якҷоя кор мекунем, ёру дӯстем, —гуфт марди чорпаҳлӯ.

— Тарозуро соз мекардед. Бе тарозу аҳволамон бад.

— Бо ҷону дил, —гуфт гиторӣ. Бахудо, ки мо ба ҳамин мақсад ба ин ҷо омадем, лекин саҳарӣ надонистем, ки ба куҷо равему ба кӣ муроҷиат кунем. Моро ба ин ҷо фиристода гуфтанд, ки ба идораи директори генералии иттиҳодия даромада пурсем. Рафтем, он кас дар Москва будаанд. Баъд ба хотири ин ҳамроҳамон расид, ки имрӯз рӯзи таваллудаш. Кор гурехта намеравад гуфта аз паси ҷашни Славик шудем. Ҳақиқатан, нисфирӯзӣ як кас омада буд, лекин мо аллакай базму тараб доштем. Бовар кунед, Ховалингро таку рӯ кофта як дона гул наёфтем, ки рафиқамона табрик кунем. Аз ҳар ки пурсем «Ҳама

ҷо барфу гул аз куҷо» мегӯянд. Лекин арақ ёфтем. Шаҳр мешуд, медонед, як даста гули тару тозаи кори калон меовардему ҳамел кашида ба гардани Славик ҳамоил менамудем. Гул наёфтем, лекин худоро шукр, ки арақ ёфта хурсандӣ кардем.

— Алексей, гапа кам кун. Бисёр нӯшида маст шудаӣ. Чӣ гуфтаната намедонӣ, —гуфт марди чорпаҳлӯ.

— Пагоҳ тарозуро соз мекунем, амак. Ба куҷо, назди кӣ равем? –гуфт Славик.

— Ба ҳеҷ куҷо наравед. Соати ҳашти пагоҳӣ ман мошин фиристода шуморо мебарам.

— Эҳа, одами зӯр будаӣ, амак. Лекин соати ҳашт мо масти хобем, —гуфт гиторӣ.

— Масти арақ нашавед, шудааст. Дар Ховалинг ҳам ҳукумат ҳаст, —гуфт Петров.

— Барои кор, ки омада бошед, тарозуро соз кардан лозим.

— Мастӣ накардаем, амак. Рӯзи таваллуди рафиқамон буду камтар нӯшидем, —гуфт гиторӣ.

— Маслиҳат ҳамин. Соати ҳашти пагоҳӣ тайёр шавед, мошин омада шуморо ба ҷои кор мебарад, —гуфт Петров.

— Фаҳмидем. Мо розӣ. Як рӯзамон беҳуда бо нағмаву усул гузашт бас, —гуфт марди чорпаҳлу.

Петров хайру хуш карда аз назди меҳмонҳо ба ҳавои тоза баромад ва гуфтаҳои ҷавони гитториро ба хотир овард. Дар ҳақиқат дар Ховалинг ба ҷои арақ гул зиёд мебуд, беҳтар мешуд, —фикр кард худ ба худ ӯ.

## БОБИ VII

Ин дафъа навбатдории Давлат андак осуда гузашт. Ӯ бегоҳӣ, ҳаво ҳанӯз торик нашуда, ҳамроҳи Ҳалим қутанҳои говҳоро давр зада аз чорво хабар гирифт. Ҳаво хунук буд. Қисми ҷавонаҳо аз хурокаи кашида оварда ба охурҳои бетонӣ рехтаи тракторчиҳо ба серӣ хӯрда истода бошанд, гурӯҳи дигар аз тарафи поёни теппачаҳои сангии

миёнаҷои қутанҳо аз шамол паногоҳ ёфта калла ба калла нохшор доштанд.

Гуфти Петров рост баромад. Дар ин ду моҳи зимистон говҳо дар ҳавои кушод одат карда пашмҳои баданашон нисбаттан дароз шуда аз хунукӣ онҳоро эмин нигоҳ медошт.

Давлату Ҳалим баъди сарриштаи корҳо ба ҷои хобашон, ба вагон баргаштанд. Чой нӯшида аз хусуси кор сӯҳбат карданд. Гиру мони имрӯза ҳардуро хастаю шалпар карда буд ва онҳо ба болои катҳои худ ба ҷогаҳ дароз кашиданд. Печи электрӣ оҳиста-оҳиста сурх шуда вагонро таъби дил гарм карда буд. Лампаи болои миз рӯшноӣ дошт. Давлату Ҳалимро хоби хӯш бурд.

Мисли ҳамон шаби аввали зимистон, ки дар ҳамин вагон, шаби навбатчигии Давлат Ҳалимро аз тарси барфи нахустин аз хоб бедор карда майдаи чубкашонӣ бурд, ин дафъа Ҳалим Давлатро тарсонд. Ӯ субҳ надамида аз хоб бедор шуда ба берун баромад, ки ҳаво софу беғубор аст. Ситораҳо дар чунин шаб ба дида равшантару пурҷило менамоянд. Ҳалим як лаҳза беихтиёр ба тамошои осмони беканору ситораҳои бешумор дода шуд. Ҳарчанд ба тан ҷома пӯшида берун баромада бошад, хунукӣ ба ӯ таъсир кард. Дасту по ва гӯшҳояш ба сӯзиш даромаданд. Вале тамошои осмони софи пурситора ҳушу ёди ӯро ба худ бурда буданд. Ӯ ба гӯшаҳои дуродури осмон назар карда ҳамин тариқ боз тамошо кардан мехост, лекин ба ногоҳ аз тарафи чапи сангови назди майдон, ки аз боло ба доманаи теппа пайваст мегардид, улоскашии галлаи гургонро шунида ҳавосаш бечо шуду саросема ба вагон даромад ва Ҳалим кӯрпаи болои Давлатро кашида ӯро аз хоб бедор кард.

— Давлат! Ҳо Давлат! Хез! Хез, ки ба пода гург қатӣ кардааст, гуфт Ҳалим.

— Чӣ гуфтӣ? Гурги чӣ? Кай қатӣ кардааст?!-пурсид Давлат харосон аз ҷогааҳаш нимхез шуда.

— Берун баро, овози галлаи гурга шунав. Бачаҳалока ҷондорҳош мегӯй тӯй доранд.

Давлат саросема ҷома дар китф ба берун баромад ва дар ҳақиқат уллоси гургон аз наздик ба гӯшаш расид. Аҷаб не, ки дар ин шаби сиёҳ ба подаи бесоҳиб зада даромада чанд говро шикамчок карда ҳаром гардонда бошанд, аз дил гузаронд Давлат ва аз нав баргашта ба вагон даромад, то ки либос пӯшида аз говҳо хабар гирад.

Ҳалим ҳам бо ҳамин мақсад аллакай мӯза пӯшида нимпӯстинашро аз сари мехи либосовез гирифт.

— Пӯшокҳои маро ҳам бигир, - гуфт Давлат.

— Ӯ пойтобаҳояшро саросема печонида мӯзаҳояшро ба пояш кашиду дар назди дар нимпӯстину телпакашро аз дасти Ҳалим гирифт ва ҳарду берун баромаданд.

— Кузминро бедор кардан даркор, -роҳравон гуфт Давлат.

— Аз дасти и мӯйсафед чӣ меояд?- норозиёна гуфт Ҳалим.

— Ҳеҷ кор наояд қуввати дил мешавад, ку. Аввал ӯро бедор мекунему баъд меравем, -гуфта Давлат аз роҳ ба тарафи чап гашта дари вагони Кузминро, ки дар паҳлӯи вагони ҷои хобаш буд, ду мушта ба куфтан даромад.

— Бачамард, оҳистатар, -шунида шуд овози Василий Алексеевич. –Ман хоб нестам. Зулфаки дарро нашиканед. Ҳозир худам мекушоям.

— Василий Алексеевич уллос кашии гургҳоро шунидед?-баъди кушодани дар ба ҳаяҷон пурсид Давлат.

— Ҳа, ин шумоед, Давлат? Шунидам. Ман пеш аз шумоён шунида будам. Намебинед, ки дарро аз тарс маҳкам кардам. Ҳозир ин даррандаҳо хатарноканд. Вақти мастию уллосашон фаро расид. Зимистон нисф шуд. Ҳамин вақт вақти кайфу сафояшон, гуфт Кузмин.

Ҷавоби мӯйсафед ба Давлату Ҳалим сахт расид.

— Дар гӯр кайфу сафояшон. Подаро расво накарда бошанд, -гуфт Ҳалим.

Мӯйсафед завқ карда хандид ва гуфт:

— Ана нав мақсади ин қадар барвақт хестану даркубиатонро фаҳмидам. Дар ин хусус осуда бошед. Гумон кардам, ки мисли ман худатон тарсидед. Ҳоҷати аз говҳо хабар гирифтан нест. Биёед ба вагони ман дароед, шуморо дар ин субҳидам бо чою мураббо зиёфат кунам. Монед аз паи кори беҳуда овора нашавед.

Давлату Ҳалими то зону дар барф ғӯтида дар дами дар меистоданд. Онҳо аз гуфти Кузмин андак тасалло ёфта бошанд ҳам, вале дар як кунҷи дилашон тарсу ҳароси ба пода ҳучум кардани гургҳо ҷо гирифта буд.

Шояд Кузмин шароити кӯхистонро нағз надонад, фикр кард Давлат. Охир зимистоне, нест, ки гургҳо аз ҳелу оғили сокинони

ин ҷо даҳ-бист бузу гӯсфанд ва говро ҳарому шикамчок накунанд. Ё Кузмин барои ба назди қутанҳо рафта хабар гирифтан ҳавсала намекунад? Хайр, мардак ба талафи се ҳазор гов ҷавобгар нест. Панҷоҳ сар ҷавонаро ба ӯ вобаста кардаанд, ки говҳои ӯ дар сари майдон, дар ҳамин наздикии вагонҳо аз ҳама чорвои дигар боло, дар як қутананд. Гург аз поёни майдон монда аз байни каҳу каҳдарза, трактору агрегатҳои каҳмайдакунӣ гузашта ба қутани говҳои мӯйсафед намедарояд. Беҳтараш рафта хабар гирифтан лозим.

— Шумо наравед, Мо як хабар гирем, - гуфт Давлат ва ҳамроҳи Ҳалим ба тарафи қутанҳо равон шуданд. Кузмин аз қафои онҳо зеҳн монда аз дил гузаронид, ки мон рафта хабар гиранд. Андак аз ҳавои тоза нафас рост карда гашта меоянд. Аз ду сар гург чӣ ки палангу шер аз тарси ҷон ба миёнаи шохи ин қадар гов ҳурбаи даромадан намекунад. Гов дар ҷои танг ва алоҳидагӣ ба муқобили дарранда музтару бечора аст. Дар ин майдони кушод аз ягон ҷондор хавф намекунад. Давлату Ҳалим диданд, ки ҳеҷ ҳодиса нашудааст, дилашон таскин ёфта бармегарданд.

— То омаданатон чой дам карда мемонам, - гуфт мӯйсафед аз қафои онҳо ва дарро пӯшида зулфакашро аз нав махкам кард ва аз болои мизи корӣ қоғазҳояшро ҷамъ оварда ба ғалладон батартиб гузошт. Аз халтачае як миқдор барги чойкаҳак гирифта ба чойникча андохта аз чойҷӯши рӯи печ оби ҷӯшидаистодаро дам карда болои онро бо як лаби дастурхон печонид, то ки хуб дам гирад ва худ болои кат дароз кашид, ки то омадани ҷавонҳо андак роҳат кунад.

— Дилат аз олимат хунук шуд, навасаи момаи Ҳусноро?-ба танбеҳ гуфт Ҳалим аз қафои Давлат оҳиста қадам зада. —Ба пешвози гургҳо дасти холӣ меравем? Ягон таёқ ё ақалан сари симе намегирем?

— Хайрият, ки ба ёд овардӣ. Ҳардумон ягон абзоле ҳам надорем. Трактора ба ҳаракат дарорӣ чӣ?

— Акомулятор надорад –гуфт Ҳалим.

— Аз дигарҳо чӣ?

— Ҳамааш кабинаҳошона қулф карда мераванд. Калиди трактори ма ба кабинаи онҳо рост намеояд.

— Хайр, ақалан ягон чуб ба даст бигирем.

— Хоҳ гуфта будӣ, ки мисли момаат гурга бо дасти луч зинда меқапӣ? Ё ту ҳамроҳи ӯ олимат ай тарс дари вагона ай дарун занҷир карда дир-дир ларзида мешинӣ?

Аз ин гап Давлат ранҷид ва гуфт:-феъли ба шир омада бо ҷон мебурояд. Ҳарчӣ мегӯм ки калонсолию гапи сахтат назанам, ки намешавад. Дар нуги забонат мудом нештар дорӣ.

— Гапи ҳақ гуфтаму ба бало мондам, - худро сафед карданӣ шуд Ҳалим. –ҳардумон бе ягон аслиҳа ҳамин хел қоз-қоз миёнаи галаи гург медуроем? Аз сардори майдон таъин шуданат ин тараф дигар гап задаат намешавад-ку додар?

Давлат дигар ҳарфе нагуфт. Роҳравон ба хотири ӯ ин дам ҳодисаи бо момояш, Ҳусноро як ба як вохӯрдани гург омаду хаёлаш лаҳзае ба айёми гузашта банд шуд.

Ҳарду хомӯш ба поёни сарой, ки зери он трактор нигоҳ медоштанд, рафтанд ва аз ғарами чӯбҳои барои маҳкам кардани гирдогирди қутанҳо оварда чени ғафсии банди даст як чубӣ ҷудо карда гирифтанд ва сӯи майдон равон гардиданд.

Ҳодисаи ба гург сар ба сар шудани кампири Ҳуснороро, ки ҳоло ҳам хаёли Давлат ба он банд буд ҳама аҳли деҳа медонистанд. Он вақт Ҳалиму Давлат ҳатто тавлид нашуда буданд. Ҳалим ин нақлро аз забони падару модар, калонсолон шунида бошад, Давлат ҳодисаро аз забони худи момаи Ҳусноро борҳо гӯш кардааст.

Айёми кӯдакии Давлат асосан ҳамроҳи бобою момааш гузаштааст. Шабҳо Давлати хурдсол дар баробари қиссаю афсона шунидан зорӣ мекард, ки ҳодисаи ба гург якка ба якка мубориза бурдани худашро нақл кунад. Ва кампири Ҳусноро хоҳиши набераашро ба ҷо меовард. Воқеаро мисли афсонаи аҷоиби «Бузаки ҷингилапо» бо забони ба худ хосу лаҳҷаи ширини модарона, бо таровати тоза ба тоза ба набераш мегуфт. Давлат ин лаҳза ба тамоми ҳиссиёт ба ҳақиқати афсонавии саргузашти момояш дода мешуд. Аз он вақт солҳо гузашта бошад ҳам ӯ баъди нақли ҳодиса дар симои момояш зани ҷасуру нотарс ва дар баробари ин ғамхорро мебинад.

— Зимистони соли охири ҷанг буд, он сол, бачаи ширин, - нақл мекард кампири Ҳусноро –Садқаи ту шавам, Давлати ҷун, ки айни чиллаи хурд, дар ҳамин Ховалинги худмон он қадар барф борид, ки замину замон, ҳама ҷоро барф пӯшонд. Рӯи бому раҳҳора ҳарчӣ меруфтанд, саҳарӣ хеста медидӣ, ки боз ҳамон қадар барф задаст. Гову мол ҳафтаҳо дар оғилҳо монд. Аз зӯрии барф ба берун баровардаашон намешуд. Дар ин соли гуруснагӣ гову мол ҳам намонда буд, бачаи ҷун. Мардум ҳамаша кушта хӯрда буданд. Дар баъзе хона як ё ду гову буз боқӣ монда буду халос. Он сол бачам соли

гурустнагӣ, балосола буд. Ҳамин бобои базарбаат, ки холӣ мебинӣ, он сол пӯст болои устухон нав ай рабочий баталон (баталони коргарӣ), аз тарафҳои Сибир омада буд. Сайдаҳмади атаи ширинат дар гӯшаи ҷанги ҷаҳонӣ буд. Ҳамин хел барфу хунукии сахт дар Ховалинги худмон солҳои дигар ҳам буду, лекин и вақт ай дасти ҷанг ҳама хонахароб гашта будем. Ғалладона, гӯшту рӯған, тару қоқ, нолаи даҳанмона барои аскарбачаҳо, ба фронт равон мекардем мо. Дар хонаву дари худмон осудаву сер бигардему бачаҳои ширини лахти ҷигармон, Баҳодуру Сайдаҳмад ворӣ ҷувонҳо дар мулкҳои ғарибӣ гуруснаву хору зор ҷанг кунанд? Не, Давлати ҷун. Як нолаи нони бе Баҳодуру Саидаҳмад хӯрда хоки даҳанум, заҳри ҷонум мегашт.

Дар хона ҳамин Зебогули очаат монда буду апаи нозанинат Гулсараи шашсола. Сайҷалоли акаи тармаргат ҳамон зимистон яксолагира пур мекард. Шукри худо, ки бобоят дардманд ҳам бошад, зинда омад. Он сол, бачаи ҷун бисёр ҷувонмардҳои нозанин ай инҷа рафта мисли Баҳодури паҳлавонум дигар барнагаштанд.

Ай аввали зимистон ба ғайри як ҷувол гандум дигар донагие надоштем. Кам-кам як сангу ним санг осиёб бурдаву як мушту ду мушт гандумбирён карда рӯз мегузаронидем. То ҳамон барфи чиллаи хурдира дар куни ҷувол, худо дурӯггӯям накунад, се ё чор санг гандум монд ё не. Барфу хунукӣ ба сари бенавою бечораҳо балои азими дигар шид. Саҳарӣ ай хоб мехестӣ, мешунидӣ, ки дар қишлоқ ду кас ай гуруснагӣ мурда бошад, дар роҳи Даҳани Шол ё Хангртак се каси дигар таги барф монда гургҳо хӯрдастшон.

Як наҳсие буд, ки одам ба як нону ду нон сер намешид. Аз нобудӣ ҳама чашми носерам доштанд. Як барзагови нозанина медодӣ, дар табақ чӣ, ки дар токӣ гандумат медоданд. Ҳолӣ бубин сериву пурӣ ба дараҷае расидааст, ки мегӯянд хонасӯхтаҳои ҷалобҳо як килло зирара ҳаштод сӯм мефурӯшанд. Ба и қадар пул ҳафт ҷувол гандум харидан мумкин. Ҳамон мардаки зира мехаридагӣ тани пӯшидаву шиками сер дорад, ки мехарад.

Ана дар ҳамон солҳои тангдастиву гуруснагӣ мо ҳам ду дасти тори сар, зору музтар мондем. Бобои Ғуломалиат аспа гирифту буду шуди давлатмон се санг гандуми дар куни ҷувол боқимондара осиёи Токак бурд. Гулсараву Сайҷалол ҳарду бемори бистарӣ буданд. Вабои табларза омада буд, он вақт. Кадом рӯзи сияҳ, дарди бедавои ӯ солҳо ба сармон омадара бгум, бачаи ҷун?! Худо дигар он рӯзҳора ба сари бандазот наорад.

Дар хона гарде надоштем, ки болои об андозем. Сад нобути мову очаат, навасаҳоям ду рӯз боз об дар даҳон нагирифта буданд.

То як ҳисси шаб дар гирди сандалӣ чашм ба роҳи бобоят баумед гап зада шиштем, ки бобоят меояду барои навасаҳои беморам ақалан гардов мепазему ҷоншона ай чанги аҷал мераҳонам…

Баъде, ки шаб ай нисф гузашт, умедмон канда шиду ҳамраҳи очаат дар бари кӯдакҳо ғалтидем.

Моргазидара хоб мебарад, бачаи ҷуну, гушнара не. Гулсараи сиёҳпичамарг аз зураи таб олоӣ мегуфту дар сари ҳар гапаш нон суроғ мекард. Нону ҷон он вақт ҳарду баробар буданд. Балки қадри нон зиёд буд.

Медонистам, ки набераҳома дард не, гуруснагӣ беҳолу мадор гардонидааст, лекин илоҷе надоштам. Ҳама умедам ба пагоҳӣ, ба омадани бобоят буд.

Қарибиҳои субҳидам як чирм хоби ноҳинҷорам бурду хоб дидам, ки бобоят аспсавор омадааст. Дар ҳавлӣ болои асп рост нишастааст, дар дасташ як фатири гарми рӯяш лолабарг ворӣ сурх. Ай фатир ҳавр мехезад. Давида пешаш рафтаму гуфтам, ки сад шукр, нон овардӣ, ҷони навасаҳома ай аҷал раҳондӣ.

Даст дароз кардаму дарзамон бобоят якбора ай назарум ғоиб шид. Дастам дар ҳаво холӣ монд, бачаи ҷун. Ин дам ай харош – хароши дари хона ҷонҳавлӣ бедор шидум. Гумон кардум, ки бобоят омадасту ҳалоовона хестам. Хобам рост баромад гуфтам ки не. Хок дар сарам! Ҳис кардам ки ҷондоре дарро харошида мақсади раҳ ёфта ба хона даромадан дорад. Ҷон ай дасту пом буромад. Ба бахти бадам равғани чароғ тамом шуда, сабил аз милт-мил сӯхтан ҳам, монда кайҳо мурдааст. Лаби токчара даст-даст карда гугирд кофтам, наёфтам.

Дасту похӯрда, ки мешудаӣ, чизи дар пешат будагира ҳам ёфта наметавонистаӣ. Ҳарчанд худма ба ғайрат гирифтам, лекин тарс то рафт дар дилам ҷо меёфт. Дар хона мардина бошад, дилат боқувват аст. Ай дасти заиф чӣ ҳам меояд? Зебогули келинма ай хоб бедор кунам гуфтам, он қадар занаки бағайрат нест. Метарсаду касалу лоҳази дигар мешавад. Болои навасаҳои касалам балои дигар меояд.

Худма бағайрат гирифтуму пеши дар рафтум. Ай роғи дар ба берун нигоҳ кунум, андак дуртар ду чашми дар торикӣ мисли аловдаста, гуфтум дилу ҷигарама сӯзонд. Зеҳн мондум, сагу рубаҳ не. Рӯи сиёҳам, як гурги дултаи ношукришуда дар рости дар болои барф

ҳамин хел баҳузур чунг шишта, барои ба хона даромадан пайт мекоба. Саг мешуд фукуш и қадар дарозу гӯшҳояш сих намебуданд. Рубоҳ и қадар ҷондори калон нест. Яқин гурги гуруснаи чиллагӣ буд.

Шунида будум, ки афту андоми шуми гурга дидан баробар дамат мегираду дигар овозу фарёд бароварда наметавонӣ, лекин мақсади ҳимояи келину набераҳом буд ё ким чии дигар, ки дар ҷисму ҷонум қувваи нав пайдо шуду фикр кардам, ки то рӯзи сафед шидан и бачаҳалока ҷондоруш ай дусар ё аз дар, ё аз дудбарои тори бом ба хона медарояду заҳрамон мекунад.

Дари хонара ба аловшур ё чизи дигаре тамба кардан мумкин, лекин дудбарои тори бома чӣ илоҷ мекунӣ? Бачаҳалока ҷондоруш ба хона, ки даромад, мисли чорвои даруни оғил аввал ҳамамона хафа карда мекушаду баъд ягонтамона кашола карда мебарад. Гурусна, бачаи ҷун, ба шер мезанад. Ин дарранда ҳам мисли мо гурусна мондаасту нафси бад, ӯро ба дари хонаи мо овардааст, чизе пеши роҳаша гирифта наметавонад.

Кофта-кофта ошбурро аз даруни суфра ба дастам гирифтаму пеши дар рафтам. Дарро андак нимроғ карда дами ошбурра ай онҷо берун бароварда «турр, гум шав, ай ин ҷо!»—гуфтам. Гург як «ғурр» гуфту дандонҳоша гиз карда ба ҷои ақибравӣ пеши дар омад. Ноилоҷ дарро пӯшидам. Ай роғи дар нигоҳ кунум ду қадам дуртар дар рӯ ба рӯм мисли аввала мунтазир чунг шиштаст.

Ба бало мондам. Фарёд, барорум, келину навасаҳом талхакаф мешаванд. Ай гург хабар ёбанд, ай у бадтар, илоҷе ёфтан даркор. Чорае надорум. Дар хона ба ғайри ҳамин ошбур дигар тезинаю яроқ нест. Ай хона буромада намешавад, ки ҳамсояҳора фарёд кунӣ. Хонамон мисли ҳозира рӯ ба рӯи сангов. Ай даруни хона овози андак-мандака кӣ мешунавад? Ба ошбур яка ба яка гурги ба шикор баромадаро зада кушта намешавад. Ба як даҳан задан ними таната канда бадар мерава.

Фикре ба сарам омаду сандалира ай болои танур гирифта ай сари раҳ ба каҷии хона мондам. Гилеми фарсудаи ӯзбакидӯхти ҷиғда-ҷиғдара, ки болои сандалӣ мепартофтем, дар болодарӣ андармон карда овехтам. Ай дил гузаронидам, ки агар гург ҳамла кунад худша яку якбора ба як хез ба хона мезанад. Беҳтараш, ки дарра ба тахтаи пушт мекушому рӯ ба рӯ ба марг меистам. Ҳарчӣ бодо бод. Дигар илоҷе надорам. Ё худо ба гург медиҳад ё ба ман.

Тобаро назди танур оварда тайёр мондаму назди дар рафтам. Ошбур дар як даст ба танаи бардарӣ рост истодаму лаби поёни гилеми шоловара бо поям капида дарра кушодам.

Гург дарро кушодагӣ дида баъди андак вақт якбора ҷаста худша даруни хона заданӣ буд, ки гилем ба сараш расида аз болодарӣ афтиду гург ба гилем печид. Исту бест накарда чанде қувват доштам ба ошбур ба сари гург фуровардам. Тарс далеру бақувватам гардонда буд.

Дарранда тан додан нахоста аз гилем худша халос кардӣ мешид. Дидам, ки дерӣ кунам гург худша халос мекунад. Даррандаи ба гилем печида кулулашудара тела дода ба даруни танур андохтаму тобаро ба даҳони чагдон (танур) монда болояш шиштам.

Гург дар ҳалқаи танги танур тову печ хурда ҳарчӣ худро халос кардӣ шуда даҳону панҷа мезад, ҳамон қадар гилеми ҷиғда ба сару танаш мепечиду ба риштаҳои пашмии гилем дандону панҷаҳояш андармон гашта ҳолаша мушкил мегардониданд.

Вақти бо ошбур ба каллаи гург заданам Зебогули очаат бедор шуда хоболуд пурсид, ки «амма дар и торикӣ чӣ тап-тап дорӣ?» Он дам вақти пурсишу ҷавоб набуд. Баъди болои това шишта ба худ омаданам дуруға гуфтам, ки гӯсола ба банд печида буд, кушодамаш.

Ягона гови аз молу ҳоламон боқӣ мондара барои ширашш шуда накушта будему ду рӯз пеш гӯсола зойда буд. Гӯсоларо ба хонаи гарм, ба ҷои хоби худмон оварда дар кунҷ баста будем.

Ягон соат болои това шиштам. Гург дар даруни танӯр ҳолӣ ҳам ҷон меканд, лекин дигар роҳи халосӣ надошт. Субҳ дамид. Зебогул бедор шуда чизеро пайхас шуда ай бари кӯдакҳо хеста ба пешум омад. Дид, ки болои тоба шиштааму дар танур чизе харош-харош, зинг-зинг дорад, пурсид: —Амма чӣ болои това шиштай?

Дигар ҷои дуруғ гуфтану пинҳон доштан набуд. –Очаи Гулсара гуфтам, —як гап мегум, худата ба даст бигиру кӯдакҳора натарсон. Рафта амаки усто Сайёда хабар кун, биёяд. Як гурги бачаҳалока дар ҳамин танур андохтам, то ҳолӣ намурдаст.

Баъд, бачаи ҷун, амаки Сайёд омаду ба бел гурга зада кушт…

Давоми рӯзҳои пуралами аз сар гузаронидаи он зимистонаи кампири Ҳусноро талху ғамангезанд. Ғуломалӣ бегоҳии рӯзи дигар аз осиёб бармегардад, ки ба сари аҳли оила мусибати вазнин омада аст. Ӯ аввало дар сари қишлоқ фиғону нолаи Ҳусноророро мешунавад. Баъди

ба хона омадан дар рӯи дӯкон ҷасадҳои тахткардаи ҳарду набераш Гулсараю Саидҷалолро, ки падарашон Сайдаҳмад ҳанӯз ҳам дар ҷанг буд, мурда мебинад. Кӯдакон аз гуруснагӣ мурда буданд.

Барои Ҳуснорою Ғуломалӣ дар зиндагӣ аз ин рӯз дида рӯзи сиёҳу мушкилтари дигаре набуд. Суханҳои Ҳалим ҳамин рӯзи сиёҳи аз сар гузаронидаи кампири Ҳуснороро ба ёди Давлат оварданд, ки ӯ сахт ранҷид.

Ҳалим ин гумонро надошт. Ақли ӯ нагирифт, ки аламу ҷароҳат, азобу шиканҷаи дар зиндагӣ дидаи падару бобо он тараф истад, ҳафтод пушти авлод ба авлоди инсон дар дили фарзанди баномус сӯзишу дард ва ҷароҳати тоза пайдо мекунаду ҷисму ҷони ӯро ба дард меоварад..

Давлату Ҳалим саросари кутанҳоро давр гашта сар задани ҳодисаеро пай набурданд. Дар бозгашт Ҳалим боз ҷанҷол бардошт.

— Ягон балора медонад, намедонад, и мӯйсафеди урус? – пурсид раҳравон Ҳалим.

— Барои чӣ намедонистааст? –гуфт Давлат. —Мардак олим асту боз ба гапаш бовар намекунӣ.

— Олим дар донишгоҳу академия кор мекунад. И мӯйсафед сангови Охтераку говҳои инҷора мисли мероси падараш аз худ кардааст.

— «Барои феълу атвори одама донистан бо ӯ ҳафт пуд намак хӯрдан даркор» —мегӯяд ҳамин Кузмин. Ин мӯйсафеда нафаҳмидаю надониста наҳ назан. Дар идора гова тадқиқ карда намешавад. Ҳайвони безабон дар подаву олим дар академия хулосаи илмӣ бароварда наметавонад. Кузмин аз ҳамин подаву гов бахт ёфтааст.

— Чӣ ёфтааст? Ҳамин вагону хунукии қаҳратун бахтай?!— хандида гуфт Ҳалим. —Давлат, додар ай ҳад гузарондӣ. И одам рӯзи дароз то миён дар ҳурвичи гов гум, дар байни пода умр мегузаронад. Боз шон и тарозучаи алоҳидаша бин. Рушқара ба тарозу ҷудо бармекашаду хӯроки омехтара ҷудо. Ба хӯроки чорво боз ким чи хел дорую хоку балои дигар аралаш мекунад. Тавба кардам, об чӣ аст, ки оба ба тарозу кашида баъд ба гов диҳӣ? Мехӯрдагии худаш нони қоқу қутии консерва. Ба вагонаш дарои аз бӯи бади дорую тамоку дамат мегирад. Зану бачаҳояш дар ким куҷои олам. Ормон намонд, ки олимаму китоб мебарорам. Ҳама и ҷонкании мову шумо барои ҳамин рӯзгузаронии сабил нест?

Аз гапҳои дар ҳаққи Кузмин гуфтаи Ҳалим дили Давлат бухс кард.

— И дағалию бадмуомилагӣ чӣ лозим, акаи Ҳалим? –дигар тоқат накарда гуфт Давлат. –И гапҳора гуфтанӣ шумо айб аст. Шумо марди зану бачадор, одами хуб ё ганда будани Кузмина надониста ҳукм баровардан аз тон магар хуб аст? –«Кал бошӣ, аввал сари худата табибӣ кун», мегӯянд. Дар ғайби мардак забондарозӣ карда ӯро сиёҳ нишон додан, ғайбат нест? Кузмин қариб чил сари сол ба манфиати халқ хизмат кардааст. Кам не, сӣ китоби илмӣ дорад, медонӣ? Мову шумо мактуби саломатӣ нависем чил хатогӣ мекунем.

— Китоб навиштаасту аз гург метарсад, ку? Ана хизматашу мӯътабариаш.

Ма ай баҳри и мартаба гузаштам, ки соли дуроз зонуҳояма қучоқ бигираму консерваи хунук хӯрам. Хайр и хел олими зӯр, ки бошад дар сари пириаш чорта роҳат куна, намешава?

— Роҳати ин хел одамҳо, акаи Ҳалим, кор аст. Инҳо бе тадқиқоту бозёфт, пешбарии кори худ, ба манфиати халқ кашфиёт кардан, нафаси озод гирифтан, зиндагӣ карда наметавонанд. Ба ин кор омухт шудааст Кузмин. Як кашфиёти тоза кардан дар илм, зарае ҳам бошад, навигарӣ дохил намудан дар зиндагӣ ба ин одамон аз ҳама ҳузуру ҳаловат, дороии дунё болотару беҳтар аст. Барои ин кор умри азизашона дареғ намедоранд.

— Ай кори и олими шумо дида магазинчигии Сафар фасон хуб нест? –якбора мисли тарошаи аз бом афтида гуфт Ҳалим.

Давлат хост гӯяд, ки ба ту сафсата чӣ гӯию нагӯй. Ин қадар гапзанию фаҳмонидан ба гӯши хар қуръонхонии домулло барин шуд. Вале Давлат боз худдорӣ карда гуфт.

Ҳама кори дунёра ба пул чен намекунанд?

— Зиндагӣ бе сӯм ҳам намешавад, —ҷавоб дод Ҳалим. – Олимат барои сӯм, боиси рӯзгузаронӣ кор накунад, барои чӣ кор мекардааст?

— Мумкин шумову Сафар фасон ҳамин хел фикр кунед. Мақсади Василий Аликсеевич агар давлат ҷамъ кардан бошад, дигар ҷо наёфта ба ин ҷо меомад?

— Хайр барои чӣ буд?

— Барои чӣ буданаша гуфтам, ку як рӯз не як рӯз худат албатта мефаҳмӣ. Ба шумо Ҳалим гап гузаронидан мушкил…

❁ ❁ ❁

Василий Аликсеевич имшабро дар паси мизи кор рӯз карда буд. Натиҷаи тадқиқотҳои дар давоми як моҳ гузаронидаашро рӯи коғаз сабт намуд. Одати мӯйсафед ҳамин. Рӯзҳо аз паи нигоҳубини чорво машғул мешаваду бегоҳӣ, баъди хӯроки шом аз чойкаҳак чой дам карда менӯшад. Фишори хунаш андак паст, ки ҳаст, аз вақти ба Ховалинг омадану дар вагон ҷой гирифтан чойкаҳак истеъмол мекунад. «Ин рӯстанӣ бароям беҳтарин даво аст» мегӯяд ӯ ва аз сари роҳу қади дара, аз баргу ғуруки ин гиёҳ як халта ҷамъ оварда дар соя хушконида гирифтааст.

Говҳои майдонро бо тавсияи ӯ дусад сарӣ ҷудо карда дар қутанҳо ҷой кунонидаанд. Аслан ҷои нигоҳубини ҷавонаҳоро қутан гуфта ҳам намешавад. Қутан барои гусфанд аст.

Дуртар аз ҳам якуним ду метрӣ дар майдони доирашакл пояҳои беқуввати бетонӣ шинонида, дар танаи онҳо боло-поён баробари банди даст чуби бурс аз ҷангал бурида оварда бо сим ба танаи пояҳо бастаанд ва онҳоро «қутан» номидаанд. Чубҳоро ба танаи пояҳо се қатор боло-поин тарзе бастаанд, ки говҳои як қутан ба дигараш гузашта наметавонад. Аз ду тарафи роҳи байни қутанҳо новаҳои бетониро қатор хобонидаанд, ки вазифаи охурро адо мекунанд. Қисми болои охур ҷои обхӯрӣ дорад. Гов ҳар гоҳе хохад сарашро аз қӯтан бароварда фукашро аз роғҳои чубии қутан ба тунукаи баробари кафи даст буда зер мекунанду аз таги он об фавора зада мебарояд. Ҳайвон чӣ кадар хоҳад муддаои дил об нӯшида фукашро аз тунукача, ки гирифт баромади об қатъ мегардад. Андак болотар даруни охур пури рушқаи реза ё хӯрокаи серғизои омехтаи тайёр.

— Хӯроку об дар пешат. Чӣ қадар, ки хоҳӣ хӯрдан гиру зуд фарбеҳ шав, ки барои таъмини аҳолӣ гӯшт даркор, —бари гардану сару рӯи ҷавонаҳора хору мол карда ҳар доим мегӯяд Василий Аликсеевич.

Одамӣ якумр омӯзад ҳам боз гоҳҳо дар пеши мушкилиҳои ҳаёт чун кӯдаки нодон, музтар мемондааст. Чунин ҳодиса ба Василий Аликсеевич ҳам рӯх медод. Ӯ медонист, ки овози трактору муносибати дағалонаи одамон, хама ҳодисаю воқеаҳои дар майдон ба амал омада ба ҳайвон таъсири манфӣ мерасонад.

Зани Кузмин Людмила Василевна дар деҳа ҳангоми ҷӯшидани гови сиёҳалояшон ҳама вақт куртаи чити ҷиғдаашро мепӯшид ва Василий Аликсеевич гоҳҳо ӯро сарзаниш карда мегуфт, ки ақалан дар ҳузури меҳмонҳо, вақти говҷӯшӣ либоси андак тозаю озода пӯшад, ки ба таъби базеҳо он куртаи ҷиғдааш намефорад.

— Гов ба ҳамин куртаам омӯхт шудааст, —мегуфт Людмила Василевна. —Дигар хел либос пӯшам аввал, ки наздик шудан наменомад, баъд монад ҳам ширашро намефурорад.

Ана чӣ қадар ин ҷонвар, нозук аст. Ин ҳоло чизи оддист. Кузмин медонист, ки гов аз ҳама ҷонзоти дигар, ҳатто аз дақиқтарин асбобҳо дида пештар аз заминҷунбӣ огоҳ мегардад…

Василий Алексеевич дар ҳалли бисёр масъала душворӣ мекашид. Дусад ҷавона дар як қутан аз аввали ба инҷо овардан ба зудӣ ба ҳам омӯхт мешаванд, вале аҷибаш ин ки рафту аз қутани ҳамсоя ҷавонае ба ин ҷо даромада монад, худо зад гӯед. Ин кори ҳазл не. Ҷавонаҳо аз хӯроки серғизо маст шуда ваҳшонияташон боло мегирад ва гови бегонаро дидан замон ба он дармеафтанд. Гов ҷисман тоб наоварда маъюб мешавад ва баъд мемирад. Аҷоибро бинед. Ҳайвон барои аз модар ҷудо шудани ҳамҷинсаш азодор мешаваду ваҳшонияташ, ки боло гирифт қотили якдигар мегардад. Одамӣ ҳам гоҳҳо чунин кирдору рафторҳо дорад. Балки хулқу атвори инсон баъзан аз ваҳшитарин дарранда ҳам бадтару манфур аст.

Муаммои дигар; ба Василий Аликсеевич як бегоҳӣ Давлат хабар дод, ки модагови харобае гӯсола зоидааст ва намедонад, ки дар ин хунукӣ онро ба куҷо барад. Мӯйсафед, ки ин дам дар қутан ба баркашидани коҳу хӯрокаи чорво машғул буд тарозую сатилро ба кунҷи анбор гузошта назди гови навзо рафт. Аз танаи гӯсолаи рӯи барф тавлид ёфта ҳавр хезад ҳам, гӯсола аз хунукӣ ларзида почак меёзонд, аз сармо раҳоӣ меҷуст. Давлат аз охури говҳо як панҷа каҳ оварда ба рӯи барф зери пои гӯсола тунук намуд. Модагов бадани гӯсоларо ба зудӣ лишта хушк кард. Дар қутан ҳама ҷавонаҳо ором буданд. Ҳар кадом суи гову гӯсола назар карда баоси меҳрубонона мекашиданд. Ҳатто ҳис карданд, ки боз як ҳамҷинсашон ба дунё омад, наслашон якто зиёд гардид.

Гӯсола аз ҷо хеста дарҳол пистони модарро ҷуста ёфт ва ба макидан даромад. –Хислатҳои модарзод, рафтори гӯсоларо дида аз

хотир гузаронида гуфт Василий Аликсеевич. –Ба ин гӯсола макиданро касе нишон надод. Худаш баробари аз ҷой хеста тавонистан калавида-калавида пистони модарро ҷуста ёфт. Хислати модарзодӣ далолат кард, ки синаи модар, чочро дар даҳон гирифта шир макад, сарчашмаи зиндагиашро ёбад. Аз ин лаҳзаю соат гусола ба олам бо қадаму диди дигар дохил гардид. Зиндагӣ минбаъд ӯро аз қафои нафс сарсону саргардони зиёд хоҳад кард. Дар талоши ҳаёт буданаш лозим, вагарна нест мегардад.

Кузмин медонист, ки барои гӯсола ҷои гарм даркор, вале мақсади тачриба ҳайвонро ба дараҷаи ёбоии аввала баргардонидан аст.

Чӣ мешавад, ки тачрибаро аз ҳамин гӯсолаи навзод сар кунам, фикр кард, Кузмин ва ӯ аз Давлат хоҳиш кард ки дар як гӯшаи қутан бо чор шифир барои гӯсола ҷои муносиб тайёр кунад, ба зери пои гӯсола каҳу пахол андозад.

Давлату Ҳалим аз дилсӯзӣ даъво бардоштаанд, ки гӯсоларо беҳтараш ба вагон, ба ҷои гармӣ баранд, вале Кузмин намонд.

— Хуб шуд, ки кадом мудири фермае моро фиреб дода, модаговро аз сар соқит кардааст. Боз бубин гӯсолаи ин гов аз зотҳои қазоқии сарсафед аст, —хурсандона гуфт Кузмин.

— Ба зинда мондани ин гӯсола ман кафил. Биёед ба ин зардаки пешониқашқа ном мемонем, —аз ҷавонҳо хоҳиш кард ӯ.

— Худатон ном монед, —гуфт Ҳалим.

— Ёфтам, бачаҳо –хурсандона гуфт Василий Аликсеевич. Дар рӯи барф, ки тавлид ёфтааст, «Мороз» номаш мемонем. Аз ҳамин соат ба нигоҳубини «Мороз» бештар аҳамият диҳед, ба гов ҳарчӣ хӯрокаи серғизо додан зарур.

Барои «Мороз» ҷои муносиб соз карданд, вале он ҷо хунук буд. Дили Давлат ба ҳоли гӯсола сӯхт.

Тифлию домони модар хӯш биҳиште будааст,
Чун ба пои худ равон гаштем саргардон шудем…

Ба гӯсола зеҳн монда Давлат ин байтро ба хотир овард. Аксари ҳайвону дарранда баробари аз модар ба дунё омадан бо пои худ роҳгардон аст, вале то пой баровардани фарзанди одамӣ, модар чӣ қадар ранҷу заҳмат мекашад? Ҳайвонҳо баъди андак вақт худашон

ризқу рӯзиашонро аз табиат пайдо карда рӯз мебинанд, вале одамӣ чӣ? Фарзанди инсон, қариб ки то ҳаждаҳсолагӣ тайёрахӯр, сарбории падару модар, ҷамъият аст. Баъзе беномусҳо (онҳо зиёданд) якумр сарбории дигаронанд. Баъзе инсонҳо он қадар нозуканд, ки обро пуф карда мехӯранд, то насӯзанд.

— Модагов хароб аст набошад гӯсола зинда мемонад, гуфтани Кузмин ҳушу ёди Давлатро ба худ оварда ва ӯ ба ин гапи мӯйсафед ҳайрон шуда пурсид: —Дар ҳамин хунукӣ?

— Бале дар ҳамин хунукӣ, —ҷавоб дод Кузмин: —Оҳую бузҳои кӯҳӣ, хирсу рубоҳ ҳама дар рӯи барф тавлид мекунанд ку.

— Ба ҳар ҳол онҳо ҳелча, ҷои паногоҳ доранд, —гуфт Давлат.

— Дар ин шамоли сангов то баҳор зинда мондани ҷавонаҳо дар гумон асту шумо мегӯед, ки гӯсолаи навзод аз марг мераҳад.

— Шамолпаноҳаш сохтем ку, —гуфт Кузмин. –Одамӣ худаш ҳайвонро ба ин дараҷа нозук гардонидааст. Вазифаи мову шумо дар бадали солҳо говро ба дараҷаи ҳайвонии аввалаш баргардонидан аст.

— Ин номумкин аст, —эътироз карда гуфт Давлат.

— Набошад, мо беҳуда ранҷ мекашем?

— Намедонам…

❁ ❁ ❁

Давлату Ҳалим баргашта омаданд ва ба вагони ҷои хоби Кузмин даромаданд. Василий Аликсеевичро як чирм хоб бурда буд ва ӯ аз дар кӯфтану дар роҳрав барфи мӯзаҳояшонро тақидани ҷавонҳо бедор шуд.

Мижгонҳои аз хоби ширин гӯиё асалолуд гаштаашро ба зӯр кушода, худро ҳушёр кард ва аз кат хеста, — марҳамат, дароед — гуфта ба паси миз гузашт. Кундаалов печкаи тунукагиро тафсонида вагонро табъи дил гарм карда буд. Давлату Ҳалим телпак ва нимпӯстинҳояшонро кашида ба либосовезаки назди дари даромад овехтанд.

— Тинҷӣ будааст, Василий Аликсеевич, —гуфт Давлат. —Беҳуда саргардон шудем, гургҳо аз лаби обкандагӣ поён нахамбиданд. Ҳозир ҳам он ҷо уллос кашида гаштанд.

— Гург гови харобу дармандро агар дар танҳоӣ ёбад, гапи дигар. Медонад, ки агар ба миёнаи ин ҷавонаҳои маст дарояд, тикаву парааш мекунанд. Як-ду соат пайт ҷуста аз ноилоҷӣ охир худро ба тори теппа мегираду аз алам уллос мекашад. Муродаш, ки ҳосил нашуд аз паи шикори дигар меравад.

— Сабил гоҳ вақт ба оғилу ферма, гусолахонаҳо медаромад, гумон кардам, ки дар ин ҷо ҳам ягон балоро ба сар мебарад, -гуфт Давлат.

Кузмин дастурхонро рӯи миз густурд ва ба пиёлаҳо чой рехт.

— Чойро мо кашем чӣ? –гуфта Ҳалим аз рӯи одат даст сӯи чойник бурд, ки онро гирад, вале Кузмин хоҳишашро рад кард. – Шумо писар хунук хӯрда омадед. Даҳони банкаи мурабборо кушоед, майлатон. Як маротиба ман чой кашида хизмат кунам зарар надорад. Шумо, охир, дар хонаи ман меҳмонед.

— Монед, Шумо, меҳмони моед, —гуфт Ҳалим. –Мо авлод ба авлод якумр дар ин кӯҳистон зиндагӣ дорем. Шумоҳо омада чанд муддат меистеду корҳоятон баробар, ки шуд, баргашта меравед.

— Меҳмон, писар як рӯзаву дурӯза меояд. Аз афташ ин дафъа ман дар Ховалинг то охири умр мемонам. Ин таҷрибаи охири ҳаёти ман мешавад.

— Ҳалим даҳони банкаро кушода ба навбат ба пиёлаҳо ду қошуқӣ мураббо андохт.

— Морозро хабар гирифтед? –пурсид Кузмин, чой нӯшида истода.

— Хабар гирифтем, —гуфт Давлат. –Мороз соқу саломат аст. Овозмона шунида ба баос даромад. Бинем ҷояш андак хунук, зери пояш тар. Камтар каҳу пахоли дигар оварда ҷояша нарм кардем.

— Модаговро тарбият кунед. Гӯсола шири серравған, ки хӯрд ба хунукӣ тоб меорад. Се-чор рӯз пас пашмаш, ки дароз шуд олам гулистон. Бало намезанадаш. Мебинед, ки аз ҳама чорвои ферма бақуввату солим ба воя мерасад. Як гови ба таъриф меарзидагӣ мешавад.

— Ҳамон качалпо, -ба тамасхур пурсид Ҳалим.

— Чӣ гуфта будӣ? Мову шумо ҳам дар аввал качалпо будем. Ҳозир бубин, як йигити чор кас медидагӣ шудаӣ.

Субҳ медамид. Рӯшноии аз тиреза ба вагон даромада оҳиста-оҳиста хонаро равшан мекард. То сар шудани кор хело вақт буд.

— Василий Аликсеевич, шумо тамоми шаб хоб накардед, чӣ?— пурсид Давлат.

— Барои ман ин вагон не, ҷони ширин, гӯед. Дар панҷ моҳи инҷо будан он қадар коғазро сиёҳ кардам, ки дар донишгоҳ дар як соли дароз наметавонистам. Якумр ҳамин хел гӯшаи тинҷу ором меҷустам, нав ёфтам.

Асоси тадқиқот гов, дар пешам. Хурду хурок ҳаст, хезуми аловӣ мерасад. Мард шаву кор кун. Ба халқ манфиат расон. Ҷаҳд кун, ки баъди сарат номатро ба некӣ ёд кунанд.

Нону консерва чӣ қадар ки хоҳам ҳаст. Бегоҳӣ нафси бадро андак ором мегардонаму ба паси миз менишинам. Шукри худо қуввату дармон дорам. Меҳнат карданам лозим, аз ҳазор истироҳатҷо дида обу ҳавои ин ҷо ба ҷисму ҷони ман форид…

— Ба чени қувват ба мардум манфиат расондан лозим, бародаро. Медонед, паҳлӯҳои зиндагиро каму беш нафаҳмидаю надониста ба кори илмӣ машғул шудан ҳам фоидае надорад, —гуфт Кузмин. –Ман садҳо деҳқони хокпошро дидааму, медонам, ки дар ақлу фаросат, одамгарӣ аз пешқадамтарин олим ҳам болотар меистанд. Зиндагониашон тинҷу осуда, фарзандонашон боодобу хушахлоқ, манфиаташон ба ҷамъият аз олимон дида бештар мерасад.

Дар донишгоҳ як марди ҳамкор дорем.Александр Кошкин ном дорад. Ин одам, олим мешавам гуфта аз баҳри зану фарзанд гузашта гӯшанишин шуд. Шабу рӯз аз паи тадқиқу нависонавис. Баъд чӣ? Кораш омад накард. Аниқтараш аз ӯҳдаи кор баромада натавонист. Доктори илм мешавам гуфта пеши синаашро ба мушт зада мегашт, охир, ки рисолаи номзадиро ҳимоя карда натавонист. Хонаю дар, зану фарзанд аз ӯ безор шуданд. Мардак бардошт накард. Ба шароб дил баст. Аз одамгарӣ баромад. Расвои радди марака шуд. Охир ки се чор нафар маслиҳат карда аз роҳи бад гардонида тавонистемаш. Маҷбураш кардем, ки дар пеши аҳли оилааш тавба кунад. Аз нав хонаобод шавад. Ҳозир ҳам лаборантӣ мекунад. Хайр, ҳар кас ба чени қуввату тавоноиаш. Зӯри беҳуда миён мешиканад, гуфтаанд. Ҳарчанд олм шудан осон бошаду одам шудан қиин, лекин Кошкини мо на олим шуду на одами хуб. Ҳоло солаш мисли худам ба ҷое расидааст,

лекин ба ҷамъият фоидаи кам овард. Дар зиндагӣ ҳам дасти касеро гирифта ба одамон некӣ он тараф истад, муомилаи хуб карданро ҳам ёд нагирифт. «Шабушк дар ҷандаю иллат дар ганда» мегӯянд. Рафтори Кошкин ба ҳамин гуфтаҳо рост меояд. Дар пиёлае, ки шумо чой нӯшида бошед он кас ба даст намегирад. Гӯё микробҳоятон ба ӯ мегузаштааст. Ба буридаи нон даст занед, онро намехӯрад. Ба автобусу тролейбус савор намешавад, ки он ҷо одамон зиёданд. Мункин аз нафаси ягонтои онҳо касал гузарад. Дар ҳамин солу замон аз хона ба ҷои кору аз ҷои кор ба хонааш бо велосипед равуо мекунад. Ҳамкорон велосепеди ӯро дида гоҳ –гоҳ шӯхи мекунанд, ки Кошкин бо «Форд» -аш омад. Дар хона пар задани пашшаеро бинад, худо зад. Гумон мекунӣ, ки ҳама вабои олам ба сари ӯ фурӯ рехту ҳамон паша азроилест, ки ҳамин замон ҷони Кошкинро меситонад. Афту андоми худаш хӯсаи байни полез. Пӯст болои устухон. Олуфтагию озодагӣ ҳам лозим, лекин ин тариқаш ба бадӣ кӣ намезанад? Ёру ошноҳо ҳамкорон муносиб ба рафтору кирдораш ба ӯ «Кӯҳрӣ» лақаб монданд. На дар хона ва на дар ҷои кор ба касе рӯи хуш надиҳӣ, ки аз ту муттаҳам аст, ки пешат таъзим кунад? Зану фарзанд аз ин хел мард силкасал намешаванд?

Ана акнун, бачаҳо худатон хулоса бароред, ки барои ҷамъият Ҳалими равғанолуд хуб аст ё Кошкин? Ин писарро бинам аз саҳар то бегоҳ бо трактораш машғули меҳнат. Мудом даҳан пури ханда. Гоҳ аския мегӯяд, гохӣ дигар бинӣ шӯхию вақтхӯшӣ дорад. Кори даҳ мардро ба ҷо меорад. Фаҳмишаш аз Кошкин зиёд асту кам не. Дар байни мову шумо ин хел ҷавонҳо заруранд. Одами нек ҳам хислатҳои нодуруст дорад. Роҳ, ки рафтӣ пеши по мехӯрӣ. Поят ба санг куфта хун ҳам меояд. Лекин бархеста сангро бероҳа мон, ки марди аз қафои ту меомадагӣ ба ин санг пешпо мехӯрад.

— Ана дидӣ Давлат? -аз суханҳои Кузмин рӯҳ гирифта гуфт Ҳалим. —Сад маротиб мегуфтам, ки ман одами андак нестам, ту тамасхур мекардӣ. Ақл аз хурдию калонӣ, аз хондани зиёд набудааст ку? Минбаъд гапата дониста гӯ!

Давлату Кузмин хушҳолона табассум карданд.

Оби чойҷӯши болои печка аз нав ҷӯшид. Кузмин аз халтача ба чойнак чойкаҳак андохт ва онро дам кардан ният дошт, ки Давлат

«Ма худам», гуфта ӯро намонд ва зуд аз паси миз гузашта чой дам кард.

— Аз мураббо гиред. Нон шиканед –муроот кард Кузмин. Наҳории ин саҳараи мову шумо, ҳамин мешавад, -гуфта мӯйсафед ба пиёлаҳо чой рехт. —Баъзеҳо ку аз гаҳвора то тобут нон хӯрда умр мебинанду лекин гоҳҳо мешавад, ки появу хӯша, нони гандума намешиносанд. Ин муболиға не писар, ҳақиқат аст, -ба гап даромад аз нав Кузмин.

— Гап дар хусуси нон рафту ҳикояти ба афсона монанде, ки дар хурдсолиам шунида будам ба хотирам омад, онро ба шумо нақл мекунам.

Дар ким кадом замоне дар як кулбаи нимвайронаи деҳаи мулки кӯҳистон як марду зани ҷавони ба ҳам тифоқу меҳрубон умр ба сар мебурданд. Дар он мулк каҳтиву гуруснагӣ сар зада моҳу солҳои дароз давом мекунад. Аз гурустнагӣ қисми зиёди мардум ба ҳалокат мерасанд. Дар кулбаи он марду зани ҷавон ҳам аз хӯрданӣ чизе боқӣ намемонад. Аз ягон ҷои дигар умеди ба даст овардани қути лоямуте ҳам надоштаанд. Аз байн се чор рӯз ё кӣ медонад, як ҳафта мегузарад. Зану шавҳар аз панҷаи марги яқим ҳарчӣ илоҷи халосӣ меҷӯянд, зинда мондан мехоҳанд, намеёбанд. Як нисфи шабӣ шавҳар баъди андешаю фикри зиёд ба занаш мегӯяд, ки ягона роҳи аз гуруснагию мурдан эмин мондан тифли парпечашонро кушта хӯрдан ҳаст.

Модар, ки синаи раҳм аст, ба ин кор албатта розӣ намешавад. Аз байн боз як рӯзи дигари бенавоӣ бо азобу машаққат паси сар мешавад. Бегоҳӣ марди аз гуруснагӣ дар талвосаи ҷон аз ваҳшӣ, балки аз хунхортарин дарранда ҳам бадтар гардида, аз занаш боз кушта хӯрдани кӯдакашонро талаб мекунад.

Номард мебинад, ки занаш розӣ намешавад, пайт ҷуста тифлро аз домони модар ба зурӣ чанг зада, кашида мегираду бадар меравад.

Модари бечора аз сӯзи фарзанд рӯканону оҳу фиғонкашон аз дунболи шавҳар меафтад. Мард мехоҳад ҳарчӣ дуртару дуртар рафта то домони кӯҳ расад ва аз чашми зан пинҳон шуда кӯдакро ба қатл расонад, бо гӯшти ӯ нафси бадашро ором диҳад.

Ин дам ду буз дар сари шахи кӯҳи сар ба фалак бо ҳам дар ҷанг буданд. Сиркаҳо шояд бо мақсади ба тӯдаи худ сарвари ягона

шудан мубориза мебурданд. Ин лаҳза яке аз онҳо ба дигаре ғолиб омада бузи мағлуб ногаҳон аз сари шах хато хӯрда сарозер меафтад ва ҷар шуда, ҷар шуда аз санге ба хорсанге бархӯрда ба поёни дара омада меафтад. Мард ин ҳодисаро дида тифли парпечро ба рӯи роҳ гузошта аз паи ба даст овардани луқмаи худодод мешавад. Ин тасодуф сабаб мегардад, ки кӯдак аз марг раҳо ёбад ва зану шавҳар низ аз чанголи гуруснагиву мурдан эмин монанд.

Рафту буз намеафтид чӣ? Вай одамсурати ҳайвонбашара ҷигарбандашро яқин бо дастони худ кушта мехӯрд. Ҷиняте содир мекард, ки аз дунёбино то ба имрӯз дар олам касе онро содир накардааст…

## БОБИ VIII

Бегоҳирӯзӣ Ҳалим дар тан корҷомаи брезентӣ ба вагон-идораи директори иттиҳодия ворид шуда, бо Петров салому алек кард ва ба курсии назди миз нишаст.

— Ягон хизмат буд, писар? –пурсид Петров, баъди коғази болои миз, наздаш гузоштаро аз назар гузаронидан.

— Омадам, ки ба меҳмонӣ даъвататон кунам. Марҳамат, имшаб ба хонаи мо, —гуфт Ҳалим.

— Чӣ, ягон хурсандӣ доред? –пурсид Петров.

— Имшаб соли нава ҳамраҳӣ шумо якҷоя пешвоз гирифтанием. Бо падару бародарҳо маслиҳат кардем. Аҳли оилаатон дар ин ҷо нестанд, шумора танҳо мондан нахостем.

— Аҷаб кори хуб мешавад, писар, лекин ман ҳам мисли шумо ба хонаи муҷарадиам меҳмон даъват кардаам, набошад бо ҷону дил мерафтам, —гуфт Петров.

— Ҳамроҳи меҳмонатон биёед, чӣ зарар доштааст? –гуфт Ҳалим. –Падарам илтимос карданд, баъд, бобои Ғуломалӣ гуфтанд, ки аз номи он кас аз шумо хоҳиш кунам, не намегӯед.

Петров ба ин таклифи холисона розӣ шудан ва нашуданашро надониста монд. Ӯ нисфирӯзӣ баъди аз кори чорводорон хабар

гирифтан ба Кузмин гуфта буд, ки ин бегоҳ омада ӯро ба вагон-хонааш мебарад ва соли навро бо ҳам якҷоя пешвоз мегиранд. Ин ҷавон бошад ӯро ба меҳмонӣ даъват карда истодааст. Аз ҳама муҳимаш гапи бобои Ғуломалиро нагирифта намешавад.

Ҳалим дар рӯ ба рӯи Петров маҳтали ҷавоб истод.

— Мебахшед, шумо писари кӣ мешавед? –пурсид Петров баъди андак фикр. Ӯ Ҳалимро аз ин пеш дида буд, вале аз кадом авлод буданашро намедонист.

— Бачаи Ғозиқул, —гуфт Ҳалим

— Ҳа, ба ёдам омад. Шумо боз ду бародари дигар ҳам доред? –пурисд Петров.

— Ҷураву Давлатманд акаву додарам мешаванд. Яктоаш ҳамроҳи падарам дар сохтмон кор мекунаду дигараш булдозерчӣ аст, —гуфт Ҳалим.

— Ба ростӣ, ки раҳгум задам, —гуфт Петров. –Ба меҳмонӣ нарафта ҳам наметонаму рафта ҳам.

— Барои чӣ наметавонед? Шумо розӣ шавед, ма мошин дорам. Меҳмонтон дар куҷое, ки бошад гирифта меорам. Шумо корро, ки буд кардед, ба хонаи мо меоед. Ин қадар орзую ҳавас карда баумед наздатон омадему шумо розӣ намешавед? Аз дил гузаронида будам, ки шумо мумкин ба хонаи мо омадан намехоҳед. Барои ҳамин назди бобои Ғуломалӣ рафтам, —ба илтиҷо гуфт Ҳалим.

— Хом набудаӣ, бача, —табассум карда гуфт Петров. –Хайр меҳмонӣ бошад, меравам. Мошинатон кадом тамға?

— Ҳозир ма бо трактор омадам. Жигулиам дар хона аст. Рафта тракторама мемонаму мошинма мегирам.

— Э, не, намешавад, —эътироз кард Петров. –Барфи роҳи ба майдон мерафтагира наруфтаанд. Аз рафтуои мошину тракторҳо сахт шуда, саросар ях бастааст. Шумо бемалол ба хона равед. Ман худам Степан Аликсеевичро гирифта меорам. УАЗ-ик дар ин роҳ усувортар. Хонаатон дар куҷои деҳа?

— Дар ҳамин наздикӣ. Ҳо ҳамон ҷое, ҷои мавҷгири телевизион месозанд. Ҳамон ҷо аз қафои бинои яслӣ, хонаи Ғозиқул, ки гуфтед ҳар кас нишон медиҳад. Худам ба сари чорраҳа баромада интизоратон мешавам. Меҳмонатон ҳамон олим аст?

— Ҳа, худи худаш. Ӯро мешиносӣ?

— Якҷоя кор мекунему барои чӣ намешинохтаам? Он касро ҳамраҳи Давлат гирифта меорам. Кор пухт, Владимир Николаевич, —гуфт Ҳалим, хурсанд шуда. –Шумо ягон ташвиш накашед. Ҳозир худам ба сари роҳ мебарояму ба ягон «Камаз»-и (тамғаи мошин) он ҷо мерафтагӣ шишта рост ба хона меорамашон. Мо интизор, —гуфт Ҳалим ва аз дари вагон баромад.

❁ ❁ ❁

Болоҳуҷраи Ғозиқул тозаю озода, рубучин карда, рӯи қолинҳои ҳафтранги хушгул курпачаҳои махмалу шоҳӣ густурдаанд. Рӯи дастурхон дар қатори нону кулчаҳои ширмол дар лаълиҳо қанду қандалот, себу нашботӣ, ангуру чормағз ва дигар меваю анвои хӯрданӣ муҳаё. Дар як гӯшаи меҳмонхона арчаи солинавиро мисли аруси нозанин оро додаанд. Дар баробари асбобу анҷоми ороиш ба гирди арча чароғҳои хурди гуногунрангро шадда карда ба хатти қувваи электр пайвастанд, ки ҳар замон дар гирифтаю хомӯш шуда ҳусни арчаро афзун менамояд.

Дар фарқи арча ситораи панҷгӯшаи зебое ниҳода, дар даруни он чароғаки сурх фурӯзон аст.

Ҳалим баъди ба хона овардани Кузмину Давлат бо мақсади гарм кардани болоҳуҷра ҳезум оварда парағаҳои майдакардаро даруни печ болои ҳам чида як пора тапакро ба руғане, ки дар сатили назди бочка, дар каҷии ҳавлӣ буд, тар карда ба ҷои пешдаргирон ба таги ҳезумҳо ҷо намуду алов дар дода аз бародари хурдиаш Ҷӯра, ки ҳамроҳи падараш нав аз кор баргашта буд, хоҳиш кард, ки аз алови печ хабар гирифта истад.

Имшаб дар хонаи Ғозиқул чорабинӣ ё маросими ғайриоддие ташкил накарда буданд. Мардак бадавлат, бахонаву дар, ҳамроҳи се писари хонадор дар ҳамин ҳавлӣ якҷоя зиндагӣ мекунанд. Ҳар сол аз баҳор аз байни молҳо гусфандеро фарбеҳ мекунад ва баробари даромадани чиллаи зимистон онро мекушад.

— Руғани гусфанд аз ҳама доруи дунё ҳакимай, —мегӯяд, Ғозиқул.

Имрӯз ӯ аз саҳарӣ писарҳои калонӣ Ҳалиму Ҷӯраро аз хоб бедор намуда гӯсфандро кушта пӯсту гӯшт карданд ва ҳангоми наҳорӣ Ҳалим

пурсид: —Ата, чӣ мешава, ки бегоҳӣ ду се каси ба дил наздик қати бишинему сӯҳбати хоса кунем?

— Барои чӣ намешудай. Шумо кори хайр кунен, мо розӣ намешавем? Шукр, ки дар хона ҳама чиз ҳаст. Ба келинҳо бигӯ, ки хамир кунанд, тайёрӣ бинанд, ёру ҷӯраҳо, киро, ки хоҳед хабар кунен, биёянд, мешинем. Мо як одами тайёрахӯр. Ҳамроҳи меҳмонҳо ай боло мегузарему хизмат тани шумо, бачаи ҷун, —гуфт падар ва баъди андак мулоҳиза фикре ба сараш омаду пурсид: —Чӣ мешава, ки ҳамин Петрова ҳам хабар кунӣ?

— Меояд? –пурсид Ҳалим.

— Барои чӣ намеомадаст? Албатта меояд. Кората, ки буд кардӣ ӯро ба меҳмонӣ хабар куну бобои Ғуломалию Сайдаҳмада гирифта биёр. Петров ягон баҳона кунад, бигӯ, ки бобои Ғуломалӣ хоҳиш карданд, гапи он каса ба замин намемонанд. Хуб кардӣ бачаи ҷун, ки ба ёдам овардӣ. Петров қариб, ки ба хонаи ҳамаи мардуми қишлоқ меҳмон шудаасту то ҳолӣ намаки мора начашидааст, —гуфта буд Ғозиқул.

Ба мардуми ин ҷо аз қадим боз одат ҳамин. Рӯзона аз паи кору рӯзгор шаванд, бегоҳӣ ба хонаҳои худ, ки омаданд, аз паи суроғи ҳамсояву касони ба дил наздикашон ҳар кадом ҳамнишин, ёру рафиқи худро даъват мекунанд ва дар меҳмонхонаҳо панҷ-даҳ нафарӣ нишаста бо ҳам сӯҳбат меороянд. «Занги дили одамро одам мерабояд», мегӯянд.

Меҳмонҳо омаданд. Аз бари болои ҳуҷра бобои Ғуломалию Петров, Кузмину Саидаҳмад ва Ғозиқул, аз қисми поён Давлату Ҳалим давра оростанд. Писарони дигари соҳибхона Ҷӯраю Давлатманд (Давлатманд, ки бо номи бобояш номгузорӣ шудааст ӯро Бобоҷон низ ном мебаранд), ба меҳмонҳо хизмат мерасониданд.

Ба гуфти Ҳалим ангишти Донбас, ё кӣ медонад, шояд аз Шӯроб, мавҷак зада печи чӯяниро метафсонид. Ҳавои ҳуҷра табъи дил гарму ҳаловатбахш, ҳузуру ҷон буд.

— Садқаи қадамҳотон, хуш омаден! –гуфт Ғозиқул, баъди ҷо гирифта нишастани меҳмонҳо, одоби мизбониро ба ҷо оварда ва бобои Ғуломалӣ даст ба дуо бардошт.

— Хайрияти қадами меҳмонҳо, баракат ба и хонадон, хурсандии ҳамдигар, тани сиҳату хотири ҷамъ –гуфта мӯйсафед дуо кард. Дигарҳо даст ба рӯ кашиданд.

— Барои мӯйсафедҳо таксарӣ (болишт) биёр, андак бароҳат бишинанд, —гуфт Ғозиқул ва писараш Ҷӯра ба ин мақсад ба хонаи дигар рафт.

— Дар чӣ ҳолӣ, пири кор? –пурсид Петров аз Кузмин, ки дар бари ӯ нишаста буд. Ду се рӯз аз паи овардани хуроки чорвою корҳои сохтмон шуда шуморо он қадар ҳолпурсӣ накардем.

— Корҳо нағз, Владимир Николаевич, —гуфт Кузмин. –Майда-майда ҷумбуҷул дорем. Дар назди майдон лаборатория накушоем намешавад. Таҳлилу тадқиқот, муоинаҳои моро дар донишгоҳҳо дер аз назар мегузаронанд. То ҷавоби як тадқиқотро мегирӣ, ки ду се моҳ мегузарад. Шумо ба ман танҳо як вагони холӣ ёрдам кунед, дигар ҳама ташвиш ба гардани худам.

— Вагон дорем, Василий Алексеевич, —гуфт Петров. –Лекин бе қувваи электр дар вай, лаборатория, чӣ кор карда мешавад?

— Хайр шумо сардор шуда, ки хатти электрро аз ин ҷо кашида набаред, аз дасти мо ин кор намеояд, —гуфт ба танбеҳ Кузмин.

— Худатон медонед, ки корҳои тадқиқотӣ чӣ мушкилиҳо доранд? Даврaҳои ҷавониам мешуд, гап дигар буд. Аз меҳнату машаққат шикоят намекардам. Аз сар шудани кор кам не, ҳашт моҳ гузаштаасту мо ҳозир ҳам бе қувваи электрикем.

— Як ду ҳафтаи дигар тоқат кунед, —гуфт Петров. —Барои кандани ҷои чуқурие, ки сими электрикиро мехобонӣ, экскаватори роторӣ лозим буд, овардем.

— Барои чӣ пештар ин корро ба ҷо наовардед? –Ҳанӯз ҳам қаҳраш паст нашуда гуфт Кузмин.

— Гуфтам, ку мутахассис намерасид, Василий Алексеевич. Аз овардани экскаватор ба ин ҷо як моҳ гузашт. Дар ин муддат соҳиб меёфт, медонед, чӣ қадар корҳоямон пеш мерафт? Корхонаи бетонро сохтему қувваи электр нест, ки ба кор сар кунем. Аз набудани электр коргарҳо дар сменаи шабона кор карда наметавонанд. Тобистон рӯзҳо дароз буданд, ҳозир чӣ? Аз соати нӯҳи саҳар то соати шаши бегоҳ танҳо дар як смена кор кардан мумкин. Як дизел дар обекти сохтмонӣ чӣ қадар қувва дода метавонад ба худатон маълум.

— Хайр намешавад, ки аз ҳисоби бачаҳои таҳҷоӣ мутахассис тайёр кунед? –гуфт Кузмин. –Ба омӯзишгоҳу техникумҳо ҷавононро фиристонед, касб омӯзанд омада кор кунанд. Ба ҳар қишлоқ равӣ, даҳҳо ҷавон даст дар кисса аланг-саланг бекор мегарданд. Сохтмони инҷо якрӯзаву якмоҳа набошад, ки ба умеди коргарҳои аз шаҳрҳои дигар меомадагӣ шавед.

— Ин гапҳоро барвақт гуфтан лозим буд, Василий Алексеевич, —андак ранҷида гуфт, Петров. –Баъди он ки мо худамон дараки корро ёфтем, баъд шумо маслиҳатгар мешавед.

Худи ман ҳам фиреб хӯрдам. Гумон доштам, ки мисли сохтмонҳои дигар ба инҷо мутахассисони зиёд меоянду муқимӣ мешаванд, лекин саҳв кардам. Дар ин ҷо одамони таҳҷоӣ бештар манфиат мерасонанд.

Ин вақтҳо подабон ёфтан мушкил. Ҳама гӯшт хӯрданро мехоҳанд, лекин касе нигоҳубини говро ба зима намегирад. Садқаи давлат шавам, ки нону либос, ҳама чизи зарурии инсонро муҳайё кардааст. Мардҳо кучарубӣ, либосшӯиро ба гардан мегиранду подабон шудан намехоҳанд.

Пайдоиши касалу дардҳои паҳншаванда, пешгирии эпидемияи ҳайвон чӣ?

Худатон Василий Алексеевич ҳамаи инро аз ман беҳтар медонеду боз шикоят мекунед? Панҷ панҷаро якбора дар даҳон андохта намешавад. Масолеҳ набошад, як катаки мурғ сохтан мушкил. Мо бошем шаҳрчаи нав бунёд мекунем. Насосҳои обкашию фермаҳои чорвонигаҳдорӣ, заводҳои асвалту бетон, косерваю гӯшт, қасри маданияту биноҳои маъмурӣ, хулоса ҳамин тавр ҳисоб кунем дар як соат тамом намешавад. Сементу қисмҳои деворҳои биноҳо, чуб тахта, ҳатто меху хиштро аз марказ, аз роҳи дур кашида овардан лозим. Роҳи мошин боз ҳамвору соз бошад.

— Чӣ ҷои шикоят, —дилтиҳӣ карда гуфт Сайдаҳмад. –рӯз аз рӯз корҳо хуб шуда истодаанд. Ба хаёлам ба кор сар кардаему бубинед, ки чӣ қадар ҷойҳо обод шуданд. Дар дашту теппаҳои Тутак хато накунам, панҷоҳ трактор замин ҳамвор мекунад. Як рӯз аспсавор рафта дидам, мардакҳо ҳай меҳнати хуб доранд. Дар куҷо дидед, ки бе мушкилию камбудӣ шавад? Ё шуморо имшаб ба ин ҷо меҳмонӣ

нею ба маҷлис даъват кардаанд? Хап карда шинам, шумо то рӯз даъво кардан мегиред. Сар кардани кор дар ҳама ҷо мушкил.

Имшаб хурсандию хушбахтӣ кардан даркор, ки номи ҷанг гуму одамон осуда зиндагӣ доранд.

Петров хушҳол гардид. Аз дил гузаронид, ки бо вуҷуди мушкилӣ, чуноне Сайдаҳмад гуфт, корҳои зиёдеро ба субут расонида тавонистанд.

— Шунидам, ки як говатон гӯсола зоидааст, зинда аст? –пурсид баъди андак хомӯшӣ Петров аз Давлат.

— Зинда аст, Владимир Николаевич, —гуфт ба ҷои Давлат Кузмин. Гӯсоларо ҳеҷ бало назадааст. Мороз номаш мондем.

— Мороз? Мороз номи хушрӯ, —Гуфт Петров.

— Дар чиллаи зимистон рӯи барф, ки таваллуд шуд, чӣ номаш мемондем? –гуфт Кузмин. –Ҳамроҳи Давлату Ҳалим кофта-кофта ҳамин номи Морозро ёфтем. Навъи қазоқии сарсафед аст. Дар як ҳафта пашм баровард аз мурдан раҳид.

— Минбаъд ҳушёр шудан даркор, ки аз хоҷагиҳо ин хел говҳои харобаро аз сарашон сокит карда шуморо фиреб надиҳатад, –гуфт Петров.

— Саҳв карда бошанд, ҳам кори хуб шуд, —гуфт Кузмин. –Бояд худи мо барои тачриба ба майдон ғуноҳин меовардем. Ман ҳам мисли саҳви шумо, Владимир Алексеевич, баъди зоида шудани Мороз хатои худамро фаҳмидам. Мо бояд як гов не даҳ-понздаҳ сар ғуночини ҳархеларо аз аввали зимистон ба майдон меовардем, лекин аллакай дер шуд. Ҳамин Морозу модарашро то баҳор соқу саломат расонда тавонем, чӣ мепурсӣ. Як давлати калон. Аз зимистони оянда тачрибаро давом медиҳем.

— Тачрибаҳои то ин вақт гузаронида ягон натиҷа доданд ё не? –пурсид Петров.

— Баъзе номафҳумиҳо маълум гашт, —гуфт Кузмин. –Медонӣ, ки гови аз майдон то ба комбинати гӯшт бурдагӣ аз дигар ҳодиса не, фақат аз тарс панҷ-шаш кило гӯшт бой медиҳад. Сохтмони заводи гӯштро дар ҳамин ҷо тезонидан лозим. Худатон ҳисоб кунед, ки аз ҳар ҷавона панҷ кило гӯшт бой додан чӣ қадар зарар меовараd?

— Даҳ-дувоздаҳ тонна, —гуфт Петров, баъди андак фикр кардан.

— Ана дидед. Ин рақам зарари кам не, бист ҳазор сӯм гуфтанӣ гап аст, —гуфт Кузмин. –Ин нуқтаро дар хотиратон нигоҳ доред. Баъди панҷ навъи ҷавонаҳои парвоиро ба комбинат бурда пӯшту гӯшт кардан, узвҳои дарунӣ, устухону гӯшту равғанашонро ҷудо-ҷудо баркашидам. Аз ҳар қисм андак гирифта барои тадқиқ ба лабораторияҳо (ҷойҳои таҳқиқ) фиристодам. Ҳазир аниқ ба шумо мегӯям, ки назар ба ферма дар ҳавои кушод парво кардани чорво барои саломатӣ ва тараққиёти организм даҳҳо баробар беҳтар аст. Говҳои зоти қазоқии сарсафед назар ба ҳамаи навъҳои дигар дар шароити ин ҷо бештар манфиат меоранд. Агар ҷавонаи зоти маҳаллӣ дар як хел шароити хурок дар як шабонарӯз то 600 грамм вазн гирад, пас говҳои қазоқӣ, то як кило вазн мегиранд. Ин, дӯстам аниқ. Метавонед шубҳа накунед. Худатон медонед, ки то ҳол дар ягон ҷои дигар ҷавонаи ҳаштмоҳа дар як шабонарӯз як кило вазн нагирифтаасту мумкин нагирад, аммо инҷо мегирад. Ана барои ин мӯъҷиза меҳнату машаққат меарзад. Ин хабари хӯш тӯҳфаи ман дар соли нав ба шумо, Владимир Николаевич.

— Шумо, шумо, Василий Алексеевич, маро хурсанд, балки хушбахт кардед! –гуфт Петров…

Мард шод гашт, зеро медонист, ки дар як шабонарӯз то як кило вазн афзудани ҷавонаи ҳаштмоҳа нишондиҳандаи баландтарин дар чорвопарварист. Ӯ барои ин хабари хӯш намедонист, ки ба Кузмин чӣ гуна миннатдорӣ баён кунад.

Ба ҷисму ҷони Петров гӯи ин дам хуни тоза, қуввату мадори нав илова гардид.

— Раҳмат, ҳазор раҳмат ба шумо, Василий Алексеевич, —гуфт Петров.

— Садқатон шавум, меҳмонҳо, шумо ба гап гир шида на чой мехӯрену на ба меваҳо назар мекунен, —гуфт Ғозиқул.

— Сайдаҳмад, танбеҳатон дод, бас накардед, ма маҷбурам, ки ягон чораи дигар бинам. Охӣ меҳмон ҳам и тариқ мешавад? Ай нашпотиҳои бобоии мо чашида бинен. Қанду набот ин хел лаззат надорад. Ба асал назар кунен, —гуфта Ғозиқул як дона нашботиеро, ки ранги гули хор зарду зебо буд аз лаълӣ гирифта бо корд пора карда назди Кузмин, болои дастурхон гузошт. Чинии пури асалро аз миёнаи дастурхон ба пеши меҳмонҳо гузошт.

— Аз асалӣ хуштамъу хушбӯ бичашен, —гуфт Ғозиқул. –Асали тозаи моҳи май аст. Аз замбурҳои (ору) худам ба ҳавас гирифтам. Ба ҳазор дард даво аст и асал. Бигир Сайдаҳмад, ай ҳами асал ба пиёлаи бобои Ғудломалӣ андоз.

— Шумо ҳам ору мепарваред? –пурсид Петров ва буридаи норо ба асал тар карда ба даҳон андохт.

— Дорем, раис, —гуфт Ғозиқул. –Чор қуттии замбӯр доштам, и баҳор боз се қуттии дигар илова шуд. Ҳар сол ду се сатил асал мегирам, ба омаду рафтагиҳо, кӯдакҳо мерасад.

Баҳор дар заводи бетон кор мекардам. Як рӯз вақти дамгирӣ пеши қаровулхона ҳаст ку, ҳо ҳамон ҷо болои сабзаҳо ҳамроҳи коргарҳо дам мегирифтем. Бинам дар чойлоби барои ангурҳои нав шинонда сим кашида, замбӯри зиёде ҷамъ омадаасту ғунгос зада ким чӣ «машварат» доранд. Гуфтум, ки ай куҷое қаҳр кардаанд, набошад дар и сангов замбури асал чӣ мекобад. Аз афташ нав парвоз карда омада то ҳол ҷои муқарарӣ наёфта будаанд. Хайр гуфтум и замбурҳора набарум ай хонаи соҳибашон қаҳр карда омаданд дигар ба он ҷо барнамегарданд. Дар ин ҷо ҳам макони дуруст намеёбанд. Дар атроф чӣ бсёр ҷангалу дарахт. Парвоз карда мераванд. Дар ягон сӯрохии дарахти чормағз ё арчаи пир ҷо мегиранду ҳайфи зор мешаванд. Ай хирси ҷангалӣ дида худам манфиату фоидашона бинам, хуб мешавад. Фурсати сандуқ овардан набуд. То хона омада мерафтам, ки дер мешуд. Парвоз карда рафта гум шуданшон ай эҳтимол дур набуд. И тарафу он тараф кофтам, ай таги кати хоби бобои Ғаюри қаровул як қобча (линча) ёфтам. Мӯйсафед аз афташ барои сементбарӣ оварда буд. Пурсидам, бобои Ғаюр қобчара дод. Эҳтиёт карда занбурҳора якта намонда озод ба қобча гирифта ба хона овардам. То нисфи шаб сандуқи нав соз карда ҳамаша ҷо кунонидам. Хайрият, ки сарвари оила, очазанбури калон ҳамроҳшон буд. набошад ай хонаи ма ҳам қаҳр карда мерафтан. Баъд нигоҳубиншон кардам омӯхт шиданд. То тирамоҳ занбурҳо ба ҳафт оила расид. Ай порсола ҳам асали зиёд гирифтам. Шириаи гулу гиёҳи ҷои мо зиёдай.

— Қандата зан, бачаи мир –гуфт бобои Ғуломалӣ баъди нақли Ғозиқул.

— Медонӣ, муаллими Абдурозиқи худмон ҳар сол ай ҳами замбур дусад-дусаду панҷоҳ кило асал мегирад. Бачамард дар и

кор ҳай усто шидаст. Хам аҳли оилаша таъмин мекунаву ҳам қисми зиёди асалҳоша ба давлат месупорад.

Аҳмади Мардон чӣ? номарди ландаҳур ҳоташа ғандаҷорубу тутакалук лағат кардасте. Оби Чашмаи Замбурак ай пеши ҳавлиаш мегузара, хушаш намедиҳад, ки ду бел зада як пал пиёз ё ду ҷӯяк бодиринг сабзонад. Халта сари гардан мебинӣ дар бозори Кӯлоб картошкаву сабзӣ кофта гаштаст. Дарахти нозанини пеши ҳавлиша муру ҳашарот сар то сар хӯрда нобуд кардааст. Гардани зану кӯдакҳош барои як чакра ширу дуғ, пораи қоқи себ каҷи дари хонаи мардуманд. Нангу номус, ки надошта бошӣ ба гуфтан ҳам намешудааст. Зани бечорааш ай зуқ-зуқа дар даҳонаш дандон намондасте. Аҳмад ҳамон Аҳмади порина. Мисли кулӣ дам кардааст. Ай қаровулии магазин, ки омад мебинӣ мисли буми сари кунда чанд вақте дар болои курасанги паси хонааш мешинаву баъд ба ҳелчааш медроя. Бачаҳалок ай хов серӣ надошта бошад? Дар и Ховалинг ду се гову моли фирҳол дошта бошӣ дар пуштаву дара ба даҳони худшон чарида дар се чор сол понздаҳ бист сар мешаванд. Як дарахти себи пайвандира ба самар расонӣ муҳобот нашавад як тонна ҳосил меорад. Ҳам ба аҳли оила бас асту ҳам зиёдатиша метавонӣ бозор бубарӣ. Гелосу ноку чормағз, туту олуболу, олучара намегӯӣ. Шукри дастурхони пури нону мевагии Ғозиқул, ки ай меҳнати худату бачаҳоят аст, лекин бачаҳои ҷун хато накунам пештар Ховалинг боғҳои хуб дошт. Эҳа, тутҳои музаффариву бедонае, ки дар Ховалингу Сарихосор бе об мерӯид, дар дигар ҷои рӯи замин намедидӣ. Ай касофатии муҳоҷиркунӣ қишлоққо хароб шуданду и мулк бе соҳиб монд. Раҳакиву рӯҳакӣ подабону даҳмардаи ба и ҷойҳо омада мева мехӯрданду мебурданд, бало ба пасшон, лекин ҳама дарахтҳора шикаставу бурида саросари боғҳора вайрон кардаанд. На меваи боғ монду на дарахти ҷангал. Боғҳои усто Сайёду Раҳимбой ворӣ то ҳозир ку боғ? Ҳайф, сад ҳайфи боғҳо. — Ҳукуматдорҳо баъди панҷоҳ сол нав хатогишона фаҳмиданд. Ба ободонии Ховалинг сар карда албат, қишлоққои хароб ай нав обод мегарданд, боғу роғ ҳам бунёд мекунанд, —гуфт Сайдаҳмад, барои тасаллои дили мӯйсафед…

— Аспа ай якҷоӣ баровардӣ? –пурсид Сайидаҳмад аз Ғозиқул.

— Ҳамӣ, бачаи калон медона, —ба писараш Давлатманд ишора карда гуфт Ғозиқул. —Мо аз паи кор, ба аспсуворӣ намерасем.

— Се саҳарӣ шуд, ки ай якамех кушода кам-кам мегардонамаш, -гуфт Давлатманд.

— Фарбеҳи нағз шидаст? –пурсид Сайдаҳмад.

— Ба сағринаш даст расонда намешавад, -гуфт Давлатманд.

— Аспа тарбия кун, бачам, -гуфт Сайдаҳмад. –Мо роҳатша, ки дидем, гашта-гашта дар сари пирӣ боз асп гирифтем. Якрӯза сувории асп баҳои дунёҳай. Ҳолӣ ҳеҷ кас ба назар намегирад, лекин дар рӯзи зуромад асп кор меоя, бачаи ҷун.

Вақте ки бобои Ғуломалию Сайдаҳмад ва Ғозиқул гарм сӯҳбат доштанд, Петров дафтарчаи хотираашро аз кисса бароварда ким-чӣ навишт. Дар давоми рӯз мабодо фикри наву маъқуле ба хотираш меомад, барои фаромӯш накардан онро ба давтарчаи хотира мухтасар навишта баъдтар дар он хусус мулоҳиза мекард.

Владимир аз меҳмонии имшаба хурсанд буд. Ҳангоми сӯҳбат донист, ки мардҳо дар бораи масалаҳои аҷиби зиндагӣ сухан ронданд. Хуб шуд, ки ба хонаи Ғозиқул ба меҳмонӣ омаду дар ин ҷо чӣ қадар гапҳои навро шунид. Ба мутахассисон маслиҳат карда аз ҳоло ба ниҳолшинонӣ тайёр шудан лозим, қарор дод, Петров. Ақалан як бригадаи ниҳолпарварӣ ташкил кардан лозим. Се чор одами хунарманд ниҳол сабзонида аз навъҳои хуби меваҳо пайванд кунанд. Дар хоҷагиҳои ҷангал совхозҳои дигарро ба ниҳоли навъи беҳтарин таъмин намоянд. Дар қад-қади роҳу обканда, ҷоҳои чорво чаро карда наметавонистагӣ арару сафедор, дарахтҳои мева, шинонем бурд мекунем. Ҳам замину хокро аз вайроншавӣ нигоҳ медорему ҳам меваю чуб истеҳсол мекунем. Дар ҳар қадди дараи бекора ҳазорҳо ниҳол шинондан мумкин. Баъди чор панҷ сол на танҳо мева фаровон мешавад, балки аҳолӣ бо масолеҳи чубу тахта таъмин мегардад. Он вақт тахтаро аз ҷангалҳои Сибир не, аз ҳамин Ховалинги худамон истеҳсол менамоем…

❁ ❁ ❁

Ин лаҳза, тобистон ҳамроҳи бобои Ғуломалӣ сафари кардаашон ба ёди Петров расид. Он вақт баъд аз беморӣ сиҳат шуда хестани

мӯйсафед ҳамроҳи ӯ ба Сарихосор рафтанд. Он рӯз ба мӯйсафед гуфта буд, ки аз авҳоли подабонҳои дар чароҳгоҳҳои тобистона буда хабар мегирад. Мӯйсафед, ҳарчанд ба ин сафар розӣ набуд, вале ӯро ба ҳолаш намонд. Онҳо ба самалёт (тайёра) аз Ховалинг ба Сарихосор ва баъд, аспсавор ба деҳаи Боғи Зоғон, ба он ҷое, ки Петров бори аввал ҳамроҳи Кузмин қутан сохта зимистонро дар хайма гузаронда буд, рафтанд.

Одамӣ ҳамин хел хислат дорад. Ҷои як бор дидаашро боз ҳаваси дидан, рӯзҳои аз сар гузаронидаашро ба хотир овардан мехоҳад.

Петров дар ҷои пештара аз қутану ҷои хайма нишоне наёфт. Ҳама ҷоро алаф зер карда буд. Буттаи шулаши дар пушти хайма аз бех буридааш хадраву навдаҳои нав бароварда, дар айни нашъунамо буд. Ҳавои салқину форам, «бӯи гули кӯҳиву алафзори чарогоҳ», ба ҷисму ҷони бобои Ғуломалӣ ҳузуру ҳаловат бахшиданд. Ин ҷо назар ба Ховалинг салқинтар. Аз ин рӯ, тобистон ҳамаи подаи ноҳия ба пуштаву теппаҳои сералафи Сарихосор оварда шуда, қариб панҷ моҳ дар ин мавзеъ мемонанд. Бобои Ғуломалию Петров аз болои асп то чашмрас дар хамгашту доманаи кӯҳҳо гурӯҳ –гурӯҳ говҳои ба чаро машғулро тамошо карда аз як пода ба дигараш мерафтанд ва баъди соати дамгирӣ аз нав ба роҳ мебаромаданд.

Он вақт бобои Ғуломалӣ гуфта буд, ки дар пуштаву ёлаҳо боғҳои нав бунёд кунад. «Говпарварӣ кори хуб аст, лекин ҳар кор ҳаду ҳудуд дорад», гуфта буд, мӯйсафед.

Саҳарии барвақт аз Боғи Зоғон ба сӯи Муллоконӣ ба сафар баромада, баъди аз ёла гузашта чанд муддат аз байни дара роҳ паймудан ва қарибии нисфирӯзӣ ба хаймаи подабоне, ки дар зери гелоси сари баландӣ бокеъ буд, қарор гирифтанд.

Айни гелоспаз буд. Дарахти гелоси сар то ба навда ғарқи ҳосил ин дам чун арӯси нозанин дар чашм ҷилванамоӣ мекард.

Саидмуроди подабон меҳмонҳоро дида, аз болои теппаи дар рӯ ба рӯ буда хамбида омад. Ӯ камони думила сари китф ду кабки куштагӣ дар бағал дошт.

— Ризқи меҳмон пеш аз худаш, -гуфта Саидмурод хушҳол кабкҳои сарбуридаро ба меҳмонҳо нишон дода, худнамоӣ кард.

— Саҳарӣ подара ба пушта сар додаму ай ёла болотар баромада ҳамин кабкҳора задум, -гуфт Саидмурод ва гумон дошт, ки меҳмонҳо аз шикори ӯ хурсанд мешаванд.

Бобои Ғуломалӣ кабкҳои мурдаро рӯи даст гирифта хуб зеҳн монд ва ба афсӯс гуфт: -Бача, гуноҳи азим кардаӣ, уболи дунё гирифтаӣ. Ҳозир айни тухмхобонии кабк аст.

Петров ҳам тарафи мӯйсафедро гирифт. Гуфт, ки камон гардонидан кайҳо манъ асту шумо ба қонун итоат накарда паррандаҳои хушрӯйро шикор мекунед.

Саидмурод хиҷолат кашида бошад ҳам, подабониашро баҳона оварда.

— Дар и ҷангалу ҷойҳои беодам сад хел чуқу ҷондорай - гуфт подабон. — Як маротиба ба хирси курбарзангӣ рӯ а рӯ биёӣ баъд марди ғаюр мефаҳмӣ, ки камон даркорай ё не. Мард бошӣ, як шаб тоқа дар и ҷойҳо бест, баъд мебинамат, ки камон мегирӣ ё не. Петров мазмуни гапҳои Сайдмуродро бе тарҷумон фаҳмида гуфт:

— Медонӣ, ки на кабкро паррондан мумкин, на хирсро? Барои ин кор одамону идораи махсус вобастаанд. Гумон накун, ки паррандаву ҳайвонҳои ваҳшӣ бесоҳибанд. Давраи бесоҳибиашон гузашт, минбаъд и корро накунед.

Саидмурод аз дил гузаронид, ки то омадани табар кунда меосояд. Шумо ин ҷо як соат ним соати дигар меистед. Боз ман медонаму пуштаву ҷангал. Ҳар чӣ хоҳам ҳамон мекунам. Нафорадат биё таёқи маро гиру подабонӣ кун. Ман ҳам мисли ту дасту по, қуввату ғайрат дораму дар таҳдашт кор карда метавонам. Барои ҳамин ҳавои тозаашу мевaву шикор подабон шудам. Даҳ қадам дур аз ту селаи кабк қақба кунаду ту бачамард бе гӯшт шинӣ, худоро хуш намеояд. Ҳоло маззаи суяки (устухони по), ин ҷонвар дар решаи дандони ту ҳам кора кунад, баъд мефаҳмӣ, гӯшти кабк чӣ мӯъҷиза будааст.

Подабон кабкҳоро гирифта ба лаби чашма хамбид ва дасту остин барзада онҳоро пар канда тоза намуд. Хуб шуст ва ба сатил об гирифта баргашт. Ӯ равғани пештар доғ кардаро ҳамроҳи гӯшти кабк якбора ба дег андохта ба болояш як каф намак партофту дастурхони саҳарӣ бо нон гиреҳ карда ба шохи гелос бастаро ба назди меҳмонҳо густурд ва баъд аз хайма сатили дигареро гирифта мӯзаҳояшро аз пояш кашида тори гелос баромад.

Петров дар ҳамин ҷо бори аввал дар дастурхони Саидмурод нони товагиро диду гумон кард, ки мардак саросема шуда нонро ба дастурхон чаппа печонидааст. Ӯ медонист, мардуми инҷо ин корро аз рӯи одат раво намебинанд ва нонро дигар тараф гардонида дид, ки ҳарду рӯи он якхелаанд. Бобои Ғуломалӣ ба ӯ фаҳмонд, ки чӯпону подабонҳо ба зери санг алов мемонанд ва хамирро болои санги тафсон рӯ гардонида мепазанд. Онҳо аз нохушӣ онқадар кадбонуе нестанд рӯи нонро нақш кунанд. Зебогию хушрӯии нон ҳам аз дасти боназокати зан аст.

Товагиро дида Петров нонҳои болои алови печ пухтаи модарашро ба хотир овард. Фарқ танҳо дар он буд, ки ҳар ду рӯи товагӣ дурушти якхела аст. Рӯи нонҳои модараш мисли рӯи худи ӯ ранги лолабарг сурхи нозанин буданд.

Петров лаби товагиро шикаста буридае аз он ба даҳон андохт ва баъди фурӯ бурдан, ҳайрон монд, ки лаззату тамъи товангӣ ширин аст. Аз ин рӯ аз бобои Ғуломалӣ пурсид: -Ин нон аз ордҳои муқаррарӣ аст.

— Не, подабонҳо дар осиёби маҳаллӣ орд мекунанд, -гуфт мӯйсафед.

— Осиёби ҳукуматӣ гандума андак месӯзонад таъму лаззати нони аз орди осиёи сангӣ пухтагӣ бомазза аст. Боз оби чашмаҳои ин ҷо ширин. Хуштаъмии нон аз оби хуб ҳам аст.

Мардуми дар ин тобеот пеш зиндагӣ мекардагӣ ба каси аз ин тарафҳо ба Ховалинг мерафтагӣ таъкид мекарданд, ки нашаваду аз обҳои чашмаҳои поён об хӯрад, ки заковаад ва ба касал заданашон мумкин. Ана чӣ қадар боэҳтиёт буданд мардум.

Петров баъди таърифи мӯйсафед аз сатил ба косаи чубин об рехта нӯшидан хост, вале баъди ду қулт нӯшидан бозистода: -Ваҳ! Ин қадар хунук будааст!, -гуфт.

— Оби чашмаҳои ин ҷоро дам гирифта, ки нахӯрӣ, наметавонӣ –гуфт бобои Ғуломалӣ. Саидмурод то ними сатил гелос чида фуромад ва баргҳои аз саросемагӣ ҳамроҳи мева чидаашро сар-сар карда гирифту меваҳоро шуста ба коса андохт ва ба назди меҳмонҳо болои дастурхон гузошт. –Як ҷой монам, гуфта, —подабон аз нав сатилро гирифта барои овардани об ба лаби чашма хамбид.

Насими атромез бӯи гулу гиёҳро ба димоғ муаттар мерасонид. Петров андак озурдахотир менамуд. Ин дам хониши мурғон ба гӯшаш форам расиду ӯ ба кабкҳои дар деги подабон бирён шуда назар афканда аз дил гузаронид, ки ҳамин чанд соат пеш кабкҳо мисли мурғони хӯшилҳон бо ҷуфти муносиби худ дар парвозу хониш буданд. Ин мард барои нафси бади худ онҳоро ба марг ҳукм кард. Ба ин подабон чӣ гуна мефаҳмонӣ, ки инсон бо ана ҳамин алафу гиёҳ дарахту ҷангал, паррандаҳои хушхон, бо гову аспу хирсу хугҳои ёбоӣ зинда аст. Ва фарқ танҳо дар он аст, ки одам назар ба дигар мавҷудоти олам шуурнок, бо ақлу фаросат аст ва бояд ҳама дигар мавҷудотро муҳофизат кунад. Барои афзоиш ба онҳо ёрӣ расонад. Ҳамаи онҳо мӯҳтоҷи дастгирии одаманд. Рафту мисли ҳамин марди подабон ҳар яки панҷ милиард аҳолии курраи замин ҳар рӯз камон гирифта ду паррандаро ба марг ҳукм кунад, ё дарахтеро бибурад дар он сурат курраи арз аз ҷуқу ҷондор, гиёҳу наботот холӣ мемонад.

Баъди нисфирӯзӣ бобои Ғуломалӣ аз Петров хоҳиши шаршараи Сафедобро дидан кард. –Аз солҳои муҳоҷиршавӣ, ки гузарам ба ин тарафҳо наафтодааст, —гуфт мӯйсафед.

— «Сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр». Ин қадар раҳ, ки омадем кирои саргардон шуданамон шавад.

Петров розӣ шуд. Гуфт, ки шаршараву ҷангалистони атрофи онро аз дур, аниқаш аз баландии верталёт (чархбол) дидааст, вале ҳангоми тадқиқот замину ҷангалҳои ин мавзеро фурсати аз наздик тамошо кардан нарасида буд.

Мавзеи Муллоконӣ, ки шаршараи Сафедоб онҷо воқеъ аст, яке аз манзараҳои зебо ва назарраби диёр аст. Қад – қади дараву ҷариҳо то домани кӯҳҳои сар ба фалак ҳар қадар боло рафтан гирӣ пуштаву теппаҳои анбӯҳи дарахтҳои азиму буттаҳои сарсабз, ҷангалзори касногузар, чашми бинандаро ба худ мебарад. Зелолу фарку заранг дар домани теппаҳо рӯида бошанд, дар бари шаху нишемани кӯҳ арчаҳои ҳамешасабз сар ба фалаканд. Дар назари аввал ин кӯҳу дара ва ҷангалзорҳо хапу хомӯшанд. Бинанда гумон мекунад, ки дар ин ҷо ҷонзоте умр ба сар намебарад, вале дар асл дар инҷо суғуру рӯбоҳ, гургу хирс ва ҳатто палангро дучор омадан мумкин аст.

Бузу гӯсфандҳои кӯҳӣ аз ҳама боло, дар доманаи қуллаҳои барфпӯш, дар камари харсангҳои азим барои худ ҷои муносиб ёфта аз тарси даррандагону шикорчиён панаҳ меёбанд. Рӯзона онҳо гоҳ-гоҳе аз домани кӯҳпояҳо, ба чаманзорҳои камхатар хамбида чаро мекунанду шабона боз ба ҳамон камари кӯҳҳо баромада, аз чашми ғайр панаҳ, меёбанд.

Барфи сари теппа ва қуллаҳои осмонбӯс аз ҳарорати офтоб об шуда бошад ҳам, дар пастхамию даррaҳо ва пуштаҳои сояхам ҳанӯз андак-андак барф боқӣ мондааст. Обҳои ин тармаҳо аз даррaҳо поён шорида руди пурғалаёнеро ба вуҷуд меоранд, ки дар аввал мисли шири навдӯшида кафк дар лаб буда, рафта-рафта чун палангу бабри хуннушида дар ғазаб шуда, баъди сар ба сангҳои хоро задан андак ором гирифта аз миёни теппаҳо гузашта то ба Балҷувон ва аз он ҷо ба таҳдашти Қизилмазору Фархор рафта худро ба дарёи Панҷ меандозад ва чун дар синаи модар таскину ором меёбад.

Шаршараи Сафедоб ба қадри ду осиёб об аз баландии қариб сад метр аз бари шах яку якбора ба поён, ба буни ғор фуру мерезад. Садои ғулгулафкани шаршара то ба дуриҳо меравад ва ба дилҳо ваҳм меангезад. Гирду атрофи ин мӯъҷизаи асрорангези табиатро саросар арчаҳои азимҷуса печонидаанд.

Бобои Ғуломалию Петров чанд муддат шаршара ва атрофи онро тамошо карда, ба оби он дасту рӯ шустанд.

— Аз ин об бихӯр, Владимир, - гуфт мӯйсафед, дар ҳолате ки худ ба каф об гирифта нӯшид. –Ин оби табаррук аст. Медонӣ, ки дар паси ҳамин шаршара чанд вақт, марди майдон, Восеи диловар аз душман панаҳ бурдааст?

— Не, намедонистам, —гуфт Петров. –Он кас ба ин ҷойҳо ҳам омада буданд? Дар паси ин шаршара зиста мешавад?

— Ай овози об дуртар биравем, нақлат мекунам, -гуфт мӯйсафед ва аз зери арчаи дар рӯ ба рӯи шаршара воқеъ буда, андак дур рафту болои санге нишаст.

Петров назди ӯ рафт.

— Вақте ки Восеи моро аз ёрон ҷудо мекунанду ба мақсади қапида баста ба дасти нукарони Музаффархони манғит супоридан аз дунболаш меафтанд, ӯ тани танҳо ба ҳамин ҷо меояд ва чанд муддат ана ба паси ҳамин шаршара паноҳ меёбад, -гуфт бобои Ғуломалӣ.

Петров медонист ва хонда буд, ки уқобон аксаран дар баландии фазо мемиранд. Шери жаёнро даст гирифта ба дом афтондан осон нест ва агар мабодо онро занҷирбанд гардонию танҳо монӣ, шаби аввал худро ҳалок месозад. Инсон ҳам зодаи табиат аст. Марди шуҷоъ, шахсе, ки рӯҳи шикастнопазир дорад, озодиро эҳсос кардааст, ҳамин гуна хислатро дорост. Восеъ, он марди майдон, ки дар дил шӯълаи умед, орзуи озод зистани халқро пешаи худ қарор дода буд, ба мақсад расида натавониста дар рӯзи навмедӣ шояд ба модар –табиат рӯ оварда, имдод ҷуста ба ҳамин ҷо омада бошад.

Паи қадами муборакӣ он кас, ки ба ин ҷо расида бошад, оби ҷонбахши ин шаршара табаррук аст. Ва Петров ба лаби рӯди аз шаршара ҳосилшуда рафта ба соҳили он ба зону заду кафи худро аз об пур карда ба серӣ нӯшид. Ӯ дар умри худ чунин оби сарди мисли асал ширинро дигар нанӯшида буд.

Айни гармии бегоҳирӯзӣ хониши мурғакони хушилҳони ҷангал ва қақбаи кабкони дарӣ ба оҳанги тарабангези шаршара ҳамовоз гардида форам ба гӯш мерасид. Парастуҳо дар фазои болои руд ба парвоз буданд. Қисми онҳо аз тарафи поёни дара паст фуромада ба оби руди поёни шаршара, ки рафта-рафта андак бомаром ҷорӣ буд, парвозкунон синаҳояшонро андак тар карда, боз тирвор ба фазо баланд парвоз мекарданд. Шукӯҳу шаҳомоти шаршараи Софедоб дар миёнаи ҷагалзори сабзу хуррами то доманаҳои силсилаи қаторкӯҳҳо тул кашида ва гунбази нилгуни осмони софу беғубор дили Петровро ба тамоми зебоиҳо мафтуну шайдои худ гардонида буданд. Мард мулкҳои ободи зиёдеро дида буд, вале он чи, ки имрӯз, ҳоло ба чашми худ медид, дар хаёлаш нотакрор, беҳамто намуд. Ӯ ғарқи тамошо ба шаршара дида дӯхт ва ногоҳ чашмаш ба паррандаи заринболи аз достак андак калонтар афтид, ки тирвор худро ба паҳнии резиши шаршара заду аз дида нопадид гардид. Аввало хаёл кард, ки саҳв кардааст ва мумкин чашмашро об бурда бошад, ки лаҳзае нагузашта парранда бо ҳамон суръате, ки худро ба резиши шарора зада буд, аз мобайни он баромада дар фазои болои ҷангал болафшон аз дида ғоиб шуд.

— Амаки Ғуломалӣ, шумо дидед?! – Бо ҳаяҷон ба зонуи мӯйсафед даст ниҳода гуфт, Петров –Ман саҳв кардам ё он чӣ ба чашмам намуд ҳақиқат аст? Мурғаки хурд моку карда худашро мисли тир ба

ҳамон паҳнои миёнаи шаршара заду баъди чанд муддат боз аз ҳамон ҷо шаршараро бурида ба ҳо –ҳамон тараф парида рафт.

— Он парранда шаст ном дора, -оромона ҷавоб дод мӯйсафед.

— Ҳеҷ ҳайрон нашав, фиреб нахӯрдаӣ. Мурғи ҷасур дар холигии танаи шахи дохили шаршара лона мемонад, ки дигар ягон чуқу ҷондор ба он ҷо даромада лонаша вайрон, чӯҷаша нобуд карда натавонад. Ҳолӣ ба ҳамон ҷои дидагиат боз зеҳн мон, шаст баргашта меояд. Ҳамин вақт айни чӯҷабарорию парвозӣ кардани чӯҷаҳо шудааст. Ҳозир мебинӣ, ки ҳамон мурғ ягон чиз дар нул боз худаша ба тезии шаршара зада ба он тараф мегузараду шиками чӯҷаҳоша сер мекунад.

Петров аз гапи бобои Ғуломалӣ ҳайрон аз шаршара чашм наканда нигарон истод, ки дар ҳақиқат мурғаки зоринбол боз аз куҷое пайдо шуда мисли аввала худро ба шаршара зада нопадид гардид.

— Дидам, амаки Ғуломалӣ! –гуфт Петров, чун кӯдак шод шуда.

— Гапатон ҳақ, шасти гуфтагиатон боз омада аз пардаи шаршара гузашта рафт. Шумо ҳам ба миёнаи шаршара зеҳн монед. Ҳо ба ҳамон нуги арчаи кӯҳ, ба миёнаи об баробар нигоҳ кунед. Ҳозир аз он ҷо баромада меравад.

Бобои Ғуломалӣ ба ҷои нишон додаи Владимир чашм дӯхт.

Фурсате нагузашта шаст чун тири аз камон ҷаста аз миёнаи оби шаршара пайдо шуда ба фазо, ба тарафи рост тоб хӯрда парида рафт.

— Дидӣ, дидӣ, амаки Ғуломалӣ?! –гуфт Петров, баробари намоён шудани шаст.

— Хова, дидам, бачаи ҷун. Акнун ба гапам бовар кардӣ, ки шаст асту дар ковокии шахи зери шаршара, лона дорад. Боварам накунӣ, пушокҳоята кашу даромада ба чашми худат бубин.

— Гапатон рост. Чӯҷаякони ин паррандаи нодирро дидан, навозишу меҳрубонӣ намудан, ҳатто ба хонаам бурда парвариш кардан мехостам, лекин шаршара хавфнок. Ба замми ин хунукии обро дидед? Дар ин об дар таҳдашт оббозӣ, ки накунӣ дар ин ҷо намешавад. Ангӯштатро як дақиқа дар он дошта, тоқат карда намешаваду ман он тарафи шаршара гузашта метавонам?

— Ҳамин қадар ғайрат дошта бошӣ, чӣ ҳавои даҳан мекунӣ, бачамард? –гуфт бобои Ғуломалӣ. –Восеи мо ай шаршара гузаштан он тараф истад, дар паси пардаи он қариб як моҳ зиндагӣ карда буд. Шумо ҷавонҳои навбуромад ҳамаатон ҳамин хел нозуку камғайратед. Бубин, ки ҳамон мурғ баробари мушти ману шумо нест, лекин муносиб ба номаш ғайраташа дидӣ? Барои аз хавф эмин нигоҳ доштани чӯҷаҳову худаш чӣ хел ҷои муносиб интихоб мекунаду ба кадом офат сару кор дорад? Ҳар рӯз даҳу бист маротиба не, сад бор ба марг рӯ ба рӯ мешаваду боз ғолиб омаданаша бин. Паррандаи дигар ба шаршара расам нарасам яқин ба зери об меравад, шаст бошад, худат дидӣ, ки ба ин офат яка ба яка ғалаба мекунад.

Петров ба гапҳои ҳақи мӯйсафед ҳарфе гуфта натавонист.

— Ҳолӣ, бачаи ҷун, ай як хислати аҷоиби шаст огоҳ нестӣ, -гапашро давом дода гуфт бобои Ғуломалӣ – Мебинӣ, ки бисёр одамҳо мисли худи ту ба кадом мақсад барои ба хона бурдану тарбияву омухт кардани шаст ҳавасу талош доранд?

— Намедонам, -кӯтоҳ ҷавоб дод Петров.

— Шаст мардумгиёҳу дигар алафҳои табобатиро медонад. Ай баргу гулу навдаи он гиёҳҳо оварда ба чӯҷаҳояш мехӯронад. И ҳолро бисёриҳо мушоҳида кардаанд. Ҳозир мулк ободу духтурҳо ба ҳама дард даво меёбанд. Пештар вақт мо мардуми кӯҳистон ҳоли зор доштем. Пову даст ё дигар аъзои бадани ягон кас мешикасту баъди бастан ба қиёми зелолу мумиё, ки табобат кардааш наметавонистанд, устоҳои шикастабанду табибон ана ҳамин хел шаршараҳоро кофта лонаи Шаст ҷустуҷӯ мекардаанд. Бераҳмӣ ҳам шавад, барои зарурат як пои чӯҷаи парандаро шикаста, баъд паногоҳ ёфта як рӯзу ду рӯз нигоҳ карда меистоданд, ки шаст аз куҷоҳо кадом гиёҳҳоро гирифта меорад. Онҳо коре карда нишонае аз барг ё навдаи он гиёҳро аз лона ё аз макони гиёҳ, мерӯидагӣ пайдо намуда баъд аз ҳомон алаф ё рустанӣ барои давои дарманд гирифта меоварданд. Пои чӯҷаи Шаст ҳарчанд сиҳат шавад ҳам, вале парранда ин кирдори фарзанди одамро дида аз манзили аҳолинишин ҳарчанд тавонад, худро канор мегирад. Дар ҷойҳои дур ба худ макони муносиби зист интихоб менамояд, то ки дигар рангу намудаша дида натавонанду лонаашро ҷуста наёбанд ва аз бефаросатӣ барои манфиати худ шуда пои чӯҷаи навбол, фарзанди азизу ба ҷон баробараша нашикананд.

Баъзеҳо чӯҷаи Шаста ба хонаҳояшон барои калон кардану мисли булбулу кабк дар қафас андохта нигаҳ доштан овардаанд, лекин ин мурғи озод дар маҳбас намезияд. Ҳамин паногоҳи шаршара барои Шаст ҷанати рӯи замин аст…

❁ ❁ ❁

…Дар хонаи Ғозиқул сӯҳбати шаби солинавӣ ширину гуворо давом дошт. Ҳалим дастҳоро об гирифту дар лаълиҳо гӯштбирён оварда.

— Марҳамат, -гуфта Ғозиқӯл ба аҳли маърака муроҷиат кард.

— Ота, дар и шаби соли нав меҳмон даъват кардему даҳони шишаҳо накушодагӣ, тоқат карда натавониста, гуфт Ҳалим.

— Мо бачам намоз, ки мехонем, ба инаш кордор нестем.

Ихтиёратон.

— Ҳаматон медонен, ки мову акаи Ғуломалӣ ай ин корҳо пиёдаву парҳезем.

— «Кабк ай овози худаш ба дом меафтад», -гуфт Сайдаҳмад. –Бигир Ҳалими ҷун, худат соқигӣ куну ба меҳмонҳо бирез. Ба худату Давлат нӯшидан мумкин, ба шарте, ки дар пеши меҳмонҳо гапи ноҷо назанен.

— Имшаб кам менӯшему лекин дар тӯи Давлат роҳат мекунем, чӣ гуфтӣ, амаки Сайдаҳмад, -пурсид Ҳалим.

— Ҷонам садқаи ҳардутон, шербачаҳо, -гуфт Сайдаҳмад. – Он вақт ҳам ба андозааш. Тӯи Давлата гузаронидан будем, ҳама маслиҳатҳо ба ҳамин соли нав буду як кори зарур буромад.

Аз роҳбарҳои Германия, мактуб гирифтам, аз номи ҳукумати ҷумҳуриии худмон телеграмма омад, ки тайёрӣ бинам, хафтаи оянда барои вохӯрӣ, ба иштирокчиёни ҷанг ба Германия мерафтаем. Хабар ёфтаанд, ки соли 1945 аз ҳабсхонаи Бранденбург эскадроне, ки ман ба он сарвар будам, дар қатори дигар маҳбусон пешвоёни ҳозираи немисҳо худи Эрих Хоникерро озод кардам. Хоҳиш намуданд, ки маро бинанд. Ана аз он ҷо, ки баргаштам тӯйи писарро сар мекунем. Ҳозир ба сафар тайёрӣ набинам, намешавад. Дар он ҷо ҷамъомад шуданаш мумкин, баромад карданам зарур. Барои муҳофизати тӯи хонадории Давлат, сулҳи олам, албатта рафтанам лозим. Охир ҳозир ҳам ҷаҳон

он қадар тинҷ нест. Заҳру зукуми ҷанга мо чашидем. Овозаи номи шуми ҷанг ба гӯши одами нодида байт мерасад. Мову шумо шабу рӯз меҳнат мекунем, ки ҷанг нашаваду осуда зиндагонӣ кунем, лекин баъзеҳо намефаҳманд. Хаёл мекунанд, ки ҷанг ба онҳо ягон фоида меоварад. Не, бачаҳои ҷун. Ай аввали дунёбино, ки ҷанг ҳаробӣ меорад…

— Шунидӣ, Давлат, гуфт Ҳалим, -тӯй қариб будааст. Парво накун, ҷӯра. Ай азоби танҳоии шаби хунуки зимистон халос мешавӣ.

Давлат ба шӯхии Ҳалим ҷавобе надода, хапу хомӯш менишаст.

— Мову Давлат узр дорем, - даҳони шишаи шампонро кушода истода, гуфт Ҳалим.

— То охири маърака истода наметонем. Ай говҳо хабар гирифтанмон даркор.

— Хӯрок хуред, баъд меравед, -гуфт Ғозиқул.

— Ата, хоҳ, гуфта будед, ки шиками гурусна меравем? –гуфт шӯхиомезона Ҳалим ва аҳли давра хушҳол хандидаанд.

— Як ду сухан гӯед, Владимир Николаевич, -хоҳиш кард Сайдаҳмад, баъди он ки дар дасти ҳар кадом қадаҳи шароб буд.

— Чӣ, дар шумо ҳамин хел расм аст, ки аввал меҳмон гап занад? –гуфт норозиёна Петров.

— Не, аслан ку бояд хонадор сухан гӯяд, лекин ман худам гап задани шуморо хоҳиш кардам, -гуфт Ғозиқул.

— Ин тавр бошад, мо дар гап усто, чӣ гуфтед, Василий Алексеевич? –аз Кузмин пурсид Петров.

— Марҳамат, ман розӣ, -гуфт Кузмин

— Барои ободию дастурхони пурнозу неъмати ҳамин хонадон, - гуфт Петров, -Бигузор ҳама мардуми олам, мисли шумо хонаободу осуда бошанд.

Дар соли нв ба ҳамаатон бахту толеи нек орзу мекунам!

— Раҳмат, садқаи хоки поҳотон! –гуфт Ғозиқул.

Дигарҳо миннатдорӣ изҳор карданд..

— То соати дувоздаҳ холӣ вақт аст, -гуфт Ҳалим, баъди хӯрдани гӯштбирён, -ба мо иҷозат шавад, хезем. Кӯдакҳора ба соли нав табрик гӯем баъд дам ай роҳ кашем.

— «Элак баҳонаву дидор ғанимат», гуфта ба бӯи кӯдакҳо қинғолбозӣ наравӣ? –шӯхӣ кард Сайдаҳмад.

— Амакӣ, кӯдакдор, ки мешудаӣ зиндагӣ борат мешудааст, -гуфт Ҳалим. –Ай паи кор ба занак ҳам намерасам. Боз дар ҳамин шаби соли нав навбатдорӣ ба мову Давлат насиб гашт. Дар ҷойҳои дигар ҳозир мардак телевизор монда ҳамроҳи зану бачаҳо кайф карда тамошо дорад. Мову шумо қоқу воқ мешинем.

Мо ку аслан парво надорем, лекин кӯдакҳо роҳат мекарданд. Медонед дар ин хел шаб ба воситаи телевизор чӣ қадар ҳофизу артистони ширинкор баромад мекунанд? Тамошо мекунӣ куфти меҳнати яксолаат мебурояд.

Намедонум и устоҳои сабил ваъда дода будан, ки истансара то соли нав соз мекунанд, накарданд. Пешакӣ дусаду ҳаштод сумда телевизор харида ба умед овардаму дар каҷии хона номонда ховай.

— Гапа кам кун, ки Зарина мара интизорай, -оҳиста ба гӯши Ҳалим гуфт Давлат ва ба хотири Ҳалим таъкидҳои Давлат расиданд, ки гуфта буд: «Имшаб Зарина соли навро ҳамроҳи падару модараш дар хонаи мо пешвоз мегиранд ва баҳонае ёфта аз ин ҷо ҳарчӣ зуд рафтан даркор».

Ҳалим хомӯш монд. —Туро беҳуда Ҳалими ҳақ намегӯянд, —гуфт Сайдаҳмад. —То ҳамин солҳои наздик мову шумо ба лампаи бобоӣ рӯз мегузарондему нури электр надоштем. Ана бин, ки ҳозир олам гулистон. Рӯз то рӯз зиндагиамон беҳтар шуда истодааст. Нури электр ҳасту телевизорамон мефорад. Пагоҳ ё рӯзи дигар ҳаминаш ҳам мешавад. Шукрона кардан даркор.

— Бестем боз гап зиёд мешавад, -гуфт Ҳалим ва ҳамроҳи Давлат аз ҷо хест.

— Дар соли нав ба ҳамаатон умри дароз орзу мекунем-гуфт Давлат ва аз дар баромадан хост, ки Кузмин таъкид кард.

— Давлат Морозро фаромӯш накунед!

Албатта, Василий Алексеевич, –гуфт Давлат. —Мороза хабар мегирем.

— Ба орзую ҳавасатон бирасед! —гуфт Сайдаҳмад ва Ҳалим ҳам хайру хуш карда аз қафои Давлат аз ҳуҷра баромаданд.

Сӯҳбати аҳли давра ширину гуворо мегардид. Бобои Ғуломалӣ низ дар қатори мардум хушҳол буд. Дар рафти сӯҳбат ӯ ба болини мулоим такя карда як чирм ғанаб бурданашро нафаҳмид. Хоб ба ӯ ғалаба кард ва ин дам Балҷувону айёми ҷавонӣ дар хобу хаёлаш як лаҳза ҷилвагар шуданд. Аз чӣ бошад, ки худро дар ҳамон қӯлбаи вайронаи поёни оғилхонаҳои Давлатманд ҳақиру нотавон дид…

Қаҳ-қаҳи хандаи аҳли сӯҳбат ӯро бедор кард ва мӯйсафед ба худ омада ба одамони гирди дастурхон нишаста нигарист. Ба ногоҳ ба хотири бобои Ғуломалӣ фикре омаду мисли он, ки ба синааш корд зада бошанд, ҷонашро сӯзонд. Дарди ҷонкоҳ не, сӯзише чун шарораи барқ гӯё ба фарқи сари ӯ бархӯрда вуҷудашро ба ларза овард.

Ба ёди ӯ расид, ки Ғозиқул, охирин писари Давлатмандбии мири Балҷувон аст, ки ӯ худ хизматгори дари хонааш буду баъди инқилоб чӣ рӯзҳое ба сараш наомада буданд.

Он шаби пурдаҳшат, ба хонаи мир омадани аскарҳои Армияи Сурх, онҳоро фиреб дода баста, баъди шиканҷа бандҳои қилиро ҳалқадавак карда ба гардани Никалайи падари ҳамин Владимир ва ҳамяроқонӣ ӯ андохта куштанашон, ба умеди раҳондани ҷони Муртазо Гули Бодомро гирифта гурехтан ва рӯзҳои дигари зиндагӣ паи ҳам ба хотираш омаданд.

Аҷабо ин чӣ монандӣ? Имшаб Владимир дар хонаи Ғозиқули бачаи Давлатманд-бий меҳмон аст, аз хотир гузаронид мӯйсафед.

— Худоё, баъди гузаштани як умри одамӣ ин чӣ шаб аст, ки мебинам?!- зери лаб худ ба худ гуфт бобои Ғуломалӣ ва гумон кард, ки дигарҳо аз ин гуфтаи ӯ огоҳ шуданд.

Мӯйсафед ба атрофиён як-як назар кард. Ҳама тинҷу осуда, хурсанду хушбахт, ба шӯхию ханда сӯҳбат доштанд. Дили ӯ андак ором гирифт, вале фикру андешаҳои ба хотираш омада ӯро дигар ба ҳоли худ нагузоштанд.

Ба Петров ку дар ин хусус гуфта будам, аз дил гузаронд, мӯйсафед, лекин аз зинда будани охирин писари Давлатманд-бий нақл накардаам. Шояд худи ӯ аз ягон каси дигар инро пурсида дониста бошад? Барои чӣ намедонистааст? Охир ҳама мардуми Хавалинг писари Давлиатмандбий будани Ғозиқулро медонанд. Пас Петров ҳам бояд дониста бошад. Ғозиқул чӣ? Владимир шояд донад, ки Ғозиқул баъди марги падар ба дунё омадааст. Модар ва хешу

таборони дигараш то ҳамин қарибӣ ҳама зиндаю ҳаёт буданд. Ӯ ҳама ин гуфтаҳоро қариб, ки аз ёд медонад. Ҳар доим ба зиёрати гури падараш мераванд.

Аҷабо, Петров ҳам агар кӣ будани Ғозиқулро медонист ба фарзандонаш ин тариқ дӯсту рафиқи ҷонӣ намешуд. Қасос мегирифт. Ё шояд Ғозиқул ҳам аз воқеа хабар дораду худро тарзе вонамуд мекунад, ки Петров ба ӯ раҳм кунад? Қасоси падарашро нагирад? Не Ғозиқул аз тариқи мардони буздилу тарсончак нест. Ин меҳмондорию шабнишинӣ бо мақсади разилона махсус ташкил шуда бошад чӣ? Рафту имшаб, балки худи ҳозир мисли ҳамон шаби даҳшатовари хонаи Давлатманд-бий, ки падари Владимир ва дигар Аскарони Сурхро меҳмондорӣ карданӣ шуда ҳамашонро ба қатл расониданд, ҳодисае сар занад? Ҳалим рафта бошад, ду писари дигари Ғозиул Ҷӯраю Давлатманд мисли уқобони тезчангол дар айни камолоти ғуруру ғайрати ҷавониянд. Худи Ғозиқул, ки як умр бунёдкорӣ кардааст, аксар хонаҳои мардуми Ховалинг бо дастони ӯ обод шудаанд, он қадар ҳам пир нашудааст. Панҷаҳои гирояш дар кору бузкашӣ мисли оҳани тафта шахшулу пурқувват, дасту бозувонаш зӯри ҳар марди ҳузарбро доранд.

Баъзеҳо аз рӯи хусумат чӣ корҳое намекунанд. Мабодо агар ба мӯи Петров хоре халад ҳама бо сар ҷавоб мегӯем. Ӯ фидоии халқ, намояндаи ҳукумат аст, ки ба ободкунандагони Ховалинг сарварӣ дорад. Дар пеши қонун ҳарду бузург ҳама баробаранд. Гуноҳ, ки кардӣ мувофиқи кирдорат ҷазо мебинӣ. Наход, ки ҳодисае шавад? Балки он даврaҳо кайҳо гузаштаанд. Дар ин қадар солҳо ҳама хусумату қасосгирӣ, бефаросатию беақлӣ, ҳама аз байн рафтанд. Ин фикрҳо шояд бофтаҳои нодаркор, аломати пирӣ бошанд? Охир ин ҳодисаро ба ёд овардан ҳатто даҳшатовар аст. Алами кушандаи падар, доғест ки якумр касро оҳиста-оҳиста сӯхта хокистар мегардонад. Ин тариқ намебуд, Владимир солҳо гӯри падарро ҷустуҷӯ намекард. Ба ин мулк намеомад. Барои ӯ хоки ватан аз тахти Сулаймон хуштар аст. Ӯ аз ҷои барояш дар олам аз ҳама азизу мӯътабар хеста ба суроғи охирин нишона ва манзили падар ба инҷо омад. Пас ҳоло ҳам дар дил алами нуҳуфта дорад. Азодори падари ба чашм надидаву ба дил наздик аст. Мабодо ҳамон алам ҳозир тоза шавад?

Ба ёди мӯйсафед ҳаст, ки зиндагӣ барои Ғозиқул ҳам осон набуд. Ӯ ба хорию зориҳо дар дари хонаи мардум, бо пораи нони талбидаю як парда пӯшоки ҳар кас калон гашт. Аз хурдӣ аз ноилоҷӣ аз паи дарёфтани ризқу рӯзӣ шуд. Доғи сиёҳи падар умре сарбанди роҳи ҳаёт, боиси таънаю маломаташ буд. Тифли маъсуми падар нодида чӣ гуноҳ дошт, ки ӯро бо айбу гуноҳи дигарон шарик ҳисобида то кунун ранҷу заҳмат медиҳанд?

Ҳарчанд ӯ хонаободу давлатманд аст, аз одамон то дами марг бо исрор талаб мекунад, ки барои чӣ падари ӯро ба роҳи дуруст ҳидоят карда натавонистанд, ки ӯ низ шоми сияҳро аз рузи фирӯз фарқ карда натавонист? Инқилоб сабаб шуду Ғозиқулу модари якумр бевамонда, балки имрӯз фарзандони нектолеъи ӯ аз дидори Давлатманд-бий бенасиб монданд… Ё кӣ медонад? Шояд Давлатманд-бий тоҷики асл, ҳалолу покиза буду рафтори ношоиста надошт?

Аҷабо, дар ҳаёти Владимиру Ғозиқул, ин ду марди дар миллату дину мазҳаб гуногун, чӣ монандӣ, чӣ тавъамие ҳаст. Рафтор, хулқу атвор, фикру ақидаи ба ҳам якхела доранд онҳо. Балки ҳарду ҳам падаронашонро ба чашм надиданд, симои падарро ёд надоранд. Инқилоб ҳардуро сағир кард. Бо нону намаки мардум ба воя расида мард шуданд. Умре дар дил аламҳо доранд. Агарчӣ роҳи пешгирифта ва мақсаду мароми падаронашон дар зиндагӣ дигар буд, ҷасади ҳарду бо баду неки худ дар хоки муқаддаси Ховалинг то кунун бе лавҳи мазор хуфтаанд. Писаронашон имрӯз ба ҳам дӯсту тифоқ, ҳаммаслаку ҳамдил, хонаободу осудаанд. Барои ободию осудагии аҳли олам, хушбахтии тамоми насли башар кору зиндагӣ мекунанд… Ғаллаёни фикрии бобои Ғуломалӣ оҳиста-оҳиста паст гардид ва ин дам овози Ғозиқул ӯро ба худ овард:

— Соат дувоздаҳ шуд, — гуфт Ғозиқул ба аҳли маърака. –Хуш бошед, ки мо дар хонаи паҳлу намози хуфтан мехонем. Соли наватон муборак бошад!

— Хушбахтӣ ва хонаободии шуморо орзу дорам! –гуфт дар ҷавоб Петров.

— Рӯзи нек бинед, мардуми олам! –гуфт бобои Ғуломалӣ ва гӯё бори ноҳинҷори вазнинеро аз дӯши худ дур партофта бошад, хушҳол табассум кард…

Солҳои 1982-1990.

# МУНДАРИҶА

*Қисми аввал*
**ИНҚИЛОБИ ХУНИН**


Боби I..... 4
Боби II..... 8
Боби III..... 17
Боби IV..... 21
Боби V..... 31
Боби VI..... 36
Боби VII..... 50
Боби VIII..... 64
Боби IX..... 80
Боби X..... 87
Боби XI..... 92
Боби XII..... 98
Боби XIII..... 109
Боби XIV..... 110
Боби XV..... 114
Боби XVI..... 128
Боби XVII..... 137
Боби XVIII..... 143
Боби XIX..... 148
Боби XX..... 152
Боби XXI..... 160
Боби XXII..... 173
Боби XXIII..... 177
Боби XXIV..... 186
Боби XXV..... 194
Боби XXVI..... 197
Боби XXVII..... 202


*Қисми дувум*
**ОДАМОНИ ХУШБАХТ**


Боби I..... 212
Боби II..... 221
Боби III..... 230
Боби IV..... 242
Боби V..... 285
Боби VI..... 305
Боби VII..... 331
Боби VIII..... 350

*Сайид Раҳмон*

# ШУКРОНАМАРГ

*(Роман)*